ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 1 (091)

ЗИКИРЗОДА ҲОБИЛ

ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси
09.00.03 – Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои фалсафа**,**
профессор Шамолов А.А.

Душанбе - 2024

МУНДАРИҶА

Муқаддима 3-21

БОБИ 1. Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ

1.1.Мафҳуми озодии инсон: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот 21-48

1.2. **Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ**.....48-75

1.3.Ақлгароӣ ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ.....76-102

БОБИ 2.Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ

2.1.Масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ.....103-131

2.2.Ҷабр ва ихтиёр ҳамчун омилҳои муайянкунандаи моҳияти озодии инсон 132-156

2.3. Қазо ва қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон 157-183

2.4. Озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар.....184-210

БОБИ 3. Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ

3.1. Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс 211-236

3.2. Адолат ҳамчун заминаи асосии озодии инсон 237-263

3.3. Озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ 264-288

3.4. Таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ.....288-314

Хулосаҳо 314-319

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 320-322

Рӯйхати адабиёт 323-342

Феҳристи интишороти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 343-345

МУҚАДДИМА

Аҳамияти мавзуи таҳқиқот. Дар шароити ҷаҳони муосир ва бо анҷом ёфтани давраи тафаккури постмодернӣ арзишҳои ҳувияти этнофарҳангӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, мушкилоти марбут ба табиати инсон, озодӣ ва ҳуқуқҳои фитрии ӯ, аз ҷумла, бо дарназардошти дигаргуниҳое, ки имрӯз дар тафаккури инсон дар маҷмуъ ба амал меоянд, нисбат ба ҳарвақта аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Таълимоти муосир оид ба озодии инсон ва шахс бо хусусияти умумибашарӣ ва қолабҳои муқарраршудаи озодии фард, тафовути фарҳангҳо, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои миллӣ ва ҳуқуқиро усулан сарфи назар мекунад. Барои олимони файласуф далели баҳснопазир он аст, ки оид ба озодии инсон формулаи ягонаи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва динӣ вуҷуд надорад. Ба маънои дигар, вазъияте ба вуҷуд меояд, ки барои дарки фарҳанги муайян бояд ба сарчашмаҳои пайдоиши ин гуна таълимот рӯ овард. Мушаххасан, баррасӣ ва таҳлили имкониятҳои татбиқи қолабҳои озодии инсон бо омӯзиши вижагиҳои он дар фарҳанги халқҳои гуногун ва даврахои мухталиф, бо бардошти арзишҳои муҳимтарини онҳо ба аҳаммияти таҳқиқоти мазкур дар бораи озодии инсон ва шахс далолат мекунад.

Масъалаи озодии шахс пайваста бо масъалаи ҳудуди паҳншавии он иртибот дорад. Ин масъала дар бораи имкони озодии шахс, дар бораи мавҷудияти он дар ҳамаи макону замони ҷомеае ҷой дорад, ки дар он шахсиятҳо на танҳо интихоб мешаванд, балки ҳувияти хешро сохта, масъулияти худро дарк мекунанд. Озодӣ масъулиятест, ки барои бар дӯши хеш гирифтани он на ҳама омодаанд, аз ин рӯ аксаран гурез аз озодӣ, аз худ, конформизм, парокандагии равонии шахсиятро мушоҳида мекунем. Табиати инсон бо мураккабии континууми фазоӣ ва замонӣ мувофиқат мекунад: арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва қонунҳои муттасили гузашта, ҳозира ва оянда тағйир ёфта, на ҳамчун ҷараёни ягона, балки ба ҳайси як қатор ҳолатҳои парокандаи нопайванд ба миён меоянд. Вазъияте, ки одами муосир

дар он қарор дорад, бо меъёрҳои кӯҳнаи рафтору кирдори инсон, ки ба саволи чӣ гуна ҳаёт ба сар бурдан ва чӣ гуна дар ҳамбастагӣ бо ҳамҷинсҳои хеш инсони хуб будан ва муошират карда тавонистан ё натавонистан посух меҷӯяд, иртибот дорад. Имрӯз, инсон бояд маънои нав, арзишҳои нав ва ормонҳои наверо дошта бошад, ки бо азму иродаи озод дар ҳаёти ӯ иртибот дорад. Бо дар назардошти ин вазъият, таҳқиқи озодии инсон басо муҳим аст.

Аҳамияти мавзуи интихобшуда инчунин бо зарурати на танҳо дарки фалсафии ин проблемаҳо, балки инчунин ҳаллу фасли масъалаҳои амалии вобаста ба раванди инкишофи прогрессивии он табдил додани тамоюлоти берабту низоми худшиносии воқеияти иҷтимоӣ меафзояд. Давлати озоди демократии ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро танҳо дар сурати мухторияти шахсӣ созмон додан мумкин аст, ки он на танҳо озодии шахсии инсон, балки ягонагии имкониятҳои дохилию берунии рушди фарҳанг, маънавият ва некӯаҳволии ӯ бо таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодию сиёсии шаҳрвандҳои онро таъмин месозад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамоюлот ва мушкилоти равандҳои ташаккул ва тағйирёбӣ инсонро бо зарурати ҳифз ва баланд бардоштани сатҳи озодӣ дар ҷомеаи тағйирёбанда вазифаи муҳими илмию амалӣ маҳсуб меёбад.

Дар бораи озодӣ ва тобеияту итоати инсон ҳам мутафаккирони шарқӣ ва ҳам ғарбӣ бисёр навиштаанд. Ин масъала дар Шарқ аз даврахои қадим дар таълимоти намояндагони мактабҳои фикрӣ, фирқаҳо ва ҷараёнҳои мутамоил ба ақлгароии фалсафӣ матраҳ гардидааст. Дар замони муосир масъалаи озодии инсон яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба ҳаёти иҷтимоии ӯ мебошад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити ҷаҳоншумули имрӯзаи рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ таҳрик медиҳад,. Эволютсияи имрӯзаи ихтиёру озодии инсон, ки аз беҳшавии хислатҳо ва истеъдодҳои ӯ далолат мекунад, намунае аз рушди озодии ӯ мебошад. Чун ба таърих нигарем, ба эътиқоди файласуфони машшоияи шарқӣ ин озодии инсон барои

саодати ӯ муҳим ва заруратӣ буда, дар гуфтор, рафтор ва одатҳои ӯ зоҳир мешавад: инсон масъули саодат ва ё бадбахтии худаш аст. Бо вуҷуди ин, маҷмуи масоиле ҳаст, ки файласуфони машшоӣ онҳоро бо озодии шахс марбут дониста, ҳаллу фасли онҳоро барои озодии шахс зарур мешуморанд. Муқаррар намудан ва асоснок намудани ин ва масоили дигаре, ки ба озодии инсон ва шахс пайвастагӣ доранд ва муқоисаи онҳо бо таълимоти мутафаккирону файласуфони даврони гузашта ва муосир аҳамияти илмӣ ва амалии ин мавзуъро муайян мекунанд.

Дар замони муосир, ки таърих ва сарнавишти инсон пур аз таҳлукаю изтироб аст, омилҳо ва сабабҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки муҳаққиқонро водор мекунанд, ки гаштаву баргашта ба афкор ва ақоиди мутафаккирони гузашта, аз ҷумла, дар мисоли машшоиёни шарқӣ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги тоҷикон, рӯ оваранд. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии ҷомеа иртибот доранд, аҳаммияти озодиро барои инсон ва хештаншиносии ӯ ба маротиб боло бардоштааст. Асоснок намудани озодии инсон дар муқаррароти фалсафӣ, қолабҳои идеологӣ ва сиёсии Шарқ, ки ба озодии инсон мутааллиқанд, ба ноустуворӣ ва асосноккунии қолабҳои муосир кӯмак мерасонад. Аз ин ҷо, баррасӣ ва таҳлили афкори намояндагони мактабҳои ақлгароӣ, алалхусус, машшоияи шарқӣ ва саъю кӯшишҳои онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодии инсон ва шахс ва ҳудудҳои он бағоят муҳим ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки муҳаққиқон ва олимони гуногун ҳангоми омӯзиши фалсафаи машшоиёни шарқӣ таълимот оид ба озодии инсон ва ҳудудҳои онро вобаста ба тафовутҳои маъноӣ ва консептуалии онҳо, инчунин дар ченакҳо ва нуқоти назари мухталифи таълимоти ин файласуфҳо баррасӣ кардаанд. Омӯзиши он, ки ин масъала дар гузашта, дар таҷрибаи гузаштаи ниёкони тоҷикон, ки машшоиёни шарқӣ аз ҷумлаи онҳоанд, на танҳо дар сатҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, балки дар сатҳи фалсафӣ дар доираҳои илмии пасошӯравӣ ва билхоса, дар Тоҷикистон то ба ҳол ба таври бояду шояд сурат

нагирифтааст ва ягон таҳқиқоти мукаммал ва муассире коркард нашудааст, ки бори дигар мубрамияти мавзуи кори диссертатсиониро тасдиқ мекунад.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тибқи Конституцсияи ҷумҳурӣ ва қонунҳои дигари он шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар мадди аввал гузошта шудаанд. Риоя намудани онҳо ба ташаккул ёфтани ризоияти шаҳрвандӣ мусоидат намуда, барои барангехтани низоъҳои қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ монеъ мешавад. Вале дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайваста рӯ ба инкишоф аст ва ҳадафи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дорад, ки шомили яке аз масъалаҳои ҷаҳоншумул, ки асоси бунёди ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад ва он ногузир дарки фалсафии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои онро дар доираи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ (дар мисоли машшоияи шарқӣ) дар шароити куллан тағйирёфтаи иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар ба миён меоварад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ҳамаи таҳқиқоти ба нашр расидаро, ки ба омӯзиши назарияҳои мутафаккирони машшоияи шарқӣ бахшида шудаанд, ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал таҳқиқоте дохил мешаванд, ки дар онҳо ба ҷанбаҳои таърихӣ-фарҳангии пайдоиши ғояҳо ва назарияҳо дар бораи озодии инсон ва мактабҳои гуногуни фикрии Шарқ, ки бо машшоияи шарқӣ аз нигоҳи равиши ақлонӣ иртибот доштанд, ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Дар чунин асарҳо хусусиятҳои сирф фалсафии масъалаи мазкур камтар ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, таҳқиқоти И.П. Петрушевский, Х. Волфсон, С.Х. Наср, Ч.Е. Баттерворс, О. Лимэн, Т. Мэйер, Р.М. Франк, М.А. Фахрӣ, П.М. Холт, К.С. Лэмбтон, Б. Люис, М.Н. Волф, М. Иқбол, Е.А. Фролова, Р.Р. Шангараев, Ф. Роузентал, А.В. Смирнов, Т. Ибрагим, М. Асад, А.Д. Книш, П.С. Грофф, А.Я. Канапатский, М.С. Ҳоҷсон, М.М. Шариф, М, Гордон, Л.Р. Сюкияйнен, А.ММ. Нафисӣ, Х. Ал-Фахурӣ, А.А. Ҳалабӣ, С. Дағим, Ф.А. ад-Дасуқӣ барои ин мисол шуда метавонанд.[1]

[1] Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. - Ленинград: Изд.-во Ленинградского университета, 1966; Wolfson H.A. The Philosophy:of the Kalam, Harvard University Press, London, England, 1976; Nasr S.H. Islamic Life and Thought, Allen Unwin, London, 1981; Butterworth, Charles E. 1987. Medieval Islamic Philosophy and the Virtue of Ethics." Arabica 34 (2); Leaman, O. ‘The Developed Kalām Tradition (part I)’, in T. Winter (ed.), The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology, Cambridge: Cambridge University Press, 2008; Mayer

Ба гурӯҳи дуюм адабиёти илмие шомил аст, ки бевосита дар омӯзиши осори фалсафии мутафаккирони машшоияи шарқӣ – Абу Юсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ, Абу Насри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва инчунин, машшоиёни ғарбӣ – Ибн Рушд, Ибн Халдун, Ибни Боҷа ва Ибни Туфайл, ки ақоиди онҳо ҳангоми муқоиса бо фалсафаи мутафаккирони машшоияи шарқӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, мутааллиқанд. Дар ин таҳқиқот баъзе ҷанбаҳои масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он ҳамчун як ҷузъи таркибии он баррасӣ мешаванд, ки аксаран хусусияти иттилоотӣ доранд ва ё таҳлилҳои мухтасари масъалаи мазкур мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюм, таҳқиқоти муҳаққиқоне монанди А. Корбен, Д. Гутас, А. Иври, П. Адамсон, С. Д'Анкона Коста, М. Ал-Акити, Т. К. Ибрагим, М. Мармура, Ҷ. Рист, С.Б. Серебряков, М. Галстон, А.Х. Касимжанов, Т.-А. Дрюарт, Ҷ. Йанссенс, А.В. Сагадеев, М.М. Хайруллаев, Л.Е. Гудман, Б.Я. Шидфар, С.К. Сатибекова, А.К. Рзаев, З.И. Халилов, И.Р. Насиров ва дигарон дохил мешаванд, ки онҳо ба диссертант дар дарки амиқтари моҳияти масъалаи матраҳшуда, гуногунҷабҳагии он ва робита бо масъалаҳаои дигаре,

---

T. Theology and Sufism. In T. Winter (ed.), The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology, Cambridge: Cambridge University Press, 2008; Frank R.M. Several Fundamental Assumptions of the Baṣra School of the Mu'tazila', Studia Islamica 33, 1971; Fakhry M. A history of Islamic philosophy (Studies in Oriental Culture, No. 5.) xviii, 427 pp. New York and London: Columbia University Press, 1970; Holt P.M. Lambton K.S., Lewis, B. (Ed.), The Cambridge History of Islam. Cambridge University Press, 1970; Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: ашаритский калам. - Новосибирск, 2008; Икбал М.Реконструкция религиозной мысли в исламе. Пер. с англ., предисл. и коммент. М.Т. Степанянц. - М.: Вост. лит., 2002; Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии.Средние в.а и современность: Учебное пособие. - М.: ЦОП Института философии РАН, 2006; Шангараев Р.Р. Мусульманская религиозная философия. – Казань: ИД «МеДоК», 2020; Rosenthal F. Ahmad b. at-Tayyib as-Sharakhsi. New Haven, 1943; Смирнов А.В. Что стоит за термином "средневековая арабская философия" (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Издательская фирма "Восточная литература" РАН, 1998; Ибрагим Т. Вуджудизм как пантеизм // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Издательская фирма "Восточная литература" РАН, 1998; M. Asad. Principles of State and Government in Islam. Berkely (California), University of California Press, 1966; Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия // Ишрак. Ежегодник исламской философии. №2. М., 2011; Groff P.S. Islamic Philosophy. Edinburgh University Press Ltd, 2007, p. 15-16; Канапацкий А.Я. Онтологическая истинность бытия и познания в средневековом исламском рационализме. - Уфа, 2012; Hodgson M. S. (1974) The Venture of Islam. Conscience and History in a World Civilization. Volume One. The Classical Age of Islam & Volume Two. The Expansion of Islam in the Middle Periods. Chicago & London: The University of Chicago Press; Gordon, M. Slavery in the Arab world. New York, New Amsterdam Books, 1987; Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека (учебное пособие). - М., 2015; Shariff M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy. Vol. 1. Wiesbaden: Otto Harrosowitz, p. 200; Нафисӣ Маҳмуд. Сайре дар андешаҳо-йе муслимин. - Теҳрон 1368 ҳ. (ба форсӣ); Ҳанна ал-Фахурӣ ва Халил ал-Ҳибр. Торих-е фалсафе дар ҷахоне исломӣ. – Теҳрон, 1361 х. (ба форсӣ); Алӣ Асғар Ҳалабӣ. Фалсафаи иронӣ. – Теҳрон, 1361 ҳ. (ба форсӣ); Сами' Дағим. Фалсафат ал-қадар фи фикр ал-му'тазила («Фалсафаи қадар дар афкори муътазила»). – Бейрут, 1992 (ба арабӣ); Фаруқ Аҳмад ал-Дасуқӣ. Ал-қаза ва ал-қадар фи ал-ислам («Қазо ва қадар дар ислом»). – Ар-Рийоз, 1401 ҳ. (ба арабӣ).

ки машшоиёни шарқӣ ҳаллу фасл намудаанд, кӯмак расонданд.[2] Ба ин гурӯҳ ҳамчунин, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони тоҷикро низ бояд илова кард, ки дар омӯзиши осори мутафаккирони машшоияи шарқӣ ва масоили гуногуни фалсафии онҳо – аз ҳастишиносӣ то ба илми ахлоқ саҳми назаррас доранд. Ба қатори онҳо таҳқиқоти олимону муҳаққиқони варзида Б. Ғафуров, М. Диноршоев, М.Н. Болтаев, У. Султонов, Н. Идибеков, А. Шамолов, Х. Шоихтиёров, М.Х. Раҳимов, Н. Саидов, С. Султонзода ва дигарон дохил мешаванд.[3]

Масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он бо дар назар доштани он, ки мутафаккирони машшоияи шарқӣ чӣ гуна онро асоснок кардаанд, баррасӣ мегардид. Асарҳои зиёди файласуфони муосири Шарқу Ғарб низ ба омӯзиши ҳамин ҷиҳати масъала бахшида шудаанд. Дар ин таҳқиқот асосан ба таҳлили раванди ташаккули назарияҳои машшоияи шарқӣ дар бораи озодии инсон ва

---

[2] Corbin A. (1960) Avicenna and the Visionary Recital. New York, NY: Pantheon Books. Trask, Willard R. (tr.); Gutas D. (1988). Avicenna and the Aristotelian Tradition. Introduction to Reading Avicenna's Philosophical Works. Leiden, New York, Copenhagen & Köln: E. J. Brill; Ivry A. "Al-Kindi and the Mu'tazilah: a reevaluation," in Al-Kindi's Metaphysics (Albany, 1974); Adamson P. Abu Ma'shar al-Kindi and the Philosophical Defense of Astrology. In: Recherches de théologie et philosophie médiévales, 69 (2002); C. D'Ancona Costa, "Aristotele e Plotino nella dottrina di al-Kindi sul primo principio," Documenti e Studi Sulla Tradizione Filosofica Medievale, 3 (1992): 363-422; Al-Akiti M. (2004). "The Three Properties of Prophethood in Certain Works of Avicenna and al-Gazālī." In Interpreting Avicenna: Science and Philosophy in Medieval Islam, edited by Jon Mcginnis, 189-212. Leiden: Brill; Ибрагим Т.К. Оптимистическая теодицея Авиценны // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарные науки. 2017, Т. 159, кн. 6; Marmura M. and Rist J. Al-Kindi's discussion of divine existence and oneness, Mediaeval Studies, 25 (1963): 338-54; Серебряков С.Б. Трактат Ибн Сины (Авиценны) о любви. - Тбилиси, 1975; Galston M. 1990. Politics and Excellence. The Political Philosophy of al-Farabi. Princeton, NJ: Princeton University Press; Касымжанов А.Х. Абу Наср аль-Фараби. М.:«Мысль», 1982; Druart T.-A. Al-Kindi's ethics. Review of Metaphysics, 47 (1993): 329-57, at pp. 344-7; Janssens J. Al-Kindi's concept of God," Ultimate Reality and Meaning, 17 (1994): 4-16; Сагадеев А.В. Ибн Сина (Авиценна). - М.: Мысль, 1985; Он же: Ибн-Рушд (Аверроэс). – М.: Мысль, 1973; Хайруллаев М.М. Абу Наср аль-Фараби. М.: Наука, 1982; Он же: Культурное наследие и история философской мысли. Ташкент, 1985; Он же: Мировоззрение Фараби и его значение в истории философии. Ташкент, 1967; Он же: Фараби: эпоха и учение. Ташкент, 1975; Goodman L.E. Avicenna. New York: Cornell University Press, 2006; Шидфар Б.Я. Ибн-Сина. - М.: Наука, 1981; Сатыкбекова С.К. Гуманизм аль-Фараби. Алма-Ата, 1975; Насыров И.Р. Ал-Кинди. О природе души. Три сочинения из «Трактатов ал-Кинди» // Ишрак: Ежегодник исламской философии. №8; Ishraq: Islamic Philosophy Yearbook. No. 8. – М.: Наука – Вост. лит., 2017; Рзаев А. К. Насириддин Туси: политико-правовые воззрения. –Баку, 1983; Халилов З.И. О Математических трудах Насирэддина Туси. – Баку, 1956.

[3] Гафуров Б.Г., Касымжанов А.Х. Аль-Фараби в истории культуры. - М."Наука", 1975; Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе, 1980; Ҳамон: Философия Ибн Сины. – Душанбе, 2020; Ҳамон: Компендиум философии Ибн Сины. - Душанбе, 2010; Ҳамон: Философия Насириддина Туси. - Душанбе, 2012; Ҳамон: Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. - Душанбе, 2017; Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш, 1969; Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе, 1975; Идибеков Н. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. Душанбе: Дониш, 1987; Шамолов А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насируддина Туси. – Душанбе, 1994; Шоихтиёров Х. Социальная философия Насириддина Туси. - Душанбе: «Дониш», 2007. Рахимов М.Х. Философия человека Абуали ибн Сины (Авиценна). - Душанбе: Ирфон, 2018; Саидов Н. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины. - Душанбе: Ирфон, 2008; Султонзода С. Проблема материи и ее атрибутов в философии Ибн Сины. - Душанбе: Дониш, 2019.

ҳудудҳои он, омӯзиши он, ки онҳо масъалаҳои озодии инсон, муносибати ӯ бо одамони дигар, ҳуқуқи инсон ба озодии шахсӣ ва ҳифзи ин ҳуқуқро чӣ гуна ҳаллу фасл намудаанд, ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Дар айни ҳол ихтилофоти байни озодии инсон ва қонунҳои динӣ (фиқҳӣ) ва шарҳи онҳо аз ҷониби файласуфони машшоӣ мавқеи хоса доранд. Дар ин ҷо пеш аз хама таҳқиқоти бунёдии М. Уотт, Ф. Роузентал, М. Ҳаддурӣ, М.Ҳ. Камолӣ, Фазл ур-Раҳмон, М.М. Тариқ, Л.Ю. Овечкин, Л.Р. Сюкияйнен ва дигаронро[4] номбар кардан мумкин аст. Миёни асарҳои мазкур барои диссертант, аз нигоҳи таҳқиқи масъалаҳои баррасишаванда, корҳои илмии Ф. Роузентал ва М. Уотт муҳим арзёбӣ шудаанд.

Ф. Роузентал таҳқиқи масъалаи озодиии инсонро бар пояи ҷомеашиносӣ анҷом дода, барои нишон додани он кӯшиш ба харҷ додааст, ки мафҳуми озодӣ дар ҷомеаи муосири Шарқ чӣ гуна тафсиру таъбир меёбад. Бояд эътироф кард, ки натиҷаҳои таҳқиқоте, ки Ф. Роузентал анҷом додааст, аксаран хусусияти иттилоотӣ дошта, ӯ ба қадри кофӣ ба ҳадафи гузоштааш нарасидааст. Идеяи аслии пажӯҳиши ин донишманд ҷустуҷӯйи тафовут байни риштаҳои ҷомеашиносӣ ва фалсафӣ бо таҳлили таълимот оид ба озодӣ (“ҳуррият”), ба маънои умумӣ ва озодии иродаи инсон, ба маънои хоси он мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф муаллиф ба таълимоти ҳуқуқӣ-фиқҳии ислом, омӯзиши далелҳои муҳим ва андешаҳои мутафаккирону олимони он муроҷиат мекунад.

Дар таҳқиқоти М. Уотт бошад, ба тавсифи баҳсҳо дар бораи “озодии ирода ва сарнавишти инсон” дар таълимоти шарқӣ аз давраи ташаккул ёфтани мактабҳои фикрии ашъария, қадария, мурҷиъа, муътазила ва ғайра

[4] Watt M. (1948), "Free Will and Predestination in Early Islam”, Luzac & Co. London. 1); Rosental F. The Muslim Concept of Freedom. Leiden, E.J. Brill 1960; Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice. Baltimore: John Hopkins Univ Press, 28-34; Kamali M.H. Principle of Islamic Jurisprudence. Cambridge, The Islamic Texts Society, 1991; Fazl ur-Rahman. The Status of Individuals in Islam, Islamic Studies, 5 (1966); Tariq M.M. (1985-87), “Comparative Study of the Kantian and Islamic Study of the Kantian and Islamic view of Human Freedom”. Thesis, University of Peshawar-Pakistan; Овечкин Л. Ю. Совместимы ли Ислам и свобода? // Сумма философии. Вып. 7. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2007; Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. М.: “ООО-Садра”, 2014.

ручуъ мешавад. Дар аксарияти ҳолатҳо ин мактабҳо пайрави назарҳои қуръонии иродаи илоҳӣ ва масъулияти инсонӣ буданд. Аммо дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар таълимоти ин мактабҳо дар маҷмуъ хусусиятҳои ақлгароӣ низ мушоҳида мешаванд: дар заминаи маърифати олам ва инсон онҳо на фатализм, балки детерминизми теистиро қарор додаанд. Дар чаҳорчӯбаи ақлгароӣ бошад, онҳо мақом ва нақши инсонро дар олами муҳит боло мегузоштанд.

Чуноне ки аз таҳлилҳои фавқуззикр бармеояд, масъалаи озодии инсон ва шахс дар доираи таълимоти умумии шарқӣ ва мактабҳои ақглгарои он ба ин ё он дараҷа таҳқиқ ёфтаанд, аммо дар нисбати таълимоти машшоиёни шарқӣ дар бораи мавзуи матраҳшуда то ба ҳол ягон таҳқиқоти мушаххас ва мукаммал ба анҷом нарасидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия мутобиқи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст, ки ба омӯзиши осори фалсафии мутафаккирону файласуфон ва мактабҳои фалсафӣ бахшида шуда, барои дурнамои инкишофи ҳаёти маънавии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ мутаваҷҷеҳ карда шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Ҳадафи таҳқиқот. Ҳадафи таҳқиқот омӯзиши асосҳои фалсафии ташаккулёбии ғояҳо дар бораи озодии инсон ва хусусиятҳои он дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- муайян намудани омилҳои назариявӣ-методологӣ ва сарчашмаҳои ҷаҳонбинии таълимот оид ба озодии инсон ва шахс дар фалсафаи ҷаҳонӣ ва шарқӣ;

- таҳлили масъалаи озодии инсон дар доираи таъриф, принсип ва усулҳои таҳқиқоти машшоиёни шарқӣ;

- таҳлили тасвири таърихӣ-фалсафии олам аз нигоҳи машшоияи шарқӣ ҳамчун мактаби ақлгароӣ;

- муайян намудан ва таҳлил кардани решаҳои умумионтологии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ;

- муайян ва асоснок кардани масъалаҳои ҷабру ихтиёр, қазою қадар ва озодии ирода ҳамчун пояҳои таълимот дар бораи озодии инсон дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ;

- таҳлили масъалаи озодӣ дар робитаи он бо ахлоқи шахс ва адолат ҳамчун асоси назариявии таълимот оид ба озодии инсон дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ;

- ошкор ва дақиқ намудани хусусиятҳои озодии инсон ва ҳудудҳои он дар муносибат бо ҳокимияти динӣ, сиёсӣ ва асоснок кардани он, ки ташаккули ин хусусиятҳо дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ сурат мегирад.

Объекти таҳқиқот аз таълимоти фалсафии машшоияи шарқӣ иборат мебошад.

Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқотро масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Дар диссертатсия моҳияти озодии инсон дар фалсафа аз даврони қадим то замони муосир фаро гирифта шуда, ибтидо аз соли 2019 то имрӯз таълиф гардидааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро идеяҳои дар осори мутафаккирон юнонию шарқӣ баёншуда, ки дар онҳо масъалаи озодии инсон баррасӣ шудааст, назарияҳои мутафаккирони баъдӣ оид ба мавзуи мазкур – Б. Спиноза, К. Маркс, Э. Фромм ва ғ., инчунин таҳқиқоти олимони муосири соҳаҳои фалсафа, психология, ахлоқ ва диншиносӣ, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва илмӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни кор мақулаҳои гуногуни фалсафии даврони гузашта ва фалсафаи муосир, усул ва принсипҳои таърихӣ, байнифаннӣ, синтези комплексии консепсияҳои фалсафӣ ва илмӣ, инчунин усулҳои махсуси таҳқиқотии муқоисавӣ-таърихӣ, усули ягонагии таърихӣ-мантиқӣ ба кор мераванд. Илова бар ин, дар омӯзиш ва таҳлили матнҳои классикӣ усули герменевтикӣ ва принсипи айният (объективият) истифода мешаванд, ки барои омӯзиши амиқи матнҳо мусоидат мекунанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро маълумоти аз осори мутафаккирони машшоияи шарқӣ ва дигар мактабҳои фалсафии шарқию ғарбӣ, инчунин далелу бурҳонҳои асосноки аз адабиёти илмии соҳа бадастомада ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқотро меъёрҳои дар методологияи таҳқиқоти илмӣ муайяншуда, аз ҷумла таҳлили мантиқию ратсионалӣ, баррасии айнӣ, объективии далелҳои муътамад ташкил додаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, қабл аз ҳама, бо он муайян мегардад, ки масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ ҳамчун як таҳқиқоти мукаммал бори аввал дар фазои илмии пасошӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Навгониҳои диссертатсия инчунин бо нуктаҳои зерин тасдиқ мегарданд:

- аз нигоҳи илмӣ асоснок гардид, ки дар ташаккулёбии таълимот оид ба озодии инсон ва ҳудудҳои он дар заминаи ақлгароӣ ва синтези назарияҳою таълимоти мактабҳои фалсафию динии гуногун барои машшоиёни шарқӣ, пеш аз ҳама, омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсир расондаанд;

- дар доираи фаҳмиши масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар дар таълимоти машшоиёни шарқӣ иртиботи онҳо бо озодии инсон ба таври мукаммал ва муназзам нишон дода шуда, асоснок мегардад, ки инсон дар

кору кирдораш озод аст ва қазою қадар ва сарнавишти пешакӣ муайяншудаи ӯ низ имкон медиҳанд, ки ҳаёташро худаш идора кунад;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ нишон дод, ки ҳарчанд озодии иродаи инсон априори аз иродаи илоҳӣ вобаста аст, аммо инсон аз тариқи ихтиёр ва интихоб озодии иродаашро ба кор бурда метавонад. Ин имконияти зуҳурёбии озодии ирода дар таълимот оид ба мадинаи фозилаи машшоиёни шарқӣ бо бартарияти он бар тобеият ва итоати инсон таҳлил ва асоснок шудааст;

- таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ ва масъулияти шахс нишон дод, ки фаҳмиши ин таносуб дар байни ақоиди мутафаккирони машшоияи шарқӣ нисбат ба ихтилофу тазодҳо дида, умумияти бештар ба назар мерасад. Муқаррар гардид, ки теобеият ва итоати инсон аз назари машшоиён маънои бардагию ғуломии фитрӣ надорад, балки он тобеиятест, ки онро дар мадинаи фозила мартаба ва мақомҳои одамон тақозо мекунад;

- бори аввал бар пояи таҳлили муқоисавӣ хулосае асоснок гардид, ки тибқи он дар муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ масъалаи озодии инсон ва шахс, тобеият ва итоати инсон, аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ, дар ҳамбастагии адолати иҷтимоӣ бо адолати илоҳӣ муайян мегардад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Яке аз сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии ғояи озодии инсон дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ ин ақидаҳои ақлгароёна оид ба ин масъала дар фалсафаи Юнони Қадим, инчунин мактабҳои ақлгароии шарқӣ ва мутафаккирону файласуфони намояндагони алоҳидаи онҳо хизмат намудаанд, ки дар фаҳмиш ва баррасии ин масъала мақоми хоса доштаанд. Аз ҷумла, дар таълимоти як қатор намояндагони тасаввуф як навъ усули руҳонӣ ва маънавии ба даст овардани озодии доимӣ вуҷуд дорад, ки инсонро аз пайвастан ба табиати воқеии муваққатии худ раҳо намуда, водор месозад, ки табиати аслии худро дарк кунад, ки аз он машшоиёни шарқӣ низ истифода кардаанд. Манбаи дигари ин таълимоти онҳо равияҳои динӣ мебошанд, ки тибқи онҳо озодӣ ба инсон имкон медиҳад, ки шаъну шарафи худро нигоҳ

дорад ва барои расидан ба ҳадафҳои баланд омода бошад; инсон на ғуломи иҷтимоӣ, балки ҳамчун банда дар маънии динии он фаҳмида мешавад ва итоат на бо инкори озодӣ, балки ба маънии ибодат ё бештар бо парастиш алоқаманд аст. Дар фиқҳ низ озодии инсонро ҳамчун асоси ҳифзи ҳуқуқи инсон мешуморанд. Сарчашмаи ғоявии дигар барои таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон ин ақидаҳои баъзе пайравони мактаби калом мебошад, ки саволеро матраҳ намуда, ки оё нуқтаи назари навро дар робита ба масъалаи сарнавишти аз ҷониби Худо муайяншуда қабул кардан мумкин аст ва ё на ва дар натиҷа, назарияеро дастгирӣ мекарданд, ки одамон мувофиқи иродаи озодашон амал мекунанд.

2. Мактаби фикрии машшоияи шарқӣ ё ҳикмати машшоия бештар ба маънои фалсафа маъруф аст. Намояндагони барҷастаи он Ал-Киндӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ дар баррасии консепсияи озодии инсон ва ҳудудҳои он саъй мекарданд, ки дастовардҳои фалсафии Арасту ва инчунин унсурҳои зиёди таълимоти мутафаккирони дигари юнонӣ, хусусан, Птолемей, Эвклид, Афлотун, Пифагор ва навафлотунияро ба таълимоти фалсафии ислом мутобиқ намоянд. Машшоиёни шарқӣ озодии инсонро на фақат дар вобастагӣ ба масъалаи иродаи инсон ё иродаи Худо, балки дар муайян намудани таносуби дин ва фалсафа, нақши инсон дар ҷомеа ва ғайра низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медоданд. Машшоиёни шарқӣ мутмаин буданд, ки камолоти қувваи ақл боиси пайвастшавии ҳастии инсон ба қудрати илоҳӣ мегардад, ки ин озодии шахсӣ ва маънавии ӯро таъмин карда метавонад. Дар ин самт ақлгароӣ дар кӯшишҳои минбаъдаи инсон барои озодии маънавӣ таъсири зиёд гузоштааст. Мутобиқан, машшоиёни шарқӣ дар таҳлили масоили фалсафӣ-динӣ аз нигоҳи ақлгароӣ ду шакли он – тафсири зоҳирӣ (экзотерикӣ) ва ботинӣ (эзотерикӣ)-ро ба кор бурдаанд. Ин тафсирҳо барои машшоиёни шарқӣ имконияти озод ва бе мухолифати шадид бо таълимоти динии уламо муносибат намуданро муҳайё месохт.

3. Масъалаи озодӣ дар заминаи таносуби байни масъалаи ҳастӣ, вуҷудият, мавҷудият бо моҳияти онтологии инсон аз ду ҷанба баррасӣ мегардад: аввалан, озодӣ дар робита бо моҳияти мавҷудоти дигар ва ҳамчун имконияти одии ҳастии инсон ва сониян, озодӣ дар робита бо имконияти худшиносии инсон дар ҳалқаи ин мавҷудот. Ин саволҳо аз мушкилоти детерминизм ҷудонопазиранд, яъне, саволҳо дар бораи он ки, воқеан тартибҳо, қонуниятҳо ва қонунҳои қатъӣ вуҷуд доранд ва агар чунин бошад, табиати онҳо чӣ гуна аст? Яке аз онҳо усули ҷавҳарият аст, ки дар он фаъолияти қонуни сабабият фақат ба зуҳуроти берунаи ҳастӣ – аразҳо хос аст. Онтологияи озодиро машоиёни шарқӣ, инчунин, дар диалектикаи гузариш аз “зулмат” ба “рӯшноӣ” ва аз “ботил” ба “ҳақиқат” баррасӣ мекунанд. Моҳияти сабаби аввал ва ҳар чизе, ки аз он бармеояд, мавҷуд будан ва зарурат аст. Назарияи машшоии “вуҷудият” низ ба он нигаронида шудааст, ки масъалаи фалсафии байни сабаб ва озодиро ҳам аз нигоҳи метафизикӣ ва ҳам ақлгароӣ равшан кунад.

4. Дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ ҳуррия (-т), яъне озодӣ, маънои дахлнопазирии шахс ба амалҳои худсарона ва ғайриқонунии дигарон, ҳокимиятдорон ва инчунин, ҳуқуқи ӯро барои ҳаёту фаъолияти ихтиёрии ӯ дар ҷомеа дар назар дорад. Яке аз омилҳои муҳимтарин барои пайдоиши афкори озодихоҳӣ ва озодипарастӣ дар таълимоти файласуфони машшоиёни шарқӣ ин равиши шаккокият ё шаккгароӣ (скептитсизм) ва интиқодгароӣ (крититсизм) мебошад. Дар навбати худ, бояд қайд кард, ки робитаи байни шаккгароии фалсафӣ ва маърифати илмӣ хусусияти сатҳӣ дорад, зеро ки тафаккури илмӣ аслан шаккокона аст. Он ҳамеша талош мекунад, ки ашёи зоҳирро таҳти шубҳа қарор диҳад ва барои ифшои ҳақиқати пасипардагию ботинии он саъй намояд. Гуфтан мумкин аст, ки шаккгароии шарқӣ як падидаест, ки он табиати дугуна дорад: аз як тараф, тафаккури динӣ-фалсафӣ ва аз ҷониби дигар, тафаккури фалсафӣ-илмӣ, ки манзараи оламро ба таври гуногун тасвир мекунанд.

5. Феъле, ки аз рӯйи ирода содир мешавад, як феъли ихтиёрӣ аст, ҳатто агар ин ирода таҳти ҷабри омилҳои берунӣ шакл гирифта бошад. Ба андешаи Форобӣ, амали инсонӣ дар мақсадҳои ӯ “ихтиёри ҷамил ва нофеъ” буда, бар адл устувор аст; Ибни Сино дар иртибот бо масъалаи таносуби қувва ва феъл, инчунин, намудҳои фоилию инфиолии қувваро ба ирода рабт медиҳад; Насируддини Тӯсӣ бар ин бовар аст, ки ихтиёрӣ набудани ирода ба афъоли инсон осебе ворид намекунад. Ал-Киндӣ, Форобӣ ва Ибн Сино тасдиқ мекунанд, ки воҷиб бо ҳамаи мавҷудот бо воситаи Ақли аввал иртибот дорад. Ҳамаи онҳо ба назария дар бораи ҷабр ва ихтиёри инсон муътақид буданд, ки ба вуқуъ пайвастани онҳо дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ бояд барои зиндагии фаъоли инсон мусоидат намояд.

6. Фаҳмиши масъалаи қазою қадар дар андешаи Ибни Сино ба мафҳумҳои “илм”, “ирода”, “феъл ва фоилият”-и илоҳӣ рабт дорад. Ӯ қазоро бо иноят, яъне бо илми илоҳӣ дар бораи низоми беҳтар барои олам тафсир мекунад. Сино илми илоҳиро сарчашмаи зарурат мешуморад, аммо бо матраҳ сохтани масъалаи ихтиёр ва бо баррасии принсипҳои динӣ, исботи нубувват, адолат ва ҷабри илоҳиро инкор намекунад. Форобӣ дар муқоиса бо Ибни Сино масъалаи қазо ва қадарро на дар доираи фаҳмиши метафизикии он, балки асосан дар чаҳорчӯбаи мушкилоти иҷтимоӣ ва антропологӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Илова бар ин, қазою қадари инсони иҷтимоии Форобӣ аксаран на ба қувваҳои фавқуттабиӣ, балки ба зоти худи инсон, яъне ба хосиятҳои биологӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба хосиятҳои равонии ӯ вобаста карда мешаванд. Насируддини Тӯсӣ масъалаи қазоро таҳқиқ намуда, муътақид аст, ки инсон ба дониш ва биниши худаш фарогири ҳама чиз - “ба авоқиби умум муҳит наметавонад шуд” - шуда наметавонад ва ба раъю қиёсаш барои ихтиёр намудани ҳақиқат қодир нест, ки ин беқудратии ӯ ночор ба интихоби бадӣ мебарад.

7. Масъалаи озодии ирода бо масъалаи қазою қадар, тақдири илоҳӣ ва детерминизм дар ҷанбаҳои гуногуни он мавриди баррасӣ қарор мегирад. Масалан, Форобӣ муътақид аст, ки ҳар гуна ҷаҳду ҷадал ба сӯйи он, ки

маърифат мегардад, умуман зуҳурёбии иродаи озод аст ва агар он аз маҳсусот ва ё тахайюлот ихроҷ гардад, дорои номе хоҳад шуд, ки бо озодии ирода умумият дорад, аммо агар аз тахайюл ва ё тафаккур ихроҷ гардад, онро бо истилоҳи умумӣ иродаи озод ном мебаранд, ки он фақат ба инсон хос аст. Ибни Сино иродаи инсонро дар заминаи тафсири таълимот оид ба қувва-феъл пешкаш намуда, таъкид мекунад, ки ҳар гуна феъл аз илм содир мешавад, ки он на бо табъ ва на бо араз, балки бо ирода ҳосил мегардад. Воҷиб-ул-вуҷуд илмашро ба низоми ашёи мумкин-ул-вуҷуд аз рӯйи тартиби фазилаташон, ки сабаби вуҷуди он ашё аз рӯйи низоми мавҷудот ва тартиби фазилатҳо аст, муайян мекунад. Насируддини Тӯсӣ ба масъалаи касби илм таваҷҷуҳ намуда, тасдиқ мекунад, ки ба ҳадде инсон аз қувваи дониш дар ростои ҳаводис ва ашё истифода мекунад, қувваи ирода ва натиҷаи феъли он зуҳур ёфтан мегирад. Дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ ихтиёр тобеи иродаест, ки аз идроки ақлӣ маншаъ мегирад, бинобар ин, агар фоиле, ки феъли ӯ аз идроки ақлӣ сар мезанад, бояд ба гунае бошад, ки қасди ирода зиёдтар бар зот дошта ва феъли ӯ низ пештар аз ин ирода бошад.

8. Дар таълимоти машшоиён масъалаи озодии ирода дар чорчӯби хусусиятҳои руҳонӣ-равонии инсон, қобилиятҳо ва вазифаҳои нафси ӯ, ки дар он ҷонибҳои бо ҳам мутақобилу мутазодди қувва фоиланд, баррасӣ мегардад. Принсипи ихтиёри озод – интихоби яке аз ин ду қувва аст ва ин қувва ирода ва ирода ин ихтиёр аст, яъне он интихоби алтернативҳои имконпазир дар интихоби афъол ва рафтор мебошад. Аз нуқтаи назари фалсафаи машшоиёни шарқӣ, қудрат ва иродаи озод маънои онро доранд, ки агар инсон бихоҳад, амали муайянеро анҷом медиҳад ва агар нахоҳад, аз он даст мекашад. Ба маънои дигар, инсон дар ичрои рафтору кирдори худ соҳибихтиёр ва масъул аст: чунин мавқеъ ба одамон имкон дода метавонад, ки интихоб дошта бошанд, ё дар баъзе мавридҳо эҳтимолан дар шакли маҳдудтар – хоҳиш дошта ва ё надошта бошанд. Аммо ин масъулият на ба сӯйи тобеияту итоати мутлақи инсон, балки барои ба даст овардани фазилат, шаъну эътибор, ҳадди ақал, дар муносибатҳои ичтимоӣ мебарад.

9. Мафҳуми адолат дар таълимоти Форобӣ бо назарияҳои ӯ дар бораи сиёсати шаҳрдорӣ (ас-сиёса ал-маданийа) иртибот дорад. Барои ӯ адолат пеш аз ҳама тақсими манофеи хуб амалӣ мегардад, ки дар байни сокинони шаҳр мегузарад ва сипас, дар боби ҳифз намудани ҳар он чизҳое, ки байни онҳо тақсим мешаванд. Дар шаҳр дараҷаҳо ва мартабаҳои тобеияту итоат лозиманд: онҳо табиатан гуногун буда, майлҳои табиии онҳо аз рӯйи камол нобаробаранд. Дар шаҳр шахсе ҳаст, ки ҳоким буда, баъзе ашхос бо дараҷаҳояшон ба ҳоким наздиканд ва ҳар яки онҳо тамоюл ва одат доранд, ки ба шарофати онҳо амалеро, ки мувофиқи хоҳиши ин ҳоким аст, ба иҷро мерасонанд. Одамон дар қобилияташон нобаробаранд ва ин нобаробарӣ бо ҳикмати илоҳӣ созгор аст, зеро агар ҳамаи одамон дар қобилияташон баробар мебуданд, ҳатман ҳалок мешуданд. Ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Синою Насируддини Тӯсӣ масъалаи адолат ба таври куллӣ ба дунболи масъалаи фазилати инсон ва идеалҳою ормонҳои инсон, ки тибқи онҳо ҷомеа барои рафъ намудани табъизу зӯроварӣ ва нобаробарӣ талош меварзад, баррасӣ меёбад. Бо дарназардошти ин нукот, мафҳумҳои “озодӣ” ва “адолат”-ро, ки бо ҳам пайванданд, ин файласуфон дар ду ҷанба баррасӣ менамоянд: аввалан, он ки “озодӣ” ва “адолат” аз ҷониби онҳо ҳамчун арзиши маънавии инсонӣ маънидод мешаванд; сониян, адолат ва озодӣ дар ҷомеа, ки бештар хусусияти қонунӣ дорад, ба масъалаи афзалият ва бартарии як фард бар дигари он иртибот дорад.

10. Муносибатҳои байни қудрат ва озодӣ дар таълимоти машшоиёни шарқӣ бар асоси фарқияти ду тафсири қудрат, яъне қудрат барои тобеъ кардан ва қудрат барои пешравии инсон ё ҷомеа баррасӣ мегардад. Дар маҷмуъ, Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ муътақиданд, ки инсон бино ба табиати худ ва ниёзҳои шахсиаш ночор ба ҳаёти иҷтимоӣ шарик мешавад; инсон ба зоташ тамоюл ба истиқлол дорад ва аз ин ки озодӣ ва хостаҳояш ба василаи дигарон маҳдуд мешавад, зарурати иҷтимоӣ аст; мутафаккирони мазкур будани ҳокимро дар танзими корҳои зикршуда зарур мешуморанд ва ин ҳокимиятро дар ибтидо ҳамчун ҳокимияти илоҳӣ ё

аниқтараш, ҳокимияти пайғомбарӣ маънидод менамоянд: барои онҳо ҳам фарқияти табиӣ, ҳам табақавӣ ва ҳам мартабавии байни одамон вуҷуд дорад. Инсон, дар ин ҳол, ба иллати маҳдудияти ақлонию ҷисмониаш на ҳамаи вазифаҳо ва ё шуғлҳоро иҷро карда метавонад. Дар ин ҷо, тобеият ва итоати ходим ба ҳоким дар маънои фармонбардории ғулом ба ғуломдор маънӣ намегирад, балки меъёри рафтору кирдори расмиест, ки дар сатҳи давлатдории он давра қабул шудааст. Озодӣ ва тобеияту итоати сокинон дар шаҳрҳои гуногун мухталифанд, чуноне ки худи шаҳрҳо низ мухталиф мебошанд. Ҳокимият қудрат аст, на тобеъ кардани одамон ва аз ин рӯ, дар шаҳр қоидаҳои бешумори ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мавҷуданд. Ин шаҳри ормонӣ, яъне як организми сиёсиест, ки на ба ақидаи аксарият асос ёфтааст, балки бар асоси тартиботи умумӣ ва ҳамоҳангии кору фаъолияти сокинони он ба нақша гирифта шудааст.

11. Форобӣ, Ибни Сино, Насирудддини Тӯсӣ ва машшоиёни дигар таълимот оид ба озодиро матраҳ сохта, дар бораи ҳокимият ва иқтидори идоракунии инсон бар ҷомеа ҳукм меронанд. Дар ин гуна низом ҳуқуқи умумии одамон аз ҷониби ҳукумат дифоъ мегардад ва он ҳуқуқест, ки дар мақулаҳои иқтидор, назму тартиби умумӣ, хидматҳо, суду зиён, ҳукми қонунҳо, амнияти умумӣ, масъулият ва ҳуқуқҳои озодии фардию гурӯҳӣ ҷамъбаст мегардад. Форобӣ фитрӣ ва табиӣ будани ҳуқуқи шахсро таъкид кардааст, ки он бар хилофи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва қонунӣ ҳеҷ гуна вобастагие ба қавмият, фарҳанг ва суннатҳои халқҳои гуногун надорад. Аммо, ба ақидаи Ибни Сино, на Худо, балки пайғомбар қонунгузори шариат маҳсуб мешавад: қонунгузор барои қабули қонунҳои дахлдор бояд меъёрҳо ва хусусиятҳои аз ҷониби умум қабулгардидаро ба назар гирад; ӯ на танҳо мутафаккир ё ориф, балки шахсияти фаъолест, ки қонуни воқеиро аз рӯйи ягон қолаби муайян ташаккул медиҳад. Насируддини Тӯсӣ низ муътақид аст, ки дар идоракунии табақаҳои ҷомеа ва умуман, ҳокимиятдорӣ, дастурҳои ҳокимон бояд ба қонунгузории нубувват, ки барои ҷомеаи одил муҳим аст, такя намоянд; низоми дурусти ҷомеа, мавҷуд будани ҳокими доимиеро тақозо мекунад, ки

ба ӯ татбиқ намудани қонун мувофиқи ниёзҳои ҳар давру замон ва дар доираи шариат вогузор шудааст. Тӯсӣ таҳти номус (қонун)-и илоҳӣ қонунеро тафсир медиҳад, ки аз иродаи илоҳӣ илҳом гирифтааст ва тағйири ин қонун имкон надорад, қонуни иҷтимоӣ бошад, барои роҳбарии шаҳр ва барқарор намудани тартибу низом дар он зарур буда, дар ҷомеа ҳамеша ягон «танзимкунандаи қонун» бояд вуҷуд дошта бошад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таҳлили илмии умуминазариявии фалсафа ва таърихи фалсафа ба кор рафта метавонанд. Масъалаҳои фалсафӣ ва илмие, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, нуқтаҳои назари мубоҳисавиро оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он ба миён оварда, дар таҳқиқоти минбаъда аз онҳо истифода бурдан мумкин аст. Хулосаҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи диссертатсия ҳосил шудаанд, барои вусъат бахшидани омӯзиши масъалаи озодии инсон ва шахс ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, антропологӣ-иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва созмонҳои дигар истифода шуда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълими таърихи фалсафа, диншиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, антропология, ахлоқ, фарҳангшиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуъ, истифода аз методҳои умумимантиқӣ, махсус ва бо овардани далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боварибахш муайян мегардад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф бо муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили

манбаъҳои иттилоот, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, гузориши масъалаҳои асосии таҳқиқот барои баррасӣ, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия арзёбӣ мегардад. Хусусан, таҳлили чунин ҷанбаҳои масъалаҳои вобаста ба озодии инсон ва шахс, монанди иродаи инсон, қазою қадар, ҷабру ихтиёр, масъулияти ахлоқии шахс дар доираи муносибат бо ҳокимияти динию сиёсӣ ва ғайра дар чаҳорчӯби омилҳои гуногуни ғоявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз як тараф, аз тарафи дигар, дар доираи баҳсҳои онтологӣ ва гносеологии ин масъала саҳми шахсии муаллифанд. Саҳми шахсии муаллиф, инчунин, дар муқоиса ва таҳлили афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо ақоиди мактабҳои фалсафӣ ва динии дигар, монанди муътазила, тасаввуф, мактабҳои гуногуни Юнони Қадим ва файласуфони муосири ғарбӣ дар робита бо масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он муайян карда мешавад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра ва семинарҳои назариявии он муҳокима шудааст. Натиҷаҳои асосии он дар конференсияҳои (апрелӣ)-и илмӣ-амалӣ (солҳои 2019-2023), ки дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ баргузор гардидаанд, дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертатсия бо қарори кафедраи мазкур (протоколи №2 аз 12 сентябри соли 2023) ва қарори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ (протоколи №. 4/1 аз 08 декабри соли 2023) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гаштааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба муҳтавои диссертатсия 16 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 347 саҳифаро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МАСЪАЛАИ ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

1.1. Мафҳуми озодии инсон: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот

Дар байни тамоми ашёи беҷон, наботот ва ҳайвонот танҳо инсон қобилияти дарки онро дорад, ки ӯ мавҷуди озод аст, яъне ӯ қобилияти идрок ва ҳушёрӣ дошта, барои худаш дар интихоб ва ихтиёри сухан, амал ва рафтору кирдори худ имконияти озодиро фароҳам оварда, онҳоро мувофиқи ирода ва хоҳиши хеш ихтиёрдорӣ мекунад. Дар ҳоле ки мавҷудоти дигар ба қонунҳои табиии пайдоиши худ пурра итоат мекунанд, инсон дар фалсафаи Шарқ ба тобеият ва ихтиёри худи ӯ вогузошта шуда, ӯ дар нисбати мавҷудоти дигар ҳамчун мавҷуди олӣ мукаллаф мешавад. Аммо мафҳуми итоат ва масъулият дар фарҳанги шарқӣ озодии инсонро инкор намекунад, баръакс, пояи ин гуна озодиро ташаккул медиҳад. Аммо мутафаккирони шарқӣ аксаран ба масъалаи итоат бештар таваҷҷуҳ карда, таълимот оид ба озодӣ ва масъулияти инсонро тақрибан сарфи назар намудаанд. Баён ва тафсири принсипи озодӣ барои ин мутафаккирон гарон буд, зеро он на аз амри илоҳӣ ва ё фатвои руҳониёну диндорон, балки аз мазмуну маъноҳои қонуниятҳое бармеояд, ки дар таърихи пайдарпайӣ ва боварҳои инсон инъикос ёфтаанд.

Барои баррасии тафсиру таъбирҳои мутафаккирони машшоияи шарқӣ, ба андешаи мо, бояд аввалан ба маънию мазмуни таълимот оид ба озодӣ ва худи мафҳуми озодӣ дар фаҳмиши муосир баҳогузорӣ кард, то ки барои муайян намудани аҳамияти омӯзиши ин масъала дар афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо муқоисаи тафсири муосири озодӣ як навъ заминаи назариявӣ бунёд карда шавад.

Озодӣ, дар маҷмуъ, аз нигоҳи фалсафаи муосир, ҳамчун вазъи субъект фаҳмида мешавад, ки худ сабаби амалҳои худ буда, аз ягон омили берунӣ вобаста нест. Озодӣ, инчунин, ҳамчун қобилияти инсон барои амал кардан

дар роҳи расидан ба ҳадафҳо ва ҳимояи манфиатҳои худ бо такя ба зарурати воқеӣ тафсир карда мешавад.

Дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ бошад, яке аз аввалинҳо шуда, мутафаккири Юнони Қадим Афлотун онро ҳамчун таҷассуми идея дар давлати мисолӣ, идеалӣ шарҳ додааст. Дар фалсафаи Арасту бошад, озодӣ якчанд аломатҳо дорад, ки муҳимтаринашон ақлонӣ ва бошуурона будани амалҳои инсон, робита доштани онҳо ба шароити мавҷуда, мавҷудияти ҳам интихоб ва ҳам масъулият барои амалҳои шахс, интихоби некӯкорӣ ва амсоли он мебошанд. Дар фалсафаи даврони минбаъда бошад, аз ҷумла, файласуфи нидерландӣ Б. Спиноза ва мутафаккири олмонӣ К. Маркс озодиро ҳамчун зарурати маърифатшуда ва ё зарурати даркшуда таъриф додаанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, дар мамлакатҳои шарқӣ ва дар таърихи афкори халқи тоҷик навъҳои гуногуни баррасии масъалаи озодӣ ба назар мерасанд. Масъалаи озодӣ дар таносуб бо зарурат аз нигоҳи онтологӣ ва то андозае, аз мавқеи гносеологӣ баррасӣ мегардад. Озодӣ дар таносуб бо масъулият асосан ҷанбаҳои ахлоқии ин масъаларо фаро мегирад. Дар фалсафаи баъзе мутафаккирон, аз ҷумла, Г. Гегел, А. Камю ва дигарон масъалаи матраҳшуда дар доираи мавзуи озодӣ ва ноозодӣ омӯхта шудааст. Файласуф ва сотсиологи олмонӣ Э. Фромм таносуби озодӣ ва тобеиятро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар фалсафаи дини масеҳӣ ва ислом озодиро дар таносуб бо фармонбардорӣ (бо забони русӣ: повиновение) баррасӣ намудаанд ва ғайра. Ҳамзамон, дар аксарияти ҳолатҳо масъалаи озодӣ дар алоқамандӣ бо адаолат ва баробарӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар таълимоти машшоияи шарқӣ тамоми паҳлуҳои зикршудаи масъалаи озодии инсон ба назар мерасанд.

Дар фалсафаи шарқӣ, афкори фалсафии машоиёни ин минтақа ва афкори асримиёнагии халқи тоҷик калимаи “озод” бо калимаи арабии “ҳурр” ифода мешавад, ки он аз ду ҳарфи решагӣ – “ҳ” ва “р” иборат буда, бар маънии зерин пойдор аст: “озодӣ” хилофи “убудият” (“ғуломӣ, бандагӣ ё бардагӣ”)

буда, мазмуни аз нуқсону камбудиҳо орӣ буданро дорад.[5] Мутафаккирон ва олимону муҳаққиқони арабӣ дар асрҳои нисбатан муосир дар вобастагӣ ба мафҳуми “ҳуррия (-т)” барои ифодаи маънои озодии инсон калимаҳо ва ибораҳои дигар сохтаанд: ҳуррият ур-ра’й (“озодии андеша ё ақида”), ҳуррият ул-қавл (“озодии сухан”) ва мафҳумҳои ивазкунандаи онҳо, монанди ҳуррият ут-тафкир (“озодии андешаронӣ”) ва ҳуррият ул-байӣн (“озодии баён”) ва ғайра.[6] Дар маҷмуъ, ҳуррия (-т), яъне озодӣ маънои дахлнопазирии шахсро аз амалҳои худсарона ва ғайриқонунии дигарон ва ҳокимиятдорон, инчунин, ҳуқуқи ӯро барои ҳаёт ва фаъолияти ихтиёрии ӯ дар ҷомеа дар назар дорад. Олими шинохтаи русу араб Т. Ибрагим масъалаи қазо ва қадарро дар таълимоти шайхи суфӣ - Ибни Арабӣ баррасӣ намуда, чунин навиштааст: “Бо такя бар чунин фаҳмиши қазо ва қадар, Ибни Арабӣ масъалаи фалсафии таносуби озодӣ ва заруратро ҳаллу фасл менамояд, ки дар илоҳиётшиносӣ ин масъала шакли таносуби озодии ирода ва сарнавиштро гирифта, дар адабиёти тасаввуфӣ, маъмулан, истилоҳоти “озодӣ” (“ҳуррийа”) ва “ғуломӣ, фармонбардорӣ” (“убудийа”) коркард шудааст. Дар олам ҳама чиз зарурӣ, детерминистӣ ва аз рӯзи азал муқарраршуда буда, аслан барои озодӣ ҳамчун имконият, интихоб аз байни гуногунӣ, алтернативӣ ҷой надорад. Дар бораи озодӣ фақат ба маънои вуҷуд надоштани маҷбуркунии берунӣ ҳарф задан мумкин аст. Чунин озодӣ фақат дар ирфон ҳосил мегардад”.[7]

Дар миёни муҳаққиқони муосири тоҷику форс ва араб низ доир ба ин истилоҳ нуқтаҳои гуногуни назар ироа гардидаанд. Ибни Ошур (1879-1973) “ҳуррият”-ро ҳамчун як мафҳум дар “муқобили ғуломӣ ва худхоҳии як шахси оқил барои идоракунии корҳояш бо хоҳиши худ” медонад; “қобилияти ӯ, ба ибораи дигар, кору фаъолиятҳояшро ба таври дилхоҳ, бо иродаи хеш ва бидуни мухолифат ва душманӣ идора мекунад” ва ғайра. Ин таърифи

[5] Аҳмад ибн Фарис. Муъҷам мақайис ал-луға. Ҷ. 2. – Ал-Қаҳира, 1979. С. 6-7 (ба забони арабӣ).
[6] Мустафа ал-Сибаъӣ. Иштиракийат ал-ислам. – Димишқ, 2008. С. 268.
[7] Ибрагим Т. Вуджудизм как пантеизм // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Издательская фирма “Восточная литература” РАН, 1998. С. 110.

"ҳуррия" ба таври возеҳ ба сӯйи иродаи озод доштани инсон мутаваҷҷеҳ буда, ба ӯ имкон медиҳад, ки умури шахсии худро бидуни дахолати дигарон идора кунад.[8]

Фақеҳ ва забоншиноси мисрӣ Абдулваҳҳоб Халлоф (1888-1956) озодии шахсиро (ал-ҳуррия ал-шахсия) ҳамчун «қобилияти идора кардани корҳои шахсии худ бидуни зулм ва дахолати дигарон бо истифодаи амният, шараф, моликият, манзил ва ҳамаи ҳуқуқҳое, ки ба ӯ тааллуқ доранд ва ба шарте, ки тарзи идораи аъмоли шахсиаш баробар ба душманӣ ё бадгумонӣ нисбати дигарон набошад”[9] муайян намудааст. Муаллифи мазкур дар баробари унсурҳои фавқуззикр, инчунин, озодии эътиқод, озодии баён, озодӣ ба моликият ва ҳуқуқи таҳсил дар доираи озодиҳои шахсро таъкид месозад. Ҳамин тариқ, озодии шахсӣ барои шахсе, ки аз ҳамаи ин озодиҳо барҳӯрдор аст, дар доираи қонунҳои мавҷуда бояд таъмин карда шавад.

Мувофиқи таърифи содатар, ки шарқшиноси маъруф Ф. Роузентал таъриф додааст, “ҳуррийя” дар фалсафаи шарқӣ маънои онро дорад, ки шахс метавонад мувофиқи хости худ амал кунад, ба шарте ки амали ӯ ба дигарон зиён нарасонад”.[10] Муаллифи мазкур бар он моил аст, ки тибқи назари мутафаккирони шарқӣ нисбати “ҳуррия”, инсон дар ҳама чиз аз озодӣ баҳра мебарад, ба шарте ки он ҳуқуқи дигарон ва манфиатҳои дастаҷамъӣ (мазҳабҳо)-и ҷомеаро нақз накунад. Ин ақидаро олими мисрӣ Абдулқодир Авда (1906-1954) дастгирӣ намуда, қайд кардааст: “Ҳангоме ки озодӣ аз ҳудудҳо мегузарад, он ба ҷиноят мубаддал мегардад, он зери маҳдудият қарор мегирад ё ҳатто пурра манъ карда мешавад. Бо такя бар ҳадисҳо ва ҳуқуқҳои шаръӣ дар ҳолати бояд зарар расонида нашудан, мутақобилан ҷуброн карда намешавад, яъне қонун набояд ба озодии шахс дахолат кунад ва дахолати онро тавассути танзими ҳолатҳои зиддият бо дигар ҳуқуқҳо ва манфиатҳои дигарон маҳдуд кунад. Ҳангоме ки истифода аз озодӣ сабаби

[8] Муҳаммад ал-Таҳир ибн Ашур. Мақасид ал-шариъат ал-исламийа. – Бейрут, 2011. С. 227-229 (ба забони арабӣ).
[9] Абд ал-Ваҳҳаб Хилаф. Илм усул ал-фиқҳ. – ал-Қаҳира, 2009. С. 112 (ба забони арабӣ).
[10] Rosental F. The Muslim Concept of Freedom. Leiden, E.J. Brill, 1960. P. 87.

зарари дигарон мешавад, дар ин ҳолат он бояд бартараф ё маҳдуд карда шавад”.[11] Ҳамин тавр, муаллифи мазкур, “ҳуррият”-ро яке аз принсипҳои асосии фалсафаи шарқӣ шуморида, “зуҳуроти ҷаззобтарин”-и онро дар шариат нишон медиҳад.

Ҷустуҷӯйи роҳҳои озод намудани инсон дар фалсафаи Шарқ натиҷаи таъсири фарҳангҳои гуногун - мисрӣ, бобулӣ, юнонӣ, тоҷикӣ-форсӣ, ҳиндӣ ва дигарон буд. Дар давраи ҳукмронии ал-Маъмун (ваф. 833) дар Басра “Байт ул-ҳикма”, маркази қабул ва паҳн кардани фарҳангҳо бар асари шавқу завқи худи халифа нисбат ба донишҳои юнонӣ ва хусусан, таълимоти Арасту таъсис дода шуда буд. Бояд қайд кард, ки масъалаи тарҷума аз забони юнонӣ ё суриёнии қадима ба забони арабӣ мушкилоти гуногунеро ба миён меовард, ки ҳаллу фасли онҳо кори саҳл набуд. Дар ин ҷо сухан на танҳо дар бораи донистани он, ки чӣ ва барои чӣ тарҷума мешавад, балки дар бораи мушкилоти методологии тарҷума, инчунин, дар бораи мушкилоти забон, ҳам аз ҷиҳати луғат ва ҳам нигоҳи сохтори забон меравад. Қайд кардани он ҷолиб аст, ки аз аввалин асарҳое, ки ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, китобҳои юнониён ба шумор мераванд, ки дар дасти суриягиҳо маҳфуз буданд. Ҳамаи ин китобҳо воситаи татбиқи фалсафа ва хусусан, мантиқи арастуӣ дар Шарқ буданд. Мантиқи юнонӣ, алалхусус, Арасту, дар олам ва тафаккури халқҳои шарқӣ мубоҳисаҳои ақлониро ворид намуда, онҳоро маҷбур сохт, ки аҳамияти донишро – он чизе, ки онро касб кардан мумкин аст, дарк намоянд ва нишон дод, ки инсон бояд бо он чизе, ки тавассути ваҳй ба ӯ талқин карда мешавад, маҳдуд нагардад. Ҳамин тариқ, мантиқи юнонӣ буд, ки барои халқҳои шарқӣ заминаи дониши илмӣ фароҳам овард. Мардуми шарқӣ мантиқро ҳамчун абзоре (āла) мефаҳмиданд, ки қоидаҳо ва қонунҳои барои тамоми донишҳои инсонӣ дахлдорро фароҳам меорад. Ин нукта дар порчаҳои зерини мансуб ба Ибни Сино чунин тавзеҳ дода шудааст: “Мантиқ санъати назариест, ки аз кадом сурату моддаҳо пайдо шудани ҳадди саҳеҳ, ки

[11] Абд ал-Қаҳир Авда. Ал-ташриъ ал-ҷиноӣ ал-исламӣ муқаринан би ал-қанун ал-вазъӣ. Ҷ. 1. – Бейрут, 1983. С. 29.

ҳақиқатан ҳад ном дорад ва қиёси саҳеҳро, ки дар ҳақиқат бурҳон ном дорад..., нишон медиҳад”.[12] А.Х. Касимжанов мантиқи ал-Форобиро умуман ва санъати ҷадали мантиқиро билхоса, таҳлил намуда, чунин хусусиятҳои ин санъатро ҷудо кардааст: ҷадал бо муқаддамоти муайян сарукор дорад; он бо хулосаҳои қиёсии мухолифи ҳамон як шайъ рӯ ба рӯ аст; барои он шаккокӣ ё шубҳа хос аст; шакку шубҳа дар баҳсу ҷадалҳо бояд дар маҳорати посух додан ба саволҳо ҳаллу фасл ёбанд. Дар идомаи ин суханҳо муаллифи мазкур навиштааст: “Ҳар як иштирокчии баҳс вазифадор аст, ки бе калавиш бо усулҳои ҳар чи бештар навтарин ҳар он чизеро, ки қобили ҳимоя аст, дифоъ намояд ва ҳар он чизеро, ки қобили инкор аст, рад кунад. Дар миёни иштирокчиёни баҳсу ҷадал ҳолати ниҳоят шадид, нозукиҳои ниҳоии андеша пайдо гардида, мавзуи баҳс бо ҳамаи гуногунии ҷанбаҳо ва мушаххасоти он ба миён меояд”.[13]

Дар илоҳиётшиносӣ ва фиқҳи исломӣ эътироф гардидани он, ки танҳо Худо соҳибихтиёр ва ҳаками арзишҳои мутлақ аст, эҳтимолан маънои онро доштааст, ки фақеҳон ба таълимот дар бораи озодӣ бо он тарзе, ки дар фалсафаи шарқӣ таъбир мегардад, таъкид накардаанд. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии озодӣ дар ҳама гуна анъанаҳои ҳуқуқӣ ҳатман мақоми шахсро дар робита бо қудрати соҳибихтиёрии Худо ва инчунин, халифаҳо ва ҳокимони маҳаллӣ ва дар ниҳояти кор, бо қудрати давлат ба назар мегирифтанд. Аммо азбаски сохтори асосии арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар Шарқ, яъне муайян кардани арзишҳои ахлоқии некиву бадӣ, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти инсон мувофиқи иродаи Худо сурат мегирад ва ӯ, аз тарафи дигар, ҳувияти хешро аз тариқи адолат, раҳм ва шафқат мебахшад, пас илоҳиётшиносон барои дар ин чаҳорчӯб ошкор кардани ҳуқуқи шахс ба озодӣ ва ҳимояи ӯ аз худсарии бузургқудратҳо чандон ҳавасмандӣ надоштанд. Ҳамин тавр, гуфтугӯйи илмӣ дар бораи озодӣ барои илоҳиётшиносони шарқӣ, ки дар

[12] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.3. - Душанбе, 2007. С. 23.
[13] Касымжанов А.Х. Абу Наср аль-Фараби. М.: «Мысль», 1982. С. 124-125.

доираи фаъолияти диниашон озодии комил надоштанд, дар муқобили ақоиди мустақил ё иҷтиҳод, маҳдудиятҳо дошт.

Омили дигаре, ки афзалияти баёни заифи озодиро дар навиштаҳои адибони шарқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва озодии ӯ шарҳ дода мешуд, бартарии ҳукумати мустабид дар тули тамоми таърихи ҳукмронӣ дар сарзамини Шарқ буд. Тавре ки Абдулҳамид Мутаваллӣ қайд кардааст, ин танҳо барои масъалаҳои марбут ба вазъи ҳокимон ва сиёсати онҳо дуруст буд.[14] Ин дар ҳолест, ки уламо ва муҷтаҳидон дар фаъолияти кориашон доир ба масоили динӣ ба монеаҳои мақомоти ҳоким дучор наомадаанд, аммо ин озодӣ маҳдуд буд, зеро дар акси ҳол чунин фаъолияти озодона ба қудрати ҳукумати ҳоким хатарзо ба ҳисоб мерафт. Дар робита ба ин, қайд карда мешавад, ки такрибан ҳар яке аз чаҳор имоми пешбари ислом аз дасти ҳокимони золими замони худ азият кашидаанд. Масалан, далели он ки халифаи аббосиён Ҷаъфар ул-Мансур (ваф. 775) Имом Моликро ҷазо дода буд (тибқи хабарҳо бо ҳафтод қамчин), фатвое буд, ки имом байъати халифаро беэътибор карда буд. Ин навъ истибдоди сиёсӣ маънои паст ва дур шудан аз эътирофи халифаҳоро дошт.

Масъала дар бораи он, ки бо назардошти қудрати Худо ба инсон чӣ қадар озодӣ додан мумкин аст, доираи гуфтугӯйи илоҳиётшиносон ва мутакаллимонро дар мактабҳои муътазила, ашъария ва мотуридия ба миён овардааст. Муътазилиён, чуноне ки медонем, боварӣ доштанд, ки инсон озод буда, барои рафтори худ масъул аст. Онҳо ақида доштанд, ки инсон офарандаи амали худаш буда, аз ин рӯ, озод аст; ӯ метавонад дар рафтору кирдораш бадиро ба некӣ ва ё баръакси он, табдил диҳад. Бо ин ҳама, муътазила дар ин муносибат адолати мутлақи Худо ва кафолати ӯро дар озодии инсон эътироф менамуд: агар Худо аъмол ва рафтори бандаашро

[14] Абд ал-Ҳамид ал-Мутаваллӣ. Мабади низам ал-ҳукм фи ал-ислам. – ал-Искандарийа, 1966. С. 279.

офарад ва ӯро дар ин кор масъул кунад, пас ин хилофи адолат хоҳад буд. Аз ин рӯ, озодии инсон унсури зарурии адолати илоҳист.[15]

Мактабҳои илоҳиётшиносӣ дар маҷмуъ бо улуҳияти дастурҳои илоҳӣ ва бо ҳамин сабаб, тобеияти иродаи инсон ба онҳо розӣ буданд. Аммо онҳо дар масъалаи он, ки оё ақли инсон барои “ҳукм” пояи асил буда метавонад ва агар ҷавоб мусбат бошад, пас он то чӣ андоза ҷойиз аст, ихтилофи назар доштанд. Ин ихтилофоти назар дар баҳсу мунозираҳои онҳо дар атрофи масъалаҳои дигар, монанди чӣ гуна иродаи инсон бо иродаи Худо иртибот дорад ва оё иродаи инсон ба муайян кардани арзишҳо қодир аст ва ё на, оё ирода ва ҳукми инсонро ҳамчун муайянкунандаи воқеии масъулият ва ягон навъи ҳукм қабул кардан мумкин аст ва ғайра, боиси ҷудошавии мактабҳои фикрии шарқӣ, аз ҷумла, муътазила гардиданд. Муътазила дар бораи озодии иродаи инсон ва қобилияти ақли инсон барои фарқ кардани неку бад ва ҳукмҳои ахлоқӣ мавқеи худро дошт, аммо дар масъалаи он, ки ирода ва ақли инсон масъулият ва ҷазоро муайян карда наметавонад, бо мактабҳои дигар ҳамфикр буд.[16]

Файласуф ва олими муосири покистонӣ Фазл ур-Раҳмон дидгоҳҳои муътазила, ашъария ва дигаронро омӯхта, мушоҳида кардааст, ки ғояи Худои қодиру азимро бо ғояи озодии инфиродии инсон муқоиса кардан осон нест, аммо афзудааст, ки дугонагӣ ё санавият (дуализм) хосси танҳо ислом набуда, он барои ҳама динҳо мушкилот эҷод мекунад, ба истиснои баъзе динҳо, ба мисли зардуштия, ки санавиятро дастгирӣ менамояд. Ҳамчунин, Фазл ур-Раҳмон бар ин ақида буд, ки дахолати бевоситаи Худо ба озодии инсон вуҷуд надорад: ислом итоат ба иродаи Худоро тақозо дорад, аммо “инсон иродаи Худоро, ки ҳам дар сатҳи ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ фоил аст, ошкор карда метавонад”.[17] Ба ибораи дигар, инсон на танҳо барои иҷрои амру фармонҳои

[15] Muhammad Asad. Principles of State and Government in Islam. Berkely (California), University of California Press, 1966, p.66.
[16] Muhammad H. Kamali. Principle of Islamic Jurisprudence. Cambridge, The Islamic Texts Society, 1991, p. 342.
[17] Fazl ur-Rahman. The Status of Individuals in Islam, Islamic Studies, 5 (1966), p. 327.

илоҳӣ вазифадор аст, балки аввал табиати ин амру фармонҳоро пеш аз он, ки иҷро кунад, бояд кашф ва дарк намояд.

Андешаҳои фавқуззикри муҳаққиқони муосир, чуноне ки аз гуфтаҳояшон бармеояд, асосан ба масъалаи ақлгаро̄й дар Шарқ, мактабҳои ғоявӣ ва мутафаккирони ақлгарои он иртибот доранд. Ақл, ба андешаи Форобӣ, саховати олӣ ва хоса аст. Ба ақидаи ӯ, ақл тавассути фалсафаи амалӣ, ки илмҳои табиатшиносӣ, математика ва метафизикаро дар бар мегирад, рушд меёбад: “Азбаски, мо саодатро танҳо дар ҳоле касб карда метавонем, ки ба мо зебоӣ хос аст ва зебоӣ бошад, тавассути фалсафа ба мо хос аст, аз ин ҷо маълум мегардад, ки маҳз ба фазли фалсафа бароямон саодат муяссар мешавад”.[18] Саодат бошад, унсури асосии озодӣ буда, ҳадафи аз он маҳз дар ҳамин гуна озодӣ ифода меёбад.

Равиши ақлгаро̄й барои амиқтар таҳқиқ намудани масоили вобаста ба озодӣ ва тобеияту итоат мусоидат намуда, яке аз принсипҳои асосии фалсафии таҳқиқоти он ба шумор меравад. Ошкор намудани моҳияти мабдаъ ё принсипи ақлонӣ-маърифатӣ, имкониятҳо ва аҳамияти он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи файласуфҳои ақлгарои Шарқ будааст. Дар асоси худи ғояи маърифати ақлонӣ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамеша муқаррарот барои идроки эҳтимолии ҳарчи бештар мукаммал ва дақиқи олами воқеии моддӣ ва маънавӣ ҷо гирифтааст. Равиши ақлгаро̄й дар фалсафаи Шарқ, қабл аз ҳама, дар фаҳмиши таносуб ва муносибати инсон бо Худо, олами руҳонӣ ва воқеӣ, муносибат ба худи инсон ва қудрати эҳсоси озодии ӯ сурат мегирад. Аз нуқтаи назари тамоми файласуфони мактабҳои ақлгарои шарқӣ, инсон аз ҷисм ва руҳ иборат буда, руҳ дар шакли нафси оқила зоҳир мегардад ва маҳз бо ҳамин нафси оқила инсонро аз дигар ҳайвонот фарқ мекунонад. Гузашта аз ин, нафси оқила ғайримоддӣ, сода, тақсимнашаванда ва аз ин рӯ, ҷовидона аст. Ба фазли нафси оқила инсон гӯё дар нимароҳи байни олами руҳонӣ ва ҷисмонӣ ва аз тарафи дигар, олами ақлҳо ва Худо қарор дорад ва бо ёрии ин нафс ӯ қодир аст бо Ақли Кулл ва

[18] Иқтибос аз: Хайруллаев М. М. Фараби и его философские взгляды. - М.: Полиграф, 2005. С. 29

ақлҳои дигар дар тамос шавад. Аммо, чуноне ки А.В. Смирнов бо ишора ба таълимоти машшоиёни шарқӣ дар шахсияти Ибни Сино қайд мекунад, “силсилаи сабабӣ-натиҷавӣ на аз Худо ва на аз мафҳуми фалсафии моҳияти илоҳӣ, балки аз Ақли Аввал оғоз меёбад”.[19]

Маҳз чунин масъалагузорӣ мақоми ақлро дар нисбати мақоми имони диндорон ва ё шуҳуди суфиён боло бардошта, барои зери суол гузоштан ва бозбинии баъзе масоили фалсафӣ-динӣ замина гузошт. Ба қавли А.В. Смирнов, мутакаллимон – нахустин “баҳскунандагон” дар фалсафаи шарқӣ ҳуқуқи ақлро барои таҳқиқоти мустақилона собит намуда, тақсимоти соҳаи салоҳияти ақл ва қонун (қонуни илоҳӣ – З.Ҳ.)-ро муқаррар карданд, ки дар он ақл ҳамчун довар дар масоили онтологию гносеологӣ ва соҳаи ахлоқу ҳуқуқ мутлақо тобеи қонуни аз олами боло муайяншуда эълон шудааст. Дар идомаи ин ҳукмҳо, муаллиф менависад: “Албатта, чунин тақсимотро набояд қотеан шадид ва таҳтулафз қабул кард: ҳангоми баррасии масоили онтологӣ мутакаллимон аксаран вобастаи муқаррароти қонун боқӣ мемонанд, ки он на дар ҳамаи масъалаҳо ба ақл имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқҳои он истифода баранд ва дар соҳаи муқаррароти қонунӣ мутакаллимон ҳуқуқи ақлро барои муайян намудани меъёрҳои наве, ки ба матни муқаддас тааллуқ надоранд, бар асоси талаботи ақлонии таҳлили қонуни нозилшуда тасдиқ намуда, дар айни ҳол ба муқобили зоҳириён, “одамони зоҳирпараст” мебароянд, ки онҳо қонунӣ будану амалӣ намудани аъмоли ақлониро барои муайян намудани меъёрҳои нави қонун инкор мекунанд”.[20]

Дар доираи қонуни илоҳӣ, аз нуқтаи назари мутафаккирони Шарқ, минҷумла машшоиёни шарқӣ, инсон тавассути талош барои саодат, рӯ ба сӯйи озодӣ ва халосӣ аз ҳар гуна зулму истибдод мениҳад. Хусусан, дар фалсафаи амалии онҳо, дақиқтараш, дар илми ахлоқ ва ҷомеашиносии онҳо бо таълимоте вохӯрдан мумкин аст, ки тибқи он одамони ҷомеа метавонанд

[19] Смирнов А.В. Что стоит за термином “средневековая арабская философия” (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Издательская фирма “Восточная литература” РАН, 1998. С. 75.
[20] Смирнов А.В. Что стоит за термином “средневековая арабская философия” (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности). С. 62.

ба камол расида, аз олами моддӣ раҳоӣ ёбанд ва ба ин васила хушбахтии олиро пас аз марг пайдо кунанд.

Ҳамин тариқ, дар шакли хеле мухтасар ва умумигардондашуда эътиқоди асосии файласуфони Шарқ чунин будааст. Дар назария, ҳадди ақал, эътиқоди онҳо танҳо ба ақл ва иттилооте, ки аз идроки ҳиссӣ ҳосил мешавад, асос меёбад ва аз ҷониби дигар, дар низоми фалсафии онҳо ба ваҳй ва пешгӯйиҳои илоҳӣ тақрибан таваҷҷуҳ нашудааст, зеро дастёбӣ ба камол ва хушбахтии олӣ барои ҳар касе, ки омода аст, ақли худро истифода барад ва онро барои ин мақсад инкишоф диҳад, имконпазир аст. Вобаста ба ин бошад, дар бораи мавқеи фалсафа баҳсҳо ба миён омадаанд. Баҳсҳо дар бораи салоҳияти фалсафа дар масъалаҳои динӣ аз Ал-Киндӣ оғоз ёфтанд. Монанди навовариҳои дигари ӯ, ғояҳои ин файласуф барои муосирони мо шояд инқилобӣ ба назар нарасанд, аммо дар давраи ӯ дар ин баҳсҳо салтанати ақл ва ақлоният дар иртибот бо омезиши фалсафаи шарқӣ ва фалсафаи мутафаккирони давраи атиқа дар муқоиса бо “илмҳои сирф арабӣ” – сарфу наҳв ва таълиму тафсири Қуръон баръало эҳсос мегардид. Олими рус А.Д. Книш дар бораи аҳамияти омезиши ин фалсафаҳо чунин навиштааст: “Дар рисолаи машҳури худ “Дар бораи фалсафаи аввал”, Ал-Киндӣ тасдиқ мекунад, ки сарфи назар аз решаҳои ғайриисломии фалсафаи Юнони қадим, мусулмонон бояд принсипҳои онро омӯзанд, зеро ба андешаи ӯ, фалсафа шарти зарурӣ барои дарк кардани он чизе аст, ки ӯ “ҳақиқати аввал” номидааст ва он сабаби ҳамаи сабабҳост”.[21] Ин хизмати файласуфони шарқиро дар таҳкими нақш ва аҳамияти ақл барои дастоварди донишҳои ҳақиқӣ Е.А. Фролова бо такя бар таълимоти Форобӣ чунин маънидод намудааст: “Фалсафа, ки ба бурҳонҳои ақлонӣ, ба мантиқ такя мекунад, барои маърифати ҳақиқат, моҳияти ҳастӣ бештар муҳим аст ва ба инсони

[21] Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия // Ишрак. Ежегодник исламской философии. №2. М., 2011. С. 467.

оқил, ки ба ақли фаъол наздик аст, роҳи саодатро мекушояд ва нафси ӯро ҷовидон месозад”.[22]

Дар ҳолатҳои дигар, масалан, нисбат ба масъалаи нубувват ва худи дин низ дар фалсафаи шарқӣ эътибори ҷиддие дода нашудааст. Масалан, Абубакри Розӣ (865-925) дини бар ваҳй асосёфта ва нубувватро комилан инкор намуда, дар бораи ин масъала ошкор изҳори назар кардааст. Пеш аз ҳама, ба гуфтаи ӯ, ҳамаи динҳои бар ваҳйи илоҳӣ асосёфта, масалан, масеҳият, яҳудия ва ислом бар пояи китобҳои муқаддаси худашон бунёд гирифтаанд. Пас, ба қавли ӯ, агар ҳамаи ин навиштаҳо аз ҷониби Худо нозил шуда бошанд, онҳо набояд бо ҳам ихтилоф дошта бошанд, зеро ботил аст, ки Худо бо худаш мухолифат карда бошад. Бо вуҷуди ин, ҳангоме ки мо китобҳои муқаддаси онҳоро баррасӣ ва муқоиса менамоем, мушоҳида мекунем, ки онҳо ҳақиқатан бо ҳам зид мебошанд. Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ё ҳамаи ин китобҳо ва динҳои бар онҳо асосёфта ботиланд, ё яке аз онҳо ҳақ асту дигарон ботил. Сипас, Розӣ мепурсад, ки оё яке аз онҳо воқеан ҳақ аст, ба он ҳадде, ки мо дар бораи онҳо ҳақиқат гуфта метавонем? Ва ӯ ҷавоб медиҳад, ки азбаски Худо бо худ мухолифат карда наметавонад, пас дини ҳақиқӣ дар асоси китобҳои аз ҷониби Худо нозилшуда бояд асос гирад ва он бояд дине бошад, ки дар китоби муқаддасаш зиддиятҳо надошта бошад. Бо вуҷуди ин, идома медиҳад ӯ, агар мо ҳамаи ин китобҳои муқаддасро дида бароем, мебинем, ки ҳар яке аз онҳо зиддиятҳо доранд. Аз ин рӯ, ҳамаи ин навиштаҳо дар якҷоягӣ бо динҳое, ки ба онҳо асос ёфтаанд, бояд ботил бошанд.[23]

Абубакри Розӣ бар зидди динҳои ваҳйӣ далелҳои дигар низ дошт ва яке аз онҳо ба зарурати худи ваҳй ва нубувват дахл дошт. Ӯ эътиқоди қавӣ дошт, ки ақли инсон барои идроки он, ки чӣ гуна рафтор кунад ва ба чӣ бовар кунад, кифоя аст. М. Диноршоев ин ҷанбаи масъаларо мавриди таҳлил қарор дода навиштааст, ки Розӣ “дар партави назарияи хеш дар бораи ақл қазияи

[22] Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. - М.: Языки Славянских культур, 2010. С. 110.
[23] Муҳаммад ибн Закарийа ар-Рази. Расаил фалсафийа. Ҷ. 1. - Ал-Қаҳира, 1939. С. 291-316.

диниро дар бораи нубувват комилан тахайюлию устурав̄ ҳисоб кардааст. Барои ӯ тамоми ҳадисҳо дар бораи пайғомбарон, ки дар китобҳои муқаддаси моқабли Қуръон ҷойдошта инъикос ёфтаанд, устурав̄ ба назар мерасанд”[24].

Баъзе файласуфони дигари машшоияи шарқ̄, ба монанди Форобӣ ва Ибни Сино низ ҳангоми баррасии масъалаи вуҷуд доштани динҳо, кӯшиш кардаанд, ки дар нисбати онҳо як навъ тавзеҳҳои ақлониро пешкаш намуда, хусусияти динии онҳоро низ нигоҳ доранд. Масалан, Ибни Сино исбот мекунад, ки нубувват ва ваҳй барои фаъолияти дурусти ҷомеа заруранд. Далели ӯ, ки дар китоби “ан-Наҷот” оварда шудааст, чунин аст: қабл аз ҳама, инсон наметавонад ҷудо аз наздикони хеш зиндаг̄ кунад ва ба хотири беҳбуд̄ ва хушбахтии худ бояд дар ҷомеае зиндаг̄ кунад, ки дар он бо одамони дигар ҳамкор̄ карда тавонад. Ҷомеа ба таври муътадил кор карда наметавонад, агар он бо маҷмуи қонунҳо ба танзим дароварда нашуда бошад ва аз ин рӯ, зарур аст, ки қонунгузоре бошад, ки ин қонунҳоро мураттаб сохта, то ҷомеа расонад. Ва ин қонунгузор бояд шахс бошад, зеро танҳо шахс метавонад бо одамони дигар муошират намояд. Аз тарафи дигар, қонунгузори мазкур ин қонунҳоро ба ихтиёри хеш таҳия карда наметавонад, зеро азбаски одамон дар фикру ақидаашон гуногунанд, сабабе зарур аст, ки одамон на қонунҳои баъзе ҳуқуқшиносон, балки маҳз қонунҳои чунин қонунгузорро қабул карда тавонанд. Аз ин рӯ, қонунгузор бояд илҳоми илоҳ̄ дошта, наб̄ бошад ва илова бар ин, бояд аз дигарон бо баъзе хусусиятҳои зеҳнию ақлон̄ фарқ намояд, то мардум итминон дошта бошанд, ки ӯ дар воқеъ илҳоми илоҳ̄ гирифтааст. Ибни Сино дар идомаи он навиштааст: “Бинобар ин будани пайғомбар воҷиб бошад ва бояд ки он инсон бувад ва ӯро хусусияте бошад, ки дигаронро нест, то мардум дар ӯ чизеро дарёбанд, ки дар онҳо набошад ва бо ҳамин [пайғомбар] аз эшон имтиёз дошта, дар натиҷа ӯро муъҷизаҳое бошанд, ки аз онҳо хабар додем”.[25]

[24] Диноршоев М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази. - Душанбе, 2013. С. 234.
[25] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.3. - Душанбе, 2007. С. 349.

Дар ин гуфтаҳо, агар ҷанбаи динии масъаларо як тараф монем, масъалаи озодии инсон дар дохили ҳар гуна ҷомеа, ки дорои қонунҳои дохилии худаш буда, инсон ба хотири манфиати умумӣ як қисми озодиашро ба хотири он қурбон мекунад, матраҳ мешавад. Аз нуқтаи назари қонун барои инсон озодии аҳдномаҳо ва шартномаҳо бо одамони дигар дода шудааст. Ҳеҷ кас барои ҳадафҳои шахсиаш каси дигарро бар хилофи озодии иродаи ӯ кор фармуда наметавонад. Дар иртибот бо ин тезис, Форобӣ дар асараш “Мадинаи фозила” таъкид намудааст, ки ба даст овардани хушбахтӣ аз ҷониби инсон метавонад танҳо дар ҷомеае амалӣ гардад, ки ба кӯмаки ҳамкорӣ ва ҳамбастагӣ асос ёфтааст, аммо на дар ҷудоии шахс аз он. Хушбахтӣ вақте ба даст меояд, ки одамон ба дарки «ҳамоҳанг зиндагӣ кардан» мерасанд ва тавассути ин ба тарбияи дуруст, идоракунии дуруст ва нуқтаи назари дурусти одамон поя мегузоранд. Масъалаи асосӣ бошад, дар ин ҷо чунин аст: чӣ гуна ба чунин ҳолати ҷамъият ва рушди он ноил шудан мумкин аст, ки имкон медиҳад, то дар бораи мувофиқати бадастомадаи манфиатҳо, ниёзҳо ва ҳадафҳои иттиҳодияи муштарак ва зиндагӣ сухан ронда шавад? Ба ақидаи Форобӣ, ноил шудан ба ҷомеаи ахлоқӣ дар натиҷаи донистани принсипҳои умумиинсонӣ, ки дар онҳо зиндагии муштараки одамон бунёд мегардад, дар пайи ҳосил намудани донишҳо дар бораи некиву бадӣ, адолат ва ё ҷой надоштани он, рафтори ахлоқӣ ва ғайра имконпазир аст. Аз ин рӯ, дониш бояд барои инсон ибтидоӣ бошад ва ба ӯ имконият диҳад, ки мувофиқи он амал намояд ва баъдан, ба бадӣ ва беадолатӣ роҳ надиҳад, зеро онҳо тавассути ҷаҳолати одамон ба вуҷуд меоянд. Форобӣ чунин мешуморад, ки инсон ва ҷомеа дар ҳоле фозила ҳастанд, ки агар аз сабабҳои хуб ва бад дарак дошта бошанд ва аз рӯйи онҳо амал кунанд, бинобар ин, онҳо бояд принсипҳоеро, ки дар асоси онҳо одамон дар байни ҳамдигар ва роҳи ҳамдигарфаҳмӣ сохтаанд, дарк карда тавонанд. Ҳамин тариқ, Форобӣ таълимотро дар бораи ҳаёти давлатӣ ва ҳукуматдорӣ дар давлат бар асоси дониш ва парвариши идеологияи маърифатпарварӣ сохта, мардумро аз ҳолати ҷаҳолат берун мекунад. Донистани сабабҳои бунёди

давлати хайр нуқтаи ибтидоӣ барои фаҳмидани он аст, ки хушбахтии шаҳрвандонашро таъмин месозад. Давлат, мегӯяд Форобӣ, дар ибтидо аз ниёзмандии шахс барои муошират бо одамони дигар дар раванди ба даст овардани воситаҳои зарурии зиндагӣ ва дар оянда таъмин намудани на танҳо шароити моддии мавҷудият, балки рушди фарҳангӣ ва маънавӣ ташаккул меёбад. Ӯ менависад: “Барои ноил шудан ба камолоти барои ҳар як шахс дастрасбуда, ӯ ба муҳити одамони дигар, ба иттиҳоди онҳо ниёз дорад... ба ин махлуқ аз рӯйи табиати ӯ паноҳгоҳ ёфтан ва дар иҳотаи намояндагони дигари ҷинси худ зиндагӣ кардан хос аст. Аз ин рӯ, ӯро ҳайвони инсӣ ё шаҳрвандӣ меноманд».[26] Эҳтимолан, ба чунин ақоиди Форобӣ ғояи умумишарқии шаҳр ё давлати хаёлӣ таъсир расондааст ва аз ҷониби дигар, бо ин ғоя ва таълимоташ дар бораи мадинаи фозила ӯ баъдан ҳамрадифи Жан Жак Руссо ва таълимоташ ҳамшабеҳи “Аҳдномаи иҷтимоӣ”-и ин мутафаккири фаронсавӣ ҳисобида шудааст.

Масъалаи озодии инсон дар доираи фаҳмиши шарқии он ҷанбаҳои гуногун дорад. Аз ҷумла, дар муқоиса бо Абубакри Розӣ дар андешаҳои Ибни Сино вобастагии инсон аз шариат ё инкори рӯйирости имтиёзи ваҳйи пайғомбар ва дини ислом мушоҳида карда намешавад. Дар ин ҷо, баръакс, исботи зарурати пайғомбарӣ ва пас, исботи зарурати ваҳйи илоҳӣ равшан маълум аст. Аз ин ҷо, итоат ва тобеияти инсон ба Худо ва қонунҳои илоҳӣ ва дастурҳои пайғомбарон низ рӯйирост дар ин андешаҳо ифода ёфтаанд. Ҳамин тавр, Ибни Сино пайғомбаронро аз файласуфон болотар мегузорад, зеро пайғомбар, ба ақидаи ӯ, шахсест, ки назария ва амалия, ақл ва имонро бо ҳам муттаҳид мекунад. Барои ӯ, чуноне ки С.Ҳ. Наср менависад, “ваҳй на тавассути фаришта Ҷабраил, балки натиҷаи шуҳуд ё ҳадси олиест, ки ба ақл хос аст”.[27] Дар ин ҷо маълум аст, ки Ибни Сино, ҳарчанд аз муқаррароти дин берун намебарояд, аммо онро айнан қабул надошта ва баъзе аз онҳоро инкор намуда, кӯшиш менамояд, ки ба он “бӯйи фалсафӣ” бахшад. Пас, агар

[26] Аль-Фараби. О достижении счастья // Аль-Фараби. Социально-этические трактаты / Пер. с арабского. – Алма-Ата: Наука, 1973. – С. 296.
[27] Nasr, S. Hossein 1999. Three Muslim Sages. Lahore: Suhail Academy, pp. 42-43.

эътиқодҳои фалсафӣ ва эътиқодоти динӣ бо ҳам зид бошанд, кадоме аз ин эътиқодҳоро ҳақиқӣ қабул кардан мумкин аст? Агар мо эътиқодҳои ҳақиқии фалсафиро, ки дар доираи ақлгароӣ исбот шудаанд, қабул кунем, оё мо метавонем, ки эътиқодоти диниро низ ҳамчун ҳақиқат қабул кунем, хусусан, агар онҳо бо эътиқоди фалсафии мо мухолиф бошанд?

Файласуфони шарқӣ ба саволҳои болозикр чӣ ҷавобҳо доданд? Тавре ки қаблан қайд карда будем, Абубакри Розӣ ҳамаи эътиқодоти диниро ботил меҳисобид ва аз ин рӯ, манфиатдор набуд, ки онҳоро бо эътиқоди фалсафӣ созиш диҳад. Аммо, файласуфони машшоии дигари Шарқ, аз қабили Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Ибни Рушд, Ибни Туфайл ва дигарон кӯшиш кардаанд, ки таълимоти диниро бо эътиқоди фалсафии худ созгор созанд. Онҳо чунин созишро бо истифода аз усули маҷозӣ – таъвили матнҳои муқаддас анҷом додаанд, ки дар он ақлгароӣ мақоми хоса дошт. Чуноне ки дар таълимоти Форобӣ дидем, яке аз майлонҳо дар “рушди ақл” ҷанбаи иҷтимоии он мебошад, ки бо тақозои болоравандаи озодихоҳӣ аз завлонаи донишҳои илоҳиётшиносӣ ва фиқҳӣ иртибот дошта, барои коркарди таълимот оид ба тақсими дониш ба “зоҳир” ва “ботин”, яъне донишҳое, ки ба хос ва ом(м) дастрас мебошанд, замина мегузорад. Мардуми бесавод ё камсавод бояд ба донишҳое, ки аз тариқи рамз ё маҷоз баён шудаанд, қаноат кунанд. Ҳикмати ҳақиқӣ ин афзалияти хосагону баргузидагон мебошад ва онҳо ба донишҳое дастрасӣ доранд, ки қобили ифшо нестанд.[28] Ин мавқеъро Ибни Рушд ҳам дастгирӣ кардааст, ки каме поёнтар тавзеҳ меёбад.

Аз ҷониби дигар, мутафаккирони зикршуда тамоми эътиқодоти диниро бар хилофи эътиқодҳои фалсафиашон тавре тафсир мекарданд, ки ҳардуи ин эътиқодоту ақидаҳояшонро созиш диҳанд. Барои муҳаққиқони фалсафа ва дин маълум аст, ки мутафаккирони фавқуззикр инчунин, тафсири маҷозӣ - таъвилро барои мубориза бо таълимоти зиддунақизе, ки дар сарчашмаҳои исломӣ пайдо намудаанд, истифода кардаанд. Тафсири маҷозӣ ё таъвил ва

[28] Ибн Сина. Указания и наставления //Ибн Сина (Авиценна). Избранные философские произведения. М.: «Наука», 1980. С. 331–332, 364, 367–368, 372.

аҳамияти онро дар фаҳмиши матнҳои динӣ дар асари Ибни Рушд “Фасл ул-мақол” мушоҳида кардан мумкин аст, ки чунин оварда шудааст: “Дини ислом ҳақ аст ва таҳқиқоте ба бор меорад, ки боиси шинохти Ҳақ мегардад ва “бешубҳа медонем, ки таҳқиқоти бурҳонӣ ба хулосаҳое оварда намерасонанд, ки бар хилофи китоби муқаддас бошад, зеро ҳақиқат ба ҳақиқат мухолиф нест” ва дар бораи он шаҳодат медиҳад ва “агар бо он мухолиф бошад, пас, барои он таъвил ба кор меравад”. Дар идомаи ин гуфтаҳо Ибни Рушд илова мекунад: “Маънои таъвил дар тавсеаи мазмуни бурҳонҳо аз хусусияти воқеӣ ба маҷозӣ бидуни даст кашидан аз таҷрибаҳои меъёрии забони арабӣ, ба монанди номгузории ашё бо номи чизи дигари шабеҳи он, ё сабаб, ё натиҷа ва ё ҳамроҳи он, ё чизҳои дигар, масалан онҳое, ки дар тавсифи навъҳои нутқи маҷозӣ номбар шудаанд”.[29]

Ҳамин тавр, барои файласуфоне чун Ибни Сино ва Ибни Рушд таълимоти динӣ ҳақиқӣ маҳсуб меёфтанд ва ҳадди ақал ҳангоми дуруст шарҳ додани онҳо бо ҳақиқатҳои фалсафӣ мухолифат надоштанд. Аммо худи воқеияте, ки дар матнҳои динӣ тавассути таъвил ҷӯё шудани маъниҳои ботинӣ, ки аксаран хусусияти маърифати фалсафӣ дошта, як навъи “нобоварӣ” ба маъниҳои зоҳирии ин матн ба ҳисоб меравад, бешак, хусусияти аз итоати таъбири фақеҳону илоҳиётшиносон берун баромадан ва озодихоҳӣ доштани таъвили ин мутафаккиронро нишон медиҳад. Бояд зикр кард, ки бо истифода аз усули таъвил минбаъд дар афкори мутафаккирони шарқӣ на танҳо хусусияти шаккокияти фалсафӣ ба маънои талошҳо барои дарёфти ҳақиқатҳои нуҳуфта ё ботинӣ, балки замина барои фаъолияти сирф илмӣ, масалан, дар соҳаи илмҳои табиатшиносии ин давра ва рушди он пайдо гардид. Дар рушди илм машшоиёни шарқӣ саҳми бузург гузошта буданд, ки ба қатори онҳо Абу Райҳони Беруниро (973-1048/50) низ дохил мекунанд. В.Р. Розен - яке аз муҳаққиқони осори Берунӣ ба таҳқиқоти ӯ чунин баҳо додааст: “Аз он (асари “Ҳинд”-и ал-Берунӣ – З.Ҳ.) руҳи интиқодии беғаразона бармеояд, ки комилан аз таассубҳо ва хурофотҳои динӣ, нажодӣ,

[29] Ибн Рушд. Китаб фасл ал-мақал. – Бейрут, 1984. С. 49-52.

миллӣ ё табақавӣ озод аст..., аз он вусъати андешаҳои ҳақиқатан ҳайратангез, хулласи калом, руҳи илми ҳақиқӣ ба маънои муосири ин калима бармеояд. Дар он, пас аз ин, нафасе ба гӯш мерасад, ки ташнаи ҳақиқат ва ростӣ мебошад, ки ҳаққро аз ҳама боло гузошта, ба сӯйи ҳақиқат бечуну чаро ва доимо талош менамояд”.[30]

Муносибати нав ба олам ва инсон аз ҷониби аксари мутафаккирони машшоияи шарқӣ, ки дар натиҷаи омезиши таълимоти онҳо бо ақоиди юнониёни қадим, махсусан, навафлотуниён, ҳосил гардид, бар он ақида асос меёфт, ки ҳама чизро маърифат кардан мумкин аст. Ваҳдати коинот, ки бояд дар ягонагии илмҳо инъикос ёбад, таваҷҷуҳи олимони миллатҳо ва халқҳои гуногуни Шарқ, бахусус, тоҷиконро ба вуҷуд овардааст: дар байни тамоми мавҷудоти зинда робитаи умумиҷаҳонӣ вуҷуд дорад (дар фалсафаи муосир коэволютсия – эволятсияи ҳамгирои куллӣ). Ин робитаро махсусан байни табиатшиносӣ ва фалсафа пайдо кардан мумкин буд. Ин саъю талошҳои мутафаккирони шарқӣ барои касби дониши илмҳои қадимӣ ба ду равия тақсим гардид: яке аз онҳо равияи герметикӣ-пифагорӣ буд, ки тибқи фарзияи онҳо илмҳои табиӣ ба тафсири рамзии падидаҳои физикӣ ва математикӣ такя мекунанд. Бо баррасии густариши ҳикмати пайғамбарони қадим, ин равиш бештар на ба дониши инсонӣ, балки ба илҳоми илоҳӣ такя мекард ва он маърифатшиносии навъи пайғомбариро ба вуҷуд овард, ки дар он на танҳо ҳассосият ва ақл ҳамчун қобилияти дониш амал мекунанд, балки тахайюл ё ваҳм низ ҳамчун тасаввури эҷодкорона арзиши фавқулодае пайдо мекунанд, яъне инсон қодир ба дарк кардани олами ваҳму тахайюл ва олами рамзӣ низ мебошад.

Тамоюли дигар ин навафлотунӣ-арастуӣ аст, ки хусусияти бештар фалсафӣ дошта, дар он пайравӣ аз ақлгароии қиёсӣ сурат мегирад. Барои ҷонибдорони он ҳадафи касби дониш дарёфтани ҷойгоҳи ашё ва талоши худи инсон барои улувияти мақоми хеш ва озод будан аз тобеият ба ҳодисаҳою

[30] Иқтибос аз: Беруни и его “Канон Мас‘уда” // Абу Райхан Беруни. Избранные произведения. Т. 5. Ч. 1. - Ташкент, 1973. С. 9

ашё дар низоми ақлгароии мавҷудоти олам ва ба он ноил гардидан буд, ки кӯшишҳои бузурги инсониро таҳозо мекард; кӯшишҳое, ки бо худи табиати ақл маҳдуданд. Маҳз ин ҷунбиш ақлро дар Шарқ васеъ ба кор бурда, шиддати ақлгаро̄ва анъанаро ба дараҷаи олӣ овард, ки он дар асарҳои Ибни Сино, Форобӣ, Насируддин Тӯсӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Рушд ва Ибни Халдун инъикос ёфтааст.

Масалан, Абубакр Розӣ дар китоби худ “Тибби руҳонӣ” дар бораи мақоми ақлу ақлгаро̄ ҳамчун абзору олат барои беҳбуди кору аъмолаш чунин навиштааст: “Гӯем, ки мо бар ҳасби тамсил ва қиёси ақлӣ бисёре аз паёмадҳои умур ва фарҷоми корҳоро бармеангорем ва онҳоро чунон дармеёбем, ки гӯӣ дар гузашта буда ва сайре шудаанд. Пас аз гунаҳои зиёнбори онҳо дурӣ меҷӯем ва ба судоварҳо рӯй меоварем. Бад-ин сон беҳзистӣ ва тандурустии мо аз чизҳои ногувор ва ранҷбору нобудгар бештар аст. Пас, сазост, ки мо ин фазилат [ақл]-ро бузург ва гиромӣ дорем, онро ба кор гирем ва аз он ёрӣ ҷӯйем; умури худро бар ҳасби ҳукми он ба иҷро дароварем, чун роҳе ба сӯйи раҳоӣ ва тандурустӣ мебошад”.[31]

Тибқи гуфтаи Розӣ, ҳар як инсон бо майли якхела ба сӯйи касби дониш тавассути ақл таваллуд мешавад, аммо баъзеи онҳо аз дигарашон аз рӯйи фаъолияти ин қувваи ақлӣ фарқ мекунанд: баъзеҳо онро парвариш медиҳанд, дигарон онро фаромӯш мекунанд ё бо роҳҳои гуногун роҳнамоӣ менамоянд. Файласуфон ашхосеанд, ки майлашон ба сӯйи илму дониш бештар аст ва рисолати онҳо нафсро аз шавқу ҳавасҳо ҷудо кардан ва маърифати олам иборат аст. Пас, хулоса мекунад Розӣ, ҷойгоҳе барои пайғомбарӣ вуҷуд надорад, ки дастгиркунандаи ҳама гуна ваҳйҳо ё шуҳуди асроромез бошад ва он бемантиқ аст. Дурӯғи пайғомбаронро ихтилофи байни онҳо ва далели он, ки ҳар кадоме худро махзани ягонаи ҳақ мешуморанд, ошкор месозад. Аз ин рӯ, ягона имоне, ки инсон метавонад дошта бошад, имон ба худ ва қудрати ақл аст, ки онро илму дониш ба инсон ато мекунад ва тавассути он инсон

[31] Муҳаммад ибн Закарийа Рази. Тибби руҳонӣ (Рисола дар равоншиносии ахлоқ). – Теҳрон, 1381. С. 94 (ба забони форсӣ).

метавонад воқеан худро такмил диҳад: “Пас, гӯем, ки хирад чизи барин ва бартару беҳинро аз назари паёмадҳои умур мебинад ва мегузинад ва тарҷеҳ мениҳад, ҳатто агар нафсро дар оғози корҳо аз он сахтӣ ва нотавону душворӣ бошад”.[32]

Дар Шарқ чунин тамоюлгирии андешаро шумораи хеле ками мутафаккирон доштаанд. Сабаби инро ба осонӣ тахмин кардан мумкин аст: аксари онҳо, эҳтимолан, оқибатҳои чунин муносибатро дарк карда, зарурати динро пазируфтаанд ва мавқеи мусолиҳакоронаро пеш гирифтаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки ин гуна мутафаккирон аз ақоиде, ки дар баъзе ҳолатҳо хилофи дин бошанд, пурра даст кашида бошанд: низоми таълимоти онҳо, дар мисоли Берунӣ дар бораи Олам ва ҷанбаҳои физикию кайҳоншиносии он ин нуктаро исбот мекунад, ҳарчанде ки ин гуна мутафаккирон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки таълимоти онҳо бо ислом созгор монад.

Ҳамин тавр, яке аз омилҳои муҳимтарини дигар барои пайдоиши афкори озодихоҳӣ ва озодипарастӣ дар таълимоти файласуфони шарқӣ равиши шаккокият ё шаккгароӣ (скептитсизм) ва интиқодгароӣ (крититсизм) мебошад. Вале, чуноки медонем, пайдоиши шаккгароӣ дар Шарқ асосан ба илмҳои инсоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ алоқа дорад, агарчи робита байни шаккгароии фалсафӣ ва маърифати илмӣ хусусияти сатҳӣ дошта, тафаккури илмӣ аслан шаккокона аст – он ҳамеша ба он талош мекунад, ки ашёи зоҳирро таҳти шубҳа қарор диҳад ва ҳақиқати пасипардагӣ, ботинии онро ифшо намояд. Барои ҳамин, шояд, шаккгароӣ дар Шарқ як марзест, ки дар он тафаккури назариявӣ дугуна мешавад – аз як тараф, тафаккури динӣ-фалсафӣ ва аз ҷониби дигар, тафаккури фалсафӣ-илмӣ тасвири оламро манзур месозанд. Баъзе аз мутафаккирони шарқӣ, монанди Закариёи Розӣ, дар ҳолати дуюм нисбат ба ақоиди динӣ рӯйирост эътироз баён намуда, аз он даст кашиданро авлотар донистаанд. Дар ин бора А.Д. Книш чунин навиштааст: “Ҳамзамон, “табиби Рай” шахсе буд, ки дар зиндагиаш инсони

[32] Муҳаммад ибн Закарийа Рази. Тибби руҳонӣ (Рисола дар равоншиносии ахлоқ). С. 100.

маъюсе буд ва аз беадолатию бераҳмии воқеияти атроф шадидан нигаронӣ дошт. Ин ноумедӣ, аз ҷумла, дар муносибати бениҳоят шаккоконаи ӯ ба динҳои асосии даврони худ, алалхусус, дар охири умраш ифода меёбад. Тибқи як ривоят, ӯ дар пиронсолиаш ба нобиношавии ҳарду чашмаш гирифтор шуд, аммо дидаю дониста аз табобат даст кашид ва далел овард, ки дигар намехоҳад нокомилӣ ва пастию разолати олами атрофашро бубинад”.[33] Ин як навъ эътирозе буд ба муқобили паст задани шарафи инсон ва озодихоҳии ӯ дар ҷомеа.

Дар навбати худ, фақеҳону илоҳиётшиносон низ бетарафӣ зоҳир наменамуданд ва ба муқобили афкори фалсафӣ ва файласуфони машшоӣ асарҳо эҷод менамуданд. Дар байни мутафаккироне, ки масъалаҳои вобаста ба ҳифзи донишҳои диниро ба таври возеҳ ба миён гузошта буданд, Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111) буд. Дар осори ӯ таълимоти калом ё илоҳиёти суннатӣ, ки дар асарҳояш таҳия ва моҳияти онҳо кушода шудаанд, ба назар мерасад, ки нигарониҳои асосии ӯ, аз як тараф, баҳогузорӣ кардани ҳудуди донишҳои ақлонӣ дар робита бо ваҳйи қуръонӣ ва аз тарафи дигар, таъмин намудани пояи муайяни метафизикӣ барои тасаввуроти қудрати азими илоҳӣ иборат буд. Дар ҳар ду ҷанба, суннати бунёдӣ фақат ба нақш ва қудрати илоҳӣ таваҷҷуҳ ва таъкид намуда, ақл ва фаъолияти инсонро тақрибан сарфи назар менамуд. Вориси ин анъана Ғазолӣ ҳатто дар доираи хати машйи калом асаре эҷод мекунад ва дар боби амалӣ намудан ва “таҷдиди ҳақиқӣ ва саҳеҳи динӣ” талош меварзад, ки натиҷаи муҳимтарини он асаре бо номи “Эҳйо улум ид-дин” мебошад. Дар баробари дифоъ аз муқаррароти динӣ, Ғазолӣ беамон бар зидди файласуфони ақлгарои Шарқ бармехезад. Аммо бо вуҷуди пайравӣ аз суннатҳои бунёдӣ, Ғазолӣ мекӯшад, ки мақоми ақлро барқарор кунад ва онро дар ҳудуди воқеии он гузорад, пас, худаш ҳам ба фалсафа рӯ меоварад.[34]

---

[33] Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия // Ишрак. Ежегодник исламской философии. №2. М., 2011. С. 469-470.

[34] Абу Хамид Мухаммад аль-Газали. Возрождение религиозных наук. Т.1. – Махачкала, 2011. С.267-279.

Дар асари дигари Ғазолӣ “Таҳофут ал-фалосифа” на танҳо ақлгарой, балки тезисҳои файласуфон дар бораи дифоъ аз ақоиди илоҳиётшиносӣ мавриди танқид қарор доранд, ки минбаъд онро файласуфи машшоӣ Ибни Рушд дар асараш бо номи “Таҳофут ут-таҳофут” зери интиқоди шадид гирифтааст. Ғазолӣ, аз ҷумла, дар ин асараш бо ишора ба Ибни Сино навиштааст: “Чӣ гуна шумо он файласуфонро рад мекунед, ки гуфтаанд, ки дониши зиёд, нишон додани шараф нест? Азбаски инсон табиатан нокомил аст, ба дониш ниёз дорад, то бо он комил гардад. Инсон шарафашро бо маъқулот афзоиш медиҳад - ё дармеёбад, ки барои ӯ дар дунё ва охират чӣ чизи арзанда аст; ё зоти торик ва номукаммали худро такмил медиҳад... Шумо бо ҳамаи файласуфони дигар розӣ ҳастед, ки Худо аз ин чизҳо озод аст, зеро чизҳои тағйирёбандаи дохилӣ (ки ба замон дохил мешаванд ва ба “буд” ва “ҳаст” ҷудо мешаванд) ба Аввал маълум нестанд... Пас, мо ҳамаи ҳодисаҳои муваққатиро медонем ва ҳамаи маъқулотро дарк мекунем, дар ҳоле ки Худо ҳеҷ мушаххасотро намедонад ва ҳеҷ маъқулотро дарк намекунад... Ва озодии ӯ аз донистани куллиёти ақлӣ ҳеҷ гуна нуқсон набуда, барои исботи ғайри Ӯст”.[35] Ногуфта намонад, ки ин муборизаи Ғазолӣ бо файласуфони машшоияи шарқӣ яке аз омилҳои пастравии тафаккури фалсафию илмӣ дар Шарқ гардид.

Таҷрибаи ғоявии Ибни Сино дар бораи инсон ҳамчун пешгузаштаи эҳтимолии когитои картезиании Декарт ба шумор рафта, дар шаклҳои гуногун ва бо таъкидҳои мухталиф дар матнҳои якчанд асарҳои Ибни Сино (“Шифо”, “Ишорот ва танбеҳот”, “Рисолат ул-азҳавия” ва ғайра) тафсир меёбад. Хулосаи умумии онҳо чунин аст: тасаввур мекунем, ки Худо инсони баркамол ва комилан фаъолиятро аз ҳеҷ чиз офаридааст. Инсон дар ҳаво муаллақ аст, чашмонаш парда гирифта, дасту пойҳояш ҷудо шудаанд, то ба бадани худ нарасанд, садо ва бӯй нест. Ба ибораи дигар, ин шахс дар ҳолати маҳрумии ҳиссӣ қарор дорад. Ғайр аз ин, ӯ танҳо офарида шудааст, бинобар ин, ӯ аз таҷрибаи пешинаи ҳиссӣ ёд надорад. Ибни Сино савол мегузорад,

[35] Ал-Ғазолӣ. Таҳафут ал-фаласифа. - Ал-Қаҳира, 1969. С. 202 (ба забони арабӣ).

шахсе, ки дар ин ҳолат аст, чиро медонад: аввалан, ин инсони муаллақ аз ҳастии худаш огоҳ хоҳад буд ва дар ниҳоят хулоса мекунад, ки нафси инсони муаллақ худашро медонад, на ҷисми худро: “Аз он ҷо, ки дар ҳолати фарзшуда инсон аз бадани худ ғофил аст, аммо аз нафси хеш ғофил нест, метавон ба тағойири миёни нафс ва бадан даст ёфт”.[36]

Дар натиҷаи таҳлили порчаи матни мазкур метавон се самти маърифатиро муайян кард: 1) файласуф мунтазам шакку шубҳаро дар дарки масоили вобаста ба инсони муаллақ (худи гузориши ин масъала ҳам нишонаи шаккгарой аст) ҳамчун усули таҳқиқ истифода мекунад ва ин шакку шубҳаи Ибни Сино дар муқоиса бо шакку шубҳаи Декарт, ки умумӣ ва метафизикӣ аст, ба мисол ва пешниҳодҳои мушаххас дахл дорад; 2) барои Ибни Сино шубҳа кардан, андеша рондан ва маърифати ҳастии шахс дар натиҷаи шубҳа ҳосил мегардад. Агар дар маҷмуъ ақоиди шаккоконаи Ибни Синоро бо cogito, ergo sum-и Декарт баррасӣ намоем, ба чунин хулоса мерасем: маърифати инсони Декарт аз тариқи шакку шубҳаи ифротӣ (барои ӯ чизе вуҷуд надорад, ба ҷуз худи ӯ) ва Ибни Сино бошад, аз тариқи маърифати таносуби нафс ва ҷисм, яъне худшиносӣ ҳосил мегардад.

Ибни Сино шаккгароиро на ҳамчун принсип, балки ҳамчун як навъ силоҳи муҷодала ба муқобили догматикҳо ба кор мебарад ва як навъ майдони озодфикриро ба вуҷуд меоварад. Дар ин майдони ҷадал манфиатҳои тарафайн гуногунанд, монанди он ки Секст Эмпирик ин гуна муборизаҳои маънавӣ-ҷадалиро чунин тасвир кардааст: “Онҳо пиррониҳо (пайравони муқаррароти мутафаккири Юнони қадим Пиррон – З.Ҳ.) инчунин эътироз кардаанд ва он на аз рӯйи душманӣ ба касе (чунин нуқсон аз хоксории онҳо хеле дур аст) буд, балки ҳиссиёташон нисбат ба илмҳо низ мисли тамоми фалсафа буд. Маҳз дар фалсафа онҳо бо ҷустуҷӯйи ҳақиқат аз ҳар гуна ҳукмрониҳо худдорӣ карда буданд, зеро бо он чиз рӯ ба рӯ шуданд, ки

[36] Ибн Сина. Аш-Шифа. Ат-Табиъийат. Ҷ. 2. – Қум, 1405 ҳ.қ. С. 225.

мубоҳисаҳо бояд байни тарафҳои баробар қарор гиранд, дар ҳоле ки дар ашё низ фарқият вуҷуд дорад”.[37]

Дар фалсафаи машшоиён шаккокият на фақат дар нисбати худи инсон ва аъмоли ӯ, балки аз он болотар, дар нисбати Худо ва муносибати Ӯ нисбат ба олам ва мавҷудоти он низ мушоҳида мешавад ва он як анъанаи деринаи ручуъ ба принсипи имкони дахолати ғайритабиӣ аст, ки оқибатҳои назарраси шаккгаро̄й дошта, аз мутафаккирони қадим боқӣ мондааст. Мо аз тафсили ин масъала дар ақоиди мутафаккирони қадима ба иллати камбудии ҳаҷми кори таҳқиқотиамон сарфи назар намуда, фақат зикр мекунем, ки матнҳои нахустини ин хати ақоидро аз Академияи Тситсерон дарёфтан мумкин аст. Барои мисол, порчаи зеринро дида мебароем: “Агар руъёеро, ки Худо ба шахси хобрафта нозил мекунад, эҳтимолӣ бошад, чаро он комилан шабеҳи ҳақиқат нест ва чаро чунин буда наметавонад, ки ба душворӣ аз навъи ҳақиқии он фарқ мекунад ва ё фарқ намекунад, дар ниҳояти кор – чунин бошад, ки байни онҳо ягон фарқе ҷой надошта бошад?... Кӣ бо ту розӣ шуда метавонад, ки ҳамаи инҳоро Худо ба иҷро расонда метавонад ва агар метавонист, чаро маҳз ба ҳамин тарз иҷро кард?”.[38] Чунин пурсиши қадам ба қадам (дар фалсафаи тоҷик ин гуфтаҳо айни ақидаи Носири Хусрав дар “Мунозира бо Худо” аст) ба натиҷае мерасонад, ки Худо метавонад тасвири бардурӯғе ба вуҷуд орад, ки он ба андозаи онҳое, ки ҳақиқатан ҳақ ҳастанд, боварибахш буда тавонад. Ҳамин тариқ, “нуқтаи назари равоқӣ”, менависад ӯ, “ба хулосае меоварад, ки Худо метавонад моро дар ҳама гуна тасвирҳо фиреб диҳад”.[39]

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки хулоса (далелҳо)-и шубҳанокро на Тситсерон ва на машшоиёни шарқӣ (чуноне ки дар боло таҳқиқ намудем) аз қудрати илоҳӣ муҳофизат намекунанд ва ҳамчун принсипе ба кор меравад, ки тибқи он Худо ё сабаби аввал ягон феъле беасос зоҳир намекунад, ки

[37] Эмпирик С. Сочинения в двух томах. Общ. ред. А. Ф. Лосева. Пер. с древнегреч. Т. 2. - М.: «Мысль», 1976. С. 52.
[38] Цицерон М.Т. Учение академиков / Пер. Н.А. Федорова. - М.: Индрик, 2004. С. 125.
[39] Дар ҳамон ҷо. С. 126-127.

инсонро ба сӯйи иштибоҳ роҳнамоӣ намояд, зеро он “бо меҳрубонии илоҳӣ” созгор нест. Ин нуқтаи назар ҳатто дар ақидаи яке аз мутафаккири шаккок Закариёи Розӣ ҷой дорад, ки ба хулосае омадааст, ки “Офаридгор, ки номаш гиромӣ бод!- хирад аз он ба мо арзонӣ дошт, то битавонем аз баҳра ва судҳои онӣ (фаврӣ – З.Ҳ.) ва отӣ (оянда – З.Ҳ.) бархӯрдор шавем, чизҳое, ки дастёбӣ бар онҳо дар гавҳари ҳастии мо ниҳода шудааст. Хирад бузургтарин неъматҳои Худо дар назди мо ва судмандтарин чизҳост, ки беҳтар аз он набошад. Ҳам бо хирад мо бар чорпоёни ногӯё бартарӣ ёфтаем, чунонки бар онҳо чира гашта ва ромашон кардаем ва онҳоро ба гунаҳои самарбахш ҳам барои худамон ва онҳо даровардаем, ҳам бо хирад он чиро, ки бар фарозамон медорад, зиндагиамонро неку беҳин месозад, дармеёбем ва ҳам бад-он ба ормонҳо ва орзуҳомон даст меёбем”.[40]

Бо вуҷуди он, ки низоъҳои маънавӣ ва баҳсҳои ақлонӣ дар мавзуи озодӣ ва итоату тобеияти инсон дар байни ақлгароён (ратсионалистҳо) ва куҳнагароён (консерваторҳо) идома меёфтанд, ақлгароҳо оҳиста-оҳиста мавқеи худро аз даст додан гирифтанд. Ақидаҳои шаккоконаи онҳо ба ҳамлаи афкори ақлгароии мактаби ашъарӣ ба муқобилияти шадид дучор омаданд. Ин мактаб кӯшиш кард, ки ҳимояи мантиқӣ ва оқилонаи эътиқод ва амалҳои исломиро таъмин кунад. Роҳбарони он Абулҳасани Ашъарӣ (ваф. 943) дар Ироқ ва Абумансур ал-Мотуридӣ (ваф. 945) дар Осиёи Марказӣ ва баъдан як қатор мудофеони илоҳиётшинос ва фақеҳони дигар, ба монанди ал-Боқиллонӣ (ваф. 1012), ал-Ҷувайнӣ (ваф. 1085) ва ал-Қушайрӣ (ваф. 1072) дар ин мавқеъ қарор доштанд. Ҳамаи онҳо илмҳои динӣ ва инчунин илм ул-калом ва фалсафаро ниҳоят хуб медонистанд. Аммо, онҳо одатан, ҳарчанд дар дараҷаҳои мухталиф бошад, мудофеи суннатҳои ибтидоии ислом буданд. Дар ҳар сурат, чунонки болотар низ зикр намудем, зарбаи сахттаринро ба ин ақлгароҳо маҳз Ғазолӣ расонда буд. Ӯ дар китоби худ “Таҳофут ал-фалосифа” мантиқан “зиддияти эътиқодоти метафизикии онҳо ва ихтилофҳо”-и назарияҳои онҳоро “ифшо” кардааст. Ғазолӣ изҳор доштааст:

[40] Муҳаммад ибн Закарийа Рази. Тибби руҳонӣ (Рисола дар равоншиносии ахлоқ). С. 14.

“Бигзор маълум бошад, ки ҳадафи мо – огоҳ ва ҳушёр кардани ҳар касест, ки дар бораи файласуфҳо андешаи нек дорад ва тахмин мезанад, ки масирҳои онҳо ба муқобили ҳамдигар равона нашудаанд ва бо ҳам дар ихтилоф нестанд. Барои ин ҳадаф, мо барои шумо ботил будани андешаҳои онҳоро дар мавқеъҳои зиёд нишон медиҳем. Маҳз барои ҳамин, ман ба мубоҳиса бо онҳо ба ҳайси сирф таъқибкунанда, эътирозкунанда бар зидди мазҳаби онҳо ва на ҳамчун мудофеи ҳукмҳояшон ҳарф мезанам”.[41]

Ибни Рушд (ваф. 1198) охирин кӯшиши азимеро барои нақоти ҳаракати ақлгароӣ тақрибан ҳаштоду панҷ сол пас аз ҳуҷумҳои Ғазолӣ анҷом дод. Ӯ чунонки, қаблан таъкид доштем, асареро бо номи “Таҳофут ал-таҳофут” нашр намуд. Ду “таҳофут”-и Ғазолӣ ва Ибни Рушд моҳияти зиддияти байни ғояҳои ақл ва ваҳйро, ки дар фарҳанги шарқӣ аз асрҳои VIII то асри XIII ҳукмрон буд, ба таври возеҳ инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, Ибни Рушд мавқеи заифи ақлгароёнро низ дар чанд маврид танқид намудааст.[42] Ӯ кӯшиш кардааст, ки иштибоҳоти Ғазолиро дар робита бо сабабҳои фоил ислоҳ кунад. Вай бо қатъият изҳор дошт, ки ҳарчанд Худо сабаби ниҳоии ҳар як падида аст, аммо Ӯ барои ҳар яки онҳо сабаби дуюмдараҷа гузоштааст. Дар ҳоле ки Ӯ қодир аст, бидуни ғизо серӣ биёрад, ташнагиро бидуни нӯшиданӣ шиканад ва бидуни тамос бо оташ сӯзонад, аммо маъмулан ба ин корҳо дахл намекунад. Бо вуҷуди чунин мавқеи дақиқи ақлгароӣ ва дониши амиқи илмӣ, Ибни Рушд натавонистааст, ки ба андешаи бартаридошта дар таълимоти файласуфони машшоӣ баргардад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло овардашуда равшан мегардад, ки ақидаи онҳое, ки озодиро моҳиятан даъвати Худо мешуморанд ва ҳамзамон, озод будан ва содиқ будани инсонро имкони ғайри қобили тасаввур медонанд, ботил мебарояд, зеро барои имон овардан онҳо боварӣ доранд, ки озодии инсонро қурбонӣ кардан лозим аст. Дар асл, озодӣ ин чолиш аст, аммо он чолиш на ба Худо, балки ба худи инсон аст, яъне дарк кардани “озод будан””

[41] Аль-Газали, Абу Хамид.Крушение позиций философов. Пер.с араб. – М.: Изд.дом“Ансар”,2007. С.37.
[42] Аверроэс (Ибн Рушд). Опровержение опровержения. - Киев: “УЦИММ-Пресс”, СПб.: “АЛЕТЕЙЯ”, 1999. С. 61.

барои ҳар як шахс чолиш аст. Илова бар ин, озодии инсон дар он ифода мегардад, ки ӯ низ офаридгор ва эҷодкор аст ва аз ин рӯ, фаҳмиши инсон ҳамчун мавҷуди заифу нотавон ба он оварда мерасонад, ки қувваи дигари азимтар бояд фаъолияти ӯро роҳбарӣ кунад.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқи масъалаи озодӣ ва тобеияту итоат дар ақоиди мутафаккирони машшоияи шарқӣ ва дар муқоиса бо онҳо – ақоиди файласуфони дигар усулҳо ва принсипҳое ба кор рафтаанд, ки барои ошкор кардани лаҳзаҳои сифатан шабеҳ ва моҳиятан мухталифи ин масъала дар таҳаввулоти таърихии як равиш (ратсионализм ё ирратсионализм) мақоми калидӣ доранд. Тасвири умумии фалсафаи озодии инсон ва ҳудуҳои он ҳамчунин аз тариқи методологияи скептитсизм (шаккокият) ва крититсизм (интиқодгарой) дар доираи як қатор қонунҳои умумии раванди таърихӣ ва фалсафии рушди ин масъала мураттаб сохта шудааст. Дар ин ҷо унсурҳои мантиқӣ бевосита барои муайян сохтани ин робитаҳо, ҳатто дар робита бо яке аз вазифаҳои асосии назариявӣ ва маърифатӣ ба мадди аввал мебароянд.

1.2. Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ

Фарҳанги асримиёнагии Машриқзамин, аз ҷумла фарҳанги тоҷику форс ва ҷаҳонбинӣ дар он бо гуногунрангии дохилии худ ва таъсири фарҳангҳои берунӣ ба он фарқ мекард. Дар ин гуногунрангӣ хусусияти муҳими ин фарҳанги шарқӣ дар он ифода меёфт, ки он қобилияти ба худ ҷазб намудани арзишҳои фарҳангии халқҳо ва қабилаҳои дигарро дошт. Аз ҷониби дигар, чунин муносибат аксаран боиси ба миён омадани тасаввуроти нодуруст дар бораи фарҳанги шарқӣ аз ҷониби ғарбиён мегардид, ки Шарқ гӯё қобилияти рушди самаранок ва умуман илму фалсафа надорад. Мунаққидони зиёд талош мекарданд, ки имкониятҳои илмӣ, ақлонӣ ва афкори пешқадами Машриқзамин ва мутафаккирони он, аз ҷумла, машшоиёни шарқиро сарфи назар намоянд.

Яке аз ақидаҳо дар нисбати фалсафаи шарқӣ оид ба масъалаи имкони ҷой надоштани назария дар бораи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар ин фалсафа мебошад. Масалан, муҳаққиқи муосир Ф. Шюон боварӣ дорад, ки “эътиқод ба қазою қадари мусулмонӣ, ки ҷанбаҳои мусбати он бо фоилӣ ҳамзистӣ доранд – ба ёд овардани таърихи он кофист, - ва ин эътиқод идомаи мантиқии консепсияи исломӣ аст, ки тибқи он ҳама чиз тобеи Худо буда, ҳамаи чизҳо ба сӯйи Ӯ бозмегардад”.[43] Аммо бар акси ин, дар дохили фарҳанги шарқӣ, дақиқтараш байни равияҳои ақлгарои он ва руҳониёни дин рақобатҳои ақидавӣ дар бораи ин ва масъалаҳои дигари вобастаи он ба таври равшан мушоҳида мешаванд. Дар масъалаи таносуби иродаи илоҳӣ ва иродаи инсон (аз ин ҷо, масъалаи озодӣ ва тобеияту итоати инсон) мактаби калом мактабҳои дигари ғоявиро, аз ҷумла, машшоиёни шарқиро водор сохтааст, ки оид ба он таълимоти махсуси худро пешниҳод созанд.

[43] Шюон Ф. Понять Ислам. Пер. с франц. Ю. Н. Стефанова // Вопросы философии. -1994. - №7-8. https://kph.ffs.npu.edu.ua/!e-book/clasik/data/vopros/71.html

Вобаста ба масъалаи дар боло матраҳшуда бояд зикр намуд, ки мактаби машшоияи шарқӣ аз фалсафаи Юнони Қадим, таълимоти Афлотун, Арасту, фалсафаи Плотин, навафлотуния, Прокл ва дигарон сарчашма гирифта, ҳамчун мактаби ақлгароӣ на танҳо фалсафаи машшоиёни юнониро қабул кардааст, балки онро такмил дода, рушд бахшидааст. Аз ин ҷост, ки фалсафаи мазкури юнонӣ заминаи нахустини таълимоти машшоиёни шарқӣ мебошад.

Дар баробари ин, мутафаккирони намояндаи ин мактаби ақлгароӣ ба сарчашмаҳои худи Машриқзамин низ такя карда, масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла, озодии инсонро матраҳ намудаанд. Оид ба масъалаи мазкур дар мактабҳои мушаххаси ақлгароӣ, аз ҷумла, машшоияи шарқӣ ба Қуръон низ руҷуъ менамоянд. Ҳадафи асосӣ нишон додани рушд ва тағйирот дар тафсири масъалаи фавқуззикр мебошад, ки пояи он дар дин ва Қуръон ба ҳисоб рафта, барои фаҳмидани принсипҳо ва воқеият, барои дарёфти сатҳи омезиши идеализм ва прагматизм кӯмак мерасонад. Возеҳ аст, ки дар ин ҷо сухан қабл аз ҳама, дар бораи озодӣ (ё ҳуррият) ва тобеияту итоат (ё ба арабӣ – убудият)-и динӣ меравад. Ислом принсипи озодии эътиқодро ба таври возеҳ риоя мекунад, аммо дар баробари он, манъи тағйири динро барои мусулмон воҷиб намедонад. Маҷбуркунӣ барои интихоби чизи ба он боваркардаро рад мекунад. Агар чизи қобили қабули инсон ҳақиқат бошад, ин ба манфиати ӯст ва агар хато бошад, бар зарари ин инсон аст.[44] Дар Қуръон оятҳои зиёд ҳастанд, ки дар онҳо дар бораи одамоне сухан меравад, ки пас аз эътиқод ба ислом ихтиёран аз динашон даст кашиданд, аммо дар бораи ягон ҷазои мушаххас барои ин гуна одамон чизе гуфта намешавад, балки дар онҳо ишора ба маҳкум шудани чунин амали эшон дар оянда ҷой дорад. Ин маҳкумшавӣ дар шакли кофир эълон шудан, бахшида (мағфират) нашудан, ба роҳи рост ҳидоят нашудани онҳо ва амсоли ин тавзеҳ меёбанд.

[44] Қуръон 2:256

Ҳамин тариқ, оятҳои зиёди Қуръон бар он даъват мекунанд, ки озодии инсон тасдиқ ва ҳимоя шуда, ба шаъну эътибори инсон диққати махсус дода шавад.

Бо ин ҳама, ғояи озодӣ дар ислом бо идеяи итоат ва хидмат ба Худо ҳамбастагӣ дорад. Ба маънои дигар, пояи ислом – итоат, яъне ибодат ба Худо аст. А.В. Смирнов ин масъаларо мавриди таҳқиқ қарор дода, аз ҷумла, таъкид кардааст, ки дар фарҳанги исломӣ мафҳуми "'абд" ("ғулом, банда, барда") хусусияти таърихӣ-иҷтимоӣ надорад ва дар ин доира дар ягон сарчашмаи динӣ фаҳмиши мафҳуми "ғулом, банда"-ро бо мазмуни муқобил бо "озодӣ" (ба истиснои таъриф ва тафсири ҳуқуқӣ-шариатии он) ёфта наметавонем. Дақиқтараш, ин фаҳмиш "ҳамчун фаҳмиши муносибати байни инсон ва Худо" ташаккул ёфтааст. Инсон дар ислом, ба ақидаи муаллиф, на маънии бардагӣ ва ғуломии иҷтимоӣ, балки ҳамчун фаҳмиши бандаи Худо дар маънии динии он мебошад. А.В. Смирнов дар ин росто илова мекунад: "Калимаи 'абд «ғулом, банда» барои тафаккури забонӣ ва истилоҳшиносии арабӣ мустақиман бо калимаи 'ибāда («ибодат») иртибот дорад. Ин ду истилоҳи ҳамреша барои шарҳи мазмуни наздиктарини ҳамдигар хидмат мекунанд. Ба маънои дигар, мафҳуми "ғулом" барои шуури исломӣ бо инкори озодӣ ва бо маънии "ғайриозодӣ" робитае надорад. Он бо "ибодат" ё шояд бештар бо "парастиш" алоқаманд аст, ба шарте агар бихоҳем калимаеро барои тарҷумаи 'ибāда интихоб кунем, ки он метавонад чизи нисбатан аслан васеътарро нисбат ба муносибати сирф маросимии он ифода кунад".[45]

Таҳқиқоти таърихӣ нишон медиҳанд, ки сиёсат дар марҳилаи ибтидоии рушди ислом ба тадриҷан паст кардани падидаи ғуломдорӣ равона карда шудааст, то оқибатҳои он ҷомеаро ба нооромӣ нарасонанд. Аз тарафи дигар, дар робита ба мавҷуд набудани як ташкилоти маҳбусӣ дар исломи ибтидоӣ, ё созмони мушаххаси ҳимояи маҳбусону асирони ҷангҳо ин масъулият ба зиммаи одамоне вогузошта шуда буд, ки онҳо асосан дар ҷомеа бо роҳи фурӯхтани маҳбусон бой мешуданд. Ғуломдорӣ аслан суннати арабҳои

[45] Смирнов А.В. О понятии «свобода» в арабо-мусульманской культуре // Историко-философский ежегодник-2003. - М.: Наука, 2004. С. 394.

бутпараст буд ва ислом мувофиқи шароити иҷтимоии давраи ибтидоии худ наметавонист онро ба якборагӣ бекор кунад. Аз ин рӯ, аввал ғуломони зиёде озод шуданд, ки аз нигоҳи иқтисодӣ дастгирие надошта, маромии зиндагии онҳо вайрон шуда буд ва он сабаби рух додани ҷиноятҳои зиёде дар ҷомеа шуда метавонист. Сониян, тамоми корҳои дастӣ ва истеҳсолӣ асосан аз ҷониби ғуломон иҷро мешуданд ва озодии ғуломон метавонист пурра боиси буҳрони иқтисодӣ гардад. Аз ин рӯ, пайғомбар роҳеро пеш гирифт, ки ғуломдорӣ ба ҳадди камтарин расонда шуда, озодшавии ғуломон то барҳамдиҳии он ба тадриҷ амалӣ гардад.[46]

Тибқи шариати ислом шахсеро ғулом меноманд, ки ӯ ҳангоми футуҳоти исломӣ дар минтақаи даргириҳо асир афтода бошад, ба шарте ки агар вай пеш аз тақсими ғаниматҳои ҷангӣ дини исломро қабул накарда бошад. Аммо агар шахс дар вақти ҷангҳо ва ё пеш аз тақсими ғаниматҳои ҷангӣ дини исломро қабул карда бошад, ҳатто агар ӯ дар минтақаи амалиёти ҷангӣ қарор гирад ҳам, ғулом шуда наметавонад, ба истиснои он ки агар ин асир зане бувад, ки ҳамроҳаш фарзанди ноболиғ дошта бошад. Онҳоеро, ки ҳангоми ҷанг дастгир шуда, бояд ба қатл расанд, пешвои ҷанговарон имкон доштааст, ки эшонро озод созад ё ғулом кунад ё аз онҳо фидя гирад. Тибқи талабот ва шартҳои дар боло зикршуда, агар ҷанг байни тарафҳое бошад, ки манфиатҳо ва рушди исломро ҳимоя намекунанд, ҳатто агар он дар байни мусулмонон ва ё ғайримусулмонон баргузор гардад, асирони ҷанг ғулом шуда наметавонанд. Аммо ин фақат хусусияти зоҳирӣ дошт ва танҳо дар баъзе санадҳои расмии шаръӣ сабт шуда буд. Дар асл ва воқеият бошад, кор ранги дигар дошт. Муҳаққиқи маъруфи ислом И.П. Петрушевский бар хилофи ин нукот навиштааст: “Ҳамаи мазҳабҳо ғуломиро, ки дар Қуръон тасвир ёфтааст, ниҳоди қонунӣ ва зарурии ҷомеаи мусулмонӣ медонанд. Фиқҳ се сарчашмаи асосии ғуломиро эътироф намудааст: 1) асир гирифтани ғайримусулмон ҳангоми ҷиҳод; 2) харид ва фурӯши ӯ; 3) аз насли волидони ғулом будани вай... Аз принсипи асосии онҳо бармеояд, ки ҳангоми муҳорибаи ҷангӣ ғулом

[46] Gordon, M. Slavery in the Arab world. New York, New Amsterdam Books, 1987, p. 19

кардан танҳо нисбат ба асирони ғайримусулмон, на худи мусулмон ҷойиз буд. Аммо ғулом шудани одамоне, ки аллакай дар ҳолати ғуломӣ қарор доштанд, барояшон озодӣ дода наметавонист”.[47]

Аз тарафи дигар, дар задухӯрдҳое, ки байни ду гурӯҳ ё қабилаҳо мегузаштанд, гурӯҳи ғолиб ҳар касеро, ки метавонист аз қабилаҳои мағлуб асир гирифта, онҳоро ҳамчун ғулом мефурӯхт ё ғулом мекард. Баъзан, вақте ки дар байни ду қабила душманӣ ба вуҷуд меомад, яке аз онҳо, бидуни огоҳии пешакӣ, ба дигаре ҳамла оварда, амволи онҳоро ғорат ва сипас одамони онро ғулом мекард. Чунин ҳодисаҳо дар байни арабҳо ва қабилаҳои арабӣ, ки доимо бо ҳам меҷангиданд, ниҳоят маъмул буд. Азбаски онҳо ҳеҷ гоҳ зиндагии осоишта ва ором надоштанд, аз ин вазъият хаста шуда, созишномаи бас кардани ҷангро дар давоми чор моҳи ҳар сол ба имзо мерасонданд ва тасдиқ мекарданд. Ин чор моҳ зулқаъда, зулҳиҷҷа, муҳаррам ва рачаб буданд. Арабҳо ин моҳҳоро ҳаром (ба маънои мамнуъ, таҳримшуда) номида буданд ва дар ин моҳҳо ҳамаи қабилаҳо аз ҳамлаҳо эмин буданд: онҳо метавонистанд ба осонӣ ва озодона ба ҳар ҷо сафар кунанд ва ба фаъолияти тиҷоратии худ машғул шаванд. Аммо дар моҳҳои дигари сол дар роҳҳо амният ва сулҳ набуд. Қабилаҳое, ки дар ҷангҳо ё ҳамлаҳои ногаҳонӣ пирӯзӣ ба даст меоварданд, хоҳ мард бошад, хоҳ зан ва ҳатто кӯдаконро низ асир мегирифтанд ва илова бар ғорат кардани амволи онҳо, маҳбусонро ҳамчун ғулом дар бозорҳо мефурӯхтанд: “Танҳо асири ҳарбӣ ё шахси ғулом таваллудшуда ғулом буда метавонист. Аммо, бояд қайд кард, ки муқаррароти манъи тиҷорати ғайриқонунии ғуломон дар амал аз ҷониби мусулмонон танҳо дар давраи аввали ислом риоя карда мешуд. Бо гузашти вақт, ғуломфурӯшон - дӯстдорони пули осон - бозорҳои ғуломонро барқарор карданд, ки дар он ҷо ғуломон қонунӣ ва ғайриқонунӣ хариду фурӯш мешуданд”.[48]

---

[47] Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках. - Ленинград: Изд.-во Ленинградского университета, 1966. С. 186-187.

[48] Чомаев З.А. Статус военнопленных в религиозно-правовой системе мусульман в период раннего ислама / Исторические науки и археология. Гуманитарные и юридические исследования. №3, 2017. С. 129.

Ҳамин тавр, озодии аз ҳама муҳим барои инсон озодии «мавҷуд будан», яъне ҳамзистии мавзун бо табиати аслии худ (фитра) мебошад. Ин озодии ботинӣ тавассути итоат ба иродаи илоҳӣ ба даст оварда мешавад, ки он барои инсон аз нуқтаи назари ислом маҳдудият набуда, балки шарт ё заминаи озодии бештари ӯ маънӣ мегирад. Тавассути итоат ба Худо, инсон дар озодии илоҳӣ ҳамроҳ мешавад ва дар натиҷа, аз шароити ғайриодилона ва фишордиҳандаи беруна, аз ҷумла, нафси равонии “ман” озод мешавад. Озодии мутлақ танҳо ба Худо тааллуқ дорад ва инсон метавонад танҳо ба маънои нисбӣ, вобаста аз сатҳи итоат ва тобеият ба иродаи Худо, озод бошад. Дар баробари ин, дар ислом озодиро дар якҷоягӣ бо адолат тасаввур мекарданд ва ин ду арзиш - озодӣ ва адолат илҳомбахш ва барангезандаи тағйироти бузург дар сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт будаанд. Бояд қайд кард, ки истилоҳи «озодӣ» ба маънои аслиаш дар Қуръон наомадааст, танҳо зикри кароҳати ғуломдорӣ аст. Ҳамин тариқ, на ҷомеа ва на шахсе ҳақ надоранд, ки тавозуни байни ҳукмронии озоди шахс ва манфиати ҷамъиятиро аз ҳисоби якдигар ба тариқи вайрон кардани идеалҳои адолат вайрон кунанд. Адолат дар ниҳоят аз татбиқи мутавозини ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳам шахс ва ҳам, дар маҷмуъ, ҷомеа иборат аст. Озодӣ, ба монанди дигар ҳуқуқҳои асосӣ, наметавонанд аз адолат мустақилона вуҷуд дошта бошад.[49]

Қонуни илоҳии адл хусусияти фарқкунандаи иҷтимоӣ ва иқтисодии исломро ифода мекунад ва он ҳамчун як ормони тағйирнопазир ва мукаммал ба ҳисоб меравад. Ислом на танҳо хислат, балки самтеро низ муайян мекунад, ки ниҳодҳои асосии иҷтимоии он бояд дар тули замон рушд кунанд. Инсонро аз фурӯравӣ ба худхоҳию худпарастӣ (эгоизм) ба сӯйи наҷот кашида, он руҳияи фурӯтанӣ ва пазириши қурбониро фароҳам оварда, ҳадафҳои олиро, ки инсон бояд мавҷуди олитарин аз офаридаҳои Худо бошад, нишон медиҳад. Дар доираи ин нуқтаи назари ахлоқӣ фаровонии моддӣ танҳо моияи фитна ва васвасаи инсон аст: “Сарвати шумо ва фарзандонатон сирфан фитна аст ва Худост, ки назди Ӯ подоши бузург

[49] Ҷамил Мунаймана. Мушкилатул-ҳуррийа фи ал-ислом. – Бейрут, 1974. С. 51-53 (ба забони арабӣ).

ҳаст”.[50] Бинобар ин, ислом бартарии худхоҳиро бар “масъулият” ҳамчун як навъи ормонии рафтор аз нигоҳи иқтисод рад мекунад ва ба меъёри адолат нисбат ба самаранокии иқтисодӣ авлавият медиҳад. Ҳуқуқи шахсият, яъне озодӣ дорои моликият будан ва инчунин, миқдор ва навъи молҳое, ки аз ҷониби ӯ истеҳсол ва истеъмол карда мешаванд, тибқи қонунҳои илоҳӣ маҳдуд ва зулми афроди камбизоат тавассути истисмори иқтисодӣ манъ карда мешавад. Ҷомеа дар ислом хосияти возеҳ дорад, ки бояд ҳама гуна мубодилаи судманд ва баробару одилона, ки дар ин замина сурат мегирад, ҷорӣ гашта, сарватгундорӣ, ҳирс ва тамаъ маҳкум ёбад. Дар ин бора, аз ҷумла, Л.Г. Нигматуллина навиштааст: “Дар айни замон, сарват ба хотири сарватгундорӣ аз ҷониби шариат ҳамчун ҳирси мол маҳкум мегардад. Бо мақсади ба роҳ мондани тартиби одилона (ҳамоҳанг)-и тақсимоти маҳсулоти иҷтимоӣ, ислом пардохтҳо ва андозҳои ҳатмӣ (закот, ҷизя), инчунин, боҷу хироҷҳоеро, ки пардохти онҳо бо салоҳдиди соҳиби молу амвол (инфақ) гузошта шудааст, пешбинӣ мекунад”.[51]

Дар пояи Қуръон ва суннат батадриҷ шариат ташаккул меёбад, ки дар он низ метавон баҳогузории рафтору кирдори мусулмонро мушоҳида намуд. Барои ташаккул ёфтани соҳаи ҳуқуқи ислом усули иҷтиҳод – талошҳо барои муназзам сохтани андешаҳои ҳуқуқӣ ва ташаккул додани принсипҳо ва қонунҳои шариат муҳим мебошад. Шояд мушоҳидаи доктор Таҳо Ҷобир ал-Алвонӣ, олими амрикоии мисритабор барои ҷамъбасти ин андешаҳо муфид хоҳад буд: «Вақте ки фақеҳони мусулмон (дақиқан дар бораи фақеҳи мушаххас сухане нагуфтааст – З.Ҳ.) кашф намуданд, ки Қуръон чизе надорад, ки онро ҳамчун ҷазои қонунӣ барои муртад (шахси аз дини ислом рӯ гардонда – З.Ҳ.) баррасӣ намояд ва суннат низ ҳар гуна ҷазоро барои он нодида мегирад ва он ки озодии интихоби фарде, ки имон дорад, арзиши олии ислом аст ва он қариб дар дусад оятҳои Қуръон баён ёфтааст, онҳо ақидаашонро дар бораи қатли муртад ҳамчун бар пояи иҷмои асҳоби

[50] Қуръон 64:15
[51] Нигматуллина Л.Г. Общее и особенное в традиционной и исламской экономике. https://tisbi.ru/files/prod/home/nauka/vestnik-tisbi/9d0d959bb2e93c71736c730aa2e26bf3.pdf Дата обращения 12.12.2020

пайғомбар асосёфта ва бо ишора ба ҳадисҳои нопурраи ривоятшуда ва як қатор суннатҳое, ки бидуни унсурҳои шубҳанок нестанд, пайгирӣ намудаанд”.[52] Пас, фақеҳони классикии мусулмон ин саволро бо дарназардошти он ки яке аз ҳадафҳои умумиинсонии шариати ислом ҳимояи дин аст, чӣ гуна шарҳ додаанд?

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд ислом озодии динро ба таври возеҳ муқаррар намудааст, аммо иваз кардани дини ислом ба дини дигар дар он катъан манъ аст ва бидуни ҷазо гуноҳи азим ҳисобида мешавад. Дар забони арабӣ ду истилоҳ – “ридда” ва “иртидод” барои ифода кардани мазмуни муртад истифода мешаванд. Рад кардани дини ислом метавонад тавассути изҳори нобоварӣ ба суханон, корҳо ва ниятҳои ҷиддии шахс бошад, ки ба осӣ шудани ӯ мебарад. Консепсияи “муртад”-ро ба ҳайси объекти таҳқиқи масъалаи озодӣ ва итоату тобеияти инсон қарор дода, бояд қайд кард, ки ҳарчанд “муртад” мувофиқи ислом ҷинояти сангинтарин аст ва дар ду ҳадис ҳукми қатл барои муртад эълом шудааст, аммо онҳо ба исёни зидди ислом иртибот надоранд. Муртад инчунин барои ҷомеа таҳдиди сиёсӣ эҷод намекунад, балки фақат хусусияти шахсии майл ба тарки ислом дорад, ба он маъно, ки шахс чӣ гуна бояд эҳтиёткорона ин корро ба анҷом расонида, он ба истилоҳ “дар байни худи ӯ ва Худо баррасӣ ёфта”, ба ҳабс гирифта ва ҷазо дода нашавад. Мазҳаби ҳанафӣ чунин мешуморад, ки муртад бояд бар асоси ҳадис ва ҳамфикрии асҳоби пайғомбар дар бораи зарурати ҷанг бо муртадон кушта шавад. Фақеҳони зиёд аз мактабҳои гуногун ақидаҳои худро дар асоси ҳадиси ягона аз “Саҳеҳ ал-Бухорӣ” барои ҳақ баровардани ҳукми қатл асоснок кардаанд.[53] Дар натиҷа, куштори одамоне, ки аз ислом ба дини дигар мегузаранд ва дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ ҳам дар доираи қонунҳои давлат ва ҳам аз ҷониби мутаассибони мазҳабӣ анҷом дода шудаанд, хилофи таълимоти ислом мебошанд, ки он озодии динро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими таълимоти ахлоқӣ мешуморад.

---

[52] Taha Jabir al-Alwani. Apostacy in Islam: A Historical and Scriptural Analysis. London: IIIT, 2012, p. 10.
[53] Аз-Зубайди. Мухтасар Сахих аль-Бухари. В 2 т. - Алматы: ТОО «Кәусар-саяхат», 2013. Т. I. С. 42.

Манбаи дигари рушди ғояи озодӣ ва тобеияту итоати инсон дар ислом ин фиқҳ аст. Бояд қайд кард, ки ислом бо вуҷуди ҳама гуногунии фарҳангии худ бар фаҳмиши ҳамкории ҷомеа ва давлат асос ёфтааст, ки аз равияи амсоли ғарбиаш фарқ мекунад. Системаи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ба таҳкими давлат нигаронида шудааст. Ҳамаи муносибатҳо - ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, муносибатҳои рӯзмарра ва маросимӣ дар доираи шариат ва тарзи ҳаёти муайянгардида баррасӣ мешуданд. Сарфи назар аз тафовути назаррас байни равишҳои ғарбӣ ва мусулмонӣ ба муносибати байни шахс, ҷомеа ва ҳукумат ва сарфи назар аз зиддияти умумияти ҳуқуқҳои инсон ва хусусиятҳои пояҳои динии ин ҳуқуқҳо, муҳаққиқони мусулмон ба асосноккунии қонунияти универсалии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла, ҳуқуқ ба озодии дин дар ислом таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд.

Чаҳорчӯби озодии инсон ва ҳудудҳои он дар ислом ба андозаи назаррас ва дараҷаи азхудкунии қонунҳои шариат вобаста аст, алалхусус аз он ки нақши роҳбарикунанда ба ҷанбаҳои дохилӣ, ахлоқӣ ва зеҳнии озодӣ вогузор шудааст. Ин дидгоҳ бо шариат муқаррар карда мешавад, ки аз як тараф, ҳамчун системаи дастурҳои бо ваҳйи илоҳӣ асосёфта фаҳмида мешавад ва аз тарафи дигар, он ба озодӣ ва итоати дар тафсири ин дастурҳои баҳсталаб имкон фароҳам меорад. Яке аз муҳаққиқони маъруфи шариати ислом Л.Р. Сюкияйнен оид ба ин мавзуъ менависад: “Вазифаи мусулмонони одӣ барои иҷрои дастурҳои уламои шариат ба фаҳмиши исломии масъулиятҳои инсонӣ мувофиқ меояд. Дар байни онҳо аҳаммияти асосӣ ба итоати ҳокимият дода мешавад. Аз нигоҳи фақеҳони мусулмон, чунин вазифаро Аллоҳ муқаррар кардааст... Аз ин ҷо, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳокими исломӣ ҳақ дорад итоат ба ҳокимияташро талаб кунад ва он вазифаи бебаҳси шаҳрвандон аст”.[54]

Аз ҷониби дигар, уламои диншинос чунин саволҳоро баррасӣ кардаанд, ки ба инсон озодиро бо дарназардошти қудрати Худо чӣ қадар нисбат додан мумкин аст. Калимаи “ҳурр” дар забони арабии классикӣ ба маънои “озод”

[54] Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека (учебное пособие). - М., 2015. С. 26.

дар муқоиса бо “абд” (“ғулом”), балки ҳамчун истилоҳи сифатӣ барои шахси поксиришт истифода шудааст. Ибораи “рачулун ҳуррун” на танҳо шахси озодро бар хилофи ғулом, балки шахси дорои хислат ва асолати ашрофонаро низ дар назар доштааст, ҳамон тавре ки “фарасун ҳуррун” ба маънои аспи асил, зотӣ фаҳмида мешавад. Ба ин монанд, ибораи “ҳува мин ҳуррийӣāт қавмиҳи” ба маънои “ӯ яке аз озодагони ашрофи халқаш аст” ва “ҳурра ал-калāм” (“сухани дорои сифати олии адабӣ”) маъмуланд; ҳурр ал-карим, ҳамин тавр, маънои “ҷавонмарди озод, шахси аз ҷиҳати инсонгарӣ пок, ростқавл, соҳиби озодии виҷдон” мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки калимаи “ҳуррийя” аз ҷониби фиқҳи классикӣ ба қадри кофӣ истифода нашудааст, чунон ки ҳоло нависандагони муосир дар забони арабӣ аз он истифода мебаранд.

Дар баробари ташреҳот ва тафсирҳои масъалаи озодӣ ва итоату тобеият аз ҷониби фақеҳону уламои дин инчунин мактабҳои ақлгаро ва мутафаккирону файласуфони он низ дар фаҳмиш ва баррасии ин масъала мақоми хоса доштанд. Таърифҳои гуногуни мафҳуми “озодӣ” дар таълимоти ин равияҳои гуногун пешниҳод гардида, ба таври умум, онҳо мазмуни ҳурр (озод) -ро баръакси абд (ғулом) муайян кардаанд. Яке аз ин мактабҳо, ки баъзе унусрҳои ақло, ки баъзе унусрҳои ақлгарой дар он мушоҳида мешаванд, тасаввуф аст. Таърифи “озодӣ” дар тасаввуф озодии маънавиро ифода мекунад, ки онро инсон ба даст оварда, ба ин васила аз дилбастагӣ ба ҳама чизи дигар, ба ҷуз Худо, озод мешавад. Инсон дар мақоми озодӣ акнун нафси равонии худашро идора намекунад, балки нафс ӯро идора мекунад. Чунин таърифи озодии инсонро Ибни Арабӣ дар «Футуҳот» -и худ чунин баён кардааст: «Ӯ озод аст, ҳамаи чизҳои офаридашударо назорат мекунад ва на аз ҷониби моликият ва на мартаба идора карда намешавад. Барои инсон озодии мутлақ вуҷуд надорад. Озодӣ маънои онро дорад, ки шахс бояд бандаи танҳо Худо бошад ва озодӣ - бандаи ҳақиқӣ дар назди Худо мебошад,

ки ҳамчун хоҷаи ӯст. Озодӣ аз Худо на танҳо ғайриимкон, балки беасос аст».[55]

Ҳамин тавр, озодии ба истилоҳ “таҷридӣ” (“абстрактӣ”) мафҳумест, ки ба он дар таълимоти тасаввуф таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Дар асарҳои ибтидоии ирфонӣ ва ғайриирфонӣ калимаи муродифи озодӣ «ҳуррият» аст, ки ҳатто дар осори ба забони форсӣ навишташуда истифода шудааст. Азиз уд-Дин Насафӣ (607/610-695/698), суфии машҳури асри ҳафтум дар таълимоташ зимни баррасии масъалаи инсони комил дар руҳияи ин мактаб инсони озодро муаррифӣ ва хусусиятҳои ӯро баён мекунад. Тибқи нуқтаи назари ӯ, пеш аз ҳама, шахси озод шахсест, ки аз ҳавасу муҳаббат ба сарват ва молу мулк озод аст, сониян, ин озодӣ масъалаи нисбӣ аст ва бинобар гуногунӣ ва рангорангии тобеияту итоат озодии мутлақ вуҷуд надорад. Ӯ навиштааст: “Ва агар ин болиғ (шахси ба камол расида – З.Ҳ.) ба чизе аз ин мавҷудот баста аст ва мехоҳад, на озод аст ва ҳар кӣ озод набошад, банда бошад. Масалан, агар ӯ зари вазн мехоҳад ё молу ҷоҳ мехоҳад, ё боғу бӯстон мехоҳад, ё хоҷагӣ ва визорат мехоҳад, ё подшоҳию салтанат мехоҳад, ё воизи шайхӣ мехоҳад, ё қазою тадрис мехоҳад, ё қурбу вилоят мехоҳад, ё нубуввату рисолат мехоҳад ва монанди ин. Чун яке аз инҳо мехоҳад ва бастаи яке аз инҳост, на озод аст ва ҳар касе, ки ҳеҷ аз инҳо намехоҳад ва бастаи ҳеҷ аз инҳо нест, озод метавонад бувад”.[56] Насафӣ муътақид аст, ки озодӣ эҳсосест дар қалб ва дар ин ҳолат инсон хушбахт ё бадбахт намешавад, ҳадяи муайяни моддӣ қабул намекунад, аммо шахсе, ки ба ин одат кардааст, наметавонад озод бошад. Насафӣ ба балоғату камол расидан ва озодии инсонро муаррифӣ намуда, ба таври мухтасар иброз доштааст, ки расидан ба ақли аввал нишонаи балоғат аст, аммо расидан ба марҳилаи инсони озод танҳо бо шикастани робитаҳо ё хоҳишҳои гуногуни моддӣ имконпазир аст ва аз тариқи он боқимондаи ҳадафҳои инсон низ имконпазир хоҳанд гашт.

[55] Rosenthal, F. The Muslim Concept of Freedom, E.J. Brill, leiden, 1960, pp. 115.
[56] Азиз уд-дин Насафӣ. Инсони комил. – Теҳрон, 1394. С. 59 (ба забони форсӣ).

Насафӣ баъзе паҳлуҳои мухталифи озодӣ ва ғуломиро баррасӣ кардааст, ки сӯфиёни дигар ба онҳо камтар таваҷҷуҳ мекунанд ва чунин мешуморанд, ки бартараф кардани талабу хоҳишҳои асосӣ барои ба даст овардани озодӣ монеа нестанд, балки чизе ҳастанд, ки онҳоро инсон мехоҳад ва боиси он мегардад, ки он чизҳо ба ӯ мансуб мегарданд. Озод шахсест, ки на ғуломӣ дорад, на мансубият ва на убудият. Дар ниҳояти кор, Насафӣ як ҳакими озодро волотар аз тамоми мавҷудот меҳисобад ва бо усули маҷозӣ ҳикмати шахси озодро чунин баён менамояд: “Шояд, ки озодро хонаю сарое бошад ва боғу бӯстону ҳикам ва подшоҳӣ бувад. Аммо, агар подшоҳӣ ба вай диҳанд, шод нашавад ва агар подшоҳӣ аз вай биситонанд, ғамгин нагардад. Омадани подшоҳӣ ва рафтани подшоҳӣ ҳарду пеши ӯ яксон бошад ва радду қабули ҳарду пеши ӯ яксон бувад”.[57]

Бояд қайд кард, ки дар тасаввуф монанди мактабҳои дигар таъсири мутафаккирон ва мактабҳои фалсафаи юнонӣ зиёд мушоҳида мешавад: дар таълимоти он ғояҳои Афлотун, Суқрот, Арасту, Пифагор ва дигаронро бараъло дидан мумкин аст. Хусусан, назарияҳои навафлотуния барои табақаҳои гуногуни тасаввуф ҷолиб буданд: дар ибтидо ғояи навафлотуния дар бораи ягонагии мавҷудот ва бартарии тартиби судур ва нузул (эманатсия)-и тамоми онҳо таваҷҷуҳи эшонро ҷалб кардааст. Гарчанде ки намояндагони тасаввуф мафҳуми эманатсияи навафлотуниро маҳкум карданд, зеро он ба мафҳуми офариниши исломӣ мухолифат дошт, аммо бо вуҷуди он, баъзе бартариҳои хоси онро эътироф карданд. Фаязони нур (эманатсия)-и навафлотунӣ, дар навбати худ, ба суфиён махсусан писанд омад, зеро он ба онҳо имкон дод ҷаҳонеро тасвир кунанд, ки мусолиҳа байни мавҷудоти ғайримоддӣ дар пайдоиши онҳо аз Воҳид тавассути судури ақлҳо “оштӣ” дода шуда, ба консепсияи исломии Худо ҳамчун Офаридгор ва принсипе, ки аз метафизикаи юнонӣ гирифта шудааст («ex uno non fit nisi unum» (шакли арабиаш – “аз Воҳид метавонад танҳо як пайдо шавад”) мутобиқ намояд. Гуфтан мумкин аст, ки бо чунин муносибаташ ба афкори

[57] Азиз уд-дин Насафӣ. Инсони комил. – Теҳрон, 1394. С. 60 (ба забони форсӣ).

мактабҳои ғайриисломӣ тасаввуф дар тули таърихи худ ба ошкорбаёнии ботинӣ ва «омодагӣ ба созиш» муроҷиат кардааст, то онро бо принсипҳои фалсафӣ ва мавқеи дини ислом ва озодфикрию озодбаёнии инсон омезиш диҳад.[58] Аммо, озодии ибтидоӣ, ки мутасаввифон аз он баҳравар буданд, ба зудӣ дар доираҳои суфиён ихтилофҳоро ба вуҷуд овард. Шиддатҳои муносибат, масалан, дар робита бо тафсири мафҳуми “ишқ”, муҳаббати шадиди тарафайни байни Худо ва суфӣ афзоиш ёфтанд. Ин дидгоҳ талқин мекард, ки баъзе одамонро Худо бесабаб дӯст надоштааст, яъне суфиёне, ки аз ишқ бархӯрдоранд, одамони интихобии илоҳӣ буда, авлиё ном гирифтаанд.

Аз тавсифҳо ва таърифҳое, ки чанде аз онҳоро ёдовар шудем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои суфиён воқеият ва камолоти озодии инсон дар нисбати Худо воқеият ва камолоти убудият, бандагист. Ба ибораи дигар, сатҳи озодӣ ва ғуломӣ бо ҳам иртибот доранд: ҳар касе, ки озод аст, бештар хизмат хоҳад кард ва касе, ки ба Худо хидмат кунад, аз озодии бештар бархӯрдор хоҳад шуд. Аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии тасаввуфӣ, шахсе, ки озодии воқеиро меҷӯяд, бояд ҳолати бандагиро устувор нигоҳ дорад ва хоҳише, ки пур аз бандагии холис аст, бояд аз ҳама хоҳишҳои вобастагию итоат, ба истиснои Худо, озод гардад. Ҳадафи тасаввуф аз озодӣ ин озодӣ аз корҳои моддӣ ва тозаю пок сохтан аз “касофати табиӣ” аст, ки онро шарти пайвандӣ ва вобастагӣ бо Худо медонанд. Ин матлабро Ибн Арабӣ чунин тавзеҳ додааст: “Бидон, ки бо нур мусаххаршудагон [аз ҷониби Худои таоло] ва на мудаббирон руҳҳоро ба қалбҳои онҳое, ки [Худоро] мешиносанд, чӣ тавре ки гуфтем, амр, аъмол ва баракатҳои илоҳӣ мувофиқи он чизе, ки Ҳаққ аз ин банда мепурсад, нозил мекунанд ва онҳо ӯро ба воситаи ин поин фароварда ва боло бардошта ва поксозӣ карда то яке аз наздиктарин

[58] MayerT. Theology and Sufism. In T. Winter (ed.), The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology, Cambridge: Cambridge University Press, 2008, pp. 258–87.

пардаҳои дур мерасонанд, то даме ки Худо ӯро мутаваллии худ гардонда, миёнаравҳоро аз миён мебардорад”.[59]

Дар боби шариат бошад, аз таърихи ислом маълум аст, ки дар байни суфиён тоифае буданд, ки эътиқод ба вуҷуди таколифи шаръӣ надошта, иртикоби маҳорим, яъне рафтори хилофи шариатро раво донистаанд. Чунин ақидаро бо мафҳуми “ибоҳия” номгузорӣ кардаанд. Дар китоби “ал-Фарқ байн ал-фирақ”-и Абд ул-Қоҳир ал-Бағдодӣ омадааст, ки ин фирқаҳо мутаассир аз дини Зардушт ва Маздаканд ва боқимондаи онон мебошанд, зеро аксари аъмолеро, ки дар ислом ҳароманд, дар оини Маздак ҳалол ва мубоҳ (ҷойиз, раво) мешуморанд.[60] Ин эътирофи озодипарастии пайравони дини Зардушт ва Маздак барои фақеҳони дини ислом монанди “устухон дар гулӯяшон” буд ва барои ҳамин бо ҳар роҳу баҳона таълимоти зардуштиёнро то ба ҳадди куфр расонда буданд. Дар тасаввуф ақидаи ибоҳияро онҳое дастгирӣ кардаанд, ки худашонро побанд ба шартҳо ва вазифаҳои шариат намедонанд ва тасдиқ мекунанд, ки тақаййуд (побандӣ) ба аҳкоми шариат кори авом аст.[61] Барои эътироф накардани аҳамияти аҳкоми шариат ва бо завлонаи ғуломӣ баробар донистани онҳо барои озодии инсон, ибоҳиёни мутасаввиф, мутаассифона, боиси таъқиб ва таъну маломати дигарон қарор гирифтанд. Абу Наср Сироҷи Тӯсӣ, муаллифи китоби маъруфи “ал-Лумаъ”, боберо ба муаррифӣ ва танқиди ғояҳои ибоҳия ва таърифи бандагӣ ба Худо бо ишора ба нусхаҳои гуногуни Қуръон ва ривоятҳо навиштааст. Ӯ нақл кардааст: “Гурӯҳи ҷоҳилон пешниҳод кардаанд, ки ҳолати “озодӣ” нисбат ба “бандагӣ” комилтар аст, зеро дар байни мардум ба ин ақидае боварӣ доштанд, ки инсони озод дар ҷаҳон нисбат ба дигарон шаъну эътибори баландтар дорад. Ҳамин тариқ, онҳо аз роҳи рост баргаштанд ва фарзия

---

[59] Ибн Араби. Мекканские откровения // Избранное. Т. 1 / Перевод с арабского, вводная статья и комментарии И. Р. Насырова. — М.: Языки славянской культуры: ООО «Садра», 2013. С. 140.

[60] Ал-Бағдодӣ Абдулқоҳир. Ал-фарқ байн ал-фирақ ва байан ал-фирқа ал-наҳийа минҳум. Ҷ. 1. – Бейрут 1987. С. 5 (ба забони арабӣ).

[61] Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот ал-нафс. – Теҳрон, 1337 ҳ.ш. С. 13 (ба забони форсӣ); Муҳаммад ал-Таҳанавӣ. Кашшаф истилаҳат ал-фунун. Ҷ. 1. – Калкута, 1861. С. 24 (ба забони арабӣ).

пешниҳод намуданд, ки инсон ғулом боқӣ мемонад, зеро муносибати байни ӯ ва Худо бандагӣ аст ва вақте ки ба мақоми илоҳӣ мерасад (яъне бо ӯ маҳлул мешавад – пантеизм. – З.Ҳ.), озод мешавад ва вақте ки озод мешавад, ҳеҷ нишонае аз бандагӣ дар ӯ боқӣ намемонад. Дар ҳақиқат, аз сабаби ҷаҳолати ин гурӯҳ онҳо принсипҳои динии ин тоифаро таҳриф кардаанд, ки чунин мешуморанд, ки банда дар воқеъ ғулом намешавад, магар он ки қалбаш аз ҳама чиз, ғайр аз Худо озод шавад ва ин замоне хоҳад буд, ки ӯ ғуломи воқеии Худо мешавад”.[62]

Дар тасаввуф озодӣ маънои озодии ниҳоӣ аз ҳама гуна занҷирҳо ва маърифати ҷанбаи ботинии руҳии инсон мебошад, ки дар он озодӣ бояд ба маънои аслии худ пайдо шавад. Усули руҳонӣ ва маънавии ба даст овардани озодии воқеӣ ва доимӣ дар он ифода меёбад, ки инсонро аз пайвастан ба табиати муваққатии худ раҳо мекунад ва водор месозад, ки табиати аслии худро дарк кунад. Маҳз аз ҳамин сабаб, суфиён нисбат ба ҳамаи гурӯҳҳои дигар барои беҳтар фаҳмидани табиати инсон саҳми бештар гузоштаанд, ки онҳо бевосита бо фаҳмиши психологӣ иртибот доранд. Баръакси диндорон, ки саъй доштанд табиати озодиро аз нигоҳи имон шарҳ диҳанд, суфиён фаъолона роҳеро пеш гирифтаанд, ки тавассути таҷрибаи мустақим ҳақиқати озодиро ба даст оварда метавонанд. С.Ҳ. Наср ин маъниро чунин шарҳ медиҳад: «Ҳар гуна муҳокимаи консепсия ва воқеияти озодӣ бояд илова бар зуҳуроти берунии ин мафҳумро дар ҳавзаи фаъолияти инсон, инчунин, озодии ботиниро, ки бо таҷриба алоқаманд аст, ба назар гирад. Озодӣ, ки ба зоти хеш чунонки моро ботинан тағйир медиҳад, шаклҳои берунии он бароямон ҳатман маънои комилан дигар дошта бошанд. Дар замони мо, одамони бисёр шаклҳои берунии озодиро ба даст оварданд, аммо онҳо ҳамчунин, ҳамон озодии бунёдиро аз даст доданд, ки он озодӣ барои будани худ аст ва на сатҳи баланди худпарастӣ (эго), ки мо одатан худро бо он айният медиҳем”.[63]

---

[62] Абу Наср ал-Сирач Ал-Тӯсӣ. Ал-Ламиъ. – ал-Қаҳира, 1960. С. 537 (ба забони арабӣ).
[63] Nasr S.H. Islamic Life and Thought, Allen Unwin, London, 1981, pp. 22-23.

Таълимот оид ба озодӣ ва тобеияту итоат дар Шарқ дар доираи масоили динӣ ва ахлоқӣ, хусусан, таносуби онҳо бо мафҳуми адолат низ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар иртибот бо ин боиси тазаккур аст, ки озодии инфиродии инсон дар ибтидо ҳамчун омили маҳдудкунандаи ҳокимияти давлатӣ тасаввур мешуд ва маҳдуд кардани салоҳиятҳои мақомоти гуногунро барои ҳифзи озодиҳои шахсӣ зарур мешумориданд. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки ин дарки дуқутбӣ баъдтар ба ҷой доштани ақидае имкон додааст, ки дар он давлат масъулияти худро ҳамчун иштирокчии фаъоли ҳифзи озодиҳои инсон дифоъ мекунад. Аз ин ҷо, таълимоти ибтидоии манфиатҳои бо ҳам мутазод ба ягонагии муҳимми дифои манфиатҳои умум иваз карда мешавад. Аз ҷумла, бо ишора ба ояти 49:13 фақеҳи мисрӣ Маҳмуд Шалтут қайд мекунад, ки «ислом инсониятро ҳамчун як мавҷуди воҳид эълом кард ва талаби ин ваҳдат баробарии ҳамаи одамон дар боби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳост, ки он низ ягона роҳи устувор сохтани адолат аст. Адолат, ки ҳадафи асосии ислом аст, бидуни баробарии одамон ба даст намеояд”.[64]

Рашид ал-Ганнушӣ оид ба мавзуи мазкур навиштааст, ки “Ислом на танҳо барои мусулмонон, балки барои тамоми инсоният дар маҷмуъ адолатро муқаррар кардааст ва он хеле возеҳ аст. Қуръон адолатро чун уҳдадорие мешуморад ки он ҳатто ҳангоми муносибат бо душмани худ бояд риоя карда шавад”.[65] Аз ин нуктаҳо, ки каме иғроқомезанд, дарёфтан осон аст, ки танҳо ду масъаларо фақеҳони ислом суботкорона таблиғ менамоянд: яке ваҳдати Худо ва дигаре ҷомеаи эгалитарӣ (ҷомеаи шахсони баробарҳуқуқ)-и онҳо мебошад.

Аз гуфтаҳои боло равшан аён аст, ки фақеҳони давраи ибтидоии мусулмонон на вақт ва на майл доштанд, ки ба масъалаи баҳсбарангези иродаи озод ва детерминизм машғул шаванд. Масъалаи озодии ирода як навъ рушди тафаккури нав дар таърих буд. Умуман, мутафаккирон бо баҳс дар атрофи ду маҷмуи оятҳои Қуръон оғоз карда буданд: оятҳое, ки ба қазою

[64] Маҳмуд Шалтут. Ал-Ислам. Ақиад ва шариа. Ал-Қаҳира, 1967. С. 46 (ба забони арабӣ).
[65] Рашид ал-Ғанушӣ. Ҳуқуқ ал-муватина ҳуқуқ ғайри ал-мусаллам фи ал-муҷтамаъ. – Димишқ, 1993. С. 48 (ба забони арабӣ).

қадар, ба сарнавишти азалӣ бахшида шуда буданд ва оятҳое, ки дар онҳо озодии ирода матраҳ шудааст. Ин аввалин кӯшишҳои ташаккул додани таълимот оид ба тақдир ва сарнавишти азалии инсон буд. Дар охири асри VII ақидаҳои озодихоҳона ба ҷомеа ворид шудан гирифтанд, ки ин тадричан ба тақсимоти байни онҳое, ки ақидаҳои қазою қадарро пуштибонӣ менамуданд ва онҳое, ки ақидаҳои нави вобаста ба масъалаи озодии инсонро қабул карда буданд, оварда расонид.

Мактаби калом, ки тақрибан дар асри VIII зуҳур намудааст, аз оғози пайдоиши худ бо баъзе нукоти қуръонӣ ва ақоиди илоҳиётшиноси суннатгаро ба мухолифат дучор омад. Он бо равияҳои гуногунаш аввалин мактаби ғоявие буд, ки ба ҳадди бештар масъалаи озодӣ ва тобеияти инсонро дар назди Худо ва қувваҳои дигар баррасӣ намудааст. Аз ин рӯ, таҳлили васеъ ва амиқтари масъалаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии пайдоиш ва рушди он дар муҳити онрӯза мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Аз нуқтаи назари мо, ихтилофоти назариявиро, эҳтимолан, табиати хосси услуби баҳси худи калом ба вуҷуд овардааст. Баҳсҳои каломӣ, тавре ки О. Лиман мушоҳида кардааст, моҳиятан хусусияти диалектикӣ доранд ва аз ин рӯ “кушода аст, то ки ба муқобили ягон мавқеи дигар равона гардад”[66] ва барои он зуҳур ёфтааст, ки ба баррасии мубоҳисаҳои қаблӣ дар бораи антропоморфизм, сифатҳои илоҳӣ, атомизм, табиати воқеият ва ғайра, ки дар байни таълимоти муътазила, ашъария ва мотуридия буданд, ручуъ намояд. Таълимоти калом аксар вақт ҳамчун “ақлгароёна” номбар шуда, дар муқобили ақоиди суннатгароён ё муҳаддисин қарор мегирад. Одатан, нуқтаи назари мутакаллимон ва муҳаддисон яктарафа баҳогузорӣ карда мешавад ва муҳаққиқон бар он майл кардаанд, ки дар масъалаҳои илоҳиёт, аввали онҳо имтиёзи ақлро эътироф намуда, дуюми ин мактабҳо гӯё онро инкор мекунанд. Дар ҳақиқат бошад, ҳардуи онҳо равиши ақлониро пеша карда

[66] Leaman, O. ‘The Developed Kalām Tradition (part I)’, in T. Winter (ed.), The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology, Cambridge: Cambridge University Press, 2008, p. 80.

буданд, ки танҳо бо истифодаи саволҳои ақлгароёна ва фаъолиятҳои зеҳнӣ ба баҳси масъалаҳо ворид мегаштанд.

Чунин тамоюлҳои гурӯҳбандии муҳаққиқони мазкур онҳоро водор карданд, ки байни калом ва фалсафа низ ба таври куллӣ фарқ гузоранд. Вобастагии калом аз далелҳои оқилона, ки барои бунёди сохтор ва мавқеъҳои назариявии он истифода мешуданд, бешубҳа, аз ҷониби файласуфон дастгирӣ меёфтанд, аммо ҳанӯз ҳам тамоюли умумӣ барои муболиға кардани он воқеият вуҷуд дошт, ки илоҳиётшиносон файласуфонро шадидан танқид мекарданд, зеро масъалагузорӣ ва методологияи онҳо аз масоили сирф илоҳиётшиносӣ ҷудо шуда буданд. Ҷолиби диққат аст, ки дар давраи рушди калом, ки онро Р.М. Франк ба ҷойи илоҳиётшиносӣ ҳамчун илми фалсафӣ донистааст, ягон нафаре аз илоҳиётшиносони ислом ба назар намерасиданд, ки фаъолиятҳои “илоҳиётшиносӣ”-и худашонро аз фанҳои дигар, аз қабили сарфу наҳв, ҳуқуқ (фиқҳ), мантиқ ва ҳатто аз фалсафа ва тасаввуф ҷудо созанд.[67] Ҷолибтар аз он, дар асрҳои VII ва VIII, илоҳиётшиносҳо ҷустуҷӯйи нави бисёрҷабҳаи таҳқиқотиро ба миён гузоштанд, ки аксаран бо истифода аз далелҳои фалсафӣ барои сайқал додани ғояҳо ва методологияи таҳқиқоташон ба кор мебурданд.

Дар ҳолатҳои дигар баҳсҳои илоҳиётшиносон барои ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсӣ истифода мешуданд: мисоли равшани ин баҳсест, ки дар он қонунӣ будани ҳукмронии Уммавиёнро, ки Муовия дар солҳои 661 пас аз муҳорибаҳои Сиффин барпо сохта буд, зери суол гузошта шудааст. Нуқтаи назари расмии халифаҳои Уммавия дар он ифода мегардид, ки ҳар гуна амал, аз ҷумла, амалҳои ношоиста бо иродаи Худо муайян карда мешаванд. Ин эътиқод барои он вуҷуд дошта метавонист, ки бояд рафтори фосиди халифаҳоро беҷазо гузошта, амалҳои бад бошанд, аз он ҷиҳат асоснок гардиданд, ки гӯё онҳо бо фармони илоҳӣ ба анҷом мерасанд. Бо маҳкум кардани мавқеи Уммавиён, пайравони мактаби қадарияи Димишқ ва Басра,

[67] Frank, ‘The Science of Kalām’, pp. 14–6; D. Gutas, Avicenna and the Aristotelian Tradition, Leyden and New York: Brill, 1988, p. 359.

ки дар миёни онҳо Ма‘бад ал-Ҷуҳонӣ (ваф. 703), ки бори аввал дар бораи масъалаи қадар андеша рондааст ва Ғайлан ад-Димишқӣ (ваф. 723) буданд. Онҳо саволеро матраҳ намуданд, ки оё нуқтаи назари навро дар робита ба масъалаи сарнавишти аз ҷониби Худо муайяншуда қабул кардан мумкин аст ва ё на ва дар натиҷа, назарияеро дастгирӣ карданд, ки одамон мувофиқи иродаи озодашон амал мекунанд, ки баъдтар он дар эътиқоди муътазилиён ҳамчун яке аз масоили баҳси онҳо пазируфта мешавад. Дар ин бора А.В. Смирнов чунин навиштааст: “Ҷабариҳо (дар муқоиса бо муътазилиён – З.Ҳ.) ҳангоми баён намудани хусусияти тақдири илоҳӣ дар вазъи мураккабтар қарор доштанд. Мавқеи умумии сунниён дар он ифода меёбад, ки тамоми хайр ва шар, некию бадӣ дар сарнавишти инсон аз ҷониби Худост ва ҳамаи рафтору кирдори инсон бо иродаи илоҳӣ анҷом мепазиранд. Агар инсон тибқи Қонун амал намояд, иродаи илоҳӣ рафтори ӯро чунин меофарад. Агар ӯ бар хилофи Қонун амал намояд, иродаи илоҳӣ дар “тахлийа” (ҷойиз будан, иҷозат будан – З.Ҳ.) барои ӯ муқаррар мегардад”.[68]

Назари пайравони қадарияро пайравони мактаби ҷабария маҳкум кардаанд, ки бо сардории Ҷаҳм ибни Тафвон (ваф. 746) аз дунболи суннатгароён ва ашъариён ҷонибдори сарнавишти аз ҷониби Худо ба таври қатъӣ муқарраршудаи инсон буданд. Ба ин монанд, масъалаи эҷоди Қуръон низ дар рақобати байни хилофат ва уламои дин дар мавриди амалӣ кардани ҳокимияти динӣ дар ислом аксари илоҳиётшиносони каломро (ба истиснои чанд ҳолат, ба монанди Аҳмад ибни Ҳанбал) водор намуд, ки барои ба мувофиқат расидан дар масъалаҳои бунёдии динӣ бо манфиатҳои сиёсӣ мавқеи мусолиматомезро ишғол намоянд. Маълум аст, ки ҳамаи ин гурӯҳҳо масъалаҳои илоҳиётшиносиро (дар масъалаи қазову қадар) бо масъалаҳои фалсафӣ (хусусияти замонӣ доштани каломи илоҳӣ ё абадияти иродаи илоҳӣ) омезиш додаанд ва ҳамаи онҳо ин далелҳоро барои муқобилият нишон додан бо баҳсҳои сиёсӣ истифода кардаанд.

[68] Смирнов А.В. Этика: принцип строгой ответственности // История арабо-мусульманской философии: Учебник / Под ред. А.В. Смирнова. - М.: Академический Проект, 2013. С.87.

Ҳамин тариқ, пояҳои муколамаҳо ва баҳсҳо дар бораи олам ва ҷомеа аз доираи таълимоти қуръонӣ берун баромадан гирифта, масъалаи иродаи инсон ва сарнавишти пешакии ӯ диққат ва тасаввуроти мутафаккирони бешуморро ба худ ҷалб кард, аммо то ба ҳол як навъ мушкили ҷовидона боқӣ мондааст, ки ҳалли ниҳоии он аз эҳтимол дур аст. Назари ҳамаи мутафаккирони ин давра доир ба ин мавзуъҳо, бешубҳа, ба суннати исломӣ ва бар муқаррароти Қуръон асос ёфтааст, ки ҳам идеяи сарнавишти азалии илоҳӣ ва ҳам масъулияти инсонро барои амалҳояш дастгирӣ мекунанд, ки он минбаъд дар назарияи озодии иродаи инсон инъикос меёбад. Дар баррасии ин мавзуъ адабиёти ҳадисӣ, ки асосан ба нуқтаи назари сарнавишти азалӣ равона гардида, назорати инсонро аз болои амалҳои худ инкор ва ба Худо аз нуқтаи назари қудрати мутлақ рӯ овардааст, таъсири калон гузоштааст. Умуман, дар Қуръон мафҳуми қазо барои ифодаи ченак, ҳукм ва қарор истифода шудааст.[69] Ҳамин тавр, калом ва мактабҳои дигари исломӣ ба ин истилоҳ мазмуни тақдир ё сарнавиштсозиро гузошта, онро ҳамчун амри «кулли»-и илоҳӣ ном мондаанд, ки, мутаассифона, ба тақдирпарастии аксарияти мардуми мусулмон сабабгор гаштааст.

Аксарияти диншиносон оғози ин баҳсро, тавре ки аллакай зикр шуд, аз таълимоти қадарияҳо ва ҷабарияҳо ҳисоб кардаанд, аммо дар дохили худи мактаби калом ин масъала асосан дар доираи таълимоти муътазилиён ва ашъариён мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Мутафаккирони ҳарду равия махсусан, ба масъалаи душвори мувофиқат кардани ғояи Худои қодири мутлақ, ки ҳама чиз, аз ҷумла, аъмоли инсонро халқ мекунад, бо ғояи Худои одиле, ки набояд одамонро дар аъмолашон гунаҳкор намояд, зеро онҳо амалҳое мебошанд, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷониби Ӯ интихоб нашудаанд ва барои он подош ё ҷазо дода шаванд. Ин масъаларо муътазилиён ба тариқи бесобиқа ҳал кардаанд: аввалан, онҳо дарк карданд, ки адолати илоҳӣ маънои онро дорад, ки Худо танҳо он чизеро, ки барои инсон муфид аст, халқ мекунад ва сониян, Худо метавонад танҳо барои некӣ ё шоистагӣ (маъруф) амр диҳад ва

[69] Фаруқ Аҳмад ал-Дасуқӣ. Ал-Қаза ва ал-қадар фи ал-ислам. – Ар-Рийаз, 1401 ҳ. С. 1401 (ба забони арабӣ).

ҳар он чизе, ки ҳаром аст, манъ мекунад (мункар). Илова бар ин, онҳо боварӣ доштанд, ки Худоро наметавон ба ҷавобгарӣ кашид.[70] Ин қазияест, ки хусусияти ахлоқӣ дошта, ба Худо нисбат додани бадӣ ва инчунин, беадолатиро рад мекунад ва нуқтаи назарест, ки имконпазирии ба зиммаи одамон вогузоштани масъулиятро барои амалҳояшон таъкид мекунад.

Шуруъ аз асри IX масъалаи озодии инсон аз нигоҳи таносуби "қувва ва феъл" (ё қобилияти амал кардан - ҳақиқат) баррасӣ мегардад ва мушкилоти озодии инсон ба он мутаваҷҷеҳ гардид, ки оё шахси дорои қудрат барои амалӣ намудани он то кадом ҳад озод ё мутеъ аст. Муътазилиҳо таваҷҷуҳашонро ба тавзеҳи мафҳуми "қудра (-т) ё қувваи сабабҳои фоилӣ равона карда, инсонро ҳамчун фоил (иҷрокунанда), олим (донанда), қобил (қобилияти амал дошта), мурид (соҳиби хоҳиш) ва амсоли онҳо баррасӣ менамуданд. Мутаносибан, инсон ҳамчун як омили воқеӣ, дақиқтараш, ҳамчун як сабаби фоилии арастуии мақоми воқеии ашё ҳисобида мешавад. Яке аз сарварони муътазилиҳои Басра Абу Алӣ ал-Ҷуббоӣ (ваф. 915-916) сабабҳои қувваи инсониро ҳамчун сабабҳои эҷодӣ меҳисобид, ки бо ёрии он инсон метавонад дубора чизеро халқ кунад. Тибқи гуфтаи ал-Ҷуббоӣ, қобилияти инсон барои ба ашё ҳаёт бахшидан ӯро навовар, хислати воқеии фоил ва ихтироъкори амал месозад. Қудрат ҳамчун қувваи дастгирикунандае маънидод мешавад, ки дар байни ду қутби кору фаъолият ҷойгир аст (яъне амалӣ шудан ва амалӣ нашудани он). Аз ин ру, Ал-Ҷуббоӣ боварӣ дошт, ки иродаи инсон қодир аст, ду қутби кору фаъолиятро интихоб кунад, яъне қудрате, ки пеш аз худи кору фаъолият амал мекунад.[71]

Бояд қайд кард, ки ин мавқеъ ба таври мустақим ҳадафи аслии таълимоти Арастуро нишон медиҳад, ки ба ғояи марказии сабабият ё детерминизми таълимоти ӯ рост омада, тибқи он сабаб ба амал, феъли худаш ниёз дорад. Арасту на танҳо аввалин касе буд, ки эълом доштааст, ки натиҷа ё оқибат аз сабаб вобаста аст, балки ӯ инчунин, аввалин шуда пешниҳод

[70] Самиъ Дағим. Фалсафа ал-қадар фи фикр ал-муътазила. – Бейрут, 1992. С. 3-110 (ба забони арабӣ).
[71] Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. Мақалат ал-исламиин ва ихтилаф ал-мусалиин. – ал-Қаҳира, 1954. С. 94-98 (ба забони арабӣ).

карда буд, ки мафҳуми робитаи сабабӣ-натиҷавӣ ҳамчун вобастагии мутақобилаи байни ин ду унсур тасаввур карда шавад. Дар китоби нуҳуми “Метафизика”-и худ Арасту назарияи қувва ва қобилиятро баррасӣ намуда, байни қувваи фаъол (қувваи фоилия)-и сабаб, ки он монанд ба қувваи оташ ҳангоми сӯзондан аст ва қувваи ғайрифаъол (қувваи мунфаъила)-ро, ки он монанд ба қуввае ҳаст, ки ҳангоми сӯзонидани як пораи пахта ҳосил мешавад, фарқ гузоштааст. Арасту ин мафҳумҳоро бо фаҳмиши шахсии худ дар бораи табиати ашё рабт дода, гуфтааст, ки баробари ба ҳам омадани ду унсур, қувваҳои онҳо, ки ҷузъи табиати онҳо мебошанд, ҳатман фаъол ва амалӣ карда мешаванд. Ин ду унсур аз ҳам вобаста ва яке бар дигараш тобеъ аст: “Аз ин рӯ, агар дар ашё ҳардуи онҳо табиатан ба як чиз пайваст шаванд, яктои онҳо худ ба худ мунфаъил шуда наметавонад, зеро он ягона ва на бисёр аст. Ба ин монанд, нотавонӣ ва нотавон - ин маҳрумият дар муқобили чунин намуди қувва ё қобилият мебошад, пас, қобилият ҳамеша дар худи ҳамон ҳолате, ки нотавонӣ дорад, буда метавонад. Аммо дар бораи маҳрумият бошад, ба маънои гуногун гуфта мешавад. Дақиқтараш, он, аввалан, маънои онро дорад, ки чизе аз ягон чиз маҳрум аст; дуюм, ҳарчанд ба чизе хос аст, ки табиатан чизе дошта бошад ҳам, аммо вай онро надорад - ё умуман, ё ҳангоме ки ба вай доштани он табиатан хос аст”.[72]

Ақидаи Абу-л-Ҳузайл (ваф. 840-841), сарвари мактаби муътазилияи Басра ба ин нуқтаи назари Арасту рост меояд. Ҳақиқат, ба ақидаи Абу-л-Ҳузайл, ба қувваи ирода, на ба қувваи ҷисмонӣ барои амалӣ кардани фаъолияти иродавии инсон ишора мекунад ва бо маънои “расидан ба ҳадафи баҳри қасде интихобшуда” ҳаммуродифӣ пайдо намуда, он дар ҳолест, ки шароити интихоби номаҳдуд вуҷуд дорад”. Мувофиқи назарияи Абу-л-Ҳузайл дар бораи лаҳзаҳо, инсон дар лаҳзаи аввал (лаҳзаи содиршавии амал - йаф‘алу) амал мекард, дар ҳоле ки амал дар лаҳзаи дувум (лаҳзаи амали содиршуда - фа‘ала) аллакай ба иҷрорасида ҳисобида мешуд. Дар ин мавқеъ ба таври ғайримустақим ғояҳое ҳузур доранд, ки: а) қувва ҳамчун қудрат

[72] Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т. 1. Ред. В. Ф. Асмус. - М., «Мысль», 1976. С. 235.

танҳо пеш аз амал тасниф карда мешавад; б) иродае зарур аст (муҷиб); в) қуввае, ки пеш аз амал вуҷуд дошт, пас аз иҷрошавии он дигар лозим нест.[73]

Тибқи гуфтаҳои Абу-л-Ҳузайл дар ҳукмронии ботинии ирода ва интихоби феъл ё амал, ҳар як шахс озодии муайянро барои иҷрои амалҳои мушаххас дар доираи берунии табиат истифода мебарад ва ин амалҳоро бо хости худ ба амал меорад. Гузашта аз ин, дар назарияи ин мутафаккир чунин ба назар мерасад, ки инсон тавонистааст тавассути интихоби озодӣ ва қобилияти фарқ кардани неку бад, ба мафҳуми адл, ки тавассути ақл ва фаҳмиши худи шахс мустақилона аз ваҳй ба даст оварда мешавад, амалӣ гардад. Аз ин рӯ, боло гирифтани қобилияти инсон аз болои ашёи воқеӣ тасодуфи эҷодӣ набуда, балки интихоби байни ду масъала ё ҳукм аст, ки дар заминаи мушаххас пешниҳод шудаанд.[74]

Чуноне ки бармеояд, ба истилоҳ “окказионализм”-и муътазилия равиши фикрии хешро дар бораи он ки феъл ва амали инсонро Худо таъин накардааст, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст. Онҳо ин натиҷаро тавассути рӯ овардан ба метафизикаи фалсафии атомҳо ва аразҳои онҳо, ки одатан дар фалсафаи Ғарб "окказионализм" (тасодуфгаро̄й) номида мешаванд, ба даст овардаанд. Дар асоси ақидае, ки ҳама чиз дар ҷаҳон аз атомҳо (ҷавоҳир) ва аразҳо иборат аст, муътазилиҳо (ва ҳамчунин машшоиён, чуноне ки баъдтар хоҳем дид) назарияи атомизмро ба ғояи худ дар бораи қобилияти озодона амал кардани инсон мутобиқ карда, байни робитаҳои сабабӣ-натиҷавии аввалия ва дуюмдараҷа, ки ҳатман набояд дар самтҳои амали онҳо ба ҳам мувофиқат намоянд, фарқ мегузоштанд. Албатта, окказионализми муътазилия аз ҷаҳонбинии Арасту, ки дар натиҷаи ҳамбастагии сурат (шакл) ва модда (материя) ба вуҷуд омадааст, реша гирифтааст. Вай суратро бо ҷавҳари зотан мавҷудбуда таъриф дода, моддаро ҳамчун навъи дигари ҷавҳар (аз ҷумла, субстрате, ки дар он тағйирот ба амал

[73] ١ Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. Мақалат ал-исламиин ва ихтилаф ал-мусалиин. – ал-Қаҳира, 1954. С. 92 (ба забони арабӣ).
[74] Frank R.M. Several Fundamental Assumptions of the Baṣra School of the Mu‘tazila’, Studia Islamica 33, 1971, p. 12.

меоянд) баррасӣ менамояд. Тибқи таълимоти Арасту, ҷисмҳо, ки дар натиҷаи ҷобаҷогузории модда ва сурат ба вуҷуд омадаанд, аз атомҳо иборатанд.

Барои муътазилиҳо низ, чуноне ки қаблан зикр намудем, ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) иборатанд, аммо ба фарқ аз Арасту, онҳоро ҷудо кардан мумкин набуд. Аксарияти муътазилиҳо назарияи атомистии худро ба қазияи асосие пайваст менамуданд, ки тибқи он ҷавҳар танҳо як ҳомили аразҳо буд, аммо дар муқоиса бо пайвастагии арастуии он бо араз барои вуҷудияти зотӣ қодир набуд.[75] Онҳо боварӣ доштанд, ки на танҳо атомҳо, балки аразҳои онҳо низ зотан аз қувва маҳруманд ва бояд барои созмон додани ҷисм онҳо муттаҳид карда шаванд. Бо вуҷуди чунин тафсири дидгоҳ, мафҳуми араз ба муътазилиён имкон дод, ки аҳамияти сабабияти озодии инсонро умуман, инкор накунанд. Ба ин маънӣ, Муаммар ибн Аббод ас-Суламӣ (ваф. 830), яке аз фақеҳони маъруфи муътазила талош меварзид, ки дар таълимоташ Худоро аз масъулияти офаридани аъмоли шар, бад озод кунад: ӯ эътироф менамуд, ки мавҷудияти ҷисмҳо (ҳамчун маҷмуи атомҳо) ба Худо ва мавҷудияти аразҳо ба феълҳо ва амалҳои онҳо мансуб аст. Ба ақидаи ӯ, касе гуфта наметавонад, ки Худо сабаби аразҳост, ба истиснои ҳолати ғайримустақим, яъне тавассути бадан, ки он табиатан аразҳоро ба миён меоварад.[76]

Бо дарназардошти таҳлилҳои фавқуззикр метавон гуфт, ки муътазилиҳо тавонистанд, ки ғояҳояшонро дар бораи атомизм бо назарияашон дар бораи он, ки инсон дар ин ҷаҳон озодона амал мекунад, мутобиқ созанд. Онҳо масъулияти одамонро барои пайдоиши аразҳо, ки ба иллати феълу амалҳои инсон пайдо мешаванд, таъкид менамуданд. Ҳамин тавр, ба андешаи муътазилиён, инсон метавонист, ки тавассути қобилияти худмухторӣ дар кору фаъолиятҳояш қувваи аразиеро ба вуҷуд оварад, ки он “сангро ба

[75] Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. Мақалат ал-исламиин ва ихтилаф ал-мусалиин. – ал-Қаҳира, 1954. С. 7-10 (ба забони арабӣ).
[76] Fakhry M. A history of Islamic philosophy (Studies in Oriental Culture, No. 5.) xviii, 427 pp. New York and London: Columbia University Press, 1970, p. 50.

ҳаракат дарорад ва дар навбати худ, агар бо он касеро зананд, ӯро метавонад ба дард оварад”.[77]

Дар мавриди антиномия (зиддият байни ду қоидаи боэътимоди мантиқӣ)-и қудрати Худо дар мактабҳои фикрии ислом се фарзия ва равиши маърифатӣ ҷой дошт. Равиши аввали онро, чуноне ки аллакай мушоҳида кардем, аксарияти муътазилиҳо пеш гирифтаанд. Онҳо эълом доштаанд, ки Худоро бо қудрате, ки инсон бо он бар чизе ҳокимият мекунад, тавсиф додан мумкин нест. Роҳи дуюми ҳаллу фасли ин масъаларо ду нафар пайравони муътазилия – Дирар ибн Амр (ваф. 815) ва Муҳаммад ан-Наҷҷор (ваф. 884) пешниҳод карда, шарҳ додаанд, ки “ҳар як амали инсонро Худо офаридааст, аммо инсон бошад, онро касб мекунад ва ин ба маънои он аст, ки инсон касбкунандаи амал аст ва ӯро фоили он номидан мумкин аст”.[78]

Ҳамин тариқ, ҳар як амал аз ҷониби ду фоил - Худои Офаридгор ва инсони касбкунанда сарчашма мегирад. Аммо нуқтаи назари ҳарду мутафаккир аз ҳамдигар фарқ низ мекард. Мувофиқи ақидаи ад-Дирар, инсон қудрати касб карданро аз давраи таваллуд ёфтанаш дорад ва пас, қудрати касб намудан ва феъли касб намудан ба озодии иродаи худи инсон вобаста аст; бинобар ин, инсон дар ҳақиқат фоили озод аст. Аз тарафи дигар, ан-Наҷҷор қудрати амал намудан ва инчунин, амали касб намудани инсонро ҳамчун феъле баррасӣ менамояд, ки аз ҷониби Худо дар баробари офариниши ӯ ба вуҷуд овардааст. Пас, инсон танҳо фоил аст, аммо дар ҳақиқат фоили озод нест.[79] Равиши сеюм ба Абу Яъқуб Шаҳҳом (ваф. 880) тааллуқ дорад, ки ӯ ба фарқ аз аксари муътазилиён боварӣ дорад, ки Худо метавонад инсонро аз озодии иродаи ато кардааш маҳрум созад; ӯ дар муқоиса бо Дирар ва ан-Наҷҷор чунин мешуморад, ки ҳар гуна амали инсон метавонад ё аз ҷониби Худо манбаъ гирад, ба шарте ки агар Ӯ инсонро аз

[77] Ибн Фав. Муҷаррад мақалат аш-шайх Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. – Бейрут, 1987. С. 132-133 (ба забони арабӣ).
[78] Wolfson, H.A. The Philosophy:of the Kalam, Harvard University Press, London, England, 1976, p.733.
[79] Wolfson, H.A. The Philosophy:of the Kalam, С. 736.

озодии ирода маҳрум карда бошад ва ё аз ҷониби худи инсон сурат гирад, ки дар ин ҳолат амали инсон бо роҳи касб намудан ба иҷро мерасад”.[80]

Пайравони мактаби ашъария, ки аз номи асосгузори он Абу-л-Ҳасани Ашъарӣ (ваф. 935) гирифта шудааст, нуқтаи назари ифротии ҷабарияҳо ва муътазилиёнро шадидан таҳти интиқод қарор додаанд. Аммо бо вуҷуди ин, Ашъарӣ ғояи иктисоб (касб намудан)-и ан-Наҷҷориро пазируфт. Ӯ дар кӯшишҳояш барои исботи он, ки иктисоб ҳам ба иҷбор ва ҳам ба озодгарой мухолиф аст, таъкид кардааст, ки иктисоб, аз як тараф, ин қувва аст ва аз тарафи дигар, онро дар вуҷуди инсон Худо офаридааст ва «Худо қудрати маҷбур карданро дорад”. Аз ин рӯ, ашъариён кӯшиш карда буданд, ки озодӣ ва детерминизмро бо ҳам созиш диҳанд. Ин як низоми метафизикӣ ва ақидавиест, ки дар замони муосир анъанаи аксарияти мусулмонони аҳли суннат ва ҷамоатро ташкил медиҳад. Ашъариён эътиқод ба якрангӣ ва сабабияти қонунҳои табиатро на барои он инкор мекунанд, ки аз озодии инсон дифоъ намоянд, балки худсарии ӯро дар назди Худо интиқод кунанд. Ин гурӯҳ тасдиқ мекунад, ки Худо наметавонад бо ягон қонун вобастагӣ дошта бошад, зеро он метавонад таҷовуз ба азамат ва қудрати Ӯ бошад ва онҳо боварӣ доштанд, ки шахси фоил дар инсон на худи инсон, балки Худо аст ва некиву бадии аъмоли ӯ бо хости Худо муайян мешаванд. Тақдири инсон ҳатто пеш аз офариниши олам дар арши барин сабт шудааст. Дар посух ба ин суол, ки чаро инсон бояд барои амалҳое, ки ӯ назорат карда наметавонад, муҷозот шавад, онҳо таълимоти иктисобро ба ҳайси исбот ба миён гузоштанд. Барои нигоҳ доштани масъулияти маънавии шахс, онҳо мегӯянд, ки инсон қудрат дорад иродаашро ба амал табдил диҳад. Аммо ин қобилияти инсон ба ҳокимияти олии Худо халал намерасонад, зеро ҳар вақте ки инсон амалеро иҷро кардан хоҳад, Ӯ мефармояд ва Худо ин амалро

[80] Ҳамон ҷо. С. 737.

мувофиқи хоҳиши инсон меофарад. Чунин феъл ё амал касб (иктисоб) номида мешавад.[81]

Ҳамин тавр, агар муътазилиён ва қадариҳо тасдиқ менамуданд, ки инсон барои иҷрои амале қудрат ва дар интихоби худ озодии комил дорад, гарчанде ки қудратро дар вуҷуди ӯ Худо офаридааст, аммо ашъариён роҳи миёна (манзалатун байна-л-манзалатайн)-ро интихоб карданд. Ба андешаи М.Н. Волф, “онҳо байни офариниш (халқ) ва иктисоб (касб)-и амал фарқ гузоштанд. Худо, ба гуфтаи ашъариён, созанда (холиқ)-и аъмоли инсон аст ва инсон мутаносибан шахсест, ки ин амалҳоро аз худ (муктасиб) мекунад. Амалҳои одамонро Худо офаридааст ва худи махлуқон қодир нестанд, ки ягон амалеро офаранд, зеро Офаридгор танҳо Худо аст. Қудрат, мувофиқи ақидаҳои онҳо, ё аслӣ (қадим) ё зуҳурёфта (ҳадис) аст”.[82]

Назарияи касб ё иктисоб минбаъд аз ҷониби файласуфи мутакаллим Абу Ҳомид Ғазолӣ дастгирӣ карда шудааст. Азбаски Ғазолӣ баъди намояндагони асосии машшоияи шарқӣ ҳаёт ва фаъолият бурдааст ва таъсири ӯ ба афкори ин машшоиён (Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибн Сино ва дигарон) имкон надошт, дар ин ҷо аз таҳлили муносибати ин фақеҳи ислом ба масъалаи касб ва озодии инсон худдорӣ мекунем, зеро ин мувофиқи мақсад нахоҳад буд.

Ҳамин тавр, дар ташаккулёбии мафҳумҳои озодӣ ва тобеияту итоат дар фалсафаи шарқӣ омилҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиши онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба он қабл аз ҳама, омилҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ тааллуқ доранд, ки таҳти онҳо қудрати сиёсӣ ва роҳбарони ваколатдор дар назар дошта шуда, эътироф шудан ва ё инкор шудани он ё аз ҷониби шаҳрвандони худ бидуни фарқияти нажод, қабила, дин ва гурӯҳҳои дигар боиси розӣ ё норозӣ буданашон мегардад. Давлат ё роҳбар бояд ҳимояи ҳар як шаҳрвандашро таъмин ва кафолат диҳад, ки он принсипи адолат ё беадолатӣ, ҳуқуқи инсон ва аз паси он хости озодӣ ва ё тобеии одамон муқаррар мегардад.

---

[81] Holt, P.M. Lambton K.S., Lewis, B. (Ed.), The Cambridge History of Islam. Cambridge University Press, 1970, pp. 812-813.

[82] Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: ашаритский калам. - Новосибирск, 2008. С. 54.

Хулоса, сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии мафҳумҳои озодии инсон ва тобеияту итоати он дар фалсафаи шарқӣ дар пайи ҷустори афкори нав ва ба таълимоти динӣ мувофиқатшаванда ба миён омаданд. Дар баробари ин, таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим, ақоиди озодихоҳона дар таълимоти оинҳои пешинаи мардуми ориёинажод ва ғайра барои пайдоиши чунин ақидаҳо заминаҳои муҳимтарин буданд.

1.3. Аҷлгарой ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ

Фалсафаи машшоияи шарқӣ ибтидои анъанаи бузурги фалсафаро дар ин минтаҚа, аз ҷумла, дар сарзамини таърихии халқи тоҷик дар якҷоягӣ бо мактабҳои дигари аҚлонӣ ифода мекунад. Тарҷумаи дастовардҳои илмӣ, математикӣ, нуҷумшиносӣ, фарҳангӣ ва фалсафии тамаддунҳои Қадим ба монанди юнониҳо, ҳиндуҳо ва шарҳи тафсирҳои гуногуни ба забони арабӣ навишташуда доираи мутафаккирони давраи классикии МашриҚзаминро дар асрҳои IX-XIII бо мероси бойи зеҳнӣ таъмин намуд. Дере нагузашта онҳо тавонистанд, ки донишҳои андӯхтаашонро тибқи ин маъхазҳо бозбинӣ намуда, ба коркард ва таҳияи низомҳои нави синтетикӣ шуруъ намоянд. Дастрасӣ ба сарвати маънавии тамаддунҳои дигар ба файласуфони Шарқ имкон дод, ки бо ҳамтоёни худ дар фарҳангҳои дигар муколамаи маҷозӣ ва пурсамар анҷом диҳанд.

Аз таърих маълум аст, ки бо мурури замон мероси илмии Юнони Қадим ба минтаҚаҳои шарқии Осиё интиқол дода шуд, ки ба он пеш аз ҳама натиҷаи истилои Миср дар соли 323 то милод аз ҷониби неруи ҳарбии Искандари Мақдунӣ, ки барои бунёд гузоштани як шоҳкори нави меъмории ҷаҳонӣ – шаҳри Искандария дар соли 120 то милод амр дода буд, мусоидат намуд. Ба иллати ислоҳоти доимии сиёсии Афина, ки ба мавқеи иҷтимоии олимони он замон ва пеш аз ҳама, файласуфон таъсир мерасонд, шумораи зиёди мутафаккирон дар ҷустуҷӯйи шароити беҳтару мусоидтари илмӣ, инчунин, ба хотири амалӣ сохтани ғояҳо ва назарияҳои нави илмиашон батадриҷ ба шаҳрҳои сераҳолӣ кӯч мебастанд. Ин муҳоҷирати дастаҷамъӣ боиси ташаккулёбии мактабҳои муҳимми илмӣ ва академияҳои пурарзиш дар Искандария гардид. Каме баъдтар, Константин Август (306-337), ки бештар бо номи Константини Бузург, императори машҳури Рум маъруф аст, ҳам дар маъмурияти сиёсӣ, ҳам илмӣ ва ҳам маънавӣ ислоҳоти муҳим анҷом дод. Империяи Рим, ки Миср ҳам ба он дохил буд, расман масеҳиятро қабул кард.

Ҳамин тариқ, раванди масеҳисозии мероси илмӣ аз Юнони Қадим оғоз ёфта, дар академияҳои илмии Искандария тарғиб карда шуд. Ба масеҳият гаравонидани аҳолии Искандария, аз як тараф, сабаби баланд шудани нуфузи ҷаҳонии экспансионистии қаламравҳои онвақтаи ғарбии империяи подшоҳии Сосониён, аз тарафи дигар, боиси ҳаракат ва таҳаввули суннатҳои қадимаи юнонӣ ба мамолики шарқӣ гардид.[83] Таъсис ва рушди илм дар Академияи Гунди Шопур як намунае аз ин аст.

Албатта, баррасии васеи раванди тарҷумаи мероси Юнони Қадим ба Искандария ва аз он бо дархости намояндагони ҳокимияти Сосониён дар минтақаҳои наздимарзии он, таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад, аммо барои мо муҳим он аст, ки сарчашмаи паҳн ва интишор ёфтани фарҳанги юнониёни қадим ва хусусан, тарҷумаҳои осори фалсафӣ, ки ба рушди мактаби машшоияи шарқӣ бевосита дахл дорад, то ба қаламрави Сурия ва минтақаи ориёӣ муайян гардад. Бояд қайд кард, ки баъди суқути қудрати сиёсӣ ва иқтисодии сулолаи Сосониён мутафаккирон ва пешвоёни муассисаҳои маъруфи илмӣ ба пойтахти ҳукумати навтаъсиси Бағдод ҳиҷрат карданд.[84] Азбаски, забони арабӣ дар тамоми соҳаҳои тамаддуни ин ҳукуматдории нав забони давлатӣ буд, лоиҳаҳои муҳим оид ба тарҷумаи мероси қадимаи юнонӣ, форсӣ ва ҳиндии қадим оғоз гардиданд. Адабиёти нуҷумшиносӣ, тиббӣ, математикӣ ва як қисми адабиёти ҳандасӣ асосан аз Форс ва Ҳиндустони қадим интиқол дода шуданд ва ҳамчунин, адабиёти фалсафӣ, мантиқӣ, математикӣ, астрономӣ ва геометрӣ аз Искандария ба маркази ин хилофат интиқол дода шуда, ба забони арабӣ тарҷума шудан гирифтанд.

Ҳамин тавр, фалсафаи Шарқ дар натиҷаи ҳаракати бузурги тарҷумонии асрҳои VIII-X пайдо шуда, дар натиҷаи он қисми зиёди адабиёти илмии юнонӣ, ки дар қисмати шарқии минтақаи мазкур вуҷуд доштанд, ба забон ва фарҳанги мардуми он интиқол ёфтанд. Дар соҳаи фалсафа, ин амалан тамоми

---

[83] Nasr S.H., Leaman, O. (2001), History of Islamic philosophy. Third edition (by the license of Arayah Cultural Ins., Tehran), Kom, Ansariyan Publication, p. 90.

[84] Вилоятӣ Алиакбар Вилоятӣ. Пӯёии фарҳанг ва тамаддуни ислом ва Ирон. – Теҳрон, 1384 ҳ. С. 191-198 (ба забони форсӣ).

маводи фалсафии Арасту, тафсиру тавзеҳоти муколамаҳои Афлотун, рисолаҳои навафлотунӣ ва мушаххасан, фалсафаи Плотин (ваф. 270) ва Прокл (ваф. 485)-ро дар бар мегирифт. Аз ҷумла, фалсафаи шарқӣ анъанаи мактабҳои фалсафии қадимаи Афина ва Искандарияро, ки аксаран навафлотунӣ буданд, вале Арастуро низ ба барномаи фалсафии навафлотуния дохил карда буданд, идома дод. Ин анъанаро барои Шарқ асосан масеҳиёни муқими Сурия, ки асарҳои юнониро ба суриёнӣ ва арабӣ тарҷума мекарданд, мерос монда буданд. Аз ин рӯ, чуноне ки дар илмҳои дигаре, ки аз юнониҳо иқтибос шуда буданд, фалсафа низ дар ибтидои рушди худ як маҳсулоти аҷнабӣ ва интиқолӣ буд. Албатта, ин маънои онро надорад, ки коҳиши фалсафаи шарқӣ танҳо бо интиқоли манбаъҳои юнонӣ ва инчунин аз байн рафтани асолати фалсафии ин минтақа бо мутобиқ кардани фалсафаи юнонӣ ба муҳити худро истисно мекарда бошад, аммо, файласуфони аввали Шарқ, ба монанди Форобӣ, аввалин шахсоне мебошанд, ки аҳаммияти осори файласуфони юнониро дар рушди ҷаҳонбиниашон эътироф мекунанд. Худи файласуфони шарқӣ, албатта, дар бораи решаи юнонии илмҳояшон ва инчунин, мухолифатҳое, ки ин навовариҳо дар баъзе доираҳои куҳнапараст ба миён оварда метавонистанд, огоҳии хуб доштанд. Аз ин рӯ, Ал-Киндӣ (ваф. 866), ки ӯро маъмулан, аввалин файласуфи машшоӣ мешиносанд, тақрибан аз мавқеи апологетикӣ пазируфтани осори асрҳо ва халқҳои гузашта ва саҳми онҳоро дар расидан ба ҳақиқат дифоъ мекунад, ҳатто бо дарки он ки, ин файласуфон на араб ва на мусулмон буданд, аммо инчунин ӯ хуб дарк мекард, ки ҳақиқатро танҳо бо кори муштараки наслҳои пайдарпайи одамон ба даст овардан мумкин аст.[85]

Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри X фалсафаи шарқӣ ё илме, ки ба забони арабӣ бо номи “фалсафа” ва намояндагонаш бо номи “фалосифа” маъруф гардиданд, ҳамчун як фаъолияти мустақил нуфуз пайдо кард, ки анъанаи фалсафаи юнониро идома медод. Бунёди асосии илмии он осори Арасту буд,

[85] Ал-Кинди. Китаб ал-Кинди ила Муътасим Биллаҳ фи фалсафат ал-ула.- Ал-Қаҳира, 1970. С. 102-104 (ба забони арабӣ).

ки дар Машриқзамин бо номи ал-муʻаллим ал-аввал ба таври васеъ шинохта шудааст. Дар библиографияи маъруфи охири асри X, ки ба Ибни Надим тааллуқ дорад, тарҷумаҳои гуногуни арабии асарҳои Арасту ва муфассирони ӯ, ки он замон дастрас буданд, зикр гардидааст. Аз ин рӯ, фалсафаи шарқӣ дар ин давра ба андозаи зиёд дар руҳияи фалсафаи Арасту ташаккул меёфт, зеро асарҳои ӯ ҳадди ақал ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ дар аксари соҳаҳои дониши фалсафӣ, алалхусус, дар соҳаи фалсафаи табиатшиносӣ ва мантиқ хидмат мекарданд. Масалан, дар таснифи илмҳои фалсафии Ибни Сино тамоми қисмҳои ҷудогонаи физика ва мантиқ асарҳои Арасту номбар шуда, бар муҳтавои онҳо ин таснифот асос ёфтаанд, дар ҳоле ки яке аз муаррихони аввали асри XIII Ибн Ал-Қифтӣ навиштааст, ки "... ба шарофати Арасту, фалсафа ва дигар илмҳои қадимӣ дар сарзамини исломӣ паҳн шуданд".[86] Аммо дар амал, чуноне ки дар боло зикр намудем, ин арастугароии содиқ ва холис набуда, баъдтар бо он ва алалхусус, бо анъанаи навафлотунӣ омезиш ёфт.

Азбаски барои Ибн Ал-Қифтӣ Афлотун шогирди ҳам Пифагор ва ҳам Суқрот ба ҳисоб мерафт (дар ҳоле ки Арасту шогирди Афлотун буд), дар осори ӯ дарки ягонагии анъанаҳои Афлотун-Пифагор-Арасту вуҷуд дошт. Сарфи назар аз он ки, Афлотун ҳамчун як файласуфи асосӣ ва яке аз пайравони мактаби машшоияи юнонӣ шинохта шудааст, таъсири ӯ асосан тавассути миёнаравии навафлотуния сурат гирифтааст. Тавре маълум аст, маъхазҳои навафлотунии арабӣ ё мустаор буданд ва ё ба Арасту мансуб дониста мешуданд ва аз ин рӯ, на ҳамаи файласуфони Машриқзамин аз номҳое чун Плотин ё Прокл бохабар буданд. Онҳо дар асл ду файласуфи асосии навафлотуния буданд, ки ба машшоияи шарқӣ таъсир расонидаанд. Тавре болотар аз ин зикр шуд, ба Арасту тааллуқ доштани рисолаҳои муҳимтарини навафлотунӣ минбаъд барои синкретизми афкори Афлотун ва Арасту мусоидат намуд. Аз миёни навафлотуниёни дигар Порфирий бо асари "Исоғуҷӣ" ва ё муқаддима бар мантиқи Арасту машҳур буд. Табиати

[86] Ибн ал-Қифтӣ. Ахбар ул-улама би ахбар ал-ҳукама. – Бейрут, 2005. С. 29. (ба забони арабӣ).

назарияҳои навафлотуния ва Арасту бештар хусусияти динӣ дорад ва аз ин рӯ, ба ниёзҳои ҳар се дини яккахудоӣ (яҳудия, масеҳият ва ислом) дар боби ба ҳам оштӣ додани ҷаҳонбинии динӣ бо фалсафӣ хеле мувофиқ буданд. Аз байни ҳамаи соҳаҳои гуногуни фалсафа метафизика қавитарин унсури навафлотунӣ барои машшоияи шарқӣ ба ҳисоб меравад, зеро аксари файласуфони он масъалаи хилқат ва принсипҳои ниҳоии офаринишро тавассути назарияи фаязон (эманатсия)-и навафлотунӣ шарҳ медоданд. Навафлотуния инчунин барои маодшиносӣ (эсхатология) забони фалсафӣ фароҳам овард, зеро моҳияти фаязони нур оромиши нафс дар мабдаи хеш ва олами улвӣ мебошад. Гузашта аз ин, гарчанде ки масъалаҳои равонии таълимоти машшоиёни шарқӣ асосан дар пайравӣ аз асари Арасту "Дар бораи нафс" сурат гирифтааст, аммо таълимот оид ба нафси инсонӣ хусусияти афлотунӣ дошт. Дар он нафс ҳамчун ҷавҳари мустақил аз ҷисм баррасӣ мешуд, ки ҳадафи ниҳоии он раҳоӣ аз лаззатҳои моддӣ ва ҷисмонӣ буд. Афлотун аз забони Суқрот ин нуктаро чунин шарҳ додааст: "Ба ин васила, пок ва аз беҳушию бепарвоии ҷисм халос шуда, эҳтимолан, бо мавҷудоти ҳамранги мо [холис] муттаҳид мешавем ва бо қувваи худамон ҳамаи чизи пок ва холисро дарк мекунем ва ин, эҳтимолан, ҳақиқат аст".[87]

Ба ғайр аз навафлотуния, чуноне ки аллакай равшан аст, дар осори машшоиёни шарқӣ муҳовараҳои Афлотун мустақиман мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. "Фалсафаи Афлотун"-ӣ нишон медиҳад, ки мундариҷаи муколамаҳои Афлотун, новобаста аз он ки, онҳо ба арабӣ тарҷума ва порчаҳои он нусхабардорӣ шудаанд, донишмандон бо ин мукаломаҳо нисбатан хуб ошноӣ пайдо карданд. Афлотун мустақиман ба фалсафаи сиёсии Форобӣ ва пайравони ӯ, ки ба "Давлат" ва "Қонунҳо"-и ӯ асос ёфтаанд, таъсир расонд, дар ҳоле ки "Сиёсатмадорон"-и Арасту, зоҳиран, ҳеҷ гоҳ ба забони арабӣ тарҷума нашудааст. Бояд қайд кард, ки миёни файласуфони алоҳидаи машшоияи шарқӣ дар муқаррароти назариявии

[87] Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 2 / Под общ. ред. А. Ф. Лосева и В. Ф. Асмуса; Пер. с древнегреч. - СПб.: "Изд-во Олега Абышко", 2007. С. 26.

фалсафии онҳо, табиист, ки фарқиятҳо ҷой доранд, аммо таълимоти ҳамаи онҳо бар асоси назарияҳои афлотунӣ-арастуӣ бунёд ёфтааст. Дар байни донишмандони фалсафаи Шарқ мактабҳои фикрии мустақил ба маънои онҳое, ки дар фалсафаи юнонӣ вуҷуд доранд, якрангӣ ва ҳамдилӣ вуҷуд надорад. Танҳо пас аз ду аср мактаби ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва мактаби ирфонӣ-тасаввуфии Ибни Арабӣ ба миён омаданд, ки ақлгароии машшоияи юнониро бечунучаро рад намуда, онро бо тасаввуроти суфиёнаи фалсафӣ иваз карданд ё ба онҳо иловаҳо даровардaнд.[88]

Ҳамин тавр, дар асрҳои X ва аввали асри XI истилоҳи машшоияи шарқӣ ё ҳикмати машшоияи шарқӣ бештар ба маънои фалсафа ва пайравони он мутафаккироне эътироф гардиданд, ки таълимоти фалсафӣ ва назарияҳои онро ихтиёран пазируфта, масъалаҳои фалсафиро минбаъд дар асоси ҳамин принсипҳо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Дар байни онҳо намояндагони гуногун, аз қабили Ал-Киндӣ ва пайравони ӯ, инчунин, мактаби Бағдод буданд, ки Форобӣ ба он тааллуқ дорад. Дар нуқтаи авҷи ҳардуи ин ҷараёнҳо Ибни Сино ҳамчун бонуфузтарин файласуфи тоҷик дар ҳамаи давру замонҳост, ки ҳатто ба мутафаккирони баъдии ғайримашшоӣ, ба монанди Ғазолӣ (ваф. 1111), бештар аз дигарон таъсир расонида, фалсафаи машшоияи шарқиро дар сатҳи олӣ муаррифӣ мекард.

Дар ин ҷо асосан ба фалсафа диққат дода, мо метавонем хулоса барорем, ки ба ин васила, мутафаккирони Машриқзамин, аз ҷумла ниёгони тоҷикон бар асоси муҳаббати беандоза ба шукуфоии илм аҳамияти онро барои ҳам худашон ва ҳам ҷомеаи худ эҳсос намуда, охируламр ба олами илмии ақлгароӣ (ратсионализм, равияи фалсафӣ, ки ақлро ҳамчун асоси маърифат ва рафтори одамон медонад) ворид гаштанд. Алалхусус, дар омӯзиши мероси Афлотун, Арасту ва Плотин ба маънои академикӣ ё афлотунӣ ин мутафаккирон кӯшиш мекарданд, ки арзишҳои бузурги осори мактаби машшоии онҳоро дар фалсафаи шарқӣ ворид намоянд ва ба ин васила, ғояҳо

[88] Leaman O. (2006) “Introduction.” The Biographical Encyclopaedia of Islamic Philosophy, 1. New York, NY: Thoemmes Continuum. 2006, pp. x-xi.

ва назарияҳои ақлонии ду фарҳангро ба ҳам пайваста созиш диҳанд. Дар ин ҷо, бояд як далели хеле муҳимми таърихиро қайд кард, ки дар тарҷумаи асари гаронарзиши Плотин ба иштибоҳ роҳ дода шуда, номи Арастуро ҳамчун муаллифи ин қисмати осори ӯ сабт кардаанд. Бознигарии муқоисавии тарзи фаҳмиши далелҳои Афлотун ва Арасту аз ҷониби Плотин, ки боиси таҷдиди назари илмии фалсафаи машшоиёни шарқӣ гардид, инчунин, иштибоҳи таърихии фавқуззикри тарҷумаи осори ӯ ба забони арабӣ сабабҳои асосии пайдоиши пайравони фалсафаи Арасту дар Шарқ буданд. Мактаби машшоияи юнонӣ, ки дар бораи он ҳамчун фалсафа сухан рондан лозим аст, то андозае хусусияти фалсафаи интуитивӣ ва баҳсталабро ба ҳам пайвастааст. Ин таассуротро ба ҳадди бештар дар асарҳои дигари Арасту, ки ҷанбаҳои интуитивии фалсафаи он дар муколамаҳои Афлотун бештар ҷой доранд, қайд накардаанд. Аз ин рӯ, мутафаккирони шарқӣ дар асрҳои аввали пас аз интишори дини ислом Арастуро ҳамчун муаллифи “Эннеадҳо”-и машҳури Плотин медонистанд, дар ҳоле ки Плотин фалсафаи академикии Афлотунро на танқид, балки ба он андешаҳои худашро илова мекард. Бинобар ин, дар назари файласуфони аввали шарқӣ, фалсафаи машшоии онҳо намунаи на яке аз онҳо, балки маҷмуи ҷаҳонбинии ақлонии Юнони Қадим маҳсуб меёбад.[89] Аз ин сабаб, тааҷҷубовар нест, ки тақрибан ҳамаи файласуфони шарқӣ дар давраи аввали эволютсияи фалсафа дар ин минтақа ақоиди фалсафии машшоии Арастуро афзал дониста, онро пазируфтаанд. Аз тарафи дигар, бояд зикр кард, ки аввалин файласуфони шарқӣ, аз ҷумла, Абу Юсуф Ёқуб Киндӣ (800-879) ва Абунасри Форобӣ (872-950/951) ва баъдан, маъруфтарин намояндаи фалсафаи машшоияи шарқии он давра Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ҳамчун ҳомилони қудрати арзишҳои маърифатӣ ин меросро дар ҷанбаҳои мухталиф ба дараҷае такмил доданд, ки он аз мероси юнонӣ ба куллӣ фарқ мекард. Аз ин рӯ, дар таърихи фалсафа ин гурӯҳи файласуфонро асосгузорони мактаби нави ақлонӣ бо номи ҳикмат-ул-машшоъ ё фалсафаи машшоияи шарқӣ меноманд.

[89] Ҳусайн Кӯҳсорӣ Исҳоқ. Торихи фалсафаи исломӣ. – Теҳрон, 2003. С. 48-49 (ба забони форсӣ).

Ҳамин тавр, фалсафаи машшоияи шарқӣ маҳз ҳамчун идомаи мактаби фалсафии Искандария ба вуҷуд меояд, гарчанде ки аксарияти файласуфони машшоияи шарқӣ бевосита аз мактаби юнонии Искандария огоҳии махсус надоштанд. Ҳамаи файласуфони бузурги шарқӣ дар даврони классикӣ на танҳо дар мавзуъҳои фалсафӣ мутафаккирони дараҷаи аввал буданд, балки инчунин, олимони табиатшинос ё технологҳои моҳир низ ба шумор мерафтанд. Ҳатто назари сатҳӣ ба соҳаҳои гуногуни таҷрибаи файласуфони шарқӣ дар давраи классикӣ нишон медиҳад, ки то чӣ андоза ин олимон тафаккури фалсафиро бо дигар фанҳо омезиш додаанд. Масалан, Ал-Киндӣ (ваф. 873) аввалин файласуфи машшоияи шарқӣ ҳамчунин нуҷумшинос, физик, математик ва криптограф, Форобӣ (ваф. 951), ки бо номи “муаллими дуюм пас аз Арасту” маъруф аст, мантиқшинос, файласуф, кимиёшинос, равоншинос, физик, файласуфи сиёсатшинос ва мусиқишинос, Абу Райҳони Берунӣ (ваф. 1048) нуҷумшинос, таърихнигор, ботаник, дорушинос, геолог, файласуф, математик ва географ, Ибни Сино (ваф. 1037) - мантиқшинос, файласуф, табиб, кимиёшинос, геолог, равоншинос, нуҷумшинос ва файласуфи илм, Ибни Рушд (ваф. 1198) файласуф, табиб, физик, нуҷумшинос ва равоншинос, Насируддини Тусӣ (ваф. 1274) файласуф, нуҷумшинос, физик, кимиёгар, риёзидон ва мантиқшинос ба ҳисоб мераванд. Натиҷаи кӯшишҳои зеҳнии ин зумра файласуфон ва олимони шарқӣ дар давраи тиллоии рушди Машриқзамин на танҳо барои шукуфоии тамаддуни минтақа таъсир расонид, балки олимони асрҳои минбаъдаи Аврупоро бо ғояҳои тоза ва ғании илмию фалсафӣ таъмин намуд.

Ҳамин тавр, фалсафаи машшоӣ дар оғоз, яъне замоне, ки дар қолаби як низоми фалсафӣ ба василаи ин мутафаккирон таъсис ёфт, сиришти комилан истидлолӣ дошт. Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва баъд аз онҳо, ки фалсафаи ақлгароии шарқиро густариш доданд, барои афкори Арасту, Афлотун ва навафлотуниён эътибори зиёде қоил буданд. Аз он ҷо, ки файласуфони Юнони Қадим дар мабоҳиси фалсафӣ, пеш аз ҳама, ба қиёси бурҳонӣ такя доштанд, фалсафаи Шарқ низ сурати истидлолӣ пайдо кард. Ин

шева аз тафаккури фалсафӣ ба ҳикмати машшоияи шарқӣ маъруф гашт. Дар ҳикмати машшоӣ Арасту аксар вақт на ҳамчун асосгузори мактаби машшоӣ бар асоси ихтилофи куллӣ бо устодаш Афлотун баррасӣ мегардид, балки ҳамчун давомдиҳандаи фалсафаи Афлотун шинохта мешуд. Масалан, Форобӣ ҳафт мактаб (фирқаҳо)-и фалсафии юнониро номбар мекунад, аммо дар байни мактабҳои афлотунгаро ва арастугаро фарқ намегузорад ва онҳоро дар як мактаб муттаҳид мекунад ва онро мактаби машшоӣ меномад. Аз ин рӯ, он дар амал ҳеҷ гоҳ маънои юнониёни арастугароро надорад.

Бояд қайд кард, ки дар фалсафа ва умуман, зимни баррасии таълимот оид ба озодии инсон ва итоату тобеияти ӯ машшоиёни шарқӣ саъй кардаанд, ки дастовардҳои фалсафии Арастуро ба таълимоти фалсафии шарқӣ мутобиқ намуда, низоми ақоиди ӯро бо унсурҳои бешумори андешаи мутафаккирони дигари юнонӣ, хусусан, Птолемей, Эвклид, Афлотун, Пифагор ва навафлотуния омезиш диҳанд: масалан, тасаввуроти Арасту ва далелҳои ӯ дар бораи мавҷудияти Худо, тасаввуроти ин мутафаккир дар бораи абадияти олам, ақли фаъол, воқеият ва замон, сурат ва модда, чор унсур, зарурат ва имкон, ҳукмҳою қиёсҳои мантиқӣ ва ғайра истифода бурдаанд. Аз ин ҷо, машшоияи шарқӣ, ҳадди ақал дар марҳалаҳои охири он, ба ҳеҷ ваҷҳ сирфан машшоияи арастуӣ буда наметавонист. Ин нуктаи назарро С.П. Грофф баррасӣ намуда, қайд кардааст, ки сарфи назар аз тарҷумаи аксари осори назарраси Арасту ва файласуфони дигари юнонӣ ба забони арабӣ, низоми фалсафии Арасту дар ибтидо бар пояи таълимоти навафлотуния тафсир карда мешуд. Дар ҳақиқат, тули чандин асрҳо ду матни бонуфузи навафлотунӣ ба Арасту мансуб дониста мешуд: “Илоҳиёт” (тарҷумаи бобҳои 4-6 аз “Эннеадаҳо”-и Плотин) ва асари Прокл “Китоб дар бораи хайри маҳз” (тарҷумаи фаслҳои интихобӣ ва бозбинишудаи “Унсурҳои илоҳиётшиносӣ”, ки ба забони лотинӣ бо номи “Дар бораи иллатҳо” (“Liber de Causis”) маъруф

мебошад).[90] Муаллифи мазкур инчунин тасдиқ мекунад, ки омезиши афкори Арасту бо навафлотуния танҳо хоси файласуфони Шарқ набуд; онҳо то андозае онро аз худи муфассирони юнонии навафлотунӣ ба мерос гирифта буданд, ки асарҳои онҳо низ ба арабӣ тарҷума шуда, одатан, дар байни фалсафаи Афлотун ва Арасту ҳамоҳангии муассир ба вуҷуд меоварданд. С.П. Грофф хулоса мекунад, ки "танҳо дар нимаи дуюми асри XII ба фазли тафсирҳои бунёдии Ибни Рушд, андешаҳои Арасту самаранок барқарор карда шуда, аз ғояҳои навафлотуния комилан ҷудо карда шуданд. Бо вуҷуди ин, то он вақт таъсири Арасту аз сабаби ҳамлаи илоҳиётшиносони ашъарӣ ба фалсафаи таҳти таъсири Юнони Қадим қароргирифта ва зуҳур ёфтани мактаби ишроқия - як мактаби дигари фалсафӣ, ки ҷанбаҳои калидии мантиқ ва метафизикаи арастуиро рад кардааст, суст шудан гирифт. Дар ҳолатҳои зиёд масеҳиёни лотинӣ аз осори Ибни Рушд нисбат ба файласуфони минбаъдаи ислом манфиати бештар ба даст меоварданд...". [91]

Ин маънои онро дошт, ки дар Шарқ, новобаста аз таъқиботи руҳониён, зиндонӣ кардан ва қатлу кушторҳои зиёди олимону мутафаккирон аз ҷониби ҳокимони давр имконияти ворид ва ғанишавии фарҳанги маънавии кишварҳои Шарқ ва аз ин рӯ, дар пардаи ислом нисбатан озод баён намудани ақоид ва андешаҳои "бегона" рушд меёфт. Дар ин ҷо, хизмати машшоиён бузург буд, ки озодии инсонро на фақат дар вобастагӣ бо масъалаи иродаи инсон ё иродаи Худо (дар бораи ин масъала дар яке аз бахшҳои оянда алоҳида зикр шудааст), балки дар муайян намудани таносуби дин ва фалсафа, нақши инсон дар ҷомеа ва ғайра низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифтанд.

Абу Юсуф Исҳоқ Ал-Киндӣ (800-873) яке аз файласуфони нахустини шарқи буд, ки барои созгор ва мутавозин намудани фалсафаи юнонӣ бо илоҳиётшиносӣ талош варзида, тафаккури озодандеширо дар Машриқзамин

[90] Китоби Хайри маҳз" (the Book on the Pure Good) ба забони арабӣ иштибоҳан ба Арасту мутааллиқ дониста, ҳамчун "Китаб ул-изāҳ ли-Аристāталис фи-л-хайри-л-маҳз" ("Шарҳи андешаи Арасту дар бораи хайри маҳз") тарҷума шудааст.
[91] Groff P.S. Islamic Philosophy. Edinburgh University Press Ltd, 2007, p. 15-16.

ба вуҷуд овард, ҳарчанд ки, ҳанӯз дар таълимоти ӯ афзалияти имон бар ақл таъкид мегардид. Ба ҳар ҳол, Ал-Киндӣ дар баҳсҳояш, масалан бо муътазилиён, ба манбаъҳои анъанаи фалсафии юнонӣ такя карда, кӯшиш кардааст, ки баъзе тафовутҳои баҳсбарангези илоҳиётшиносии замони худро ҳаллу фасл намояд. Хусусан, дар масъалаҳое ба монанди қудрати илоҳӣ ва озодии инсон ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ӯ ба дастгирии ақидаҳои мутакаллимон тамоюли пурра надорад. Ба ин маънӣ, Ал-Киндӣ дар бораи мансубияти ирода ва ихтиёр ба ашёи офаридашуда суҳбат намуда, айни ҳол рад мекунад, ки инсон қобилияти амалҳои худро офаридан надорад. Дар ин ҷо бояд ба назар гирифт, ки баҳсҳои баъдии Ал-Киндӣ на дар бораи мафҳуми "озодӣ", балки ба он мутааллиқ буданд, ки оё Худо ва инсон барои иҷрои ин ё он амал то чӣ дараҷа қудрат доранд. Дар ин масъала, чуноне ки шарқшиноси маъруф Р.М. Франк тасдиқ мекунад, Ал-Киндӣ бешубҳа, аз муътазила ҷонибдорӣ накардааст ва ашъариён бошанд, баъдтар ғояи ал-Киндиро дар бораи он ки Худо "фоил" аст, нусха бардоштаанд.[92] Ин дар навбати худ барои фаҳмиши он нукта кӯмак мерасонад, ки чаро новобаста аз ҳадафҳои ӯ, таъсири Ал-Киндӣ ба анъанаҳои фалсафӣ ва маорифпарварии озодихоҳона назаррас мебошад.

Далелҳои мустақимро оид ба ин масъала дар таърифҳои Ал-Киндӣ пайдо кардан мумкин аст. Дар ин ҷо, ба таври намуна фақат ба якчанд нукоти мутафаккир дар мавриди иродаи инсон (муфассалтар ин масъала низ дар яке аз фаслҳои кори таҳқиқотӣ баррасӣ хоҳад гардид) назар меандозем. Дар оғози китобаш бо номи "Фи ҳудуд ал-ашйā' ва русумиҳа" ("Дар бораи ҳудуди ашё ва русуми онҳо") Ал-Киндӣ якчанд таърифҳои мухтасари иродаро овардааст, аз ҷумла: 1) ихтиёр ҳамчун иродае, ки онро руъё бо азҳамҷудокунӣ медиҳад"; 2) ирода ҳамчун қуввае, ки бо он чизе бе чизи дигар ба ҳайси ҳадаф қарор мегирад".[93] Ба маънии дигар, Ал-Киндӣ қудрати интихоби озодро эътироф мекунад. Имконияти танҳо ба Худо тааллуқ

[92] Frank R.M. Creation and the Cosmic System: al-Ghazi & Avicenna. Heidelberg, 1992, p. 22.
[93] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С. 115-117.

доштани чунин қудрат дар асл аллакай бо ақидае тақвият меёбад, ки интихоб–ирода барои ихтиёри руъё ё андеша аст ва он ба феъли илоҳӣ вобастагие надорад. Дар ҳар сурат, Ал-Киндӣ озодии инсонро аз мавҷудоти офаридашудаи Худо баъдтар дар худи ҳамин матн эътироф мекунад: “Иродаи махлуқ қувваи нафсониест, ки ба сӯйи истифода аз рӯйдоде ба кор меравад”. Таърифи охирин бениҳоят муҳим аст, зеро он воқеияти иродаи инсонро ба таври возеҳ баён мекунад. Маҳз натиҷаи як қатор таърифҳо мебошад, ки пайдарҳамии сабабу натиҷаҳоро дар раванди иродаи инсон муқаррар мекунанд. Аввалан, иллати “рӯйдод” ин “хотир” аст, ки он дар навбати худ “иллати ирода” ва “ирода”, дар навбати худ, сабаби “истифода (истеъмол)” мебошад, ки бо дарназардошти матни боқимонда маънои “амал” -ро дорад.[94]

Нуктаи ҷолиби диққат дар ин порча андеша дар бораи он аст, ки амалҳои мо як қисми раванди даврӣ (ё даврият) буда, онҳо аз пайи андешаҳо, майлҳо ва иродаҳое ба вуҷуд меоянд, ки такрор шуда метавонанд. Гузашта аз ин, Ал-Киндӣ боварӣ дорад, ки ҳамаи марҳилаҳои даврӣ аз феъли Худо шуруъ мешаванд. Ҳамин тавр, чунин ба назар мерасад, ки амалҳои мо воқеан бо ду роҳ муайян карда мешаванд. Аввалан, онҳо як қисми пайдарпайӣ ё даврагии фаъолияти мо мебошанд ва онҳоро бевосита андешаҳо ва майлҳою хоҳишҳои мо ба вуҷуд меоранд, ки бешубҳа, таҳти назорати иродаи мо нестанд. Дуюм, тамоми шабакаи иллатҳо (сабабҳое), ки амалҳои мо қисми он мебошанд, феъли Худо мебошад. Хулоса ин аст, ки Ал-Киндӣ ҳар ду намуди детерминизми сабабиро, ки метавонанд ба озодии инсон таҳдид кунанд, қабул менамояд: амалҳои моро ҳам рӯйдодҳои ҷаҳони офаридашуда ва ҳам қудрати илоҳӣ муайян мекунанд.[95]

Агар чунин гузориши масъала дуруст бошад, пас Ал-Киндӣ чӣ гуна даъво ва исбот карда метавонад, ки инсон қудрати ирода ва интихоб дорад? Аз рӯйи гуфтаҳои боло итминон ҳосил кардан мумкин аст, ки Ал-Киндӣ

[94] Ҳамон ҷо. С. 125.
[95] Ал-Кинди. Фи ал-фаъил ал-ҳақ ал-аввал ал-там ва ал-фаъил ал-нақис аллази ҳува би ал-маҷаз// Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С. 134-136.

мавқееро ишғол мекунад, ки ҳамчун созиш маълум аст: ақидае, ки амали инсон метавонад ҳам озод ва ҳам итоату тобеият бошад. Албатта, дар суннати юнонӣ, алалхусус, дар фалсафаи равоқиён, ки нуқтаи назари онҳо барои Ал-Киндӣ тавассути ташреҳот ва тавзеҳоти машшоиёни юнонӣ маълум гаштааст (гарчанде ки таъсири равоқиён ба афкори Ал-Киндӣ таҳти шубҳа қарор мегирад), мутобиқати умумӣ бо афкори пешгузаштагон маҳсуб меёбад.

Абу Насри Форобӣ баъди Ал-Киндӣ файласуфи дигари машшоияи шарқист, ки дар бораи ҷомеа ва ҷустуҷӯйи роҳҳои беҳтари рушд ва пешрафти он дар давраи шукуфоии фалсафаи Шарқ андешаҳояшро пешниҳод кардааст. Албатта, то андозае қабл аз ӯ ва Ал-Киндӣ диншиносон ва ҳатто олимони ҳуқуқшинос (фақеҳон) натиҷаҳои мушоҳидаҳои коршиносии худро оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла, ҳуқуқӣ, маросимӣ ва илоҳиётшиносӣ дар шаклҳои пароканда пешниҳод карда буданд. Дар умум, бешубҳа ал-Форобиро метавон аввалин файласуфи шарқӣ ҳисоб кард, ки асосҳои тафаккури фалсафии худро бо паҳлуҳои онтологии ҳаёти иҷтимоии инсон, яъне бо ҳастии инсон ва тамаддун хеле васеъ ва ҳамаҷониба пайвастааст. Мисли анъанае, ки аз Юнони Қадим сарчашма мегирад, Форобӣ низ тақрибан як навъ давлати хаёлӣ (идеалӣ)-ро зикр мекунад, ки тавсифи ақлонии муфассали он аз паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи сиёсии ӯ ё истилоҳ фалсафаи ҷомеа ва тамаддуни инсоният иборат аст. Дар ин ҷо Форобӣ номи арабии ал-мадина ал-фазила (“шаҳри фазилат”)-ро барои ифодаи давлати идеалии худ истифода бурда, онро барои ифодаи дараҷаи муайяни сохтори ақидавӣ ва омодагии тамаддунгароӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти гурӯҳӣ, ниёзҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ дар доираи як ҷомеа ба кор мебарад. Азбаски аз калимаи “мадина” истилоҳи “тамаддун” муштақ мешавад, дар забони тоҷикӣ ва форсӣ ва дар забонҳое, ки зери таъсири забони арабӣ буданд, мафҳуми аврупоии “civilization” (“тамаддун”)-ро ташаккул медиҳад, мо ба хулосае омада метавонем, ки фалсафаи сиёсии Форобӣ як гардише дар равиши ақлгароӣ буд.

Инчунин бояд қайд кард, ки Форобӣ ба таври ғайримустақим дар бораи ягонагии низомҳои вуҷудӣ, экзистентсиалӣ ва илмӣ, инчунин, наздикии онҳо ба сохти идеалии ҷамъиятӣ сухан рондааст. Бинобар ин, ҳар вақте ки ӯ дар бораи таснифот ва ҷудоиҳои мухталифи ҷомеаи башарӣ ҳарф мезанад, қаблан низоми вуҷудияти далелҳоеро баррасӣ мекунад, ки мустақил аз дигарон вуҷуд дошта, дарки моҳияти инсон ва амалҳои ӯро дар ҷомеа муфассал равшан месозанд. Масалан, ҳангоме ки дар бораи шаҳри дӯстдорони ҳокимият ва қудрати сиёсӣ ҳарф мезанад, Форобӣ муътақид аст, ки чунин ҳокимиятдорӣ дар сурате имкон дорад, ки агар ҳамаи ин дӯстдорон ва талоши онҳо барои муттаҳиди қудрат бошад. Аммо, мегӯяд ӯ, “онҳо аз ҳамдигар ба ҳадди каму беш қудратхоҳӣ, анвои пирӯзиҳо ва анвои ашёе, ки барои онҳо одамон ғалаба мекунанд, фарқ мекунанд. Масалан, баъзеҳо пирӯзиро барои хунрезии инсон, дигарон – барои маблағи молӣ (-и ӯ) ва сеюмиҳо барои ғулом кардани худи инсон дӯст медоранд. Дар ин ҳол, одамон дақиқан аз рӯйи қудратманишии онҳо ба ҳадди кам ё зиёд – ё ташнаи хун будан, ҳаёт ва ғулом кардани дигарон ва ё аз худ кардани молу амволашон тақсим мешаванд”.[96]

Қаблан зикр карда будем, ки намояндагони барҷастаи мероси ақлонии Юнони қадим Афлотун ва Арасту ба ин масъала муносибати духӯра доранд. Аммо, доир ба ин масъала, дар нисбати таълимоти Форобӣ ду ихтилофи муҳим вуҷуд дорад. Фарқи аввал дар он ифода меёбад, ки Афлотун ва Арасту, сарфи назар аз тафовути куллии дидгоҳҳо дар робита бо ҷомеа ва аъзои он на бо низоми таснифи ҷомеа дар заминаи афрод, балки гурӯҳҳо таваҷҷуҳ мекунанд. Ҳамзамон, ҷанбаҳои оқилонаи вуҷудияти инсонро як сӯ гузошта, онҳо асосан ба дурнамои сотсиологии ин масъала назар меандозанд. Дар муқоиса бо онҳо Форобӣ ба анъанаҳои баробарии давраи аввали ислом ишора намуда, дар ақоиди тарбиявии хеш асосан ба моҳияти вуҷудияти худи инсон таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ба гуфтаи ӯ, тарбия ва таълим аз ҳама ҷиҳат ҳуқуқи ҳар як фарди шаҳри фозила аст ва ҳамаи онҳо ба тарбия ниёз доранд:

[96] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. - Алма-ата, 1978. С. 146.

“Ҳамаи ин хосиятҳои табиӣ ба тарбияе, ки ба ирода ва ба тарбияе, ки василаҳои барои то ба ҳадди олӣ ва ё наздиктар ба камоли олӣ расонидани онҳо муқаррар шудааст, асос мегиранд. Метавон ягон сифати олӣ, беҳтарине ҷой дошта бошад, ки аз он сарфи назар мекунанд, онро рушд намедиҳанд ва тавассути ашёи барои ин кор муқарраршуда тарбия намекунанд ва дар оқибат бо мурури замон он қувваи фоилии хешро аз даст медиҳад”.[97]

Форобӣ ин назарияро бо ду роҳи ақлонӣ тавзеҳ медиҳад. Дар шакли аввал, он аз тафсири баробарии маънавии ҳар як шахс оғоз меёбад: он чизе, ки як шахсро аз шахси дигар комилтар мекунад, ин амалҳо ва рафторҳояш мебошанд, ки ӯ ихтиёран содир кардааст. Аз ин рӯ, ҳеҷ кас наметавонад имтиёзи иҷтимоӣ дошта бошад, то вақте ки ба маънои экзистенсиалӣ худаш онро ба даст наорад. Дар далели дуюм, ӯ саодати аслиро ҳамчун таълимоти мобайнӣ истифода бурда, онро ҳамчун “мабдаи некии комил ва том” муайян карда, мегӯяд, ҳар чизе, ки инсонро ба ин мабдаъ наздик месозад, хуб аст, агар дар он чизе ҷой надошта бошад, ки ӯ ё каси дигарро аз паҳлуҳои дигари ҳаёташ дур кунад, пас, он чизе, ки ҳар як инсонро аз манбаи камолот ҷудо мекунад, бад аст. Аз ҷониби дигар, азбаски ҳар як инсон сатҳи муайяни вуҷудиятро ифода мекунад, ӯ метавонад моҳияти ин некӣ бошад. Вай ҳақ дорад, ки онро дар худ парвариш карда, вуҷудияти хешро то расидан ба ин мабдаъ такмил диҳад. Аз ин рӯ, ҳар як шахс, ҳуқуқи саодат ва ҳар он чизеро дорад, ки ӯро ба ин саодат мерасонанд.

Қобилиятҳои ҷисмонӣ, ақлонӣ ва руҳонии ҳамаи фардҳо баробар нестанд. Аз ин рӯ, барои ҳар кас таҳсилот ва тарбияи инфиродӣ муҳим аст, ки тавассути онҳо имкониятҳои ӯро то ҳадди зарурӣ амалӣ мекунанд. Барои татбиқи пурраи қобилиятҳои ҳар як фард як низоми мукаммале лозим аст, ки дар асоси он ҳар як узви ҷомеа бидуни ягон маҳдудияти ба ном табақавӣ дар назарияҳои иҷтимоии маъруфи Юнони Қадим табиатан исбот кунанд, ки қобилиятҳои онҳо беҳудуданд ва аз ин рӯ, ба тамоми ҷомеа имкони касб намудани саодати абадиро таъмин месозанд. Маълум аст, ки ҳоким ва

[97] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. С. 119.

пешвои чунин ҷомеа бояд шахсе бошад, ки ба маънои экзистенсиалӣ мукаммал бошад. Форобӣ менависад: “... на ҳар кас қобилияти роҳбарӣ кардани дигаронро дорад ва на ҳар кас барои [иҷро кардани амали мувофиқ] ташвиқ карда метавонад... Пас, кӣ ба маънои мутлақаш роҳбари аввал аст? Ӯ шахсест комилан ниёз надорад, ки ӯро касе роҳбарӣ кунад ва илму дониш ӯро билфеъл тавре ба камол расонидааст, ки комилан ба шахси роҳбаре ниёз надорад; барои вай [ҳатмӣ нест], ки қобилияти донистани ҳама чизро бо ҷузъиёташ дошта бошад, аммо ӯ қодир аст, ки ҳамаи дигаронро дар робита ба ҳар чизе, ки [худаш] медонад, ба таври комил ҳидоят кунад”.[98]

Тавре гуфтем, ҳар як низоми иҷтимоӣ, дурусттараш, ҳар як тамаддун, мувофиқи табиати алоҳидаи худаш сарвари махсус, яъне ҳокимро тақозо мекунад. Азбаски низоми ба истилоҳ “каста” ё табақавӣ дар руёҳои иҷтимоии Афлотун ва Арасту нақши муҳим дошт, дар низоми давлатии онҳо ҳоким интизомро нигоҳ дошта, қадамҳои имконпазирро танзим ва ислоҳ мекард. Аммо, вазъ дар мадинаи фозилаи Форобӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Тибқи гуфтаи ӯ, ҳоким бояд як шахси аз нигоҳи вуҷудияташ комил бошад, ки ба шарофати камолоти худ тамоми имконоти аъзои гуногуни ҷомеаи худро ба таври возеҳ мушоҳида карда тавонад. Ӯ бо дониши комил ва қудрати худ, ки аз Холиқи Мутлақ гирифтааст, қобилиятҳои ҳар як узви ҷомеаро маърифат мекунад. Аз ин ҷиҳат, Форобӣ даъво дорад, ки чунин шахс бояд фиристодаи Худо ё ҳокими бенуқсу бегуноҳи Ӯ бошад: “Ҳокими чунин шаҳр шабеҳи Сабаби Аввал аст, ки ба фазли ҳастии он ашёи мавҷудаи дигар низ ҳастанд ва [аз он] дараҷаи мавҷудот ба тадриҷ нузул меёбанд, то даме ки ин [кор] бо имкон-ул-вуҷуде ба охир мерасад, ки ягон муносибате ба роҳбарӣ надорад ва фақат хизматгор буда, баҳри дигарон вуҷуд дорад”.[99] Дар акси ҳол, ҷомеаи ормонӣ, яъне тамаддун барқарор намешавад, зеро ҳокими ғайрикомил дар баъзе ҳолатҳо пешвои ҷомеа хоҳад буд, аммо дар ҳолатҳои дигар вай зери итоат қарор мегирад.

[98] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. С. 123
[99] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. С. 132.

Албатта, дар ин ҷо пай бурдан осон аст, ки чунин таърифи мартабаи ҳоким ва ҷомеаи ормонӣ аз як тараф, озодии инсонро ба маънои умумиаш тавсиф дода, ҳуқуқи ӯ дар амалӣ намудани озодиҳояш ҳамчун махлуқи Худо ҳимоя карда мешавад, аммо дар боби роҳбарӣ ва ҳокимиятдорӣ, Форобӣ пайрави итоаткорӣ ва тобеияти комили шахс дар назди ҳоким аст, ки ӯро “намоянда”-и Худо ҳисоб мекунад, ин бошад, инсонро аз озодӣ маҳрум месозад. Ба маънои дигар, пояҳои ақлонии фалсафаи иҷтимоии Форобӣ бо дин омезиш ёфтааст, аммо бо вуҷуди ин, муносибати табақабандӣ (каставӣ)-е, ки дар фалсафаи Афлотун ва Арасту ҷой дорад, дар таълимоти Форобӣ мушоҳида намешавад. Оқибати мантиқии асоснок, ки аз чунин постулатҳо бармеояд, имконнопазирии вуруди экзистенсиалии ҳоким ба тамоми мавҷудияти ҷомеаи ӯст.

Бо такмил ёфтани фалсафаи машшоияи шарқӣ, алалхусус, дар осори мутафаккирони машҳури мактаб Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва хусусан, Ибни Халдун назарияи иҷтимоии машшоӣ боз ҳам дақиқтар ва боэътимодтар гардид. Бояд қайд кард, ки Ибни Сино дар муқоиса бо Ибни Халдун таҳқиқоташро махсус ба ҷониби фалсафаи иҷтимоӣ мутаваҷҷеҳ насохтааст, аммо бешубҳа, онтологияи машшоияи шарқиро беҳтар ва пурратар пешниҳод кардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти фалсафии ӯ барои мо таҳлилҳои мустақимро дар робита бо фалсафаи тамаддун пешниҳод намекунад, балки моро барои ҳукмрониҳо дар доираи мантиқи фикр ва хулосабарорӣ равона месозад, ки онҳо тақрибан ҳамаи мутафаккирон ва таҳлилгарони иҷтимоии баъдиро таҳти таъсир қарор додаанд. Пас, албатта, аҳамияти фалсафаи Ибни Сино, ҳангоме ки сухан дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти инсон меравад, ҳамчун натиҷаи бевосита нишон додани фалсафаи тамаддун нест.

Албатта, ин ҳама андешаҳои Ибни Сино бо таълимоти файласуфи пешгузашта – Форобӣ алоқаманд аст, ки дар асоси он тамаддун ва низоми иҷтимоӣ бо тасаввуроти муайяни онтологии ҳақиқат, ки дар бораи он болотар ишора кардем, қарор дорад. Аз ин рӯ, аҳамияти фалсафаи Ибни Сино

ҳангоми суханронӣ дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоӣ натиҷаи муроҷиати мустақими ӯ ба ин фанни илмӣ набуда, балки ба шарофати ақоиди ақлонӣ-онтологии худ, ки барои мутафаккирони оянда ҳамчун пояасоси илмӣ боқӣ гузошт, машҳур мегардад. Ақоиди Ибни Сино дар робита бо дин ва фалсафа барои ташаккул ёфтани назарияи мукаммали иҷтимоии тамаддун заминаи хеле мусоид фароҳам овард. Ин робитаро Ибни Сино тавассути шарҳи муфассали масъалаи вобаста ба мақоми пайғомбарӣ пешкаш намудааст. Ба ақидаи ӯ, пайғомбарӣ бо ду ҷанбаи мухталифаш барои таъсиси унсурҳои алоҳида ва муҳимми фалсафа, дар маҷмуъ, мусоидат кардааст. Ҷанбаи аввал шарҳи моҳияти таълимот дар бораи нубувват (пайғомбарӣ) ва ҷанбаи дуюми он ба коркарди масъала дар бораи он, ки чӣ гуна инсон дониши муайянро касб карда метавонад, бахшида мешавад. Барои посухи мушаххас ба ҳарду савол, Ибни Сино назарияи қудрати муқаддаси илоҳиро (ал-қувват-ул-қудсия) пешниҳод карда, онро чунин шарҳ медиҳад: "... тақлидҳо дар умуре, ки ба воситаи сабабҳои онҳо шинохта мешаванд, тақлидҳои яқинии ақлӣ нестанд ва як навъе аз болотарин қувваҳои нубувват буда, авлотар аст, ки ин қувва "қувваи қудсӣ" номида шавад, ки он болотарин мартабаҳои инсоният аст".[100] Ҳамин тавр, Ибни Сино қувваи қудсиро бо ҳадс баробар медонад, ки мартабаи он аз ақл ва ҳуши инсон фаротар буда, "бо зиёдӣ ва камии хеш дар одамон ихтилоф дорад" ва ҳамаи чизҳои номаълум ба ҳадди мутавассит барои онҳо бе ягон таълим маълум мегардад. Ибни Сино хулоса мекунад: "Пас, раво бошад, ки яке аз нафсҳо, ки бо қувваи қудсия тобиш меёбад, аз оғоз то анҷоми умур ва нек пайвастанаш бо ақли фоил ба воситаи ҳадс чизҳоро ба ҷой оварад. Агар ҷиҳати нуқсон ҷо дошта бошад, дур нест, ки тарафи зиёдат низ мавҷуд аст. Пас, чунин нубувват дар маъқулот ҷо дорад".[101]

Ибни Сино таҳлилҳои худро бо он хотима медиҳад, ки ба қудрати бузурги чунин ақл танҳо одамоне ноил шуда метавонанд, ки эътиқоди қавӣ

[100] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 4. - Душанбе, 1992. С. 237.
[101] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 4. С. 291.

ба илму дониш доранд. Камолоти қувваи ақл боиси пайвастшавии ҳастии инсон ба қудрати илоҳӣ мегардад. Аз ин рӯ, инсон дар асоси ин муносибат дорои қудрати илоҳӣ мегардад, ки ба шарофати он бидуни миёнаравии тафаккури мустақил мазмун ва маъниҳои ҳамаи ҳукмҳо ва қиёсҳоро ифшо намуда, бо ин васила ба дониши ҷовидона ва ҳақиқӣ мерасад. Бо ин нуқтаи назараш Ибни Сино талош варзидааст, ки дониши инсонӣ ва илоҳӣ, дақиқтараш, фалсафа ва динро омезиш диҳад ва бо ин роҳ ба ягонагии ин ду ниҳоди маърифатӣ ишора намояд. Албатта, ӯ на усулҳои гуногун ва на табиати алоҳидаи онҳоро инкор накардааст ва таърифи зеҳнии хосаи таълимоти динӣ ва моҳияти мавҷудияти он ва инчунин, усули ба даст овардани дониши мукаммалеро дорад, ки ҳуқуқ ва вазифаи инсонро барои ҳокими ҷомеаи инсонӣ шудан тавзеҳ медиҳад.

Натиҷаҳои онтологии таҳқиқи ҷомеаи инсонӣ ва фалсафаи тамаддун дар доираи фалсафаи машшоияи шарқӣ дар асарҳои таърихнигор ва сотсиологи машҳур Ибни Халдун (1332-1406) пешниҳод шудаанд. Аммо дар муқоиса бо Форобӣ ва Ибни Сино дар асарҳои ӯ таҳлилҳои фалсафии онтологӣ ё гносеологӣ камтар ҷой доранд. Ӯ, пеш аз ҳама, як сотсиологи ақлгаро аст ва яке аз асосгузорони фалсафаи машшоияи шарқӣ дар Андалусияи Испания, як ҷомеашиноси касбӣ, руҳан ва аз нигоҳи маърифатшиносӣ файласуфи ҳақиқӣ мебошад. Ин тавсифот ӯро аз гурӯҳи таърихнигорон ва муаррихони дигар, ба монанди Ибни Ҷарири Табарӣ (838-923), Масъудӣ (896-957), Ибни Мискавайҳ (932-1030) ва Абурайҳони Берунӣ (973-1048) фарқ мекунонад. Ҳамин тариқ, ҳакимони машшоияи шарқӣ аз ибтидои пайдоиши ин мактаб ба ин нукта таваҷҷуҳ доштанд, ки нахустин ва муҳимтарин асле, ки метавонад мабдаи таҳқиқи фалсафӣ қарор гирад, асли қабули “воқеият”-и мустақил аз идроки инсонӣ аст. Ин асли яқинӣ марзи ҷудоии фалсафа аз софистика аст, бо ин фарқ, ки суфастоиён низ дар умқи зеҳн ва идроки хеш ин аслро қабул кардаанд ва танҳо дар мақоми баҳс ё тааммулоти сатҳӣ онро инкор мекунанд.

Агар дар байни илмҳое, ки дар онҳо мутафаккирони машҳури Машриқзамин, ба монанди Берунӣ, асарҳои олиҷаноб ба вуҷуд овардаанд,

масъалаи инсонро аз нуқтаи назари таърихнигории ҷомеаи инсонӣ баҳо диҳем, ҳар кадоми онҳо рӯйдодҳои таърихиро дар зимни масоили дигари илмҳои гуногун баррасӣ намудаанд, дар ҳоле ки Ибни Халдун таваҷҷуҳи асосиашро ба коркарди низоми ҷараёни таърихии рушди инсоният ва ташаккули назарияи тамаддун бар асоси равиши ақлгароӣ, ки онро асосан аз фалсафаи машшоияи шарқӣ, махсусан, аз асарҳои Форобӣ ва Ибни Сино баҳрабардорӣ намудааст, равона месозад. Дар натиҷа, илова бар таҳқиқоти таърихии худ, ӯ тавзеҳоти зиёд ва хеле васеъ эҷод намуд, ки дар он моҳияти тамаддун ҳамчун низоми ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ ва хосиятҳои ҳам одитарин ва ҳам муҳимтарини онро муфассал омӯхт. Ҳамин тавр, барои оғози талошҳои зеҳнии худ ва барои ошкор сохтани робитаҳои муназзами байни фалсафа ва назарияи иҷтимоии инсон, ки ба рушди тамаддун оварда мерасонад, Ибни Халдун, пеш аз ҳама, робитаи муҳими экзистенсиалии ҳар як амали инсонро қайд кардааст: “Инсон танҳо ба шарофати қобилияташ дар интихоби чизи барои худаш муфид, муҳофизат аз чизи зарарнок ва равона кардани қувваҳои худ ба фаъолияти фоидаовар инсон буда метавонад. Сокини шаҳрписанд аз сабаби нотавонӣ ва нохостагӣ ва ё аз сабаби такаббуре, ки аз тарбия дар шароити сулҳ ва зиндагии пурғановат ба даст омадааст, наметавонад ниёзҳои худро қонеъ кунад; ҳам ин ва ҳам он - ҳардуяшон маҳкум мешаванд. Ба ин монанд, ӯ қодир нест, ки худро аз чизҳои зараровар муҳофизат кунад, зеро ӯ ба шарофати ҳаёти бой ва тарбияи нодуруст чунин сифатро аз қабили қобилияти мустақилона амал кардан аз даст додааст”.[102]

Аз нигоҳи онтологӣ ҳар як кори ҳам мушаххас ва ҳам мураккаби инсон, азбаски аз табиати экзистенсиалиаш бармеоянд, хоҳу нохоҳ аз паси принсипҳои гурӯҳии таъсироти ихтиёрӣ амалӣ мегарданд. Ин, албатта, натиҷаи якчанд сабабҳои пай дар пай, аз ҷумла, сабабҳои иҷроия (дар ин ҳолат, ҷисмонӣ), тахайюлӣ ва зеҳнӣ мебошад. Ин сабабҳо то даме оғоз

[102] Ибн Халдун. Введение // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. Сост. С.Н. Григорян и А.В. Сагадеев. - М.: Изд.-во социально-экономической литературы, 1961. С. 595.

намеёбанд, ки агар он аввалан аз нигоҳи тахайюл бой нагардад ва он то даме маънӣ дошта наметавонад, ки агар қувваи зеҳнӣ шакли кори иҷрошударо дарк нанамояд. Ҳамин тариқ, гарчанде ки Ибни Сино дар ин масъала пешравии нахустинро аллакай дар давраи аввали фалсафаи Шарқ ба даст оварда буд, изҳор доштааст, ки “сабаби теологӣ дар мавҷудияти консептуалии худ сабаби сабабҳои эҷодӣ аст”. Умуман, чуноне ки А.Я Канапатский қайд кардааст, Ибни Сино дар доираи назарияи фаязони нур (эманатсия)-и худ ва дар иртибот бо ин масъала таъкид менамояд, ки “ин тасаввурот ҳоло дар шакли холиси он, ҳанӯз бо шавқу ҳавасҳои ҳиссӣ махлут ё ғализнашуда аст. Ин тасаввуроти ибтидоии аз нигоҳи онтологӣ ҳақиқии рушднаёфтаи он аст. Аммо, ҳақиқати онтологии он мушаххас аст, зеро он мувофиқати воқеияти худ (тозагӣ)-ро бо шакли идеалиаш (генезиси он, яъне ба тамоми таҳкурсии пешинаи мавҷудияти он дар шакли холис) тақозо мекунад”.[103]

Чунонки маълум аст, бо сабаби омезиши унсурҳои таълимоти Арасту ва навафлотуния дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, дар таърихи фалсафа, умуман, Форобӣ ва пайравони ӯро маъмулан ё ҳамчун арастуиён ё навафлотуниён меноманд. Он, шояд, баъзе номуайяниро дар бораи он, ки кадом унсур, воқеан, дар афкори онҳо маъмул аст, эҷод мекунад. Аз ин ҷо, масалан, профессори Донишгоҳи Ҷорҷтаун М. Фахрӣ ал-Форобиро дар муқоиса бо арастугароии Ал-Киндӣ ҳамчун аввалин баёнгари бонизоми навафлотуния муаррифӣ мекунад.[104] Муҳаққиқони дигар майл доштаанд, ки онҳоро бештар ҳамчун арастугароёни холис, ҳатто то комилан рад намудани навафлотуния баррасӣ намоянд. П. Уолкер то ба дараҷае расидааст, ки ақидаҳои ал-Форобиро барои он, ки фалсафа асосан ҳамчун фалсафаи Арасту баррасӣ мегардид, масъул дониста, инкор намудааст, ки онҳо ҳатто дар

[103] Канапацкий А.Я. Онтологическая истинность бытия и познания в средневековом исламском рационализме. - Уфа, 2012. С. 93.
[104] Fakhry M. (2004) A History of Islamic Philosophy. 3rd edition. New York, NY: Columbia University Press, p. 204

ақоиди метафизикии худ низ навафлотуниён будаанд.[105] Агар офариниши оламро дар раванди фаязони нур ё маротиби нузул ва судури он (эманатсия) ҳамчун нишондиҳандаи фарқкунандаи метафизикаи навафлотуния баррасӣ намоем, дар ин ҳолат аксарияти фалсафаи шарқӣ навафлотунӣ ба назар хоҳад расид. Тавре ки зикр карда будем, саодати инсонӣ дар таълимоти навафлотунӣ ҳамчун воситаи начоти нафс аз соҳаи моддиёти вуҷуд ва пайвастшавӣ ба олами маъқул тасаввур карда мешавад, ки дар контексти васеътари космологии он пайвастшавии нафс бо ақл муаррифӣ мегардад.

Яке аз мушкилоти асосии марбут ба тафсири фалсафаи шарқӣ, хусусияти эҳтимолан бештари зоҳирӣ (эзотерикӣ)-и асарҳои фалсафии ба забони арабӣ навишташуда маҳсуб меёбанд. Тавре ки маълум аст, фарқияти дониши зоҳирӣ (экзотерикӣ) ва ботинӣ (эзотерикӣ) дар бисёр анъанаҳои зеҳнии Машриқзамин, алалхусус, дар таълимоти тасаввуф ва исмоилия маъмул буд. Ҳадафи асосии чунин тақсимот шарҳу тавзеҳи робита байни маънои ҳарфии сухани Худо ва маъноҳои ботинӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни зеҳнӣ ва ирфонӣ инкишоф меёфт, ба ҳисоб меравад. Одатан, ҷанбаи зоҳирӣ ва ботинии дониш эътибори баробар доштанд. Ҳақиқати динии зоҳирӣ, ки минҷумла, аз тафсири маънои таҳтуллафзӣ ё забонии ваҳй ва муқаррароти динӣ иборат буд, дар ихтиёри уламои дин қарор дошт ва барои ҳама кушода буд. Аммо, ҳақиқати ботинӣ бошад, танҳо барои онҳое кушода буд, ки дар фаҳмиши ягон анъанаи мушаххаси руҳонӣ соҳибмаърифат буданд ва бояд аз боқимондаи одамон муҳофизат карда мешуданд. Ин фарқият чунин ба назар мерасад, ки қисман хусусияти мудофиавӣ дорад, зеро ин ягона роҳе буд, ки ба таври озод ва бидуни мухолифати шадид барои созгорӣ бо таълимоти диние, ки аз ҷониби уламо тафсир меёфт, имконият фароҳам меовард. Шарқшиноси маъруф М.С. Ҳоҷсон се намуди асосии чунин тафсирҳои донишҳои ботиниро дар фарҳанги классикии Шарқ тасвир мекунад: тафсири шиии ваҳй, ирфони тасаввуф, калом ва инчунин,

[105] Walker P. E. (1993) Early Philosophical Shiism. The Ismaili Neoplatonism of Abū Ya‘qūb al-Sijistānī. New York & Melbourne: Cambridge University Press, p. 35-36.

метафизикаю баъзе илмҳои табиии файласуфон. Бо мурури замон, ин се фирқаи зеҳнӣ қисман мустақил гаштанд, аммо баъзеи дигарашон ба якдигар таъсир расонда, яке бар дигари он нуфуз пайдо карданд.[106] Дар фалсафа мушкилоти он асосан дар атрофи масъалае ҳаллу фасл мешавад, ки файласуфон дидаву дониста баъзе андешаҳои воқеии худро пинҳон кардаанд, ё норавшан баён кардаанд, то ки худашонро аз ҳуҷумҳои дигарон муҳофизат карда тавонанд. Бо вуҷуди ин, маҳз фалсафа мекӯшад то биниши том ва ақлониро барои дарки олам ташаккул диҳад, ки пояҳои он дар анъанаи фалсафии юнонӣ ва инчунин, дар таърихи таълимоти худи мактабҳои ақлонии шарқӣ – калом, машшоия, тасаввуф ва исмоилия гузошта шудааст. Бо мурури замон, ин мактабҳо ба ҳам таъсир гузошта, ғояҳо ва назарияҳои алоҳидаи онҳо ба таълимоти ҳамдигар ворид гаштаанд.

Ғояи таълимоти фалсафии ботинӣ ё махфӣ дар фалсафаи юнонӣ ҳамчун сарчашмаи ғоявии таълимоти машшоиён низ таърихи тулонӣ дорад. Ҳадди ақал аз Плутарх (такр. соли 125 мелодӣ) ва алалхусус, дар байни навафлотунии баъдии шаҳри Искандария ин гуна таълимоти ботинӣ ҳатто ба Арасту ҳам мансуб дониста мешуд, гарчанде ки худи Арасту дар байни афкори дорои маъниҳои зоҳирӣ ё ботинӣ фарқе намегузошт. Ин фарқият қисман дар тақсимоти фалсафа ба назариявӣ ва амалӣ инъикос меёфт: фалсафаи ахлоқӣ ва сиёсӣ, инчунин, қисматҳои мантиқ, фалсафаи назариявӣ ва дигар қисматҳои фалсафа дорои хусусиятҳо ва маънои ботинӣ маҳсуб меёфтанд. Барои баъзе файласуфони давраи охири ин мактаб чунин тафовут нисбат ба хусусияти мазмуниаш, бештар тавсифӣ буд, зеро дар таълимоти онҳо маънии зоҳирӣ танҳо як навъи мутобиқсозии содаи ҳақиқати ботинӣ баҳогузорӣ мешавад.[107]

Ибни ан-Надим бар он назар аст, ки дар замонҳои қадим ҳикмат ба ҳама маҳрум буд, ба истиснои онҳое, ки табиатан ба он майл доштанд ва

[106] Hodgson M. S. (1974) The Venture of Islam. Conscience and History in a World Civilization. Volume One. The Classical Age of Islam & Volume Two. The Expansion of Islam in the Middle Periods. Chicago & London: The University of Chicago Press, pp. 192-200.

[107] Galston M. 1990. Politics and Excellence. The Political Philosophy of Alfarabi. Princeton, NJ: Princeton University Press, pp. 27-34.

файласуфон, қабл аз таълим додани он бояд аввал масъала дар бораи салоҳияти ҳар як шахсеро, ки мехоҳад фалсафа омӯзад, баррасӣ намоянд. Ӯ илова мекунад, ки барои “Ихвон ус-сафо”, ки дар пайравии мактаби юнониён асарҳояшонро эҷод мекарданд, ин қазия возеҳу равшан буд.[108] Дар айни ҳол, чунин ба назар мерасад, ки ҳатто машшоии шарқие монанди Форобӣ ҳадди ақал ин андешаро дар нисбати пешгузаштагони юнонии худ тасдиқ мекунад. Тибқи гуфтаи Форобӣ, ҳам Афлотун ва ҳам Арасту аз усулҳои тафсири маъниҳои ботинӣ истифода кардаанд, ҳарчанд онҳо намудҳои хеле гуногун доранд. Ба ақидаи ӯ, Афлотун одатан, аз китобати ақоид ва ғояҳои хеш худдорӣ менамуд, аммо вақте ки дар ниҳояти кор ба он даст мезад, ин ақоидро дидаву дониста бо забони рамзӣ ва мавҳум баён менамуд, то ки онҳоро танҳо ашхоси фалсафӣ дарк карда тавонанд. Ин дар ҳолест, ки услуби равшану возеҳи Арасту аз услуби Афлотун фарқ мекунад, аммо вақте Афлотун ӯро ба ошкорбаёнӣ айбдор кард, далел пеш меовард, ки асарҳояшро ба чунин шакл ихтиёр кардааст ва ибораҳоеро истифода бурдааст, ки танҳо барои онҳое муқаррараанд, ки тавонанд маънои аслии онҳоро дарк намоянд. Форобӣ дар сарсухани худ ба фалсафааш, ки навиштаҳои шабеҳи мактаби юнонии Искандарияро пайгирӣ мекунад, сабабҳои услуби мавҳум ё иғлоқнависии Арастуро номбар мекунад: санҷиши он, ки оё зеҳни толибилм барои омӯзиши фалсафа мувофиқ аст ё на; фалсафаро барои зеҳнҳои ғайрифалсафӣ, тафаккури фалсафиро таълим додан ва ҷустуҷӯйи донишро мушкилтар гардонидан. Форобӣ дар як фасли китобаш бо номи “Мā йанбағӣ ан йуқаддам қабла таъаллум фалсафа Арасту” (доир ба сабабҳое, ки Арасту аз баёни торику мубҳам истифода мекард) дар тасдиқи ин фикрҳо аз ҷумла навиштааст: “Сабаби истифода аз ифодаҳои торику норавшан (ал-ағмāз) се чизанд: аввалан, санҷиши табиати таълимгиранда, ки оё ӯ барои таълим солеҳ аст ё на? Дуюм, бигзор ба фалсафа на ҳама, балки онҳое машғул

[108] Ibn al-Nadīm, al-Fihrist, p. 332.

шаванд, ки он фақат барои онҳо мустаҳақ аст; сеюм, бигзор, ҳангоми фикру андеша дар роҳи талаби [фалсафа] ба машаққат одат карда тавонанд”.[109]

Муҳаққиқи эронӣ Муҳсин Маҳдӣ бар он назар аст, ки фалсафаи шарқӣ, агар он номувофиқатии ибтидоиеро ба назар нагирем, ки дар байни дин ва фалсафа ҳукмфармо буд, норавшан боқӣ хоҳад монд. Ба андешаи ӯ, назари анъанавии муҳаққиқон ба фалсафаи машшоияи шарқӣ ҳамчун як омезиши синкретикии унсурҳои таълимоти Арасту, навафлотунӣ ва исломӣ доир ба ҳаллу фасли муваффақона дар баррасии таносуби байни дин ва фалсафа, ҳадди ақал, қисман хато аст, зеро чунин тарзи ҳаллу фасли он танҳо таълимоти экзотерикиро дар бар мегирад ва он ба мафкураи ғайрифалсафиён созгор буда метавонад. Дар асл, он метавонад ё дар тақсимшавии асарҳои файласуфон ба навъҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, ё дар таълимоти ботинӣ зоҳир мешавад, ки онҳо дидаву дониста онро дар ягон асар дар паси пардаи ботинӣ махфӣ нигоҳ медоранд ва фаҳмиши он танҳо ба файласуф муяссар шуда метавонад.[110]

Синтези фалсафаи Ибни Сино авҷи анъанаи машшоияи шарқиро ифода мекунад, ки қисман зери таъсири Форобӣ бунёд ёфтааст. Аммо нуфузи пас аз давраи ҳаёти Ибни Сино танҳо бо машшоияи шарқӣ маҳдуд намешавад, балки бо таҳаввулоти суннатҳои тасаввуфии фалсафаи шарқӣ, алалхусус, фалсафаи ишроқии Суҳравардӣ, ки беш аз сад сол пас аз марги Ибни Сино фаъолият намудааст, рабт дорад. Инчунин, дар ҳоле ки дар навиштаҳои Ибни Сино ақоиди динӣ нисбат ба асарҳои Форобӣ бештаранд, ақоиди тасаввуфии Ибни Сино як масъалаи баҳсталаб боқӣ мемонанд. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки дар баробари асарҳои мушаххаси машшоии худ, ӯ як қатор рисолаҳои хусусияти маҷозӣ ё масалидошта, ба монанди “Ҳай ибни Яқзон” низ навиштааст, ки паҳлуҳои дигари афкори ӯро баён мекунанд. Ибни Туфайл (ваф. 1185) баъд аз якуним аср пас аз даргузашти Ибни Сино

[109] Ал-Фарабӣ. Ма йанбағи ан йуқадим қабл таъаллум ал-фалсафа Арасту // Мабади фал-фалсафа ал-қадима. Ал-Қаҳира, 1910. С.14.
[110] Mahdi M. Philosophy and political thought: reflections and comparisons // Arabic Sciences and Philosophy , Volume 1, Issue 1, March 1991, pp. 12-14.

менависад, ки ӯ дар асари “Шифо”-и ин мутафаккир, пас аз Арасту, таълимоти машшоии худро муаррифӣ кардааст. Бисёре аз олимони муосир Ибни Туфайлро дар тафсири фалсафаи шарқии Ибни Сино пайравӣ намуда, таълимоти тасаввуфӣ ва эзотерикии ӯро пазируфтаанд. Дар баробари ин, масалан, А. Корбен, ки Ибни Синоро аз нуқтаи назари спиритуализми эронӣ баҳо медиҳад, фалсафаи Шарқро ҳамчун як аналогияи машшоияи Бағдод арзёбӣ мекунад. Ӯ дар осори Ибни Сино муҳтавои фалсафаи гумшудаи шарқиро мебинад, ки он бояд дар рисолаҳои маҷозӣ ва бобҳои охирини “ал-Ишорот ва-т-танбеҳот” инъикос ёбад ва барои ӯ, фалсафаи шарқии Ибни Сино пулест дар байни фалсафаи машшоӣ ва ишроқӣ, ки фалсафаи ҳақиқии шарқӣ буда, дар осори Суҳравардӣ пурратар анҷом пазируфтааст.[111]

Ҳардуи ин китоби болозикр тамоми низоми фалсафии Ибни Синоро шуруъ аз мантиқ то ба тиб, физика, математика, метафизика ва ниҳоят, фалсафаи амалиро фаро мегиранд. Бо дарназардошти ҳамаи инҳо, шарқшиноси амрикоӣ Д. Гутас осор ва таълимоти Ибни Синоро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, бо қатъият таълимоти фалсафии ӯро ба анъанаи Арасту ба василаи ғояҳои мактаби Искандария пайванд мекунад: ба андешаи ин муҳаққиқ, Ибни Сино аз анъанаи Искандария ҳам ғояи дониши фалсафии моҳияташ арастуӣ ва ҳам таснифи қисматҳои ин донишро қабул кардааст. Ибни Сино аввалин мутафаккирест, ки барномаи фалсафиро таҳти таъсири таснифоти илмҳои арастуӣ дар Искандария ба назар гирифта, бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи ҳамаи донишҳои дастрас онҳоро пешкаш менамояд. Ҳарчанд Ибни Сино суннатҳои арастуиро дар тиб ва шифои инсон пайравӣ кардааст, аммо он чизе, ки ӯ дар бораи онҳо муаррифӣ мекунад, синтези худи ӯст ва дар ҳолатҳои зиёд аз таълимоти Арасту дур рафтааст.[112]

Ҳамин тариқ, фалсафаи машшоӣ дар таърихи тулонӣ ташаккул ёфта, аз бисёр ҷиҳатҳо бо иқтибосҳо ва муқоисаи мактабҳои гуногуни фалсафӣ, аз

[111] Corbin A. (1960) Avicenna and the Visionary Recital. New York, NY: Pantheon Books. Trask, Willard R. (tr.), p.271-278.
[112] Gutas D. (1988). Avicenna and the Aristotelian Tradition. Introduction to Reading Avicenna’s Philosophical Works. Leiden, New York, Copenhagen & Köln: E. J. Brill, pp. 115-130.

ақоиди мутафаккирони юнонӣ сар карда, то ба афкори мактабҳои фикрии ақлгарои шарқӣ - калом, муътазила, тасаввуф ва исмоилия тақвият гирифтааст. Фалсафаи машшоияи шарқӣ нисбатан хусусияти дунявӣ ва ақлонӣ дошта, ҳадди ақал дар шакли назариявии хеш танҳо ба усулҳои фалсафии касб намудани донишҳои ҳақиқӣ дар бораи олам, инсон ва ҷомеа бидуни эътиқодоти априорӣ ва ё боварии ғайриинтиқодӣ ба ваҳйи илоҳиётшиносӣ такя мекунад. Сарфи назар аз ихтилофоти ақоиди мутафаккирон, суннати машшоии фалсафа ба андешаи намояндагони он оқибат ҳадафи ниҳоии фалсафа - қобилияти роҳнамоии инсон ба сӯйи саодати ниҳоии ӯро ташкил медиҳад ва он ҳамчунин моҳиятан ҳамчун камоли ақлонии инсон баҳогузорӣ мешавад.

БОБИ 2. ҶАНБАҲОИ ОНТОЛОГИИ МАСЪАЛАИ ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

2.1. Масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ

Таълимот оид ба озодӣ бо масоили гуногуни онтологии вуҷудият (мавҷудият)-и инсон робитаи мустаҳкам дошта, бо ҳамин сабаб идеяи озодии инсон дар ин бахши таҳқиқот ҳамчун озодии мавҷудият ё ҳастии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ миёни файласуфон ва мутафаккирони гуногун, хусусан, намояндагони машшоияи шарқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба маънии дигар, масъалаи озодӣ дар заминаи таносуби байни масъалаи ҳастӣ, мавҷудият бо моҳияти онтологии инсон хоҳад буд. Мутаносибан, масъалаи озодии мавҷудиятро аз ду ҷанба баррасӣ кардан мумкин аст: аввалан, озодӣ дар робита бо моҳияти мавҷудоти дигар ва ҳамчун имконияти одии ҳастии инсон ва сониян, озодӣ дар робита бо имконияти худшиносии инсон дар ҳалқаи ин мавҷудот.

Дар чаҳорчӯби таърифҳою посухҳо ба саволҳои оё инсон озод аст ва озодӣ чист, инсон ҳамчун ҳайвони суханвар ва мавҷуде тасвир мешавад, ки миёни мавҷудоти дигари олам дар муқоиса бо онҳо тавассути қувваи сухан фарқ карда, озодӣ маънои мухторият ва инкори вобастагӣ аз дигар мавҷудотро пайдо мекунад. Ба маънои куллӣ ва содаи он, инсони озод касест, ки ҳар коре, ки хоҳад, бидуни дахолати неруҳои беруна иҷро мекунад. Аммо ҳар чизе, ки бар зидди иродаи инсон ба кор меравад, ё қувваҳои идоранашавандаи табиат аз назари илм ва ё иродаи илоҳӣ аз нигоҳи динӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар дини ислом таълимот оид ба ҳақиқат бо таълимот оид ба озодӣ пайвастаанд: ҷудоии ҳақиқат ва озодӣ ба он оварда мерасонад, ки инсоният вижагиҳо ва шаъну шарафи худро инкор мекунад. Худо ба инсон ирода медиҳад, ки хештанро назорат кунад ва дар назди худ масъулият дошта бошад. Тавре Муҳаммад Иқбол мегӯяд, “Вуҷуд доштан дар замони воқеӣ маънои баста шудани касро бо ҳалқаҳои занҷири вақти

пайдарпай надорад, балки он чунин маъно дорад: ҳастиро лаҳза ба лаҳза эҷод кардан ва ҳам дар офариниш комилан озод ва мустақил будан аст. Офариниш муқобили такрор аст, ки ба амали механикӣ хос аст. Маҳз барои ҳамин, фаъолияти эҷодии ҳаётро аз нигоҳи мафҳумҳои механика шарҳ додан ғайриимкон аст”.[113]

Аз нуқтаи назари динӣ масъалаи озодӣ ва ё тобеияту итоати инсон дар сарчашмаи асосии он – Қуръон тавзеҳ ёфтааст, ки дар он ба мақоми онтологии шахс аз дидгоҳи ин масъала аҳамияти ҷиддӣ надода, бештар ба нокомилии ахлоқи инсон таваҷҷуҳ карда шудааст. Тибқи оятҳои Қуръон, шахс зотан ва берун аз итоат ба Худо ҳеҷ чиз нест, вай махлуқи одӣ, муваққатӣ ва заиф аст. Ин мавзуъ дар Қуръон зиёд мушоҳида мешавад. Масалан, “инсон махлуқе табъан сахт ҳарис ва бесабр аст”.[114] Бар пояи чунин гузориши масъала аз нигоҳи Қуръон нишон дода шудааст, ки «пас хостанд, ки аз он найранге зананд, вале мо ононро паст гардонидем”[115], яъне Худо на танҳо ҷаҳонро нигоҳ медорад, онро озодона ихтиёрдорӣ мекунад, балки маҳз ӯ ҳамон мавҷудест, ки онро фавран ва такрор ба такрор меофарад, то дар ҳар лаҳзаи минбаъда ягон чиз, ҳар гуна махлуқ, ҳар як ҷинси мавҷуд гуногун бошад. Ҷаҳони офаридашуда ҳатто мақоми нисбии онтологӣ надорад. Дар байни амал ва оқибатҳои он, Худо танҳо робитаи маъмулӣ, одатиро муқаррар мекунад, аммо Худо озод аст ва метавонад ин робитаро ҳар лаҳза бишканад ва ҳама чизро тағйир диҳад. Ба ҳамин монанд, амалҳои инсон низ ягон воқеияти дохилии онтологӣ надоранд, ба он маъно, ки офариниш ва вобастагии онтологии инсон ба Худо таъкид мешавад. Худо дар якҷоягӣ бо амали инсон қобилияти қабул ё рад кардани некӣ, қабул ё рад кардани бадро ба вуҷуд меорад. Пас, озодии инсон, аз нигоҳи ин дин, мусталзами раҳо шудани ӯ аз ҷабри табиат, Худо ё ҳардуи онҳо будааст.

---

[113] Икбал М.Реконструкция религиозной мысли в исламе. Пер. с англ., предисл. и коммент. М.Т. Степанянц. - М.: Вост. лит., 2002. С. 65.
[114] Қуръон 70:19
[115] Қуръон 37:98

Ҳамин тариқ, инсон, ҷаҳон ва Худо, се соҳае, ки бо онҳо ҳар як саволи фалсафӣ дар чаҳорчӯби робитаи миёни онҳо ба миён меояд, дар ин ҷо пайванди устувор доранд. Агар таърифҳо ва таҳқиқҳои пеш фарзгирифташуда барои пайвандии ин се мафҳум дар таърихи андеша ончунон ки бояд мавриди тааммул ва вокуниш қарор нагирифта бошад, пас ҳар баҳсе дар бораи озодии инсон ва талош барои вуҷуд ё адами вуҷуди он бо ибҳом рӯ ба рӯ аст. Ин саволҳо аз мушкилоти детерминизм ҷудонопазиранд, яъне, саволҳо дар бораи он ба миён меоянд, ки оё воқеан, тартибҳо, қонуниятҳо ва қонунҳои қатъӣ вуҷуд доранд ва агар чунин бошад, табиати онҳо чӣ гуна аст? Ҷавобҳо ба ин саволҳо аз нуқтаи назари воқеияти онтологӣ вобастаанд. Аммо детерминизм, ба андешаи баъзе муҳаққиқон, “масалан, Н. Гартман чунин аст, ки иллати ғоятӣ (целевая детерминация – З.Ҳ.) дар табиат ногузир озодии инсонро маҳдуд мекунад”.[116] Чунин ақидаро тақрибан А. Шопенгауэр ҳам пуштибонӣ кардааст: “Тибқи таълимоти Шопенгауэр, дар олами тасаввурот (олами зуҳурот) дар бораи ягон навъи озодӣ сухан гуфтан имкон надорад – дар ин ҷо ҳатман қонуни сабабият ҳукмронӣ мекунад”.[117]

Худи ҳамин гуфтаҳоро дар нисбати детерминизми биологии Фрейд, детерминизми механикии Лаплас ё детерминизми иқтисодии Маркс ба кор бурдан мумкин аст. Барои ворид намудани мафҳум ва мазмуни озодӣ ба ин низоми мақулаҳои озодӣ василаҳои гуногунро ба кор мебаранд. Яке аз онҳо (ки ба таълимоти мактабҳои фалсафии Шарқ низ мутааллиқ аст) усули ҷавҳарият аст, ки дар он фаъолияти қонуни сабабият фақат ба зуҳуроти берунаи ҳастӣ – аразҳо хос аст. Ҷавҳар бошад, аз рӯйи табиати берун аз замонии хеш ба иллат ниёз надорад. Ин нуктаро ба таври равшантар дар масъалаи таносуби марг ва ҳаёт дар ақоиди мутафаккирони машшоияи шарқӣ, масалан, дар афкори Ибн Сино баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Е.А. Фролова дар ин бора навиштааст: “Марг, ки одами зинда бо ҳар роҳ аз он канорагирӣ меҷӯяд (яъне аз он озод будан мехоҳад – З.Ҳ.) ва аз ин рӯ, ақли

[116] Левицкий С.А. Трагедия свободы. Сочинения. Т.1. - М.: Канон, 1995. С. 72.
[117] Дар ҳамон ҷо. С 78.

бо ҷисм пайваста, мушкили асосии вуҷудият - хоҳиши абадияти инсонро бартараф мекунад. Ҷисм мемирад, аммо моҳияти одии нафси нотиқа ба фасод дучор нагардида, бо ақли кулл муттаҳид мешавад... Тасдиқи ҷавҳарияти нафсро Ибни Сино тавассути назарияи инъикос анҷом медиҳад, ки идомаи он ғояи субъект ва худсозии он мебошад”.[118]

Аммо чунин муносибат ба ҳаллу фасли ин масъала ҳанӯз посухи қатъӣ ба савол дар бораи он нест, ки оё ҷавҳарият ҳамчун нишонаи детерминизм мазмуни озодиро дода метавонад ё наметавонад. Дар ҳолати эътирофи он мо бештар ба тобеияти ҷиддӣ бархӯрд мекунем, зеро дар ин ҳол ҷавҳар бо ҳадафҳо ва арзишҳои инсонӣ мувофиқ нахоҳад омад, чунки тамоми падидаҳои инсонӣ бо он бояд мутобиқ мегардид. Аммо дар айни ҳол ҳангоми чунин тарзи баррасии масъала шарҳи дигари табиати озодӣ ба миён омада метавонад. С.А. Левитский ин матлабро чунин тавзеҳ додааст: “Ду фаҳмиши ҷавҳар ҷой дорад: яке аз онҳо анъанавӣ, ҳамчун субстрати устувори тағйирот ва дигаре ҳамчун сарчашмаи эҷодкории тағйироти худӣ ё зотӣ мебошанд... Ва танҳо чунин фаҳмиши эҷодкоронаи ҷавҳар имкон медиҳад, ки онро ҳамчун ҳомили озодӣ эътироф намуд”.[119]

Ҳамин тариқ, мазмуни детерминизм тавассути мақулаи ҷавҳар аз байн меравад, аммо, дар ҳар сурат, ҷавҳарро ҳамчун мабдаи эҷодкор бояд фаҳмид ва маҳз эҷод ва офаридгорӣ шарти асосии вуҷудияти озодӣ буда метавонад. Онтологияи озодиро ҳамчунин, дар диалектикаи гузариш аз “зулмат” ба “рӯшноӣ” ва аз “ботил” ба “ҳақиқат” муоина бояд кард. Дар робита бо ин нукта бояд қайд кард, ки масъалаи фалсафии байни сабаб ва ирода дар он ифода меёбад, ки ду далели возеҳи муайянкунандаи он вуҷуд дорад: аввалан, мо, ҳамчун инсон, имконияти озодона интихоб карданро дорем - бояд чӣ кор кард ва мумкин аст, ки иҷро кардани онро мехоҳем ё намехоҳем. Далели дуюм ин аст, ки ҳар як чизи имконпазири мавҷудбуда ба ягон омил ё сабаби муайянкунанда ниёз дорад, яъне дар амали озоди инсон сабаби муайяне

[118] Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии.Средние в.а и современность: Учебное пособие. - М.: ЦОП Института философии РАН, 2006. С. 123.
[119] Левицкий С.А. Трагедия свободы. С. 82.

бартарият дорад. Ин дар навбати худ муноқишаи ботилнаморо байни эҳсоси фаъолияти озод ва муайян кардани омилҳое, ки ба мо таъсир расонидаанд, ба миён меоварад.

Масъалаи сабаб ва иртиботи он бо озодӣ дар фалсафаи классикии Шарқ, чуноне ки аллакай медонем, яке аз масъалаҳои асосии фалсафӣ ва илоҳиётшиносӣ буда, аз як сӯ ба масъалаи офариниши ҷаҳон ва инсон аз ҷониби Худо ва аз ҷониби дигар, ба озодӣ ва масъулияти инсон дар олам иртибот дорад, ки олимон ва файласуфони Шарқро ба мубоҳисаҳои тулонии фалсафӣ бурдааст. Барои равшан кардани мушкили фалсафии робита ва тазоди байни сабаб, зарурат ва озодӣ қабл аз ҳама бояд ба таърифи фалсафии ин се истилоҳи асосӣ ишора кунем.

Истилоҳи “сабаб” дар забони илмии мактабҳои гуногуни фалсафии Шарқ барои фаҳмиши маънои ду мафҳуми асосӣ ба кор меравад: сабаб ё иллати моҳият ва сабаб (иллат)-и вуҷуд. Ин сабабҳоро пайравони машшоияи шарқӣ бо мафҳумҳои сабаб дар таълимоти Арасту тавъам дониста, чунин тасниф кардаанд: сабаби моддӣ, сабаби суварӣ, сабаби фоил ва сабаби ғоӣ (ё ғоятӣ). На ҳамаи ин сабабҳо дар ҳастӣ нақши асосӣ доранд: онҳо дар тобеияти ҳамдигар чунон қарор мегиранд, ки сабабҳои вуҷудият аз нигоҳи мантиқӣ ва онтологӣ бар сабабҳои моҳият муқаддамтаранд: “Сабабе, ки мусаббаби шайъест, ки он дорои сабабест, ки моҳияти онро фоил мекунад, ногузир сабаби вуҷудияти баъзе сабабҳои дигар (масалан, сурат) ё сабаби ҳамаи онҳо мегардад, ки ҳамчун сабаби умумии ҳамаи онҳо зоҳир мешавад”.[120] Аммо муносибати сабабӣ ва мусаббабӣ (сабабгори дигарон) ноустувор аст: сабаб ба камол расида буда, мусаббаб ба камолоти худ танҳо тавассути ивазшавии пайдарпаӣ (таʻаққуб) мерасад. Ин дар ҳолате рух медиҳад, ки шайъӣ аз нигоҳи шумораи анвои он тағйирёбанда бо хости худаш ба ашёи билфеъл вуҷуддошта дар доираи озодии билқувваи онҳо шабоҳат пайдо мекунад. Ин андешаро А.В. Смирнов дар ақоиди Ибн Арабӣ

[120] Ибн Сина. Указания и наставления // Ибн Сина (Авиценна). Избранные философские произведения. - М.: «Наука», 1980. С.327.

таҳлил намуда, қайд кардааст: “Вазъиятро дар робита бо сабабҳои қатъӣ тавсиф кардан мумкин аст; чунон ки Ибни Арабӣ менависад, танҳо чизе ҳаст, ки азалӣ пешбинӣ шудааст, зеро ҳар чизе, ки ҳаст, танҳо ҳамчун нақши сабаби абадии хеш вуҷуд дорад. Аммо ин танҳо яке аз тавсифҳои имконпазир аст, зеро бо худи ҳамин асос метавон тасдиқ кард, ки азбаски сабаб аз натиҷаи хеш фарқе надорад, охирӣ зоташро танҳо худаш муайян мекунад ва ба ин маъно он озод аст”.[121]

Баръакси аксари илоҳиётшиносон файласуфон ва мутафаккирони Шарқ ақида доштанд, ки агар бартарии ягон сабаби беруна то ба сатҳи зарурат нарасад, он барои пайдоиши мавҷудоти дигар кофӣ нахоҳад буд ва агар ҳастии ӯ ба сабаби чизи дигар ниёз пайдо накунад, вуҷудият ва нестии ӯ имконнопазир хоҳад буд. Ҳамин тариқ, дар фалсафаи Шарқ умуман ва дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, билхоса, принсипи зарурат дар асоси худи принсипи сабаб ва инчунин, инкори он ба миён омадааст. Чунин принсипҳо, ба монанди имконнопазирии ҷудо кардани оқибат ё натиҷа аз сабаб ва зарурати монандии сабаб ва натиҷа дар воқеияти умумии онҳо принсипҳои муҳимми дигаре мебошанд, ки аз принсипи сабабӣ бармеоянд. Барои муайян намудани робитаи зарурии байни сабаб ва натиҷа аз принсипи сабаб дар доираи таълимот оид ба воҷиб-ул-вуҷуд, ки аслан ба тасаввуф дахл дорад ва аммо дар машшоияи шарқӣ низ фаровон ба кор меравад, кофист, то мафҳуми сабаб ва зарурати натиҷаи сабабиро фаҳмем. Мувофиқи консепсияи воҷиб-ул-вуҷуд, зарурат оқибати ногузири “будан” дар ҳамаи сатҳҳо, ҳолатҳо ва ашёи вобастаи он мебошад. Моҳияти сабаби аввал ва ҳар чизе, ки аз он бармеояд, будан, мавҷудият ва зарурат аст. Воқеият ҷуз мавҷудият чизе беш нест ва ашёе, ки вуҷуд доранд, яке аз ду чизанд: ё ҷавҳари худи мавҷудият, яъне ҳастии зарурӣ, ки ҳам субъективӣ ва ҳам сабаби аввал аст ё мавҷудияти вобаста, ки ба зоти худаш вобаста аст.

[121] Смирнов А.В. Что стоит за термином «средневековая арабская философия» (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1998. С. 81.

Дар иртибот бо ин нукта, қайд кардан ҷойиз аст, ки ақидаи машшоиёни шарқӣ, масалан, Ибн Сино дар бораи иллат ё сабаби зарурат ба саволе пайвастагӣ дорад, ки оё ӯ детерминизмро ҳамчун тавзеҳи қаноатбахши воқеият қабул мекунад ё баръакс, табиатан рух додани ҳодисаҳои оламро эътироф мекунад. Дар таҳқиқоташ дар бораи фалсафаи Ибн Сино шарқшинос ва муҳаққиқи маъруф Л.Э. Гудман баъзе мавқеи синошиносонеро, ки дар бораи детерминизми Ибни Сино баҳс мекунанд, ҷамъбаст кардааст. Луис Гардет яке аз чунин олимон аст: “Гарчанде ки ӯ [Ибни Сино] эҳтимоли зарурати ҳамаи чизҳоро ба ғайр аз воҷиб-ул-вуҷуд тасдиқ мекунад, ӯ барои озодии ҳастӣ ҷойгоҳе боқӣ намегузорад. Фаязони нур (эманатсия)-и олам аз рӯйи иродаи Худо, эманатсияи зарурист. Ҳамаи сабабҳои дуюмдараҷа муайяншудаанд; ояндае, ки вобастаи шарте бошад, вуҷуд надорад. Оид ба ин масъала дар матни “Наҷот” омадааст: “Агар касе ҳамаи ҳодисаҳо ва падидаҳои замин ва осмонро дониста метавонист ва табиати онҳоро дарк мекард, ӯ монанди дигарон бо итминон медонист, ки дар оянда чӣ чизе ба вуҷуд хоҳад омад”.[122] Худи Л.Э. Гудман чунин ақидаро рад мекунад, ки ирода ё хоҳиши Худо дар нисбати олам ва зуҳуроти дар он рухдиҳандаро зарур мекунад ва низоми фалсафии Ибни Синоро детерминистӣ шумурда, яке аз тезисҳои машҳуртарини Ибни Синоро дар он мебинад, ки ҳама чиз дар олам (ба ғайр аз Худо) худ ба худ ҳатман вуҷуд дошта наметавонад, балки ба фазли иллат (сабаб)-и худаш аз рӯйи зарурат вуҷуд дорад. Л.Э. Гудман ташаккули ҳолатҳои фавқулодаи ин мавҷудотро ҳамчун як навъи мавқеъ ба манфиати ҳолатҳои фавқулодаи дар назар гирифтанашуда, яъне хосси имконияти вуҷуддошта ва ғайримавҷуд қабул мекунад.[123] Аммо дар асл бошад, файласуфони машшоияи шарқӣ моҳияти вобастагии заруратро аз мабдаи аввалия шарҳ дода, ҷой доштани заруратро ҳамчун ҳастии мустақил дар робита бо сабаб эътироф кардаанд. Дар омади сухан, дар муқоиса бо онҳо мутафаккирони ишроқия ҳама гуна мавҷудияти мустақили заруратро рад

[122] Goodman L.E. Avicenna. New York: Cornell University Press, 2006, p. 36.
[123] Дар ҳамон ҷо. С. 81.

карда, чунин мешуморанд, ки моҳияти зарурат танҳо вобастагӣ ба сабаб нест, балки онро ҳамчун “вобастагии ишроқӣ (вобастагии эманативӣ)” ифода кардаанд.

Дар баробари ин, дар фаҳмиш ва шарҳи масъалаи озодии иродаи инсон ва детерминизм, бояд эҳтиёт кард: назарияҳои асримиёнагии мутафаккирони ҳам Шарқ ва ҳам файласуфони Юнони Қадимро дар боби ин мафҳумҳо ба мушкилоти ирода ва детерминизм дар фалсафаи муосир, ки детерминизми сабабиро бо озодӣ мувофиқ мешуморад, айнан таҳвил накунем. Дар ҳоле ки файласуфони пешина баҳс мекарданд, ки оё детерминизми сабабӣ бо масъулияти ахлоқӣ мувофиқ аст, нигарониҳои онҳо васеътар буданд. Мо метавонем мубоҳисаҳои онҳоро ба ду самти васеъ тақсим кунем. Аввалан, он қувваи фаъол аст - оё одамон қобилияти амал карданро ба ҳамон тарзе ки рафтор кунанд, дошта метавонанд? Арасту боварӣ дорад, ки амали фаъол ва амали пешбинишаванда дар оянда - ба он чизе, ки бояд рух диҳад, зарурат дорад. Ӯ дар боби 9 “Дар бораи тафсир”-и худаш дар бораи ҳодисаҳои оянда баҳс карда, ба натиҷае мерасад, ки ба онҳо ягон навъи арзиши ҳақиқат – на ростӣ ва на ботилро нисбат додан мумкин нест. Ин андешаи ӯ, чуноне ки О.А. Зеленский навиштааст, ба рӯйдодҳои олами таҳт-ул-қамар дахл дорад, зеро ҳамаи рӯйдодҳои оянда дар олами фавқ-ул-қамар ногузир аз рӯйи зарурат ба вуқуъ мепайванданд ва пешакӣ аҳамияти ҳақиқиашонро доро мешаванд. Дар идомаи ин андеша муаллифи мазкур таъкид кардааст: “... дар гуфторҳо дар бораи ҳодисаҳои ояндаи олами таҳт-ул-қамар мақулаи мантиқии имконият татбиқ карда мешавад, ҳангоме ки дар бораи чизе, ки буд ё ҳаст, танҳо аз рӯйи зарурат сухан гуфтан мумкин аст. Аммо ба ҳамон як саволи бунёдӣ матнҳои Арасту ҷавобҳои гуногун медиҳанд. Дар боби 4 ва боби 9-уми китоби “Метафизика” Арасту дар бораи он ҳукм меронад, ки имконпазир бояд ҳадди ақал як маротиба рух диҳад, ба вуқуъ пайвандад. Агар ба мантиқи ин гуфтор пайравӣ кунем, пас, тасдиқи он ки чизе имкон

дорад, аммо ба вуқуъ намепайвандад, нодуруст хоҳад буд, зеро дар ин ҳолат фарқи байни имконпазир ва имконнопазир аз байн меравад”.[124]

Аммо ин баҳс на аз детерминизми сабабӣ, балки аз он чизе сарчашма мегирад, ки онро “детерминизми мантиқӣ” номидан мумкин аст - тезисе, ки аз абадият, аз тасдиқи фикр дар бораи оянда арзишҳои ҳақиқатро таквият медиҳад. Эпикуриён, стоикҳо (равоқиён) ва скептикҳои академияи Карнеад бо ҳамин далел рӯ ба рӯ мешаванд, аммо онҳо муносибати байни “детерминизми мантиқӣ” ва детерминизми сабабиро баррасӣ мекунанд ва саволеро матраҳ карда буданд, ки оё масъалаи детерминизми сабабӣ бо қувваи фаъол мувофиқат мекунад ё на. Масалан, таълимоти стоикҳо дар бораи оянда ва сарнавишти инсон бо баррасии масъалаҳои мантиқӣ робитаи зич дошт. Худи ҳамон О.А. Зеленский қайд мекунад, ки “аввалан, стоикҳо дар муҳокимаи масъалаи имконият ва зарурат, ки барои Арасту ва мегарикҳо (мактаби пайравони Суқрот дар шаҳри Мегари Юнони Қадим) аҳаммияти калон доштанд, саҳм гузоштанд. Сониян, онҳо хусусияти умумии сарнавиштро бо принсипи дуқутбӣ ва набудани камбудиҳо дар аҳамияти ашё, яъне ҳолатҳое, ки баёни фикр на дуруст ва на ботил аст, пайваст мекунанд. Ҳамин тавр, детерминизми ҷисмонӣ аз детерминизми мантиқӣ бармеояд”.[125]

Самти дуюми мубоҳисаи равоқиён ин масъулияти ахлоқӣ аст, ки ба саволи оё қобилияти мо ба таври оқилона мавриди ситоишу подош ё маломату ҷазо дар иҷрои кору фаъолият буда метавонад ё на, посухро тақозо менамояд. Арасту дар иртибот бо он таҳлили васеи фаъолиятҳои ихтиёри инсонро, ки барои он масъул аст, пешниҳод мекунад. Ӯ исбот намудааст, ки манбаи фаъолиятҳои инсон ихтиёри худи ӯ мебошад ва мо имконияти фаъолияти мустақилонаро нисбат ба он, ки дигарон ба иҷро мерасонанд, дошта метавонем. Аммо масъалаи ирода ва детерминизм, бешубҳа, дар баҳсҳои Арасту ба миён намеояд, зеро ӯ ба ҳайси тезиси умумӣ саволеро дар бораи он, ки оё масъулияти ахлоқӣ бо детерминизми сабабӣ мувофиқат

[124] Зеленский О.А. Стоический детеминизм и его критика Карнеадом / Научные ведомости. Серия Философия. Социология. Право. 2014. № 9 (180). Вып. 28. С. 21-22.
[125] Зеленский О.А. Стоический детеминизм и его критика Карнеадом. С. 21.

дошта метавонад, баррасӣ намекунад. Ба ҷойи ин, Арасту ҷанбаи дигари масъулияти инсонро баррасӣ мекунад, ки онро “детерминизми психологӣ” номидан мумкин аст: амали мо ба таври худкор аст, ки тавассути омезиши ҳолатҳои психологии мо, ба монанди хоҳишҳо ва хислатҳои табиии мо, дар якҷоягӣ бо саҳму талошҳоямон барои он, ки мо дар воқеъ, аз болои ҳар коре, ки ба иҷро мерасонем, онро назорат ва роҳнамоӣ карда метавонем. Пас, мегӯяд Арасту, мо хислатамонро ҳам назорат карда метавонем, зеро ин натиҷаи амалҳои ихтиёрии мост. Ӯ дар асараш «Ахлоқи Никомаха» навиштааст: “Агар гӯем, ки рафторҳои писандида ва зебо аз иродаи мо берунанд – зеро ки берун аз мо мебошанд ва лаззату зебоӣ иҷбориянд - он гоҳ, шояд, ҳама рафторҳо аз иродаамон берун хоҳанд буд, зеро мо ҳамаи чизҳоро барои лаззат ва зебоӣ анҷом медиҳем. Аммо аз зӯроварӣ ва аз он чизе, ки бар хилофи иродаи мост, одамон азият мекашанд, дар ҳоле ки аз рафторҳо ба хотири лаззат ва зебоӣ лаззат мебаранд. Аз ин рӯ, хандаовар аст, ки ба осонӣ ба ин гуна дом гирифтор шуда, гуноҳро на бар гардани худ, балки ба шароити беруна вогузор намуда, барои рафторҳои зебою писандида худамонро масъул медонем”.[126]

Ин нукотро М. Диноршоев бо таҳқиқи афкори ахлоқии Ибни Сино ва дақиқтар - такмили нафси инсонӣ мавриди омӯзиш қарор дода, муайян намудааст, ки дар ин ҷода меъёр ва нуқтаи ибтидоии камоли нафси инсон, қабл аз ҳама, одамони дигари муҳити ӯ мебошанд ва пас, инсон бояд тамоми рафтору кирдорашро таҳти назорати ақл қарор диҳад, то ки хайрро аз шар, некро аз бад фарқ карда тавонад. Аз онҳо муҳимтар, инсон бояд барои ба ҳадафи хеш расидан “шахсан барои нафсаш савобу иқобро муайян созад”, ки дар натиҷаи он, инсон имконият пайдо мекунад, ки “дар вуҷуди хеш сифатҳоеро тарбия кунад, ки ба чаҳор сифати хайр – таҳаммул, шуҷоат, ҳикмат ва адолат мувофиқанд... Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки барои Ибни

[126] Аристотель. Никомаха этика // Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч.; Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. С. 97.

Сино мабодии тасфияи ахлоқӣ шинохти хеш, идроки хеш, айниятгузорӣ ба ҳамсонҳои хеш ва назорати хеш мебошанд”[127].

Бояд қайд кард, ки сабаби назарияи зарурат номида шудани назарияи фавқуззикр дар он аст, ки мувофиқи он, робитаи байни сабаб ва натиҷа ҳамчун ҳалқаи пайвандии вуҷудият ва ҳам ҳалқаи пайвандии зарурат мебошад. Ба ибораи дигар, сабаб на танҳо таъсири вуҷудият, балки таъсири заруратро ҳам медиҳад. Баҳси байни файласуфони Шарқ ва илоҳиётшиносон дар бораи фаъолияти ихтиёрӣ ҳеҷ иртиботе бо ҳаракат, таҳрик додани фаъолият тавассути сабаб надорад, балки ба таъмини зарурати фаъолият тавассути ягон сабаб иртибот дорад. Тибқи назарияи зарурат, натиҷа на танҳо ба сабаби вуҷудият, балки ба зарурати он низ вобаста аст. Назарияи зарурат талқин мекунад, ки ҳар як объекти имконпазир, бинобар имкони худ, аслан ду имконияти баробар дорад: будан ва набудан, пас, ғайриимкон аст, ки ҳар яки ин ду ашё ҳақиқӣ бошанд, то даме ки дар ибтидо он намунаи ягонаи эҳтимолие аз нигоҳи сабабаш зоҳир гардад. Аммо, намунаи ягонаи имконпазир будан, маънои инкор намудани ягон намунаи дигарро дорад, ки он маънои зарурати намунаи ягонаи эҳтимолиро хоҳад дошт. Аз ин рӯ, сабаб бояд аввал натиҷаро муайян карда, онро ягона намунаи имконпазирии зарурӣ гардонад ва пас, ба он хосияти вуҷудият диҳад. Ин нуктаро М.Н. Волф ҳангоми баррасии таълимоти ашъариён дар бораи таносуби иродаи Худо ва иродаи инсон дар доираи таълимоти бароямон маълуми ин фирқа (касб) чунин тафсир додааст: тибқи андешаи ашъариён қудратеро, ки инсон дорад, онро Худо ато кардааст ва инсон онро ҳамин тавр касб намудааст. Ба ишораи ин, муаллиф Ал-Ашъарӣ гуфтааст, ки маънои аслии касб кардан – ин зуҳур ё пайдоиши ашё ё ҳодисаҳо тавассути қудрати ба даст овардашуда буда, иктисоби шахс номида мешавад ва танҳо чунин қудрат барои инсон имконпазир аст. Ҳамин тариқ, Худо офаринандаи амалҳои инсон аст ва инсон танҳо ин амалҳои «худро» касб мекунад. Худо ягона вуҷудест, ки ҳамаи чизро офарида метавонад ва аз ин рӯ, офариниш ба маънои мутлақ

[127] Диноршоев М. Компендиум философии Ибн Сины. Душанбе, 2010. С. 230.

танҳо салоҳияти Ӯст. Дар идомаи ин гуфтор М.Н. Волф навиштааст: “Инсон наметавонад чизе биофарад, инсон наметавонад ягон амалеро оғоз кунад, ба шарте ки агар Худо дар инсон қудрат ва қобилияти иҷрои он амалро ба вуҷуд наоварад. Инчунин, Худо дар инсон қудратеро фароҳам меорад, ки интихоби озод (ихтиёр)-ро байни ду манзалат - дуруст ва ботил фароҳам орад”.[128] Аммо бо ин ҳама, чунин имконияти интихоби озод дар зоти инсон худ аз худ барои эҷоди ягон фаъолияте низ самар ва натиҷае намедиҳад, зеро чунин натиҷа ҳам аз табиати Худо вобаста аст (чунин корро дар нисбати инсон ашъариён мегуфтанд, ки он на дар табиати Худо, балки “дар хислати инсон” аст) - Худо дар вуҷуди инсон амалеро ба вуҷуд меоварад, ки дар он интихоб ва қудрат ва анҷом додани чунин амалро мутобиқи интихобаш пешбинӣ намудааст. Пас, аз назари ашъариён, инсон танҳо дар интихоби яке аз манзалатҳои фаъолияташ, инчунин, дар нияти дақиқ иҷро кардани ин амали озодона интихобшуда озод буда метавонад.

Ҳамин тариқ, аз назари динӣ офариниш танҳо феъли озоди Худо аст; ба Ӯ барои офариниш зарурате нест, аммо ин корро аз рӯйи муҳаббат ва саховатмандӣ кардааст. Ӯ на танҳо дар ибтидо Коинотро офаридааст, балки онро бо қувваи худ дар ҳар лаҳзаи мавҷудияти он дастгирӣ ва ҳифз мекунад; бе дастгирии Худо, он дарҳол ба чизе пош мехӯрад. Ин тарзи фаҳмиши хилқат барои ҳар се динҳои иброҳимӣ хос буда, дар онҳо Худо сабаби асосӣ ё Сабаби аввал маънидод мешавад, ки он ҳамаи зуҳурот ва ҳодисаҳоро ба ғайр аз худаш тавлид мекунад ва ҳама чизи пешинаро аз нигоҳи онтологӣ ҳамчун “аз ҳеч чиз чизеро” пас аз нигилизм (ҳеҷангорӣ)-и мутлақ ба вуҷуд меорад, ки он дорои озодӣ, ирода ва қобили интихоб буда, ягон зарурати берунӣ ё дохилӣ ӯро барои офариниш маҷбур намекунад.[129] Дар ин маврид, Сабаби аввал бо озодӣ амал мекунад ва дар ҳеҷ сурат ба офаридани чизе ниёз надорад ва аз он офариниши махлуқот бо дарназардошти хусусияти ботинии

[128] Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: ашаритский калам. - Новосибирск, 2008. С. 55.
[129] William H. Creation and conservation, religious doctrine of. In: Edward Craig (Ed.), Routledge Encyclopedia of Philosophy, London 1998, http://www.rep.routledge .com.libus.csd.muedu/article/KG12SECT3 Таърихи ручуъ 12.11.2011.

онҳо такозо намешавад. Минбаъд, чуноне ки дар боло зикр кардем, раванди ин офариниш дар таълимоти навафлотуния ва тавассути он дар мактабҳои ақлгарои Шарқ аз тариқи назарияи судур ва нузули нури илоҳӣ (файз ё фаязон) тавзеҳ дода мешавад. Дар ҳоле ки файласуфҳо дар маҷмуъ ба баъзе принсипҳои фалсафии умумии Арасту, аз қабили сабабҳои дуюмдараҷа таваҷҷуҳ карда, Худоро ягона воситаи рӯйдодҳои олам намешуморанд, балки қудрати Ӯро ба мавҷудоти фавқутабиӣ, осмонӣ ва заминӣ таҳвил мекунанд, хусусияти бештар детерминистии теологӣ, тавре ки мебинем, беш аз пеш ба фалсафаи Шарқ ворид мешавад, файласуфҳо ин назарияро бо таълимоти навафлотунӣ татбиқ намуда, пояи фалсафии онро тақвият додаанд.

Яке аз намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ Абу Насри Форобӣ (ваф. 950), ки бо суннатҳои фалсафии юнониёни қадим шиносоӣ дошт, ба фалсафаи худ назарияи фаязони нур (эманатсия)-и навафлотуниро ворид мекунад, ки тибқи он аз Худо Ақли кулл ва аз паси он даҳ ақли дигар бо афлоки мувофиқи худашон (ба истиснои ақли фоили охирин, ки соҳаи фаъолияти худро надорад) судур мекунанд. Аз олами улвӣ ё самовӣ, ки аз ақлҳо ва афлок иборатанд, олами ақлонӣ пайдо мешавад. Чунин “дур кардан”-и дахолати Худо ба корҳои табиӣ дар ниҳояти кор вуҷудияти имконро дар вуҷуди мавҷудот ба миён меоварад. Гузашта аз ин, Форобӣ дар шарҳи худ ба “Фалсафаи Арасту” эътироф мекунад, ки инсон аз мавҷудоти дигар бо ақл ва қувваи ақлониаш фарқ мекунад, ки озодии ӯро таъмин мекунанд: “Қуввае, ки он ашёи мавҷударо мешиносад, ки онҳоро инсон метавонад ҳамчун мавҷудоти табиатан билфеъл вуҷуддошта кашф намояд ва агар онҳо танҳо ба хотири он мавриди тааққул қарор гиранд, ки дар шинохташон ба кор раванд, “ақли амалӣ” ном дорад. Ва он чизе, ки ба воситаи он инсон ашёи мавҷударо муҷаррадан аз чизҳои мушаххас маърифат мекунад, он «ақли назариявӣ» ном мегирад. Қувваи тафаккурро, ки тавассути он чизеро аз миёни ашёи табиӣ кашф кардан мумкин аст ва аллакай бо ақли

амалӣ маърифат шудааст, аз ҷониби Арасту “иродаи озод” ё “ихтиёри озод” номида мешавад”.[130]

Ба андешаи Арасту, амалҳое, ки дар натиҷаи судури қувваҳо ва хусусан, дар доираи назарияи воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ба назар мерасанд, ҷанбаи имконро доранд, на зарурат, зеро ки “моҳият ду ҳастӣ надорад, ки яке аз онҳо ҳақ ва дигаре ботил бошад ва ҳар як шайъ сабаби дигар чиз буда наметавонад. Масалан, А сабаби вуҷудияти Б, Б – сабаби вуҷудияи А аст; агар вуҷудияти Б аз А бошад, зарур аст, ки вуҷудияти А аз вуҷудияти Б муқаддамтар бошад ва натиҷаи он набошад, зеро А сабаби Б аст; ҳамин тариқ, А натиҷаи Б аст. А бояд дар вуҷудияташ аз пайи вуҷудияти Б бошад... ин ҳукм ба он мерасонад, ки ҳастии он (яъне А – З.Ҳ.) аз ҳастии худи он муқаддамтар бошад, ки ин номумкин аст”.[131] Дар робита бо ин, Форобӣ дар фаъолияти инсон мубоҳиса дар бораи ояндаи инсонро бемаънӣ шуморида, дар айни замон, ғояи сарнавишти инсонро низ рад мекунад. Ҳамин тариқ, Форобӣ фаъолияти ихтиёрии инсонро, ки шомили ҳолатҳо ва қонуниятҳои ғайричашмдошт буда, ба олами осмонӣ, ки мабдаи онҳо мебошад ва ба сабаби ҳаракати доимии афлоки самовӣ кашф мегарданд, муқобил мегузорад. Ба андешаи ӯ, оянда инчунин, дараҷаи муайяни номуайяниро дар бар мегирад: агар чизе ё ҳодисае дар замони ҳозира шартӣ бошад, он дар оянда низ шартӣ хоҳад буд.

Ба ҳар ҳол, Форобӣ судури мавҷудотро аз мабдаи аввал на аз роҳи қасду ирода ва на муқтазои зоти Худо мешуморад, балки он танҳо ва сирфан аз тааққули зоти Худо нисбат ба худи ақл (ки он ақли холис ва хайри мутлақ аст) ҳосил мешавад. Бинобар ин, азбаски воҷиб-ул-вуҷуд камоли маҳз ва натиҷаи фаязони Худо бидуни қасд ва иҷбор аст, аз роҳи илм ва ихтиёр файзи вуҷудро ба мавҷудот судур намудааст ва ин фаязон аз тааққули зоти худи ӯст. Ба маънии дигар, мабдаи аввали Форобӣ “фоили би-табъ нест, ки судури ашёро аз он бидуни маърифат ба даст овардан мумкин аст, балки

[130] Аль-Фараби. Историко-философские трактаты /Перевод с арабского. - Алма-Ата: Наука, 1985. С. 317.
[131] Дар ҳамон ҷо. С. 348.

ҳамон фоили би-л-иноятi машшоия мебошад, ки зуҳур ва судури ашё аз он тавассути дониш ба даст оварда мешавад. Ин мабдаъ низоми хайр дар ҳастӣ аст ва илми вай сабаби мавҷудияти чизе аст, ки ӯро мешиносад, пас, дониши Худо, ки дониши феълӣ нест, на замоне барои эҷоди ашё кофӣ хоҳад буд ва ҳамин дониш сабаби вуҷудияти ашёи олам аст”.[132]

Хулоса, аз назари Форобӣ моҳияти олам дар ҳастӣ, вуҷудияти он аст, дар ҳоле ки вуҷудияти имкониятҳо бояд аз зарурати вуҷудият таъбир дода шавад. Мутобиқан, низоми олам як низоми сабабӣ мебошад. Пас аз исботи зарурати вуҷудият ҳамчун сабаби аввалини пайдоиши имконият ва ба назар гирифтани он, ки тамоми имконот дар вуҷуди олам заруранд, Форобӣ хислати офаринишро ба зарурат нисбат дода, барои имконият умуман ва барои имконияти инсон ва аз пайи он озодии инсон фазои махсусу алоҳида эҷод мекунад.

Дар фалсафаи машшоия Мабдаи аввал ё Сабаби аввал ҳамчун вуҷуди куллӣ муаррифӣ мегардад ва дар иртибот бо нукоти дар боло таҳқиқшуда саволе ба миён меояд, ки он чӣ гуна барои ҳама ашё ва зуҳурот «хизмат» карда метавонад, дар ҳоле ки тасаввурот дар бораи он имконияти ҳар гуна касрат буданашро истисно мекунад? Барои посух додан ба ин савол, ашёро бояд дар содагии мутлақ ва зуҳуроти онҳо ҳамчун “худ” ё “зот” баррасӣ кард. Илова бар ин, “зот” танҳо дар доираи мафҳуми дигар “вуҷуд” (муродифи тоҷикии он - “ҳастӣ”) мавриди таҳқиқ қарор гирифта метавонад. “Вуҷуд”, дар навбати худ, дар миёни ҳамаи мафҳумҳо ва шаклҳои ақл ягона истилоҳест, ки воқеиятро берун аз ақламон тасвир карда метавонад. Барои ҳамин, роҳ ба сӯйи маърифати қонунҳо ва қоидаҳои куллие, ки оламро идора карда метавонанд, аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ принсипи “асолат-ул-вуҷуд” мебошад.

Агар таълимоти машшоиёни шарқиро тавассути таълимоти тасаввуфӣ оид ба “вуҷудият” баррасӣ намоем, вобаста ба саволи матраҳшуда чунин тасвирро ҳосил кардан мумкин аст: берун аз ҳама гуна иртибот шайъ ё ба

[132] Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. С. 214-217.

шарофати худ зарур аст (“ваҷиб-ул-вуҷуд би затиҳи”), ё ба шарофати худ имконпазир аст (“мумкин-ул-вуҷуд бизатиҳи”) ва ё бо сабаби худ ғайриимкон аст (“мумтанеъ-ул-вуҷуд би сабабиҳи”). Тақсими вуҷудияти ашё ба зарурӣ, имконпазир ва ғайриимкон дар назарияи фаязон нақши муҳим дорад ва аз тақсими ашё ба мавҷуд ва ғайримавҷуд муқаддамтар аст.

Воҷиб-ул-вуҷуд вобаста ба зоти хеш ҳамеша вуҷуд дорад, зеро он худ аз худ ба миён меояд. Ибни Сино навиштааст: “Гуфта шудааст, ки воҷиб-ул-вуҷуд воҷиб месозад, ки ҳар як шахс аз ҷиҳати чизе, ки ҳаст, маълул буда, ба воҷиб-ул-вуҷуд чизе мулҳақ намегардад, ки зотан ба воситаи он муҳол гардад, дар акси ҳол вуҷуди вай ба ду иллат - буданаш ва набуданаш вобаста аст, ки аз вай ҷудо нестанд. Дар ин ҳолат ду шахс ду маълули воҷиб-ул-вуҷуд мешуданд, ки ин муҳол аст, ё ҳамроҳи воҷиб-ул-вуҷуд воҷиб шуда, воҷиб-ул-вуҷудро бисёрӣ мебахшиданд”.[133] Сабаби аввал низ ҳамин тавр аст - он комилан ба шарофати зарурати мутлақ буданаш зоҳир мешавад ва аз ин сабаб комилан сода аст. Вуҷуд-ул-мумтанеъ ё имконнопазир ба шарофати худаш ҳамеша нобудани худро сабабгор аст ва ҳастӣ дошта наметавонад. Барои мумкин-ул-вуҷуд ба шарофати зоти худаш вуҷудият ва ғайривуҷудият эҳтимоли баробар дорад ва дар он хусусияте нест, ки аз рӯйи он ба яке аз онҳо нисбат ба дигарашон бартарӣ дода шавад. Аз ин рӯ, мумкин-ул-вуҷуд ба фарқ аз воҷиб-ул-вуҷуд би зотиҳи ва мумтанеъ-ул-вуҷуд бизотиҳи қобилияти на вуҷуд доштан ва на вуҷуд надоштан ба зоти худашро надорад: он ногузир аз рӯйи мантиқи дохилии мафҳуми хеш бояд бо чизи дигаре, ки ҳамчун “таъминкунандаи бартарӣ” (мураҷҷеҳ)-и яке аз ҷонибҳои имконияти он ҳисоб меёбад, иртибот дошта бошад. Ба шарофати ин робита, бо ғайри худ мумкин-ул-вуҷуд ё дар ҳолати мавҷуд (ва дар ин ҳолат, он зарурати вуҷудиятро ба сабаби дигар пайдо мекунад – воҷиб-ул-вуҷуд би-ғайриҳи), ё ҳамчун ғайримавҷуд (ва дар ин ҳолат он ба имконнопазирии мавҷудият ба шарофати ғайри худ - мумтанеъ-ул-вуҷуд би ғайриҳи) зоҳир мешавад. Ба таври хулоса, таносуб ва моҳияти ин мафҳумҳоро Ибни Сино чунин

[133] Абу Алӣ ибн Сино. Осор. Ҷ. 2. - Душанбе, 2005. С. 510.

маънидод кардааст: “... бигӯем, ки ин зот (зоти ҳодис – З.Ҳ.) пеш аз ҳудус на мумтанеъ ва на воҷиб, балки мумкин буд. Пас, аз ин холӣ нест, ки ё мумкин будани он на ба шарте аст, ё ин ки мумкин буданаш ба шарти маъдум буданаш аст ва ё ин ки мумкин буданаш дар ҳолест, ки он мавҷуд бошад. Муҳол аст, ки мумкин буданаш ба шарти адамаш бошад, зеро модоме ки маъдум аст ва адам ӯро шарт шудааст, ба вуҷуд омаданаш мумтанеъ аст, чунончи модоме ки мавҷуд бошад, ба шарте мавҷуд аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд бувад”.[134]

Нақши Сабаби аввал аз он иборат аст, ки заруратро ба вуҷуде бахшад, ки дар зоти хеш имконпазир аст. Ин корро танҳо мавҷуде карда метавонад, ки аллакай зарур аст - ё ба шарофати дигар, ё ба шарофати худаш. Азбаски ҳар гуна воҷиб-ул-вуҷуд, ҳамчун зарурат дар ниҳояти кор ба шарофати Сабаби аввал зарурат пайдо мекунад, ин Сабаб бунёди пинҳонии ҳама чизро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, зуҳури мутлақи Сабаби аввал дар ниҳон, махфӣ буданаш тафсир меёбад. Азбаски ҳар як силсилаи сабабҳою натиҷаҳо ба Мабдаи аввал ҳамчун ба Сабаби аввал мерасад, ки он ҳақиқати ҳар як чизро таъмин мекунад, ҳадафи муваффақноки маърифат бояд идроки Сабаби аввалро таъмин кунад, вагарна аз назари машшоиён ва суфиён дониш ҳарчанд дуруст бошад ҳам, аммо ба таври куллӣ нопурра боқӣ хоҳад монд. Ҳар гуна сабабҳои мобайнии вуҷудияти ашё барои усулҳои анъанавии маърифати ақлгаро̄й-мантиқӣ, ба андешаи онҳо, дастрасанд. Аз ин ҷо, аҳаммияти мантиқ бармеояд, ки ба таҳқиқи он Ибни Сино таваҷҷуҳи хоса мекунад. Аммо, Сабаби аввал зотан на ба маърифати мантиқӣ, балки барои он равона мешавад, ки Ибни Сино онро сариҳ-ул-ирфон-ул-ақлӣ (“шинохти тозаи ақлонӣ”) ё мухтасар “ал-ирфон-ул-ақлӣ” номидааст.[135] Сухан дар бораи шинохти мустақими ашё дар зеҳни инсон ва мустақилияти шинохти худи инсон, дар феъл ва амали ихтиёрии ӯ, яъне озодии инсон дар маҷмуъ, меравад.

---

[134] Абу Алӣ ибн Сино. Осор. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 264.
[135] Фролова Е.А. Арабская философия:Прошлое инастоящее. –М.:Языкиславянских культур,2010. С.124.

Агар назарияи “вуҷуд”-и машшоиёни шарқиро дар доираи формулаҳои мантиқӣ ворид намоем ва ба он аз назари ихтиёри мавҷудоти метафизикӣ баҳо диҳем, ба чунин хулоса расидан мумкин аст: дар ҳар як амали ихтиёрӣ (озод) се унсур мавҷуд аст: а) заминаҳои омодагӣ ба феъл; б) омодагӣ ба феъл; в) худи феъл. Дар байни ин се унсур ду муносибат мавҷуд аст: муносибати байни А ва В ва байни В ва С. Ҳамин тавр, байни феъли иродӣ ва худи феъл муносибати робитаи зарурӣ вуҷуд дорад. Дар ин ҷо байни ин муносибати зарурӣ (байни феъл ва иродаи фоил) ва озодии ирода на танҳо ихтилоф вуҷуд надорад, балки инчунин озодии ирода бидуни ин муносибати зарурӣ озодии ирода низ буда наметавонад. Фарз кардан мумкин аст, ки иродаи фоил вуҷуд дошта метавонад ва дар ин ҳолат ҳамаи шарту шароити он ба озодии ирода ва қувваи фоил мутазод мебуданд. Барои ҳамин, баҳси байни мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо намояндагони мактабҳои дигар, асосан дар атрофи Сабаби аввал, яъне муносибати байни заминаҳои майли феъл намудан ва хоҳиши судури феъл аз фоили аввал давом доштааст.

Ҳамин тавр, назарияи машшоии “вуҷудия” ба он нигаронида шудааст, ки масъалаи фалсафии байни сабаб ва озодиро аз нигоҳи мовароуттабиӣ ва аз тариқи ақлонӣ равшан намояд. Моҳияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки машшоиёни шарқӣ барои “озод кардани” инсон аз тобеияту итоати бевосита ба Худо дар байни муносибати бевоситаи Ӯ ва инсон “фосилаҳо” – мумкин-ул-вуҷудҳоро аз тариқи судур ва нузули қувваҳо (эманатсия)-и ақл ва нафс ба миён мегузоранд. Бевосита “дахолат” накардани Худо ба корҳои инсон, хусусан, дар олами ҷисмонӣ, барои инсон имкони озодихоҳиро таъмин мекунад. Тафаккур дар бораи воқеияти ҳастӣ ба хулосае меоварад, ки ба ғайр аз зарурати воҷиб-ул-вуҷуд, ки зотан “воқеияти ҳастӣ” ва сарчашмаи маротиби вуҷуд мебошад, сатҳҳои дигари ҳастӣ ба ҷуз аз тобеият ба воҷиб-ул-вуҷуд ягон навъи воқеияти ҳастӣ надоранд. Аммо, ин тобеият монанди тобеияти инсон ба инсон нест: мавҷудоти олам ба зоти илоҳӣ муносибати нисбии зуҳурёбӣ ва мартабавӣ доранд ва аз ин рӯ, дар алоҳидагӣ ҳар кадоми онҳо худкифо ва мустақил ба ҳисоб мераванд. Маҳз ба хотири худкифоии ин гуна

мавҷудот, онҳо ба воқеияти зотии худӣ соҳиб мешаванд, ки дар миёни онҳо инсон дар мақоми аввал қарор мегирад.

Яке аз намояндаи дигари машҳури машшоияи шарқӣ Ибни Рушд мебошад, ки дар асри XII дар Андалусияи Испания зиндагӣ ва фаъолият намудааст. Дар муқоиса бо Форобӣ ва Ибни Сино мутафаккири машшоии андалусӣ (испанӣ) назарияи судурро дар пайдоиши олам инкор намуда, “боварӣ дошт, ки шарҳи волюнтаристӣ (иродагарой)-и моҳияти Худо аз ҷониби мутакаллимҳо чизе беш аз “сухани шоирона” нест. Ибни Рушд ин таълимотро оид ба Худо бо назарияе муқобил гузошт, ки тибқи он Вуҷуди аввал мувофиқи қонунҳои муайян амал мекунад ва “биниши”-и Ӯ танҳо ба ҷараёни умумии равандҳои олам дахл дорад. Ин назария ба тафсири Худо аз ҷониби мутафаккирони пеш аз машшоияи шарқӣ ҳамчун Вуҷуди аввал мувофиқат мекунад, ки амалҳои Ӯ аз оғози муайяни ақлонӣ-мантиқӣ дарак медиҳанд. Файласуфон Худоро ба инсони абадӣ ва инсонро ба Худои миранда табдил медиҳанд”.[136]

Бояд зикр намуд, ки Ибни Рушд, пеш аз ҳама, ҳамчун муфассири Арасту шинохта шудааст. Ӯ дар асарҳои мантиқии худ, аз ҷумла, дар “Тафсирҳо ба “Дар бораи нафс”-и Арасту” дар бораи далелҳои баҳсноки мутафаккири юнонӣ вобаста ба тафаккури инсонӣ, қудрати интихоб ва ихтиёри роҳу равиши амал ва рафтори инсонро таҳлил намуда, ирода ва озодиии инсонро эътироф мекунад. Бунёди ғояи озодии инсон аз назари Ибни Рушд бар он аст, ки ӯ бар хилофи мутафаккирон ва илоҳиётшиносон сарнавишт ва рӯзи охиратро инкор мекунад. Рафтору кирдор ва амалҳои инсон, ба ақидаи ӯ, мутлақо хусусияти азалӣ пешбинишуда надоранд, зеро дар ин ҳолат одамон аз мавҷудоти дигар фарқе намедоштанд ва дар ин ҳол ба ирода ва интихоб ниёзе ҳам боқӣ намемонд. Барои онҳо инчунин зарурат ба кишоварзӣ, санъатҳои ҷангӣ, киштиронӣ, дорусозӣ, хулоса, ҳамаи касбу ҳунарҳое, ки бо ёрии онҳо ба таври мақсаднок хайру некӣ касб гардида, шарру бадӣ, зулмат бартараф карда мешавад, аз байн мерафт. Аммо аз тарафи дигар,

[136] Шангараев Р.Р. Мусульманская религиозная философия. – Казань: ИД «МеДДоК», 2020. С. 101.

фаъолиятҳои ин ҳунармандонро ба ду далел комилан озод ҳисоб кардан мумкин нест: аввалан, инсон наметавонад, ки дар низоми олам худсарӣ намояд, зеро фаъолиятҳои ӯ ба иллатҳои беруна вобастаанд; сониян, худи майлу рағбатҳо ва хоҳишҳо барои анҷом додани ин ё он фаъолият хусусияти детерминистӣ доранд: сабабҳои беруна "на танҳо барои ба ичро расидани амалҳои хостаи мо мусоидат мекунанд ё халал мерасонанд, балки инчунин, ҳамчун сабабҳое барои он буда метавонанд, ки мо ба сӯйи яке аз ду тазод майл мекунем, зеро ирода чизе беш аз саъйю талоше нест, ки дар вуҷудамон тасаввуроти ягон чиз ё ҳукмеро дар бораи чизе бармеангезад, дар ҳоле ки ин ҳукм аз ихтиёри мо вобаста набуда, чизе ҳаст, ки дар ботинамон рух медиҳад ва он аз шароити беруна бармеояд".[137]

Ба ғайр аз ин, фаҳмиши Ибни Рушд дар бораи таносуби озодӣ ва зарурат монанди мутафаккирони Юнони Қадим ва Форобӣ дар тафсири мафҳуми охирӣ зоҳир мешавад. Мафҳуми "зарурат", ба ақидаи ӯ, ба се маъно истифода мешавад: ба маънои ғайриимкони будани ягон чиз бидуни чизи дигаре "ба иллати ҷой доштани модда", масалан, агар гӯем, ки "ҳайвони дорои хун бе нафас вуҷуд надорад"; ба маънои маҷбуркунӣ, ки муқобили интихоб ва ихтиёр аст, барои ҳамин, шоирони қадимаи юнонӣ ин гуна заруратро ҳамчун як чизи дарднок ва вазнин тавсиф кардаанд; ба маънои ҳатмӣ хос будани сифати машҳур, масалан, агар гӯем, ки "афлок аз рӯйи зарурат абадианд". Аз ин рӯ, озодӣ ("интихоб ё ихтиёр"), ба қавли Ибни Рушд, дар маҷмуъ на ба зарурат, балки танҳо ба яке аз шаклҳои он – маҷбуркунӣ мутазод аст. Ин, ба гуфтаи Ибни Рушд, ҳамон принсипест, ки ҷабариҳо ва инчунин, ашъариён низ онро пояи тамоми фаъолиятҳо ва амалҳоро дар олам муайян мекунанд. Ибни Рушд таълимоти ашъариро дар бораи сарнавишт ва рӯзи растохез рад мекунад.[138] Гарчанде ки ирода ва ақли инсон ба қонуни зарурат итоат мекунад, аммо ин зарурат дар айни замон саъйю талоши ӯро ба сӯйи некӣ дар

[137] Ибн Рушд. Китаб фасл ал-мақал ва тақрир ма байн ал-шаръа ва ал-ҳима мин ал-иттисал. – Бейрут, 1986. С. 43 (ба забони арабӣ).
[138] Ибн Рушд. Китаб фасл ал-мақал ва тақрир ма байн ал-шаръа ва ал-ҳима мин ал-иттисал. – Бейрут, 1986. С. 55 (ба забони арабӣ).

назар дорад. Хайру некӣ ё хушбахтии ҳақиқӣ дар сурате имконпазир аст, ки нафси нотиқа амалҳои неруҳои ҳайвонии инсонро назорат кунад. Аммо ин аллакай ба масъалаи сирф ахлоқӣ дахл дорад ва ин мавзуъро дар қисматҳои дигари таҳқиқотамон баррасӣ хоҳем кард.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла, машшоиёни шарқӣ маъмул шудааст, ки инсон барои кору фаъолияташ масъул аст. Дар тафаккури динии исломӣ он ҳатто ба ҷаҳонбинии ду дини дигари иброҳимӣ – яҳудия ва масеҳият, ки дар онҳо масъулияти ахлоқии инсон бо эътиқод ба рӯзи қиёмат алоқаманд аст, пайвандӣ дорад. Аз ин рӯ, масъулияти инфиродии инсон барои амалҳояш ҳамчун муҳимтарин хусусияти муносибати байни Худо ва офаридаи Ӯ ба ҳисоб меравад. Аммо, бидуни пиндошти он, ки амалҳои мо дар худи мо, зотан муайян мегарданд, масъулияти инфиродиро барои амалҳои мо қабул кардан душвор ва фаротар аз он, тасдиқ намудан душвортар аст. Барои ҳамин, худмуайянкунии инсонро мутафаккирони Шарқ бо равишҳо ва шаклҳои гуногун тасаввур кардаанд. Мутакаллимон кӯшиш кардаанд, ки таълимоти худро оқилона ва дар доираи низоми муайян шарҳ дода, инчунин, равишҳои мухталифро барои фаҳмонидани он, ки чаро амалҳои мо бояд аз ҷониби худи инсон муайян карда шаванд, таҳия намудаанд.[139] Нуқтаи назари муътазилиён дар бораи ин масъала дар баррасии масъалае роиҷ буд, ки одамон беихтиёрона баҳс мекунанд, ки масъулияти ахлоқӣ бо озодии амалашон алоқаманд аст: агар мо барои коре, ки ба таври инфиродӣ масъул ҳастем, гумон кунем, ки амали худро назорат мебарем ва фикр мекунем, ки мо бояд қарор кунем, ки чӣ гуна амал кунем ва чӣ гуна натиҷа гирем, пас, мо тахмин мезанем, ки ахлоқ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки озодии амал дуруст бошад. Барои муътазилиёни каломӣ адолати Худо як рукни асосии таълимоти онҳо буд ва онҳо боварӣ доштанд, ки ҳукми Ӯ дар бораи амалҳои инсонӣ ба принсипҳо ва арзишҳои объективӣ асос ёфтааст. Дар асоси ин тахминҳо, онҳо изҳор менамуданд, ки Худо ба ҳеҷ ваҷҳ амалҳои одамиро ба вуҷуд намеорад ва

[139] Pink Th. Free Will. A Very Short Introduction. Oxford University Press, 2004, p. 62-68.

муайян намекунад, зеро агар мо барои коре, ки иҷро мекунем, ҷавобгар бошем, агар ба таври одилона ба подош ё ҷазо сазовор бошем, пас, ташаббускори амалҳои худ фақат худамон буда метавонем.[140]

Бинобар ин, масалан, дар худшиносии муътазилиҳо, муайян кардани худии шахс маънои онро дорад, ки амалҳои ӯ ба таври сабабӣ аз худи вай вобастаанд ва қобилияте, ки тавассути он амалҳоямонро ба иҷро мерасонем, қудрати мо барои ихтиёр ва интихоб аст ва ин ба мо имкон медиҳад, ки ду амали бо ҳам муқобилро анҷом диҳем ва ё ягон коре накунем.[141] Аммо байни мутакаллимини муътазила мувофиқаи бештаре дар бораи аз нигоҳи сабабӣ муайян намудани қобилияти инсон дар доираи мафҳуми қудра (-т) ҷой дошт.

Масъалаи дигаре, ки муътазилиён мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода буданд, ба саволе пайвастагӣ дошт, ки оё мо феълу амалҳоямонро танҳо дар асоси қудрати фаъолиятамон ё озодии фаъолиятамон шарҳ дода метавонем, ба он маъно, ки ихтиёри мустақилонаи мо аз байни намунаҳои гуногун аз ягон қуввае вобастагӣ дорад ё на. Дар робита бо он, масъалаи қувва ё дақиқтараш қудра (-т) ба миён меояд, ки бо он муътазилиҳо ба моҳият ё маънии ашё ишора мекунанд. Қудрат хоси ҷисми инсон аст ва ба фазли он инсон қобилияти амал карданро дорад. Муътазилиён иддао доштанд, ки қобилияти амал кардани инсон маънии пурраи фаъолият карданро надорад, баръакс, қудрат барои инсон имкони ихтиёр ё интихоби байни ду падида ё чизро медиҳад: агар амал кунем – ин ихтиёри мост ва баръакс, агар амал накунем – ин ҳам ихтиёри мост.[142] Тавассути чунин фаҳмиш метавон гуфт, ки офариниш ин ба воқеият мубаддал гардонидани олами имконпазир аст, ки дар ин ҷо олами имконпазир ҳамчун яке аз вариантҳои вуҷудияти имконпазир - ҳам дар зоти худ ва ҳам берун аз Худо дарк карда мешавад.

---

[140] Ал-Қази Абд ал-Ҷаббар ал-Муғнӣ. Фи абваб ал-тавҳид ва ал-адл. Ҷ. 8. Ал-Қаҳира, 1965. С. 3 ва 83 (ба забони арабӣ).

[141] Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. Мақалат ал-исламиин ва ихтилаф ал-мусалиин. – Бейрут, 2005 (ба забони арабӣ).

[142] Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. Мақалат ал-исламиин ва ихтилаф ал-мусалиин. – Бейрут, 2005. С. 230 (ба забони арабӣ).

Шояд маъруфтарин таълимоте, ки муътазила дорад, дар бораи озодии инсон бошад. Муътазилиҳо боварӣ доштанд, ки озодии инсон шарти зарурии адолати илоҳист. Моҳияти масъала дар он ифода меёбад, ки амри Худо ба хайру некӣ буда, шарро бозмедорад; муъминонро подош ва золимонро ҷазо медиҳад. Аммо Ӯ ҳеҷ кадоме аз онҳоро одилона ба сомон бурда наметавонад, агар мо озодона имон оварда ё нодуруст рафтор карданро интихоб накунем. Дар баробари ин, ғояи марказӣ низ он буда метавонад, ки Худо беадолатона амал намекунад (ё ҳатто наметавонад) ва бинобар ин муаллиф ё фоили амали беадолатонаи инсон шуда наметавонад.[143] Илова бар ин, ақидаи муътазилиён бар он буд, ки инсон озодона амал мекунад, яъне қудрате дорад, ки интихоб ё ихтиёр намояд.

Таълимоти намояндаи дигари машшоияи шарқӣ Абу Юсуф Ал-Киндӣ, ки бевосита дар зери таъсири ақоиди муътазилия қарор дошт, барои дарки масъалаҳои матраҳшуда аҳамияти хоса дорад. Бояд қайд кард, ки асарҳои асосии Ал-Киндӣ, ки махсус ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, то замони мо нарасидаанд. Бо вуҷуди ин, мо метавонем мавқеи ӯро то андозае аз осори боқимондааш барқарор карда тавонем. Далелҳои бевоситаро дар асари ӯ “Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳо” ёфтан мумкин аст. Дар аввали рисолааш Ал-Киндӣ таърифи зеринро медиҳад: “Ихтиёр иродаест, ки аз он руъё (биниш) ва тамйиз (ҷудокунӣ) муқаддамтаранд”.[144] Ду мафҳуме, ки дар ин таърифи интихоб (ихтиёр) истифода шудааст, чунин таъриф дода шудаанд: “Руъё майл (имāла)-ест дар байни хотираҳои нафс”; “ирода – қуввае, ки бо он чизе бидуни чизи дигар дар назар дошта мешавад”.[145] Ин таърифҳо ба он ишора мекунанд, ки Ал-Киндӣ қудрати интихоби озоди инсонро эътироф дорад. Эҳтимолияти танҳо ба Худо тааллуқ доштани чунин қувва ё қудрат дар асл аллакай бо он ақидае коҳиш ёфтааст, ки интихоби руъё мубоҳисаеро дар бар мегирад, ки тибқи андешаи мутафаккирони дигар он дар амали илоҳӣ нақше

[143] Ал-Хаййат ал-Муътазилӣ. Китаб ул-интисар ва радд ала ибн ал-Равандӣ ал-мулҳид. – Бейрут, 1957. С. 69-71 (ба забони арабӣ).
[144] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С. 116-115.
[145] Ҳамон ҷо. С. 116-117.

надорад. Дар ҳар сурат, озодии мавҷудоти офаридашуда баъдтар дар матни зерини Ал-Киндӣ ба таври возеҳ пазируфта шудааст: “Иродаи махлуқ: қувваи нафсонӣ аст, ки бар асари андешае (сāниҳ) ба сӯйи амале майл мекунад”.[146] Бешубҳа, барои мо фаҳмидани ин таърифи охирин ҳатмист, зеро он воқеияти иродаи инсонро ба таври возеҳ тасдиқ мекунад. Маҳз дар як қатор таърифҳо барои иродаи инсон пайдарпайии сабабиро муқаррар мекунанд. Аввалан, қувваи андеша аст, ки боиси “майли хотирҳо”" мешавад, он бошад, боиси “ирода” мегардад. Ирода дар навбати худ сабаби истеъмол аст, ки бо дарназардошти контекст ба маънои «амал» ба назар мерасад. Ба тафсири “истеъмол” дақиқтар назар кардан ҷойиз аст: “Сабаби он (яъне истеъмол – З.Ҳ.) дар ирода аст. Он инчунин, метавонад сабаби майлҳои минбаъда (хāтирāт) гардад. Ҳамин тавр, як даври сабабӣ вуҷуд дорад, ки дар ҳамаи ин сабабҳо иштирок мекунад, ки он феъли Борӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо мегӯем, ки Офаридгори таоло баъзе аз махлуқоти худро барои дигарон баҳри андеша (савāниҳ), баъзеи дигарро барои воқеӣ шудан (мустахраҷа) ва баъзеи дигарро барои ба ҳаракат овардани дигарон меофарад”.[147]

Нуктае, ки дар ин порчаи матн ҷолиби диққат аст, фарзияест, ки тибқи он амалҳои мо ҷузъи як раванди сабабӣ-натиҷавии даврӣ мебошанд. Пас аз он, ки андешаҳо ва майлу хоҳишҳо амвоҷеро ба миён меоваранд, онҳо сабабгори амалу фаъолиятҳо мегарданд, худи ҳамин амалу фаъолиятҳо боиси ба вуҷуд омадани андешаҳо ва майлу рағбатҳои нав гашта, ба такрори даврӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки амалҳои мо дар асл бо ду роҳ муайян карда мешаванд. Аввалан, онҳо як қисми пайдарпайии сабабӣ-натиҷавӣ ё давра мебошанд. Ба ҳадди бештар мустақиман онҳо натиҷаи андешаҳо ва майлу рағбатҳо буда, бешубҳа, таҳти назорати сабабӣ-натиҷавии худи мо нестанд. Сониян, тамоми шабакаи сабабҳое, ки амалҳои мо як қисми онро ташкил медиҳанд, аз ҷониби худи Худо ба вуҷуд оварда шудаанд. Натиҷа ин аст, ки Ал-Киндӣ ҳарду намуди детерминизмро, ки метавонанд

[146] Ҳамон ҷо. С. 117.
[147] Ҳамон ҷо. С. 129.

озодиҳои инсонро зери хатар гузоранд, қабул дорад: амалҳои моро ҳам рӯйдодҳои олами офаридашуда ва ҳам қувваи илоҳӣ муайян мекунанд.[148] Пас, агар кор чунин бошад, Ал-Киндӣ чӣ гуна тасдиқ мекунад, ки инсон қудрати ирода ва интихоб, яъне озодӣ дорад?

Сареҳан маълум аст, ки Ал-Киндӣ мавқееро ишғол мекунад, ки дар илми муосир бо номи компатибилизм маъруф аст: таълимоте, ки тибқи он озодии ирода ва масъулияти инсон бо детерминизм тавъам буда метавонанд ва дар баробари он таҳти детерминизм ҳамчун тезисе маънидод карда мешавад, ки олам дар ҳар як лаҳзаи вақт фақат як ояндаи эҳтимолӣ дорад. Дар анъанаи фалсафии юнонӣ, алалхусус, дар фалсафаи равоқиён, бешубҳа, пешгӯйиҳои компатибилизмӣ ҷой дошта буданд ва ақидаҳои онҳо метавонистанд, ки ба Ал-Киндӣ тавассути интиқодҳои машшоиён ва шояд аз ягон роҳи дигар маълум гардида бошанд.

Дар иртибот бо ин нукта бояд қайд кард, ки шогирдони Ал-Киндӣ ин фарзияро то андозае дастгирӣ мекунанд. Яке аз шогирдони машҳури ӯ Аҳмад ибни Тайиб Сарахсӣ (833-899) ҳам воқеияти озодии инсон ва ҳам иртиботи онро ба “дарёфти маъонии дигар, басират” тасдиқ мекунад: “Басират тибқи иродаи касе сурат мегирад, ки онро интихоб мекунад”.[149] Инчунин, ситорашиноси маъруф Абу Маъшар ал-Балхӣ, ки тибқи “Фиҳрист” ба шарофати Ал-Киндӣ аз дарсҳои фалсафӣ баҳра гирифтааст, на танҳо инсонро умуман озод мешуморад, балки ин аломатро бо далели илми ситорашиносӣ тасдиқ намуда, дар “Мадхал ал-кабир ила илм ал-аҳрӣм ал-нуҷум” овардааст: агар ситорашиносӣ қобилияти пешгӯйии амалҳои инсонро дошта бошад, пас ин амалҳо бояд азалӣ муайяншуда бошанд ва онҳо озод буда наметавонанд. Абу Маъшар заминаи ин далелро эътироф мекунад: “Мисли он ки ситораҳо ба имкон ва интихоби мутааллиқи инсон ишора мекунанд, ҳамин тавр низ онҳо ба он ишора мекунанд, ки инсон танҳо чизеро интихоб мекунад, ки ситораҳо нишон медиҳанд, зеро интихоби ӯ аз ашё ё муқобили он дар

[148] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа. С. 129.
[149] Rosenthal F. Ahmad b. at-Tayyib as-Sharakhsi. New Haven, 1943, p. 134

ҳақиқат аз нафси оқила вобаста аст, ки омезиши он бо нафси ҳайвонот дар вуҷуди фардҳо бо нишондодҳои ситораҳо муайян мегардад”.[150] Аммо, ӯ бо вуҷуди ҳамаи ин исрор менамояд, ки инсон озод ҳаст ва маҳз қобилияти интихоб (ихтиёр)-и ӯ инсонро аз дигар ҳайвонҳо фарқ мекунонад.

Далели беҳтарини компатибилизми Ал-Киндӣ низ аз соҳаи ситорашиносӣ ва кайҳоншиносӣ бармеояд. Дар рисолаи худ ӯ тавзеҳ медиҳад, ки чаро дар Қуръон омадааст, ки осмонҳо “саҷда мекунанд” ва дар назди Худо фармонбардоранд, Ал-Киндӣ чунин мегӯяд: “Маънои “итоат” иҷрои амри фармондеҳ аст. Ҳоло, иҷрои фармони фармондеҳ танҳо бо ихтиёр аст ва ихтиёр ё интихоб бошад, ба нафсҳои нотиқа комилан тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, насиби ситораҳо... фармонбардорӣ аст”.[151] Пеш аз он, ки дар бораи аҳамияти фалсафии ин порчаи матн сухан ронем, ду хусусияти онро қайд кардан зарур аст, ки мазмунан бо ғояи муътазила ҳамрангӣ доранд. Аввалан, тавре ки қаблан зикр намуда будем, муътазила аксаран бар ақидае устувор буд, ки агар Худо ба махлуқоти худ барои иҷрои коре амр диҳад, пас ин озодии махлуқотро пешбинӣ мекунад. Сониян, қобилияти интихоби минбаъда низ барои мавҷудоте пешбинӣ мегардад, ки нафс доранд. Ин даъворо дар гуфтори яке аз муаллифони муътазилӣ ан-Нашиъ ёфтан мумкин аст: “Феъли ихтиёрӣ танҳо аз нафси фоил сар гирифта метавонад”.[152] Ин гуфтор ва тамоми мундариҷаи рисола ҳамчун тавзеҳи фалсафии як ояти қуръонӣ нишон медиҳад, ки Ал-Киндӣ боз ҳам дар ҳадди ақал бо муътазила ҳангоми тавзеҳ додани озодии мавҷудоти осмонӣ дар муколама қарор мегирад.

Ин озодӣ, аз нигоҳи Ал-Киндӣ, аз чӣ иборат аст? Дар “Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳо”-и Ал-Киндӣ, чуноне ки дидем, интихоб (ихтиёр) на танҳо ташаккул додани ирода, балки дуруст шакл гирифтани он, яъне дар асоси

---

[150] Иқтибос аз рӯи китоби зерин: Saliba G. Islamic Astronomy in context: attacks on astrology and rise of the Hay’a tradition // Bulletin Royal Instihrte for firer-Feith Shrdies 4, no. 1 (SpringISummer 2002) : 32-33.

[151] Ал-Кинди. Рисала фи ал-ийана ан суҷуд ал-ҷирм ал-ақса // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С. 23.

[152] See: van Ess, J. Frühe Muʿtazilitische Häresiographie: Zwei Werke des Nāshi’ al-Akbar. Beirut: Steiner, 1971b, p. 96.

раванди тамйиз ва фаросати фаҳмиш ҳосил шудани онро низ тақозо мекунад. Дар мавриди ҳаракати осмонӣ низ Ал-Киндӣ интихоби озодро бо тамйиз пайванд медиҳад: ҷисми осмонӣ “зинда ва бофаҳм (мумайиз) аст, аз ин рӯ, маълум аст, ки фармонбардорӣ ба он аз интихоб (ихтиёр) вобаста аст”.[153] Бо ин ҳама, қайд мекунад Ал-Киндӣ, қобилияти ихтиёр доштан аз афлок талаб намекунад, ки осмон мувофиқи фармони Худо ба ҷойи дигар ҳаракат кунад. Дар ҳақиқат, аз эҳтимол дур аст, ки Ал-Киндӣ инро ҳамчун имкон қабул кунад, зеро ҳаракати осмон натиҷаи иродаи Худост, ки он набояд танҳо ба таври эҳтимолӣ ҳосил гардад. Дар ин рисола, ки барои бунёди заминаи фалсафии илми ситорашиносӣ пешбинӣ шудааст, Ал-Киндӣ мефаҳмонад, ки ситораҳо тавассути таъсир расонидан ба гармӣ, сардӣ, хушкӣ ва рутубат дар унсурҳо ва пайвастагиҳои мавҷудот тамоми пайдоиш ва фасодро дар олами ҳам осмнонӣ ва ҳам заминӣ ба вуҷуд меоранд ва маҳз тавассути ин таъсир ба даст овардани иродаи Худо амалӣ карда мешавад: “Маълум гардид, ки ҷисмҳои осмонӣ дар ҷойе, ки қарор гирифтаанд... сабаби бевоситаи кавну фасоди ашёи тавлидшудаю фасодшуда мебошанд. Яъне, онҳо бо иродаи Офаридгори худ ин тартибро ба вуҷуд меоранд, ки сабаби кавн ва фасод аст. Инчунин равшан гардид, ки ин аз тадбири Оқил, Тавоно ва Сахӣ аст, ки Ӯ ҳар чиро меофарад, комил мекунад”.[154]

Бояд қайд кард, ки Ал-Киндӣ дар ин ҷо ба таври возеҳ даъво намекунад, ки ҳамаи амалҳо ва интихоби инсонро ситораҳо ба вуҷуд меоранд. Бо дарназардошти он, ки Ал-Киндӣ барои муайян кардани ирода ё ихтиёр ҷой надоштани сабаби берунаро таъкид накардааст, нишон медиҳад, ки ӯ пайваста хати машйи компатибилистиро пеш мегирад. Дар ин бобат Ал-Киндӣ, бешубҳа, бо муътазила, ки дар ҳимояи мавқеи ғайрикомпатибилистӣ қарор дошт, мухолифат мекунад. Ин дар мисоли афкори муътазилиёни баъдӣ, ба монанди Абд ул-Ҷаббор, ки ба муҳокимаи равоншиносии амали инсон сару кор дошт ва аз ҷониби Р. Франк ба таври моҳирона таҳлил шудааст, хеле

[153] Ал-Кинди. Рисала фи ал-ийана ан суҷуд ал-ҷирм ал-ақса. С. 11.

[154] Ал-Кинди. Рисала фи ал-ийана ан суҷуд ал-ҷирм ал-ақса.С. 13.

хуб нишон дода шудааст. Абд ул-Ҷаббор мавқеи ҳаммонанди Ал-Киндиро дар мавриди итоати ситораҳо дар бораи он, ки амали фоил аз эътиқод ё ҳавасмандии оқилона сарчашма мегирад, қабул накардааст. Вай ин ҳукмро қатъиян рад мекунад ва таъкид мекунад, ки амали озодро ҳеҷ гоҳ, ҳатто бо эътиқоди худ ва ангезаҳои худи фоил пешакӣ муайян кардан мумкин нест. Албатта, Абд ул-Ҷаббор дертар аз Ал-Киндӣ ҳаёт ва фаъолият намудааст, аммо ӯ ба таври ошкоро ғайрикомпатибилизмеро, ки ҳамеша дар анъанаи муътазилия пазируфта мешуд, равшантар баён мекунад.[155]

Гарчанде ки баррасии ҳукмҳои мазкурро барои таҳқиқи масъалаҳои дигар низ интиқол додан мумкин аст, аммо ба иллати кутоҳии ҳаҷми кор дар асоси гуфтаҳои дар боло овардашуда баъзе хулосаҳои умумиро баровардан имконпазир мегардад. Қабл аз ҳама, Ал-Киндӣ бо муътазила дар баъзе мавридҳо ҳамфикр аст, аммо пайравони ин равияро ҳамчун рақиби зеҳнӣ, на аз зумраи иттифоқчиёни хеш ҳисоб мекард. Ба ғайр аз ин, қайд кардан бамаврид аст, ки Ал-Киндӣ ақидаҳои муътазилиёнро ҳамчун як имконияти баҳс медонист, монанди он ки бо истифода аз захираҳои анъанаи фалсафии юнонӣ, ӯ умедвор буд, ки баъзе ихтилофоти илоҳиётшиносии давронашро ҳаллу фасл намояд. Ӯ мутакаллим набуд, аммо мехост ба ҳамзамонони худ посух диҳад ва мувофиқати афкори юнониро бо нигарониҳои онҳо муайян созад. Махсусан, аз нуқтаи назари мубоҳисоти анъанавии калом, мавқеи Ал-Киндӣ оид ба масъалаҳои сифатҳои илоҳӣ ва озодии инсон ба осонӣ ихтилоф бо ақидаҳои муътазила баҳогузорӣ мешаванд, на дастгирии онҳо. Дар баробари ин, Ал-Киндӣ омода буд, ки дар бораи ирода ва ихтиёри чизҳои офаридашуда ҳарф занад, аммо ӯ инкор мекунад, ки инсон метавонад амалҳои худро мустақилона эҷод намояд. Дар ин ҷо бояд дар назар дошт, ки ин гуна ихтилофоти баъдӣ одатан на дар робита бо мафҳуми “озодӣ”, балки дар бораи он мерафт, ки оё Худо ё одамон барои тавлиди амал “қудрат” доранд ё на. Дар ин ҷо, Ал-Киндӣ, бешубҳа, ҳамфикри муътазилиён набудааст.

[155] Frank R.M. The autonomy of the human agent in Abd al-Jabbar. Le Muséon, 95 (1982): 323-55.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки озодӣ дар доираи баҳсҳои онтологии мутафаккирони Шарқ ҳамчун як падидаи мусбати априорӣ ба назар мерасад ва ба махлуқот, хусусан, ба инсон имкон медиҳад, ки ҳамчун як ҳастӣ ба ин ё он шакл дар олами ҷисмонӣ аз таҷрибаи муносибатҳои сабабӣ гузарад: муносибатҳои онтологие, ки оламро ташаккул медиҳанд, дар нисбати ин мавҷудот (аз он ҷумла, одамон), дар муносибати мустақилонаи байни онҳо ва худи инсон зоҳир шуда метавонанд. Чаро ин муносибат озод тавсиф карда мешавад? Хусусияти мовароуттабии инсон, аз нуқтаи назари мутафаккирони шарқӣ, метавонад барои пайдоиши наслҳои нави инсон дар олам ба ҳайси васила, объекти мушоҳидаи илмӣ ё объекти эстетикӣ мусоидат намояд ва хусусияти мовароуттабии инсон ва тағйирёбии ӯ ду ҷанбаи як озодӣ ё фаъолияти ошкори инсон мебошанд. Ба маънои дигар, инсон метавонад дар байни хоҳишҳои тартиботи мовароуттабиии зоти ӯ ва хоҳишҳои тартиботи заминии ҳаёташ, ки аз тариқи идрок ва баҳогузорӣ муқаррар намудааст, ихтиёр дошта бошад. Ин масъалаҳо аз детерминизм ҷудонопазиранд, яъне масъала дар бораи он ки оё ҳақиқатан қолабҳо ва қонунҳои қатъӣ вуҷуд доранд ва агар чунин бошад, инсон дар робитаи байни онҳо чӣ гуна табиат хоҳад дошт. Пас, озодии инсон дар ҳалқаи онтологии муносибатҳо ба маънои маҷол додан (ё пайдо кардан), кушода будани феълу амалҳои ӯ дар роҳи ҳастӣ буда, майл намудан ба сӯйи зоти асили худи ҳастӣ, ки бар робитаи инсон бо худаш асос мегирад, яъне эҳсоси ботинии “ман” ва бузургдошти ӯ дар нисбати падидаҳо ва зуҳуроти дигар ба ҳисоб меравад.

2.2. Ҷабр ва ихтиёр ҳамчун омилҳои муайянкунандаи моҳияти озодии инсон

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр решаҳои қадимӣ дошта, таваҷҷуҳи муҳаққиқону мутафаккирони зиёдро ба худ ҷалб намудааст: гурӯҳе аз онҳо озодии ирода ё ихтиёри инсон ва дигари онҳо ҷабру маҷбур будани ӯро дар аъмолу афъолаш ҷонибдорӣ намуда, ҳар кадоми онҳо барои исботи нуқтаи назари худ далелҳо пешниҳод мекунанд. Аммо, ҷолиб он аст, ки амалан ҳардуи ин гурӯҳҳо мафҳуми ихтиёр ва озодии иродаи инсонро расман шинохта ва пазируфтаанд. Ба ибораи дигар, ҳамаи ин баҳсҳо на дар доираи амалияи инсон, балки танҳо дар доираи муҳокимаҳои назариявӣ қарор гирифта, ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки мафҳуми озодии ирода ба ҳар як инсон хос аст.

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр таваҷҷуҳи мутафаккирони зиёди тоҷик, форс ва минтақаҳои дигари Машриқзаминро низ ба худ ҷалб намуда, то ба ҳол як навъ масъалаи муҳими фалсафаи он боқӣ мондааст. Мафҳуми “ҷабр” дар луғатҳо ба маънои “касеро ба анҷоми корҳое водоштан”, “ислоҳ кардан бо зӯрӣ ва қаҳр”, “икроҳ, ночорӣ” ва “шикастабандӣ” истифода мешавад. Дар осори мутафаккирони шарқӣ он бештар маъноҳои аввалро ифода мекунад (яъне, маҷбур кардан ба коре). Мафҳуми “ихтиёр” бошад, аслан маънои “интихоби хуб ё интихоби чизе” ва “озодии амал”-ро дорад. Дар истилоҳи фалсафӣ он маънои “аз ду ё якчанд чиз инсон бо иродаи озодаш як чизро интихоб мекунад”.[156]

Дар бораи моҳияти озодии иродаи инсон дар фалсафаи шарқӣ дидгоҳҳои гуногун вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо ҷабр ва ихтиёри мутлақро инкор намуда, ба чизе байни ин ду истилоҳ, ки бо номи “манзила байн манзилатайн” (манзиле байни ду манзил) маъруф аст, бовар доранд; гурӯҳи дигар, ҷабри мутлақро қабул кардаанд, яъне тибқи ақидаи онҳо инсон дар ҳамаи амалҳои худ маҷбур аст; гурӯҳи сеюм, бар ақидаи ихтиёри мутлақ

[156] Фарҳанги форси Муъин. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1388 ҳ. С. 68 ва 76 (ба забони форсӣ).

(тафвиз) қарор доранд, яъне инсон дар ҳамаи корҳояш ба таври мутлақ – на дар доираи ихтиёр ва иродаи илоҳӣ – дорои ихтиёр мебошанд. Яке аз нахустин равияҳои илоҳиётшиносии шарқӣ, ки аз назарияи ҷабр пуштибонӣ кардааст, бо номи ҷабария маъруф аст. Пайравони он тасдиқ мекарданд, ки иродаи феълӣ на ба инсон, балки ба Худо тааллуқ дошта, инсон дар ихтиёр ва амалҳои худ қудрати воқеӣ надорад ва ҳамаи рӯйдодҳо дар ниҳояти кор ба иродаи Худо муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо қадар ва ё тақдирро тарғиб мекарданд. Сарфи назар аз шабоҳатҳои зоҳирӣ, байни дараҷаҳои гуногуни назарияҳои ин мактабҳо дар бораи ҷабр ва ихтиёр фарқ гузоштан мумкин аст.[157]

Аз нигоҳи забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ ҷабр мафҳуми муқобили ихтиёр буда, ба маънои вуҷудияти қайду шартҳо ва маҷбуркунӣ, яъне ҷой доштани “авомили таъйини бахши табиӣ ё моваро-ут-табиӣ дар соҳати ирода”[158] мебошад. Аз нигоҳи илоҳиётшиносӣ, “ҷабр” дар бисёр ҳолатҳо маънои “мансубияти кори банда ба Худо”-ро дорад. Нависанда ва донишманди ҳиндии асри XII Муҳаммад Таҳанавӣ дар асараш бо номи “Кашшāф истилаҳāт ил-фунун ва ал-‘улум”, ки дар заминаи истилоҳшиносии забони тоҷикӣ-форсӣ нигоштааст, менависад: “Ҷабр аз дидгоҳи аҳли калом дар маворидиӣ зиёд ба маънои “нисбат додани кори банда ба Худованди субҳон” корбурд дорад. Ҷабр, зиёда аз ин, рӯй дар вогузории кор ба Худост ба гунае, ки банда ба манзалаи ҷамодотӣ хоҳад буд, ки ирода ва ихтиёр надорад”.[159] Ба назари Насируддини Тӯсӣ маҷбур ба касе гуфта мешавад, ки “феъл ва адами феъли ӯ ба хости ӯ набошад, балки ба хости ғайр бошад ё ба гунае дигар бошад, чунонки агар бихоҳад, феъл аз ӯ муҳаққақ ва мавҷуд шавад”.[160]

Ихтиёр дар баробари ҷабр ба маънии интихоб ва гузиниш бо иродаи инсон аст. Тибқи гуфтаи Насируддини Тӯсӣ, дар истилоҳи мутакаллимон

---

[157] Groff P.S. & Leaman O. Islamic Philosophy A–Z. Edinburgh University Press Ltd, 2007, p. 117
[158] Ҷаъфар Субҳонӣ. Ҷабр ва ихтиёр. – Қум. 1381 ҳ. С. 9 (ба забони форсӣ).
[159] Муҳаммад ал-Таҳанавӣ. Мавсуъа т кашшаф истилаҳат ал-фунун ва ал-илм. Ҷ. 1. – Бейрут, 1996. С. 548 (ба забони арабӣ)
[160] Насируддини Тъсӣ. Ҷабр ва ихтиёр. Дастнависи бетаъриҳ. С. 24.

инсон ихтиёрро дар нисбати шахсе ба кор мебаранд, ки “ӯ агар бихоҳад феъле ё кореро анҷом диҳад ва агар нахоҳад ба он даст намезанад”.[161] Пас, таърифи феъли озод истиқлоли фоил ва нобудии ҳукфармоӣ ва иҷбори омили беруна аст, ба ин гуна, ки шахси фоил бидуни маҷбуркунӣ ва икроҳи беруна амалро озодона ва ихтиёрӣ иҷро мекунад ва ё онро тарк менамояд. Дар ин таъриф, шояд, таъсири афкори файласуфони Юнони Қадим, хусусан, Арасту низ ҷой дошта бошад. Арасту дар бораи иҷрои ихтиёрӣ ва иҷбории амали одамон чунин гуфтааст: «Ҳамаи одамон як корро ғайриихтиёрӣ ва дигареро ихтиёрӣ анҷом медиҳанд ва аз он чизе, ки ғайриихтиёрӣ ба ҷо меоваранд, як корашон тасодуфан ва дигари он аз рӯйи зарурат сурат мегирад; коре, ки онҳо аз рӯйи зарурат иҷро мекунанд, як навъи онро иҷборӣ ва дигари онро ба фазли табиаташон ба ҷо меоваранд. Ҳамин тариқ, ҳар чиз беихтиёр ё тасодуфан, ё бо таҳозои табиат ва ё маҷбурӣ анҷом дода мешавад. Ва он чиро, ки одамон ихтиёран иҷро мекунанд ва сабаби он дар худи онҳост, чизеро аз рӯйи одат ва дигареро аз рӯйи одат ва дигари онро дар зери таъсири саъйю кӯшишҳо анҷом медиҳанд ва дар айни замон яке аз онҳо бо таъсири саъйи оқилона ва дигари он бе корбурди ақл ба иҷро мерасад”.[162]

Ақидаҳои намояндагони мактаби машшоии шарқӣ – Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Ибни Мискавейҳ ва дигарон дар баррасӣ ва таҳқиқи ин масъала, бешубҳа, аз як тараф, тавассути суннати исломӣ бар оятҳои Қуръонӣ, ки ҳам ғояҳои тақдири Худо ва масъулияти одамонро барои амали худ ҳамчун натиҷаи он дар озодии иродаи инсон такя менамояд ва ҳам дар зери таъсири ақоиди файласуфони Юнони Қадим ва бахусус, Афлотун, Арасту ва навафлотуниён, ки барои вижагии ақлонӣ пайдо намудани таълимоти машшоиёни шарқӣ мусоидат намудаанд, муайян мегардад. Масалан, агар Арасту феъли иродиро ҳамчун ғоя (ҳадаф) мешуморад ва мабдаи он дар саъю кӯшишҳои қисми ақлонии нафс ҷойгир аст, пас, ирода омилест, ки ба хусусиятҳои ҷузъӣ ва шароите вобаста буда, феъл дар он

[161] Ҳамон ҷо. С. 16.
[162] Аристотель. Риторика. Пер. с древнегреч. И прим. О. Цыбенко // Аристотель. Риторика. Поэтика. - М.: Лабиринт, 2000. С. 39.

воқеъ мешавад.[163] Дар муқоиса бо Арасту Ибни Сино низ ба масъалаи ихтиёр дар доираи феъли ирода ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, навиштааст: “Ҳамин тавр, ҷисмҳои табиӣ ҳаракатҳои табиии худро бо шабоҳат ба он (ақл - З.Ҳ.) ҳадафе қарор медиҳанд ва дар он ифода меёбад, ки дар ҳолатҳои хоси худ, яъне ҳангоми расидан ба ҷойгоҳҳои [мувофиқи] табииашон ба амал меоранд, гарчанде ки онҳо нисбат ба мабодии ибтидоии расидан ба ин ҳадаф, яъне [ба] ҳаракат шабоҳат надоранд. Айнан ҳамин ҳолат бо ҷавҳарҳои ҳайвонӣ ва наботӣ ҷой дорад: онҳо амалҳои хосси худро бо шабоҳат ба ҳадафҳояшон иҷро мекунанд, яъне ҳифзи ҷинс ё фард, ё дар зуҳур ёфтани ягон қувва, қобилият ва ғайра”.[164]

Дар баробари таъсири мутафаккирони юнонӣ, ба ақоиди машшоиёни шарқӣ, чуноне ки аз бахшҳои пешинаи ин таҳқиқот маълум аст, аксари мактабҳои ақлонии Шарқ, хусусан, калом, муътазила ва “Ихвон ус-сафо” дар боби ҷабр ва ихтиёр, ки бо онҳо дар баҳсу ҷадал ворид гашта буданд, назаррас аст.

Консепсияи ҷабр ва ихтиёр, махсусан, дар мактаби калом собиқаи дерина дорад, ба ҳадде метавон гуфт, ки он яке аз қадимтарин назарияҳоест, ки донишмандон ва мутакаллимони шарқӣ аз замони шаклгирӣ ва рушди ин мактаб дар бораи он баҳс кардаанд ва гоҳе “дастовезе” низ барои ҳокимони давр будааст. Монанди уммавиён, ки бо ривоҷи мактабҳои дигар – ашъария ва ҷабария, ки онҳо бар хилофи мактаби дигари ақлонии калом – муътазила, руҳи муборизa ва эътирозро алайҳи уммавиён аз ҷомеа бардоштанд. Баҳсҳо дар бораи ҷабру ихтиёр ва иродаи озоди инсон дар Шарқ бо баҳсҳои мактабҳои дигар - хориҷиён ва мурҷиъиён бо муътазилиҳо ба он оварда расонданд, ки одамон дар баробари “қадар” ва “ҷабр” инчунин, қобилияти ихтиёр дар рафтори дуруст ё нодурустро доранд ва ба ин васила сазовори

[163] Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т. 1. Ред. В. Ф. Асмус. - М.: «Мысль», 1976. С. 441.
[164] Серебряков С.Б. Трактат Ибн Сины (Авиценны) о любви. - Тбилиси, 1975. С. 66-67.

подош ё ҷазо мебошанд, дар ҳоле ки мурҷиъиён ба “ҷабр” -и Худо ё қудрат ва ташаббуси комили Ӯ дар идоракунии ҳама рӯйдодҳо исрор мекарданд.[165]

Аз муҳокимаи боло маълум мешавад, ки масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар доираи масоили дигари вобастаи он – қазою қадар ва озодии иродаи инсон, ки онҳоро дар бахшҳои минбаъда ба таври алоҳида таҳқиқ хоҳем кард, дар маҷмуъ ихтилофнок боқӣ монда, муносибати мутафаккирони шарқӣ ба он гуногун аст. Муҳим он аст, ки ин мактабҳои нахустини ақлгарои шарқӣ барои таҳлили минбаъдаи ин масъалаҳо дарвозаи таҳлилҳои ақлӣ-мантиқиро барои мактабҳои дигар, аз ҷумла, машшоиён боз намуданд. Дар сайри мубоҳисаҳое, ки суннати фалсафаи шарқӣ пиромуни он ихтиёр гирифтааст, метавон як марҳиларо барои рушди ақоиди файласуфон дар бораи он мушаххас кард: ихтиёр ҳамон иродаест, ки аз идроки ақлӣ сарчашма мегирад. Бар асоси ин таъриф феъле, ки аз рӯйи чунин ирода содир мешавад, як феъли ихтиёрӣ аст, ҳатто агар иродаи он таҳти ҷабри омилҳои берунӣ шакл гирифта бошад. Азбаски ин ирода, аз назари пайравони машшоияи шарқӣ мутааллиқ ба зоти инсон ва амре ҳодис аст, пайдоиши он ба омили воҷибсозандаи беруна оварда мерасонад, ки аз ихтиёри инсон берун аст. Бо ин тавсифҳо, агарчи феъли берунаи инсон иродӣ ва ихтиёрӣ аст, аммо иродаи воқеии ӯ ихтиёрӣ нест. Аз муҳимтарин намояндагони ҷонибдаори ин тезисҳо Абунасри Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ мебошанд.

Ба андешаи Форобӣ, амали инсонӣ дар мақсадҳои ӯ “ихтиёри ҷамил ва нофеъ” буда, бар адл устувор мебошад, ки ба сӯйи он ақл ҳидояташ мекунад.[166] Ибни Сино бошад, тезиси дар боло овардашударо дар иртибот бо масъалаи таносуби қувва ва феъл, инчунин, намудҳои фоилию инфиолии қувва боз ҳам мукаммалтар тавассути таҳлили фалсафӣ мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла, навиштааст: “Ҳар ҷисме, ки аз он феъле на ба араз ва на ба қаср содир шавад, бо қуввае амал кунад, ки дар он мавҷуд аст. Он [феъле], ки бо хосту ихтиёр аст, худ зоҳир дар вай аст. Аммо, дар хусуси оне, ки ба

[165] Denny Frederick (1985), "All Introduction to Islam”, Macmillan, p. 56.
[166] Аби Наср ал-Фараби. Фусус ал-ҳикам. – БаҒдод, 1394. С. 75.

хосту ихтиёр нест, [бояд гуфт, ки] он феъл ё аз зоти ҷисм содир гардад, ё аз чизе содир шавад, ки аз ҷисм ҷудо буда, ҷисмонист ва ё аз чизе содир гардад, ки аз ҷисм ҷудо буда, ҷисмонӣ нест. Агар худи он қувва муҷиби ин [феъл] шуда бошад, пас, мумкин аст: ё эҷоби феъл айнан аз ин ҷисм барои корҳои зикршуда бошад, ки дар ин сурат сухан аз сари нав такрор ёбад ва ё ки аз роҳи ирода бошад”.[167]

Насируддини Тӯсӣ бошад, бар ин бовар аст, ки ихтиёрӣ набудани ирода ба афъоли инсон осебе ворид намекунад. Бо ҳамин далел, аз ихтиёр ба ҳамин матлаби ибтидоӣ иктифо мекарданд, ки “оё ҳангоми ҳусули қудрат ва ангеза, феъл воҷиб мешавад ё на? Ҳақ ин аст, ки воҷиб мешавад, зеро дар ғайри ин сурат лозим меояд, ки то яке аз ду тарафи феъл ё тарк бидуни марҷаъ бар дигаре руҷҳон пайдо кунад. Ин вуҷуб феълро аз ҳадди ихтиёр хориҷ намекунад, зеро маънои ихтиёр ин аст, ки феъл ва тарк ба иродаи фоил бошад ва фоили ҳар кадом аз он дуро, ки ирода кард, интихоб кунад. Дар ин ҷо низ феъл аз рӯйи қудрат ва ирода лозим [ва воҷиб] шудааст”.[168] Аз ин ҷо, чуноне ки муҳаққиқи тоҷик А. Шамолов дуруст қайд кардааст, “Тӯсӣ боварӣ дошт, ки ҳамаи феълҳои иродие, ки ба инсон мутааллиқанд, ба хайр ва шар тақсим мешаванд ва он мазмуну моҳияти ҳаёти инсонро ифода мекунад. Қабл аз ҳама, ба ақидаи ӯ, хайр бояд бар пояи қасди пешакии ӯ содир шавад. Аз саъю талошҳои инсон барои иҷро кардани ин рафторҳо хулқи хуб ҳосил мешавад. Рафтору кирдорҳое шар маҳсуб меёбанд, ки ҳангоми содир намудани хайр ба ҳадафҳои муғризона, барои танбалӣ ва ё дар натиҷаи инҳироф аз иҷрои кори хайр сурат мегиранд”[169].

Ҳам Ибни Сино ва ҳам Насируддини Тӯсӣ таносуби ҷабри илоҳиро бо ихтиёри инсон дар матлаби феъл баррасӣ намудаанд, ҳарчанд баъзе тафовутҳои ҷузъӣ низ миёни онҳо ба назар мерасанд. Онҳо ба принсипе муътақиданд, ки натиҷаи мантиқи он қабули фоилияти иродӣ аст. Онҳо

[167] Абӯ Алӣ ибни Сино. Осор. Душанбе, 2007. С. 235-236.
[168] Насируддин Тӯсӣ. Талхис ал-муҳассил (ба заммимаи Рисала афъал ал-иббад байн ал-ҷабр ва ал-тафвиз). – Бейрут, 1405 ҳ. С. 477 (ба забони арабӣ).
[169] Шамолов А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. – Душанбе, 1994. С. 74-75.

вуҷудро ба воҷиб ва мумкин тақсим мекунанд ва воҷибро ягона, басит, хайри маҳз ва мабдаи пайдоиши ҳамаи мавҷудот медонанд. Ҳамин тавр, чуноне ки Т. Иброҳим ва Н.Ф. Ефремова қайд мекунанд, “дар истилоҳоти ҳодис ва қадим ба ҷойи санавияти Худо ва табиат, ки барои пайравони калом хос аст, Ибни Сино ҷуфти мақулавии мумкин ва воҷибро пешниҳод мекунад”.[170] Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки Ал-Киндӣ ва Форобӣ низ чун Ибни Сино тасдиқ мекунанд, ки воҷиб ба ҳамаи мавҷудот бо воситаи Ақли аввал иртибот дорад. Бар асоси таълимоти Ибни Сино ва Форобӣ воҷиб-ул-вуҷуд ба ғайр аз бо содири аввал, яъне Ақли аввал ба дигар мавҷудот сирфан аз роҳи силсилаи маротиб иртибот дорад. Тақозои мантиқии усули зикршуда чунин аст, ки шаклҳои ҷабр танҳо аз тариқи фоилияти иродӣ қобили ҳаллу фасл шуда метавонанд, ба ин гуна ки иродаи илоҳӣ дар иродаи инсон ва фавқи он хоҳад буд, на дар арази он. Худо инсонро бо вижагии қудрат ва ирода офарид, то ӯ корҳоро бо хости худаш анҷом диҳад. Бар ин асос, Худо фоили дур ва инсон фоили қариби аъмол ва рафтори инсонии худаш хоҳад буд. Корҳои ӯро метавон ҳам ба фоили қариб нисбат дод ва ҳам ба фоили дур. Форобӣ дар ҳолатҳои алоҳида мафҳуми “фоил”-ро бо “сабаб” ва “фоили қариб ва дурро” бо “сабаби дур ва наздик” иваз карда, масалан, дар порчаи зерин матлаби фавқуззикрро чунин тавзеҳ медиҳад: “Сабабҳои наздик дақиқан барои падидаҳои зиёд, ба монанди гармшавии ҳаво аз паҳншавии нури офтоб, маълуманд. Аммо, сабабҳои дур бошанд, чунин ба назар мерасад, ки метавонанд дақиқан маълум ва ё номаълум бошанд. Сабабҳо маҳз ба таври зерин маърифат шуда метавонанд, масалан, ҳангоме ки Моҳ дар ҳолати пурра қарор гирифта, аз болои баҳр мегузарад ва боиси мадду ҷазри он мегардад ва ба ин васила замин кишт ва чарогоҳҳо обёрӣ карда мешаванд ва ҳайвонот дар он чарида, фарбеҳ мешаванд ва инсон аз ин манфиат мегирад, ғанӣ мешавад ва ғайра”.[171]

---

[170] Ибрагим Т., Ефремова Н.Ф. Ибн Сина. Указания и напоминания (Раздел по метафизике). Часть вторая. Пер. с араб., коммент. и предисл. Т. Ибрагима и Н.Ф. Ефремовой. Ориенталистика. 2018;1(3-4): 463.

[171] Аль-Фараби. Трактат о том, что правильно и что неправильно в приговорах звезд //Математические трактаты. - Алма-Ата 1972. С. 294.

Ин матлабҳо заминаҳои муҳимтарини ташаккул ёфтани ғояи ихтиёр бар муқобили ҷабр дар таълимоти машшоиёни шарқӣ мебошанд, ки бар зидди муносибати шадиди илоҳиётшиносону фақеҳони исломӣ алайҳи ин ғоя равона шуда буд. Дар худи фалсафаи машшоияи шарқӣ қадамҳои нахустинро дар ин боб Ал-Киндӣ гузошта буд. Бояд қайд кард, ки Ал-Киндӣ дар бораи муътазилиён иттилоъ доштааст ва ба онҳо вокуниш нишон медод, аммо дар сурати онҳо асосан рақибони зеҳниашро медид. Ин муносибати байни онҳоро муҳаррири осори Ал-Киндӣ Муҳаммад Абу Риза ба миён гузошта, дар муқаддимаи китобаш изҳор доштааст, ки Ал-Киндӣ ҳадди ақал дар баъзе масоили илоҳиётшиносӣ бо муътазила мубоҳиса мекунад.[172] Аз пайи ӯ Р. Валзер низ дар мақолаи худ «Таҳқиқоти нав дар бораи Ал-Киндӣ» (“New studies on al-Kindi”) робитаи мустаҳками байни ақоиди Ал-Киндӣ ва муътазиларо нишон додааст.[173] Ин таҳқиқот барои муҳокимаҳои А. Иври дар тарҷумаи асари Ал-Киндӣ “Дар бораи фалсафаи аввал” роҳ кушоданд. Дар мақолаи мутавозин ва мулоҳизакоронаи А. Иври маълумот омадааст, ки Ал-Киндӣ аз муътазила огоҳ буда, бо онҳо дар мубоҳисаҳо ворид шудааст, аммо, онҳоро асосан ҳамчун рақиби зеҳнӣ баҳогузорӣ менамояд. Барои исботи ин далел, порчаи тафсирии А.Иври аз “Фалсафаи аввал” ҳамчун як баҳсе, ки ба унвони муътазила нигаронида шудааст, муҳим аст.[174]

Шояд аз ҳама маъруфтарин таълимоте, ки муътазила дошт, он дар бораи озодии инсон ва аз ҷумла, ҷабру ихтиёр аст ва барои муайян кардан ва дарки муносибати Ал-Киндӣ бо он бояд ба дастхатҳои ин мутафаккир рӯ овард. Мутаассифона, тақрибан ҳамаи асарҳои Ал-Киндӣ, ки махсус ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, гум шудаанд. Бо вуҷуди ин, метавонем мавқеи ӯро аз осоре, ки то ба мо расидааст, барқарор кунем. Далелҳои мустақимро дар асари ӯ аз масъалаи таърифҳо дарёфтан мумкин аст. Дар аввали кор, Ал-Киндӣ таърифи зерини “ихтиёр”-ро медиҳад: “Ихтиёр – иродаест, ки онро андешаю тааммул (равия) бо ҳамроҳии тамйиз (ҷудо кардан) пешкаш

[172] Ал-Кинди. Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. – Ал-Қаҳира, 1950. С. 175.
[173] Walzer, R. Greek into Arabic (Oxford, 1962), pp. 175-205.
[174] Ivry A. “Al-Kindi and the Mu‘tazilah: a reevaluation,” in Al-Kindi’s Metaphysics (Albany, 1974), pp. 22-34.

мекунад”.[175] Ду истилоҳе, ки дар ин таърифи ихтиёр истифода шудааст, каме поёнтар дар китоби мазкур муайян карда шуданд: “Равия – тамоюл дар байни хотираҳо (андешаҳо)-и нафс” ва “ирода – қуввае, ки тавассути он касе чизеро ба ҷойи чизи дигар мехоҳад”[176], таъриф шудаанд. Ин таърифҳо нишон медиҳанд, ки Ал-Киндӣ ба он боварӣ дорад, ки одамон қобилияти ихтиёрро доранд. Имконияти он, ки чунин қувва танҳо ба Худо тааллуқ дорад, чунонки аллақай таъкид намудем, амалан бо ақидае коҳиш ёфтааст, ки интихоби равия ё андешаеро дар бар мегирад, мувофиқи матнҳои дигари мутафаккир дар фаъолияти илоҳӣ нақше надорад. Дар ҳар сурат, озодии мавҷудоти офаридашуда баъдтар аз ҷониби Ал-Киндӣ дар матни ҳамин китоб ба таври возеҳ нишон дода шудааст: “Иродаи махлуқ - қувваи нафсониест, ки бар асари фикри бадеҳӣ (сӣнеҳ) ба сӯйи амале майл мекунад”[177]. Бешубҳа, барои мо муайян кардани моҳияти ин таърифи охирин ҳатмист, зеро он воқеияти иродаи инсонро ба таври возеҳ тасдиқ мекунад. Бояд қайд кард, ки маҳз натиҷаи якчанд навъи фаҳмиши ин таъриф аст, ки дар раванди иродаи инсон пайдарпайи сабабиро муқаррар мекунанд. Аввалан, қувваи нафсонӣ “фикри бадеҳӣ (сӣнеҳ)” дорад, ки боиси “майли хотира” мегардад. Бандубасти мазмуни он ба “ирода” мерасонад. Ирода дар навбати худ сабаби истеъмол аст, ки бо назардошти контекст ба маънои «амал» ба кор меравад. Таърифи истеъмол мушаххастар шарҳ дода мешавад: сабаби он ирода буда, инчунин, метавонад сабаби майлҳои минбаъда гардад. Ал-Киндӣ хулоса мекунад, ки пас, як даври сабабӣ вуҷуд дорад, ки дар ҳамаи ин сабабҳо иштирок мекунад, ки он амали Офаридгор аст (фи‘л ул-Бӣрӣ’) ва мегӯяд: “Аз ин рӯ, мегӯем, ки Бории азза ва ҷалла баъзе аз махлуқоти худро барои дигарон фикри бадеҳӣ ато ва баъзеи дигарро мустахриҷи дигарон ва баъзеи дигарро мутаҳаррики дигарон мекунад”.[178]

---

[175] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С.115.
[176] Ҳамон ҷо. С. 116-117.
[177]Ҳамон ҷо. С. 125.
[178] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. С. 125.

Мазмуни ҷолиби диққати ин тезис дар он ифода меёбад, ки амалҳои инсон як қисми раванди даврӣ буда, таҳти он маъние дар назар дошта мешавад, ки пас аз андешаҳо ва майлҳо иродаҳое ба феъл мегузаранд ва онҳо баъдан боиси андешаҳо ва майлҳои минбаъда буда метавонанд ва ба ҳамин минвол раванд такрор меёбад. Пас, даври сабабӣ вуҷуд дорад, ки ҳамаи ин сабабҳои боқимондаро дар бар мегирад ва феъли Борианд. Аз ин ҷо, қайд мекунад, Ал-Киндӣ, Бории азза ва ҷалла якеро маҷбур мекунад, ки манбаи андешаю фикрҳои бадеҳӣ (сонеҳ) ва дигарон - мустахраҷи феълҳои он ва ниёз ба таҳрики аввалиҳо бошанд. Ҳамин тавр, бармеояд, ки феълҳо ё амалҳои инсон воқеан бо ду роҳ муайян карда мешаванд: аввалан, онҳо як қисми тасалсул ё даврии сабабӣ мебошанд. Қабл аз ҳама, онҳо аз андешаҳо ва майлҳо ба вуҷуд меоянд ва бешубҳа, таҳти назорати мо нестанд; сониян, тамоми шабакаи сабабҳое, ки амалҳои мо як қисми он мебошанд, худи онҳост.

Дар натиҷа, маълум мешавад, ки Ал-Киндӣ ҳар ду намуди детерминизми сабабиро, ки метавонад ба озодии инсон таҳдид кунад, пазируфтааст: амалҳои моро ҳам рӯйдодҳои ҷаҳони офаридашуда ва ҳам қудрати илоҳӣ муайян менамояд. Агар чунин бошад, чӣ гуна Ал-Киндӣ хулоса карда метавонад, ки инсон қудрати ирода ва ихтиёр дошта, таҳти ҷабр қарор намегирад? Ҳатто аз порчаҳои фавқуззикр бармеояд, ки Ал-Киндӣ, чнонки борҳо таъкид гардид, мавқеи ба истилоҳи имрӯза компатибилизмро ишғол мекунад: ақидае, ки феълҳо ва амалҳои инсон метавонанд ҳамзамон, озод ва детерминистӣ бошанд. Вобаста ба ин нукта, бояд тазаккур дод, ки дар суннати файласуфони Юнони қадим, алалхусус, Арасту, бешубҳа, як сабки мутобиқат вуҷуд дошт, ки ақидаҳои онҳо шояд барои Ал-Киндӣ тавассути интиқод аз афкори машшоиён маълум бошад. Ақидаи Арастуро дар ин масъала Л.Ф. Свендсен таҳлил намуда, аз ҷумла, қайд мекунад: “Арасту менависад, ки озодӣ, ба ҷуз аз тамоми ашёи дигар, дар назар дорад, ки сабаби феъл шахси фоил аст. Аммо, ин ҳукмро бо тарзҳои гуногун фаҳмидан мумкин аст... Аммо, агар шумо, масалан, муҳаббати маро ба рақс зери назар

гиред, пас тахмин кардан мумкин аст, ки ман ҳамеша пас аз шунидани як навъ мусиқӣ ба рақс шуруъ мекунам... Бо вуҷуди ин, ман ҳамчунон сабаби рақси худ боқӣ мемонам, зеро ишқи рақс як ҷузъи шахсияти ман аст. Ва азбаски ман сабаби он ҳастам, ин рақс ҳамчун тасдиқ ва ифодаи озодии ман хизмат хоҳад кард ва дар айни замон он детерминистӣ хоҳад монд. Ҳамин тавр, ман ҳам озод ҳастам ва ҳам дар айни замон детерминистӣ ҳастам".[179] Дар асл, чунин навъи компатибилизм ба он анҷом мегирад, ки тибқи он инсон ба детерминизм бархӯрд намуда, метавонад ҳар кореро, ки бихоҳад, анҷом диҳад, яъне ба истилоҳ, инсон ҳам ҷабр ва ҳам ихтиёр дорад ва ин қазия ҳамон назарияи "манзила байн манзилатайн"-и муътазиларо ба хотир меорад.

Албатта, исботу бурҳонҳое, ки то ба имрӯз барои тафсири таъсири ин ақидаи Арасту ба афкори Ал-Киндӣ оварда шудаанд, ночизанд, аммо дар асоси омӯзиши порчаҳои боқимондае, ки дар он Ал-Киндӣ ихтиёр, ҷабр ва озодии инсонро матраҳ менамояд, беҳтар фаҳмидан ва дарки моҳияти масъала имкон дорад. Аввалан, бояд тазаккур дод, ки гуфтори ду нафар шогирдони Ал-Киндӣ барои равшан гардидани ин матлаб кӯмак расонда метавонанд. Яке аз онҳо Аҳмад ибни Таййиб ас-Сарахсӣ (тав. 835), чуноки каме болотар таъкид гардид, ҳам асли озодии инсон ва ҳам иртиботи онро ба зеҳн ва андеша тасдиқ мекунад: "Афъоли мутамаййиз бо иродаи шахсе сурат мегиранд, ки ихтиёр дорад (ал-аф'āл ат-тамйизиййату вāқи'атун би-ирāдат ил-мухтāри)".[180] Инчунин, ситорашиноси маъруф Абу Маъшар, ки тибқи маълумоти дар "Фиҳрист" овардашуда ба шарофати ал-Киндӣ аз фалсафа огоҳӣ ёфтааст, на танҳо ба озодӣ ва ихтиёри одамон иқрор аст, балки ин ҳукмро бо далеле собит месозад, ки онро, масалан, яке аз шарқшиносони маъруф ва муҳаққиқи осори ин мутафаккир П. Адамсон ҳамчун компатибилист баҳо додааст.[181] Мавқеи Абу Маъшар дар китоби аввали "ал-

[179] Свендсен Л.Ф.Г. Філософія свободи. Переклад з норвезької С. Волковецької. - Львів: Видавництво Анетти Антоненко; Київ Ніка-Центр 2016. С. 81.
[180] Rosenthal, F. Ahmad b. at-Tayyib as-Sharakhsi (New Haven, 1943), p. 134.
[181] Adamson P. Abu Ma'shar, al-Kindi and the Philosophical Defense of Astrology. In: Recherches de théologie et philosophie médiévales, 69 (2002), 245-70.

Мадхал ал-кабир ила аҳкāм ан-нуҷум” маълум аст, ки дар он мавқеи ӯ ҳамчун посух ва эътирозе ба назар мерасад, ки он дар мисоли ситорашиносӣ таҳлил ёфта, ба хулосае мерасад, ки агар ситорашиносӣ қобилияти пешгӯйи амалҳои инсонро дошта бошад, пас, ин афъол ва амалҳо бояд пешакӣ муайян шуда бошанд ва ихтиёрӣ нестанд. Чунонки болотар таъкид кардем, аз нуқтаи назари Абу Маъшар монанди он, ки ситораҳо на танҳо имконият ва ихтиёри ба одам тааллуқдоштаро нишон медиҳанд, балки онҳо нишон додан низ метавонанд, ки инсон танҳо чизеро интихоб мекунад, ки ситораҳо ба он ишора менамоянд, чунки интихоби ашё ё акси он танҳо аз ҷониби нафси нотиқа сурат гирифта, омезиши он бо руҳи ҳайвонот низ дар одамон бо нишондоди ситораҳо муайян карда мешавад.[182]

Аммо, бо вуҷуди ин, ӯ исрор менамояд, ки инсон озод аст ва дар ҳақиқат қобилияти ихтиёри ӯ дар он ифода меёбад, ки моро аз дигар ҳайвонҳо фарқ мекунонад[183]. Беҳтарин далели компатибилизми Ал-Киндӣ аз таҳлили масоили соҳаи астрология ва кайҳоншиносӣ бармеояд. Дар “Рисāла фи ал-ибāна ‘ан суҷуд ил-ҷирм ил-ақса”-и худ, Ал-Киндӣ савол мегузорад, ки чаро дар Қуръон омадааст, ки осмонҳо “саҷда мекунанд” ва дар назди Худо фармонбардоранд, ва чунин посух додааст: “Маънои “итоат” – “иҷрои амри фармондеҳ” аст. Пас, иҷрои амри фармондеҳ танҳо боихтиёр аст ва ихтиёр ба нафсҳои комил тааллуқ дорад, яъне [нафсҳои] оқила. Аз ин рӯ, ба ситорагон ... фармонбардорӣ дода шудааст”.[184] Қабл аз он ки, дар бораи аҳамияти фалсафии ин порча сухан ронем, ду хусусияти онро, ки бо муътазила ҳамбастагӣ доранд, бояд шарҳ дод. Аввалан, тавре ки дар боло зикр намудем, муътазила аксаран тасдиқ мекунад, ки агар Худо ба махлуқоти худ амр диҳад, пас, ин моҳияти озодии махлуқотро пешбинӣ мекунад; дуюм, қобилияти ихтиёри минбаъдаи инсон ба он далолат мекунад, ки ҳар чизи тобеъ дорои нафс аст. Ин даъворо дар ақидаи муаллифи муътазилӣ ал-Нашӣ’

[182] Abu Ma’shar al-BalkhÂ, Liber introductorii maioris ad scientiam judicorum astrorum, edited by R. Lemay (Naples, 1995-6).
[183] Ҳамон ҷо. С. 40.
[184] Ал-Кинди. Рисала фи ал-ибана ан суҷуд ал-ҷирм ал-ақса // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. С. 244-261.

ал-Акбар (тав. такр. 893) ёфтан мумкин аст: “Феъли ихтиёрӣ метавонад танҳо аз нафси фоил пайдо шавад”.[185]

Ин ақидаҳо ва тамоми мундаричаи рисола ҳамчун баёни фалсафии масъала нишон медиҳанд, ки Ал-Киндӣ бо муътазила ҳадди ақал ҳангоми тавзеҳ додани масъалаи ихтиёр ва озодии ҷисмҳои осмонӣ дар мубоҳисаҳо қарор доштааст. Ин ихтиёр ва озодиро мо дар боло зикр намуда, қайд намудем, ихтиёр на танҳо он чизеро талаб мекунад, ки ба хоҳишамон вобаста аст, балки он ба тариқи дуруст, яъне дар заминаи раванди баррасӣ ва фарқиятгузорӣ (тамйиз) ташаккул ёбад.

Ҳамин тавр, Ал-Киндӣ аввалин файласуфи шарқӣ буд, ки умуман, дар фалсафа, дар фаҳмиш ва баррасии масъалаи ҷабр ва ихтиёр барои файласуфони минбаъда, ба монанди Форобӣ ва Ибни Рушд роҳ кушод. Форобӣ ҳам назарияи ихтиёр ва озодии иродаро қабул кардааст. Ӯ қабл аз ҳама, ақлро аз рӯйи қобилияташ ба чор қисм тақсим намудааст: 1) ақли ҳаюлонӣ; 2) ақли билфеъл; 3) ақли фаъол; 4) ақли мустафод. Қобилияти аввал (ақли ҳаюлонӣ) зеҳни ғайрифаъол номида шуда, он қобилиятест, ки инсон тавассути он моҳияти чизҳои моддиро дарк мекунад ва онро аз сифатҳои аразии гуногун, ки бо дарки инсон алоқаманд мебошанд, ҷудо мекунад. Қобилияти дуюм (ақли билфеъл), яъне ақле, ки тавассути феъл ё амал фаъолият дорад ва он қувваи аввалинест, ки мавҷудотро ба таҳрик меоварад ва таҷридият (абстраксия)-ро имконпазир месозад. Қобилияти сеюм (ақли фаъол) ақли дорои қувваи берунист, ки тавассути фаязони нури Худо ба ҷисм ворид мешавад. Он дар вуҷуди инсон қувваҳои дохилиро бедор мекунад ва ӯро фаъол мекунад. Ин руҳи фаъол аст, аммо он пурра фаъол нест, зеро фаъолияташро робитаи он бо ҷисм бозмедорад. Қобилияти чорумро ақли мустафод, ақли касбшуда меноманд ва қобилиятест, ки онро шахс таҳти илҳоми ақли фаъол, қобилияти сеюми инсон ба даст овардааст. Ҳамин тариқ, инсон, ба монанди ҳайвоноти табақаи поёнтар, дорои ақли ғайрифаъол низ ҳаст; аммо ақли фаъол ба воситаи фаязони нури Худо ба

[185] Ниг: van Ess J. Frühe mu‘tazilitische Häresiographie (Beirut, 1971), 96.14-15.

инсон ворид мешавад ва дар инсон ақли касбшударо ба вуҷуд меорад. Форобӣ навиштааст: “Ҳангоми тавзеҳ додани табиати инсон ва қувваҳои табиии дохили ҷисмаш, ӯ эҳсос мекунад, ки онҳо барои феълҳои олитар аз амалҳои руҳ мутобиқ карда шудаанд. Бо таҳқиқи нафси инсон ва қувваҳои нафсонии вай, ӯ дарк мекунад, ки онҳо барои ба даст овардани моҳияти худ кофӣ набуда, барои он чизи дигаре лозим аст. Дар ин ҷо, ӯ маҷбур мешавад, ки чизеро омӯхта, муайян кунад, ки одам нутқ дорад ва сухан бошад, бо ақл иртибот дорад”.[186]

Чуноне ки мебинем, ақли ҳаюлонӣ тавассути ба даст овардани таҷриба ва дониш амалӣ карда мешавад ва он дар ниҳояти кор ба шинохти олами маъқул оварда мерасонад, ки он аз ҳар гуна таҷриба муқаддамтар буда, инсонро барои касби донишҳои олитар ҳавасманд мекунад. Ақли поёнтар ҳамеша саъй мекунад, то болотар равад ва дар марҳилаи охир ба маърифати Худо, ҳадафи олии ҳаёташ ба ӯ муяссар гардад. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна чунин дониш дар ҳаёти инсон пеш аз марги ӯ имконпазир аст? Дар ин зиндагӣ танҳо донишро тавассути ақл ба даст овардан мумкин аст ва пас аз марг, вақте ки руҳ аз асорати бадан раҳо ёфт, он метавонад бо Худо муттаҳид шавад. Ҳамин аст, ба таври мухтасар муҳтавои таълимоти метафизикии Форобӣ. Аммо ин таълимот ба масъалаи ҷабр ва ихтиёр чӣ дахл дорад? Ба ақидаи мо, аввалан, он ки Форобӣ мавқеи ақлро боло бардошта, қобилияти ҷудокунии хуб ва бад, ихтиёрӣ ва ғайриихтиёриро танҳо ба воситаи ақли инсон имконпазир медонад. Сониян, таълимот дар бораи ҷабр ва ихтиёрро Форобӣ дар омезиши таълимоти метафизикӣ бо таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии худ такмил медиҳад.

Дар таълимоти ахлоқии Форобӣ масъалаи ҷабру ихтиёр ва озодии инсон дар доираи назарияи хайр (хуб) ва шар (бад) мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва онро ба қобилияти ақли фаъол мутааллиқ медонад. Аз ҷониби дигар, ӯ олитарин фазилати инсониро дар дониш мебинад, ки он ҳамчун масъули ақл дар дарки масоили ахлоқӣ нақши муҳим дорад: инсоне, ки принсипҳои

[186] Аль-Фараби. Историко-философские трактаты / Перевод с арабского. - Алма-Ата: Наука, 1985. С. 314.

ахлоқиро медонад ва мувофиқи он амал мекунад, беҳтар аз касе аст, ки ин принсипҳоро танҳо бидуни дарки моҳияти онҳо иҷро мекунад. Ба ғайр аз ин, инсон мисли ҳайвонҳои табақаи поёнтар табиатан соҳиби ирода аст, ки тавассути он нафси ӯ саъй мекунад. Аммо танҳо инсон озодии интихоб дорад, ки ин ба баррасӣ ва тасмими оқилонаи ӯ вобаста аст. Ба маънои дигар, озодии инсон танҳо дар андеша ва тасаввуроти тозаи ӯ вуҷуд дошта, аз ангезаҳои бо ақл муайяншуда вобаста аст. Аммо, қайд мекунад Форобӣ, озодии инсон ба сабаби муқовимати ҷисми ӯ нокомил аст. Ақли фаъол танҳо вақте озод мешавад, ки аз ғуломии ҷисм раҳо ёбад ва ҳадафи олии ҳаёти инсон ба даст овардани чунин озодист. Дар ин ҷо, ақли билфеъл барои амалӣ шудани саъю талошҳои инсон нақш дорад. Форобӣ дар ин мавзуъ навиштааст: “Дар мавриди саъю талоши ба сӯйи чизе, ки онро мавҷудоти зиндаи дигар низ доранд, ба саъю талоши инсонӣ ягон иртиботе надоранд ва барои ба даст овардани камолоти назариявӣ муфид нестанд, зеро дар расидан ба ин ҳадаф, қобилияти инсон ва ҳайвон яксон нестанд. Аз ин ҷо, зарурати омӯзиши ҳамаи амалҳое бармеояд, ки бо ирода ва нияти озод вуҷуд доранд. Моҳияти иродаи нек дар иродаи озод ҷой мегирад, ки ба ақли билфеъл тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, он ба «иродаи нек»-и мавҷудоти дигари зинда (масалан, ҳайвонот) ташбеҳ дода намешавад”.[187]

Ҳамин тариқ, нафси инсон қобилияти фитрии қабул доштани тамоюли дуҷонибаро дар нисбати фазилатҳои неку бади зеҳнӣ ва ахлоқӣ дорад. Аммо он бо чунин табиати ғайрииктисобиаш дар худии худ ҳеҷ кореро нахоҳад кард ё, ба ибораи дигар, бетараф боқӣ мемонад. Аммо ин на ҳамеша чунин аст. Зеро сабаби ба вуҷуд омадани фитрати хосе дар вуҷуди инсон барои осонтар кардани он кор барояш буда, аз ин рӯ, ҳар гоҳ, ки ба ихтиёри худаш гузошта шавад ва аз таъсири омилҳои беруна алайҳи фитраташ осуда гардад, “худ ба худ ба сӯйи анҷоми ҳамон коре, ки барояш омода аст, кӯшиш мекунад ва агар як муҳаррик ё омили хориҷии дигар ӯро бар зидди он кор таҳрик (ба шавқ овардан) намояд, қаҳран ба сӯйи он зид гаравиш ёбад ва

[187] Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. С. 327.

онро анҷом диҳад, лекин бо сахтӣ ва душворию изтирор”.[188] Аммо инсон наметавонад барои камолаш интизори тасодуф ва ҷабр бошад, аз ин рӯ, бояд фитрати хешро дар ҷиҳати хайр шакл диҳад, ки лозимаи он фазилатҳои фикрӣ (қудрати фаҳмиш ё ҳукми нек) ва фазилатҳои ахлоқӣ (аъмоли нек) мебошад.

Навъҳои инсон, ба қавли Форобӣ, аз рӯйи хусусияти раъй ва қудрати ирода ба ду гурӯҳи умумӣ тақсим карда мешаванд: 1. Озод – “ҳурр”: онҳое, ки ҳам қобилияти андеша доранд ва ҳам қудрати ирода, ки дар фитрати умумии онҳо ҷамъбаст шуда, ба воситаи он маърифат мекунанд ва мақулоти нахустинро пазиро мешаванд ва ба сӯйи корҳои муштарак, ба сӯйи хушбахтӣ ҳаракат мекунанд; 2. Фармонбардорӣ ё бардагӣ (ғуломӣ) – “‘абд”, ки ду навъ аст: онҳое, ки қобилияти андешаронӣ доранд, аммо аз қудрати ирода бебаҳраанд ва албатта онҳо ғуломанд ва дигаре - қудрати ирода барои анҷом додани корҳои бузург доранд, аммо қудрати андешаронӣ надоранд. Онҳо бояд ба касоне такя кунанд, ки соҳибандеша ва бо иродаанд ва мутеъю итоаткор мешаванд, то даме ки муваффақ шуда, озод гарданд.

Форобӣ аз нигоҳи равоншиносӣ хислатҳои аҳл-ул-мадина (“шаҳрвандон”)-ро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои иродиро дар вобастагӣ ба қобилияти ихтиёрӣ ё ҷабрии онҳо чунин баҳогузорӣ намудааст: “Ашхосе ҳастанд, ки зеҳни қавӣ дошта, дар ичро кардани амале қатъият доранд ва он тақозои зеҳн аст. Ҳамин гуна одамонро мо маъмулан фозилони озод меномем, дар ҳоле ки одамони орӣ аз ин ду хислатдоштаро мо маъмулан, ҳайвонтабиат меномем; онҳоеро, ки танҳо оқиланд, аммо ҳалкунанда нестанд, мо табиатан ғуломон меномем. Ин кор бо баъзе аз онҳое низ рӯй додааст, ки дар соҳаи илм талоши беҳуда мекунанд ё фалсафахонӣ мекунанд ва онҳо дар сатҳе қарор гирифтаанд, ки аз ҷиҳати мақоми ғуломӣ аз ғуломи аввал, [ғуломтарини онҳо] камӣ надоранд. Ва [илм] ба фазли онҳое, ки дар

[188] Фараби Аби Наср. Фусул ал-мутаназзиъа. – Теҳрон, 1371. С. 88 (ба забони арабӣ).

соҳаи он талошҳои беҳуда мекунанд ва дар натиҷа барояшон нодаркор ва беманфиат шуда мемонад, обрӯю нуфузашро аз даст дода, хор мешавад”.[189]

Дар мадинаи фозилааш Форобӣ инчунин, гурӯҳи одамонеро ҷудо мекунад, ки онҳо қатъият доранд, аммо зеҳни қавӣ ва ҳушёрӣ надоранд ва ба ҷойи онҳо дигарон тасмим мегиранд. Дар ин ҳолат, ин гуна шахс ба дигаре, ки ба ҷойи ӯ тасмим мегирад, итоат мекунад ё итоат намекунад. Агар вай итоат накунад, хулоса мекунад Форобӣ, “ӯ низ ҳайвонтабиат аст”, агар итоат кунад, дар аксарияти корҳояш муваффақ гардида, ба шарофати он аз доираи ғуломон берун мебарояд ва ба гурӯҳи одамони озод дохил мешавад.

Форобӣ масъалаи ҷабр ва ихтиёрро инчунин дар иртибот бо муносибати одамон ба лаззатҳои моддӣ ва ё азоби машаққати онҳо тавзеҳ медиҳад. Қабл аз ҳама, ӯ лаззатҳоеро, ки аз афъоли одамон бармеоянд, ба ду қисм ҷудо мекунад: лаззатҳои бештар маълум, ки онҳоро инсон беҳтар дарк мекунад ва лаззатҳои пинҳон. Лаззатҳои маъруфтарин – онҳоеанд, ки дарҳол касб карда мешаванд ва хусусияти ҳиссӣ доранд. Айнан ҳамин ҳолатро Форобӣ дар бораи азоб шарҳ додааст: азобҳое, ки фавран дар ҳаёти инсон рух медиҳанд ва аз идроки ҳиссӣ баромада, “барои мо возеҳтаранд, алалхусус, агар онҳо аз ҷониби дин муқаррар шуда бошанд”. Азобҳои пинҳон онҳое мебошанд, ки табиӣ ҳастанд ва пас аз гузаштани вақти муайяни онҳо дар таҷрибаи зиндагӣ зуҳур меёбанд, аммо қобили дарк нестанд ва гузашта аз ин, амалӣ намешаванд. Аммо, азобҳое, ки фавран аз сар гузаронида шуда, табиӣ мебошанд, камтар пинҳонанд ва шабеҳи азобҳоеанд, ки пас аз як вақти муайян аз таҷриба гузашта ва ба идроки нафсонӣ тааллуқ надоранд. Форобӣ дар идомаи ин андешаҳо навиштааст: “Аммо, одамони озод бошанд, агар хоҳанд, ки тавассути лаззат ва азоб амалҳои хайрашонро сабук намуда ва аз шару бадӣ канорагирӣ кунанд, барои онҳо лаззату азобҳои пӯшидатарин ва аёнтарин яксон аст. Лаззатҳое, ки онҳоро ба бадрафторӣ водор месозанд, бо азобу уқубатҳо, новобаста аз он ки, ба ранҷҳои бештар пинҳоншуда ё

[189] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с арабского. - Алма-Ата, «Наука», 1973. С. 28.

ошкортар мутааллиқанд, пахш карда мешаванд, зеро ҳушёрии зеҳнии онҳо он чизеро, ки хоси аксари мардум ҳамчун азобҳои пинҳонӣ аст, ошкор мекунад. Аммо, одамони дигар, ки лаззатҳояшон тавассути азобҳои аз ҳама бештар ошкоре вуҷуд дорад, аз ин корҳои бад худдорӣ мекунанд, онҳоро пахш мекунанд”.[190]

Бо ин ҳама, Форобӣ назарияи ҷабр ва ихтиёри инсонро дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ бештар баррасӣ мекунад, зеро ӯ ҷомеаро ба хотири он таҳқиқ мекунад, ки инсон дар он ба зиндагии фаъол даъват карда мешавад; азбаски ӯ ягона ҳайвонест, ки қобилияти андеша ва дарк кардани арзишҳоро дорад, ӯ бояд пеш аз ҳама, мавқеи худро дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамҷинсҳо, нисбат ба олами боло, инчунин, дар робита бо ҷаҳони моддӣ дарк намояд.

Аз таҳлили осораш бармеояд, ки таҳқиқоти Форобӣ аз бунёди мафҳуми як мадинаи фозила дар заминаи фалсафаи Арасту ва Афлотун иборат аст. Ин ҳама ба Форобӣ кӯмак намудааст, ба чунин хулоса биёяд, ки ҳокими аввал - файласуф вазифадор аст фалсафаи худ ва қобилияти ақлониашро барои ба даст овардани саодати аҳли мадинаи фозила тавассути қобилияти қонунгузорӣ, ки онро ҳамчун кори хайр ва амали муҳим барои ҳокими аввал ифода мекунад, ба кор барад. Бояд тазаккур дод, бо истифода аз мафҳуми “мадинаи фозила” Форобӣ ҷомеаи сиёсиеро дар назар дорад, ки дар асоси мабодии қонунҳои асосии он идора карда мешавад. Воқеан, маҳз ҳамин услуби кор дар осораш ба Форобӣ имкон додааст, ки дар бораи навъҳои гуногуни шаҳрҳо сухан ронда, тавсифи онҳоро дар вобастагӣ ба хусусиятҳои фардӣ-иҷтимоии аҳли ин шаҳрҳо тавсиф диҳад. Дар ин тавсифҳо масъалаи озодӣ ва тобеияту итоат, ҷабр ва ихтиёри онҳо матраҳ мегардад. Озодӣ ва тобеияту итоатро Форобӣ аз ибтидои мантиқи гуфтораш дар бораи тақсимшавии шаҳр ба ду қисм – фозила ва ҷоҳила матраҳ месозад. Аввалан, аҳли мадинаи ҷоҳиларо ӯ ҳамчун мардуми бадахлоқ, гумроҳ ва “устухон дар гулӯ”, хор дар байни гулҳо ва ё алафҳои бегонаи киштзор меномад. Дар

[190] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 30.

баробари онҳо, тоифаи дигари мардум – одамони ҳайвонсифатро низ номбар карда, онҳоро аҳли шаҳр ҳисоб намекунад ва ба қавли Форобӣ, онҳо иттиҳодияҳои шаҳрӣ дошта наметавонанд. Баъзе аз онҳо ба ҳайвоноти хонагӣ ва дигарашон ба ҳайвоноти ваҳшӣ шабоҳат доранд; баъзеи онҳо фақат гӯшти хом меҳӯранд, дигарашон ҳайвонотро монанди вуҳуш сайд мекунанд ва “бо онҳо бояд ҳамчун бо ҳайвон муносибат кард. Онҳое, ки шабеҳи ҳайвоноти хонагианд ва ба тавре дар шаҳрҳо ба кор бурдан мумкин аст, ҳамчун ҳайвоноти хонагӣ истифода мебаранд. Дар нисбати онҳое, ки мавриди истифода қарор гирифта наметавонанд ва ё зараррасонанд, бояд монанди ҳайвоноти зараровар муносибат кард. Айнан дар нисбати он фарзандони аҳли шаҳр, ки ҳайвонсифатанд, чунин муносибат раво аст”.[191]

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Абу Насри Форобӣ масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар муқоиса бо ақоиди Ал-Киндӣ дар се ҷанба таҳқиқ мешавад: равоншиносӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ. Азбаски, хусусияти шаҳрҳои Форобӣ моҳиятан тахайюлианд ва таснифоти гуногун дошта, аҳли ин шаҳрҳо ҳар гуна тавсиф мешаванд, масъалаи ҷабр ва ихтиёри инсон дар онҳо мухталиф арзёбӣ мегардад: агар дар мадинаи фозила, масалан, ҷабри инсон нисбат ба ихтиёри ӯ ба ҳадди ақал фароварда шуда бошад, дар мадинаи ҷоҳила ихтиёр ва ҳуқуқи инсон то ба ҳадди ҳайвонӣ расонда шуда, ҷабри ҳокимон ва қонунҳои он ҷомеа барояшон ҳамчун як амри зарурат ва воҷиб маънидод мегарданд.

Ибни Сино бошад, дар осори фалсафии хеш, масалан, дар «Таълиқот»[192] аввалан ба андешаҳои муътазилиён дар боби ихтиёр ишора мекунад ва чунин мегӯяд: “Дар ақидаи муътазилиён ихтиёр ангеза (доӣ) ё сабаб аст ва ихтиёр ба ангеза (доӣ) маҷбурӣ аст, аммо ихтиёри Борӣ ва феъли Ӯ ба ангеза нестанд”. Бо ин баёни фикр, дар асл, ихтиёреро, ки дар он ангеза бошад, ба ҷабр ниёз дорад. Аммо, Худо, ки зоти ягона дорад ва феълаш низ чунин аст, на ангезае дорад ва на мақсаде ва асосан чизе, ки боиси дугонагӣ ва гуногунӣ

[191] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 138.
[192] Ибн Сина. Таълиқат. – Қум, 1379. С. 59 (ба забони арабӣ).

бошад, дар Ӯ роҳ надорад. Аз ин рӯ, судури феъл аз Ӯ “‘ала сабил ил-лузум” аст. Дар баёни Ибни Сино ҳам, ба хубӣ маълум аст, ки қудрат ва ихтиёр дар мавриди Худо маънои имконеро надорад. Ибни Сино дар ҷойи дигар чунин мегӯяд: “Гоҳе гуфта мешавад, ки “ал-инсāн музтарр фи сурат мухтāриҳи”, ки маъноaш ин аст, ки инсони мухтор дар ихтиёраш холӣ аз ангеза нест. Дар ҳоле, агар ангеза, ки ҳамон ғоят аст, мувофиқи қавитарин қувва дар вуҷуди мо бошад, гуфта мешавад, ки фалонӣ дар он чи анҷом медиҳад, мухтор аст ва шояд он ангеза аз ҷиҳати инсони дигаре бошад. Дар ҳолати дигар, он ангеза мувофиқ бо андешаи мо нест ва судури феъл аз мо тибқи он “ала сабили ил-икрāҳ” аст ва агар ангеза зоти мо бошад, боз ҳам ба ҳасби он мухтор аст ва мухтори ҳақиқӣ ва дар воқеъ, касест, ки ангезаи дигаре ӯро ба феъл водор намекунад. Манзури мо низ он гоҳ, ки мегӯем – “фалонӣ дар ҳолати ихтиёр машғул ба коре аст” – он аст, ки ангезааш зоти ӯ мебошад”.[193]

Дар таълимоти Ибни Сино ба ду маънои ихтиёр ишора шудааст: як маънои оммаписанд аст, ки дар он шахс агар маҷбур набошад, ӯро мухтор меноманд ва дуюм, ҳамон ихтиёрест, ки мо аз он дар бораи Худо сухан меронем ва дар таъбири Шайх-ур-раис ҳам “ихтиёри ҳақиқӣ” ном гирифтааст. Ба гуфтаи ӯ, аввал Худои таоло ҳамчун хайри маҳз аст, сарчашмаи ашё аз Ӯ судурӣ аст, зеро ки агар аз ғайри Ӯ содир мешуд, он ғайри Ӯро ба хотири хайр буданаш талаб мекард. Азбаски, дар Худо ғоят ва фоил ду чиз нестанд ва судури ашё аз Ӯ барои ғояте хориҷ аз зоти Ӯ нест, пас, Худо мухтори ҳақиқӣ аст ва дар воқеъ, ихтиёр ба маънои аслии он дар мавриди касе ба ҷуз аз Ӯ дуруст намебошад. Бо ин андеша маълум мешавад, ки манзури Ибни Сино аз ҷабр ва ихтиёр дар воҷиб-ул-вуҷуд асосан ба маънои урфии он тафовут дорад. Худи Шайх-ур-раис ба ин тафовут ишора карда мегӯяд, ки “мо аз ихтиёри воҷиб мефаҳмем ғайр аз маъное аст, ки дар урфи мардум шинохта шудааст. Дар урф мухтор ба касе гӯянд, ки ҳолати қувва дошта, эҳтиёҷ ба мураҷҷаҳ (афзалият, бартарӣ – З.Ҳ.) дошта бошад ва он чӣ ихтиёри ӯро аз қувва ба феъл мерасонад, доъӣ (ангеза – З.Ҳ.) аст, ки

[193] Ибн Сина. Илоҳиёт мин китаб “Аш-Шифа”. – Қум, 1374. С. 54.

онро ба ӯ мехонад ва ин доъӣ низ ё “мин зāтиҳи” аст ё “мин хāриҷ”. Пас, мухтор будани мо ҳамон аст, ки метавон аз он таъбир ба “дар ҳукми музтарр (маҷбурӣ –З.Ҳ)” кард, дар ҳоле ки дар мавриди Худо, чунин нест, ки ибтидо мухтор билқувва буда, сипас ба мухтор билфеъл табдил шавад, балки Ӯ ҳамеша мухтор билфеъл аст, бад-ин маъно, ки ғайр аз чиро анҷом медиҳад, ихтиёр намекунад ва феъли Ӯ ли зотиҳии Ӯ буда, хайрияти Ӯ ҳам зоти Ӯст, на доъии дигар”. Дар Худованд ду қувваи мутанозеъ, ончунон ки дар мо ҳаст, нест”.[194]

Ҷудо кардани фарқиятҳои навъҳои фоилиятҳое, ки дар мавриди Худо матраҳ мешаванд, кори бисёр таъйинкунанда дар дидгоҳи як ҳакиме ба монанди Ибни Сино аст. Агар гуфта шавад, ки ҷудо сохтани нақши иллати фоилӣ байни ду гуна фоилият – билқасд ва билиноят – аз мубоҳисаҳои асосие ҳаст, ки дар “Илоҳиёт” ва хусусан, дар “Ишорот ва танбеҳот”-и мутафаккир мушоҳида мекунем, муболиға нахоҳад буд. Зеро, онҳое, ки ихтиёрро барои Худо исбот менамоянд, ҳамон маънои иродаро ифода мекунад, ки дар тасаввури фоилияти билқасд тасвир мегардад; яъне ҳамон маъноест, ки на Ибни Сино ва на мутафаккирони дигари машшоияи шарқӣ онро напазируфтаанд, зеро дар фоилияти билқасд ғоят - иллати фоилӣ аст. Аммо, дар фоилияти билиноят, бар пояи назарияи судур, фаязон ё ба таъбири Ибни Сино “инбиос” (пайдошванда), ғояте фаротар аз фоил нест ва аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки сабаби вуҷудияти ӯ ғоят аст ва ғояти фоил, моҳиятан, иллати фоилӣ аст. Бинобар ин, қавл ба фоилият билиноят тасвири дигаре аз ихтиёрро пешкаш менамояд, ки қатъан аз муодили урфии ихтиёр, яъне фоилият билқасд, тафовут дорад. Ин қавл паёмадҳое низ дорад, ки дар баҳси робитаи Худо бо одамон пеш меояд. Аммо ҳамин андоза, ки Шайх-ур-раис дар асараш “Начот” фоилияти билқасдро инкор мекунад, далеле бар гуфтаҳои мост. Ӯ дар он ҷо мефармояд: “Барои ҳамин, ҷойиз нест, ки будиши кулл аз он аз тариқи қасди Ӯ ба монанди қасди мо бошад”.[195] Аз ин ҷо

[194] Ибн Сина. Илоҳиёт мин китаб “Аш-Шифа”. – Қум, 1374. С. 55.
[195] Ибни Сино. Ал-Начот. – Теҳрон, 1364. С.649

метавон хулоса гирифт, ки маънои мавриди назари Ибни Сино аз ихтиёр ба рағми зоҳири лафз, ба маънои ихтиёр дар афкори Ал-Киндӣ ва Форобӣ наздик аст.

Масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар фалсафаи машшоиёни шарқии Андалуси испанӣ, монанди Ибни Боҷа ва Ибни Рушд низ мавқеи калидӣ дорад. Ибни Боҷа, масалан, дар китобаш “Тадбир-ул-мутаваҳҳид” монанди Форобӣ дар бораи мадинаи фозила назарияи ҳокими одилро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, аммо дар он ба масъалаи ҷабр ва ихтиёр ба он қадре, ки Форобӣ ақида меронад, таваҷҷуҳи зиёд карда нашудааст. Баръакс, дар қисмати дуюми ин китоб, ки ба афъоли инсонӣ бахшида шудааст, Ибни Боҷа афъол ва аъмоли инсонро ба се навъ тақсим мекунад: инсонӣ, баҳимӣ ва ҷаммодӣ. Ӯ таваҷҷуҳи бештарро ба аъмоли ихтиёрӣ медиҳад, ки онҳо тибқи ҳукми “аз рӯйи интихоби шахс бармеоянд», муайян карда шудаанд. Ин амалҳо, ба гуфтаи Ибни Боҷа, хоси инсон мебошанд: “Ҳар он чизе ки би-табъ дар инсон вуҷуд дорад ва аз афъол ба ӯ хос аст, он ба ихтиёр сурат мегирад. Ҳар як феъл барои инсон ба ихтиёри ӯ вуҷуд дорад ва ба ғайр аз ӯ, дар анвои дигари ҷисмҳо он ҷой надорад. Афъоли инсонии хоси ӯ он аст, ки ба ихтиёр бошад ва ҳар чизеро, ки инсон ба ихтиёр иҷро мекунад, феъли инсонист ва ҳар гуна феъли инсонӣ феъл ба ихтиёр мебошад”.[196] Дар айни замон, ӯ таъкид мекунад, ки феълҳои ҷисмонии инсонӣ новобаста аз ирода, масалан, аз боло ба поён афтидани чизе ҳатман сурат мегиранд, бинобар ин, баррасии онҳоро дар таҳлили масъалаи ҷабру ихтиёр ба як сӯ мегузорад. Ҳамин тариқ, аксари кӯшишҳои ӯ дар ҳаллу фасли он ба баррасии фарқияти феълҳо ва амалҳои инсонӣ ва ҳайвонӣ равона карда мешаванд, зеро аксари феълҳо ва аъмоли шахс дар доираи чор навъи мавҷудот сурат мегирад.

Ибни Боҷа дар бораи тафаккур ва андеша низ сухан меронад, аммо мисолҳои дар ин қисми китоб овардашуда (шикастани санг ё чӯб ва хӯрдани гелос) нишон медиҳанд, ки ӯ пеш аз ҳама, ба амалҳои ихтиёрии ҷисмонӣ ё табиии моддӣ, ки бар хилофи идоракунӣ ё роҳбарӣ андешаи зиёдро талаб

[196] Ибн Боҷа.Тадбир ал-мутаваҳҳид. – Бейрут, 2010. С. 16

намекунад, таваҷҷуҳ дорад. Чунин амалҳои хайр на ҳамеша дониш ва саъйи васеъро талаб мекунанд, ба шарте ки агар онҳо ба қадри кофӣ одӣ бошанд, ба монанди шикастани чӯб, то ба шахси дигар зарар нарасонад ва ё ба монанди хӯрдани гелос барои солимии инсон муфид бошад. Аммо, қайд мекунад Ибн Боҷа, он чизе, ки амалҳои некро номумкин менамояд, ин – "интихоби амали дуруст дар вақти зарурӣ бо сабаби мувофиқ мебошад". Аён аст, ки амалҳои ҳам инсон ва ҳам ҳайвонот аз рӯйи "фоил ё муҳаррики"-и онҳо, ки фаъолиятҳояшонро бармеангезад, фарқ мекунанд. Барои феълҳо ва амалҳои ҳайвонот қувваи пешбаранда «ҳавасҳоест, ки дар нафси ҳайвонот ба вуҷуд меоянд», ба монанди «хоҳиш, хашм, тарс ва ҳар чизе, ки ба онҳо шабоҳат дорад». Амалҳои инсонӣ бошанд, на аз тариқи ҳавасу хоҳишҳо, балки тавассути андеша анҷом мепазиранд: «Ҳамин тавр, одамро он чизе, ки фикр ҳатмӣ мекунад, ба ҳаракат медарорад ... новобаста аз он ки, ин фикр муайян ё содаю тахминӣ аст».[197] Мутаносибан, қувваи муҳаррики инсон "раъй ё эътиқодест, ки дар нафс вуҷуд дорад".

Ибни Боҷа қаблан дар китоби мазкураш қайд кардааст, ки дар ихтиёри хеш инсон ҳатман ба дурустӣ ва ё иштибоҳ рӯ ба рӯ мешавад. Дар айни ҳол, он ҳукм баровардaнро дар бораи фазилати рафтору кирдор душвор мегардонад, зеро он ба қобилияти мо дар дарк намудани нияти шахси иҷрокунанда вобаста аст ва ба оқибатҳои амалҳои мушоҳидашаванда асос намеёбад. Барои боз ҳам душвортар кардани ин мушкилот, ӯ чунин хулосаи танқидии муносибати байни нафс ва феъли инсонро ба миён мегузорад, ки он фазилатро барои онҳое, ки ҳамеша на бо ҳидояти ақл, балки бо хоҳиши онҳо ба роҳ гузошта мешавад, амалан дастнорас месозад: "Пас, касе ки амалеро бо роҳнамоии андеша ва он чи дуруст аст ва бидуни эътибор ба нафси баҳимӣ иҷро мекунад ва дар он тавлид мешавад, ҳамон инсонест, ки барояш илоҳӣ будани ин амал нисбат ба хусусияти инсонӣ доштани он мувофиқтар аст... Аз ин рӯ, инсони илоҳӣ ҳатман тавассути фазилатҳои расмӣ некӯкор аст. Аз ин рӯ, агар ӯ тавассути ин фазилатҳо некӯкор набошад ва нафси баҳимӣ дар

[197] Ибн Боҷа.Тадбир ал-мутаваҳҳид. С. 18.

вуҷуди ӯ ба феълу амали ӯ мухолифат намояд, пас, ин амал ё иллатнок аст, ё мамнуъ аст ва ё умуман рух намедиҳад... Аз ин рӯ, ҳар касе, ки нафси баҳимӣ нафси оқилаашро чунон фишор додааст, ки хоҳиши ӯ, бар хилофи андешаи ӯ, ҳамеша ӯро ба амалҳои маҷбурӣ мебарад, чунон инсонест, ки даҳшатноктарин ҳайвони ваҳшӣ аз ӯ беҳтар аст".[198] Бо ҳамин сабаб, зарур аст, ин инсон дар робита бо фазилатҳои расмӣ некӯкор бошад, то вақте ки нафси оқила дар бораи чизе ҳукм кунад ва он хосси мавҷуди ҳайвонӣ набуда, дар бораи ин масъала аз тариқи андешаҳои мантиқӣ ҳукм меронад. Аз ин ҳукмҳо бармеояд, ки Ибн Боҷа инсонро ҳамчун мавҷуди ахлоқӣ муаррифӣ мекунад, ки дар рафтору кирдораш қувваи ақлонӣ нақши асосӣ дорад. Тавассути ақл инсон имконият пайдо мекунад, ки худро аз ҳайвоноти дигар фарқ кунад, ҳарчанд ки онҳо низ баъзе хусусиятҳои инсонӣ, ба монанди узвҳои эҳсос ва ғизогирӣ доранд. Инсон, ба ақидаи мутафаккир, дар зоташ, масалан, баъзе ҷузъҳои дониш (мафҳумҳо)-ро ҳосил мекунад, ки тавассути онҳо фарқияти неку бад, муфид ва зарарро ҷудо мекунад ва ё баъзеи онҳоро ҳақиқӣ ва дигари онҳоро тахминӣ ва дурӯғ баҳо медиҳад. Ниҳоят, тавассути таҳқиқи сабабҳои зуҳур намудани ин ё он чиз ва ё падида инсон ба ихтиёр ё интихоби онҳо майл мекунад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки Ибни Боҷа дар ҷараёни ин баҳсҳо ҳамвора, ба Арасту ва китоби машҳури ӯ "Ахлоқи Никомаха" истинод менамояд.

Ибни Боҷа дар вобастагӣ бо ин матлабҳо ба ҳастии инсон руҷуъ намуда, дар феълу атвораш ихтиёрро дар доираи ифодаи он корҳое, ки инсон аз рӯйи табъ ба онҳо даст мезанад ва хосси ӯянд, ихтиёрро тавзеҳ медиҳад. Манзураш аз ихтиёр иродаест, ки аз рӯйи андеша ё тааммул пайдо шудааст. Афъоли ҳайвоноти ғайринотиқ ҳама пас аз инфиоле дар нафси онҳо (нафси баҳимӣ) рӯй медиҳад ва инсон низ гоҳо бе ихтиёри худаш он гуна афъол ва аъмолро аз ин ҷиҳат анҷом медиҳад, чунон ки, масалан, аз як кори ҳаросангез мегурезад ё монанди касе, ки санге ё чӯберо ба ӯ расида, баданашро харошидааст, мешиканад. Инҳо ҳама афъоли ғайриихтиёрии баҳимӣ

[198] Ибн Боҷа.Тадбир ал-мутаваҳҳид. С. 20.

мебошанд, аммо касе, ки чӯберо мешиканад, барои ин ки, мабодо шахси дигареро бихарошад, ё аз ин рӯйи андешае, ки шикастани онро воҷиб месозад, ба ин кор мепардозад, ки ин як феъли инсонӣ мебошад.[199]

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо ва баррасии назарияи ҷабр ва ихтиёр дар таълимоти машшоиёни шарқӣ, муқоиса бо ақоид дар афкори файласуфони Юнони Қадим, пайравони мактабҳои ақлонии шарқӣ, монанди муътазила чунин хулоса кардан мумкин аст: аввалан, мубоҳисаҳое, ки дар бораи мафҳуми ҷабр ва ихтиёр дар осори онҳо мушоҳида мешаванд, сирф хусусияти ақлонӣ дошта, ҳам дар ҷанбаи метафизикӣ ва ҳам равоншиносию иҷтимоии ҳаёти инсон муайян мегарданд; сониян, масъалаи ҷабр ва ихтиёр дар иртибот бо таносуби ҷабр ё ихтиёри илоҳӣ бо иродаи инсон баррасӣ мешавад; сеюм, тибқи ин таълимот, амалҳои инсон бояд озод ва хусусияти детерминистӣ дошта бошанд ва ақли инсон барояш нишон диҳад, ки дар байни ин ду мафҳум – сабаб ва натиҷа ягон зиддияте вуҷуд надорад ва таълимот оид ба ҷабр ва ихтиёр, асосан, ба қонунҳои умумии рушди олам ва инсон муқобил намебарояд.

[199] Ибн Боҷа.Тадбир ал-мутаваҳҳид. С. 20-24.

2.3. Қазо ва қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон

Дар фалсафа ва илоҳиётшиносии классикии Шарқ масъалаи вақт ва замон (даҳр) дар робита бо қазову қадар яке аз муҳимтарин масъалаҳои баҳси мутафаккирон ва уламои илоҳиётшинос ба ҳисоб меравад, ки он асосан дар доираи таъсири фалсафаи юнонӣ баррасӣ мегардид. Аз ин рӯ, дидгоҳҳои фалсафии мутафаккирони шарқӣ дар бораи вақт ва замон ҳамчун посух ё мувофиқат бо далелу бурҳонҳои фалсафии юнонӣ дар бораи табиат ва моҳияти вақт ва замон ба миён омада буданд.

Дар фалсафаи юнонии қадим, вақт абадӣ маънидод мешавад: масалан, Афлотун мафҳуми “вақт”-ро дар доираи тақсимоти тамоми мавҷудот ба ҳастӣ ва созандагӣ ҷудо мекунад: аввали онҳо абадӣ вуҷуд дорад ва дуюмӣ – пайдо мешавад ва дар замон аз байн меравад. Вақт – намуди мутаҳаррики абадият ва шабеҳи он дар олами маҳсуси созанда аст. Афлотун вақтро ҳамчун мақулаи кайҳонӣ мешуморад: онро демиург якҷоя бо кайҳон ба хотири “минбаъд монанд шудани он ба мисоли хеш” офаридааст ва вақт дар “ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ зоҳир шуда, ба қонуни аъдод итоат мекунад (мувофиқи қонуни аъдод он дар дохили давра чарх мезанад”.[200]

Мафҳуми абадияти вақт дар ақоиди минбаъдаи файласуфон баҳсҳо ва ихтилофоти зиёдро ба вуҷуд овардааст, ки дар зери таъсири онҳо файласуфон ва илоҳиётшиносони шарқӣ низ дар ин масъала назарҳо ва назарияҳои мухталифро эҷод намудаанд. Дар маҷмуъ, посухҳо ва ақоиди файласуфони исломиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, онҳое буданд, ки бо назарияи абадияти вақт, замон ва олам ихтилоф надоштанд; дуюм, онҳое, ки абадияти вақту замонро рад менамуданд ва ба офариниши олам бовар доштанд; ба гурӯҳи сеюм онҳое дохил мешаванд, ки барои оштӣ додани ин ду ақидаи ба ҳам мутазод талош кардаанд. Гурӯҳи аввалро ақидаҳои Ибни Сино, Ибни Боҷа ва то андозае ақоиди Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ

[200] Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 3. Ч. 1 / Под общ. ред. А.Ф.Лосева и В. Ф. Асмуса; Пер. с древне-греч. – СПб: Изд-во С.-Петерб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. С. 513.

таҷассум дода метавонанд; намояндаи гурӯҳи дуюм Ғазолӣ ва сеюми онро Ибни Рушд ва пайравони онҳо ташкил медиҳанд. Ҳадаф аз баёни муқаддимавӣ ва мухтасари назарияи вақт ва замон дар ин бахши таҳқиқотамон, ки ба масъалаи қазо ва қадар мутааллиқ аст, аз он иборат аст, ки муносибати фаҳмиши мафҳумҳои қазою қадар бо мафҳуми вақт ва замон тавъам буда, аз он пурра вобастагӣ дорад. Аммо, қабл аз он ки, ба баррасии ин муносибати тарафайни ин ду мафҳум шуруъ намоем, лозим аст, ки дар бораи худи истилоҳоти "қазо ва қадар" қазоват ва андешаронӣ намоем.

Мафҳумҳои "қазо ва қадар" аз забони арабӣ гирифта шуда, маъноҳои забоншиносии онҳо бо ҳам пайваста ва шабеҳи ҳамдигаранд: "Ал-қазо ва ал-қадар мафҳумҳоеанд, ки дар адабиёти мусулмонӣ, алалхусус, сунниён, детерминизми илоҳиеро ифода мекунад, ки дар олами падидаҳо, аз ҷумла аъмоли инсонӣ рух медиҳад. Ба ин маъно, калимаҳои ал-қазо ва ал-қадар аз ҳам фарқе надоранд. Аммо, дар низомҳои каломӣ онҳо дараҷаҳои гуногуни детерминизми илоҳиро нишон медоданд: таҳти мафҳуми "қазо" тартиб ва маротиби муқарраршудаи моқабл-уз-замон ва берун аз фазою макон, вуҷудияти он дар "илм"-и илоҳӣ, дар иродаи абадии илоҳӣ (дар ақидаи мутакаллимон), дар "иродаи азалии Ақли аввал" (дар ақидаи файласуфон) тафсир меёфтанд; "қадар" бошад, интишор ёфтани "қадар"-ро дар фазо ва замон, таҷаллии он дар олами маҳсус тавассути иродаи илоҳӣ (дар ақидаи ашъариён), аз тариқи «нафси куллӣ» (дар ақидаи файласуфҳо) ифода меёбад".[201]

Манзур аз қазо ҳукме аст, ки барои сарнавишти мавҷудот мушаххас шуда, қадар маънои "андозагирӣ" ва "таъйини ҳадду ҳудуди чизе"-ро дорад. Таҳқиқи амиқтари маънои ин ду мафҳум нишон медиҳад, ки онҳо бо асли ихтиёр ва озодии инсон мантиқан иртиботи наздик доранд. Аз нигоҳи қуръонӣ андозаю андозагирӣ ва таъйини ҳудуди чизе дар истилоҳ ба ин маънӣ аст, ки Худо барои ҳар чизе андозае қарор додааст ва онро бар асоси

[201] Ислам: Энциклопедический словарь. - М.: Наука. Гл. ред. вост. лит-ры, 1991. С. 125.

андозагирӣ ва ҳисобу санҷиш офаридааст. А з ин рӯ, дар Қуръон омадааст, ки “Мо ҳар чизеро ба андозае халқ кардаем”.[202]

Дар тафсири яке аз пажӯҳишгарони муосири эронӣ дар соҳаи мантиқ, фалсафа ва калом қазо ва қадар ба ду қисм тақсим гардидааст: илмӣ (ба маънои зеҳнӣ) ва айнӣ. Қадар ё тақдири илмӣ он аст, ки Худо пеш аз офариниши ҳар чиз ба хусусиятҳо, ҳудуд ва сифатҳои онҳо илм додааст; қазои илмӣ он аст, ки Худо аз зарурати вуҷуди ашё дар зарфи таҳаққуқи иллатҳои онҳо огоҳ аст, яъне Худо аз азал медонад, ки ҳар як ашё дар шароити хос ва таҳти таъсири сабабҳо ва иллатҳои хос арзи ҳастӣ мекунад. Аммо мақсуд аз қазо ва қадари илмӣ дар муайян намудани хусусиятҳо ва сифатҳои зотӣ ва аразии мавҷудот аз ҷониби Худо аст, яъне Худо зарурати вуҷудро ба махлуқоти хеш ато мекунад ва аз тариқи сабабҳо ва иллатҳо вуҷуди онҳоро муайян мекунад.[203] Аз ин порча маълум мегардад, ки мубоҳиса дар бораи қазо ва қадар ба ду қутби асосӣ – ба иродаи илоҳӣ ва инсонӣ мутамарказ шудааст. Аз як тараф, ин муҳокима ба назарияҳои ахлоқии фаъолияти инсон, ки оё ӯ воқеан озодона амал карда метавонад, то ки масъулиятро барои амалҳояш бар дӯш гирифта тавонад, тааллуқ дорад. Аз тарафи дигар бошад, дар маркази мубоҳисаҳо масъала дар бораи фаъолият ва қудрати Худо қарор мегирад. Баҳсҳо дар бораи тасмими Худо аз баррасии амалҳо ва қудрати Худо, ки яке аз сифатҳои Ӯст, инчунин, ба адолати Ӯ низ дахл мекунад: чӣ гуна Худо қодир аст, дар ҳоле ки агар одамон қувваҳои озод бошанд? Аз тарафи дигар, чӣ гуна Худо метавонад одил бошад, агар вай ангезандаи амалҳои бади онҳо бошад? Инҳо ва саволҳои дигар барои баҳс дар бораи қазою қадар майдони васеъро таъмин намуданд.

Шарқшиноси маъруф, профессори британиёвӣ У. Уотт дар китобаш бо номи “Фалсафа ва илоҳиётшиносии мусулмонӣ” арабҳои бутпараст ва ё ақоиди тоисломии арабҳоро дар бораи “даҳр” ҳамчун “қадар” муаррифӣ мекунад. Назари тақдир дар бораи зиндагӣ дар эътиқоди арабҳои бутпараст

[202] Қуръон 54:49
[203] Муҳаммад Саъидӣ. Меҳр. Омӯзиши каломи исломӣ. – Қум, 1383. С. 322 (ба забони форсӣ).

дар он ифода мегардад, ки комёбӣ ва бадбахтиҳои зиндагии онҳо аз ҷониби вақт (даҳр) идора мешуд. Аз ин рӯ, “вақт” ҳамчун нерӯйи ғайришахсӣ тасаввур карда мешавад, ки он бо «тақдир» ё «сарнавишти азалӣ» айнияти дорад. Баръакси муҳаққиқони зиёди он давра, ин эътиқоди пешазисломиро як навъ вижагии илоҳӣ маънидод менамуданд, У.У. Уотт бар он ақида аст, ки дар боварҳои арабҳои бутпараст ба вақт на ҳамчун объекти парастиш, балки ҳамчун ба «падидаи табиие» муносибат мекарданд, ки онро бояд “чуноне, ки ҳаст, қабул кард».[204] Тибқи назари ин муаллиф, дар тасаввуроти арабҳои бутпараст маҳдудияти назорати даҳр аз болои ҳаёти инсон ҷой дорад, зеро ки он танҳо натиҷаи ниҳоии саъйю кӯшишҳои ӯ, хусусан «муҳлати» ӯ (рӯзи аҷал, яъне вақти марги инсон), вазъи зиндагӣ ва таъминоти ӯ (ризқ), аммо на ҳар гуна амали ӯро муайян мекунад. Ин гуна қадар ё тақдир, ба қавли ӯ “... ба зиндагии бодиянишинони биёбонҳо ва даштҳои Арабистон мувофиқ буд... ба хотири умеди беҳтар, барои муваффақ шудан дар зиндагии хеш ва шароити пурмашаққати биёбон».[205]

Зуҳурёбии ислом ҳамчун натиҷаи ваҳйи қуръонӣ дар бораи тавҳид тафаккури арабҳоро дигаргун сохт, ки дар он Худо ба манбаи ягонаи идоракунии ҳаёти инсон табдил меёбад. Ин, ба гуфтаи У. Уотт, дар яке аз оятҳои Қуръон дақиқан зикр шудааст: «Худост, ки шуморо зиндагӣ мебахшад, сипас, мемиронад; он гоҳ, шуморо ба сӯйи рӯзи растохез, ки дар он ҳеҷ шакке нест, гирд меоварад, аммо бештари мардум инро намедонанд».[206] Дар ин ҷо, У. Уотт ба хулосае меояд, ки “вақт” бо Худо ҳамчун манбаи бадбахтӣ иваз карда шудааст, чуноне ки дар Қуръон омадааст: «Ҳеҷ мусибате на дар Замин ва на нафсҳои шумо нарасад, магар он ки, пеш аз он ки онро падид оварем, дар китобе аст, ки барои Худо осон аст».[207]

---

[204] Watt, Montgomery W. 1985. Islamic Philosophy and Theology: An Extended survey. Edinburgh: Edinburgh University Press. p. 25-26.
[205] Watt, Montgomery W. 1985. Islamic Philosophy and Theology: An Extended survey. С. 26.
[206] Қуръон 45:26.
[207] Қуръон 57:22.

Дар давраи классикии дини ислом оид ба мафҳуми тақдир (тақдири илоҳӣ) ё қадар баҳсҳои гуногун дар робита бо масъалаи озодӣ (ҳуррия), интихоб (ихтиёр) ва озодии ирода мерафтанд. Дар ҳолатҳои дигар, истилоҳи “қадар”, ки маънои “андоза кардан”-ро дорад, бо “қудра” ба маънои қобилият ё қудрат иваз карда мешавад. Аз ин ҷо, дар Қуръон низ “қадар” инчунин, қудрат ва ҳам “илм”-и Худоро дар назар дорад (Қуръон 2:256; 54:49; 15:21). Муҳаққиқи эронитабори амрикоӣ Сайид Ҳусейн Наср дар ин робита таъкид мекунад, ки калимаи “қадар”-ро мутафаккирони гуногуни Шарқ, аз қабили фақеҳон, суфиён, файласуфон ва илоҳиётшиносону мутакаллимон мувофиқи ақоиди мазҳабӣ ё фалсафиашон ба кор бурдаанд. Фақеҳон, ба қавли ӯ, ҳангоми баҳсҳо дар бораи қадар, “... ба масъалаи ҳуқуқ ва озодӣ, ки натиҷаи мувофиқат ба қонунҳои илоҳӣ (шариат) мебошанд таваҷҷуҳ кардаанд; суфиён барои озодии ботинӣ тавассути наҷот ёфтан аз бандагии инсон ба нафси суфлии “ман” саъй меварзанд; файласуфон маъмулан воқеияти иродаи озоди инсонро аз мавқеи фалсафаи сиёсии Форобӣ (ваф. 970) тасдиқ мекунанд; ҳусни таваҷҷуҳи мутакаллимон асосан, ба муносибати байни иродаи илоҳӣ ва иродаи инсон ва чӣ гуна аввали он иродаи сониро маҳдуд мекунад, бахшида мешавад”.[208]

Шарҳи фалсафии баҳси қазою қадар ва назариёту андешаҳоро ба таври умум дар робита бо рӯйдодҳои олам метавон ба се навъ тақсим кард. Аввалан, ин ки бигӯем, ки ҳодисаҳо бо гузаштаи худ ҳеҷ гуна иртиботе надоранд, ягон ҳодисае дар ҳар вақте, ки рух медиҳад, ба чизҳое, ки бар он муқаддамтаранд (чӣ тақаддуми замонӣ ва чӣ тақаддуми ғайризамонӣ) иртибот надорад ва аз он маҷбур нест ва на асли вуҷуди ӯ ба умури қаблӣ иртибот дорад ва вобастаи он аст ва на хусусиятҳо, шакл ва вижагиҳои замонию маконӣ ва андозаю ҳудуди он марбут ба гузашта аст. Албатта, бо ин фарзия қазою қадар маъное надорад. Тақдири ҳар гуна мавҷудот қаблан, яъне дар вобастагӣ бо тартиби вуҷуди як мавҷуди дигар таъйин намешавад, зеро дар байни онҳо ҳеҷ робитаи вуҷудӣ ҷой надорад. Тибқи ин дидгоҳ, бояд

[208] Nasr S.H. (1996) History of Islamic Philosophy. In Oliver Leaman (ed.). London: Routledge, p. 126.

принсипи сабабиятро комилан инкор кунем ва рӯйдодҳоро бо муболиға ва тасодуф тавзеҳ бидиҳем. Принсипи сабабияти умумӣ, робитаи зарурӣ ва қатъии ҳодисаҳо бо ҳамдигар ва ин ки, ҳар як ҳодиса ҳатмияту қатъият ва инчунин, пешбинӣ ва хусусиятҳои вуҷудии худро аз чизе ё чизҳое муқаддам бар худ гирифтааст, корест мусаллам ва ғайри қобили инкор. Асли сабабият, асли зарурати сабабият ва маълулӣ бояд ҳамчун принсипи ҳамаи илмҳои инсонӣ баррасӣ карда шаванд.

Дуюм, барои ҳар як ҳодиса бояд ба сабабе қоил шавем, аммо низоми сабабҳо ва мусаббабҳоро ва ин, ки ҳар як иллат маълулеро воҷиб мекунад ва ҳар маълуле аз иллати муайян имкони судур дорад, умуман инкор намоем ва чунин пиндорем, ки дар ҳамаи олам ва ҷаҳони ҳастӣ аз як иллат ва як фоил бештар вуҷуд надорад ва он зоти Худо аст, дар ин сурат бояд фоилиятро мунҳасир дар Худо донист. Яъне чунин пиндорем, ки ҳамаи ҳодисаҳо ва мавҷудот мустақиман ва бидуни восита аз ӯ содир мешаванд ва иродаи Худо ба ҳар ҳодисае мустақиман тааллуқ мегирад. Чунин фарз кунем, ки қазои илоҳӣ, яъне илм ва иродаи Худо ба вуҷуди ҳар мавҷуде мустақил аст аз ҳар иллат ва қазои дигар, дар он сурат бояд қабул кунем, ки омиле ғайр аз Худо вуҷуд надорад. Иродаи Худо дар азал тааллуқ ба ӯ будааст, ки ин ё он ҳодиса бояд дар вақти муайян вуҷудияташро аз ӯ пайдо намояд. Он ҳодиса иҷборан дар он вақт вуҷуд пайдо мекунад ва афъол ва аъмоли бештари онҳо низ яке аз он ҳодисаҳо аст. Ин афъол ва аъмолро мустақиман ва бидуни воситаи қазо ва қадар, яъне илм ва иродаи илоҳӣ ба вуҷуд меоварад, аммо худи инсон, қувва ва тавоноии ӯ дар ин кор дахолате надорад. Ин назария ҳамон мафҳуми ҷабр ва қадар аст, ки агар дар фард ё қавме пайдо шавад, зиндагии онҳоро табоҳ мекунад. Ин дидгоҳ, ба ҷуз аз фосидоти амалӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он ҷой доранд, аз мавқеи ақл ва мантиқ маҳкум ва рад карда мешавад, зеро аз нуқтаи назари далелҳои ақлонӣ ва фалсафӣ ба беэътибории ин назария шубҳае нест. Системаи сабабҳо ва робитаи сабабии байни рӯйдодҳо раднопазир аст. На танҳо илмҳои табиӣ, мушоҳидаҳои ҳиссӣ ва таҷрибавӣ бар системаи сабабҳо ва мусаббаб далолат мекунанд, балки дар фалсафаи илоҳӣ низ далелҳои

боэътимод барои ин масъала оварда шудаанд. Ғайр аз он, Қуръон низ принсипи иллияти умумӣ ва системаи сабабҳою мусаббабҳоро тасдиқ кардааст.

Сеюм, принсипи сабабият ва низоми сабабҳою мусаббабҳо бар ҷаҳон ва тамоми ҳодисаҳои ҷаҳон ҳукмфармост. Ҳар як ҳодиса зарурат ва қатъияти вуҷуди худ, инчунин, шаклу хусусияти замонию маконӣ ва хусусиятҳои дигари вуҷудиашро аз иллати пешинаи худ ба даст овардааст. Байни гузашта, ҳозира ва оянда, байни ҳар мавҷудот ва сабабҳои ибтидоии он робитаи ногусастание ҷой дорад. Аз ин дидгоҳ, сарнавишти ҳар мавҷуде дар дасти мавҷудоти дигар, ки сабаби он аст, боқӣ мемонад. Ва ин сабабест, ки вуҷуди ин мавҷудро воҷиб месозад ва он сабаб низ дар навбати худ маълули иллати дигаре аст ва ғайра. Пас, зарурати қабули принсипи иллияти умумӣ пазируфтани ин нукта аст, ки ҳар ҳодисае – зарурат, қатъият ва инчунин, хусусият, андоза ва сифаташро аз иллати худ мегирад. Дар ин робита, фарқе надорад, ки ҳодисаҳо касби илоҳӣ доранд ва ба иллат-ул-иллале, ки асли ҳамаи қадарҳо ҳаст, муътақид бошем ё набошем ва чунин иллат-ул-иллалро қабул надорем.

Пайгирии ин нукотро дар таълимоти файласуфони машшоияи шарқӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода, қабл аз ҳама, ба афкори Ибни Сино таваҷҷуҳ менамоем. Фаҳмиши масъалаи қазою қадар дар андешаи Ибни Сино аз мазмуни мафҳумҳои “илм”, “ирода” ва “феъл ва фоилият”-и илоҳӣ бармеояд. Аз нигоҳи мутафаккир, илми илоҳӣ ба масъалаи қазо ва қадар аз ду ҷониб иртибот дорад: яке ин аст, ки ӯ ба таври мушаххас қазо ва қадарро ҳамчун яке мартабаҳои илми илоҳӣ муаррифӣ мекунад; дуюм, илми Худоро маншаи эҷод ва ягон феъле мешуморад. Аз ин рӯ, тавзеҳи қазою қадар, агар аз як ҷиҳат ба шарҳи дониши Худо вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, бо дарназардошти он, ки илми Худо феълӣ аст, саволе ба миён меояд, ки оё илми феълӣ ва судури ашё аз Худо бо ҷабр ҳаммаъно нест? Илми илоҳӣ дар афкори Ибни Сино мартабаҳои мухталиф дорад, ки шомили қазою қадар ва иродаи илоҳӣ ҳам мебошад. Илми илоҳӣ, ба гуфтаи ӯ, манбаи қатъии

содироти ашё мебошад ва илм ва ирода иттиҳоди баробару мутобиқ ва айни зотанд.[209]

Файласуфони муосири рус Т. Ибрагим ва Н.Ф. Ефремова истилоҳоти қазо ва қадарро дар таълимоти Ибни Сино муайян намуда, моҳиятан онро наздик ба фаҳмиши ашъариён баҳогузорӣ кардаанд. Ба андешаи онҳо, Ибни Сино дар асараш “аш-Шифо” қадарро ҳамчун вазъи аввали басит ва тақдирро ҳамчун чизе, ки батадриҷ ба самте равон мешавад (қазо) таъриф медиҳад. Муаллиф инчунин, тасдиқ мекунад, ки Ибни Сино дар “Ишорот ва танбеҳот”-аш қадарро ҳамчун тафсил дар нисбати қазо нишон додааст ва илова мекунад: “Худи қазоро дар асл Ибни Сино бо иноят, яъне бо илми илоҳӣ дар бораи низоми беҳтар барои олам тафсир медиҳад. Дар “Ишорот ва танбеҳот” монанди “аш-Шифо” файласуф таваҷҷуҳашро маҳз ба “иноят” равона сохта, мушаххасан бар мафҳумҳои қазо ва қадар таваққуф накардааст”.[210]

Аз ин рӯ, номуайянии фикр ҷой дорад, ки оё Ибни Сино қазо ва қадарро ҳамчун сифати зот ё сифати феъли илоҳӣ мешуморад? Албатта, агар бештар ба моҳияти ин масъала диққат диҳем, ин зиддият бартараф мегардад, зеро мутафаккир дар асоси қоидаи судур муътақид аст, ки аввалин судур аз Худо ҳатман Ақли аввал аст ва Ақли аввал сабаби судури мавҷудоти дигар мегардад. Вай инчунин, муътақид аст, ки илми илоҳӣ ба мавҷудот тавассути сабабҳои онҳо тааллуқ мегардад. Аз ин рӯ, истисное вуҷуд надорад, ки амал ва илми илоҳӣ ягона бошанд. Он чи аз андешаҳои Ибни Сино бармеояд, ба ду қисм ҷудо мешавад: матраҳ сохтани масъалаи илмӣ ва масъалаи ихтиёр. Вай илми Худоро сарчашмаи зарурат мешуморад, аммо бо матраҳ сохтани масъалаи ихтиёр ва бо баррасии принсипҳои динӣ, исботи нубувват ва адолати илоҳӣ ҷабрро инкор мекунад. Ӯ таъбири “ихтиёри изтирорӣ”-ро ба кор мебарад, то битавонад ҳам шумули иродаи илоҳӣ ва муттаҳидии афъоле ва ҳам масъалаи адолати илоҳиро исбот намояд. Чунин ба назар мерасад, ки

[209] Ибни Сино. Ал-Мубҳасат. – Қум, 1375. С. 306 (ба забони арабӣ)..
[210] Ибн Сина (Авиценна). Указания и напоминания (Раздел по метафизике). Часть четвертая. (Пер. с араб., коммент. и предисл. Т. Ибрагима и Н.Ф. Ефремовой). Ориенталистика. 2019;2(2):340.

дар он ҷойе, ки Ибни Сино дар бораи зарурати илми илоҳӣ ҳарф мезанад, масъалаи нобудии ихтиёрро ба миён мегузорад ва дар ҷойе, ки аз ихтиёр сухан мекунад, масъалаи нобудии ҷабр исбот карда мешавад.

Ҳамин тавр, қазою қадар ҳамон илми илоҳист, ки маншаи зарурати ашё аст, аммо вуҷуди ашё ва таҳаққуқи онҳо аз қадари илоҳӣ вобаста аст, ки ба тадриҷ ва ҳамчун "муъиддаи заминасози вуҷуди ашё" мегардад. Дар воқеъ, ба чизҳо агар аз нигоҳи воҷибияташон назар андозем, қазои илоҳӣ фаҳмида мешавад ва агар ба онҳо ҳамчун "иллатҳои муъидда" ва шартҳои ададӣ, ки муҷиботи таҳаққуқ ёфтани маълулро фароҳам месозад, нигариста шавад, Ибни Сино ба андешаи зерин мерасад: "Ҳар чизе, ки воҷиб нест, вуҷуд нахоҳад дошт... Бояд оламе бо ҳамаи чизҳо вуҷуд дошта бошад, зеро ки ҳар як чизи барои ин олам лозимбуда ба воситае ё бе восита худ ба худ ба қадари он вобаста аст, ки қазои аввалро воҷиб ва зарур месозад. Агар он чунин набошад, пас, нахоҳад ба вуқуъ пайваст, чуноне ки бароят маълум гардид".[211] Ин порча ба таври равшан ба инкори ҷабр ишора мекунад ва тавзеҳест бар силсилаи сабабҳо ва мусаббабҳо ва ин, ки ҳузури иллати томи сабабсоз воситаи амалӣ гаштани маълул аст.

Ибни Сино дар асараш "Наҷот" қазо ва қадарро басит (одӣ) медонад ва тақдир, ба андешаи ӯ, иборат аст аз таваҷҷуҳи пайдарпайи сабабҳои басит ба мусаббабот, ончунон, ки вуҷуди айнии ашё аз он вуҷуди басити ақлӣ мунбаис аст. Аммо, тақдири илоҳӣ чизест, ки андозаи қазоро нишон медиҳад ва дар воқеъ қазо ба тадриҷ мутаваҷҷеҳи он мешавад: "Қазо аз Аллоҳи субҳонуҳу таоло бармеояд ва вазъи аввали басит ва тақдир чизест, ки ба он қазо ба тадриҷ мутаваҷҷеҳ мешавад". [212]

Ибни Сино дар рисолаҳои худ қазоро ҳамчун илми Худо медонад, ки он муҳит бар ҳамаи маълумот аст ва қадарро вуҷуби сабабҳо ва мусаббабот медонад, ба ин наҳв, ки таҳаққуқ ёфтани сабаб муҷиби зарурати дар амал татбиқ шудани он гардад. Ӯ зикри сабабу натиҷа ва робитаи зарурии байни

[211] Ибни Сино. Ал-Мубаҳасат. Ҷ. 3. – Қум, 1375. С. 137. (ба забони арабӣ).
[212] Ҳамон ҷо. С. 317.

онҳо ва иллати воҷибияти онро дар “Илоҳиёт” бо шарҳи ду мафҳум – “воҷиб-ул-вуҷуд” ва “мумкин-ул-вуҷуд” муаррифӣ мекунад. Ӯ навиштааст: “Воҷиб-ул-вуҷуд мавҷудест, ки ҳар гоҳ ғайри мавҷуд фарз шавад, аз он муҳол ба миён ояд. Мумкин-ул-вуҷуд чизест, ки ҳар гоҳ ғайри мавҷуд ва ё мавҷуд фарз гардад, аз он муҳол барнаояд. Воҷиб-ул-вуҷуд ин ҳастии зарурист ва мумкин-ул-вуҷуд чизест, ки дар вай ба вачҳе, яъне на дар вуҷуду на дар адамаш, зарурате нест... Баъд, воҷиб-ул-вуҷуд тавонад ба зоташ воҷиб бошад ва тавонад ба зоташ (воҷиб) набошад. Чизи ба зоти худ воҷиб-ул-вуҷуд онест, ки на барои чизи дигар (кадом чизе, ки набошад), балки барои зоти худ буда, аз фарзи адамаш муҳол ояд. Аммо воҷиб-ул-вуҷуд на ба зоти худ онест, ки агар чизе вазъ шавад, ки вай аз он чиз нест, воҷиб-ул-вуҷуд гардад”.[213]

Дар ин ҷо, Ибни Сино асоси назарияи қазою қадарро гузошта, дар доираи таълимот оид ба воҷиб-ул-вуҷуд ва мумкин-ул-вуҷуд ба масъалаи иродаи инсонӣ дахл менамояд. Ӯ қоил бар он аст, ки ҳар як иродаи инсониро иллате аст, ки иллати он ирода иродаи дигар набошад, ки дар он пай дар пай ва беохир идома ёбад, балки “умурест аз берун, ки заминӣ ва осмонӣ бошанд” ва аввалӣ ба дуюми он рафта мерасад ва дар ниҳояти кор онҳо аз мабдаъҳое реша мегиранд, ки вуҷудашон ба қудрати Худо вобаста аст. Ба маънои дигар, онҳо тақдире доранд, ки онро Ибни Сино чунин тавсиф додааст: “Тақдир чизест, ки қазо ба тадриҷ ба он мутаваҷҷеҳ аст, гӯё ӯ муҷиби [ваҳдатҳо]-и ҷамъшудаи умури басит аст, ки аз ҷиҳати баситиашон ба қазо ва амри илоҳии якум мансубият доранд. Агар ягон кас аз одамон имконият медошт, ки ҳамаи ҳодисаҳои дар замину осмон буда ва табиатҳои онҳоро донад, чигунагии чизи дар оянда ҳодисро хоҳад фаҳмид”.[214] Дар ин ҷо, ба назар мерасад, ки тафсили мафҳуми қадар ва басти он, ба гуфтаи Ибни Сино, инсонро ба фаҳмиши дақиқи қазо ноил месозад. Аммо чунин фаҳмиши том ба инсон муяссар намешавад, ҳатто дар нисбати пешгӯйиҳо ва тасдиқи ақоиди мунаҷҷимон дар бораи тақдири инсон, ки ба қавли Ибни Сино, ба

[213] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 248.
[214] Ҳамон ҷо. С. 346.

далелу бурҳонҳои мантиқӣ такя доранд ва “гоҳе дар ҳукмҳои худ даъвои таҷриба ва ваҳйро доранд” ё “қиёсҳои шеърӣ ва хитобиро дар исботи онҳо ба кор мебаранд”, мутафаккир дар ниҳояти кор ба хулосае омадааст, ки ҳарчанд “ҳамаи муқаддимаҳои ҳукмии барои мо овардаи [мунаҷҷимон] содиқ аст, вале ба гуфтаи эшон эътимод надорем”.[215]

Бо сабабҳои мазкур, Ибни Сино қазоро аввалин ҳукми Худо мешуморад, ба тавре ки он як мавҷуди даҳрӣ аст ва ҳама чизро ба гунае дар бар мегирад, ки тамоми мавҷудот ҷузъи фаръии Ӯ ҳастанд ва қадар он аст, ки ҳамаи чизҳо яке аз паси дигаре аз ин ҳукм содир шудааст. Дар асл, қазои илоҳӣ ҳукми Худо аст, ки ҳама чизро дар бар мегирад ва қадар инбиоси (пайдошавии) ашё аст аз он ҳукм. Ӯ бо ишора ба ибораи қуръонии “ва ҳеҷ чиз нест, магар он ки ганҷинаҳои он назди мост ва мо онро ҷуз ба андозае муайян фурӯ намефиристем”[216] мегӯяд, ки китобҳои илоҳӣ ҳама тасдиққунандаи қазо ва қадаранд, аммо “он чӣ наҳй шудааст, ғавр (умқ – Ҳ.З.) дар он аст”, чаро ки воқеияти қазо ва қадарро фақат Худои доно медонад.

Тибқи гуфтаи Ибни Сино, баъзеҳо (муътазилиён) чунин мешуморанд, ки қадари Худоро набояд эътироф кард, дар ҳоле ки эътироф кардани сарнавишт муродифи ҷабр буда, инкори қадар хилофи адолати илоҳӣ нест.[217] Ҳамин тавр, Ибни Сино қазоро аввалин феъли Худо мешуморад, ки он маншаи қадар аст: “Ин қазо – феъли нахустини илоҳии ягона аст, ки бар кулл фарогир аст, ки аз он қудратҳоро ба миён меорад”[218]. Ин порчаи матнест, ки дар он Ибни Сино масъалаи иродаи озодро дар инсонҳо, мавҷудоти осмонӣ, ҳаракатҳои мовароуттабиӣ ва силсилаи сабабҳо ифода менамояд. Ба ибораи дигар, ихтиёри инсон аз тариқи қадари илоҳӣ, ки ҳамон силсилаи иллатҳо ва маълуле мунбаис аз Ақли аввал аст, эҷод шуда, иродаи инсон тобеи силсилаи сабабҳо ва умуман, тобеи Ақли аввал аст. Ибни Сино тасдиқ мекунад: “Пас, равшан шуд, ки иродаи Ақли ягона, албатта муҷиби ягон ҳаракате

[215] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 347.
[216] Қуръон 15:21
[217] Ибни Сино. Панҷ рисола. – Ҳамадон, 1383. С. 108 (ба забони форсӣ).
[218] Ҳамон ҷо. С. 404.

намешавад. Лекин мумкин аст, моро чунин таваҳҳум пеш ояд, ки он ба воситаи иродаи ақлии интиқолёбанда аст. Зеро Ақл агар аз тамоми ҷиҳат ақли билфеъл набошад, мумкин аст, аз як маъқул ба маъқули дигар гузарад ва мумкин аст, ҷузъи дар зери навъ бударо, ба тавре ки ишора намудем, ҳамчун ба аразҳо паҳншудаи махсус гашта ба навъи куллӣ дарк намояд”.[219]

Мафҳуми “ихтиёр” яке аз мафҳумҳои баҳсбарангез дар таълимоти Ибни Сино мебошад. Дар таъриф ва ташреҳоти ӯ чунин ба назар мерасад, ки ирода ё айни ихтиёр аст ва ё дар таърифи ихтиёр нақши калидӣ дорад. Пас, саволе ба миён меояд, ки агар мафҳуми ирода дар таърифи ихтиёр гирифта шуда бошад, оё иродаи собиқа худ ихтиёрӣ аст ё ҷабрӣ? Агар он ихтиёрӣ бошад, бешубҳа, аз паи иродаи дуюм меояд ва то ба бениҳоятӣ силсила мебандад. Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Сино дар бораи шаклҳои дар боло зикршудаи иноят (иноят – дар таълимоти Ибн Сино ба маънои илм дар бораи Кулл ва дар бораи он ки он бояд чӣ гуна бошад, то беҳтарин низому тартиб (аҳсан ун-низāм)-ро касб намояд; иноят – проблематикаи хосси фалсафаи исломӣ, бахусус, теологияи калом дар бораи қазо ва қадар аст) таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бар ин асос иродаро тавре муаррифӣ мекунад, ки мо бо маҳдудияти пай дар пай дучор нашавем, ба тавре ки иродаро мунбаис аз сабабҳои осмонӣ медонад: “Пас, мо мегӯем: “На ба ин тариқ мумкин аст, ки кори ҳаракати даврӣ ба итмом расад. Зеро, ин таъсир ба ҳамин ваҷҳ агарчи ба тариқи навшавию интиқол бошад ҳам, аз иродаи куллӣ содир шуда бошад. Иродаи куллӣ ҳар тавре набошад, дар муқоиса ба табиат муштарак аст, агарчи иродаи ҳаракатеро иродаи ҳаракати дигар мутобаат кунад. Аммо, ин ҳаракате, ки аз он ҷо то ба ҳадди сеюм аст, бартарӣ надорад. Пас, нисбати тамоми ҷузъҳои ҳаракати дар ҷузъиёт баробар ба ҳар яке аз он иродаҳои ақлии интиқолёбанда якхела аст ва аз ин ҷо мансуб будани ҷузъе ба яке аз он тасаввурҳо аз мансуб набуданаш бартарӣ дорад”.[220]

---

[219] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 292.
[220] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 293.

Дар робита бо ин порча саволе ба миён меояд, ки агар иродаи инсон аз хорич дар ӯ эҷод шавад, пас, чӣ гуна феълҳои ба иҷрорасидаи ин иродаро ҳамчун феълҳои ихтиёрии инсон ҳисобидан мумкин аст? Яке аз илоҳиётшинос ва файласуфи муосири эронӣ - Мулло Садро фаҳмиши Ибни Синоро дар ин ҷо тавзеҳ додааст. Ӯ дар шарҳи ҳадиси “на ҷабр ва на тавфиз” мегӯяд, ки Ибни Сино инсонро зоҳиран мухтор медонад ва дар воқеъ бошад, инсонро озод намешуморад. Мулло Садро мегӯяд, ин гуна нест, ки инсон дар воқеъ музтар бошад ва дар зоҳир мухтор.[221] Ибни Сино ихтиёрро, чуноне ки дар боло зикр намудем, ба наҳве муаррифӣ мекунад, ки ҳар муҳаррике ба сӯйи ғояте дар ҳаракат аст. Аз ин нуқтаи назар, назарияи қазо ва қадар дар таълимоти Ибни Сино ва машшоиёни шарқӣ баҳсталаб аст. Ҳангоми сатҳӣ назар андохтан ба он, чунин ба назар мерасад, ки гӯё он ҳама гуна масъулият ва тасмимгириҳои инсонро пурра инкор мекунад, зеро Худо ҳама чизро пешакӣ таъйин ва муқаррар намудааст, аммо оё ин таърифи дурусти тақдир буда метавонад? Оё Худо воқеан ҳама чиз - начот ва тақдири бад, рафторҳои хайр ва шар ва ҳатто гуноҳро пешакӣ таъйин кардааст? Ва муҳимтар аз ҳама - оё ин тарзи баёни фикр Худои муҳаббатро ба Худои сахтгир ва бадхашм иваз намекунад?

Ибни Сино феълҳои нафсро монанди афъоли табиӣ медонад ва фарқияти онҳоро дар огоҳӣ ё ноогоҳӣ аз ғаразҳо шумурда, натиҷа мегирад, ки феълҳои ихтиёрӣ фақат дар Худо таҷассум меёбанд: “Афъоли ихтиёрӣ дар ҳақиқат ба Аввал дахл доранд”[222]. Чунин ба назар мерасад, ки ягона масъалае, ки метавон аз ин ҷумла бардошт кард, масъалаи ҷабр аст. Ибни Сино ҳамаи рӯйдодҳои заминиро ба қазою қадар истинод дода, иродаро ба иродаи Худо тобеъ мегузорад ва дар ҳақиқат, мухтор буданро ба навъе зарурӣ медонад.[223] Ӯ вуҷуди ихтиёр дар инсонро тобеи ҳаракатҳои осмонӣ медонад ва аз қазо ба унвони феъли Худо сухан мегӯяд, дар баёни қадар бошад, ҳаракатҳои заминӣ

[221] Садруддини Шерозӣ. Ал-Ҳикмат ал-мутаъолия фи ал-асвор ал-ақлийа ал-арбаъа. Ҷ. 6. – Бейрут, 1990. С. 376.
[222] Ибн Сина. Таълиқот. С. 53
[223] Ибн Сина. Илоҳиёт. Начот. – Теҳрон, 1377. С. 517.

ва осмониро муҷиботи эҷод ва анҷоми феъле медонад, ки аз ҷониби қазо офарида шуда ва заминасози қадар аст. Т. Иброҳим дар мақолаааш теодитсея (таълимот дар бораи офаридгори нек)-и Ибни Синоро мавриди таҳлил қарор дода, ба мубоҳисаи ин мутафаккир бо муътазилиён дар боби адолати илоҳӣ дахл мекунад ва менависад : “Онҳо, чуноне ки файласуф (яъне Ибни Сино – З.Ҳ.) қайд мекунад, дар бораи афъоли Худо, ки ба Ӯ меъёри ақлоният ва адолати хосси одамонро нисбат медиҳанд, нодуруст муҳокима меронанд. Дар асл бошад, барои мо маъмулан маърифати сабабҳои афъоли Худо имкон надорад. Ҳатто худи муътазилиён ба гумон аст, шарҳ дода тавонанд, ки чӣ тавр бо тасдиқи фикрашон дар бораи адолати илоҳӣ ва офаридаи беҳтарин (ал-аслаҳ) барои махлуқот далеле мувофиқ буда метавонад, ки Ӯ ба баъзе ҳайвонҳо нохунҳо ва дандонҳо бахшида, дигарон (масалан, харгӯшҳо)-ро дар муқобили ин гуна даррандаҳо бесарпаноҳ гузоштааст”.[224]

Ниҳоят, Ибни Сино саъй намудааст, то мавқеи мобайниеро ҷустуҷӯ намояд, ки ҳам бо аҳкоми динӣ ва ҳам бо далелҳои мантиқӣ-фалсафӣ мувофиқат кунад ва роҳи миёнаи байни қудрати Худо ва қобилияти амалии инсонро дарёфта, тасдиқ созад, ки ҳама чизи бадастомада ва ҳам ба даст ояндаро Худо меофарад. Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи Ибни Сино, ин назарияи бемаънист, зеро он маънои тасдиқи далелеро дорад, ки одамон умуман, дар фаъолиятҳои худ маҳдуданд. Илова бар ихтилофи назаре, ки байни мактабҳои калом дар масъалаи салоҳият ва иродаи инсон ба назар мерасанд, ӯ мегӯяд, ки онҳо дар ин ҳолат дар боби иллият низ ба ихтилоф рӯ ба рӯ мешаванд. Агар мо гӯем, ки одамон чизеро истеҳсол мекунанд ва фаъолияташонро идора мекунанд, бояд эътироф кунем, ки амалҳое ҳастанд, ки ба иродаи Худо мувофиқат намекунанд ва гӯё ба ҷуз Худо офаридгори дигаре бошад. Аммо онҳо тасдиқ кардаанд, ки мусулмонон ба мувофиқа расидаанд (аҷма‘а), ки ба ҷуз Худо офаринандае (холиқ) вуҷуд надорад. Гузашта аз ин, агар гӯем, ки одамон аъмоли худро ба даст намеоранд, бояд

[224] Ибрагим Т.К. С. Оптимистическая теодицея Авиценны // Ученые записки Казанского университета. Серия гуманитарные науки. 2017, Т. 159, кн. 6. С. 1448.

эътироф кунем, ки онҳо маҷбуранд ин аъмолро иҷро кунанд. Зеро дар байни маҳдудият (ҷабр) ва ба даст овардан (иктисоб) мавқеи мобайнӣ вуҷуд надорад ва агар одамонро барои иҷрои амалҳояшон маҷбур кунанд, пас, онҳоро барои амалҳои худ ба ҷавобгарӣ кашидан ғайриимкон аст. Ин мавқеъ ба таълимоти Ибни Рушд шабоҳати зиёд дорад, ҳарчанд ӯ ба баъзе ақоиди дигари Ибни Сино рӯйирост мухолифати ақидавиашро изҳор намудааст. Бамаврид аст, ки муносибати Ибни Рушдро ҳамчун намояндаи машшоияи шарқӣ дар Андалусия, ки бар пояи машшоияи Машриқзамин бунёд ёфтааст ва нуқтаи олии рушди умуман машшоия ба ҳисоб меравад, ин ва дигар ҷанбаҳои вобаста ба масъалаи қазо ва қадарро мухтасаран баррасӣ ва таҳлил намоем.

Ихтилофи Ибни Рушд бо мактабҳои калом иборат аз он аст, ки чӣ тавр одамон амалҳои худро эҷод мекунанд ва ҳам Худо офаридгори ягона аст. Нуқтаи ибтидоии ӯ принсипест, ки Худо офаридгори ягона аст ва агар танҳо як офаридгор вуҷуд дошта бошад, пас бояд одамон амалҳои худро офарида наметавонанд ва дар ин ҳолат бояд мавқеи пайравони ҷабарияро тасдиқ кард. Агар одамонро барои иҷрои амалҳояшон маҷбур карда бошанд, онҳо барои кирдорҳои худ ҷавобгар нестанд ва аз ин рӯ, онҳоро барои кирдорҳояшон ба таври одӣ подош ё ҷазо додан мумкин нест. Ибни Рушд дар ҷустуҷӯйи роҳи миёна дар байни ин ду ифрот ба натиҷае мерасад, ки он ба муқаррароти динӣ зоҳиран мувофиқат мекунад: “Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи қонун (шариат) ҷудо кардани ин ду боварӣ нест. Ҳадафи он оштӣ додани онҳо [бо ҷустуҷӯйи] миёнарав (тавассут) мебошад, ки он ҳақиқат аст. Зеро чунин ба назар мерасад, ки Худо дар вуҷудамон қобилиятҳо/қувваҳо офаридааст, ки бо ёрии онҳо метавонем ашёеро касб намоем, ки бо ҳам муқобил мебошанд. Аммо, азбаски иктисоби ин чизҳо аз ҷониби мо танҳо бо ризоият (муватат)-и сабабҳои берунӣ, ки онҳоро Худо ба мо тобеъ (саххара) мекунад ва [бо] бартараф кардани монеаҳои онҳо такмил меёбад, амалҳое, ки ба мо нисбат

дода мешаванд, бо ҳардуи онҳо такмил меёбанд”.[225] Муҳим он аст, ки дар ҷустуҷӯ ва кашфи миёнаи тиллоӣ байни ду мавқеи ба ҳам мухолиф бояд таваққуф намуд. Возеҳ аст, ки Ибни Рушд дар бораи он андеша намекунад, ки муътазилиҳо ё ашъариҳо (зеро мавқеи онҳо ба ҷабария яксон аст) ба ҳалли ин мушкилот расидаанд ва ё на, аз ин рӯ, кӯшиши худи ӯ барои ба тавофуқ овардани қудрат ва иродаи Худо бо масъулияти инсонӣ равона шудааст. Бо ин мақсад, вай иллати фоилии самараноки инсониро бе сарфи назар накардан аз қудрати Худо нигоҳ медорад.

Ибни Рушд дар баёни андешаҳояш дар бораи фаъолияти инсон масъалаи қувва/қудратеро ба миён мегузорад, ки ба одамон хос аст. Ба ақидаи ӯ, дар феъли инсон ду омил, қувваҳои дохилӣ, ки ба мо қудрати амал карданро медиҳанд ва сабабҳои беруние, ки барои ҷараён гирифтани ин раванд мусоидат мекунанд, вуҷуд доранд. Он ба инсон имконият ё қобилияти интихоб кардани яке аз ду зиддиятро медиҳад. Ин ҳукм ба он оварда мерасонад, ки одамон дар байни мухолифатҳо интихоби озодона дошта метавонанд ва он тасмими мустақилли инсон хоҳад буд. Барои интихоби яке аз мухолифҳо, ки истиснои аввалӣ аст, яъне сабабҳои берунае, ки Худо ба миён овардааст, баҳри вуҷуд надоштани монеаҳо шароитҳо эҷод мешаванд. Чунин равиши гуфтор ба принсипи арастуӣ ишора мекунад, ки онро Ибни Рушд дар “Талхис ма баъд ит-таби‘а” шарҳ дода, қайд намудааст, ки сабаби табиии самарабахш ҳамеша таъсири худро дар шароити мушаххас ва дар сурати мавҷуд набудани монеаҳо ба вуҷуд меорад.[226] Худи Арасту ин матлабро чунин изҳор намудааст: «Ҳамин тариқ, қобилият бар мутақобилҳо дар ҳамон як вақт вуҷуд дорад, аммо худи мутақобилҳо наметавонанд дар як вақт ҳузур дошта бошанд; инчунин, ғайриимкон аст, ки [ҳамон як] ҳолати мутазод дар ҳақиқат, дар ҳамон як вақт (масалан, дар як вақт ҳам солим ва ҳам бемор будан имконнопазир аст) вуҷуд дошта бошад”.[227]

---

[225] Ибн Рушд. Ал-Кашф ан манаҳиҷ ал-адилла фи ақаид ал-милла. – Бейрут, 1998. С. 188 (ба забони арабӣ).
[226] Ибн Рушд. Талхис ма баъд ал-табиъа. – Теҳрон, 1377. С. 111-114. (ба забони арабӣ).
[227] Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т. 1. М.: «Мысль», 1976. С. 249.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Ибни Рушд танҳо агар ин ду шарт вуҷуд дошта бошад, аз миёни онҳо инсон якеро интихоб мекунад. Чӣ тавр ин ду омил ба ҳодисаҳо таъсир мерасонанд? Оё онҳо ин ҳодисаҳоро маҷбур мекунанд ё танҳо барои пайдоиши он мусоидат мекунанд? Ба ин саволҳо Ибни Рушд дар ҷараёни баҳсҳои минбаъдааш посух медиҳад. Бо матраҳ сохтани масъала дар бораи таъсири сабабҳои беруна, тн мутафаккир ба масъалаи сабабҳои дуюмдараҷа, тасаввурот дар бораи он ки Худо қудрати хешро ба сабабҳои дигар таҳвил мекунад, таваҷҷуҳ менамояд, чуноне ки дар порчаи зерин омадааст: «Ичрои амалҳое, ки ба мо нисбат дода мешаванд, дар мувофиқа кардани амалҳои берун аз хоҳиши мо тавассути иродаи мо анҷом дода намешаванд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо қадари Худоянд».[228] Ҳар як падидаи воқеӣ, хоҳ табиӣ ва хоҳ ихтиёрӣ, аз бартарии яке аз ду зид, мутақобил вобаста аст, бинобар ин, агар Худо хоҳиши моро аз рӯйи яке аз он ду мутақобилҳо муайян кунад, воҷиб аст, ки инчунин, зуҳури ҳар як феъли инсонро низ муайян намояд. Тафсири дигари он метавонад ба баҳсе расонад, ки мувофиқи матни дар боло овардашуда, сабаби сабабҳои фаъолияти инсон аз ҷониби Худо метавонад, маънои номуайяниро дошта бошад, ки дар он сурат, Худо ҳамчун ангезандаи амалҳои инсон бошад, вале онҳоро муайян намекунад ва ё зуҳури онҳоро талаб намекунад, ки аз ин тариқ озодии феъли амали инсонро нигоҳ медорад. Таъйини қатъии мавқеи детерминистии Ибни Рушд тасдиқ мекунад, ки сабабҳои беруна иродаи моро муайян мекунанд ва ҳеҷ гуна фарзияи иродаи мустақилли инсон вуҷуд надорад. Ибни Рушд пайдарҳамии рӯйдодҳоро тасвир мекунад, ки боиси ба ичро расидани амали мушаххас мегарданд. Ирода, ба андешаи ӯ, танҳо хоҳиш ё шавқ аст, ки дар вуҷуди мо тавассути тахайюли чизе ё ризоият ба чизе пайдо мешавад. Ин мувофиқат бо ихтиёри инсон иртибот надорад, балки он натиҷаест, ки дар вуҷуди инсон тавассути рӯйдодҳои беруна рух медиҳад.[229]

---

[228] Ибн Рушд. Ал-Кашф ан манаҳиҷ ал-адилла фи ақаид ал-милла. С. 189.
[229] [229] Ибн Рушд. Ал-Кашф ан манаҳиҷ ал-адилла фи ақаид ал-милла. С. 189.

Чунонки мебинем, таълимоти Ибни Сино ва Ибни Рушд як навъ тағйироти куллии таълимоти арастуӣ дар қолаби исломии он мебошад. Аз ҷониби дигар, Ибни Сино тафсири таълимоти қазо ва қадарро дар доираи консепсияи теодитсей – будан, будиши шар дар олам, ки аз Худои мутаол сарчашма мегирад, тавзеҳ медиҳад ва дар доираи ин таълимот ба исбот мерасонад, ки дар олами куллӣ хайр бартарият дорад. Таълимоти Насируддини Тӯсӣ низ ба ин матлаб наздик аст.

Чунин хусусияти мабдаии метафизикии қазою қадарро дар таълимоти машшоиёни дигар, аз ҷумла, Форобӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Хусусияти фарққунандаи таълимоти қазою қадари ин мутафаккир монанди Ибни Сино дар он ифода мегардад, ки онҳо ибдооти руҳониро дар баробари масоили табиӣ ва ҷисмонӣ дар доираи таълимоти “вуҷуб” ва “имкон”, асли иллият ва адами тахаллуфи маълул аз иллат таҳти баррасии ақлонӣ қарор медиҳанд. Ба тафсили пурраи ин масъалаҳо, ки ба афкори дар боло матраҳшудаи Ибни Сино шабоҳати зиёд дорад, дахл нанамуда, қайд мекунем, ки ин таълимот дар ниҳояти кор ба кӯшиши омезиши фалсафа ва дин, хусусан, дар масъалаи роҳбарияти динию дунявӣ, мақоми инсон дар ин роҳбарият мерасонад. Дар ин ҷо, масъалаи қазо ва қадар бо масъалаҳои саодат, камоли нафси инсонӣ ва рӯзи охират пайвандӣ дорад. Форобӣ менависад: “Агар ҳадафи вуҷудияти инсон ба даст овардани саодат - камолоти олитарин бошад, пас, барои ба даст овардани ҳамаи чизи имконпазир бояд нишон дод, ки чӣ гуна инсон метавонад ба ин саодат расид. Ин дар ҳоле имконпазир аст, ки ақли фоил вуҷудиятҳои аввалини ақлониеро ибдоъ мекунад, ки онҳо донишҳои нахустинанд. Ҳар шахс табиатан қодир нест, ки аввалин ибдооти ақлониро касб намояд”.[230]

Ҳарчанд Форобӣ бевосита ва равшан ба масъалаи қазо ва қадар ишора намекунад, аммо аз гуфторҳо ва ҳукмҳои ӯ моҳияти қазо ва қадар, сарнавишти инсон маълум мегардад: аввалан, дар худи ҳамин китобаш – “ас-Сийасат ул-маданиййа” ӯ қайд мекунад, ки ба одамон “табиатан қудратҳо ва

[230] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. - Алма-Ата: «Наука», 1978. С. 116.

қобилиятҳои гуногун дода шудааст”, яъне қудратҳо ва қобилиятҳои инсон касбшуда нестанд, зеро ки дар байни онҳо касоне буда метавонанд, ки “аз принсипҳои аввалия чизе намегиранд” ва баъзеи дигарон бошанд, онҳоро “дар шакли таҳрифшуда қабул мекунанд” ва фақат қисмати сеюм “қобилиятҳои модарзодии устувор доранд”, яъне онҳо аз қазо (табиатан) чунинанд ва танҳо онҳо қодиранд, ки хушбахтии ҳақиқиро ба даст оранд. Дар баробари ин, менависад Форобӣ, одамон метавонанд бо қобилияти муайян намудани мақомҳо ё мавқеъҳое фарқ кунанд, ки “тавассути таҳқиқот фаҳмида мешаванд”. Эҳтимол дорад, ки ду шахс дорои қобилияти якхелаи идроки ақлонӣ буда тавонанд ҳам, аммо яке аз онҳо зотан майл дорад, ки танҳо як миқдори ками хусусияти чизеро тавассути ақлаш ифшо намояд, дар ҳоле ки шахси дигар зотан қобилияти ошкор кардани ҳамаи мансубиятҳо ба ин чизро дошта метавонад. Онҳо инчунин метавонанд аз ҷиҳати қувват ва суръати ошкор кардани ягон чиз баробар бошанд, аммо дар айни замон яке аз онҳо қодир аст, ки ба дигарон чизеро, ки худаш ошкор карда буд, таълим бидиҳад, дар ҳоле ки шахси дигар ин қобилиятро надорад. Ба ҳамин монанд, [одамон] метавонанд бо қобилияти [иҷрои] кори ҷисмонӣ фарқ кунанд. Ин хосиятҳои зотӣ, идома медиҳад мутафаккир, ба ягон кас таҳмил карда нашудаанд ва онҳо касеро маҷбур намекунанд, ки амали мушаххасеро ба иҷро расонад, “аммо, агар касе дар иҷрои хоҳиши хеш озод бошад ва ягон чиз ӯро табиатан аз хориҷ ба сӯйи ҳадафаш таҳрик надиҳад, пас, ӯ худаш ба сӯйи он ҳадаф водор мешавад, ки гӯё ин майлаш азалӣ бошад. Азбаски, ҳадафи вуҷудияти инсон ба даст овардани саодати олӣ аст, пас, барои ин ӯ бояд бидонад, ки хушбахтӣ чист ва пас, онро ҳадафи хеш қарор дода, ба сӯйи он майл намояд”.[231]

Аммо ин кор аксаран роҳбар ва мураббиро тақозо мекунад: баъзеҳо танҳо ба ҳидояти камтар ва баъзеи дигарашон ба роҳнамоии зиёд ниёз доранд. Аммо, таъкид мекунад Форобӣ, бо ин навъи роҳнамоӣ инсон на ҳамеша ҳар чизеро, ки таълим дода ва ё супориш дода шудааст, иҷро

[231] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. С. 118-119.

мекунад, магар ин ки ягон ангезандаи беруна ё ангезандае барои он вуҷуд дошта бошад. Инчунин, на ҳар як шахс қодир аст, ки дигаронро роҳбарӣ кунад ва на ҳама қодиранд, ки дигаронро барои иҷрои амалҳои мувофиқ водор кунанд. Пас, кӣ ба маънои мутлақаш роҳбар буда метавонад? Мутафаккир менависад, ки чунин шахс онест, ки комилан ба каси дигари роҳбар ниёз надорад ва илму донишро билфеъл чунон касб намудааст, ки комилан ба чунин шахси роҳбар эҳтиёҷ надошта, қобилияти донистани ҳамаи чизҳои ҷузъиро надорад, аммо қодир аст, ки ҳамаи дигаронро дар робита ба ҳар чизе, ки худаш медонад, ба таври комил ҳидоят кунад. Чунин шахс, идома медиҳад Форобӣ, қодир аст аз ҳар шахси дигаре истифода кунад, ки ӯ метавонад кореро, ки ӯ тахмин задааст, анҷом бидиҳад. Чунин шахс қодир аст, ки амалиёти муносибро ба нақша гирифта, аз рӯйи он одамонро ба сӯйи саодат расонад. Аммо, таъкид мекунад Форобӣ, ин кор фақат ба одамони хос муяссар шуда метавонад, ки “онҳо дорои хосиятҳои олиҷаноби зотӣ буда, нафсҳои онҳо бо ақли фаъол пайваст мешаванд. Ва ин кор ба тарзи зерин ба даст оварда мешавад: аввал дар инсон ақли ғайрифаъол ба вуҷуд меояд, пас, ақли ба истилоҳ муктасаб зоҳир мегардад, ки он баъдан бо ақли фаъол пайваст мешавад. Дар бораи ин шахс гуфтан мумкин аст, ки ба ӯ ваҳй нозил шудааст. Ваҳй ба инсон танҳо дар сурате фиристода мешавад, ки агар ӯ ба ин марҳила расида бошад, ба ибораи дигар, агар дар байни ӯ ва ақли фаъол чизе миёнарав набошад”.[232]

Бешубҳа, Форобӣ эътироф мекунад, ки роҳбарии сиёсӣ, фазилати ахлоқӣ ва зеҳнӣ дар як роҳбар хеле нодир буда, дар амалия бошад, боз ҳам камтар ба назар мерасад. Ӯ бояд шахсе бошад, ки ба фазли ақли муктасибаш ҳаким ва файласуф, яъне дорои ақли комил ва ба фазли он, ки аз вуҷуди ӯ дар қобилияту қудрати тахайюлоташ ҷорӣ мешавад, ӯ - пайғомбар, ғайбдони оянда, маърифаткунандаи умури илоҳӣ ва муфассири ҳодисаҳои алоҳидаи рӯзмарра мегардад ва дорои дараҷаи олии камолоти инсонӣ буда, дар нуқтаи

[232] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. С. 118-119.

олии саодат қарор дорад. Сарнавишти ин гуна инсон, дар ниҳояти кор, бо саодати абадӣ анҷом меёбад.

Форобӣ ҳарчанд ба монанди Ибни Сино таълимоти алоҳидаи рӯзи қиёматро матраҳ намекунад, аммо монанди масъалаи қазо ва қадар онро ба таври пароканда дар асарҳои хеш баррасӣ менамояд. Дар фасле, ки “Дар бораи ашёе, ки барои сокинони мадинаи фозила умумӣ аст” ном дорад, ӯ менависад, ки ҳамаи сокинон шартҳои зерини сукунат дар ин шаҳрро бояд бидонанд: “... онҳо бояд дар бораи мадинаи фозила, сокинони он ва дар бораи саодате, ки нафсашон бояд ба он бирасанд, донанд; онҳо бояд дар бораи шаҳрҳои хилофи он ва дар бораи он ки бо нафсҳои сокинони ин шаҳрҳо пас аз марг чӣ ҳодиса рӯй медиҳад, - дар бораи он ки баъзе аз онҳо ба бадбахтӣ ва баъзеи дигарашон ба нобудӣ дучор мешаванд, иттилоъ дошта бошанд”.[233] Ба маънои дигар, дар ин ҳолат Форобӣ тақдири инсонро ҳаволаи сарнавишти баъди маргаш мекунад. Аммо нуқтаи назари эсхатологӣ (охиратшиносӣ)-и ӯ аз назарияҳои эсхатологии умумиисломӣ фарқ мекунад: ба ақидаи ӯ, саодати абадии инсон дар маҳлулшавии нафси ӯ бо ақли фоил ҳосил мегардад ва фақат шаҳрвандони мадинаи фозила метавонанд ба ин ҳадаф бирасанд ва ба ин васила пас аз марг, яъне баъди ҷудошавии он аз ҷисм зинда монанд. Тибқи гуфтаи Форобӣ, ин ҷовидонӣ будан хусусияти шахсӣ надорад, зеро ҷисм, принсипи гуногунии миқдории насли инсон дигар вуҷуд надорад ва мувофиқан «фарқияти нафсҳо ба қадри кофӣ муайяннашавандаанд».

Ин нуқтаи назарро профессори донишгоҳи Торонто Д. Блэк таҳқиқ карда, қайд намудааст, ки “сокинони шаҳрҳои ҷоҳил дар умри баъдимаргии худ ҷазо нахоҳанд гирифт, зеро ҷаҳолаташон гуноҳи онҳо набуд; онҳо ҳамчун як оқибати табиии нотавониашон дар ба кор овардани қудратҳои зеҳнии хеш барои ҳаёти баъдимаргии нафс нопадид хоҳанд шуд. Айнан чунин ҳолат бо сокинони шаҳрҳое, ки аз ҷониби ҳокимонашон дар шаҳрҳои раҳгумшудагон фирефта шудаанд, рух медиҳад. Ҷазо дар ҳаёти оянда сокинони шаҳрҳои бадкирдорон ва роҳбарони шаҳрҳои раҳгумшудагонро низ

[233] Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. С. 340.

интизор аст, зеро онҳо дар бораи моҳияти аслӣ дониши кофӣ доштанд, аммо дидаву дониста онро ба хотири ҳадафҳои дигар рад мекарданд”.[234]

Чуноне ки маълум гардид, Форобӣ дар муқоиса бо Ибни Сино масъалаи қазо ва қадарро на дар доираи фаҳмиши метафизикии он, балки асосан дар чаҳорчӯбаи мушкилоти иҷтимоӣ ва антропологӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ғайр аз ин, қазою қадари инсони иҷтимоии Форобӣ аксаран на ба қувваҳои фавқуттабиӣ, балки ба зоти худи инсон, яъне ба хосиятҳои биологӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба хосиятҳои равонии ӯ вобаста карда мешаванд. Аммо, дар умум бошад, қазою қадари Форобӣ низ мазмунан ҳамон шаклест, ки аз он машшоиёни дигари шарқӣ низ пайравӣ намудаанд. Ин хулоса ба гуфтаҳои олими муосири эронӣ Раҳмон Ушрия мутобиқат пайдо мекунад, ки қазо ва қадарро ба якчанд ақсом ҷудо кардааст: “Қазо ва қадар дар як тақсим ба илмӣ ва айнӣ мунқасим мешавад. Қазои илмӣ – илми зотии илоҳӣ ба зарурат ва ҳатмияте аст, ки мавҷудот имконе бад-он муттасиф мешаванд. Қазои айнӣ – ҳамон зарурат ва ҳатмияти таҳаққуқи ашёи имконӣ аст аз ин ҷиҳат, ки ба воҷиб-ул-вуҷуд истинод дорад... Қадари илмӣ – илмест, ки маншаи ҳудуд ва андозаи ашё мешавад ва қадари айнӣ – ҳамон таъйини вуҷуд ва андозаи ашёст аз ин ҷиҳат, ки ба воҷиб ул-вуҷуд мунтасиб мешавад... Қазо ва қадар аз ҷиҳати дигар тақсимоти дигаре низ дорад, ки аз миёни онҳо тақсими боло бо мабоҳиси навиштори ҳозир иртибот дорад”.[235] Қазою қадари ал-Форобиро аз рӯйи ин тақсимот ба қазою қадари илмӣ ва айнӣ мутааллиқ донистан мумкин аст.

Машшоии дигар, ки масъалаи қазою қадарро дар равияи Ибни Сино баррасӣ намудааст, Насируддини Тӯсӣ мебошад. Аммо, агар Ибни Сино дар маркази ин масъала назарияи нузул ва судури нафс (эманатсия)-ро қарор дода бошад, Насируддини Тӯсӣ қазо ва қадарро дар доираи назарияи мазкур аз нигоҳи таълимоти хайр ва шар баррасӣ ва таҳлил менамояд. Лозим ба

[234] Блэк Д. ал-Фараби // Минбар, 2/2008. С. 77.
[235] Раҳмон Ашарийа. Қаламрави қадри айнӣ ва илми илоҳӣ бо такя бар ояи 21 сураи “Ҳаҷар” дар андешаи аллома Таботабоӣ // Фаслномаи илмии “Таҳқиқоти улуми Қуръон ва ҳадис”. Соли 17, шумораи 3, паёпайии 42. С. 153.

ёдоварист, ки мавҷудоти ҷаҳон, ба андешаи ӯ, аз ҷиҳати камол ва хайре, ки доранд, мутааллиқ ба мабодии аввалия қарор мегиранд. Бо таваҷҷуҳ ба ин матлаб, чунин саволе ба миён меояд, ки маншаи бадӣ ва нуқсҳо дар ҷаҳон чист ва оё беҳтар набуд, ки ҷаҳон холӣ аз ин нуқсонҳою шарҳо бошад. Насируддини Тӯсӣ дар “Равзаи таслим”-и худ менависад: “Ва маълум аст, ки хайр аз лавозими камол аст ва камол аз лавозими хайр ва шар аз лавозими нуқсон аст ва нуқсон аз лавозими шар, пас, хайри маҳз он ҷост, ки камоли мутлақ аст, ва хайру шар ба ҳам омехта, он ҷо, ки камол ва нуқсон бо ҳам омехта. Масалан, чун Ақли аввал аз кулли мавҷудот ба ҷавҳар шарифтар аст ва ба вуҷуд комилтар ва ба дараҷа олитар, камоли мутлақ ӯрост, пас, он ҷо ки ӯст, хайри маҳз аст. Ва чун Нафси куллӣ аз Ақли аввал ба ҷавҳар ва вуҷуд ва дараҷа қосир аст ва як рӯй ба икмол дорад ва як рӯй бо нуқсон, камолу нуқсони бо ҳам омехта ӯрост. Ва чун ҷисми кулл дар айни нуқсон аст [ва] нуқсони мутлақ ӯрост, пас, он ҷо, ки ӯст шарри маҳз аст”.[236]

Барои дарёфти маънои хайр ва шар дар гуфтугӯҳои маъмулӣ метавон аз таваҷҷуҳ ба вижагиҳои муштарак миёни намунаҳои возеҳи онҳо суд пайдо кард. Масалан, “саломатӣ”, “дониш” ва “амнийат” аз намунаҳои барҷалои некӣ ва “беморӣ”, “ҷаҳолат” ва “ноамнӣ” намунаи равшани шар, бадӣ аст. Бешубҳа, чизеро, ки инсон барои худ хуб ё бад ҳисобидан мехоҳад, матлуб ва номатлуб аст, яъне ӯ ҳар чиро мувофиқи хоҳишҳои фитрӣ ё табиии худ пайдо мекунад, нек ва ҳар он чизе, ки бар хилофи хоҳишҳои табиии худ пайдо кунад, онро бад номидааст. Ба ибораи дигар, барои ҷудо кардани маъниҳои мафҳумҳои хайр ва шар, дар навбати аввал, инсон муқоисаи хоҳишу рағбати худашро бо ашё анҷом медиҳад ва дар куҷое, ки муносибати мусбат вуҷуд дошта бошад, он чизро хайр ва ҳар ҷое, ки робитаи манфӣ бошад, он ашёро шар меҳисобанд.

Ба андешаи Насируддини Тӯсӣ, “хайр аз воҷибулхайр ба зот фоиз мешавад ва шар ба араз дар роҳҳо меояд, масалан, хайрро ҳамчун донаи гандум тасаввур кун, ки дар замин резанд ва обҳо он кунанд ва шар чун

[236] Насируддини Тӯсӣ. Равзаи таслим ё тасаввурот. Душанбе, 2015. – С. 41

каффе, ки дар роҳгузари об аз аҷзои туробе ҳосил ояд ва бар рӯйи об биншинад. Ва маълум аст, ки он каф аз роҳгузари об падид меояд [ва] на аз асл ва ҷавҳари об аст ва ҳамчунон ки вақте бошад, ки ғалаба ва истило ва қуввати [он] бар рӯйи об ба дараҷае расад, ки об набинанд ва пиндоранд, ки об худ нест, ҳама каф аст”.[237] Дар ин сурат, қайд мекунад файласуф, вақте ки қуввати шар бар хайр ғолиб омада, ба дараҷае мерасад, ки хайр аз назари одамон пинҳон мемонад ва онҳо гумон мебаранд, ки хайр умуман, вуҷуд надорад ва ҳама шар аст, нури хайр фурӯ менишинад ва дар олам фасод ошкор мешавад. Дар ин ҷо мушкиле ба миён меояд, ки гоҳе чизе барои як навъ аз мавҷудоти соҳибшуур матлуб буда, барои навъи дигари онҳо номатлуб аст. Дар ҳақиқат, таъкид мекунад мутафаккир, ин майлу хоҳишҳо василаҳое ҳастанд, ки дасти офариниш дар ниҳоди ҳар мавҷуди соҳибшуур қарор дода аст, то ӯро ба сӯйи чизҳое, ки мавриди ниёзаш ҳаст, раҳнамун созад. Аммо, майлу хоҳишҳои инсон, чуноне ки Насируддини Тӯсӣ таъкид мекунад, ба қазою қадари аввалия иртибот доранд: “Ва низ қадар тақдири аввал аст, ки ба амри аввал бар Ақли аввал бирафта аст ва қазо таклифи аввал аст, ки ба амри аввал бар лавҳи аввал сабт гаштааст. Ва маънии тақдири аввал ба ҳукми масал чунон аст, ки касе хоҳад, ки сарое созад ва аввал асоси девор ва хонаҳои онҳо андозад ва маънии қазо ҳам ба ҳукми масал он, ки он сарой бо ҳар чи онро бояд сохта гардад”.[238]

Насируддини Тӯсӣ бо равиши таҳлили мафҳумҳои қазою қадар дар пайи кашфи маънои ҷомеи онҳо баромада, муайян сохтааст, ки ҳар як вуҷуди мумкин ҳангоме ки зоташ танҳо мулоҳиза гардад, баробарие нисбат ба вуҷуд ва адам (нестӣ) дорад, аммо ҳар гоҳе ки бо иллати томаш ба назар гирифта шавад, ҳолати баробарӣ надошта, балки ё таҳаққуқ ва вуҷуди барояш ҳатмӣ ва муайян аст (дар сурати вуҷуди иллати том) ва ё нестӣ барояш муайян аст (дар сурати набудани иллати том). Аз сӯйи дигар, ҳатмӣ будани вуҷуд чизе

[237] Насируддини Тӯсӣ. Равзаи таслим ё тасаввурот. С. 41-42.
[238] Ҳамон ҷо. С. 42.

ғайр аз вуҷуд нест, бинобар ин, субут ва таҳаққуқ намунае аз намунаҳои ҳатмият ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, мутафаккир муътақид аст, ки инсон ба дониш ва биниши худаш "ба авоқиби умум муҳит наметавонад шуд" ва ба раъю қиёсаш барои ихтиёр намудани ҳақиқат қодир нест, ин беқудратии ӯ бошад, ночор ба ихтиёри бадӣ, шар мебарад. Ин матлабро ӯ дар мисоли таносуби эҳтиёҷи омӯзанда (мутааллим) ва омӯзгор (муаллим) шарҳ дода, баён мекунад, ки "эҳтиёҷ ба мутааллим хос аст ва хайри ӯ дар он ва истиғно ба муаллим хос аст ва хайри ӯ дар он. Чун мо ба мутааллиме гарданҳо наниҳем ва хоҳем, ки муаллим бошем, эҳтиёҷ, ки ба мо лоиқ аст ва хайри мо дар он, аз даст бидиҳем ва истиғное, ки ба мо лоиқ нест ва шарри мо дар он аст, худро тасаввур кунем ва аз он хайр бароем ва дар он шар афтем".[239] Дар ин порчаи матн хайру шар дар иртибот бо қазою қадари инсон ба масъалаи озодӣ ва итоату тобеияти ӯ дар назди падидаҳои иҷтимоӣ ва ҳам фавқуттабиӣ ишора менамояд, ки то кадом ҳад инсон метавонад дар ҳаллу фасли мушкилоти хеш эҳтиёҷ ба шахс ва ё ашёи дигар дошта бошад.

Маълум мегардад, ки ҳадафи ахлоқии Насируддини Тӯсӣ маърифат ва ба ба даст овардани некӯкорӣ ва пешгирӣ аз шарру бадӣ мебошад. Дониш на танҳо барои фарқ кардани хайру шар, балки инчунин, барои нигоҳ доштани покизагии руҳ зарур аст, ки он ягона роҳи пайвастшавӣ бо нури илоҳӣ ва ба василаи он ба саодати ҳақиқӣ ноил шудан аст. Ба андешаи мутафаккир ақли инсон бо фазли табиати илоҳияш майли некӣ карданро дорад. Шарру бадӣ ба табиати ӯ хос нест. Ҳар чизе, ки одилона аст, ба табиати инсон мувофиқ аст ва бадӣ танҳо як тасодуф аст, ки он дар натиҷаи ғалабаи нафсу ҳавас бар ақл пайдо мешавад. Донишҳои инсон барои нигоҳ доштани ҳамлаҳои ҳиссии мо кӯмак мерасонанд. Аз ин рӯ, фазилат аз он бармеояд, ки инсон ҳар чизи барои инсон табииро анҷом медиҳад, ҳавасҳои худро дар ҷояш нигоҳ медорад, то табиати ӯ роҳи дурусти худро интихоб карда тавонад, аз ин рӯ, фазилат ва нуқсонҳо амалҳои ихтиёрии ӯ ба ҳисоб мераванд. Ба маънои

[239] Насируддини Тӯсӣ. Равзаи таслим ё тасаввурот. С. 42.

дигар, чуноне ки муҳаққиқи тоҷик А. Шамолов хулоса кардааст, хайр интихоби арзишҳо аст: “Барои Тӯсӣ озодӣ – на танҳо интихоби байни хайру шар, балки қувваи сифатан муайянест, ки афзалият бахшидан ба ин ё он имкониятро дар бар мегирад”[240].

Чунонки мебинем, файласуфони машшоияи шарқӣ қадари илоҳиро ҷузъи илми илоҳӣ дониста, муътақиданд, ки қазои илоҳӣ иборат аз суратҳои зеҳнии тамоми мавҷудоти поинтар аз ақл дар Ақли аввал аст. Қадари илмӣ (ба маънои маърифатӣ) бошад, аз суратҳои ҷузъии зеҳнии мавҷудот ва ҳодисаҳое, ки дар қувваи афлок ва ё дар нафси афлок нақш ёфтааст, иборат мебошад. Қадари айнӣ аст аз суратҳои моддӣ иборат, ки дар табиат вуҷуд доранд. Аммо, ин хусусияти метафизикии масъала аст. Ба ғайр аз ин, машшоиёни шарқӣ дар иртибот бо масъалаи ҷузъиёт ё атомҳо онро бо истифода аз истилоҳҳои табиатшиносӣ баррасӣ кардаанд. Дастгирии машшоиён аз окказионализм (тасодуфгаройӣ) қобилияти онҳоро барои таъмин кардани як субстрати фалсафӣ дар теологияи онҳо ҳатто дар мавриде ҳам мусоидат намудааст, ки фарзияҳои фалсафӣ ба он комилан мувофиқ набуданд. Барои ҳамин, пайравии машшоиёни шарқӣ аз атомизм як варианти хеле осонтар барои баррасии мероси байни атомизм ва зидди детерминизм ба ҳисоб мерафт.

Хулоса, чунин ба назар мерасад, ки дар таълимоти машшоиёни шарқӣ амалҳо ва фаъолиятҳои инсон бо сабаби зарурӣ сурат мегиранд: ҳеҷ чиз худ аз худ, беихтиёр, бидуни сабаби пешакӣ ё худмухтор ба вуҷуд намеояд, балки аз иллати беруна вобаста аст. Ғайр аз ин, ба таври дақиқ нишон дода мешавад, ки ин муносибати сабабӣ аз рӯйи як усули муқарраршуда коркард гардида, дар вақти муайян ва мувофиқи як раванди дақиқ муайяншуда ба амал меояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи рӯйдодҳо ҳатман хусусияти детерминистӣ доранд, замон ва тарзи рух додани ягон ҳодисаи муайянро Худо дар маҷмуъ ҳамчун як чаҳорчӯбаи фаъолияташ қарор додааст. Метавон

[240] Шамолов А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. – Душанбе, 1994. С. 77.

ин як “созишнома” байни сабабҳои дохилӣ ва берунӣ ҳамчун робитаи заифи ду навъи сабаб тафсир карда шавад: дар ин ҳолат сабабҳои беруна ҳамчун шарти ҳодис шудани ашё маънидод гардида, аммо сабабҳои дохилии онҳоро пурра муайян кардан намешавад. Аммо, исрори машшоиёни шарқӣ бар вуҷуди яқини таъсирҳо ин гуна тафсирҳои имконпазирро ба таври назаррас ботил месозад. Хусусияти волюнтаристии таълимоти машшоиён дар он ифода меёбад, ки онҳо таъкид бар он накардаанд, ки амалҳои ихтиёрии инсон аз детерминантҳои беруна вобастагии комил доранд, ҳарчанде ки ин амалҳо дар доираи тартиботи умумии олам сурат мегиранд ва ҷузъи он мебошанд. Тартиби муайяне, ки дар заминаи сабабҳои дохилӣ ва берунӣ муқаррар шудааст, қазо ва қадар мебошад, ки Худо барои инсон муқаррар намудааст.

2.4. Озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар

Дар фалсафа озодии ирода ҳамчун қобилият ва қувваи инсон, ки бидуни иҷборият аз миёни воситаҳои гуногуни фаъолияти ӯ ихтиёр намуда метавонад, ном гирифтааст. Дар пайи ин тафсир, пайгирӣ намудан аз вуҷуд надоштани маҳдудиятҳо дар фаъолиятҳои инсон аст, ки он барои инсони озод иҷро намудани ҳар гуна амалҳоеро, ки барои ӯ дилхоҳ аст, имкон медиҳад. Дар фаҳмиш ва тафсири озодии ирода ду нуқтаи назари бо ҳам мухолиф вуҷуд дорад: аввалан, ба истилоҳ либертарианизми метафизикӣ – ҳукм дар бораи он ки детерминизм нодуруст аст ва аз ин ҷо, озодии ирода вуҷуд дорад ва ё ҳадди ақал имкон дорад; сониян, детерминизми яктарафа – ҳукм дар бораи он ки детерминизм дуруст аст ва озодии ирода вуҷуд надорад. Ҳардуи ин мавқеъ дар ҳолати тасдиқ кардани он ки детерминизм бо озодии ирода якҷо буда наметавонад, ҳамчун мавқеи ғайрикомпатибилистӣ баҳогузорӣ мешаванд ва баръакс, агар нақши детерминизм дар ин масъала инкор гардад, чунин мавқеъ компатибилистӣ хоҳад буд.

Масъалаи озодии ирода дар дин, ахлоқ ва илм мавриди баррасӣ қарор мегирад. Масалан, дар дин озодии ирода маънои онро дорад, ки хоҳишҳо ва интихоби шахс метавонад бо дониши илоҳӣ ҳамзист бошанд. Дар ахлоқ мавҷудияти озодии ирода масъулияти маънавии одамонро барои амалҳои ӯ муқаррар карда, бо мафҳумҳои гуногуни он, аз ҷумла, масъулияти ахлоқӣ, саодат, гуноҳ, эътиқод, тасмим баровардан ва дигар ҳукмҳое, ки танҳо ба амалҳои озодона интихобшудаи инсон иртибот доранд, муайян мегардад. Маъмулан, чунин ҳисоб карда мешавад, ки танҳо амалҳое, ки аз тариқи озодии ирода иҷро карда мешаванд, сазовори таърифу тавсиф ва ё гуноҳу ҷазо буда метавонанд. Ҳамин тавр, новобаста аз он ки, озодии ирода вуҷуд дорад, он чист ва оқибатҳои вуҷудият ва ё адами он чӣ гунаанд, аз баҳсҳои тулонитарин дар фалсафа ва дин ба шумор меравад: баъзеҳо озодии иродаро ҳамчун ҳуқуқи амали инсон берун аз таъсир ё хоҳишҳои беруна тасаввур мекунанд, баъзеи дигарашон бошанд, чунин ақида доранд, ки озодии иродаи

инсон ин қобилияти ихтиёри ӯст, ки бо ҳодисаҳои қаблӣ робитаи детерминистӣ надорад.[241] Дар робита ба ин, низомҳои зиёди фарҳангӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва мактабҳои фикрие ба вуҷуд омаданд, ки ҳамаашон дар парадигмаи дутарафа мавқеашонро ишғол карда буданд: аз як тараф, детерминизми мутлақ, ки боиси рад кардани озодии ирода ва пас, ҳамаи ченакҳои дигари озодӣ мегардад, зеро детерминизм ҳама гуна баррасиҳои ахлоқии ҳаёти инсонро инкор мекунад ва саҳми инсонро дар тақдир ва татбиқи он нодида мегирад. Аз тарафи дигар, озодии мутлақ ё аслан, озодии номаҳдуд боиси он мегардад, ки дар он инсон аз қоидаҳою суннатҳои иҷтимоию таърихӣ даст мекашад.

Бояд қайд кард, ки дар дини ислом озодӣ ва итоату тобеият ба иродаи Худо ҳамчун фазилати фарди мусулмон эътироф шудааст. Ин шаҳодат бар он медиҳад, ки Худо дар ислом хусусияти антропоморфӣ надорад ва аз ин рӯ, инсон шабеҳи Худо нест ва ҳамчун махлуқ дар муқоиса бо Ӯ куллан нокомил аст. Дар маҷмуъ, масалан, итоату тобеият дар ислом се ҷанба дорад, ки бо ҳам алоқаманданд, аммо, бо ҳам шабеҳ нестанд. Ҷанбаи аввали ё итоат аз нигоҳи динӣ дар муносибати шахсии инсон бо Худо алоқаманд аст. Мо онро ҳамчун итоаткорӣ ё фармонбардории динӣ меномем. Мувофиқи ақидаҳои динӣ, итоаткорӣ ё фармонбардорӣ дар назди шароити номусоиди муҳити иҷтимоӣ ва ҳаёти шахсӣ як шакли озмоиш дар ҳаёти заминист. Он сарфи назар аз ҳама гуна озмоишҳои зиндагӣ собитқадамии инсонро дар озмоишҳо ва садоқат ба аҳкоми динӣ ва эътиқоди ӯро пешбинӣ мекунад. Ҷанбаи дуюми итоаткорӣ ё фармонбардории динӣ муносибати фардро ба ранҷу озмоишҳое, ки Худо дар ҳаёти инфиродӣ ё сарнавишти шахсии ӯ ҷойиз донистааст, муайян мекунад. Ин ҷанбаро метавон таҳаммули динӣ ном ниҳод. Ҷанбаи сеюми итоаткорӣ ё фармонбардории динӣ, муносибати инсонро ба олами беруна муайян мекунад. Ҳамин тавр, дар ислом итоаткорӣ ё фармонбардорӣ

[241] Ниг.: Baumeister, R.F. and Monroe, A.E., 2014. Recent research on free will: Conceptualizations, beliefs, and processes. In Advances in Experimental Social Psychology (Vol. 50, pp. 1–52). Academic Press; Bobzien, Susanne (1998). Determinism and freedom in Stoic philosophy. Oxford University Press. ISBN 978-0-19-823794-5. Retrieved 2015-12-09.

дар назди иродаи Худо ҳамчун фазилати инсон эътироф шудааст”,[242] ки ба андешаи мо, аз баррасиҳо ва натиҷагириҳои илмӣ аз ин масъала хеле ҳам дур аст.

Аз ҷониби дигар, ислом ҳақиқатро аз озодӣ ҷудо намекунад. Ҷудоии ҳақиқат ва озодӣ ба он оварда мерасонад, ки инсоният беҳамтоӣ ва шаъну шарафи худро инкор хоҳад кард. Худо озод аст, одамон ҳам, онҳо ҳадди ақал дар муҳити дунявиашон озоданд. Худои озод, тибқи таълимоти умумиисломӣ, танҳо аз одамони озод талаб карда метавонад, ба маънои дигар, Худои озод ба одамони озод, ки ҳокими зиндагии худ ҳастанд, ниёз дорад ва Ӯ ҳаёти шахсии ҳар як инсонро назорат намекунад, балки амалҳо ва рафтори онҳоро доварӣ мекунад. Ӯ ба инсон ирода медиҳад, ки рафтору кирдорҳояшро назорат кунад ва дар назди Ӯ ҳисобот диҳад. Тавре ки Иқбол мегӯяд, “Бидуни шак, пайдоиши нафси дорои қудрати амалҳои стихиявӣ ва аз ин рӯ пешгӯинашуда, ба як маъно маҳдудияти озодии нафси ҳамаҷониба аст." Аммо ин маҳдудият аз берун ҷорӣ карда намешавад. Он аз озодии эҷодии Ӯ ба вуҷуд омадааст, ки дар он Ӯ нафси инсон, “Ман”-и ӯро интихоб кардааст, то шарики ҳаёт, қудрат ва озодии вай бошад. М. Иқбол дар ин бора фармудааст: “Лаззатҳо, андӯҳҳо ва хоҳишҳои ман ба таври истисноӣ аз они мананд, ки ҷузъи ҷудонашавандаи эгои шахсии маро ташаккул медиҳанд. Эҳсосот, нафрат ва муҳаббат, ҳукмҳо ва хулосаҳоям танҳо аз они мананд. Худи Худо, ҳангоме ки дар назди ман ҳамчун як равиши феъл кушода мешавад, ба ҷойи ман наметавонад, ки эҳсос, доварӣ ва интихоб кунад. Ба ҳамин монанд, барои шинохтани шумо, ман бояд шуморо дар гузашта мешинохтам. Шинохти ман аз макон ё шахс маънои истинод варзидан на ба таҷрибаи гузаштаи як эгои дигар, балки таҷрибаи гузаштаи худамро дорад. Маҳз ҳамин пайвастагии беназири ҳолатҳоямонро бо калимаи “Ман” ифода менамоем...”.[243]

---

[242] Қуръон 4:59

[243] Икбал М. Реконструкция религиозной мысли в исламе. Пер. с англ., предисл. и коммент. М.Т. Степанянц. -М.:Вост. лит., 2002. С. 103.

Итоат ё фармонбардории инсон дар ислом бо таълимоти он дар бораи қазою қадар низ асоснок карда мешавад. Итоату тобеият дар ислом маънои онро дорад, ки инсон ба пастии мартабати хеш дар назди Худою паёмбарон ва итоати бечунучаро ба иродаи Ӯ эътиқод дорад. Аммо, дар баробари ин, мақоми инсон дар ислом ҳамчун ҷонишини Худо дар рӯйи замин, ки барои нигоҳ доштани тартиботи муқарраркардаи Ӯ мукаллаф шудааст, фаъолияти ӯро мувофиқи иродаи Худо тақозо мекунад. Моҳияти фаъоли итоат ё фармонбардории динӣ дар ислом на танҳо ба такмили ахлоқи дохилӣ, балки ба татбиқи арзишҳо ва принсипҳои ахлоқии умумиинсонӣ нигаронида шудааст. Дар муқобили итоаткорию фармонбардорӣ озодии ихтиёр дар рафтори инсон, сарфи назар аз маҳдудиятҳои зиёд, вуҷуд дорад: «Қобилияти инсон барои таъсир расондан ба сабабҳои ҳодисаҳо хеле маҳдуд аст ва онҳо асосан ба интихоби психологии байни имкониятҳои пешниҳодшуда ва рафтори ӯ, ки ба чунин ихтиёр асос ёфтаанд, иртибот доранд. Дар айни замон, натиҷаи ниҳоӣ на ҳамеша аз ихтиёр, балки аз рафтори инсон низ вобаста аст».[244]

Таҳрикҳои интеллектуалие, ки масъалаи қазою қадари илоҳиро дар муқобили ихтиёри инсон ба миён овард ва ҳамчунин, натиҷаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ибтидо, аз лаҳзаи пайдоишашон дар байни шумораи зиёди мутафаккирони шарқӣ бештар хусусияти илоҳиётшиносӣ доштанд, ки минбаъд дар асарҳои Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон хусусияти ақлонӣ ва баъдан, фалсафӣ пайдо карданд. Кӯшишҳои онҳо барои ба таври ақлонӣ-мантиқӣ ва эҷодкорона ҷалб кардан ва ба ҳам овардани шаклҳои сершумори донишҳои ба онҳо дастрас маърифати интиқодии масъалаҳое, ба монанди офариниш, фаязони нур, иллату маълул, табиати дониш ва иродаи илоҳӣ ба ҳисоб мераванд. Ин масъалаҳо бо мавзуи асосии ин бахши таҳқиқоти мо - озодии ирода ва тақдири илоҳӣ зич алоқаманданд ва аз ҷониби мутафаккирони дар боло зикршудаи машшоияи шарқӣ барои кӯшиши пайдарҳамии онҳо барои наздик кардани низомҳои

[244] Евдокимов И.В. Кораническая антропология. С. 242.

назариявии худ ба таълимоти муътазила бидуни огоҳона ё беихтиёрона омезиш додани он бо таълимоти Афлотун, Арасту, навафлотуниён ва дигарон инъикос меёфт. Бо вуҷуди ин, тактикаи ҳамоҳангсозӣ ё “созиш” додани ин мутафаккирон аз ҳам фарқ мекард ва дар айни замон зарурати таърихӣ-иҷтимоӣ буд.

Баррасии мавзуи озодии ирода бо масъалаи қазо ва қадар, ки онро дар бахши пешинаи таҳқиқотамон ба иҷро расондем, бо истифода аз мафҳумҳои тақдири илоҳӣ ва детерминизм дар ҷанбаҳои гуногун истифода мешавад. Он қабл аз ҳама, ҷанбаҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки дахолати бевоситаи Худо ба офариниши мавҷудот таъкид карда мешавад, хусусан, дар робита бо мавзуи офариниш дар азалият ва абадияти олам; дуюм, он ба ҷанбае дахл меекунад, ки дар он ақидаи Арастуии тақдир (қадар)-и ҳамаи мавҷудот асосан на ба хоҳишу иродаи илоҳӣ, балки ба табиати фитрии онҳо вобаста аст; ниҳоят, ҷанбаи ахлоқӣ ва баррасии масъалаи иродаи инсон ба мадди аввал гузошта мешавад. Масалан, Абу Насри Форобӣ, дар асараш “Китаб ат-танбиҳ ‘ала сабил ас-са‘ада” дар бораи саодат сухан ронда чунин гуфтааст: “Саодат – ҳадафест, ки ҳар як инсон ба сӯйи он ҷаҳд мекунад, зеро он – як навъ камоли ӯст... Саодат тавассути дурандешӣ ҳосил намешавад, ба шарте ки агар он пешбинишуда ва сунъӣ бошад, яъне ҳангоме ки инсон дарк мекунад, ки чиро ва чӣ тавр ӯ тамйиз мекунад ва он на дар нисбати ҳамаи чизҳо ва на ҳама вақт ба кор меравад... Саодат фақат бо он дурандешие касб мегардад, ки агар инсон дарк намояд, ки чиро ва чӣ тавр ӯ дар тули тамоми умраш тамйиз мекунад. Бадбахтӣ дар ҳоле ба сари инсон меояд, ки агар амалҳои ӯ, таъсироти нафс ва андешаи пок бо он чи дар боло зикр шуд, дар ихтилоф бошад, яъне агар ӯ амалҳои нопокро бо иродаи шахсӣ ва ихтиёри [озод] дар нисбати ҳамаи аъмолаш дар тули умраш содир карда бошад...”.[245]

Форобӣ дар китоби дигараш “Арā’ аҳл ил-мадинат ил-фāзила” бахшеро таҳти унвони “Дар бораи ирода ва ихтиёри [озод] ва дар бораи саодат” пешкаш менамояд, ки дар он роҳҳои ҳосил шудани ирода, ихтиёр ва саодатро

[245] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1973. С. 8

равшан менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки ҳар гуна ҷаҳду ҷадал ба сӯйи он, ки маърифат мегардад, умуман зуҳурёбии иродаи озод аст ва илова мекунад, ки агар он аз маҳсусот ва ё тахайюлот ихроҷ гардад, дорои номе хоҳад шуд, ки бо озодии ирода умумият дорад, аммо агар аз тахайюл ва ё тафаккур ихроҷ гардад, онро бо истилоҳи умумии иродаи озод ном мебаранд, ки он фақат ба инсон хос аст. Тавассути иродаи озод инсон майл ба сӯйи саодати хеш дорад. Он, ба қавли Форобӣ, чунин аст, ки "нафси инсонӣ то чунон ҳадди камоли ҳастӣ мерасад, ки дигар барои вуҷудияти хеш дар шакли модда эҳтиёҷе надорад, зеро бо маҷмуи ҳастиҳое пайваст мешавад, ки онҳо аз ҷисм озоданд ва бо ҷавҳарҳое, ки аз модда ҷудоянд ва ба ҳамин минвол абадӣ вуҷуд хоҳад дошт... Вай [саодат]-ро ба василаи фаъолиятҳои озод касб менамояд, ки қисме аз онҳо ақлонӣ буда, қисми дигарашон – ҷисмонӣ... Фаъолиятҳои озод, ки барои касби саодат кӯмак мерасонанд, амалҳои беҳтаринанд".[246]

Дар "Китāб ас-сийāсāт ал-маданийа" мутафаккир масъалаи озодии иродаро бо масоили метафизикӣ алоқаманд сохта, ҳамбастагии онҳоро бунёд мекунад. Қабл аз ҳама, Форобӣ қайд мекунад, ки воситаи пайдоиши хоҳиш ва ё нафрат аҷзои бадан мебошанд, ки ба фазли онҳо инчунин, ирода низ тавлид мешавад. Ҳамин тавр, мушаххасан, ирода хоҳишест, ки аз эҳсосот бармеояд. Хоҳиш, ба андешаи Форобӣ, ба қисмати саъй ва талоши нафси инсонӣ нисбат дода мешавад, дар ҳоле ки, дарк ҳиссиёти ҷисмонии ӯро ифода мекунад. Дар пайи онҳо, қисмати тахайюлии нафс ташаккул меёбад, ки ба шарофати он хоҳиш ба вуҷуд меояд ва ҳамин тариқ, пас аз иродаи аввал иродаи дуюм меояд. Иродаи дуюмро мутафаккир натиҷаи хоҳише медонад, ки аз тахайюлот ҳосил мешавад, ки ба шарофати ин иродаи инсон метавонад донишҳои аввалинро касб намояд, ки онҳо ба василаи ақли фаъол дар қисмати ақлонии нафси ӯ ҳосил мешавад. Раванди минбаъдаи ташаккул ёфтани иродаро Форобӣ чунин тасвир намудааст: "Сипас, дар вуҷуди инсон навъи сеюми ирода пайдо мешавад, яъне хоҳише, ки аз қобилияти тафаккур бармеояд. Ин навъи охирин озодии ихтиёр ё интихоб номида мешавад, ки

[246] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 289.

танҳо ба одамон хос аст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ на ба ҳайвоноти дигар. Ба шарофати он шахс метавонад рафтору кирдорҳои мамдуҳ ва макруҳ (ситоишшаванда ва маломатшаванда), корҳои хайр ва шарро иҷро кунад ва барои онҳо ба савобу ҷазо дучор гардад. Ду иродаи аввал метавонад дар ҳайвони беақл ҷой дошта бошад. Агар инсон ба се намуди ирода доро шуда бошад, пас, вай метавонад барои саодат талош варзад, зеро ӯ қобилияти фарқ кардани нек ва бадро хоҳад дошт”.[247]

Форобӣ таъкид мекунад, ки инсон саодатро танҳо ба воситаи қувваи назариявии ақлониаш дарк мекунад ва на ба воситаи қувваҳои дигар ва он ҳангоме рух медиҳад, ки шахс аввалин донишҳоеро, ки ба ӯ аз ақли фаъол мерасанд, истифода бурда, сипас, тавассути қувваҳои саъйкунанда роҳи саодатро меҷӯяд. Ӯ дар китоби “Таҳсил ус-саʻāда” таъкид мекунад, ки барои инсон табиист, ки баҳри камоли хеш талош варзад. Болотарин камол бе ёварии мардуми ба даст оварда намешавад. Бинобар ин, инсон ба донишҳои дигар, ба ҷуз аз донишҳои табиӣ, ниёз дорад, ки бо усули ақлонӣ дар партави зарурати ҳаётии хеш бояд ҳамзистӣ бо онҳоро баррасӣ намояд. Инсон вақте қодир аст, ки хоҳишу хостаҳои табииашро ба унвони ҳайвони маданӣ бароварда кунад ва ноилоҷ ба тафаккури метафизикӣ руҷуъ намояд. Ин тафаккур шомили пазириши асли аввал (мабдаи аввал), яъне Худо аст. Сипас, инсон ба дониши инсонии сиёсат мепардозад, дар бораи ҳадафи вуҷуди худаш андеша меронад, яъне дар бораи камоле, ки бояд инсон ба он расад.

Форобӣ, ҳарчанд ба масъалаи сиёсати давлатдорӣ сару кор дошт, аммо озодии ирода ва умуман, озодии инсонро, аз нуқтаи назари сиёсӣ мавриди таҳлил қарор дода, мавқеи ӯ дар хулосаҳои шарқшиноси маъруф Ф. Роузентал равшан карда шудааст. Ин олим қайд намудааст, ки “дар забони сиёсии ислом истилоҳи “озодӣ” барои ифодаи он навъи озодӣ ба кор меравад, ки ба парастиши ғайри Худо дар ду тафсир муқобил гузошта мешавад: аввалан, он ҳамчун озодшавӣ аз ҳокимияти дунявӣ таъбир меёбад; сониян, он ҳамчун озодшавӣ аз ҳавасҳо ва хоҳишҳои ботинӣ нисбат ба васвасаҳои

[247] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 112-113.

моддӣ мавриди фаҳмиш қарор мегирад”.[248] Дар робита бо чунин тарзи масъалагузорӣ, Форобӣ муътақид аст, ки фитрати ҳар инсоне бо он чӣ вай шоистаи ҳаракат ба самти он аст, иртибот дорад. Дар фитрати табиии ин ҳайвони маданӣ хислатҳои гуногун бо ҳам якҷо қарор дода шудаанд ва аз ин рӯ, одамон на фақат аз рӯйи майлу ирода, балки фитрати табииашон низ фарқ доранд. Ӯ менависад: “На ҳар як инсон табиатан қобилияти ба даст овардани маъниҳои ақлониро дорад. Афроди инсонӣ табиатан дорои қувваҳою қобилиятҳои гуногун буда, мухталифанд. Дар байни онҳо ашхосе ҳастанд, ки тавассути табиат аз мабодии аввал чизеро намегиранд, баъзеҳо онҳоро дар шакли таҳрифшуда мегиранд. Онҳо девонаҳоянд. Одамоне ҳастанд, ки онҳоро дар шакли таҳрифнашуда мегиранд. Онҳо ашхосеанд, ки қобилиятҳои фитрии солим доранд. Фақат онҳо метавонанд, ки ба саодат бирасанд”.[249]

Мутафаккири мазкур қоил бар эҳтимолияте дорад, ки метавонанд ду ё якчанд нафар одамон ҳамон як қобилияти маънипазири чизеро дошта бошанд, аммо дар ин ҳолат яке аз онҳо табиатан тариқи идроки маъниҳо моил бар кашфи хусусиятҳои камтари ин чиз буда, дигари онҳо қобилияти кашфу идроки ҳамаи хусусиятҳои он чиз мебошад. Айнан ҳамин тавр, ин ашхос аз рӯйи қобилияти кашф намудани ашё якхелаанд, аммо яке аз онҳо ин корро зудтар ва дигаре сусттару дертар ба иҷро мерасонад. Ба ҳамин маънӣ, на ҳар як шахс қобилияти роҳбарӣ кардани шахси дигареро дошта, на ҳар кас дигареро барои иҷрои коре шавқманд карда метавонад. Форобӣ менависад: “Шахсе, ки шахси дигарро барои иҷро намудани яке аз ин корҳо мутлақо шавқманд сохта ва ӯро дар он истифода бурда наметавонад ва танҳо ба иҷрои корҳое қодир аст, ки ба ӯ мефармоянд, ӯ дар ягон ҷое роҳбар нашуда, балки иҷрокунанда боқӣ мемонад. Шахсе, ки роҳбарии дигаронро дар иҷрои коре карда, онҳоро барои он шавқманд ва истифода бурда метавонад, дар ин кор

[248] Rosenthal, Ervin (1958), Political Thought in Medieval Islam. Cambridge: Combridge University Press, p. 121.
[249] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 116.

онҳоеро роҳбарӣ мекунад, ки худашон аз уҳдаи иҷро кардани он намебароянд”.[250]

Возеҳ аст, ки Форобӣ робитаи байни одамон, дурусттараш, аҳли мадинаҳоро на ҳамчун робитаи озоду баробар, балки робитаи байни ноқис ва комил медонад ва ба ҳамин далел афроди ҷомеаро аз озодии баён ва озодии интихоб маҳрум месозад ва онҳо сирфан бояд он чиро, ки раиси аввал ба василаи ақли фаъол барои саодати ҷомеа дарёбад ва ба ҷомеа амр мекунад, итоат ва иҷро намоянд. Аз ин ҷост, ки Форобӣ фард (раиси аввал)-ро муқаддам бар мадина (шаҳр) медонад. Аммо бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ кард, ки ин ақидаи Муаллими сонӣ бо нодида гирифтани озодӣ дар арсаи умумӣ, аз нигоҳи мо, барои пешбурди ҷомеа бар ҳасби дастурҳои пешакӣ таъйиншуда монеа гашта, боиси нобудии фардият дар ҷомеа шуда метавонад.

Дар воқеъ, Форобӣ файласуфе буд, ки аз маҷрои баҳси вуҷуди инсонӣ ба вуҷуди сиёсӣ расида, ҳадафи аввалияи ӯ ба даст овардани саодат буд. Ӯ саодатро кори фардӣ намедонад, балки муътақид аст, ки касбкунандаи саодат ниёзманди дониш ва аъмоли дигарон аст, ба маънои дигар, иродаи озоди инсон дар ин ҳолат аз даст рафта, итоату тобеияти ӯ дар назди дигарон ба мадди аввал мебарояд. Аммо чунин шакли муносибат дар тамоми анвои ҷомеаҳои гузашта ва имрӯза ҳукмфармо буда, фард маҷбур аст, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ ҳуқуқҳо ва хоҳишҳои фардиашро дар зери итоати талаботи қонунҳои умумии одамон вогузорад. Дар ин ҷо, масъалаи иродаи умум ва хислатҳои фардии одамонро бояд аз ҳам ҷудо кард ва ин маънои онро хоҳад дошт, ки иродаи озод дар таълимоти Форобӣ асосан дар пайвастагӣ ба хусусиятҳои ҷисмонӣ-биологии фард тафсир меёбанд. Масалан, масъалаи хоҳишу иродаи инсонро барои ҳосил намудани лаззати ҷисмонӣ матраҳ намуда, файласуф менависад: “Мо боварӣ дорем, ки лаззат бурдан аз ҳар амалу кор ҳадаф аст ва мо бо ин ҳама амалҳои худ ба сӯйи он саъйю талош меварзем. Лаззатҳое вуҷуд доранд, ки дарки ҳиссиро пайравӣ мекунанд, ба монанди онҳое, ки аз паси дарки ҳисси шунавоӣ, чашм, таъм,

[250] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 122.

ламс ё бӯй мераванд. Ва лаззатҳое мавҷуданд, ки дар пайи дарки чизе ҳастанд, масалан, хислатҳое, ки ба ҳукмронӣ, қудрат, ғалаба, дониш ва амсоли онҳо нисбат дода мешаванд”.[251] Дар асари дигари худ бошад, Форобӣ бевосита ба хоҳишу иродаи инсон барои идроки ашё таваҷҷуҳ намуда, нақши фаъолияти равонии инсонро дар он чунин баён намудааст: “Аммо, агар хоҳиши маърифати чизи маҳсус тавассути эҳсосот вуҷуд дошта бошад, пас, тавассути онҳо ин хоҳиш амалӣ мешавад, ки аз феълҳои ҷисмонӣ ва психикӣ иборат аст”.[252]

Ин маънои онро дорад, ки аз назари Форобӣ ҳар фарде ба қадри истеъдоди хеш метавонад аз лаззат ва дар ниҳояти кор, аз саодат бархӯрдор шавад, вале он аза хислатҳои шахсӣ ва афъоли иродавии ӯ вобаста мебошад. Албатта, афъоли иродӣ ва ихтиёрӣ низ замоне амалӣ мегарданд, ки инсон маъқулотро билфеъл дар нафси худ дарк мекунад. Инсони ноогоҳ аз маъқулот ва ҳақоиқ на озод хоҳад буд ва на хушбахт, аз ин рӯ, саодат камоли нафс аст. Он чизе, ки инсонро ба такомули нафсаш мерасонад, фазилат ва некӣ аст. Ба андешаи мутафаккир, чаҳор навъи фазилат вуҷуд дорад, ки инсонро ба марҳилаҳои камолот мебарад: фазилатҳои назариявӣ, фикрӣ, хулқӣ ва амалӣ. Фазилатҳои назариявӣ маҷмуи маълумотест, ки аз тариқи бурҳонҳои яқинӣ ё бо кӯмаки қувваи тахайюл дар нафс ҳосил мешавад ва ҳадафи онҳо аз он иборат аст, ки инсон битавонад мавҷудот ва сабабу оқибатҳои онҳоро дарк кунад. Форобӣ таъкид мекунад, ки фазилатҳои назариявӣ ҷуз мантиқ, теология, математика ва табиатшиносӣ чизи дигаре нестанд. Фазилатҳои фикрӣ бошанд, василаҳоеанд барои шинохти манфиатҳои мардум ва ҷомеа, ки вобастаанд аз судури аҳком ва қонунҳо. Фарқи байни фазилатҳои назариявӣ ва фикрӣ дар он аст, ки ба фазилатҳои фикрӣ масъалаҳои маъқул (оқилона)-и иродӣ ва ба фазилатҳои назариявӣ масоили хорич аз нафси одамӣ тааллуқ доранд. Фазилатҳои ахлоқиро мутафаккир иборат аз ичрои корҳои хайр барои дигарон ҳисобидааст. Дар

[251] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 25.
[252] Аль-Фараби Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, «Наука», 1970. С. 269

фазилатҳои фикрӣ инсон хайрро ё барои худ мехоҳад ё барои дигарон, аммо дар фазилатҳои ахлоқӣ аз он ки инсон гом ба сӯйи камол мебардорад, хайрро барои дигарон мехоҳад. Фазилатҳои амалӣ бошанд, иборат аз таҳаққуқ бахшидани фазилатҳои ахлоқӣ ва эҷоди он дар миёни мардуми мадинаи фозила ва ё ғайри он мебошанд.[253]

Тамоми ин гуна саъю талошҳоеро, ки аз эҳсосот ва тахайюлот бармеоянд, Форобӣ дар маҷмуъ ҳамчун зуҳурёбии иродаи озоди инсон шумурда, хулоса мекунад: “Агар он аз ҳиссиёт ё тасаввурот бармеояд, пас, он дорои номи умумӣ бо зуҳури озодии ирода аст; аммо, агар он аз тафаккур ё муҳокима бармеояд, онро бо истилоҳи умумии интихоби озод меноманд, ки маҳз ба инсон хос аст”.[254]

Ҳамин тариқ, Форобӣ озодии иродаи инсонро ҳарчанд дар доираи масъалаҳои иҷтимоӣ ва назарияи хаёлии “мадинаи фозила” дар ҳамбастагӣ бо масоили метафизикӣ ва хусусан, назарияи судур ва нузули нафси инсон аз тариқи фаязони нури илоҳӣ баррасӣ намояд ҳам, аммо, худи воқеияти ба майдони баҳс кашидани ин мавзуъ дар шароити он давра барои илми фалсафа комёбии бузург буд. Албатта, ин назария решаҳои гуногуни худашро дошт ва хусусияти ақлгароии он аз осори мутафаккирони Юнони Қадим сарчашма мегирад. Аз ҷониби дигар, таъсири худи мактабҳои ақлонӣ ва мутафаккирони пеш аз ӯ, монанди “Ихвон ус-сафо” ва Ал-Киндӣ низ дар рушди он саҳми хоса доштанд. Баъд аз Форобӣ бошад, ин суннат дар таълимоти пайравони дигари машшоияи шарқи, аз ҷумла, Ибни Сино боз ҳам бештар равнақ ёфт.

Озодии иродаи инсон дар таълимоти мутафаккирони мазкур бо ғояи итоаткорӣ ё фармонбардорӣ ва назарияи қазою қадар пайвастагии зич дорад. Итоаткорӣ ё фармонбардорӣ аксаран дар доираи таълимоти умумиисломӣ матраҳ шуда, барои асоснок кардани он маъмулан ба Қуръон руҷуъ карда мешавад. Дар он тақдири инсон, вижагиҳо ва мундариҷаи ахлоқии ӯро

[253] Ал-Фараби Абу Наср.Ара аҳл ал-мадина ал-фозила. – ал-Қаҳира, 1385. С. 226 (ба забони арабӣ).
[254] Аль-Фараби Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. С. 288.

муайян карда, ба фаъолиятҳои шахсии фард таъсир мерасонад. Итоаткорӣ ё фармонбардорӣ дар таълимоти ин мутафаккирон, аз як тараф, огоҳии инсон аз аҳаммияти худ дар назди Худо, эътирофи итоати вай дар назди иродаи Ӯ талқин мешавад. Аз тарафи дигар, мақоми шахсро ҳамчун вакили Худо дар рӯйи замин, ки барои нигоҳ доштани тартиботи муқарраркардаи Ӯ офарида шудааст, нишон дода, аз инсон фаъол будан мувофиқи иродаи Худо талаб карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар тамоми асарҳои Ибни Сино дар бораи иродаи инсон ба таври возеҳ ва амиқ хеле кам гуфта шудааст, ҳол он ки, дар асари ӯ бо номи “Таълиқот” ба масъалаи озодии иродаи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро дар заминаи тафсири воҷиб-ул-вуҷуд баррасӣ менамояд. Азбаски, шумораи ками муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки мавқеи Ибни Синоро дар бораи иродаи инсон муайян намоянд ва ё дар таҳқиқоти худ “Таълиқот”-ро сарфи назар кардаанд, таҳқиқи навини ин масъала дар доираи асари мазкур, ба ақидаи мо, фаҳмиши наверо фароҳам хоҳад овард. Қабл аз ҳама, бо муайян кардани он, ки дар “Таълиқот” назари Ибни Сино ба иродаи инсон ва муносибати он ба иродаи илоҳӣ чӣ гуна аст, моҳияти худи масъалаи озодии инсон низ муайян хоҳад гашт.

Дар оғози китоб Ибни Сино масъалаи судури афъолро аз мавҷудот дар доираи метафизикӣ шарҳ дода, менависад, ки инсон чизеро барои шаҳват ё лаззаташ мехоҳад ва на ба хотири он, ки зоти чиз муроди инсон бошад ва агар шаҳвату лаззат ё ғайри онҳо ба зоти он аз тариқи шуур эҳсос гардад, масдари афъоли ашё зоташон мебуд ва он хостгори ин ашё ба зоташ мебуд ва ирода танҳо аз тариқи эҳсоси шуур зоти он мегардид. Аммо, илова мекунад мутафаккир, “ҳар чизе, ки аз фоил содир мешавад, ё он ба зот ва ё араз аст; ҳар чизе, ки ба араз аст, ё табиӣ ва ё иродӣ мешавад. Ҳар гуна феъл бошад, аз илм содир мешавад, ки он на ба табъ ва на ба араз, балки ба ирода ҳосил мегардад. Ҳамаи феъл аз фоил содир мешавад ва фоил судури хешро аз он маърифат мекунад ва медонад, ки он – фоили ӯст ва ин фоил аз илми ӯ содир мешавад. Ҳар як феъл аз ирода содир мешавад ва ҳақиқатан мабдаи он ирода

илм, гумон ва ё тахайюл аст”.[255] Барои ин шарҳи ин суханон Сино мисоле меорад, ки масалан, аз илм феъли муҳандис ё табиб ҳосил мешавад, аз гумон – парҳез аз тарсу хатар ва аз тахайюл – вақте ки инсон чизеро талаб мекунад, ки ба чизи олитарин ва ё хуб шабеҳ аст, то онро дар кори олӣ ва ё хуб ба кор барад. Дар айни замон, мутафаккир таъкид мекунад, ки нодуруст мебуд, ки агар феъли воҷиб-ул-вуҷудро бар ҳасби гумон ва тахайюл донем, зеро ки ҳамаи боқимондаи афъол ғараз ва инфиол таъсир) аз феъли он аст. Ғараз бошад, ба ғаразкунанда таъсир мерасонад ва ба он феълашро инфиол мекунад. Воҷиб-ул-вуҷуд аз ҳамаи ҷиҳатҳо ба зоташ воҷиб аст ва аз он ғараз содир мешавад, пас, хулоса мекунад Ибни Сино, иродаи он илмӣ аст.

Барои шарҳи ирода Ибни Сино тафсилоти зеринро илова мекунад: “Агар мо чизеро бихоҳем, мо он чизро тасаввур мекунем – ё ба гумон, ё ба хаёл ва ё ба илм – ки он чизи тасаввуршаванда мувофиқ аст, мувофиқ маънои онро дорад, ки чиз хуб ё манфиатнок аст. Сипас, ин тасаввурро пайгирӣ намуда, шавқи эътиқод ва ба даст овардани онро ҳосил мекунем. Агар қувваи шавқ ва иҷмоъ ҳаракати қувваест, ки дар мушакҳои бадан абзори ба даст овардани он бошад, аз ин сабаб афъоли он ба ғараз тобеъ мешаванд”.[256]

Чуноне ки дар боло зикр кардем, аз назари мутафаккир воҷиб-ул-вуҷуд - том, балки фавқ-ут-тамом аст ва дуруст нест, ки феъли ӯ барои ғараз бошад ва дуруст нест, ки Ӯ чизеро медонад, ки барояш мувофиқ бошад, ба он шавқ пайдо кунад ва онро ба даст оварда бошад. Иродаи он аз нигоҳи илм аст ва Ӯ медонад, ки он чиз дар зоти Ӯ хайр ва хуб аст ва аз ин ҷо, он ба иродаи дигаре эҳтиёҷ надорад, ки барои Ӯ чизе вуҷуд дошта бошад. Воҷиб-ул-вуҷуд илмашро ба низоми ашёи мумкин аз рӯйи тартиби фазилаташон, ки сабаби вуҷуди он ашё аз рӯйи низоми мавҷудот ва тартиби фазилатҳо муайян мекунад. Мисоли иродаро дар вуҷуди инсон баррасӣ намуда, Ибни Сино мефармояд, ки “мо ҳақиқатан чизеро мехоҳем ва ба он шавқ пайдо мекунем, зеро ки ба он чиз эҳтиёҷ дорем, дар ҳоле ки воҷиб-ул-вуҷуд онро ба ваҷҳе

[255] Ибн Сина. Таълиқат. – Бенғазӣ, 1972. С. 16 (ба забони арабӣ).
[256] Ҳамон ҷо. С. 16.

мехоҳад, ки дар боло зикр карда будем. Ӯ ба он иштиёқе надорад, барои он ки аз вай ғанитар аст ва ғараз ба ҷуз аз шавқ нахоҳад буд”.[257]

Илова бар ин, Ибни Сино баҳс мекунад, ки ҳар як чиз метавонад худ як ҳадафи дилхоҳ бошад. Масалан, мафҳуми “рафтан” метавонад худи ҳадафи дилхоҳ бошад, ё шояд чунин ҳам бошад, ки мафҳуми “машқ” нисбат ба мафҳуми “рафтан” ҳадафи охири дилхоҳ бошад. Дар ҳар сурат, ин як ҳадафи дилхоҳест, ки ба он амали иродаи инсонӣ равона карда шудааст, ки на ба зоти инсон, балки берун аз вуҷуди ӯ вобаста аст. Агар чунин бошад, таъкид мекунад Ибни Сино, ҳамаи он чизе, ки инсон аз ирода, хоҳиш, феъл, идроки ақлӣ ва ҳаракат дорад, на ба феъл, балки ба қувват пайдо шуда, ӯ ба сабаби муайяне муҳтоҷ мегардад, ки яке аз ду ҷониби онро ба сӯйи феъл равона мекунад ва шавқи он муайяни мутахассис ба тақдирҳо ва тамоми афъоли инсон ба қадру қазо вобаста хоҳад буд. Аммо, идома медиҳад мутафаккир, “агар чизеро бихоҳем, баъди он ки он чизи бароямон дилхоҳро тасаввур менамоем, дар мо ирода пайдо мешавад ва бо он ҳар лаззатеро, ки нисбат ба ин чиз дорем, ба иҷро мерасонем. Аз вуҷудамон барои он ирода ё шаҳват ҷӯё мешавем, сипас аз худамон иродаи дигаре меҷӯем, то ки онро ҳосил намоем. Ирода ба мо аз хорич ворид мешавад ва он сабаб дорад. Иродаи Борӣ ба он сабаб шуда наметавонад, зеро ки он аз чизе интиқол наёфта, ин сабаб дорои ғараз ба шайъ нест, балки сабаб дар иродаи зоташ мешавад. Дар Борӣ имкони ирода ё имкони хоҳиш буда наметавонад”.[258]

Ибни Сино дар бораи қобилияти идроки инсон ҳарф зада, мувофиқан изҳор медорад, ки иродаи инсон метавонад аз хаёлот, афкор ё маърифати чизе сар зада бошад, зеро ин шакли ирода ба ҳадафи дилхоҳ нигаронида шудааст. Ба ибораи дигар, иродаи инсон метавонад ғараз бошад, зеро иродаи инсон ба як мафҳуми тасаввуршуда, андешидашуда ё маърифатшудаи ашё нигаронида шудааст. Он бошад, мафҳуми иродаи инсонро дар бар мегирад, ки ба ҳосил шудани ақидае равона карда шудааст, ки аз сабабе ирода

[257] Ибн Сина. Таълиқат. С. 17.
[258] Ибн Сина. Таълиқат. С. 21.

мегирад. Чунин амал вақте рух медиҳад, ки инсон чизеро тасаввур мекунад ва дониши сабабиро меомӯзад. Бо назардошти он, ки воҷиб-ул-вуҷуд камоли худро эътироф мекунад ва ҳолати корҳоро мувофиқи камоли худ ба тартиб меорад, инсон низ метавонад оид ба ашё дониши сабабии камол дошта бошад ва ҳолати корҳоро мувофиқи хоҳишаш ба тартиб оварад. Масалан, муҳандис метавонад барои донистани сабабҳои мукаммал дар биное, ки бояд сохта шавад, омада, вазъиятро мувофиқи он ҳолати комил ба тартиб орад. Ибни Сино таъкид мекунад, ки дониши сабабӣ, ки чизи дилхоҳ худ ба худ хуб ва комил аст, он метавонад иродаи инсонро дар шароити муайян барангезад. Махсусан, агар хоҳиши дигаре вуҷуд надошта бошад, ки "вазни бештар дошта бошад" ё ҳамчун монеа аз пеш ояд ва иродаи инсонро аз ҳосил намудани дониши сабабӣ пешгирӣ накунад, пас иродаи инсон амалро ба хотири худи ҳамон чиз ташвиқ мекунад. Вақте ки сухан дар бораи ихтилофи байни хоҳишҳои ҷисмонии инсон ва дониши сабабӣ меравад, андешаи Ибни Сино боз ҳам возеҳтар мешавад: ӯ чунин мешуморад, ки барои он, ки инсон дониши сабабиро дар бораи чизи маърифатшаванда эътироф кунад, бояд дахолати хоҳишҳои ҷисмонии худашро аз байн барад.[259] Агар мақсади инсон ба даст овардани дониши сабабии камол дар моҳияти ашё бошад, пас, метавон хулоса кард, ки ҳадафи ниҳоии инсон ба даст овардани дониши сирф сабабӣ дар бораи камолоти ниҳоии ӯ мебошад.

Ба таври возеҳтар баён созем, ҳадафи бунёдии вуҷудияти инсон ба даст овардани дониши мутлақи сабабӣ дар бораи воҷиб-ул-вуҷуд мебошад. Дар асраш "Таълиқот" Ибни Сино, чуноне ки қаблан зикр кардем, иродаи инсониро дар ҳолатҳои муайян ба муқобили иродаи илоҳӣ қарор медиҳад. Аммо ин далел нишон дода наметавонад, ки Ибни Сино иродаи озоди инсонро пурра ва новобаста аз қувваҳои дигар, махсусан аз Худо, эътироф карда бошад. Дар асл чунин бармеояд, ки ба фазли онтологияи хеш, ки дар он ҳамаи ҳодисаҳо ва падидаҳо натиҷаи зарурии судури қувва ё нур аз воҷиб-ул-вуҷуд мебошанд, Ибни Сино қолаберо сохтааст, ки дар он тамоми мавҷудот,

[259] Ҳамон ҷо. С. 32-33.

аз ҷумла, ақли инсонӣ, аз нигоҳи сабабӣ бо ҳам дар иртиботанд, пас хусусияти детерминистӣ доранд. Ин детерминизм аз ақидае бармеояд, ки воҷиб-ул-вуҷуд ҳама чизро аз назари сабабият мешиносад ва ҳама чиз бояд ҳатман чунин вуҷуд дошта бошанд, ки Ӯ онҳоро аз нигоҳи сабабӣ медонад. Азбаски фаҳмиши озодии иродае, ки барои мақсадҳои ин таҳқиқот истифода мешавад, талаб мекунад, ки як фоили тафаккуркунанда тибқи ҳукмҳои худаш иродаашро ифода кунад, пас ақли инсон набояд маълули чизи дигар бошад.

Тибқи ақидаи Ибни Сино, воҷиб-ул-вуҷуд наметавонад иродаи наверо ба даст орад, ки ба он аз абад соҳиб набуда бошад. Сабабаш дар он аст, ки боз ҳам, пайдоиши иродаи нав касратро дар илоҳиёт муаррифӣ мекунад, яъне чизе бояд вуҷуд медошт, ки дорои иродаи нав буда, он ва амалҳои он аз ин иродаи нав бароянд. Аз нуқтаи назари мубоҳисаҳои асримиёнагӣ дар фалсафаи Шарқ дар бораи сифатҳои илоҳӣ, барои Ибни Сино иродаи Худо (ба монанди ҳамаи сифатҳои илоҳӣ) бо тамоми маъниҳо ва ҳадафҳо бояд сифатҳои зот бошанд. Дар ҳақиқат, Ибни Сино дар тафсири сифатҳои фоилӣ (ас-сифāт ул-фāъилийа) аз баситии мутлақи мавҷудоти тағйирнаёббанда оғоз намуда, сипас ба фоидаи он, ки ҳамаи феълҳояшон бояд абадӣ бошанд, далелҳои зиёде меорад. Маънои “басит” ба мавҷуде тааллуқ дорад, ки “дар он ақл таълиф ва таркибро ба чанд маънӣ баррасӣ карда ва онҳоро дар ҳад гузошта наметавонад. Ва басит монанди ақл ва нафс аст ва ҳар чизе, ки дар он ин кор имкон дорад, монанди “инсонийа” ва “ҳайвонийа” ғайрибасит буда, дар ҳад гузошта шуда, ба маънои мухталиф тақсим мешавад”.[260]

Мутафаккир инчунин исбот мекунад, ки чиз, барои он ки аз он феъле бармеояд, чизи дигар хоҳад буд, зеро аз он феъли дигар ҳосил мешавад. Ин матлабро дар китоби дигараш “Илоҳиёт” ташреҳ дода, Ибни Сино менависад, ки ин мавҷудот, дақиқтараш, ин мабдаъҳо ҳам аз нигоҳи ҷузъҳои миқдорӣ ва ҳам ҷузъҳои ҳадду қавл, ки ё дар шакли модда, ё сурат ва ё ба ягон шакли дигар зоҳир мешаванд, “аҷзои қавли шореҳ барои маънои исми он буда, ҳар яке аз онҳо ба чизе далолат кунад, ки он дар вуҷуд ба зоти худ чизи дигарест.

[260] Ибн Сина. Таълиқат. – Бенғазӣ, 1972. С. 26 (ба забони арабӣ).

Ин аз он сабаб аст, ки ҳар чӣ сифаташ чунин бошад, зоти ҳар ҷузъи он на зоти дигарист ва на зоти (чизи аз он ҷузъҳо) ба ҳам омада. Пас, ё ҳар як аз ду ҷузъи онро, масалан, вуҷуди ҷудогона дуруст бошад, вале вуҷуди маҷмуъ бе онҳо дуруст набувад... Ман инро ба ин роҳ баён намудам, ки ҷузъҳо ба зот аз кулл пештаранд”.[261]

Ибни Сино дар “Таълиқот” ба муносибати байни Холиқ ва махлуқ ишора намуда, менависад, ки илми Борӣ дар бораи ашёи ҷузъӣ дар он ифода меёбад, ки Ӯ ашёро ба зоти хеш медонад ва зоти Ӯ мабдаи онҳост. Ашё дар назди мабдаъҳои аввалӣ воҷибанд ва барояшон дар ин ҳолат ягон имконе вуҷуд надорад. Агар чиз дар вақте пайдо шавад, он аз ҷиҳати қобил буданаш, на аз ҷиҳати фоил буданаш аст ва ҳангоме ки он ҳодис шуд, дар он сурат ворид гашта, ягон хилофе дар ин кор ҷой надорад: ҳамаи ашё воҷиботанд ва онҳо ба ихтиёри худашон вақте пайдо ё манъ намешаванд. Пас, оё афъоли онҳо табиӣ ва ё иродӣ аст? Ибни Сино ба ин савол посух додааст: “Ҷавоб ин аст, ки иродаи онҳо ба чунин ваҷҳ аст: Ӯ доимо фаязон мекунад ва манъи феъли ашё аз қобилияти худашон вобаста аст”.[262]

Аммо, инсон бошад, ин мавҷудотро маърифат ва моҳияти онҳоро дарк менамояд: баъзе аз онҳо бит-табъ ва баъзеи дигарашон би-иктисоб маърифат мешаванд. Аз ҷониби дигар, қайд мекунад Ибни Сино, барои дарки онҳо ба ду қувва – назарӣ ва амалӣ ниёз дорад: амалӣ – қувваи шавқӣ ном дошта, ба қувваҳои зиёди бадани инсон ва табиат вобаста аст. Масалан, ҷисмҳои фалакӣ дар ҳар як ҷисм “вазъеро ба вуҷуд меоранд” ва барои ҳамин, ба он таъсир мерасонанд, зеро ки муҳити онанд. Аммо ҷисмониёт чунин қудрату азамат ва ҷалолати ғайримаҳдуд надоранд. Аз ин ҷо, афъоли ибдоӣ бо сифати табиӣ ё нафсонӣ ва ё ақлӣ васф мешаванд ва бо он ки зоташ таъсиркунанда ба афъоли онҳо будааст, амалашонро инфиолӣ мекунад. Инсон бошад, имкон надорад, ки ҳақиқати ашё, хусусан мавҷудоти баситро дарк намояд, балки ӯ “лозимеро аз лавозим ва хосеро аз хавоси он” маърифат менамояд ва ба

[261] Абу Алӣ ибни Сино. Илоҳиёт // Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 251-252.
[262] Ибн Сина. Таълиқат. – Бенғазӣ, 1972. С. 29 (ба забони арабӣ).

қудрати инсон вобаста аст. Қудрат бошад, “он аст, ки аз чизе феълеро аз рӯйи хоҳиши он мебарорад ва бароят маълум гашт, ки феъл аз Аввал ба воситаи ирода содир мешавад ва феъл барои он аст, ки онро мехоҳанд, агар хост набошад, феъл ҳам нахоҳад буд... Аммо таваққуф додани ҳақоиқи ашё дар қудрати инсон нест ва мо аз ашё чизеро намедонем, ба ҷуз аз хосҳо, лавозим ва ғаразҳо... фақат медонем, ки онҳо ашё буда, дорои сифатҳои хос ва аразҳоянд; ва на ҳақиқати Аввал, на ақл, на нафс, на фалак, на оташу ҳавою обу хокро намедонем”.[263]

Ҳамин тариқ, қонуни илоҳӣ ва таълимот оид ба озоди ирода дар таълимоти Ибни Сино инсонро ҳамчун як мавҷуди руҳонӣ ва ҷисмоние тасаввур мекунад, ки моҳияти он ақл аст. Илова бар ин, дар назарияи нузул ва судур (эманатсия)-и Ибни Сино нишон дода шудааст, ки ақли фаъол барои вуҷудияти моддӣ мабдаи аввал буда, дар ҷараёни зист табиати маънавӣ ва моддии ҳар як инсонро ба ҳам мепайвандад. Дар назари аввал, чунин менамояд, ки нузули ақл ба инсон қобилияти гирифтани дониши сабабиро фароҳам меорад ва тавре ки аз “Таълиқот” бармеояд, феъли ақл яке аз талаботи Ибни Сино барои пайдоиши ирода аст. Ғайр аз ин, барои он, ки амал як амали озодии ирода ҳисобида шавад, ин амал бояд аз донистани сабабҳои фоил ва бо розигии фоил натиҷа диҳад. Масъала дар бораи он, ки ақли инсон мустақил аст ё итоатпазиру тобеъ, дар назарияи эманатсияи Ибни Сино равшании возеҳ надорад. Аммо, азбаски озодӣ натиҷаи мантиқии ақл аст, мутафаккир маънои аслии онро танҳо дар партави ақл ифшо мекунад. Ба ибораи дигар, озодии инсон дар партави ақл маънидод карда мешавад ва ин маънои онро дорад, ки як фарди оқил ва тафаккуркунанда дар доираи мантиқи ақлӣ ва ақл иродаашро зоҳир мекунад; аз ин рӯ, ӯ дар бораи зарурат фикр мекунад, на дар бораи имкон.

Ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Сино табиати фаъоли итоату тобеият дар муқоиса бо иродаи озодии инсон на танҳо ба такмили ахлоқи дохилӣ, балки ба татбиқи арзишҳо ва принсипҳои динӣ дар фаъолияти инсон

[263] Ибн Сина. Таълиқат. – Бенғазӣ, 1972. С. 34 (ба забони арабӣ).

нигаронида шудааст. Озодии интихоб дар рафтори инсон, сарфи назар аз принсипҳои қуръонии тобеият, мавқеи хоса дорад. Дар иртибот бо ин масъала, муҳаққиқи рус Ф.Ф. Яхин ҷанбаи психологии инсонро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст: «Имконияти инсон барои таъсир расондан ба сабабҳою ҳодисаҳо хеле маҳдуд аст ва онҳо асосан ба интихоби психологии байни имкониятҳои пешниҳодшуда ва рафтори ӯ, ки ба чунин интихоб асос меёбад, иртибот доранд. Дар айни замон, натиҷаи ниҳоии он на ҳамеша аз интихоб ва рафтори инсон вобаста аст».[264] Аз ин ҷо, хусусияти фаъол ва муассири масъалаи сабру таҳаммули динӣ ҳамчун муносибат ба вазъият ва рӯйдодҳои номусоиди ҳаёти шахсӣ ба миён меояд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар сураю оятҳои Қуръон инчунин, бо ҳар роҳ саъю кӯшиши фаъолонаи инсон ба сӯйи некӣ ва тағйироти мусбати ҳаёт ва фаъолияти ӯ ташвиқ мешавад: “...Дар ҳақиқат Худо ҳоли одамонро тағйир намедиҳад, то он онҳо ҳоли худро тағйир диҳанд”[265].

“Ҳосили талош” ё натиҷаи саъю кӯшиши қавии шахсӣ феъли иродаро дар назар дорад ва дар фалсафаи мутафаккирони машшоияи шарқӣ нафси оқила ва сухангӯй бо тафаккури некӣ дар доираи воқеияти ҳаётии инсон алоқаманд аст. Аз ин ҷо, шахс метавонад ба сифатҳои неки ахлоқӣ ноил шавад ё бо иродаи хеш барои сифати муносиб, ҳатто агар чунин тағйирот хилофи табиат ё хоҳишҳои ҳозираи ӯ бошад, талош намояд. Ҳамин тариқ, вуҷудияти инсон ба рушди ақл ва хислатҳои ҳамидаи ахлоқии ӯ вобаста аст. Ин матлабест, ки онро ҳам дар таълимоти Форобӣ, ҳам Ибни Сино ва аз ҳама бештар дар осори Насируддини Тӯсӣ дарёфт кардан мумкин аст.

Насируддини Тӯсӣ дар асараш “Ахлоқи Носири” ба масъалаи касби илм таваҷҷуҳ намуда, тасдиқ мекунад, ки он аз қабили афъоли ҷамилу маҳмуд аст, ки ба иродаи инсон содир мешавад ва хулоса мекунад, ки “пас, мавзуи ин илм нафси инсонӣ бувад, аз он ҷиҳат, ки аз ӯ афъоле ҷамилу маҳмуд ё қабеҳу мазмум содир тавонад шуд ба ҳасби иродати ӯ. Ва чун чунин бувад, аввал

[264] Яхин Ф.Ф. Исламская психология от монотеистической парадигмы к теории личности // Minbar. Islamic Studies. - 2019. Т. 12, № 1. С. 42.
[265] Қуръон 13:11.

бояд, ки маълум бошад, ки нафси инсонӣ чист ва ғояту камоли ӯ дар чист ва қувватҳои ӯ кадом аст, ки чун онро истеъмол бар вачҳе кунанд, ки бояд камоле ва саодате, ки матлуби он аст, ҳосил ояд”.[266] Ин мутафаккир бар ақидае аст, ки дар миёни нафсҳои мавҷудоти дигар, нафси инсонӣ бо он фарқ мекунад, ки қуввати нутқ дорад ва он қуввати идроки ашё ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи он ба маърифати ҳақоиқи мавҷудот ва навъҳои мухталифи маъқулот аст. Насируддини Тӯсӣ он қувватро ба ин маънӣ ақли назарӣ номидааст. Қувваеро, ки вазифаи он аз тасарруф дар мавзуот ва ҷудо кардани солеҳ ё фосид будани амалҳои инсон ва “истинботи саноот аз ҷиҳати танзими умури маош бошад”, ақли амалӣ ном мондааст. Аз ин нуқтаи назар, фалсафа низ, аз ҷониби Насириддини Тӯсӣ ба ду қисм – назарӣ ва амалӣ ҷудо карда шудааст.

Ҳамин тариқ, Насируддини Тӯсӣ аз байни тамоми қувваҳое, ки дар ҷисми инсон фаъоланд, сетои онҳоро ҷудо мекунад, ки онҳо принсипҳои амалҳо ва фаъолиятҳоро дар ҳамбастагӣ бо руият, тамйиз ва ирода ташкил медиҳанд: аввал, қуввати идроки маъқулот ва тамйизи байни некӣ ва бадии амалҳо, ки он қуввати нутқ номида мешавад; дуюм, қуввати шаҳват, ки принсипи он ҷалби манфиатҳо ва дарёфти лаззат тавассути ғизо, нӯшокиҳо, занон ва ғайра мебошад; сеюм, қуввати ғазабӣ, ки принсипи он муқовимат ва дафъи зарар, иқдом бар аҳвол ва шавқи қудрату болоравӣ аст. Ду қувваи охирин ҳам ба инсон ва ҳам ба ҳайвонот хосанд, аммо қувваи аввал танҳо ба шахсияти инсон хос аст. Маҳз бо ақл, нутқ ва озодии ирода инсон дар байни мавҷудоти зинда бартар аст, аммо дар олам бошад, мартабаи мобайниро ишғол мекунад: “... инсон дар фитрат мартабаи вусто ёфтааст ва миёни маротиби коинот афтода ва ӯро роҳ аст бо иродат ба мартабаи аъло ва ё ба табиат ба мартабаи адно...Ва камоли инсонӣ ва шарафи фазилати ӯ ҳавола бо фикру руъят ва ақлу иродоти ӯ омада. Ва калиди саодату шақоват ва тамомӣ ва нуқсон ба дасти кифояти ӯ боз дода. Агар бар вафқу маслиҳат аз рӯйи иродат бар қоидаи мустақим ҳаракат кунад ва батадриҷ сӯйи улуму маориф

[266] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Душанбе, 2009. С. 39.

ва одобу фазоил гарояд... ӯро бар тариқе рост ва қасде маҳмуд аз мартаба ба мартаба меорад ва аз уфуқ ба уфуқ мерасонад, то нури илоҳӣ бар ӯ тобад ва муҷовирати малои аъло биёбад, аз муқаррабони ҳазрати самадӣ шавад”.[267]

Вобаста ба он ки, дар ростои ҳаводис ва ашё инсон чӣ гуна ин қувваҳоро ба кор мебарад, қувваи ирода ва натиҷаи феъли он маълум мегардад. Ин матлаб бошад, дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки инсон дар ичрои ин ё он кору фаъолият маҷбур ва ё озод мешавад. Насируддини Тӯсӣ дар китоби “Ахлоқи Носирӣ” озодии ирода ва ихтиёрро аз нигоҳи хоса мавриди пазириш қарор додааст, зеро дар бораи ҷабр дар рафтор ва ахлоқи фардӣ ё ихтиёрӣ будани таквини назариёти пешгузаштагонро ёдовар мешавад ва дар ниҳоят назари писандидаи худро баён мекунад.

Мутафаккири мазкур аввал назарияҳоро дар бораи ҳақиқати хулқ баён мекунад, ки далолат бар ҷабр дорад. Назари нахуст он аст, ки ҳамаи афрод дар фитрат бо табиати нек офарида шудаанд ва бо ҳамнишинӣ бо бадкорон ва набудани тарбия тадриҷан дар онҳо низ бадӣ ба миён меояд; назари дуюм он аст, ки фардҳо дар фитрат бо табиати бад офарида шудаанд ва бо омӯзишу тарбия кирдори нек ва бо ҳамнишинӣ бо афроди нек кирдори неке дар эшон росих (қавӣ) мешавад; назари сеюм он аст, ки бархе фардҳо бо табиати нек ва бархе дигар бо табиати бад офарида шудаанд ва бархе ҳам мутавассит миёни ҳардуи онҳо, ки гурӯҳи нахуст таҳозои неккирдорӣ дорад ва гурӯҳи дуюм таҳозои бадкирдорӣ, аммо гурӯҳи сеюм ба ҳамнишинӣ бо ин некон ё бадон вобаста аз рафтори нек ё бад рӯй хоҳад овард. Он гоҳ, саранҷом чунин назар баён мешавад, ки ҳеҷ ҷабре дар хусуси таквини рафтор ва ахлоқи фардӣ вуҷуд надорад ва бар матлабе таъкид карда мешавад, ки машғул шудан ба омӯзиш ва тарбияи афрод аст, ки натиҷа ба кирдори неки фардҳо мешавад ва бадкирдории онон ба сустӣ меравад. Ба сабаби ин қувват афъоли фард гуногун мешавад, яъне ба хайру шар ва ҳасану қабеҳ ва ӯро ба саодату шақоват бар хилофи дигар ҳайвоноту наботот васф мекунанд. Насируддини Тӯсӣ дар истинод ба Арасту навиштааст: “Ва ҳаким Аристотолис дар китоби

[267] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 52.

«Ахлоқ» ва дар китоби «Маъқулот» гуфтааст: «Ашрор ба таъдибу таълим ахёр шаванд”. Ва ҳарчанд ин ҳукм ала-л-итлоқ набувад, аммо такрори мавоизу насоеҳ ва тавотири таъдибу таҳзиб ва муохазат ба сиёсати писандида ҳаройина асаре бикунад, пас, тоифае бошанд, ки ҳарчи зудтар қабули одоб кунанд ва асари фазилат бе муҳлат ва даранге дар эшон зоҳир шавад. Ва тоифаи дигар бошанд, ки ҳаракати эшон ба сӯйи илтизоми фазоилу таъдиб ва истиқомат батеътар бувад”.[268] Ба маънии дигар, нуктаи мазкур баёнгари ин матлаб аст, ки шахсияти афрод аз пеш муайян нашуда, ҳар фарде ҳамчун лавҳи сафеде аст, ки бо таълиму тарбияи дуруст ба роҳи кирдори нек мегарояд. Аз ин рӯ, фардҳо на зотан неку хайр ҳастанд ва на зотан баду шарир ва аз ин нигоҳ ҷабре дар созандагии шахсияти инсон ва ахлоқи фардӣ нест, балки ба таълиму тарбияи неку бадрафтор ва ҳамнишинӣ бо некону бадон вобаста аст, ки аз он шахсият ва рафтори фардӣ ташаккул меёбад.

Дар маҷмуъ, тарбия ва такмили ахлоқ олитарин масъала аст, ки дар доираи он ва тавассути иродааш инсон метавонад ба зинаҳои баландтарини камолоташ баромада, фазилатҳои хирад, далерӣ, иффат, адолат ва фаръҳои онҳо, ба мисли дониш, адаб, бурдборӣ, таҳаммул, фурӯтанӣ, мусолимат, қаноат, садоқат, ростқавлӣ, мулоҳизакорӣ ва ғайраҳоро касб намояд. Аз ин рӯ, қувва дар тарбияи одамон боиси ба даст овардани фазилатҳои ахлоқӣ ва корҳои нек ва маҳз тарбия боиси паст рафтани бадкирдориҳо миёни одамон мегардад. Ба ибораи дигар, мо бояд ба қадри имкон дар таълим ва такмили ахлоқи одамон кӯшиш кунем, то бо таҳкими фазилатҳои ахлоқӣ рафтори одамон ба некӣ табдил ёбад ва аз бадӣ дур шаванд. Насируддини Тӯсӣ оид ба ин масъала чунин хулоса мекунад: “Пас, воҷиб бувад бар падару модар, ки фарзандонро аввал дар қайди номус оваранд ва ба аснофи сиёсоту таъдибот ислоҳи одоти эшон кунанд. Ҷамоатеро, ки мустаҳиққи зарбу танбеҳ бошанд, чизе аз ин ҷинс ба қадри ҳоҷат дар таъдиби эшон лозим донанд ва гурӯҳеро, ки ба мавоиди хуб аз каромоту роҳот ба ислоҳ тавон овард, ин маонӣ дар боби эшон ба тақдим расонанд ва ала-л-ҷумла эшонро иҷборан ва ихтиёран

[268] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 83.

бар адаби сутуда ва одати писандида бидоранд, то онро малака кунанд”.[269] Дар робита ба ин ва ҳамчунин, ба сабаби нақши бунёдии озодӣ ва иродаи озод дар доираи фаъолияти фардӣ ва иҷтимоӣ, озодӣ ва озодии ирода ҳамчун яке аз асосҳои ташаккул ёфтани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, монанди адолат мақом мегирад. Ба ибораи дигар, дар амалия байни озодӣ ва адолат робитаи дуҷониба ва душартӣ вуҷуд дорад, зеро татбиқи озодӣ ба маънои муқаррарии он танҳо ба озодии табиӣ ва фитрии инсон вобаста аст. Аз тарафи дигар, озодӣ дар ҷомеае амалӣ мешавад, ки адолат ҳукмфармо бошад.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар фасли аввали асари худ “Фусул ал-‘ақā’ид” мафҳуми “муассир”-ро шарҳ дода, онро ба ду қисм тақсим мекунад: муассиреро, ки таъсири он тобеи қасд ва ангеза бошад, “қодири мухтор” ва муассиреро, ки ин гуна набуда, балки асари он муқтазои зоти вай бошад, ӯ “муҷиб” меномад. Бинобар ин, хулоса мекунад мутафаккир, он чизе, ки аз муассири қодир ба вуҷуд омадааст, аз адам (нестӣ) собиқа мегирад ва он чизе, ки муассири воҷиб ба вуҷуд овардааст, бадеҳӣ буда, бояд асар ва муассир ҳар ду дар як замон бошанд. Аз ин гуфтаҳо Тӯсӣ чунин натиҷа мегирад, ки “воҷиб-ул-вуҷуд, ки мумкинотро ба вуҷуд овардааст, қодири мухтор аст, чӣ агар муҷиб будӣ, мумкинот ҳам қадим мешуданд, на ҳодис”. Баъд аз ин, ишора ба ақидаҳои файласуфон мекунад, ки воҷиб-ул-вуҷудро муҷиб медонанд ва ин ақидаро таҳти интиқод қарор дода, мегӯяд, ки “лозимаи ин ақида ин аст, ки чун муассир муҷиб аз асараш Худо ҷудо шуданӣ нест, бинобар ин, ҳар гоҳ чизе аз мавҷудот аз байн биравад, воҷиб-ул-вуҷуд ҳам бояд бо он нест шавад”.[270]

Насируддини Тӯсӣ аз мутафаккироне буд, ки назарияи ҷабрро қабул надошт ва таъкид менамуд, ки “эътиқод ба сарнавишт бо ихтиёри инсон мунофот надорад” ва қазою қадар вобаста ба машиату хости илоҳӣ вобаста аст. Масъалаи иродаи озоди инсонро низ бо қазою қадар вобаста намуда, мутафаккир қадарро аз хост ва машиати илоҳӣ медонист ва ба ақидаи ӯ,

[269] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 85.
[270] Насируддини Тӯсӣ. Фусул ал-ақаид. Бе ҷои нашр ва таърих. С. 10-11.

ҳамон чизе, ки машиат ба он тааллуқ ёфтааст, воқеъшаванда аст. Ба унвони мисол, Худо ирода кард, ки инсон дорои ихтиёр бошад, дар ҳоле ки ҳайвонот чунин ихтиёр надоранд, ё машиати Худо чунин аст, ки агар касе ба қонунҳо ва дастурҳои Ӯ амал накунад, гумроҳ ва бадбахт ва агар ба онҳо амал намояд, саодатманд ва хушбахт мешавад. Ин ҳама вобаста аст аз нафси инсон мебошад, ки ба машиати илоҳӣ тобеъ аст: "...чун иноятн яздонӣ нафси инсониро бар бунйати ҷисмонӣ марбут офаридаст ва муфорақати яке аз дигар ба машиати худ, азза исмуҳу, манут гардонида, таассури ҳар яке аз ҷараён сабабе ё иллате муҷиби тағайюри дигар як мешавад. Масалан, таассури нафс аз фарти ғазаб ё истилои ишқ ё тавотури андӯҳ муҷиби тағайюри сурати бадан шавад ба анвои тағайюрот, монанди изтиробу иртиод ва зардию низорӣ; ва таассури бадан аз амрозу асқом, хоса чун дар узве шариф ҳодис шавад монанди дилу димоғ, муҷиби тағайюри ҳоли нафс шавад, чун нуқсони тамйиз ва фасоди тахайюл ва тақсир дар истеъмоли қиво ва малакот".[271]

Ҳамин тариқ, ихтиёр ва озодии иродаи инсон дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ дар якчанд маъно баррасӣ мешавад. Аввалан, ихтиёр иборат аст аз иродае, ки маншаи он идроки ақлӣ аст, бинобар ин, қайд мекунад мутафаккир, агар фоиле, ки феъли ӯ аз идроки ақлӣ сар мезанад, бояд ба гунае бошад, ки қасди ирода зиёдтар бар зот дошта ва феъли ӯ низ пештар аз ин ирода бошад. Ба ин маъно, нисбати байни ихтиёр ва ҷабр – нисбати малака ва адами малакаи инсон аст ва ин маънӣ танҳо бар фоилҳои би-л-қасдӣ, ки идроки ақлонӣ доранд (яъне инсон), мутобиқ буда метавонад. Ӯ дар шарҳи китоби Ибни Сино "Ишорот ва танбеҳот" дар тавзеҳи ибораи Шайхурраис менависад: "Мегӯям, ки қивои нафс дар қисмати аввал ба он тақсим мешавад, ки бо эътибори таъсири ихтиёрии он, ки дар бадан тасарруфоти мукаммал аст ва ба он ки бо эътибори таъсири он аз чизе, ки қувваи он дар ҷавҳари он бар ҳасби омодагии он мукаммал аст ва аввалиро ақли амалӣ ва дигареро ақли назарӣ меноманд".[272] Тӯсӣ қувваи назарии

[271] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 136.
[272] Насируддини Тӯсӣ. Шарҳ ал-ишарат ва танбиҳат. Ҷ. 1. – Қум, 1375. С. 352.

нафсро қуввае медонад, ки ба эътибори таъсири нафс аз ақли фаъол дар ҷиҳати такмили истеъдодҳои нафс барои он вуҷуд дорад. Қувваи амалӣ низ қуввае ҳаст, ки барои нафс ба эътибори таъсири он тасарруфи нафс дар бадан барои анҷом гирифтани корҳои ихтиёрӣ вуҷуд дорад. Дар чунин фаҳмиш, ақли назарӣ ба корҳои берун аз ихтиёри инсонӣ ва ақли амалӣ ба корҳои қудратӣ ва тасарруфоти ихтиёрии инсонӣ ба кор мераванд.

Насируддини Тӯсӣ дар идомаи фикри болозикри худ чунин ақидаеро баён месозад, ки мутобиқи қавли Ибни Сино нест ва сабаби ин ихтилофро дар фаҳмиши суханони ӯ чунин баён месозад: “Итлоқ ба унвони “ақл” бар ин қиво аз ҳайси иштироки лафз ё аз боби мушобиҳат аст”.[273] Худи Ибни Сино бошад дар ибтидои сухан аз ин ду ақл фарқияти ин ду қувваро ба эътибор гирифта, андешаашро бар асоси таснифи онҳо баён кардааст. Муштараки лафзӣ будани “ақл” дар ин қувваҳо ба маънои ду навъи ҷудогона будан ва тамйизи онҳо мебошад. Ибни Сино ҳар ду қувваро “мудрик” ва дар идрок “мушорик” медонад ва ҷудоии онҳоро ба эътибор гирифта, анвои мудрикотро таъбир мекунад. Насируддини Тӯсӣ бошад, чунин иштирокро барои ин ду қувва қоил нест.

Насируддини Тӯсӣ дар идомаи баррасии масъалаи мазкур ва зимни тавзеҳи робитаи ақли амалӣ ва ақли назарӣ ба хулоса мерасад, ки робитаи қувваҳои ақли амалӣ бо қувваҳои ақли назарӣ гуногун аст: ӯ ақли амалиро чӣ дар сатҳи идрок ва чӣ хулосабарорӣ ва исботи корҳои ҷузъии амалӣ ва чӣ дар сатҳи тасарруф дар корҳои амалӣ, ниёзманди ақли назарӣ медонад. Ин хулосаи Насируддини Тӯсӣ дар воқеъ, дар зери таъсири тавзеҳоти Арасту аз асараш “Дар бораи нафс” ва тафсирҳои Ибни Сино ба миён омадааст. Масалан, ин ақидаро Арасту чунин таъбир кардааст: “Дар ҳақиқат, ҳаракати ақл - тафаккур ва ҳаракати доира - гардиш аст. Агар ҳамин тавр, тафаккур гардиш бошад, пас, ақл доира хоҳад буд, ки гардиши он тафаккур аст. Пас, ақл пайваста чиро фикр мекунад? Охир, ӯ бояд то абад фикр кунад, агар гардиши даврашакл абадӣ бошад. Фикрҳое, ки ба фаъолият (praktikai)

[273] Ҳамон ҷо. С. 353.

нигаронида шудаанд, сарҳад доранд (зеро ки ҳамаи ин гуна фикрҳо ба хотири чизи дигаре ҳастанд), ба ин монанд, фикрҳое, ки ба идроки ақлӣ (theoretikai) нигаронида шудаанд, бо далелҳо (logoi) маҳдуд мебошанд. Ҳар гуна далел бошад, таъриф ё исбот аст. Аммо, исбот аз ягон мабдаъ бармеояд ва ба ин ё он тарз дар хулоса анҷом меёбад”.[274]

Бо дарназардошти таҳлилҳо ва хулосаҳои фавқуззикр, гуфтан мумкин аст, ки Насируддини Тӯсӣ низ монанди машшоиёни дигари шарқӣ дар инсон ду навъи таҳаввулоти рушдёбандаро дар робита ба такмилдиҳии нафси хеш мебинад ва ба камол расидани онро ба таври зерин пайгирӣ мекунад: аввалан, таҳаввулоти табиӣ, ки он ба ғайр аз одамон ба ҳайвоноту дигар махлуқот низ тааллуқ дорад. Ин як таҳаввулоти рушдёбандаест, ки мувофиқи ду ҳолати ҳаётии инсон аст, ба ибораи дигар, он аз ибтидо тадриҷан нумуъ мекунад ва дар муқоиса бо марҳилаи қаблӣ як қадам ба пеш мегузорад. Ин рушди маҷбурӣ ва табиии ҳар як фарди инсонӣ аст; сониян, таҳаввули ихтиёрӣ, ки дар ин навъи эволютсияи хосси инсон, қувваҳо ва қудрати дохилии ӯ тавассути ба кор бурдани ирода ва интихоби озод ривоҷ меёбанд. Аз ин ҷо, он ягон таҳаввули мусбат ё манфӣ вобаста аст, ки бо интихоби инсон ҳамчун мавҷуди озод ва мустақил зоҳир мегардад. Таҳаввули ихтиёрии инсон нишон медиҳад, ки хислати озодихоҳии ӯ аз қудратҳои ботинӣ ё иродаи худи инсон сарчашма мегирад. Нукоти дар боло зикршуда, бешубҳа, дар доираи мантиқ баён шуда, Форобӣ, Ибн Сино ва Насируддини Тӯсӣ барои тавзеҳ додани масъалаи озодии инсон ва ҳадди итоату тобеияту итоаткории ӯ василаҳои зиёдро ба кор бурдаанд, агарчи дар муқоиса бо таҳлили таълимот оид ба озодии илоҳӣ, ки онро Ибни Сино ва Тӯсӣ пешниҳод кардаанд, он чандон заифтар нест. Зеро дар шарҳи масъалаи озодии инсон хусусияти худкифоӣ ва ё ҳадди ақал, раванди худфаъолиятӣ вуҷуд дорад, ки ба ҳайси принсипи худ навъи фаъоли он – фаҳмишу дарки ҳодисаҳо ва аз он сарчашма гирифтани фаъолиятҳои минбаъдаро дорост. Ба ҳамин навъ, таълимоти ин

[274] Аристотель. О душе // Сочинения в четырех томах. Т. 1. Ред. В. Ф. Асмус. - М.: “Мысль”, 1976. С. 382-383.

мутафаккирони машшоӣ фаъолияти офаридгории илоҳиро (ҳарчанд комил набошад ҳам) инъикос мекунад. Албатта, тааҷҷубовар нест, ки мутафаккирони машшоии асримиёнагӣ мушоҳидаи илоҳиро ҳамчун камоли воҷиби инсон муқаррар намудаанд ва ё чунин ҳисобидаанд, ки фақат дар мушоҳидаи ақлонии Худо инсон озодии хешро дарёфт карда метавонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, мафҳуми озодӣ ва озодии иродаи инсон яке аз мафҳумҳои муҳимтарин ва асосии таълимоти машшоиёни шарқӣ мебошад ва он дар ҳикмат, сухан, илоҳиётшиносӣ, фалсафаи сиёсӣ, фалсафаи ахлоқӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ғайра бо тафсирҳои гуногун баррасӣ ва таҳлил мешавад.

Хулоса, агар ба назарияи озодии иродаи инсон дар таълимоти Форобӣ, Ибни Сино ва Насирудини Тӯсӣ ба таври амиқ таваҷҷуҳ намоем, чунин фарқияти асоситарини онҳо дар фаҳмиш ва баррасии ин масъала равшан мегардад: дар таълимоти Форобӣ масъалаи ирода ва озодии инсон дар доираи муносибатҳои иҷтимоии одамон, ки ба ҳодисаҳои метафизикӣ низ иртибот доранд, мавриди таҳлил қарор мегирад; дар таълимоти Ибни Сино масъалаи озодии иродаи инсон бештар хусусияти метафизикӣ дошта, охир-ул-амр бо ахлоқи инсон пайваст мешавад; дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ бошад, масъалаи озодии иродаи инсон хусусияти сирф ахлоқӣ дошта, пайвастшавии он бо масоили метафизикӣ дар ҷойи дуюмдараҷа қарор гирифтааст.

БОБИ 3. ОЗОДИИ ШАХС ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОЙ ДАР ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

3.1. Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс

Мутафаккирони Машриқзамин, аз ҷумла, машшоиёни шарқӣ ба масъалаи масъулияти ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Дар баҳсҳои доимӣ оид ба пайдоиш ва сатҳи масъулияти инсонӣ онҳо кӯшиш кардаанд, ки масъалаи иродаи озодии фоили ахлоқиро дар робита ба пешгӯии илоҳӣ ва натиҷаҳои сабабӣ баррасӣ намуда, фаҳмиши компатибилистӣ ва пайдарпайи ин мавзуъро пешниҳод кунанд. Ҳамин тариқ, азбаски мубоҳисаҳо дар бораи масъулияти ахлоқӣ такрибан бо баҳсҳо дар бораи иродаи озодии инсон мувофиқат мекунанд, ақидаҳои мутафаккирони шарқиро доир ба масъулияти ахлоқӣ, дар робита бо ақидаҳои онҳо дар бораи иродаи озодии инсон нисбат ба илми илоҳӣ, қазою қадар ва хусусан, робитаҳои сабабӣ таҳқиқ намудан мумкин аст.

Ба гумони зиёд, чунин муносибати методологӣ ба таҳқиқи масъалаи озодӣ ва масъулияти ахлоқии инсон аз таъсири осори файласуфон-машшоиёни юнонӣ бармеояд. Масалан, дар афкори Арасту, масъулият маънои қобилият ва вазифаи субъект барои эътироф ва қабул кардани оқибатҳои рафтораш ба маънои ахлоқӣ, шаҳрвандӣ ё ҳуқуқӣ-ҷиноии онро дорад. Мо аз байни онҳо ба масъулияти ахлоқӣ таваҷҷуҳ мекунем. Арасту аз ҳама бештар ба арзёбии рафтору кирдорҳои инсон ва ҳавасҳои ӯ таваҷҷуҳ дорад. Ба андешаи ӯ, барои донистани он, ки ин ё он рафтору кирдори инсон фазилат доранд, муайян кардан лозим аст, ки оё онҳо сазовори ситоиш ҳастанд ё не. Пас, барои шоёни таъриф будан, онҳо бояд ихтиёрӣ бошанд. Арасту оид ба ин масъала таъкид намудааст: “Азбаски фазилати [ахлоқӣ] бо ҳавасҳо ва амалҳо иртибот дошта, барои ҳавасҳои худсарона онҳоро ситоиш ё маҳкум мекунанд ва барои ҳавасҳои беихтиёр онҳо афсӯс меҳӯранд ва баъзан ҳатто аз онҳо пушаймон мешаванд, пас, ҳангоми таҳқиқи бодиққати фазилат шояд байни ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ бояд фарқ гузошт... Умуман,

маъмул аст, ки амалҳои беихтиёрона (ta biai) ё аз рӯйи нодонӣ (di'agnoian) ихтиёрӣ мебошанд ва амали зери итоат (biaion) он рафторест, ки манба (arkhe)-и он дар беруни он ҷой дорад ва амале, ки дар он шахси фоил ё мафъул шарик нест, монанди он аст, ки агар шахсеро шамоли баҳр ба ягон ҷо барад ё одамони соҳиби қудрат".[275]

Муносибати байни фоилу мафъул ва дар пояи он муайянкунии сабабу иродаи озод яке аз масъалаҳои доимо таҳқиқшавандаи файласуфон, илоҳиётшиносон ва уламои соҳаи фиқҳ мебошад. Ин матлаб чунин шарҳ дода мешавад, ки аз як тараф, принсипи сабабият яке аз муҳимтарин пояҳои тафаккури инсонӣ ва асоси қисматҳои муҳимтарини низомҳои фалсафӣ ва илмҳои эмпирикӣ ас ва аз тарафи дигар, озодии иродаи инсон ин асоси аҳкому таълимоти динӣ, ҷазою подошҳои илоҳӣ, инчунин, масъулияти ахлоқии шахс дар нисбат ба одамони дигар мебошад. Албатта, баъзе мактабҳои шарқие ҳастанд, ки барои ин гуна баҳсҳо чандон нигарон нестанд, масалан ашъариён, ки робитаи сабабии байни махлуқ ва иродаи озодро дар амалҳои инсонӣ инкор мекунанд. Дар тафаккури ашъариён, зарурати ягонагии афъоли илоҳӣ маънои баррасии ҳамаи амалҳо ва аксуламалҳо, аз ҷумла, дар олами моддӣ ва ҳам олами илоҳиро дошта, ҳар гуна робитаи сабабии байни мавҷудоти офаридашуда рад карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дар байни иллатҳо ва маълулоти фарзшаванда мутобиқати мантиқие вуҷуд надорад ва танҳо иродаи Худо дорои феълияти сабабӣ дорад. Масалан, оташ сабаби сӯхтан нест, Худо ҳаст, ки сӯхтанро ҳамчун маълули оташ имконпазир мекунад ва маҳз ҳамзамонӣ ё пайдарпайии оташ ва сӯхтан аст, ки фиреби назари робитаҳои сабабиро байни онҳо ба вуҷуд меорад. Ба ғайр аз инкор намудани шарти иллат ва маълули зуҳуроти олами моддӣ, иродаи озоди инсонро низ ашъариён бемаънӣ мешуморанд.[276]

---

[275] Аристотель. Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч. Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. С. 95.

[276] История арабо-мусульманской философии: Антология / Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. С. 68-78.

Умуман, дар фалсафаи шарқӣ феъл ё амали инсонӣ ду шакл дорад: аввалан, он ҳатман бо иродаи фоил ба вуҷуд меояд ва вуҷуд надоштанаш ғайриимкон мегардад. Ин ҳамон эътиқод ба детерминизм аст. Шакли дуюми он чуниин аст, ки бо иродаи фоил ҳам вуҷуд доштан ва ҳам набудани феъл дар доираи қудрати ӯ боқӣ мемонад, яъне фоил метавонад амалро иҷро кунад ё накунад. Ҳукми охирин низ ду шакл дорад: аввалан, ҳарду шакли феъл - иҷро кардан ё иҷро накардани он - дар доираи ваколати фоиланд ва як навъи феъл (яъне иҷрои амал) бе ягон сабаб рух медиҳад, ки хилофи принсип буда, аз сабабият вобаста аст ва аз ҷониби теологҳо ва файласуфон ғайриимкон ҳисобида мешавад; сониян, анҷом додани амал нисбат ба вуҷуд надоштани он беҳтар аст.

Дар доираи чунин мубоҳисаҳо бо саволе рӯ ба рӯ хоҳем шуд, ки оё ин тасмим ба қадри кофӣ қавӣ аст, ки инсон ҳеҷ амалеро анҷом надиҳад. Агар ҷавоби мусбат бошад, пас боз масъалаи детерминизм ба миён меояд ва агар ҷавоб манфӣ бошад, пас савол ба миён меояд - чӣ гуна иҷро кардани амал радкунии онро истисно мекунад, агар эҳтимолияти вуҷудият ва эҳтимолияти набудани ин таъриф, ки мутаносибан иҷрои амалро зарур ва рад кардани онро нолозим месозад, ҳамон аст. Аммо, тавре ки аллакай қайд карда шуд, олимони Шарқ умуман розӣ ҳастанд, ки одамон озодии ирода доранд, феълҳои инсонӣ масъуланд ва озодии онҳо ба Худо вобаста аст. А.В. Смирнов аз ҷумла, қайд намудааст, ки “Феъл ба ҳайси шартҳои зарурии хеш ду унсурро дар назар дорад: “қудра, иститāʻа”, яъне қобилияти чизеро иҷро кардан (шайъе эҷод кардан ва ё рафтореро ба ҷо овардан) ва “ирāда”, мафҳуме, ки дар ҳолатҳои зиёд ҳамчун мутавозии фалсафии калимаи “ния́т” аст. Тибқи ақидаи муътазилиён, соҳаи қудрати инсон ва Худо аслан бо ҳам мувофиқат намекунанд: Худо ба он чиз қудрат надорад, ки инсон қудрати иҷрои онро дорад. Ин маънои онро дорад, ки инсон афъолашро мустақилона ба иҷро мерасонад: рафтори ӯ – ин рафтори ӯст ва дар ҷанбаи фаъолияти мустақими ӯ (ҷанбаи “қудрат”, “қобилият” барои иҷрои амал) ва дар ҷанбаи шавқу хоҳишҳои ӯ ба сӯйи амал (ҷанбаи “ирода”, “ния́т”). Пас, мафҳуми

феъли инсон, ки дар ҳар ду ҷанбааш мустақил аст, воқеан, асолати муборизаи ӯро барои масъулияташ нишон медиҳад”.[277]

Як фарзияи маъмулии пеш аз ҳукмҳои фалсафӣ ин аст, ки масъулияти қобилияти интихоб аз миёни имкониятҳои ба ном алтернативӣ вобаста аст. Гарчанде ки компатибилистҳо ва ғайрик компатибилистҳо дар бисёр масъалаҳо ақидаҳои гуногун доранд, аммо ҳарду гурӯҳ маъмулан чунин ақида доранд, ки қобилияти фоил барои амал намудан ҳам барои масъулияти ахлоқӣ ва ҳам амали озод зарур аст. Албатта, компатибилистҳо инчунин, таъкид мекунанд, ки дар ягон олами мушаххас одамон нисбат бар он, ки онҳо дар ҳақиқат кореро ба иҷро мерасонанд, чизеро ба ҷо оварда наметавонанд ва онҳо наметавонанд барои амалҳояшон сарчашмаи аслие дошта бошанд. Пас, ба андешаи онҳо, масъулияти ахлоқӣ имконнопазир аст. Компатибилистҳо, баръакс, тасдиқ мекунанд, ки одамон аз имконияти интихоби алтернативӣ истифода мебаранд ва аз ин рӯ, онҳоро ҳақиқатан барои амалҳо ва тасмимҳояшон масъул шуморидан мумкин аст. Аз ин рӯ, табиист, ки инсон танҳо дар сурати ноилшавии ӯ ба имконияти интихоби намунаи дигари рафтораш сазовори гуноҳ ё эҳтиром мебошад. Ҳамин тавр, фоил сазовори ҷазо аст, ба шарте агар ӯ кореро анҷом дода метавонист, ки аз ҷазо канорагирӣ кунад, аммо ин корро накардааст; ва агар ӯ кори писандидае анҷом медод, ҳарчанд метавонист кори камтар шоистаро иҷро кунад, сазовори таъриф аст. Аммо, бар хилофи ин эътиқоди маъмул, баъзе файласуфон кӯшиш кардаанд, ки масъулият ва моҳиятан, амали ахлоқиро ҳамчун воқеияте бинанд, ки он аз қобилияти ба тарзи дигар амал намудани фоил вобастагӣ надорад.

Ҳамин тариқ, дар тули асрҳо баҳс дар бораи озодии ирода ва масъулияти ахлоқӣ дар атрофи саволи зерин сурат мегирифт: “Оё масъулияти ахлоқӣ ва озодии ирода маънои қобилияти ба тарзи дигар амал намудани фоилро дорад ё на?”. Сарфи назар аз он ки файласуфони шарқӣ низ қазою қадари сабабиро

[277] Смирнов А.В. Нравственная природа человека: арабо-мусульманская традиция // Этическая мысль: современные исследования. - М.: Прогресс-Традиция, 2009. С. 46.

таъкид мекунанд, онҳо ба озодии иродаи фоил низ таваҷҷуҳи хоса доранд. Масалан, Ибни Сино дар доираи нукоти матлабҳои дар боло зикршуда чунин хулоса кардааст: “Аз шарти ҳаракати иродӣ ин нест, ки дар нафсаш қасдшуда бошад, балки агар қувваи шавқия майл ба сӯйи чизе дошта бошад, аз он [қувва] таъсире бармеояд, ки узвҳоро ба ҳаракат меорад. Дар натиҷа, онҳо боре ба тарзе ҳаракат мекунанд, ки аз онҳо ба ғаразе рафта мерасанд ва боре ба тарзи дигаре ҳаракат мекунанд, ки агар маҳсули тахайюл бошад, ба [аввалӣ] монанд ва ё наздик бувад”.[278]

Равшан аст, ки дар таълимоти машшоиёни шарқӣ масъалаи озодии ирода ба хусусиятҳои руҳонӣ-равонии инсон мутааллиқ дониста мешавад ва қобилиятҳою вазифаҳои нафси инсон ба ҷонибҳои мутақобилу мутазод тақсим мешаванд: аз як тараф, ақл ва тафаккур, аз тарафи дигар, хоҳиш ва ирода. Агар онҳо мухолифи якдигар бошанд ва субъект аз ҳардуи онҳо иборат бошад, пас, чунин ба назар мерасад, ки вай ҳеҷ гоҳ ихтиёран амал карда наметавонад, зеро ӯ ҳамеша таҳти фишори яке аз онҳо қарор хоҳад гирифт. Пас, принсипи ихтиёри озодӣ чист? Фарзияи априорӣ он аст, ки он – интихоби яке аз ин ду қувва аст ва ин қувва ирода ва ирода – ихтиёрро ба вуҷуд меорад. Ибни Сино фармудааст: “Аммо иллатҳои ҳаракати иродӣ чизҳои иродӣ ва иродаи устувори якто буда, гӯё чун куллияти рӯ ба мақсаде овардааст, ки аввал дар тасаввур ҳосил гардад. Пас, ҳаракати иродӣ ба иллати ягонаи устувор ва ба [омадани] як ирода баъди иродаи дигар маҳфуз аст. [Омадани як ирода баъди иродаи дигар омадани] мувофиқи тасаввури як дарозӣ баъди дарозии дигар, як ҷой баъди ҷойи дигар буда, ин [тасаввурро] ҳаракате аз паси ҳаракате омада истад ва ҳамаи он аз тариқи навшавӣ бошад, на ба тариқи суботнокӣ”.[279]

Ба ақидаи Абу Насри Форобӣ, ин қувваҳо аз мабдаъҳое сарчашма мегиранд, ки моҳияти маъқулоти дар қисми ақлонии нафс ташаккулёбандаро ифода мекунанд. Ба ақидаи ӯ, Ақли фаъол инсонро бо донишҳо ва моҳияти

[278] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 299-300.
[279] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 268.

маъқулот танҳо пас аз он ки дар вай аввалан қисми маҳсуси нафс ва сипас, қисми талошкунандае, ки дар он хоҳиш ва нафрат бо ҳиссиёт алоқаманд аст, муҷаҳҳаз мегардонад. Абзорҳои хоҳишҳо ва нафрат ҷузъҳои бадани инсон мебошанд, ки тавассути ҳардуи онҳо ирода ба вуҷуд меояд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки “ирода, пеш аз ҳама, хоҳишест, ки аз эҳсосот бармеояд. Хоҳиш ба қисми саъйю талошкунандаи [нафс] ишора мекунад, дар ҳоле ки эҳсос ба ҳис тааллуқ дорад. Сипас, қисми тахайюлии нафс ташаккул меёбад, ки ба шарофати он хоҳиш ба вуҷуд меояд ва ҳамин тариқ, пас аз иродаи аввал иродаи дуюм пайдо мешавад. Охирин хоҳишест, ки аз тасаввурот бармеояд. Ба туфайли ин [ирода] инсон метавонад аввалин донишеро, ки ба туфайли ақли фаъол дар қисми оқилонаи нафси худ ташаккул ёфтааст, дарк кунад. Сипас, дар инсон як навъи сеюми ирода ташаккул меёбад, яъне хоҳише, ки аз қобилияти тафаккур бармеояд. Ин охиринро интихоби озодӣ меноманд, он танҳо ба одамон хос аст”.[280]

Аз назари Форобӣ, маҳз тавассути ирода ва қуввае, ки онро ба таҳрик медарорад, шахс метавонад қобили ситоиш ва ё маломат гардад, корҳо ва рафторҳои нек ва бад кунад ва барои онҳо мукофот ё ҷазо гирад. Ду иродаи аввал метавонад дар ҳайвони беақл низ сурат гиранд. Инсон бошад, дар ҳоле метавонад барои саодат талош кунад, ки агар дорои ҳарсеи ин анвои ирода бошад, зеро вай қобилияти фарқ кардани неку бадро дорад. Хушбахтӣ бошад, хайри мутлақ аст. Ба ақидаи Форобӣ, ҳар чизе, ки барои касб намудани саодат зарур аст, айнан хайр маҳсуб меёбад, аммо на ба хотири манфиатҳои шахсии худи фард ва ҳар чизе, ки барои ба даст овардани хайр монеъ мешавад, шар, бадӣ аст. Яке аз монеъшавандаҳои хайр шавқу ҳаваси инсон аст, ки инсон бояд бо истифода аз иродаи хеш онҳоро аз байн барад.

Пай бурдан мумкин аст, ки ин нуқтаи назар ба ақоиди файласуфони Юнони Қадим, алалхусус, Арасту мувофиқ меояд ва ӯ низ матлаби аз байн бурдани ҳавасҳои инсониеро, ки бар зарари ӯ мебошанд, ба миён гузошта,

[280] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1973. С. 112-113.

онро ҳамчун нишонаи заифии хислати инсон баҳо медиҳад ва ин падидаи равоншиносӣ-ахлоқиро ҳамчун маглубшавӣ дар назди ҳавасҳою шаҳватҳо маънидод мекунад, зеро “ҳар чизе, ки ихтиёрӣ содир мешавад, аз рӯйи хоҳиш аст”.[281] Барои Арасту равшан намудани савол дар бораи он, ки оё инсон аз рӯйи ихтиёри худаш амал мекунад ё на ва тасдиқ мекунад - интихоб (ихтиёр) бо феъл ё амали хоҳиш айнияти дода намешавад, зеро бисёр чизҳо ногаҳон ва тасодуфӣ таҳти хоҳиш қарор мегиранд, дар ҳоле ки интихоб бошуурона сурат мегирад. Бинобар ин, ихтиёр аз тафаккур ҷудо намешавад. Ӯ маҳз ҳамин ақидаро дар идомаи гуфтораш пайгирӣ мекунад ва тасдиқ мекунад, ки “ихтиёр (интихоб) талоши бошуурона ба сӯйи чизест, ки таҳти ҳукми мо қарор дорад.” Арасту оид а ин масъала илова мекунад: “Ибтидо, [сарчашма]-и амал интихоби бошуурона аст, на ҳамчун ҳадафи ғоӣ, балки ҳамчун сабаби муҳаррик аст, [дар ҳоле ки] интихоби бошуурона – саъйю талош ва ҳукмест, ки ягон ҳадаф дорад. Маҳз барои ҳамин интихоби бошуурона на ҷудо аз ақл ва тафаккур ва на ҷудо аз аҳкоми [ахлоқӣ] имконнопазир аст; дар асл, некӯаҳволӣ [ҳамчун касби хайру некӣ] дар рафторҳо (eypraxia) монанди мухолифони он, дар рафтор ба ҷуз тафаккур ва ахлоқ вуҷуд надорад”.[282]

Ин принсипи аввалиест, ки дар байни машшоиёни шарқӣ низ ба таври маъмул интишор ёфтааст: фарқ танҳо дар он аст, ки мутафаккирони машшоияи шарқӣ дар муқоиса бо Арасту, ки ихтиёрро дар таносуби фаъолияти тафаккур (шуур, ақл) бо феъл ва амал мебинад, ихтиёр ё интихобро дар таносуби фоил ва феъл (амал) маънидод мекунанд. Ба ақидаи онҳо, фоил масъулияти пурраи ахлоқиро барои ҳамаи он чизҳое, ки ихтиёрӣ ба ичро расонидааст, бар дӯш мегирад. Равшан аст, ки файласуфони машшоияи шарқӣ қобилияти фоилро дар ичрои амали дигар таъкид карда, онро монанди Арасту аз огоҳии фоил ё имконияти тааққули ӯ (инчунин, аз шартҳои дигари масъулияти ахлоқӣ) вобаста медонанд. Ибни Сино дар ин бора қайд мекунад, ки “... мо яқинан бидонем, ки моро қувваест, ки бо он

[281] Аристотель. Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч. Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. С. 96-97.
[282] Ҳамон ҷо. С. 174.

ашёро тааққул кунад, пас матлуб исбот гардад ва ё онро бо қувваи дигаре тааққул созад. Пас, моро ду қувва бошад, ки бо яке ашёро тааққул кунем, бо дигаре ин қувваро тааққул кунем ва сипас, гуфтугӯ беохир давом кунад. Аз ин ҷо, дар мо қувваҳое бошанд, ки ашёро беохир тааққул кунанд, лекин ин муҳол аст. Равшан шуд, ки маъқул дархост накунад, ки маъқули чизи дигаре бошад, балки ҳарчи онро моҳияти муҷаррад бошад, оқил аст ва ҳар чизи моҳияти муҷаррадшуда, ки барои чизе вуҷуд дорад, маъқул бошад”.[283]

Аммо дар масъалаи он, ки тааққули фоил ва масъулияти ахлоқӣ аз озодии худи фоил вобаста аст, ногузир ба интихоби алтернативаҳои имконпазир дар интихоби афъол ва рафтор мерасонад. Вуҷудияти амали алтернативӣ барои фоил ва ба ин васила, барои ҳифзи масъулияти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ он қадар муҳим аст, ки баъзе файласуфони машшоияи шарқӣ иродаи аввалӣ ва дониши илоҳӣ, қазою қадар ё ҳама гуна сифатҳои муайянкунандаи пешакии сабабиро ба иллати қобилияти халалдор кардани интихоб дар байни ду афъол рад мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, агар фоил танҳо як роҳи воқеӣ дошта бошад, вай чӣ тавре ки файласуфи амрикоӣ Ҷ. Фейнберг дар назарияи “намунаи кушода” («open option”)-и худ мегӯяд, ба қаторае монанд аст, ки роҳи он аз ҳамаи тарафҳо баста буда, аз ҷониби дигар, низоми таваққуфкунанда (тормоз)-и он кор намекунад.[284] Ин файласуф муътақид аст: тавре ки ронандаи қатора барои ҳаракатҳо ва рӯйдодҳои имконпазире, ки рух дода метавонанд, масъулият надорад ва сазовори таърифи ахлоқӣ ва маломат ҳам нест, пас, шахсе, ки бояд дар натиҷаи дониш ё илоҳияти илоҳӣ амали муайянеро анҷом диҳад, ё амалеро берун аз доираи он ба иҷро расонда, интихоби байни ду амалро дошта наметавонад, барои амалаш ҷавоб намедиҳад. Мувофиқи ин нуқтаи назари анъанавӣ, масъулияти ахлоқӣ ва ҳатто шахсияти фоил аз ӯ талаб мекунад, ки дар пеши қатора бояд роҳҳои зиёд ва бештар аз як имкони интихоби ронанда ҷой дошта бошад.

---

[283] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 273.

[284] Ниг.: Goldman A., and Kim J. (1978) Values and Morals: Essays in Honor of William Frankena, Charles Stevenson and Richard Brandt. Dordrecht: D. Reidel, 79-30.

Форобӣ низ чунин нуқтаи назарро ба таври дигар дар доираи назарияи мадинаи фозилаи хеш шарҳ дода, таъкид мекунад, ки инсон вобаста аз майлу хоҳишаш дар интихоби ё ҷомеа ва ё шаҳр (мадина) қарор мегирад ва “бузургтарин хайр ва камолоти олиро пеш аз ҳама шаҳр, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ на ҷомеае, ки дар сатҳи пасттари камолот қарор дорад, ба даст оварда метавонад. Азбаски, табиати хайр воқеан чунин аст, ки онро бо ирода ва интихоби озод ба даст овардан мумкин аст (ва шар низ бо ирода ва интихоби озод ба даст оварда мешавад, пас шаҳр дар расидан ба баъзе ҳадафҳои, ки хусусиятҳои шарро дорад, саҳм мегузорад), ҳар шаҳр барои касб намудани саодату хушбахтӣ хидмат карда метавонад”.[285]

Мувофиқи ақидаи густурдае, ки дар байни файласуфони машшоӣ роиҷ аст, озодии ирода ба принсипи сабабият ва ҳатто детерминизм, ки аз ин принсип бармеояд, мухолиф нест ва он то даме, ки ирода ҳамчун қисмати ниҳоии сабабӣ пурра зоҳир нашавад, таъсирро талаб намекунад. Дар ҷараёни анҷом ёфтан ё нашудани феълу амал, он беихтиёр ва пеш аз ҳама, дар зеҳни фоил коркард мешавад ва фоил хубии амал ё нодида гирифтани онро тасаввур мекунад. Ҳангоме ки фоидаҳои эҳтимолии амал аз ҷониби фоил тасдиқ карда мешаванд, ҳавас ба вуҷуд меояд ва бо шиддат ёфтани ҳавас барои иҷро кардан ё накардани амал, ки дар ирода зоҳир мешавад, тасмими иҷро ё ҳаваси қатъии он ташаккул меёбад. Ба ин маънӣ, Форобӣ дар бораи ирода сухан ронда, тасдиқ мекунад, ки ирода ин, пеш аз ҳама, ҳавас буда, чуноне ки болотар ба ин назарияи мутафаккир ишора карда будем, он ба қисмати талошкунандаи нафс ва идрок ба гурӯҳи эҳсосот тааллуқ дорад. Вобаста ба ин, мутафаккир таъкид мекунад, ки “ҳар чизе, ки ба ҳар андозае ки набошад, ба саодат халал мерасонад, шарри мутлақ аст. Хайр барои расидан ба хушбахтӣ муфид аст. Он метавонад табиатан вуҷуд дошта бошад ё бо хоҳиши инсон. Шар барои саодат монеъ мешавад. Он [низ] метавонад табиатан ё бо хоҳиши инсон вуҷуд дошта бошад”.[286]

---

[285] Аль-Фараби. Философские трактаты. - Алма-Ата, 1972. С. 305.
[286] Ҳамон ҷо. С. 114.

Аз ин ҷо, ба андешаи мутафаккирони машшоияи шарқӣ, ирода аз идроки ақлие оғоз мегирад, ки он дар навбати худ аз муайян кардани муносибатҳои рафтории инсон дар сатҳи фардӣ ва иҷтимоӣ аст. Ба маънои дигар, фоиле, ки феъли ӯ аз идроки ақлӣ маншаъ мегирад, бояд ба гунае бошад, ки мақоми иродаро бар зоти он устувор нигоҳ дошта, феъли он низ аз ин ирода собиқтар бошад ва дар ин ҳолат он дорои сифати ихтиёр хоҳад буд. Дар ин маъно нисбати байни ихтиёр ва ҷабр, малака ва нестии малака ҷой дорад ва он танҳо дар фоилҳои қасдӣ, ки идроки ақлонӣ дорад, мутобиқ мешавад. Дар ин маънӣ, ихтиёр ва нисбати онро ба фоили ақлӣ бояд дар принсипи сабабият ва детерминизми мутафаккирони машшоӣ ҷуст. Воқеан, рад кардани сабабият дар қаламрави фаъолияти ақлонии инсон ва озодии иродаи ӯ ҳастии инсонро ба маънои аслии он зери суол мегузорад. Барои шарҳ додани ин нуқтаи назари васеъ мо бояд аввал оқибатҳои принсипи сабабиятро баррасӣ кунем. Ин принсипро Ибни Сино чунин тарҳрезӣ намудааст: “То он даме, ки зарурат барои ашё шарт набошад, он ба вуҷуд намеояд”.[287] Тибқи ин принсип, агар чизе бо сабаби пурраи он вобаста набошад, он ҳеҷ гоҳ ба вуҷуд намеояд, ё ба ибораи дигар, амалӣ гаштани маълул нисбат ба ҳамаи чизҳои дигар шартӣ аст, яъне мавҷудияти он дар ягон чизе имконпазир аст, ҳатто агар он сабаб набошад; он гоҳ байни сабаби умумӣ ва чизҳои дигар тафовуте нахоҳад буд. Ҳамин тариқ, сабаби пурра моҳияти пурра будани худро қатъ мекунад, ки ба фарзияи аслии Ибни Сино, ки сабабро ягона мешуморад, мухолиф аст: “Раво нест, ки ду чиз бошаду аз ҳардуи он як вуҷуди воҷибе пайдо гардад. Дуруст нест, ки дар воҷиб-ул-вуҷуд аз ягон ҷиҳат касрат (бисёрӣ) ҷой дошта бошад. Инчунин, ҷойиз нест, ки ду чиз бошаду инаш он ва онаш ин набошад ва ҳар яке аз он ду ба зоти худ ва ба зоти дигаре воҷиб-ул-вуҷуди ба ғайри худ буда натавонад... Пас, ҳар яке аз он ду ба зоти хеш мумкин-ул-вуҷуд буда, ҳар чизи ба зоти худ мумкин-ул-вуҷудро иллате бошад, ки дар вуҷуд аз он

[287] Ибни Сино. Ал-Наҷот. – Теҳрон, 1364. С. 548.

пештар аст, чунки ҳар иллате дар вуҷуди зот аз маълул муқаддамтар аст, лек дар замон”.[288]

Ин нуқтаи назари сирф метафизикӣ аст, аммо дар олами табиӣ ва ҷисмонӣ принсипи устувори тобеияти “поён ба боло”, ки аз ҷониби файласуфон ва теологҳои зиёди Машриқзамин қабул шудааст ва амалҳои озоди инсонӣ ба ғайр аз сабабҳои муассир имконпазирии пешгӯиҳо ва пешбиниҳоро тақозо мекунанд, ки ба шарофати он ин принсип дар иҷро шудан ё иҷро нашудани амалҳо нобаробариро ба вуҷуд меорад. Ба ибораи дигар, фоили озод наметавонад яке аз ду амалро интихоб кунад, агар онҳо аз ҷиҳати манфиатҳое, ки фоилро бармеангезанд ва ба ҳадафҳои ӯ хидмат мекунанд, баробар бошанд. Дар ин ҷо масъалаи сирф тобеияти инсон ба миён меояд. Ба ақидаи Форобӣ, тобеият, фармонбардорӣ ин эътирофи он аст, ки гӯё худое дар олам ҳукмронӣ мекунад ва диндорону руҳониён дар рӯйи замин амрҳои ӯро аз тариқи дуоҳо, ситоиш ва таърифу тавсифи қудсияти худоро ҷалолу ҳашамат медиҳанд, Агар инсон ин расму оинҳоро иҷро кунад ва аз неъматҳои дунявӣ, ки манбаи хоҳиши ӯ дар ин ҳаёташ мебошанд, даст кашида талаботи руҳониёро устуворона риоя кунад, пас, барои ӯ ин ҳамаи заҳматҳояш ҷуброн карда мешаванд ва дар ҳаёти пас аз марг мукофот мегирад. Дар акси ҳол, ӯро пас аз маргаш бо бадбахтиҳои зиёд ҷазо хоҳанд дод. Форобӣ аз ин масъала чунин хулосагирӣ мекунад: “Ҳамаи ин ҳиллаю найрангҳои як гурӯҳ ба манфиати гурӯҳи дигаранд. Ҳамаи ин ҳилаю найрангҳоеанд, ки онҳоро шахсе истифода мебарад, ки барои ин манфиатҳо ошкоро ва ростқавлона мубориза бурда тавонад, фитнаҳоро шахсе ба кор мебарад, ки ӯ қудрати ба даст овардани ин неъматҳоро бидуни баҳонаю найранг ва кӯмаки каси дигар барои тарсонидани дигарон ва маҷбур кардани онҳо барои даст кашидан аз ин ҳама имтиёзҳо ё баъзе аз онҳо, бо дасти худ ва қувваи худ надорад”.[289] Таачҳубовар он аст, ки Форобӣ дар худи ҳамин ҷо рӯйирост тасдиқ мекунад, ки шахсе, ки ин расму оинҳои диниро иҷро

[288] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 250-251.
[289] Аль-Фараби. Философские трактаты. - Алма-Ата, 1972. С. 358.

мекунад, дар миёни мардум ҳамчун риоякунандаи онҳо нуфуз ва иззату эҳтиром пайдо карда, аз ӯ хавф намебаранд ва ба ягон гуноҳе гумонбар намешавад, дар ҳоле ки худи ин шахс ҳиллаҳояшро пинҳон нигоҳ дошта, рафтори хешро ҳамчун намунаи илоҳӣ тавсиф медиҳад. Ҳамин тариқ, хулоса мекунад Форобӣ, “ӯ зоҳир ва симои шахсеро хоҳад дошт, ки тамоман ин неъматҳоро барои худ намеҷӯяд; ба ин далел, бо додани имтиёзҳои дигар ӯро иззату эҳтиром мекунанд, ситоиш карда, ба ӯ аз тариқи бахшидани хайроти дигарашон наздикӣ меҷӯянд. Одамон ба ӯ итоат хоҳанд кард, ӯро дӯст дошта, маҳкум намекунанд, ба шарте ки агар ӯ дар ҳама чиз ба ҳавасҳои худ пайравӣ кунад; гузашта аз ин, ҳама гуна амалҳои зишти ӯро зебо хоҳанд ёфт. Ҳамин тавр, ӯ иззат, сарварӣ, сарват, лаззат аз ҳамаи неъматҳо ва имтиёзҳоро ба даст меорад. Албатта, ҳамаи ин расму оин маҳз барои ҳамин ҳадаф ҷорӣ шудаанд”.[290] Дар ин ҷо равшан аст, ки одамон дар зери таъсири ин гуна тақлиди кӯр-кӯрона ба расму одатҳои иҷборӣ ва ба ҳадде нораво, ки аз ҷониби ин гуна ашхос устокорона ва маккорона ба кор бурда мешаванд, масъулияти шахсӣ ва озодии иродаи хешро пурра аз даст дода, ба як навъ ғулом, барда табдил меёбанд.

Аз ҷониби дигар, Форобӣ бо тасдиқи он, ки “ҳамаи ин расму оинҳо маҳз барои ҳамин мақсад ҷорӣ карда шудаанд”, барои исбот ва тақвияти фикраш маҷозеро ба кор мебарад, ки тибқи он “шикори ҳайвоноти дарранда ё тавассути мубориза ва ҳамлаҳои ошкоро, ё бо ҳиллаҳо ва домҳо сурат мегирад” ва ба даст овардани манфиатҳои дар боло зикршударо низ шахс танҳо ё бо талаби кушод ва ё бо роҳи фиреб анҷом дода метавонад. Аммо, агар инсон ин расму оинҳоро танҳо ба хотири худи ҳамин расму оинҳо ва на барои он, ки тавассути онҳо ин неъматҳоро ба даст орад, иҷро намоя, пас ба қавли Форобӣ, дар ин ҳолат чунин инсон дар назари мардум ҳамчун шахси ба иштибоҳ воридшуда, бадбахт ва ҳақиру фақир намудор гашта, ҳадафи мазаммат ва таънаю маломати онҳо қарор мегирад. Форобӣ дар идома чунин таъкид мекунад: “Аммо, бисёриҳо ӯро барои масхара шудан таъриф

[290] Ҳамон ҷо. С. 359.

мекунанд, дигарон ӯро ба хотири манфиатҳои шахсиашон дастгирӣ мекунанд, то ки ӯ барои ягон манфиате довталаб набошад, балки аз онҳо даст кашад ва барои дигарон фаровон бошад. Дигарон бошанд, аз тарс рафтору кирдори ӯро ситоиш хоҳанд кард, ки мабодо одамоне, ки ин рафторро эътироф намекунанд, онҳоро аз он чизе ки доранд, маҳрум накунанд. Чорумиҳо, ӯро таърифу тавсиф мекунанд ва танҳо барои он хушбахт меҳисобанд, ки худи онҳо низ мисли ӯ иштибоҳ мекунанд”.[291]

Чунин ҳолат барои он рух медиҳад, ки иродаи мавриди баҳс ҷузъи пурраи амалҳои одамон аст. Аммо, ьиқи он моҳияти иродаи озод, ки файласуфони машшоияи шарқӣ пешниҳод кардаанд, нақши иродаи фоил дар он аст, ки оё худи ирода ҳамчун ҷузъи охирини саршавии амали инсон ихтиёрӣ ва озод аст ё на. Оё ин озодии ирода ба иродаи дигар ва ғайра вобаста аст, ки чунин вобастагӣ ба заифии имконияти дар амал таҳаққуқ ёфтанаш мегардад ё ҳадде вуҷуд дорад, ки иродаи инсон бидуни қудрати ягон фоили бегона барои ягон амал ё бефаъолиятӣ зарур мешавад? Ин масъала ба детерминизм оварда мерасонад, ки онро машшоиёни шарқӣ ба таври возеҳ эътироф кардаанд. Масалан, Насируддини Тӯсӣ маърифат, шавқу ҳавасҳо ва иродаро решаҳои амалии озодии инсон ва ҳалқаҳои занҷираи зарурии иллату маълул мешуморад. Он аз воҷиб-ул-вуҷуд чунин оғоз мешавад, ки ирода ва феъли инсон бо зоти илоҳӣ вобаста аст ва фоил феъларо ҳангоме иҷро мекунад, ки агар онро зоти илоҳӣ хоста бошад ва онро зоти илоҳӣ талаб накунад, пас фоил барои иҷрои амал имконият надорад. Ӯ суханони Арастуро дар бораи иродаи илоҳӣ тафсир дода чунин навиштааст: “Пас бояд, ки ба изои он чӣ ба мо мерасад аз атиёти Холиқ, азза исмуҳу ва ниами номутаноҳии ӯ, ҳаққе собит бувад, ки ба навъе аз анвои қудрат дар адои он ҳақ базл кунанд, чӣ агар касе ба андак моя инъоме махсус шавад аз ғайре ва онро муҷозоте накунад ба ваҷҳе, ба васамати ҷавр мансуб бошад. Фа кайфа агар ба атоҳои номутаноҳӣ ва неъматҳои беандоза тахсис ёфта бошад ва баъд аз он бар тавотуру таволӣ ба лавоҳиқи аёдӣ лаҳзатан фалаҳзатан онро

[291] Аль-Фараби. Философские трактаты. С. 360.

мададе мерасад”.[292] Аммо, иродаи инсон, аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ хоҳ вобаста аз хоҳиши шадиди Худо ва аз ин рӯ, дар муносибат бо он ғайрифаъол бошад ҳам, аммо муайянкунандаи рафтору кирдори ҳаёти заминӣ фақат ӯ ва иродаи шахсии худаш буда метавонад. Иродаи Худо ба иродаи озоди инсон мухолиф нест. Аз нуқтаи назари фалсафии Тӯсӣ, қудрат ва иродаи озод маънои онро дорад, ки агар инсон бихоҳад, амали муайянеро анҷом медиҳад ва агар нахоҳад, аз он даст мекашад. Ба маънои дигар, инсон дар иҷроиши рафтору кирдори худаш соҳибихтиёр ва масъул аст.

Ҳамин тавр, Насируддини Тӯсӣ монанди файласуфони дигари машшоияи шарқӣ байни қувваю иродаи шахсӣ, қувваю иродаи фоили беруна ва иҷбориятe, ки аз ботини инсон сар мезанад, фарқ мегузорад. Ин бар хилофи анъанаест, ки дар таълимоти юнониёни қадим, масалан, дар афкори Афлотун мавҷуд буда, ӯ иҷбориятро ҳамчун исботи иродаи шахс истисно мекунад. Далели Афлотун чунин аст, ки иҷбориятe дар маънии “ҷавр” (“зӯрӣ”) бар хилофи амалҳои нек равона шуда, монеи иродаи инсон мегардад. Ба маънии дигар, “ҷавр” хусусияти ғайриирод ва иҷборӣ дорад. Ин нукотро мутафаккир шарҳ дода менависад, ки дар ин ҷо шубҳае ба миён меояд, ки ба он ҷавоб ҳаст ва он шубҳа чунин аст: азбаски адолат масъалаи иродаи хайр аст, ки онро барои ба даст овардани шаъну шараф ва ситоиши шоистагӣ ба даст меоваранд ва беадолатӣ низ, ки баръакси он аст, то ба ҷойе масъалаи ирода аст, пас, тавассути он инсон ба корҳои бад ва сазовори сарзаниш мерасад. Чунин ба назар мерасад, ки шахси оқил бояд бадкорӣ ва мазамматро интихоб кунад; ҳамин тавр, мавҷудияти беадолатӣ ғайриимкон мегардад. Дар посух ба ин савол Насирудини Тӯсӣ гуфтааст, касе амале анҷом диҳад, ки боиси бадӣ шавад, золими нафси худ мешавад, зеро бадиро нисбат ба некии нафс афзал донист ва аз таълимоти хирадгарӣ даст кашид: “Ва сабаб он бувад, ки дар ҳолате, ки ғалаба қувватеро бошад, ки муқтазои он феъл аст, он феъл ҷамил намояд ва чун он қувват истихдоми ақл ва истеъмоли ӯ карда бошад, ақлро маҷоли эътироз набувад ва баъд аз сукуни сарвати қувват қубҳу

[292] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Душанбе, 2009. С. 111.

фасод зоҳир гардад. Аммо, касоне, ки ба саодати фазилат мавсум бошанд, ба ҳеч вақт ақли эшон мағлуб нагардад ва судури феъли ҷамил эшонро малака шавад».[293]

Аз ин ҷо бармеояд, ки агар шахс амалеро дар асоси иродаи худ анҷом диҳад ва ин амали шартӣ зарурат бошад, пас, зарурати аз иродаи фоил ба миёномада, мухолифи иродаи озоди ӯ нест, балки онро тасдиқ мекунад. Ин ҳодиса аз он сабаб рух медиҳад, ки иродаи мавриди баррасӣ қароргирифта як қисмати сабаби пурраи амал аст. Аммо, масъалае, ки аз таърифи иродаи озоди файласуфони машшоӣ ва нақши иродаи фоил дар он ба миён меояд, аз он иборат аст, ки оё ирода ҳамчун ҷузъи охирини амали тафаккурии инсон ба зоти худ ихтиёрӣ ва озод аст ё на. Бояд қайд кард, гарчанде ки амали озоди шахс аз иродаи ӯ вобаста аст, ин ирода ҳатман ба тарзи детерминистӣ тавре тавлид мешавад, ки фоил дар он нақши намоён дорад. Далели машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла, Форобӣ ба нафъи табиати детерминистии ирода чунин аст, ки агар ҳарчанд иродаи озод дар маънои метафизикии он ихтиёрӣ нест ва он натиҷаи иродаи дигар буда, ин ирода маълули иродаи дигар аст, аммо дар ҳаёти дунявӣ ба монанди далелу бурҳонҳои Насируддини Тӯсӣ, дар нисбати инсон ва фаъолияти ӯ хусусияти сирф интихобӣ ё ихтиёрӣ мебошад, яъне афъол ва аъмоли инсон берун аз метафизика ва олами дигари он озод буда, ба хоҳиш, ирода ва малакаи ӯ вобаста аст. Форобӣ қайд кардааст, ки инсон аз ибтидо ва табиатан фазилат ё нуқсонҳои хулқӣ дошта наметавонад, “ҳамон тавре ки ӯ наметавонад, дарҳол бофанда ё котиб бошад”, аммо, табиатан ба ҳолатҳои марбут ба фазилат ё нуқсонҳои хулқӣ то анҷом додани амалҳое, ки аз ин ҳолат бармеоянд, майл дошта метавонад ва онҳо нисбат ба майл ба хоҳишҳои дигар барои ӯ осонтар ба даст меоянд. Мутафаккир таъкид мекунад ки ба ҳамин монанд, инсон майлу хоҳиши табиии бештар ба амалҳое дорад, ки масалан, бо навиштан ё ягон санъати дигар алоқаманд аст. Ба маънои дигар, инсон аз ибтидо ба сӯйи амале мутамоил буда метавонад, ки иҷрои он табиатан барояш осонтар аст, агар ягон ангезаи дигари берунӣ ӯро

[293] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 116-117.

ба ягон тарафи муқобил равона накунад. Ба андешаи Форобӣ, ин хислати табиӣ фазилат ҳисоб намешавад, ҳамон тавре ки хислати табиии фаъолияти бофандагӣ - бофтан ба ҳисоб намеравад. Аммо, вақте ки хислати табиӣ барои иҷрои амалҳои шоиста равона карда мешавад ва ин амалҳо такрор шуда, то андозае ба ҳайси одати маъмул муттаҳид ва собит мешаванд, ки дар нафс ҳолате пайдо мешавад ва он ҳамчун манбаи ин амалҳо хидмат мекунад ва ин ҳолат бо пайдоиши одат собит гардида, фазилат шумурда мешавад. Ҳолати табиӣ на фазилат ва на нуқсон номида мешавад, ҳатто агар аз он амалҳои шабеҳ сар зананд.

Баррасии масъалаи болозикр ва ин ҳукмҳоро идома дода, Форобӣ навиштааст: “Ҳолати табиӣ ном надорад ва агар касе онро фазилат ё нуқсон номад, ин танҳо аз сабаби умумияти ном буда, на аз сабаби он, ки маънои яке аз онҳо бо маънои дигараш шабеҳ аст. Инсонро барои [ҳолатҳое], ки маҳз ба фазли одат ба вуҷуд омадаанд, мутаҳҳам ё таъриф мекунанд. Ӯро барои [ҳолатҳои] дигар таърифу тавсиф намекунанд. Имконнопазир аст, шахсе вуҷуд дошта бошад, ки табиатан ба ҳамаи нишонаҳои фазилат, ахлоқӣ ва ақлӣ майл дошта бошад, ҳамон тавр ҳам ғайриимкон аст, ки касе табиатан ба ҳамаи санъатҳо ба якборагӣ майл дошта бошад”.[294] Мутафаккир инчунин, илова мекуд, ки ки мувофиқи ин таълимот, фоилии инсон, агар ба шакли маҷоз ҳарф занем, комилан ба мисли фоилии оташ ихтиёрӣ аст, зеро ҳарду фоил аз як қатор сабабҳои беруна таъсир мегиранд ва ҳамон тавре ки оташ наметавонад аз сӯхтан ҷилавгирӣ кунад, ҳамин тавр шахсе, ки амали муайянеро анҷом медиҳад, наметавонад амалеро дар ибтидои пайдоишаш ихтиёр намояд, зеро он амал ва иродаи ӯ берун аз озодии ӯ сабабҳои муайяне дорад ва ҳангоме ки ин сабабҳо мавҷуданд, амалӣ намудани ин таъсир зарур хоҳад буд. Ягона фарқи байни фаъолияти инсон ва зуҳуроти табиӣ, аз қабили оташ, ягон ҳайвон ва амсоли онҳо ин дониш ва ақлонияти шахс аст, ки тавассути онҳо ӯ дар бораи ангезаҳо ва ҳадафҳое тааққул мекунад, ки ӯро ба ифодаи муайяни ирода ва аз тариқи он ба иҷрои амале водор мекунанд.

[294] Аль-Фараби, Социально-этические трактаты. С. 181.

Ҳамин тариқ, дар ташаккули иродаи озод, фоил аз хоҳиш ва тамоюлоташ барои иҷрои ягон кору рафтор вобаста буда, ирода дар натиҷаи сабабҳои беруна мақоми афзалтар ва заруртарро касб менамояд.

Аз ҷониби дигар, азбаски афкори васеи файласуфони машшоӣ дар ин масъала ба детерминизм қоил аст, пас, инсон бояд аз рӯйи ин равиш ё ба принсипи сабабии онҳо, ки зарурати пешакӣ ва детерминизмро дар назар дорад, итоат кунад ё чунин ақидаро бинобар далели ҳадсӣ доштан ва ногузир будани иродаи озод дар он рад намояд, зеро ирода ва решаҳои он (ҳукм, майлу хоҳишҳо ва дигар омилҳои ба он алоқаманд) зери назорати нафс нестанд ва натиҷаи омилҳои ғайриихтиёрӣ мебошанд. Дар ҳолатҳое, ки нафс дар бораи афзалиятҳо ва нуқсонҳои чизе маълумот мегирад ва таълимот, ҳукм дар бораи фоида ё манфиат, иштиҳо ва иродаро ба вуҷуд меорад, пайдоиши хоҳиши психологӣ ба нафс комилан аз беруни ҷисми инсон таҳмил карда мешавад. Ибни Сино вобаста ба ин масъала қайд мекунад, ки "...қувваҳои ҳайвонӣ ба нафси нотиқа дар ашёе ёрӣ диҳанд. Аз ҷумлаи онҳо ҳис бошад, ки бар он ҷузъиётро ворид созад. Дар нафси нотиқа аз ин ҷузъиёт чор амр пайдо шавад: яке ин ки нафс куллиёти муфрадро аз ҷузъиёт бо роҳи таҷриди маъноҳои онҳо аз моддаю алоиқу лавоҳиқи модда таҷрид созад ва чизҳои дар он муштарак ва бо он мухолиф ва вуҷуди чизи зотию аразӣ риоя гардад. Нафсро аз ин амр мабдаъҳои тасаввур пайдо гардад, ки он ба воситаи истеъмоли хаёл ва ваҳм анҷом ёбад".[295]

Арзёбии ақидаҳои файласуфони машшоияи шарқӣ дар иртибот бо саволе ба миён гузошта мешавад, ки оё озодии ирода дар асоси принсипҳои зарурӣ ва детерминистии он то кадом андоза ҳифз шудаанд. Зимни баррасии ин масъала бояд қайд кард, ки файласуфи муосир ва машҳури амрикоӣ Г. Франкфурт дар асари маъруфи худ имкониятҳои алтернативӣ ва масъулияти ахлоқӣ, мафҳуми умумэътирофшудаи озодиро барои расидан ба масъулияти ахлоқӣ зери шубҳа мегузорад. Ӯ нишон медиҳад, ки гарчанде дар ҳолатҳои таҳти гипноз ва ё иҷбориятҳои ботинии худи инсон қарор гирифтан, ӯ баъзан

[295] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. С. 200.

бо шароите дучор меояд, ки дар он фоил маҷбур мешавад, то ҳамзамон, амали муайянеро анҷом диҳад ва иҷрои амали дигар аз ҷониби инсон ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, масъулияти маънавии ӯ бемаънӣ бошад ҳам, бояд қайд кунем, ки дар баъзе мавридҳо шароитҳое мавҷуданд, ки воқеан инсонро ба амали муайян водор намекунанд ва ӯ дар онҳо имкон пайдо мекунад, то аз содир кардани ин амал худдорӣ кунад. Аммо, дар ин ҳолат фоил дорои масъулияти ахлоқӣ хоҳад буд. Дар робита бо ин масъала, муҳаққиқи рус А. Мишура дар мақолааш принсипҳои интихоби (алтернативи)-и имкониятҳои Г. Франкфуртро мавриди интиқод қарор дода, аз ҷумла, қайд кардааст, ки ин мутафаккир барои нишон додани мустақилияти масъулияти ахлоқӣ аз қобилияти амали дигар якчанд ҳолатҳоро таъбир кардааст, ки дар он шароитҳо имконнопазирии шароити дигарро истисно мекунанд, дар ҳоле ки фоил новобаста аз ин тибқи иродаи худаш амал намуда, ба таври ҳадсӣ масъулияти пурраи ахлоқиро барои анҷом додани он корҳо ба дӯш дорад. А. Мишура таҷрибаи машҳури ақлонӣ-мантиқии Г. Франкфуртро ба василаи ба ном манипуляторҳои контрафакталӣ мисол оварда, баъзе тавсифҳои калидии онро пешкаш намудааст, ки чунинанд: “Аввалан, он фоиле дорад, ки бояд қарор қабул кунад. Сониян, як манипуляторе ҳаст, ки метавонад ба вазъият дахолат кунад ва тасмими дилхоҳи худро кафолат диҳад. Сеюм, фоил тавре амал мекунад, ки ба манипулятор дахолат кардан ба кори он лозим нест: худи фоил қарори дилхоҳи манипуляторро қабул мекунад. Ҳамин тариқ, дар асл, фоил наметавонад ба ғайр аз қарори қабулкардааш тасмими дигарро қабул кунад. Ба ибораи дигар, он имконоти интихобӣ (алтернативӣ) надорад. Бо вуҷуди ин, мо ба таври ҳадсӣ ӯро барои корҳои кардааш масъули ахлоқӣ мешуморем. Қобилияти ба таври дигар рафтор намудан, шарти зарурии бар дӯш вогузор намудани масъулияти ахлоқӣ нест”.[296]

Чунин тавсифи муҳаққиқи мазкури амрикоӣ шояд аз осори машшоиёни юнонӣ низ реша гирифта бошад ва ин масъала таҳқиқи алоҳидаро тақозо

[296] Мишура А. С. Гарри Франкфурт и критика принципа альтернативных возможностей // Философия. Журнал Высшей школы экономики. —2017. — Т. I, № 4.С. 116-117.

мекунад. Дар ҳар сурат, дар осори машшоиёни шарқӣ, ки мехоҳанд ҳам муайянкунандаи сабабӣ ва ҳам масъулияти ахлоқии фоилро таҳқиқ намоянд, имконияти баррасии ин мавзуъ вуҷуд дорад. Аз муқоисаи мухтасар маълум мегардад, ки масъулияти ахлоқӣ бо муайян кардани сабабият новобаста аз он ки оё иродаи озод бо қобилияти ба таври дигар амал кардан баробар аст ё не, мувофиқат дорад, зеро масъулияти ахлоқӣ асосан аз қобилияти фоил ба таври гуногун амал кардани он вобаста нест.

Дар иртибот бо ин, ба саволе рӯ ба рӯ хоҳем омад, ки чӣ гуна метавон детерминизми сабабии физикӣ ва метафизикии машшоиёни шарқиро бо даъвои онҳо дар бораи он, ки одамон барои амалҳои худ аз ҷиҳати ахлоқӣ масъуланд, мувофиқ кардан мумкин аст. Агар инсон аз нуқтаи назари онҳо озодии ирода дошта бошад, пас, он бояд аз фаҳмиши навъи фаъоли рафтору кирдори инсон ҳосил шавад. Дарҳол ва якбора маълум намегардад, ки оё мутафаккирони машшоияи шарқӣ муътақид бар он буданд, ки феълҳои иродии чунин навъро ба одамон нисбат додан мумкин аст ё на. Аммо, шакку шубҳае нест, ки онҳо аксарияти анвои ирода, ҳатто иродаи илоҳиро низ ҳамчун навъи ҳаракати ғаразӣ тавсиф мекарданд. Масалан, Ибни Сино дар асараш “Ишорот ва танбеҳот” овардааст: “[Чиз]-и олӣ (‘ālī) ба сӯйи пастӣ (sāфил), ки барои аввалӣ ҳамчун ғоя (ғараз) хизмат мекунад, талош намеварзад. Зеро чизе, ки ҳамчун ғоя хидмат мекунад, чунин аст, ки ҳангоми интихоби он дар муқоиса бо муқобили он фарқ мекунад ва барои интихобкунанда афзалтар ва мувофиқтар аст. Агар дар бораи он гуфта шавад, ки ин худ аз худ ҷолиб ва афзалтар аст, аммо барои фоили талошкунанда ба сӯйи он ва муроди он (ирода) афзалтар ё беҳтар намебуд, пас он ҳамчун ғараз амал намекард. Аз ин рӯ, шахси саховатманд, ҳокими воқеӣ ғоя (ғараз) надорад”.[297]

Ин амалҳоро машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла, Ибни Сино би-л-қасд номидааст, ки боз ҳам, табиатан ғайрифаъоланд. Дар чунин ҳолат, онҳо

[297] Ибн-Сина (Авиценна). Указания и напоминания [Раздел по метафизике]. Часть третья. Пер. с араб., предисл. и коммент. Т. Ибрагима и Н. В. Ефремовой // Ориенталистика. 2019;2 (1). С. 87.

пурра бо омезиши сабабҳои беруна ва қувваҳо ё қудратҳои психологии ботинии ҷисмонии инсон муайян карда мешаванд. Ибни Сино эътироф мекунад, ки дар нисбати амалҳои ихтиёрӣ муайян кардани ҳамаи ҷузъҳои таркибии сабаб мушкил аст, “зеро иродаи мо маълул аст ва иллатҳои худашро дорад. Пас, ҳар як иродаи мо сабабҳои худашро дошта, сабаби як ирода сабаби иродаи дигар буда наметавонад, дар акси ҳол, ҳамаи ин бо таназзул анҷом мегирад. Сабаби ин ирода бошад, ашё ва падидаҳое мебошанд, ки аз омилҳои рӯйизаминӣ ва осмонӣ сарчашма гирифта, омилҳои заминӣ, бешак, ба сӯйи омилҳои осмонӣ бармегарданд. Ташаккул ёфтани омилҳои зикршуда иродаамонро тавлид мекунад”.[298] Тасдиқи қатъии Ибни Сино ин аст, ки амалҳои қасдӣ ё ғаразӣ аз ҷиҳати сабабӣ муайян карда мешаванд ва бояд бо дарназардошти ақидаҳои ӯ дар бораи масъулияти ахлоқӣ ва озодӣ зимни муҳокимаҳои масъалаҳои ахлоқии дар воқеъ то ҳадде камёфт арзёбӣ карда шаванд. Аммо, мутаассифона, дар як асари худ бо номи “Рисāла фи сирр ил-қадар”, ки бояд ин масъаларо дар равиши фавқуззикр таҳлил мекард, Ибни Сино бидуни ягон зарурат ва исботи мантиқӣ мегӯяд, ки дар сурате, ки Худо амалҳои инсонро комилан муайян мекунад, инсон то андозае барои ин амалҳо масъулиятро бар дӯш дорад.[299]

Ибни Сино дар рисолаи кӯтоҳи дигараш бо номи “Фи илм ил-ахлāқ” муносибати ошкортар дорад. Барои мавзуи мо муҳокимаи ӯ дар бораи он, ки одамон фазилатҳоро ва ношоистагиҳоро чӣ гуна ба даст меоранд, муҳим аст. Мисли Арасту, Ибни Сино низ чунин мешуморад, ки некиҳо ва бадиҳо ба василаи ҷаҳду талош (дар фаҳмиши Ибни Сино – иҷтиҳод), яъне тавассути иҷрои бисёркаратаи як ҷанбаи муайяни амалҳо ба даст оварда мешаванд. Дар мавриди ба даст овардани ин хислатҳои ахлоқӣ Ибни Сино муътақид аст, ки одамон қодиранд, ки равандҳои нави иҷтиҳодро оғоз кунанд. Ӯ менависад: “Ҳар гоҳе ки шахс воқеан дорои хислати муайяни ахлоқӣ набошад, вай қодир

[298] Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Т. 3. Пер. с араб., вст. стат. и коммент. С. Сулаймонова. - Душанбе, 2006. С. 451.
[299] Essay on the Secret of Destiny. In: Bulletin of the School of Oriental and African Studies. Ed./trans. G. Hourani, 1966, p. 120.

аст, ки онро касб намояд ва айнан ҳамин тавр, агар ӯ мушоҳида кунад, ки ҳақиқатан дорои ягон хислати ахлоқӣ бошад, тавассути феъли иродаи хеш (би-ирādатиҳи) ба хислати муқобили он руҷуъ намояд”. Дар худи ҳамин ҷо, Ибни Сино тасдиқ мекунад, ки мавзуи муроди инсон, ҳангоме ки он ба иктисоби накӯкорӣ мутаваҷҷеҳ мешавад, озодӣ (барā’а) аст, аз ҷумла, озодӣ аз шароити мизоҷҳои табии хеш ва қудрат барои соҳибияти онҳо”.[300]

Ин тарзи баён, бешубҳа, забони фалсафии Плотинро дар тафсири масъалаи мазкур ба хотир меорад ва инчунин, ба сӯйи андешае мебарад, ки ба ақидаи Ибни Сино инсон барои одатҳо ва рафторҳояш масъул аст ва аз ин рӯ, эҳтимолан, ба маъное озод ҳам буда метавонад. Моҳияти масъала, чуноне ки дар боло ишора шуд, дар он ифода меёбад, ки оё Ибни Сино бо назардошти тасаввуроти худ дар бораи детерминизми сабабӣ пайваста ин мавқеъро нигоҳ дошта метавонад ва ё на? Дар бораи он, ки Ибни Сино метавонад масъулияти ахлоқиро пайваста шарҳ диҳад, мо аз як фарзияи муҳим шуруъ мекунем. Бо дарназардошти шабоҳатҳои зиёди дар байни муносибати Плотин ба Воҳид дар асараш “Эннеадҳо” ва тафсири Ибни Сино дар бораи ирода дар “Таълиқот”, қаблан мутазаккир мешавем, ки Ибни Сино муносибат ба иродаро дар ин асараш ба ҳадди баробар дар нисбати одамон таъкид кардааст, аммо на ба он ҳадде, ки Плотин пеш аз ӯ пешкаш намуда буд. Инчунин, ёдовар мешавем, ки Ибни Сино дар асараш “Таълиқота” мафҳуми мунāсабро пешниҳод кардааст, то нишон диҳад, ки сарфи назар аз он ки воҷиб-ул-вуҷуд ягон нафъеро аз хилқат набардоштааст, Ӯ барои офариниш масъул аст, зеро офариниш аз Ӯ бармеояд ва Ӯ онро эътироф мекунад ва ба офариниши олам розигӣ медиҳад.[301]

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Ибни Сино, шахс барои ягон рафтораш аз ҷиҳати ахлоқӣ ҷавобгар хоҳад буд, гарчанде ки чунин амал комилан аз нигоҳи сабабӣ муайян карда мешавад, ба шарте ки агар: аввалан, феъл ё амал ба инсон ҳамчун ба фоили ӯ мутааллиқ аст, яъне феъл аз мабодие бармеояд,

[300] Essay on the Secret of Destiny, p. 123.
[301] Ибн Сина. Таълиқат. – Бенғазӣ, 1972. С. 65-68 (ба забони арабӣ).

ки ба фоил хос буда, дар миёни онҳо ақаллан яке аз ин мабодӣ тасаввур, тафаккур ва ё фаҳмиш (ё фаҳмиши фаъол ё ғайрифаъол) хоҳад буд ва аз берун чизе барои фоил ба чунин тарз фаъолият намудан монеъ намешавад; сониян, инсон эътироф мекунад, ки вай фоили амал аст; сеюм, инсон барои иҷро кардани амал розӣ аст. Аслан, ин ҳамон таъбири масъулияти ахлоқӣ аст, ки онро мураттиби англисии асари “Рисāла фи сирр ил-қадар” (“Essay on the Secret of Destiny”) профессор Ҷ. Ҳуранӣ ба Ибни Сино нисбат додааст.[302]

Мубоҳисаҳои мутафаккирони юнонӣ ва шарқиро дар бораи масъалаи озодӣ ва ихтиёри инсон ба назар гирифта, саволеро ба миён мегузорем, ки оё Ибни Сино ҳақиқатан чизе ба монанди тафсири Ҷ. Ҳуранӣ дар бораи озодии илоҳӣ барои одамон сарфи назар аз дараҷаи пасттари он нисбат ба озодии илоҳӣ, ҷойиз дониста буд? Чунин мавқеъ ба одамон имкон дода метавонист, ки интихоб дошта бошанд, ё дар баъзе мавридҳо эҳтимолан, дар шакли маҳдудтар хоҳиш дошта ва ё надошта бошанд, аммо бояд инҳо бо системаи детерминистии Ибни Сино мувофиқ бошанд. Агар Ибни Сино чунин тасаввурот дар бораи озодии инсон дошта бошад, пас, дар доираи парадигмаи детерминистии ӯ чунин озодӣ феъли эҷодии илоҳӣ хоҳад буд. Феъли эҷодии илоҳӣ, хотирнишон мекунем, хоҳиши дар хеш ҷо додани зоташро ҳамчун хайри муносиби худаш дар бар мегирад, ки ба ҳайси принсипи худ фаҳмиши фаъолонаи навъи зотии воҷиб-ул-вуҷудро ҳамчун ҳадафи ниҳоии хеш матраҳ месозад. Дар ҳоле ки, махлуқи Ӯ на ҳамчун хайру некие, ки хоҳиши воҷиб-ул-вуҷуд бошад, балки ҳамчун ҳампаймо ё думболагири афъолаш ҳаст, ки Худо аз рӯйи хоҳишаш онро пайгирӣ ва назорат карда метавонад.

Ба ҳамин монанд, озодии инсон аз хоҳиши нафсаш бо зоти хайри он дар натиҷаи идроки фаъолонаи аъмоли ӯ вобаста аст. Тибқи ақоиди Насируддини Тӯсӣ, дар ҳақиқат моҳияти инсон ақли ӯст, яъне он чизе, ки қобилияти дарки зеҳнии инсонро таъмин мекунад. Ҳамаи шаклҳои идроки инсон бо лаззатҳои мувофиқ ба талаботи ҷисми ӯ мебошанд ва гуногунанд. Бо вуҷуди ин, мегӯяд Тӯсӣ, баъзе одамон аз ин лаззати зеҳнӣ дар ин олам нафъи ҳаққонӣ гирифта

[302] Essay on the Secret of Destiny, p. 121-125.

наметавонанд ва лаззатҳои ҷисмониро афзалтар дониста, ба ҳадде бо он бандубаст пайдо мекунанд, ки аз ақли ғайримоддӣ ва некӯии зеҳнии худ даст мекашанд. Дар ин ҳолат, онҳо дигар ба муҳокимаи хайру некиҳои шахсиятҳои ҳақиқии худ даст намезананд ва хайру некӣ дар силсилаи сабабҳое, ки зиндагии онҳоро ташкил медиҳанд, ҳеҷ нақше бозӣ намекунад. Ба ҷойи ин, онҳо бар асоси принсипҳои ихтиёрии ғайрифаъол амал хоҳанд кард, ки аз болои рафторашон назорат надоранд. Ҳамин тавр, дар фаҳмиши Насируддини Тӯсӣ дар бораи ширкати ақлонӣ ё огоҳ будан аз худшиносии зоти хеш (шуъур би-зāт) дур мегардад ва ба саодати ҳақиқӣ расидани ӯ имкон надорад. Мутафаккир таъкид мекунад, ки “ҳар кӣ бад-он манзалат расад, ба ниҳояти мадоричи саодат расида бошад. Пас, ӯро на ба фироқи маҳбубе муболот афтад ва на бар фавоти лаззате ё неъмате таҳассур намояд, балки ҷумлагӣ амволу маосир ва хайроти дунёвӣ, то бадани ӯ, ки наздиктарин чизе аст бад-ӯ ва боле бошад бар ӯ ва наҷоту халос аз он бузургтарин ғибтате шумурад. Ва агар андак тасарруфе кунад дар маводи фонӣ ба ҳасби зарурати ин бинят бошад, ки марбут аст бар ӯ ва ӯро дар инҳилолу изолати он маҷоли ихтиёре на. Пас, аз ӯ ба хилофи он чӣ муқтазои иродат ва машияти Борӣ азза ва ало бувад, чизе содир нашавад ва муходиати табиату мухолифати ҳаво ва шаҳватро дар ӯ асаре сурат набандад”.[303]

Насируддини Тӯсӣ мутмаин аст, ки инсон қудрат ва қобилияти боздошт аз ин гуна лаззатхоҳие, ки барои камолоти нафсонӣ ва ақлонии ӯ асаре надоранд, дошта, озодии фаъолияти ӯ бояд ошкор бошад, ба он маънӣ, ки дар вуҷуди инсон бояд озодӣ аз тобеият дар назди шавқу ҳавасҳо ба сӯйи лаззатҳо зоҳир гардад. Дар ин ҳадафи озодӣ, инсон бояд ба фаъолияти ақлониаш такя намояд, зеро ки “истеъмоли қуввати фикрӣ бувад дар он чӣ воҷиб набувад ё зиёдат бар он чӣ миқдори воҷиб бувад ва баъзе онро гурбузӣ хонанд. Ва аммо балаҳ ва он дар тарафи тафрит аст, таъмили ин қувват бувад ба иродат, на аз рӯйи хилқат”.[304] Ин қазияро зимни таҳлили таълимот оид ба

[303] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 72.
[304] Ҳамон ҷо. С. 96.

адолат таҳвият дода, Насируддини Тӯсӣ, озодиро бо саодат дар робитаи устувор мебинад. Чунин иртиботи онҳоро дар мисоли ба даст овардани молу амвол баррасӣ намуда, моҳияти озодии нафсониро бо ахлоқ чунин пайваст намудааст: “Ва аммо ҳуррият (араб. – озодӣ – З.Ҳ.) он бувад, ки нафс мутамаккин шавад аз иктисоби мол аз вуҷуҳи макосиби ҷамила ва сарфи он дар вуҷуҳи масорифи маҳмуда ва имтиноъ намояд аз иктисоб аз вуҷуҳи макосиби замима. Ва аммо, сахо он бувад, ки инфоқи амвол ва дигар муқтаниёт бар ӯ саҳлу осон бувад, то чунонки бояд ва чандон ки бояд ба масабби истеҳқоқ мерасонад”.[305]

Аз ҷониби дигар, ирода ва хоҳиши инсон на фақат ӯро ба роҳи дуруст ҳидоят мекунанд, балки, аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ, ҳавас инсонро маҷбур месозад, ки ба дигарон зарар расонад ва ӯ барои чунин кораш лаззат ё афзалият ба даст меорад; аммо ӯ ҳатто вақте ки ҳамин гуна зарар дар ҷараёни кӯшиши расидан ба объекти ҳавас тасодуфан рӯй медиҳад, аз иҷрои он даст намекашад. Ҳатто чунин будан ҳам метавонад, ки ӯ аз ин зарар нафрат ё дард ҳис мекунад, аммо қудрати ҳавас ӯро маҷбур мекунад, коре кунад, ки тоқати онро надорад. Дар мавриди шахси бадкирдоре, ки дидаю дониста ба дигарон зарар мерасонад, мутафаккир таъкид мекунад, ки ин корро бо як навъ бартарӣ ба ҷо оварда, чунин инсон аз он лаззат мебарад, монанди шахсе, ки бо паст задани некӯаҳволии касе бидуни гирифтани ягон нафъу манфиате туҳмат ва таъна мезанад. Насируддини Тӯсӣ навиштааст: “Аммо шаҳват чун боис шавад бар изрор ба ғайр, мардумро дар он изрор илтизозе ва исоре сурат наяфтад, магар он ки чун дар тариқи тавассул ба муштаҳо воқеъ шуда бошад би-л-араз, ба он ризо диҳад ва гоҳ бувад, ки кароҳияти он изрор ва тааллум бад-он эҳсос кунад ва маа золика қуввати шаҳват бар иртикоби он макруҳ ҳамл кунад. Ва аммо шарир, ки таъаммуди изрори ғайр кунад, бар сабили исор кунад ва аз он илтизоз ёбад, монанди касе, ки ғамзу саоят кунад ба наздики залама, то ба тавассути ӯ неъмати ғайре изолат кунад бе он ки

[305] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 92.

манфиате ба ӯ расад, лекин ӯро дар макруҳе, ки ба он кас расад, лаззате ҳосил ояд бар вақҳи ташаффӣ аз ҳасад ё сабаби дигар”.[306]

Дар асои гуфтаҳои боло, Насируддини Тӯсӣ хулоса мекунад, ки адолат тақозо мекунад, ки бандаи Худо то ҳадди тавоноии худ дар корҳои байни ӯ ва шахсе, ки барояш хизмат мекунад, роҳи беҳтаринро пеш гирифта, саъю кӯшиши зиёдро барои риояи шартҳои уҳдадориаш дар назди ӯ ба харҷ диҳад. Сониян, мардумро ба эътирофи ҳуқуқҳои ҳамсояҳо, эҳтироми ҳокимон, нигоҳ доштани эътимод ва ростқавлӣ дар муомилот ташвиқ кардан лозим аст. Сеюм, бояд саъй кард, ки инсон аз уҳдадориҳои пешиниён, аз қабили пардохти қарзи онҳо, иҷрои васиятҳо ва уҳдадориҳои шабеҳ озод шавад.

Дар маҷмуъ, ҳамаи ин масъулияти инсонро ифода мекунад. Аммо ин масъулият на ба сӯйи тобеияти мутлақи инсон, балки барои ба даст овардани фазилат, шаъну эътибор, ҳадди ақал, дар шароити иҷтимоӣ мебарад. Насируддини Тӯсӣ ин матлабро махсусан ҳангоми баррасӣ ва таҳлили мадинаи фозила, ки шояд дар зери таъсири Форобӣ сурат гирифтааст, тафсир дода, қайд мекунад, ки яке аз намудҳои мадинаи фозила шаҳри озодон (мадинаи аҳрор) мебошад, ки онро шаҳри ҷамоатӣ низ меноманд. Дар он ҳар як шаҳрванд аз истиқлолияти худ қаноатманд аст, озод аст ва он чи мехоҳад, мекунад. Сокинони ин шаҳр баробаранд ва ҳеҷ кас дар бораи бартарии онҳо аз дигарон фикр намекунад. Тамоми аҳолӣ комилан аз одамони озод иборатанд ва байни онҳо ҳеҷ тафовуте нест, ба истиснои баъзе сабабҳое, ки ба афзоиши озодӣ мусоидат мекунанд. Дар ин шаҳр ихтилофҳои зиёде вуҷуд доранд, ҳатто ҳавасҳои гуногун, ки шумораашон беҳудуд аст. Сокинони ин шаҳрро гурӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки баъзеи онҳо ба ҳам шабеҳанд, баъзеҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Насируддини Тӯсӣ илова мекунад: “Ва ҳар тоифаеро раисе бувад ва ҷумҳури аҳли мадина бар руасо ғолиб бошанд, чӣ руасоро он бояд кард, ки эшон хоҳанд. Ва агар тааммул карда шавад, миёни эшон на раис бувад ва на маръус, илло он ки, маҳмудтарин касе ба наздики эшон касе бувад, ки дар ҳуррияти ҷамоат кӯшад ва эшонро бо худ гузорад ва

[306] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 110.

аз аъдо нигоҳ дорад ва дар шаҳавоти худ бар қадри зарурат иқтисор кунад ва мукарраму афзалу мутои эшон касе бувад, ки бад-ин хисол мутаҳаллӣ бувад. Ва ҳарчанд руасоро бо худ мусовӣ донанд, чун аз ӯ чизе бинанд, аз қабили шаҳавоту лаззот, худ каромоту амвол дар муқобили он бад-ӯ диҳанд”.[307]

Аз ин ҷо, бо назардошти нукоти дар ин фасл зикршуда дар бораи биниши машшоиёни шарқӣ, ки ба худшиносии инсон ва озодии ӯ бахшида шудааст, чунин хулоса баровардан мумкин аст: аввалан, барои машшоиёни шарқӣ дар худшиносии фаъоли инсон унсури илоҳӣ ҷой дорад, ба он маъно, ки нафс худро дар раванди муайян кардани маҷмуи аломатҳои маърифатӣ ба дараҷаи ақл мебарад (нафси ақлонӣ ё сухангӯй). Ба ибораи дигар, дар худшиносии фаъол ақли инсон қобилияти тафаккур дорад, яъне худи тавсифе, ки машшоиёни шарқӣ ба он хусусияти илоҳӣ додаанд. Сониян, ин худшиносӣ метавонад ҳамчун як амали ҳамзамон раванди ҷустуҷӯйи дониш ва илм, яъне омӯзиши сохтори сабабҳои оламро оғоз кунад. Инсон имконияти озоди маърифатро пайдо мекунад, ки он дар эҷод ва офариниши ҳар чизе, ки барои пешбурди ҳаёташ зарур аст, ба кор меравад. Ирода ҳамчун абзорест, ки барои амалӣ шудани хоҳишу ҳавасҳо, интихоби роҳи муносиб (мусбат ё манфӣ)-и инсон хизмат мекунад ва он махсусан дар мафҳуми “озодии ахлоқӣ” таҷассум меёбад.

[307] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 234-235.

3.2. Адолат ҳамчун заминаи асосии озодии инсон

Яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии Шарқ адолат аст. Адолат дар ин фалсафа таълимоти мушаххасест, ки моҳияти он, пеш аз ҳама, дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман бошад, адолат маънои дуруст ва саҳеҳ гузоштани чизе дар ҷойи мустаҳаққи он мебошад. Дар робита бо ин, ҳадди ақал се ҷанбаи хеле муҳими адолат вуҷуд дорад. Аввалан, таъйин намудани ягон кас дар мансаб ё вазифае, ки ба имкониятҳои ӯ мувофиқ аст. Дуюм, ичро кардани ҳукм ё қабул кардани қароре, ки ба вазъият ё шахсе, ки онро қабул мекунад, мувофиқат мекунад. Сеюм, бахшидани боигарӣ ё моликият ба касе, ки ба таври шоиста сазовори он бошад. Адолате, ки фалсафаи шарқӣ онро васф мекунад, тақозо менамояд, ки тамоми рафтори хайри одамон дар бар гирад ва он новобаста аз дарназардошти фарқиятҳо дар ранги пӯст, мазҳаб ва эътиқод амалӣ шавад.

Ин тафсири умумии адолат дар фаҳмиши дар фалсафаи умумиишарқӣ ва илоҳиётшиносӣ он мебошад. Ҷанбаҳои асосӣ ва моҳияти герменевтикӣ ва фалсафии адолатро дар фалсафаи шарқӣ А.В Смирнов шарҳ дода, қайд кардааст, ки дар фалсафаи исломӣ ҳамчун “”мукофоти воҷиб” ва ё “тарки ботил” ба фоидаи “ҳақиқат (“ҳаққ”) дар ҳоли қаробати маънои воҷиб ва ҳаق фаҳмида мешавад. Ӯ тафсири ин истилоҳотро идома дода менависад: “Адолат ҳамчун бахшидани ҳиссаҳои мустаҳаққ ба ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар маънии истилоҳоти “иқсот” ва “инсоф” ифода ёфтааст. Фаҳмиши адолат дар шакли “‘адл” ё “‘адāла”, ки ба маънои “баробаркунӣ” ва “миёнагарой” мебошад... Муқобили он “беадолатӣ” (“ҷавр, зулм”) аст... Адолатро онҳо ҳамчун “баробарӣ” ё “мизони баробар” дар муносибатҳои байни одамон ва сохтори кайҳон мефаҳманд. Фаҳмиши ба ҳам наздики “эътидол” ҳамчун ҳолати беҳтарин дар фалсафаи табиат ҳангоми муҳокимаи

сифатҳои “табъҳо”-и унсурҳои аввалин ё хосиятҳои иқлимҳо зоҳир мешавад”.[308]

Барои пайдо намудани тасвири дурусти масъалаи адолат дар таълимоти машшоиёни шарқӣ ҷанбаи забоншиносӣ ё герменевтикии онро равшан кардан зарур аст. Оид ба ин масъала ба тафсирҳо ва маънидодкуниҳои олимону муҳаққиқони муосир руҷуъ намуда, барои таҳлили таълимот оид ба адолат дар таълимоти машшоиёни шарқӣ як навъ заминаи методологӣ пайдо кардан имкон дорад. Ҳамин тавр, аз нигоҳи забоншиносӣ мафҳуми “адолат” *(ал-‘адāла ё ал-‘адл)* дар забони арабӣ муродифҳои зиёд дорад ва ё мафҳумҳои дигаре ҳастанд, ки тобишҳои маъноии онро ба пуррагӣ дода метавонанд. Муҳимтарини онҳо инҳоянд: қист, истиқāма, васат, насиб, ҳисса, мизāн ва ғайра. Айнан ҳамон тавр, мухолифи ал-‘адл беадолатӣ дар шакли арабии он мафҳумҳои шабеҳ дар мисоли зулм, туғйāн, майл, инҳирāф ва ғайра, ба кор бурда мешаванд. Тибқи тафсири олими машҳури ироқӣ М. Ҳаддурӣ (1905-2007) “ал-‘адл”номи муҷаррад (абстрактӣ) аст, ки аз феъли “‘адала” сохта шудааст. Ӯ мафҳуми “адл”-ро ба чор маъно тавзеҳ медиҳад: а) рост нигоҳ доштан ё рост нишастан, ислоҳ кардан ё тағйир додани вазъ; б) аз як роҳ (нодуруст) ба тарафи дигари роҳ (рост) гузаштан ё рафтан; в) баробар ё мутавозӣ будан, ё бо баробарӣ мувофиқ кардан; г) ба ҳоли тавозун овардан ё дар ҳолати баробар будан.[309] Ду маънои аввали истилоҳи “адл” ба маънои консептуалии дурандешӣ ва ростқавлӣ ишора намуда, маъниҳои “дуруст” ва “нодуруст” мутаносибан дар истилоҳҳои “адл” ва “ҷавр” дар назар дошта шудааст. Мафҳуми “адл” ҳамчун “рост, дуруст” ба мафҳумҳои “мавзунӣ” ва “баробарҳуқуқӣ” мувофиқ аст, ки эҳтимолан, дар истилоҳи “истиқāма” дақиқтар аён мегардад. Дар охир М. Ҳаддурӣ тасдиқ мекунад, ки «маънои аслии адл дар забони арабии классикӣ ба ин васила маҷмуи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст, ки адолат, тавозун, эътидол ва ростиро ифода мекунанд.

[308] Новая философская энциклопедия. В. 4 т. Т. 3. - М.: Мысль, 2010. С. 624-625.
[309] Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice. Baltimore: John Hopkins Univ Press, 28-34.

Мантиқан дар адолати илоҳӣ синтези ҳамаи ин арзишҳо ва фазилатҳо бояд ҷой дошта бошад...”[310]

Дар ҳоле ки, яке аз намояндагони машшоияи шарқӣ Насируддини Тӯсӣ, чуноне ки дар асараш “Ахлоқи Носирӣ” омадааст, адолатро бар боқимондаи фазилатҳои инсонӣ болотар гузошта, дар тафсири моҳияти забонӣ ва ахлоқии он гуфтааст: “Лафзи адолат аз рӯйи далолат мунбӣ аст аз маънии мусовот ва таъаққули мусовот бе эътибори ваҳдати мумтанеъ. Ва чунонки ваҳдат ба мартабаи ақсо ва дараҷаи аъло аз маротибу мадориҷи камолу шараф махсусу мумтоз аст ва сараёни осори ӯ аз мабдаи аввал, ки воҳиди ҳақиқии ӯст, дар ҷумлагии маъдудот монанди фаязони анвори вуҷуд аст аз иллати увло, ки мавҷуди мутлақи ӯст дар ҷумлагии мавҷудот. Пас, ҳар чӣ ба ваҳдат наздиктар, вуҷуди ӯ шарифтар ва бад-ин сабаб дар нисаб ҳеч нисбате шарифтар аз нисбати мусовот нест, чунонки дар илми мусиқӣ муқаррар шудааст; ва дар фазоил ҳеч фазилат комилтар аз фазилати адолат нест...” [311]

Як сарчашмаи назарияи дигари таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба адолат Қуръон аст, ки дар он Худо ҳамчун довари одилтарин муаррифӣ карда мешавад. Ӯ – аз ҳама оқил ва доно буда, барои инсон ҳама гуна адолат ва одилиро амр медиҳад. Дар Қуръон ҳадди ақал ду сура - ан-Нисо ва ан-Наҳл ба ин мавзуъ бахшида шудаанд. Дар ин сураҳо ҳадафи аслии офариниши замину осмон ва умуман, тамоми Кайҳон, ки барои нигоҳ доштани адолат ва аз байн бурдани шарру бадӣ нигаронида шудааст, ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Агар инсон он воқеиятеро эътироф кунад, ки олам барои нигоҳ доштани адолат офарида шудааст, пас ӯ низ бояд ҳамчун яке аз офаридаҳои Худо ин адолатро дастгирӣ намояд. Аз ин сабаб, ҳифзи адолат яке аз масъулиятҳои мо ҳамчун мавҷуди инсонӣ аст. Дар сураи ан-Наҳл омадааст: “Ҳамоно Худо [халқро] фармон ба адл ва эҳсон медиҳад ва ба базлу атои

[310] Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice. С. 38.
[311] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. С. 105.

хешовандон амр мекунад ва аз афъоли зишту мункар ва зулм наҳй мекунад”.[312]

Ҳамин тавр, чуноки болотар низ таъкид гардид, дар забони арабӣ адолат (ал-‘адāла ё ал-‘адл) ба қадру ченаки ашёе далолат мекунад, ки он ба навъи дигари онҳо мутавозӣ ва шабеҳи он бошад. Ал-‘адāла – онест, ки дорои сифати неку хайр ва ҳақиқӣ бошад. Мафҳуми “адолат” якчанд маъно дорад. Он метавонад ба маънои истифодаи қонун тибқи принсипҳои муқарраршуда ва қабулшуда, далели эътибор ва мувофиқати сифатии қонун ишора кунад. Адолат маъниест, ки тасдиқшуда ва писандида аст. Ба ин монанд, он инчунин, метавонад ба арзиши ахлоқӣ низ ишора кунад ва он, одатан, ҳамчун ҳадафе баррасӣ карда мешавад, ки онро бояд қонун ба даст орад ва дар нисбати инсоне, ки рафторашро қонун назорат менамояд, як меъёри қонунии ифодакунандаи хайру некӣ мебошад. Қонуни беадолатона қонун нест. Тибқи он, ба назар мерасад, ки адолат тақрибан бо ахлоқ ҳаммуродиф аст. Он дар пайи ангезаҳои ботинӣ буда, инсонро ба рафторе водор мекунад, ки дар ҳузури Худо одил будани инсонро нишон диҳад: «Худо қотеона ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонаш баргардонед ва ҳангоме ки миёни мардум доварӣ мекунед, ба адолат доварӣ кунед. Яқинан, [фармон бозгардонидани амонат ва адолат дар доварӣ] чизест, ки Худо шуморо ба он мавъиза мекунад. Бетардид, Худо ҳамвора шунаво ва биност».[313]

Аммо, то Насируддини Тӯсӣ ва машшоиёни дигар, консепсияи адолатро мактабҳои дигари фикрии шарқӣ, ки дар замони муқаддамтар фаъолияти зеҳнӣ ва таҳқиқотӣ мебурданд ва ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ, бешубҳа, таъсир расонидаанд. Таълимот оид ба адолат дар теологияи исломӣ низ аз ҷониби илоҳиётшиносони аввали ислом пешкаш гардида буд. Дар робита бо мубоҳисаҳои байни онҳо дар бораи адолат ду мактаби фикрии бузург – ҷабария ва ашъария ҳамчун мудофеони таълимоти динӣ аз як тараф, ва мактаби ақлгароии қадария ва муътазиля ба миён меоянд. Ҳар яке аз онҳо

[312] Қуръон 16:90
[313] Қуръон 4:58

таваҷҷуҳашонро ба тафсир ва тавзеҳи яке аз сифатҳои Худо – “одил” мутамарказ сохта, дар натиҷа ба мубоҳисаҳои бардавом дар бораи масъалаи моҳият ва табиати адолат, аз як тараф, ва иродаю қобилияти инсон барои дарк кардани он, ки оё имкони дар рӯйи замин амалӣ кардани онро дорад, аз тарафи дигар, шуруъ мегардад. Дар робита ба ин, ду мактаби муҳим – ашъария ва муътазила дар атрофи адолати илоҳӣ ва иродаи инсон таълимоташонро пешниҳод намуданд.

Дар бораи яке аз онҳо – муътазила сухан гуфта, қайд мегардад, ки муътазилиён худашонро аксаран аҳлу ал-‘адл ва тавҳид меномиданд ва тибқи таълимоти онҳо инсон масъули аъмоли ҳам одилона ва ҳам беадолатонаи хеш буда, барои онҳо дар охират подош ё ҷазо хоҳад дид. Онҳо муътақид буданд, ки адолат сарчашмаи илоҳӣ дорад, аммо дар боби он, ки адолати илоҳӣ дар рӯйи замин чӣ гуна амалӣ мегардад, ихтилофи назар доштанд. Барои ҳаллу фасли он, муътазила назарияи нави адолатро пешниҳод намуд, ки он вуҷудияти ду сатҳи адолатро таъйин мекард: адолати илоҳӣ ва инсонӣ - аввалӣ аз ҷониби Худо муқаррар гардида, дигари он дар доираи ақл муайян карда мешавад. Ақидаи муътазиларо дар ин бора таҳлил карда, М. Шариф навиштааст, ки “адолати Худои таоло тақозо мекунад, ки инсон бояд муаллифи аъмоли худаш бошад; танҳо дар он сурат гуфтан мумкин аст, ки ӯ дар рафтораш озод ва барои он масъул аст. Худи ҳамин ақидаро қадариҳо ҳам пайравӣ менамуданд. Агар инсон муаллифи аъмолаш набошад ва агар ин аъмолро Худо офарида бошад, чӣ тавр инсон барои ин аъмол масъулиятро бар дӯш ва барои он гуноҳ ҷазо гирифта метавонад? Оё аз ҷониби Худо беадолатӣ нест, ки инсонро нотавон офарида, барои гуноҳҳояш ҷазо медиҳад ва ба дӯзах мефиристонад?”[314] Дар маҷмуъ, муътазила се принсипи таълимоташро дар бораи адолат тавсиф намудааст: принсипи ақлгаро̄й, ки тибқи он адолат тавассути ақл муайян карда мешавад; принсипи волюнтаризм, ки тибқи он амалҳои инсон маҳсули озодии иродаи ӯ

[314] Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy. Vol. 1. Wiesbaden: Otto Harrosowitz, p. 200.

мебошанд; ниҳоят, принсипи масъулияти инсон аст, ки тибқи он инсон бар асоси интихоб байни адолат ва беадолатӣ подош ё ҷазо хоҳад гирифт.

Таъсири муътазилиён ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ зиёд аст. Яке аз онҳо, ал-Киндии машшоӣ аст, ки баъзан ӯро аз пайравони муътазила ҳам ном мебаранд ва ё ҳадди ақал дар зери таъсири амиқ мондани ӯ қайд карда мешавад. Илова бар ин, Ал-Киндӣ "дар муқоиса бо намояндагони машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино) консепсияи машшоии судур ва нузули нафс (эманатсия)-ро напазируфтааст, назарияи хилқати "турфат-ул-айн"-ро пуштибонӣ карда, афзалияти донишҳои набавиро бар фалсафӣ тасдиқ кардааст. Дар руҳияи муътазилӣ масъалаҳои хоси калом – дар бораи сифатҳои илоҳӣ ва озодии иродаро баррасӣ намудааст".[315]

Адолат, аз нигоҳи Ал-Киндӣ, сифатест, ки ба инсон хос буда, ӯро ба корҳои дуруст аз рӯйи ақл ҳидоят мекунад. Беадолатӣ, қайд мекунад, Ал-Киндӣ, мисли бадӣ тасодуфӣ аст. Он аз ғазаб ё хашми ӯ ба миён меояд, дар ҳоле ки ҳар гуна сабаб ангезаҳои манфии ҷисм (ғазаб, хашм ва ғайра)-ро идора карда наметавонад. Аммо, дар сурати набудани ғазаб инсон одатан зери назорати ақл қарор дорад, ки ӯро ба корҳои дуруст водор мекунад. Барои ӯ, адолат фазилатест, ки инсон метавонад бо хоҳиши худаш онро ба мақсади дарки ҳақиқат инкишоф ва такмил диҳад. Аз байни мақулаҳои дигари ахлоқӣ ҳикмат, ҷасорат, сабру таҳаммул ва монанди онҳо Ал-Киндӣ адолатро марказӣ ва волотар мешуморад. Дар баробари ин, қайд мекунад мутафаккир, адолатро метавон ҳамчун исботи офариниши он аз ҷониби Худо баррасӣ намуд, гарчанде ки он бевосита маҳсули ақл аст, аммо дар ниҳояти кор аз ҷониби Худо илҳом дода шуда, онро ақл дар вуҷуди инсон ҷой додааст.[316]

Мафҳуми адолат дар таълимоти Форобӣ бошад, умуман, бо назарияҳояш дар бораи сиёсати шаҳрдорӣ (ас-сиёса ал-маданийа) иртибот дорад. Барои ӯ адолат, пеш аз ҳама, дар тақсими манофеи хуб, ки дар байни сокинони шаҳр

[315] Новая философская энциклопедия: В 4 т. / Ин-т философии РАН. Т. 2. – М.: Мысль, 2010. С. 245.
[316] Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy, p. 432.

мегузарад ва сипас, дар боби ҳифз намудани ҳар он чизҳое, ки дар байни онҳо тақсим шудааст, амалӣ мегардад. Манфиатҳое, ки пояи адолатро ташкил медиҳанд, - амнийат, сарват, шаъну шараф ва ҳамаи чизҳои дигаре мебошанд, ки бо онҳо одамон мубодила карда метавонанд: ҳар як шахс ҳақ дорад, ки ба фоидаҳои худ баробар саҳм гузорад ва зиёдатӣ ё камшавии саҳмияҳои шахс ин беадолатӣ буда, аз меъёри ҳиссаи одилона гузаштан беадолатӣ нисбат ба аҳолии шаҳр ва нисбат ба ҳар чизе, ки аҳолии шаҳр байни худашон тақсим карда метавонанд, ба ҳисоб меравад. Форобӣ доир ба ин мавзуъ менависад: “Агар тақсимот анҷом дода шавад ва барои ҳар як шахс ҳиссаи ӯ муқаррар гашта бошад, он бояд барои ӯ чунон ҳифз карда шавад, ки ё аз дасташ ба ройгон наравад ва ё ба шарту шароите, ки агар ин ҳодиса рӯй диҳад, пас, дар чунин шарту шароит на ба ӯ ва на ба шаҳр зараре нарасад. Агар ҳиссаи манфиатҳои шахс аз дасти ӯ равад, ин кор ё ихтиёрӣ сурат мегирад, ки он дар ҳолати фурӯш, ҳадя ва ҷуброн кардан рух медиҳад ва ё беихтиёр дар мисоли дуздӣ ё мусодираи амволи шахс. Дар ҳар ду ҳолат бояд шароите вуҷуд дошта бошад, ки ба фазли он ин манфиатҳо дар дасти сокинони шаҳр ҳифз гардад. Беадолатӣ дар он аст, ки ҳиссаи манфиатҳои шахсро ба худи ӯ ё ба сокинони шаҳр баргардонида наметавонанд”.[317]

Баёни ақоиди сокинони мадинаи фозила аз Форобӣ талаб мекунад, ки чаҳор намуди воқеиятро тасвир кунад: илоҳӣ, кайҳонӣ, инсонӣ ва сиёсӣ. Агар тартибу низом ё адолати иҷтимоие, ки одамон ва шаҳр бояд барои расидан баҳри шукуфоӣ талош кунанд, тавсиф нашуда бошад, он наметавонад мавзуи интихоби ақлонӣ бошад. Интихоби ақлонӣ барои адолат дар сатҳи нафси инсон зарур аст, аммо адолат дар сатҳи болотар аз мавҷудоти зинда ҷой дорад. Кайҳон ҳам дар сохторҳои тафсирҳои мантиқӣ ва ҳам мушоҳидавӣ, инсон ҳамчун нафс ва низ ҳамчун як организми ҷисмонӣ ва шаҳр ҳам дар сурати роҳбараш ва ҳам дар муносибатҳои мартабавии онҳое, ки ҳокиманд ва онҳое, ки таҳти ҳукми онҳо қарор доранд, мисоли намунавии Аввал

[317] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1973. С. 224-225.

мебошанд. Форобӣ тасдиқ мекунад: “... аммо фазилатҳои олам бошанд, аз Сабаби Авваланд ва ҳамаи чизҳо аз он сарчашма мегиранд; ҳастии он аз чизе, ки аз он маншаъ мегирад, бармеояд ва ба ҳамин тариқ, то ба судуршавии чизи охир [аз ягон чизи дигар] ба ҳамон тавре, ки онҳо вуҷуд доранд, идома меёбад, зеро ки ҳамаи ин дар мавзунӣ ва адолат қарор дорад, аммо ҳар чизе, ки шоиста ва боадолат пайдо мешавад, фазилат аст”.[318] Ин маротиби судури ашё бо ҳам пайваста ва мураттабанд. Робитаҳои мураттаб ҳам дар байни мавҷудоти ақлӣ (зеҳнӣ), ҳам сиёсӣ ва ҳам дар ботини ҳар кадоми онҳо ва инчунин, дар байни зоҳиру ботин, нафсу ҷисм, байни ҳоким-файласуф ва аҳолии шаҳр вуҷуд дорад.

Адолат, ҳамчун ҷавҳари Аввал ба ҳайси мартаба ва низому тартиб дар ҳар яке аз ин шаклҳо (ҳам аз ҷанбаи ботинӣ ва ҳам берунии онҳо) ва дар муносибатҳои байни онҳо ҷой дорад. Масалан, бо тавсиф кардани Аввал, Форобӣ назарияи файзи онро низ пешкаш менамояд, ки он бо даҳ ақли ғайримоддӣ оғоз шуда, яке аз паси дигаре аз Аввал пайравӣ мекунанд: “Аммо, ҷавҳари Аввал низ чунин аст, ки ҳамаи мавҷудот вобаста аз дараҷаи онҳо аз Он судур мекунанд... дар он ҳама чиз аз комилтарин оғоз ва он тавассути чизе идома меёбад, ки камоли камтар аз он дорад ва ҳамин тариқ, аз ғайрикомил ба сӯйи ғайрикомили дигар рафта, то ҳастие анҷом мепазирад, ки берун аз он вуҷудияти дигаре имкон надорад ва пас, ҳастии дигаре ҳам ҷой надорад”.[319] Ин тартиби кайҳонӣ ва ба истилоҳ, “адолати илоҳӣ”-и тартиботи мазкур аст.

Дар тавсифи тартиби мавҷудоти ҷисмонӣ бошад, Форобӣ масъалаҳои антропологиро матраҳ месозад. Дар яке аз фаслҳои он қобилиятҳои нафсонии инсонро аз рӯйи дараҷаҳои онҳо дар муқоиса бо якдигар тавсиф мекунад: кадоме аз миёни онҳо танҳо роҳбарӣ мекунад ва кадоми дигарашон танҳо хизмат мекунад ва ин тарзи масъалагузорӣ аз назари Форобӣ нишон медиҳад, ки то кадом дараҷа дар ҳадди адолат инсони “табиӣ” бо мавҷудоти кайҳонӣ,

[318] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 237.
[319] Ҳамон ҷо. С. 230.

ки аз ӯ муқаддамтаранд ва то кадом дараҷа дар доираи иродаи озод “шаҳри зебо ба ҷисми комил ва солим шабоҳат дорад”. Дар шаҳр дараҷаҳо ва мартабаҳои тобеият лозиманд: қисматҳои он табиатан гуногун буда, майлҳои табиии онҳо аз рӯйи камол нобаробаранд: дар он шахсе ҳаст, ки ҳоким буда, баъзе ашхос бо дараҷаҳояшон ба ҳоким наздиканд ва ҳар яки онҳо тамоюл ва одат доранд, ки ба шарофати онҳо амалеро, ки мувофиқи хоҳиши ин ҳоким аст, ба иҷро мерасонад. Ба таври умум, Форобӣ қайд мекунад, ки “дар шаҳр инсони муайян ҳаст – роҳбар ва одамони дигар, ки ба ин ҳоким аз рӯйи мартабаашон қаробат доранд ва ҳар кадоме аз онҳо мувофиқи мавқеъ ва қобилиятҳои худ амалеро иҷро мекунанд, ки ҳадафи гузоштаашон тақозо мекунад. Онҳо дар дараҷаи аввал қарор доранд. Дар зери ин мартаба одамони дигаре ҳастанд, ки мувофиқи ҳадафҳои аввалиҳо амал мекунанд - онҳо дараҷаи дуюмро ишғол мекунанд. Минбаъд ба ҳамин тарз мартабаи одамоне меояд, ки онҳо мувофиқи ҳадафҳои дараҷаи муқаддамтар аз онҳо амал менамоянд. Ба ҳамин тартиб, аъзои мухталифи иттиҳодияи шаҳрӣ то ба ҳадди онҳое, ки мувофиқи мақсадҳои муқаддамтарҳо амал мекунанд ва онҳоеанд, ки хидмат мекунанд, аммо ба онҳо хидмат намерасонанд. Онҳо дараҷаи пасттаринро ишғол намуда, одамони мартабаи пасттарин мебошанд”.[320] Ҳамин тавр, ин мартаба то ба ҳадди охирин мерасад, ки ҳамаи он дар доираи низоми мураттаб бо узвҳои бадани инсон ва пас, бо тартиботи кайҳонӣ муқоиса мешавад.

Таълимоти Форобиро бо сарчашмаҳои гуногуни адолат, масалан, бо ақоиди Афлотун муқоиса намуда, қайд кардан лозим аст, ки таълимоти ин мутафаккири юнонӣ дар олами зеҳнии Шарқ шуҳрати зиёд дошта ва давлат-шаҳри ормонии Форобӣ возеҳан дар мисоли “Ҷумҳурият”-и Афлотун сохта шудааст. Барои Афлотун адолат ин тартиби аҷзо дар мувофиқат бо сохтори тавозунҳо аст: ин мувозинат қабл аз ҳама, дар нафс ҷой дорад, дар шаҳр бошад, он тавассути санъате ба даст оварда мешавад, ки аз донишҳо вобаста аст ва он донишҳоро файласуф касб намудааст. Зарурати таҳсили дониш,

[320] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. С. 307.

барқарор кардани адолат дар нафс ё полис-шаҳр аз муносибати мутақобилаи байни онҳо вобаста аст. Адолат берун аз нафс ва полис вуҷуд дошта метавонад ва бояд дар он ҷо шинохта шавад, то ба ҳар кадоми онҳо мутобиқ шуда тавонад. Дар “Тимей” Афлотун робитаи байни ададҳои мисолӣ (идеалӣ) ва таносубҳоро меорад, ки дар доираи он нафс ба вуҷуд омада, ҳар чизе мувофиқи симои физикии шаклҳо сохта мешавад (яъне фазои физикӣ-ҷисмонӣ). Дар натиҷа, нафс имкон дорад, ки ҳамаи воқеиятҳоро дарк кунад ва ба қонуне итоат кунад, ки тибқи он шабеҳ ба воситаи муташобеҳ дарк мешавад. Ҳамин тариқ, барои Афлотун адолатро метавон дар шаклҳо, дар нафс, дар олами табиӣ ва дар шаҳр-полисҳо пайдо кард.[321] Аммо низоме, ки ба ин гуна воқеиятҳою хусусиятҳо онҳоро дар мадинаи фозилаи Форобӣ мебахшад, нисбат ба Афлотун бештар ба ғояҳои Арасту наздиктар аст. Муҳаққиқи олмонӣ Г. Эндресс мегӯяд, ки Арасту “дар мактаби Форобӣ Муаллими аввал номида мешавад, ки Афлотунро ба дараҷаи пасттарин фуруд овардааст, зеро бо интиқоли ҳикмати амалӣ ва сиёсӣ маҳдуд аст.[322] Дар олами илмҳои назарии арастуии Форобӣ, ки дар онҳо шаклҳо вуҷудияти алоҳидаашонро аз даст дода, ба ақл мансуб мебошанд, адолати берун аз Аввал сегона аст: дар тартибу низоми мавҷудоти аввалии олам, дар инсон ва дар мадинаи фозила. Форобӣ дар “Китāб таҳсил ис-саʻāда” қайд мекунад, ки “фалсафа сабабҳои аввал ва сабабҳои дуюми ғайриҷисмониро, ки мабодии ниҳои (ғоятӣ) мебошанд, дар шакли [моҳият]-и маъқулот пешкаш мекунад, дар ҳоле ки, “имон” онҳоро дар тасаввурҳо аз тариқи шабоҳатҳое, ки аз мабдаъҳои ҷисмонӣ гирифта шудаанд, аз тариқи шабоҳат додани онҳо бо қиёсҳояшон дар мабодии шаҳрвандӣ, шабоҳати амалҳои илоҳӣ бо амалҳои мабодии шаҳрвандӣ, шабоҳати қувваҳои табиӣ бо мабодӣ ва айнияти онҳо дар қувваҳо, хосиятҳо ва санъатҳое, ки ба ирода асос мегиранд (чуноне, ки Афлотун дар “Тимей” зикр мекунад)... пешкаш менамояд”.[323]

---

[321] Платон. Сочинения в четырех томах. Т 3. Ч. 1. М.: Мысль, 1971. С. 497-587.
[322] Endress G. “The New and Improved Platonic Theology. Proclus Arabus and Arabic Islamic Philosophy,” in Proclus et la Théologie Platonicienne / Paris: Leuven University Press / Les Belles Lettres, 2000) 559.
[323] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 338-339.

Ин андешаҳо, бешубҳа, дар бораи тартиби одилонаи мавҷудоти аввалияи Кайҳон маълумот медиҳанд. Нафс ва ҷисми инсон, инчунин мадинаи фозила, ки объектҳои омӯзиши мутафаккир мебошанд, ба ин тартиботи одилона тақлид мекунанд. Принсипҳои тартибу низом ба Афлотун тааллуқ доранд, дар ҳоле ки, илмҳое, ки амалишавии назарияи мадинаи фозиларо таъмин мекунанд, ба Арасту мансубанд.

Байни ҷумҳурии Афлотун ва мадинаи фозилаи Форобӣ як монандии дигарро дарёфтан мумкин аст. Барои Форобӣ монанди Афлотун, ҳокимиятдорӣ санъат аст ва барои Форобӣ инчунин, дар ворисии ғояи афлотунӣ он - шоҳест, ки "ҳунари идоракунии мадинаи фозила"-ро дорад ва ӯ бояд файласуф бошад.[324] Ҳадафи қонун барпо намудани тартибу низоми сиёсӣ аст, ки бар адолат асос ёфта, барои одамон имконияти касб намудани саодатро дар ин ва ҳаёти пас аз марг медиҳад. Боиси тазаккур аст, ки консепсияи адолат дар шаҳри Ибни Сино нисбат ба мадинаи фозилаи Форобӣ ба фазли манфиатҳои маҷмуии шаҳрвандон, амнияти онҳо ва ҳифз намудани тартиботи иҷтимоӣ равшантару возеҳтар муайян мегардад.

Ибни Сино, қабл аз ҳама, дар таърифҳои адолат, монанди "ҳама чиз бояд дар ҷояш бошад", онро ба маънои "баробарии мутлақ" намедонад, балки дар заминаи мустаҳақоти (чизе, ки ҳаққи касе бошад) мусовӣ ва рад кардани табъиз (шахс ё гурӯҳеро бар дигарон афзалтар шуморидан)-ро лозим мешуморад. Ибни Сино ба ҷойи "баробарии мутлақ" ба "тафовут" ва "таъовун" дар байни одамон таваҷҷуҳ дорад. Баъзе аз муҳаққиқон, монанди профессор М. Ҳаддурӣ "адолат"-ро дар таъбири Ибни Сино "адолати ақлӣ ба унвони таҷаллӣ ва таъбире аз қарордоди иҷтимоӣ"[325] номидаанд. Ин андешаро муҳаққиқи дигари фалсафаи Шарқ Алӣ Асғар Ҳалабӣ идома дода, қайд мекунад, ки андешаи мутафаккир дар бораи ҷомеаи маданӣ (шаҳрӣ) бар ин фарзи ақлӣ устувор аст, ки ҷомеа маҳсули кори иҷтимоӣ аст ва инсон монанди ҳайвонот побанди ғаризаҳои хеш набуда, барои баровардани

[324] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. С. 340.
[325] Khadduri M. The Islamic Concepiton of Justice. Baltimor and London: The Johns Hopkins University Press, 1984, p. 88.

ниёзҳояш ба дарк ва андеша эҳтиёҷ дорад ва тақсими кори иҷтимоӣ ба ин сабаб падид меояд, то ҳар кас вобаста ба шоистагии хеш бахше аз ниёзҳои гуногуни одамонро бароварда тавонад. Одамон дар қобилият нобаробаранд ва ин нобаробарӣ бо ҳикмати илоҳӣ созгор аст, зеро бе ин нобаробарӣ зиндагии иҷтимоӣ ҳастӣ намеёбад ва агар ҳамаи одамон дар қобилияташон баробар мебуданд, ҳатман ҳалок мешуданд.[326]

Аз гуфтаҳои болозикр аён аст, ки Ибни Сино таълимот оид ба адолат ва озодии инсонро бо мафҳуми ақл пайванд месозад, ки бидуни он ҳукми одилона баровардан имкон надорад, ҳамон тавре ки ақл барои фаҳмиши зарурати табиӣ (ё сабабу натиҷа) ҳамчун мақулаи идрок ба кор меравад, ки бидуни он донишҳоро дар бораи табиат ҳосил намудан номумкин аст. Таълимоти гуногун оид ба ин масъала бо ҳамдигар комилан мувофиқат намекунанд. Мувофиқи баъзе аз ин таълимот, амалҳои мо бояд озод бошанд ва амалҳо ҳамчун рӯйдодҳо дар олами табиат бояд аз рӯйи қонунҳои сабаб ва натиҷа идора карда шаванд. Ақл бояд нишон диҳад, ки байни ду таълимот ягон зиддияти воқеӣ вуҷуд надорад ва озодӣ тобеи зарурати табиӣ ё берун аз он буда метавонад. Ҳамин тавр, Ибни Сино дар таълимоти онтологии хеш мухолифи қонунҳои умумӣ набудааст. Хубӣ ва бадии рафтору кирдори инсон, аз нигоҳи ӯ, бо иродаи Худо муайян карда намешаванд, балки ҳамаи онҳо сифатҳои ахлоқии худро аз табиат ва мувофиқи ақли худ мегирад.

Аз тасдиқи мазкур бармеояд, ки дар олами иҷтимоӣ низ одамон ба воситаи ниёзҳои гуногун ақлан муҳтоҷи тақсими кору фаъолият, иҷтимоъ ва ҳамкорӣ ҳастанд ва ба таъбири Ибни Сино, “ин таовун (ҳамкорӣ – З.Ҳ.) низ мумкин нашавад, магар бо тафовут ва ихтилоф дар кифоятҳо (қобилият ва лаёқат – З.Ҳ.)-и онҳо. Ин тафовутҳо ва ихтилофҳо низ ба зоти хеш ҳикмати илоҳиянд, зеро агар одамон ҳама подшоҳ ва амир мешуданд, ҳамдигарро ҳалок кунанд ва низ агар дар фақру ниёзмандии яксон бошанд, аз ранҷурӣ ва тангдастӣ бимиранд. Ва агар ҳама бениёз бошанд, ҳеҷ кас дигарро бузург нашуморад ва хидмат накунад ва ба далели бениёзӣ ва иддаои баробарӣ аз

[326] Алӣ Асғар Ҳалабӣ. Фалосифаи иронӣ. – Теҳрон, 131. С. 344 (ба забони форсӣ).

кору кӯшишҳо сар печанд ва бад-ин сон назми муҷтамаъ ё мадина мушавваш шавад. Бинобар ин, дар масъулияти иҷтимоӣ тафовут ва ихтилоф лозим аст, то таовун ва ҳамкории одамон сурат пазирад”.[327]

Аз назари Ибни Сино, баробарии мутлақ фасодкунандаи адолат ва назму низоми иҷтимоӣ буда, боиси нестии ҷомеа ва ривоҷи ҳокимиятхоҳӣ, тағаллуб (ғолибиятхоҳӣ), ҷангу ҷидол дар ҷомеа хоҳад шуд. Ӯ дар китоби “ас-Сийāса” менависад: “Ҷомеаи яксон, бетабақа ва ихтилофу тамойиз, ки ҳамаи афроди он дар вазъияти яксон ва баробар бошанд, сарнавиште ҷуз аз измиҳлол (нестшавӣ, нобудшавӣ) надорад, чӣ ҳамаи афроди ин ҷомеа тавонманду ғанӣ ва масруру боқудрат бошанд ва чӣ ҳамагӣ дар ҳоли фақру нотавонӣ ва заъф ба сар баранд... Тангдастӣ ҷомеаро ба нестӣ хоҳад кашонид”.[328] Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки баробарӣ ё нобарбарӣ аз дарраҷаи дарки озидии инсон аз ҷониби ҳар як фард низ вобаста мебошад.

Мадинаи одилаи Ибни Сино бар ин тафовутҳо ва ҳамкориҳои миёни одамон устувор аст. Натиҷаи ҷомеаи ноҳамгунӣ чизе ҷуз аз саодат ва адолат нест. Аз дидгоҳи ин файласуф, тавонмандиҳо ва имконоти моддию маънавӣ дар ҳақиқат байни одамони як ҷомеа, ба манзалати тақсимкорӣ аст, ки барои ба низом овардани ягон гурӯҳи одамон гурез аз он нест. Ҳангоме ки ин ихтилофҳо, фарқиятҳо ва ҷудоиҳо мавриди ризоияти ҳамагон бошанд, натиҷаи он низ саодат ва адолат хоҳад буд, ҳамаи одамон нисбат ба ҳамдигар ҳамдилу хайрхоҳ мешаванд ва дар пояи адолат ҷомеа рушд хоҳад кард.

Дар ин ҷо, саволе ба миён меояд, ки оё дар ақоиди Ибни Сино дар бораи адолат таъбири “шартнома ё қарордоди иҷтимоӣ” нуҳуфтааст? Худи ҳамон М. Ҳаддурӣ муътақид аст, ки ҳарчанд Форобӣ ба таври ғайримустақим дар тарҳи мадинаи фозилаи хеш ғояи қарордоди иҷтимоиро пешкаш карда бошад, дар таълимоти Ибни Сино бошад, ин ғоя дар қолаби мадинаи одилаи ӯ баён гардидааст: “... ҳеҷ файласуфи мусулмонӣ қабл аз ӯ ташреҳ надодааст, ки назму тартиби сиёсӣ бар асоси як қарордод ба вуҷуд меояд. Қарордоде, ки

[327] Ибн Сина. Илоҳиёт. – ал-Қаҳира, 1964. С. 441 (ба забони арабӣ).
[328] Ниг.: Амид Зинҷонӣ. Мабонии андешаи сиёсии ислом. – Теҳрон, 1393 ҳ. С. 173.

тибқи меъёрҳои адолат ва суннат мавриди тавофуқи тарафайн қароргирифта, машрут ва муътақид мешавад”.[329]

Ҳақиқат он аст, ки мафҳуми “қарордоди иҷтимоӣ” дар таълимоти онҳо, хусусан, Ибни Сино, ҷой дорад. Аз назари ӯ, инсон муҳтоҷи тақсими кор аст, ки бе он иҷтимоъ ва мушоракати одамон сурат гирифта наметавонад, ҳамчунон ки иҷтимоъ ва мушоракат ҳам наметавонад бе созишнома ё қарордод шакл ва ибтидо дошта бошад. Мабно ва миқёсҳои ин қарордодҳо суннат ва адл аст ва барои ташреҳ ва иҷрои онҳо низ қонунгузори одил зарур аст. Андешаи Ибни Сино оид ба ин масъала дар китоби “Шифо” чунин аст: “Бад-ин сон, бадеҳӣ аст, ки инсон дар вуҷуд ва бақои худ ниёзманди мушоракат бо дигарон аст ва барои таҳаққуқ ёфтани ин мушоракат қарордодҳое зарурат доранд. Ҳамчунон ки сабабҳои дигаре низ дар ин амр зарурат дорад, барои қарордодҳо низ суннату адл ва барои суннату адл бошад, қонунгузор ва иҷрокунандаи одиле зарурат дорад. Ин шахс дар миёни мардум рафта, суннати худро бар онҳо ҷорӣ мекунад. Пас, бояд инсоне вуҷуд дошта бошад, ки иҷоза надиҳад, то одамон бо таваҷҷуҳ ба назарҳои хеш амал кунанд, зеро дар ин сурат назарҳои гуногун падид хоҳанд омад ва ҳар як аз онҳо он чиро, ки ба нафъи ӯст, адл ва он чиро, ки бар зарари ӯст, зулм талаққӣ хоҳад кард”.[330] Файласуф дар идомаи ин қавл ба зарурати вуҷуди чунин инсоне барои роҳбарии одамон таъкид намуда, онро аз асоситарин заруриёти иҷтимоӣ шумурдааст. Дар китоби “ал-Ишарāт ва танбиҳāт” ӯ таъкид намудааст, ки бояд байни одамон муомила дар асоси қарордоди адл вуҷуд дошта бошад[331] ва дар “аш-Шифā’” овардааст, ки адолату адл аст, ки қонунҳои шаръиро нигоҳ медорад ва дар муомилот ва умури иқтисодӣ инсон маҷбур аст, ки бояд аз адл пайравӣ кунад.[332]

Ибни Сино бар хилофи Форобӣ мадинаи одилаи худро ҷузъ ба ҷузъ шарҳ медиҳад. Мадинаи одилаи ӯ бар тафовут ва таовун, табақаҳо, ҷойгоҳҳо

[329] Khadduri M. The Islamic Concepiton of Justice, p. 88-89.
[330] Ибн Сина. Илоҳиёт. – ал-Қаҳира, 1964. С. 441.
[331] Ибн Сина. Ал-Ишарат ва ал-танбиҳат. Ҷ. 4. – Теҳрон, 1404. С. 61 (ба забони арабӣ)..
[332] Ибн Сина. Илоҳиёт. – ал-Қаҳира, 1964. С. 441.

ва мансабҳои афрод бар ҳасби шоистагиҳо, истеҳқоқҳо (чизе, ки қобили ҳаққу ҳуқуқи шахс бошад) ва қобилиятҳои мутафовити онҳо муайян карда мешавад. Ин навъи муайянсозӣ бо низоми сиёсии мадинаи одила мутаносиб мебошад ва ӯ монанди Афлотун сокинони мадинаи одиларо ба се табақа тақсим мекунад: мудирон ё раҳбарон, пешаварон ё ҳунармандон ва нигаҳбонон ё посбонон. Ибни Сино дар бораи мудир ё раҳбари ҷомеа муътақид аст, ки ӯ бояд одил ва моил бар фазилатҳои нек бошад, зеро оростагӣ ба ахлоқ ва арзишҳои волои он, пеш аз ҳама, барои касоне зарур аст, ки роҳбарӣ ва тадбири умури дигаронро бар уҳда гирифтааст. Онҳо бояд қабл аз он ки ба кори сиёсат бипардозанд, аввалан ба сиёсати хеш ҳиммат гузоранд ва худро ба сифатҳои нек ва фазилатҳои ахлоқии мухталиф мусаллаҳ созанд.[333] Зарурати адолати раҳбар ва мудир аз диди Ибни Сино дар он ифода меёбад, ки асосан ғарази ӯ аз вожаи “тадбир” дар заминаҳои иҷтимоӣ баробар аст, бо он чӣ дар тариқи адолат анҷом мепазирад. Аз сӯйи дигар, бо итоату тобеият ё “фармонравоӣ, ки кишвари дилро ба фазилатҳо (ҳамчун адолат) мерасонад ва деву дадро аз даруни хеш берун ронад, ба осонӣ метавон кишварро обод ва одамонро ҳидоят ва давлатеро раҳбарӣ намояд”.[334]

Ибни Сино дар китоби “ал-Ҳикмат ул-‘арузийа” маслаки Афлотун ва Арастуро пуштибонӣ намуда, ба таври умум мавқеи хешро дар бораи авзои замон ва низому сиёсати ҳоким мушаххас мекунад. Ба андешаи ӯ, сиёсати мавҷудаи давраи ӯ аз сиёсати тағаллуб ё сиёсати каррома, сиёсати ҷамоия ва ба таври хеле кам сиёсати ниёкони гузашта ҳам боқӣ мондааст. Ӯ муътақид аст, ки одамон аз ҳама ниёзмандтар ба ислоҳи ҳокимон ҳастанд, зеро онҳо ба сабаби ғафлаташон аз худ ва тамаллуқгӯии одамон, ҳикматнопазирӣ ва саркашии мардум аз изҳори бадиҳояшон, огоҳ сохтани онҳо ва бар айбу гуноҳҳояшон аз солеҳон фосилаи бисёр доранд.[335] Дар иртибот бо ин масъала, шарқшиноси маъруф Ф. Роузентал қайд мекунад, ки Ибни Сино ба

[333] Ал-Шайх ал-раис Абу Алӣ Ибн Сина. Китаб ал-сийаса. – Димишқ, 2006. С. 61.
[334] Ризвон Сайид. Сиёсат ва ҷомеаи маданӣ назди Шайх Абу Алӣ Сино. – Бейрут, 1962. С. 151.
[335] Ҳанн ал-Фахурӣ ва Халил ал-Ҷарр. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1358. С. 509.

ҳамон нисбат, ки ҳаводори роҳбари ормонии бофазилат буд, аз тобеону фармонравоёни зӯрсолор (мутағаллиба) интиқод мекунад ва барои онон то ба қатл расониданашон аз ҷониби онҳое, ки тавони ин корро доранд, раво мешуморад. Чунин касоне агар аз қатли фармонравои зӯрсолор саркашӣ кунанд, бояд муҷозот шаванд.[336] Ибни Сино муъталқид аст, ки дар қонунҳои мадинаи одила чунин тарзи муносибат нисбат ба ҳоким расман ворид гардад. Ин қазияро ӯ чунин баён кардааст: “Бояд дар қонун зикр шавад, ки ҳар кас ба мол ё ба қаҳр бар халифа хуруҷ кунад, муборизa бо ӯ ва куштани ӯ бар ҳамагон лозим хоҳад буд. Агар мардум битавонад ба ин амр мубошират бикунанд, аммо агар аз он сар кашанд, онон муртакиби гуноҳ шуда ва ба Худо куфр варзидаанд ва лозим аст, ки дар қонун зикр карда шавад, ки... ҳеҷ амре бештар аз куштори ин ҷаббор, инсонро ба Худо наздик намекунад”.[337]

Ҳамин тавр, Ибни Сино вориди баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ мегардад ва одамони мадинаро ба се табақаи аслӣ тақсим мекунад: мудаббирон, яъне сиёсатмадорон, мудирон, олимон ва асҳоби андеша; санноъ (истеҳсолкунандагон) – санъатгарон, кишоварзон, пешаварон (косибон) ва бозаргонон; муҳофизон – низомиён, ҷанговарон ва марзбонон. Тибқи андешаи ӯ, ҳар яки ин табақаҳо бояд раисҳои худро дошта бошад ва он раисҳо низ ҳар кадомашон барои мартабаҳои поёнтар аз худ раисе таъйин намоянд, то ба поинтарин қишри мардум ба интиҳо расад ва ба ин сурат дар даруни мадина ҳеҷ кас ёфт нашавад, ки ҷойгоҳи муносиби ӯ маълум нагардад ва бекор намонад. Ин моҳияти адолати иҷтимоии инсон аст. Ҳамчунин, назароте дар мавриди бекорон, сарватмандоне, ки аз ҳадди эътидол берун мебароянд, таҳрими баъзе аз машғулиятҳои зараровар, монанди қимор, ба меъёри адл ва ноадолатии Ибни Сино ворид гардидаанд.[338] Аз ин рӯ, ӯ сиёсати ҳокимро дар нисбати онҳо зарур мешуморад. Анвои сиёсат бошад, дар андешаи Ибни Сино, чуноне ки олими эронӣ Муҳаммад Боқири Хуросонӣ қайд кардааст, чунин тасниф шудаанд: аввалан, сиёсати ваҳдонӣ

[336] Rosenthal F. Poltitical Thought in Medieval Islam. Cambridge, 1962, p. 155.
[337] Ибн Сина. Илоҳиёт. – ал-Қаҳира, 1964. С. 451-452.
[338] Ҳамон ҷо. С. 447.

(худкомагӣ) аст, ки мутафаккир дар бораи он мегӯяд: “Ба ин далел ин ҳукуматро ваҳдонӣ меномем, ки роҳбари он аз ширкат додани ҳар кас дар мақом ва манзалати худ имтиноъ меварзад”.[339] Муҳаққиқи фавқуззикр ҳамчунин, қайд мекунад, ки ба ақидаи Ибни Сино ҳадафи сиёсати ваҳдонӣ ва тағаллубӣ ба озодии маҳз водоштани одамони мадина аст. Ӯ дар баробари низоми сиёсии каромат ва низоми сиёсии фикрия, ки тафсили онҳо барои мавзуи мо он қадар ҳам муҳим нест, дар бораи низоми демократӣ тазаккур дода, менависад: “Ибни Сино айнан вожаи “димукросӣ”-ро ба кор бурда ва дар таърифи ин низом ва озодии инсон мегӯяд: “Сиёсати димукросӣ он аст, ки ҳамаи аҳолии мадина дар муқобили қонун баробар ва аз ҳуқуқу каромат яксонӣ бархӯрдор бошанд... Дар ин низом касе наметавонад ба ҷуз аз роҳи иҷмоъ ва иттифоқи назари ҳамагон ба мақоми раёсат бирасад. Онон ҳар вақт бихоҳанд, метавонанд он раисро тағйир бидиҳанд. Ибни Сино мегӯяд, “ҳадафи ниҳоии низоми димукросӣ – озодӣ аст”.[340]

Возеҳ аст, ки Ибни Сино фарди хуруҷкунандаро бар мадинаи одила “ҷаббор” ва “мутағаллиб” меномад ва дар ҳар ҳол ҳамаро ба мубориза бо зӯроварӣ ва ситамгорӣ даъват мекунад. Ӯ дар зери таъсири файласуфони юнонӣ дар китобаш “ал-Ҳикмат ул-‘арузийа” низомҳои сиёсии замони худро тасниф намуда, бештари онҳоро ғайрифозила ва ғайриодила меномад. Дар маҷмуъ бошад, Ибни Сино дар таълимоти худ оид ба адолат масъалаи хеле муҳим ва арзишмандро матраҳ намуда, дар он озодии инсонро аз итоату тобеият волотар медонад: барои ба даст овардани озодӣ ва раҳо ёфтан аз ҳукми ҳокимони золим ва ситамгор, ҳатто қатли онҳоро низ ҷойиз мешуморад. Умуман, адолати ақлонии Ибни Сино монанди назарияи ҳамсони он дар таълимоти Форобӣ дар ниҳояти кор бо ҷанбаи динии он - сарнавишти инсон ҷамъбаст мегардад. Зеро, ба ақидаи М. Шариф, одамоне, ки дар мадинаи одила адолатро дарк мекунанд, нафси онҳо дар охират

[339] Муҳаққиқ Домод, Сайид Мустафо. Дин, фалсафа ва қонун.- Теҳрон, 1378. – С. 69.
[340] Муҳаммад Боқир Хуросонӣ. Андешаи сиёсии Ибни Сино. http://www.buali.ir/fa/article/577/-اندیشه-سیسی-ابن-سینا Рӯзи ручуъ: 12.09.2019

адолати илоҳиро дарк намуда, нафсҳои одамоне, ки ҳанӯз моҳияти онро дарк накардаанд, ба саодати абадӣ расида наметавонанд.[341]

Аён аст, ки ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Сино адолат ва озодии инсон ба таври куллӣ ба дунболи масъалаи фазилати инсон ва идеалҳою ормонҳои инсон дар ҷомеа барои рафъ намудани табъизу зӯроварӣ ва нобаробарӣ аст. Дар миёни нишондодҳои мухталифи адолат (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) таълимот оид ба адолати иҷтимоӣ ва сиёсӣ яке аз муҳимтарин буъдҳое ба ҳисоб меравад, ки бар пояи ақлоният ва пайвастагии назариявию амалии таъсиси низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, тақсими одилонаи қудрат, эҷоди баробарӣ, озодӣ ва мавзунӣ дар миёни сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ таъкид шуда, метавонад коромадҳо ва машруияти ин низомро волоият бахшад.

Насируддини Тӯсӣ низ дар асоси гуфтаҳои фавқуззикр бо коркарди назарияи мадинаи фозила ба дунболи адолати сиёсӣ-иҷтимоӣ итминон дошта, чунин мадина (шаҳр) барои инсони маданӣ (шаҳрӣ) зиндагии хуб, озодона ва саодатманд муҳайё месозад. Назарияи ӯ ҳам монанди Форобӣ ва Ибни Сино бар пояҳои ҳастишиносӣ ва инсоншиносӣ устувор аст. Ӯ бо баҳрагирӣ аз ҳикмати файласуфҳои юнонӣ ва шарқӣ, монанди Афлотун, Арасту, Пифагор, инчунин Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон таълимотро оид ба мадинаи фозила бунёд намудааст. Дар мақолаи сеюми “Ахлоқи Носирӣ”, ки ба сиёсати мадинаҳо бахшида шудааст, бо таъкид бар нақши Форобӣ дар бораи фалсафаи мадинаи фозилааш Тӯсӣ навиштааст, ки “ҳакими сонӣ Абӯ Насри Форобӣ, ки аксари ин мақулоти манқул аз ақвол ва нукоти ӯст, гӯяд: “Афоии ходим аносиранд би-з-зот, чӣ эшонро дар ласъи ҳайвонот, ки муҷиби инҳилоли таркиби эшон аст, нафъе нест ва сибоъ ходиманд би-л-араз, ки ғарази эшон аз ифтирос нафси хеш аст ва инҳилол бо аносир ба табаиййат лозим ояд”.[342] Насируддини Тӯсӣ дар ҳамин китоб ҳикматро ба ду қисм – назарӣ ва амалӣ тақсим карда, аҳаммияти ҳикмат дар

[341] Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy, p. 433.
[342] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 195.

ҳаракати инсон аз нуқсон ба камолро бар ҳасби тоқати инсон медонад. Ҳикмати амалӣ бошад, донистани манфиатҳои ҳаракати иродӣ барои озодӣ ва феълҳои офарандаи навъи инсонӣ ба вачҳе бошад, ки ба низоми аҳволи маишат ва расидан ба камоли ӯ бирасонад. Дар ин поя, Насируддини Тӯсӣ бо таъкид бар ҳикмати амалӣ андешаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва назарияи адолати худро дар қолаби тафаккури фалсафӣ-динӣ сомон медиҳад.

Насируддини Тӯсӣ дар осори мухталифаш, аз ҷумла, дар китоби “Оғоз ва анҷом” муътақид аст, ки ҷаҳони ҳастӣ ва зиндагии сиёсии инсон ҳамагӣ бар асоси ҳадаф ва маънодорӣ ташкил шудааст. Дар ин ҳастишиносӣ мабдаъ ва маоди инсон ҳамон судури халқ аз Холиқ ва сипас бозгашти махлуқ ба сӯйи Ӯ мебошад. Тамоми марҳилаҳои офариниш бар адл ва эътидол поя гирифта, адли илоҳӣ ва эътидол дар низоми таквин муҷиби субот ва устувории мавҷудот аст.[343] Аз нигоҳи инсоншиносӣ, ӯ муътақид аст, ки нафс ва қувва (ақли назарӣ ва амалӣ)-и инсон дорои мартабаҳо буда, ӯ метавонад мартабаи камолу озодӣ ё наздикро тай кунад. Инсони мадди назари Насируддини Тӯсӣ дар иртибот бо ин талошҳояш озодона омодаи таълим ва дарёфти илму дониш аст, зеро ки “ғараз аз хилқати олам такомул ва тараққии мавҷуди бартари офариниш, яъне инсон мебошад”.[344] Мутафаккир арзиши зотӣ, озодӣ ва мухтор будани инсонро мепазирад, лекин ба иллати нуқси зотии инсон ӯро ҳамчун меъёри умур муаррифӣ намекунад, ҳарчанд ӯро “ашрафи мавҷудоти олам” ҳисоб мекунад.

Насируддини Тӯсӣ дар “Ахлоқи Носирӣ” ба сиёсати мудун (шаҳрҳо) пардохта, назарияи адолати сиёсиро пешкаш менамояд ва инсонро монанди ҳакимони пешина “маданӣ бит-табъ” мешуморад ва чуноне, ки зикр кардем, инсонро беҳтарини мавҷудот медонад, ки вай бояд озод, на абзори дигарон бошад. Одамон бояд дар ҳамкорӣ бо ҳам эҳтиёҷоти хеш ва ҳамҷинсонашонро рафъ намоянд, вале онҳо дар роҳи камол ниёзманди тадбиру сиёсатанд. Ба андешаи мутафаккир, муҳаббати фитрии одамон бар адолати синоъӣ

[343] Насируддин Тӯсӣ. Оғоз ва анҷом. – Теҳрон, 1387 ҳ. С. 78-79 (ба забони форсӣ).
[344] Насируддин Тӯсӣ. Авсаф ал-ашраф. – Теҳрон, 1373. С. 7 (ба забони арабӣ).

афзалият дорад, ки “агар муҳаббат миёни ашхос ҳосил будӣ, ба инсоф ва интисоф эҳтиёҷ науфтодӣ... Пас, бад-ин вуҷуҳ фазилати муҳаббат бар адолат маълум шуд”.[345] Дар ин ҷо, адолат ба маънои “инсоф”-и сохтаи инсонӣ аст, зеро ба фоқид шудани муҳаббати фитрӣ ба иллати худхоҳӣ (эгоизм – З.Ҳ.) ва фасоди одамон адолат, билхоса, адолати иҷтимоӣ-сиёсӣ дар миёни онҳо бояд эҷод ва ҷорӣ гардад. Барқарории чунин адолат дар миёни одамон барои тақсими манфиатҳо, мансабҳо ва хайрот тавассути ҳокими мадина сурат мебандад: аз қазою қадари онҳо пешакӣ муайян шудааст, ки дар вазъи маишии эшон бояд ғановату қашшоқӣ, ҳушёрию аблаҳӣ ҷой дошта бошад, зеро, агар ҳама сарватманд бошанд, ба якдигар хидмат нахоҳанд кард, мисли он ки онҳо агар камбағал бошанд. Дар ҳолати аввал, ин ҳукм ба он маъност, ки онҳо аз ҳам озоду мустақил хоҳанд буд ва дар ҳолати дуюм, аз сабаби набудани василаи пардохт, хидмат ба каси дигар мекунанд. Инчунин, таъкид мекунад Насируддини Тӯсӣ, азбаски ҳунарҳои одамон бо фазилат ва пастии сатҳашон фарқ мекунанд, пас, агар ҳамаи одамон як қобилияти фарққунанда дошта бошанд, ҳамон як намуди шуғлро интихоб менамуданд, ки дар натиҷа намудҳои дигар бекор мемонданд ва ба мақсади дилхоҳ расидан ғайриимкон мегардид. Ҳамаи ин дар ҳолест, ки “баъзе ба тадбири соиб мумтоз бошанд ва баъзе ба фазли қувват ва баъзе ба шавкати тамому баъзе ба фарти кифоят. Ва ҷамоате аз тамйизу ақл холӣ ва ба масобати адавоту олоти аҳли тамйизро ҳамаи корҳо бар ин ваҷҳ, ки мушоҳида меафтад, муқаддар гардад. Ва аз қиёми ҳар як ба муҳимми хеш қивоми олам ва низоми маишати банӣ Одам ба феъл ояд”.[346] Аз ин ҷо бармеояд, ки Насируддини Тӯсӣ фазилат ва дар асоси он адолат ва озодии инсонро ҷанбаҳои табиии моҳияти инсон мешуморад, на иродаи Худо, ки инсонро ба ягон ҳокимиятдоре тобеъ ва вобаста мекунад. Аз нигоҳи динӣ, ки онро Насируддини Тӯсӣ низ дар осораш таъкид намудааст, Худо инсонро ҳамчун намояндаи худ дар ҷаҳон офаридааст ва пас, ҳамчун намояндаи Худо, шахс бояд озод ва арзанда бошад.

[345] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 204.
[346] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 198.

Насируддини Тӯсӣ дар мақолаи сеюми асараш “Ахлоқи Носири” дар ҳашт фасл ба сиёсати мудун (шаҳрҳо) таваҷҷуҳ намудааст. Дар онҳо, чуноне ки аз мазмунашон бармеояд, мутафаккир умдатан аз суратбандиҳои назариявии Форобӣ ва Ибни Сино илҳом гирифтааст ва бар сабки Муаллими сонӣ ба тақсимбандии улум ва сиёсату иҷтимоот даст задааст. Ӯ ҳамчунин пайрав ва шореҳи осори Мискавайҳ низ будааст ва дар китоби фавқуззикр тарҳи ҳикмати амалии онҳоро дар бораи мудун такмил додааст. Насируддини Тӯсӣ, мушаххасан, сиёсати ҳокимон ё мулуки ин мудунро сиёсати сиёсатҳо медонист. Ӯ сиёсатро зодаи рушди давлати фозила медонад, ки дар он вуҷудияти одамонро бе ҳамкорӣ ва ҳамкориро берун аз ҷомеа ғайриимкон медонад, аз ин рӯ, инсон табиатан зарурати муттаҳид шуданро эҳсос мекунад ва ин навъи иттиҳодияро “тамаддун” меномад. Истилоҳи “тамаддун”-ро шарҳ дода, менависад, ки он аз калимаи арабии “мадина” (“шаҳр”) сохта шуда, макони иҷтимоии одамоне мебошад, ки ба соҳаҳои мухталифи саноат ва ҳунар дар ҳамкорӣ бо ҳам машғуланд. Ба ҳамин тариқ, ӯ калимаи “мадина” (“шаҳр"))-ро на ба маънои маскани сокинони шаҳр, балки ҳамчун иттиҳодияи мушаххаси сокинони шаҳр ифода мекунад. Ин шаҳрро мадинаи фозила меномад ва дар робита бо он Насируддини Тӯсӣ дар бораи адолати иҷтимоӣ ва озодии инсон сухан меронад. Ин назарияи ӯ нав нест ва чуноне ки профессор А.П. Марков қайд мекунад, “аҳаммияти волои адолати иҷтимоӣ ҳамчун принсипи калидии арзишию меъёрии тартиботи ҷамъиятӣ (ва “муҳимтарин фазилатҳои ниҳодҳои иҷтимоӣ” - Ҷ. Роулз) дар тули тамоми таърихи инсоният мақом доштааст. Маҳз “ғариза”-и адолат мантиқ ва доираи рушди таърихии инсониятро муайян кардааст (П. Кропоткин). “Ҳамаи соҳаҳои ҳаёти муштараки одамон - иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ - мантиқи хоси рушди худро дорад, аммо бо ҳамаи ин, онҳоро ғояи марказии умумӣ - адолати иҷтимоӣ муттаҳид мекунад”.[347]

[347] Марков. А.П. Социальная справедливость как ресурс солидарности народов евразийского пространства / Большая Евразия: Развитие, безопасность, сотрудничество. Выпуск 3. Часть 2. Ежегодник. - Отв. ред. В.И. Герасимов. - М.: ИНИОН РАН, 2020. С. 348.

Аз назари Насируддини Тӯсӣ, ба сабаби он ки пояи мамлакат бар адлу адолат (маъдалат) ва озодии инсон устувор аст, барои шоҳ риояти ҳоли раият ва ҳифзи қонунҳои одилона шарт ва лозим аст. Ин қонунҳо ва шартҳои маъдалатро мутафаккир чунин шарҳ медиҳад: шарти аввали он аст, ки синфҳою табақаҳои ҷомеаро мутакофӣ (баробар, ҳамсон) ва озод нигоҳ дорад. Мутафаккир иҷтимои муъҳадилро ба баробарии чор синф вобаста медонад: аввал, аҳли қалам (арбоби илму маориф, фақеҳону қозиҳо, котибону муҳосибон, муҳандисон, мунаҷҷимон, табибон ва шоирон); сониян, аҳли шамшер (муқотилон, ғозиён, аҳли суғур ва баъсу шуҷоат, посбонони давлат); сеюм, аҳли муомила (тоҷирон, ҳунармандон); чорум, аҳли музораа, яъне зироаткорон (деҳқонону фаллоҳон). Адолат, ба қавли Насируддини Тӯсӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар синфе аз ҷойгоҳи мустаҳақи худ берун нашуда ба дунболи ғалаба ва зулм бар синфи дигар сайъе наварзад. Зеро, таъкид мекунад мутафаккир, “... чунонки аз ғалабаи як унсур бар дигар аносир инҳирофи мизоҷ аз эътидолу инҳилоли таркиб лозим ояд аз ғалабаи як синф аз ин асноф бар се синфи дигар инҳирофи умури иҷтимоъ аз эътидолу фасоди навъ лозим ояд”.[348] Бояд қайд кард, ки ин назария, ба эҳтимоли зиёд, аз таълимоти Афлотун сарчашма гирифтааст, ки ба андешаи ӯ адолат дар сатҳи иҷтимоӣ ҳамчун мафҳуми таносуб ва қарор гирифтани афроди ҷомеа дар табақаҳои хоси худашон маънӣ дорад. Афлотун ҷомеаро муташаккил аз се табақа – тобеону ҳакимон, нигаҳбонону ҷанговарон ва тӯдаи мардум (демос – ҳунармандон, косибон, кишоварзон) медонист. Аз назари ӯ таҳти адолати иҷтимоӣ қарор гирифтани ҳар фард дар табақаи худ ва бархӯрдор гардидани инсон аз имтиёзоти табақаи хеш ва инчунин, адои нақши хосаи худ мебошад. Бинобар ин, адолати иҷтимоӣ дар ин бардошт ба мафҳуми таносуб ва мавзунияту қарор гирифтан дар мақоми хеш баробар буда, озодӣ, имконот ва мансабҳо бар асоси шоистагӣ ва лаёқатҳо тақсим мегарданд. А.Н. Чанишев ин нуқтаи назари Афлотунро чунин шарҳ додааст: “Монанди он, ки нафс аз се қисм иборат аст, дар давлат низ бояд се гурӯҳи шаҳрвандон, се табақа

[348] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 241.

бошад. Қисми ақлонии нафс, ки фазилати он дар ҳикмат аст, бояд ба табақаи ҳукмрон-файласуфон мувофиқ бошад; қисми хашмовар ва ғазабнок, ки фазилати он далерӣ аст, табақаи ҷанговарон (посбонон) аст; қисми поёнию шаҳватангези нафс - табақаи деҳқонон ва ҳунармандон. Маҳз чунин давлат соҳибфазилат аст: он бо ҳикмати ҳокимони файласуфаш ҳаким, бо далерии посбононаш далер, бо итоати оқилонаи бадтарин қисми давлат ва ин беҳтарин адолат аст”.[349]

Шарти дуюми Насируддини Тӯсӣ дар маъдалат он аст, ки ҳоким бояд шароит ва амали сокинони шаҳрро ба назар гирад, мавқеъ ва озодиҳои ҳар касро мувофиқи шоистагӣ ва қобилияташ муайян кунад. Дар ин росто Насируддини Тӯсӣ одамонро ба панҷ табақа тақсим мекунад: аввал, шахсоне, ки табиатан некӯкоранд ва некии онҳо ба дигарон таъсир дорад, аз ин рӯ, одамони наздиктарин ба ҳоким бояд аз ин тоифа бошанд; хурдтарин хунукназарӣ набояд нисбати онҳо роҳ дода шавад ва онҳоро бояд эҳтиром кард; сониян, онҳое, ки табиатан некӯкоранд, аммо таъсири камоли онҳо ба дигарон намерасад, онҳо низ бояд қадр карда шаванд ва дар ҳалли мушкилот истифода шаванд; сеюм, онҳое, ки табиатан на хубанд ва на бад; ин синф бояд ҳифз карда шавад ва ба сӯйи некӣ ташвиқ карда шавад, то беҳтар шаванд; чорум, онҳое, ки табиатан бад ҳастанд, аммо шарри онҳо ба дигарон намегузарад ва онҳо дар зери таъсири суханҳо, пандҳо ва ноозодӣ, яъне мамнуиятҳо ҳидоят шуда, зеру тарсу ҳарос қарор гиранд ва агар онҳо табиати худро тағйир диҳанд ва ба фазилат рӯ оранд, ҳамон қадар беҳтар аст, аммо дар акси ҳол онҳо беобрӯ ва хор хоҳанд монд; панҷум, онҳое, ки табиатан бад ҳастанд ва шарри онҳо ба дигарон мегузарад. Ин синф бадтарин ва разилтарин одамонанд, табиати онҳо ба табиати ҳоким мухолиф аст ва бо синфи якум мувофиқ нестанд. Агар шарри онҳо умумӣ ва ҳамаҷониба набошад, бо онҳо бояд боадабона муносибат кард, аммо агар шарри онҳо умумӣ ва сирояткунанда бошад, он бояд бартараф карда шавад. Роҳҳои

[349] Чанышев А. Н. Курс лекций по древней философии: Учеб. пособие для филос. фак. и отделений ун-тов. - М.: Высш, школа, 1981. С. 271.

бартараф кардани бадиро Насируддини Тӯсӣ аз тариқи маҳрум кардан аз озодӣ - зиндонӣ ва ҳабс кардан ва маҳрум намудани онҳо аз муошират бо дигарон медонад.

Шарти сеюми адолат ин аст, ки ҳоким бо дарназардошти масъалаи мувофиқати синфҳо ва баробарии онҳоро дар тақсими хайроти муштарак нигоҳ дорад. Насируддини Тӯсӣ навиштааст: “Ва хайроти муштарак саломат бувад ва амволу каромат ва он чӣ бад-он монад, чӣ ҳар шахсеро аз ин хайрот қисте бошад, ки зиёдату нуқсон бар он иқтизои ҷавр кунад. Аммо, нуқсони ҷавр бошад бар он шахс ва аммо, зиёдати ҷавр бувад бар аҳли мадина. Ва бошад, ки нуқсон ҳам ҷавр бошад бар аҳли мадина. Ва чун аз қисмати хайрот фориғ шавад, муҳофизати он хайрот кунад бар эшон ва он чунон бувад, ки нагузорад, ки чизе аз ин хайрот аз дасти касе берун кунанд, бар вачҳе, ки муъаддӣ бувад, ба зарари ӯ ё зарари мадина. Ва агар берун шавад, иваз бо ӯ расонад аз он ҷиҳат, ки берун карда бошанд”.[350] Гумони ғолиб ин аст, ки дар ин шарти адолат низ ба Насируддини Тӯсӣ таъсири машшоиёни шарқӣ аст, ки худашон низ дар зери таъсири файласуфони юнонӣ ин назарияро матраҳ сохтаанд. Масалан, Афлотун дар боби тақсимоти амволи шаҳрвандон ҳукм ронда, аз ҷумла қайд мекунад: “Бо ин ё он тарз, бояд муносибат чунин созмон ёфта бошад, ки шаҳрвандон барои шикоят аз болои якдигар, дар бораи моликият сабабе надошта бошанд, зеро дар сурати ҷой доштани шикоятҳои куҳнаи тарафайн, дар сохтори боқимондаи давлат пеш рафтан ғайриимкон аст, ин барои ҳар касе, ки ақаллан каме ақл дошта бошад, возеҳ аст. Дар куҷое, ки барои мо Худо имконият додааст, ки давлати наве таъсис диҳем, ҳеҷ гуна хусумати муштарак вуҷуд дошта наметавонад. Агар ҳатто дар ин ҷо, ҳам аз сабаби тақсимоти замин ва манзил ба якдигар адоват ба вуҷуд ояд ҳам, гуноҳи он нодонии ғайриинсонӣ хоҳад буд, ки бо ҳама гуна фасод пайваст шудааст”.[351]

---

[350] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 243.
[351] Платон. Собрание сочинений в 4 т / Пер. с древнегреч. – М.: Мысль, 1994. С. 189.

Насируддини Тӯсӣ дар шарҳи сиёсати мадинаи фозила ва мадинаи ноқиса тағаллуб, истибдод ва ноозодӣ - ба итоату фармонбардорӣ кашидани одамон ва ҷаври онҳоро хосагии аслии сиёсати мадинаи ноқиса ҳисоб мекунад, ҳол он ки, дар сиёсати мадинаи фозила тамоюл ба ҷустани саодат ва ба камол расидани нафси онҳо, риояи адолат, озодӣ ва парҳез аз истибдоду тағаллуб робитаи мустақим дорад. Ӯ дар фасли шарҳи сирати мулуки китоби фавқуззикр малик (шоҳ)-ро, ки бояд "раёсати раёсат бошад", ба чанд гуна медонад ва ғаразҳою вазифаҳои онро аз нигоҳи ақлгаро ин гуна тафсил медиҳад: "Ва агарчанд ин қавм, яъне мулук ва мудаббирони мадинаи фозила ба адад бисёр бошанд, чӣ дар як замон ва чӣ дар заминаи мухталиф, ҳукми эшон ҳукми як шахс, бувад, чӣ назари эшон бар як ғоят бошад ва он саодати қусво аст. Ва таваҷҷуҳи эшон ба як матлуб бувад ва он маоди ҳақиқӣ аст. Пас, тасарруфе, ки лоҳиқ дар аҳкоми собиқ кунад, ба ҳасби маслиҳат мухолифи ӯ набошад, бал такмили қонуни ӯ бувад. Ва ба масал агар ин лоҳиқ дар он вақт ҳозир будӣ, ҳамон қонун ниҳодӣ ва агар он собиқ дар ин вақт ҳозир будӣ, ҳамин тасарруф ба тақдим расонидӣ, ки «тариқу-л-ақли воҳидун»".[352]

Ин матлабро мутафаккир боз ҳам бештар дар шарҳи мадинаи ормонӣ овардааст. Он мадинаест, ки мардуми он дар касби хайр ва аз байн бурдани шар бо ҳамдигар мувофиқат ва муовинат дошта, рафторашон дар касби камоли нафсашон муштарак аст ва ҷолибтар аз он, афъоли онҳо ҳакимона, озодона ва ақлонӣ дар доираи қонунҳои адолат аст. Ба андешаи Насируддини Тӯсӣ ин қонунҳои адолат тақозо мекунанд, ки ҳар як нафар дар мартабаи худ бошад ва аз он ҳадди он мартаба, яъне озодиҳои лозима нагузарад ва ҳар як шахс бояд ба санъату ҳунарҳои гуногун машғул набошад. Аз ҷониби дигар, онҳо дар интихоби машғулияташон озоданд ва адолат бо он ҳамбастагии устувор дорад, аммо фазилату озодии яке аз дигар одамон болотар аст: "Ва адолатро бо ҳуррият иштирок аст дар боби муомалот ва ахзу аъто." Тӯсӣ бо истинод ба таълимоти Ибни Сино фармудааст: "...чун мардумро қувватҳои

[352] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 225.

мухталиф аст, мумкин бувад, ки баъзе аз он боис шавад бар феъле мухолифи муқтазои қуввате дигар, монанди он ки соҳиби ғазаб, ё соҳиби шаҳват биифрот, ё касе, ки дар мастӣ арбада кунад, афъоле ихтиёр кунанд бе мушоварати ақл, ки баъд аз муовадаташ пушаймон шаванд... Аммо касоне, ки ба саодати фазилат мавсум бошанд, ба ҳеч вақт ақли эшон мағлуб нагардад ва судури феъли ҷамил эшонро малака шавад».[353]

Бо назардошти ин нукот, равшан мегардад, ки Насируддини Тӯсӣ ҳам монанди Форобӣ ва Ибни Сино таҳти мафҳумҳои "озодӣ" ва "адолат", ки бо ҳам пайванданд, бо ду нозукии масъала рӯ ба рӯ мешавад: аввалан он ки, "озодӣ" ва "адолат" ҳамчун арзиши маънавии инсонӣ маънидод мешаванд. Ин ба озодии инсон ишора мекунад, зеро ӯ ҳарчанд тобеи Худо бошад ҳам, дар зоти худ озод аст. Чун анъана, ғуломӣ дар ҷомеаҳои шарқи бештар ба вазъияте рабт дорад, ки муваққатӣ буда, бо аз даст додани назорат, на ҷанбаи ботинӣ, балки берунии ҳаёташ рух медиҳад. Ҳувияти ботинии шахс бошад, ҳамеша ҳамчун паноҳгоҳи олӣ ва одилонаи озодии инсон маънидод мегардад.

Нозукии дигари масъала дар он ифода меёбад, ки адолат ва озодӣ дар ҷомеа, ки бештар хусусияти қонунӣ доранд, аз нуқтаи назари Насируддини Тӯсӣ ва Форобию Ибни Сино ба масъалаи афзалият ва бартарии як фард бар дигари он иртибот дорад. Ба ин маъно, инсон бояд қонунҳои муайяни ҷомеаро риоя кунад, зеро озодӣ наметавонад ҳар он чизеро, ки фард аз рӯйи хоҳишҳо ва ҳавасҳои нафси худ тақозо менамояд ва ғуломи ҳавасҳои хеш буда, доварии худро аз даст медиҳад, адолати иҷтимоиро поймол мекунад. Дар маҷмуъ, сухан дар бораи таносуби озодӣ бо адолати иҷтимоӣ меравад, ки мафҳуми охирӣ дар таълимоти ҳарсеи мутафаккирони машшоӣ ба унвони яке аз муҳимтарин ормонҳои инсонӣ ба шумор меравад. Ин умуман, ба фарҳанги умумишарқӣ мувофиқат мекунад, ки ба гуфтаи Т. Иброҳим, аз ибтидо талош меварзид, ки ба ормони "роҳи одилона" шабоҳат дошта бошад. "Роҳи одилона – роҳи васатӣ аст. Васат бошад, эътидол ва эътидол – адолат аст.

[353] Насируддинии Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 116-117.

Адолат бошад, ҳақиқат ва ҳақиқат тартибу низоми ормонӣ мебошад. Ба ибораи дигар, огоҳӣ аз эътидол ҳамчун таносуби зарурӣ ва ақлонии вуҷудияти ҷомеа (умма) дар муносибат ба зоти хеш (сатҳи ҷисмонӣ) ва нисбат ба Худо (сатҳи метафизикӣ), ба нафс ва ҷисмро фарогир аст”.[354]

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳлилҳои ин бахши кори таҳқиқотамон моҳияти адолатро ҳамчун пояи озодии инсон аз назари мутафаккирони машшоӣ метавон дар чаҳорчӯбаи зерин ҷамъбаст намуд: аввалан, нафси инсон мураккаб аз қувваҳои зиёд аст ва эътидол дар қувваҳои ӯ адолат ном дорад. Ҳеҷ яке аз қувваҳо, майлҳо ва ғаризаҳо мутаноҳӣ нестанд ва низоми зиндагии фардӣ ва иҷтимоии шахс бояд ба гунае шакл гирад, ки ҳамаи онҳоро ба сурати муътадил ба кор барад; сониян, олам бар асоси эътидол аст ва ҳар чиз дар ҷойгоҳи воқеии худ қарор гирифта, ҳаққи воқеии худро дарёфт намуда, вазифаи аслии хешро анҷом медиҳад; сеюм, низоми ҳастӣ арсаи камол (саодат)-и инсон аст ва камолу ҳамаи фазилатҳо танҳо аз эътидоли нафсонӣ ба вуҷуд меоянд; чорум, адолат ба маънои таҳқиқ ёфтани истеъдод аст ва ҳар чиз метавонад, суратҳои гуногунро бипазирад (пазируфтани ин гуна суратҳо – аломати озодӣ аст) ва адл он аст, ки ба ҳар чизе сурате комилтар ато шавад ва ба шакли зеботар, устувортар ва муфидтар дарояд; панҷум, инсон бояд тамоми истеъдодҳояшро рушд диҳад ва ба камол расонад, то дар силсилаи маротиб ҳастӣ мақоми беҳтарро ишғол намояд. Фарқияти истеъдодҳои одамон танҳо масъулиятро гуногун месозад ва кӯчактарин зиёне ба саҳми шаҳрвандони мадинаҳо дар тақсими хайроти умумӣ (амният, саломатӣ, дорой, иззату эҳтиром, озодӣ ва ғайра) намерасонад.

[354] Исламская цивилизация в глобализирующемся мире / По материалам конференции. / Отв. ред. – В.Г. Хорос. – М.: ИМЭМО РАН, 2011. С. 42.

3.3. Озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ

Ҳокимият ва озодӣ, одатан, ҳамчун мафҳумҳои мутақобила маънидод мешаванд ва шахсро водор мекунанд, зеро ҳангоми мавҷудияти қудрат ё ҳокимияти касе озодии шахси дигар коҳиш меёбад. Ҳадафи ин бахши таҳқиқотамон баррасии моҳияти ин нуқтаи назари бартаридошта дар бораи муносибатҳои байни ду мафҳум ва пешниҳоди тафсири он дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ аст. Муносибатҳои байни қудрат ва озодӣ дар ин ҷо дар асоси фарқияти ду тафсири қудрат, яъне қудрат барои тобеъ кардан ва қудрат барои пешравии инсон ё ҷомеа баррасӣ мегардад. Ҳокимият барои тобеъ кардан, ки таърифи классикӣ ва васеътари қудратро ифода мекунад, он ҳамчун як навъ муносибати иҷтимоӣ маънидод мешавад. Ҳангоме ки машшоиёни шарқӣ ва умуман, мутафаккирони файласуф дар бораи қудрат ҳарф мезананд, одатан, ба муносибатҳои иҷтимоии байни ҳокимон ва тобеони онҳо ишора мекунанд, ки дар онҳо фард метавонад таҳти таъсири фаъолият (ё бефаъолияти)-и каси дигар қарор гирад.

Ҳамин тавр, ҳокимият ба монанди озодӣ яке аз шартҳои маъмултарини афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, яке аз масъалаҳои баҳсбарангезтарин аст. Бидуни шак, яке аз муҳимтарин таълимот оид ба ҳокимият дар таърихи афкори сиёсии замони муосир ба М. Вебер мутааллиқ дониста мешавад, ки онро дар асараш бо номи “Хоҷагидорӣ ва ҷомеа” пешниҳод намудааст. Ӯ ҳокимиятро чунин тафсир медиҳад: “Ҳокимият ҳамчун қудрат ба маънои васеи он, яъне ҳамчун имконияти тобеъ кардани рафтори шахси дигар ба иродаи хеш мебошад, ки метавонад дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта бошад. Масалан, баъзан чунон анҷом дода мешавад ва мо даъвоямонро ба ҳайси қудрат мешуморем, ки онро қонун барои як шахс дар нисбати каси дигар ё дигарон, ки аз ин ҳуқуқ маҳруманд, эътироф мекунад, масалан, ҳуқуқи даъвои қарздиҳанда нисбат ба қарздор, ки дар натиҷа мо тамоми соҳаи ҳуқуқи хусусии муосирро ҳамчун хусусияти ғайримарказикунонии

ҳокимият дар дасти онҳое шарҳ медиҳем, ки барои истифода аз зӯрии қонун ҳуқуқ доранд”.[355]

Оё муносибати мутафаккирони машшоияи шарқӣ ба чунин тарзи баёни таносуби ҳокимият ва озодии инсон дар ақоиди файласуфони муосири Ғарб мутобиқат карда метавонад? Бояд мутазаккир шуд, ки дар маҷмуъ Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ муътақиданд, ки инсон бино ба табиаташ ва ниёзҳои шахсиаш ночор ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид мешавад. Аз ҷониби дигар, инсон ба зоташ тамоюл ба истиқлол дорад ва аз ин ки озодӣ ва хостаҳояш ба василаи дигарон маҳдуд мешаванд, ин хосияти эътироз пайдо мекунад: ҳеҷ кас баробар бо сиришти аввалия намехоҳад, то дигаре дар кораш дахолат кунад ва то касе хоҳони роҳнамоӣ ва кӯмак нашавад, гурез дорад, ки дигаре ӯро ба роҳу равише водор нанамояд ва ҳаёти ӯ аз дигарон вобастагӣ надошта бошад, ки ин маънии истиқлолхоҳии инсон аст. Он ки дигарон ӯро ба суди худ истифода накунанд ва дар зери фармони дигарон умр ба сар набарад, бо ғаризаи озодихоҳии ӯ баробар аст. Аммо, чуноне ки Ибни Сино навиштааст, дар ин матлаб нуктаи дигаре ҳам ҷой дорад: “Инсон ҳатман бояд шахси дигаре аз навъашро қонеъ кунад, он шахс дар навбати худ ин ва назири ин (шахс)-ро қонеъ гардонад. Масалан, ин барои он [чизе] биёрад, он барои ин нон пазад, ин барои дигар дӯзандагӣ кунад, дигарӣ барои ин сӯзан тайёр кунад ва ҳамин тавр, чун ба ҳам оянд, кори онҳо барор гирад. Бинобар ин, маҷбур шуданд, ки эшон ба шаҳрҳову ҷамоатҳо бигараванд. Баъд, ҳар кӣ аз эшон дар гаравидани шаҳри худ ба шартҳои шаҳр риоя накунад ва ӯ бо шариконаш фақат ба ҷамоате кифоя кунанд, ҷинсе ҳосил шавад, ки аз мардум қариб дур буда, ҷудо аз камолоти одамиён бошад...”.[356] Ба ибораи дигар, агар ниёзҳои мардум яктарафа бошанд, шумораи камтари онон муҷиби пастию хорӣ мегардад, зеро агарчи ҳар касе ба дигарон ниёз дорад, аммо дигарон ҳам аз ҷиҳати дигар ба ӯ ниёз доранд ва агар ҷанбаҳои гуногуни ниёзмандиҳои онҳо аз ду тараф бо ҳам баробар бошанд, ҳеҷ як аз

[355] Вебер М. Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии. В 4 т. Пер. с нем. - М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2019. Т. 4. С. 18.
[356] Абу Алӣ ибни Сино. Осор. - Душанбе, 2007. С. 348.

мардум бар дигаре бартарӣ нахоҳад дошт ва адлу баробарии дурусти байни онҳо фароҳам намеояд ва касе камарзиштар аз дигаре нахоҳад буд. Аммо, агар таодули дуруст байни корҳо набошад, яке камтар ва дигаре бештар кор кунад, он яке, ки камкор аст ва ё кораш камарзиштар аст, ниёзмандтар ва сабуку хортар хоҳад буд. Ибни Сино инчунин, ишора мекунад, ки "раво нест, ки дар он кор мардум ба ақидаҳои хеш озодбуда ихтилоф кунанд ва ҳар яке чизи мувофиқаш бударо адл ва бар хилофи он бударо – зулм пиндорад".[357] Аз ин рӯ, мутафаккирони машшоияи шарқӣ будани ҳокимро дар танзими ин корҳо зарур мешуморанд ва ин ҳокимиятро дар ибтидо ҳамчун ҳокимияти илоҳӣ ё аниқтараш, ҳокимияти пайғомбарӣ маънидод менамоянд.

Машшоиёни шарқӣ хусусиятҳои таълимоти диниро дар доираи осори сиёсиву фалсафии худ ифшо мекунанд, аммо, дар маҷмуъ, бар зидди таълимоти динӣ набаромадаанд. Дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ низоми диниро дар самтҳои дигари бо идроки ақлонӣ баррасӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, онҳо як навъ озодандеширо дар фалсафаи шарқӣ дар баробари мактабҳои дигари ақлгаро поя гузошта, онро дар таълимоти гуногунашон, аз ҷумла, таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ба вижа, ислоҳоти давлатдорӣ бо такя ба фалсафаи юнонӣ дар мисоли ақоиди афлотунӣ ва арастуӣ ба роҳ монданд. Ба як маънӣ, ин синтези ақоид ба ормонисозии як давлати сиёсии комил, идеалӣ ва қариб хаёлӣ, утопиявӣ бурда расондааст. Тавре ки аз асарҳои мухталифи машшоиёни шарқӣ дида мешавад, ин таълимоти онҳо ҳамчун омехтаи фалсафаи амалӣ ва назариявӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он дониши фалсафӣ бояд ба татбиқи он дар ҷомеа равона карда шавад.

Фалсафаи машшоиёни шарқӣ имкон медиҳад, ки як шаҳри ормонӣ, ё ба истилоҳи онҳо – "мадинаи фозила" ташкил карда шавад, ки дар он озодии инсон ва саодати дунявӣ ба даст хоҳад омад. Дар иртибот бо ин, шиносоии мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо "Ҷумҳурият" ва "Қонунҳо"-и Афлотун наметавонад, фақат ҳамчун як фаъолияти зеҳнӣ, балки заминаи фаҳмиши алтернативии созмон додани ҳокимияте маънидод шавад, ки бунёд намудани

[357] Ҳамон ҷо. С. 348.

давлат ва ҷомеаи дорои хусусияти сиёсиро имконпазир гардонад: симои подшоҳ-файласуфи афлотуние, ки дар “Ҷумҳурият” ва тасвири қонунгузоре, ки ба “Қонунҳо” хос аст, дар таълимоти сиёсӣ-иҷтимоии машшоиёни шарқӣ бо симои пешвои сиёсӣ-мазҳабӣ, ба монанди пайғомбари ислом “оштӣ” дода мешавад.

Форобӣ дар китоби “ас-Сийāсат ул-маданийа” масъалаи ҳокимиятдориро баррасӣ намуда, савол мегузорад, ки кадом шахс ба маънои мутлақи он роҳбари аввали шаҳри ормонӣ шуда метавонад ва посух медиҳад, ки “ӯ ҳамон шахсест, ки комилан ниёз ба касе надорад, то ӯро роҳбарӣ кунад...; барои вай [ҳатмӣ] нест, ки қобилияти батафсил донистани ҳама чизҳои ҷудогонаеро, ки бояд ба иҷро расанд, дошта бошад, аммо ӯ қодир аст, ки ба таври олиҷаноб ҳамаи дигаронро нисбат ба ҳама чизҳое, ки худаш медонад, роҳнамоӣ кунад.. Чунин шахсро пешиниён ҳокими ҳақиқӣ меҳисобиданд ва дар бораи ӯ метавон гуфт, ки ба ӯ ваҳй нозил шудааст”.[358] Мафҳуми “ваҳй”-ро дар ислом ба пайғомбар нисбат медиҳанд, ки он аз ҷониби Худо ва аз тариқи фаришта нозил мешавад. Форобӣ бошад, аз чунин тафсири қуръонии “ваҳй” ба ҷанбаи навафлотунии ин тафсир рӯ оварда, тасдиқ мекунад, ки “ваҳй” ба инсон танҳо дар ҳолате нозил мешавад, ки агар вай барои пазируфтани он руҳан ва маънан омода бошад, ба ибораи дигар, агар байни ӯ ва ақли фаъол миёнараве вуҷуд надошта бошад. Ба ақидаи Форобӣ, ақли ғайрифаъол ба модда монанд буда, ҳамчун субстрат барои ақли муктасаб ҳисоб меёбад ва ақли муктасаб бошад, ба моддае шабоҳат дорад, ки субстрат барои ақли фаъол буда, аз он ақл қуввае содир мешавад, ки бо ёрии он шахс метавонад чизҳо ва амалҳоро муайян намуда, онҳоро барои ба даст овардани саодат равона созад.[359]

Аз ин рӯ, таҳияи назарияи фалсафӣ, ки дар он созишномаи ормонии байни шоҳ, пайғомбар, файласуф ва қонунгузор имконпазир буда метавонист, вазифаи асосии Форобӣ ва пайравони дигари машшоияи шарқӣ

[358] Аль-Фараби Абу Наср. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, «Наука», 1973. С. 123-124.
[359] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, «Наука», 1973. С. 124.

ба шумор меравад. Сухан инчунин, дар бораи тамоюлоти фикрӣ-сиёсии онҳо меравад, ки тавассути он, ин мутафаккирон барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳаллу фасли бархӯрдҳои фарҳангӣ ва низоъҳо байни афкори ақлонӣ ва динӣ саъй меварзиданд. Аз ин сабаб, фалсафа барои машшоиёни шарқӣ ҳамчун қонунҳои бунёдии куллӣ танзим шудааст, ки новобаста аз эътиқод ё мазҳабҳои хоси ҳар як шахс мураттаб сохта шуда ва маҳз аз ҳамин сабаб метавонад аз ҷониби ҳама эътибор дошта бошад ва қабул гардад. Дар ин ҷо озодии баён ё фикри мутафаккирон ва талқини он дар муносибат ба тафаккури динӣ муайян мегардад.

Муаррифии афкори иҷтимоӣ-сиёсии машшоиёни шарқӣ аз муҳокимаи ҳадафи ниҳоии инсон оғоз гардида, сипас, бо нишон додани табиати инсон ҳамчун як ҳайвони оқил ва пеш аз ҳама, ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ интиқол меёбад. Ба ибораи дигар, инсон, ба ақидаи ин файласуфон, ҳамчун мавҷуде зоҳир мешавад, ки зарурати муттаҳид шудан бо дигарон, яъне шомил шудан ба ҷомеаро барои дарк кардани қобилиятҳои хосси табиати худиаш эҳсос мекунад. Аммо, якҷоя будани одамон ҳамчун иттиҳодияи одии онҳо кифоя нест, балки барои расидан ба ҳадафи умумӣ якҷоя бо роҳбари он саъй варзидан лозим аст. Масалан, Форобӣ менависад: “Агар онҳо (одамон – З.Ҳ.) халқро ташаккул диҳанд, ин халқ фозил аст ва агар ин одамонро як ҷойи сукунат муттаҳид созад, ин маскани умумии онҳост, ки ҳамаи онҳоро таҳти чунин роҳбарӣ (роҳбарии аввал – З.Ҳ.) якҷоя мекунад, мадинаи фозила ном дорад. Агар онҳо бо як сукунатгоҳ муттаҳид нашуда, балки дар ҷойҳои гуногун ҳаёт ба сар мебаранд ва дар ҷойҳои гуногун зиндагӣ карда, сокинони онҳо на ба ин роҳбар, балки ба роҳбари дигар итоат намоянд, дар ин ҷойҳо одамони фозил бегонаанд”.[360] Одамон бошанд, чуноне ки дар бахшҳои пешинаи таҳқиқотамон нишон дода будем, ба туфайли ҳуқуқи интихобии худ метавонанд дар истинод бар одатҳои ҳаётию амалҳо ва тибқи фазилатҳои фитриашон ҳастии хешро рушд диҳанд (ҳатто то омезиш бо вуҷуди илоҳӣ, чуноне ки дар тасаввуф аст) ё бо ҳидояти ҳамон принсипи тафаккур ба сӯйи

[360] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. С. 125.

шарру бадиҳо роҳ паймоянд (ва ҳатто бо ҳайвоноти дигар айният пазиранд). Бо таъкид бар қобилияти интихоб кардан Форобӣ баҳс мекунад, ки агар шахс комилан фозил бошад, вай дар байни дигар одамон мақоми баландтареро ба ҳайси ҳоким соҳиб хоҳад гашт: “Номи “ҳоким” ба қудрат ва азамат ишора мекунад. Қудрати том бошад, маънои бузургтарин қувваи тавоноӣ ва далели онро дорад, ки қудрати ӯ бар чизе танҳо ба воситаи ашёи берунӣ дар нисбати ӯ амалӣ намешавад, он дар худи вай дар натиҷаи қобилияти бузург имконпазир аст, ба шарте ки, агар санъат, табъ ва фазилати ӯ ба қувваи хеле қавӣ доро гардад. Ин кор танҳо бо ҷой доштани қобилияти бузурги маърифатӣ, қобилияти тафаккури бузург, қувваи бузурги фазилат ва санъат имконпазир аст. Дар акси ҳол, ӯ ба қудрати мутлақ соҳиб намешавад ва қудрат ҳам нахоҳад дошт”.[361] Ба таври умум, ин маърифат дар мафҳуми “ҳикмат” ҷамъбаст мешавад ва онро Форобӣ ҳамчун ҳадафе маънидод менамояд, ки маҳз тавассути таълим бояд ҳокимон аз ҷаҳолат берун бошанд, зеро ҳокимони ҷоҳил наметавонанд бар шаҳр ҳукмронӣ кунанд. Ин ҳадаф ба он маъно дақиқ аст, ки ҳоким барои аъзоёни гурӯҳҳои сершумор, ки аз рӯйи дараҷаҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бояд намунаи ибрат бошад.

Чунин фарқияти мартабавӣ ва мақомии одамон на фақат дар фалсафаи Форобӣ, балки дар таълимоти ҳамаи мутафаккирони машшоиёни шарқӣ ба мушоҳида мерасад: барои онҳо фарқияти ҳам табақавӣ ва ҳам мартабавии байни одамон вуҷуд дорад ва он фарқияти табииест, ки онҳо дар муқоиса бо одамони дигар дар мақому мартабаҳо гузошта мешаванд. Аз ҷониби дигар, агар шахс бо сабаби маҳдудиятҳои худ баъзе вазифаҳояшро иҷро карда натавонад, ӯ метавонад дар иттиҳодия бо дигарон фаъолияти худро бо истифода аз фазилатҳои хеш анҷом диҳад. Ин имконият ва зарурати дар гурӯҳ фаъолият намудани шахс бо дарназардошти таҷрибаю малакаҳои гуногуни аъзои он фароҳам мегардад. Ин фазилати ахлоқӣ аст, яъне фазилатест, ки инсон ҳангоми дарк кардани он, ки наметавонад ҳама чизро барои пурра амалӣ сохтани имкониятҳояш дошта бошад, инкишоф медиҳад

[361] Ҳамон ҷо. С. 342.

ва бинобар ин, аз амалҳои шоистаи дигарон истифода мекунад. Аз рӯйи аҳаммияти худ, фазилати ахлоқӣ дар байни шаклҳои дигари он, ки шахс дар гурӯҳ ва ё ҳатто дар шаҳр амалӣ месозад, олитарин аст. Чунин тафаккур ба ташаккули сохторе мувофиқат мекунад, ки ҳар як ҷузъи он барои нигоҳдорӣ ва таҳаввули дигараш ҳамкорӣ мекунад. Ба маънои дигар, ҳаёти иҷтимоии шахс зарурат аст, ки дар он имкони озодӣ ва ё тобеияти хешро нишон дода тавонад. Инсон дар ҳаёти иҷтимоии худ барои таъмини ризқу рӯзиаш маҷбур аст, ба ягон шуғле машғул шавад ва ин шуғлҳо гуногунанд – аз касбҳои мушаххас, монанди дуредгарӣ, оҳангарӣ, хидматгорӣ то ба ҳокимиятдории ҳокимон, ки бо зердастонашон муносибати хоса доранд. Насируддини Тӯсӣ дар фасли “Дар сиёстаи хидам ва одоби аттибои мулук”-и асараш “Ахлоқи Носирӣ” менависад, ки сиёсати ҳокимон ду навъ аст: сиёсати фозила ва сиёсати ноқиса “ва соис (сиёсатмадор)-и аввал тамассук ба адолат кунад ва раиятро ба ҷойи асдиқо дорад ва мадинаро аз хайроти омма мамлуъ кунад ва хештанро молики шаҳват дорад. Ва соиси дувум тамассук ба ҷавр кунад ва раиятро ба ҷойи хавал ва абид дорад ва мадинаи пуршурур ом кунад ва хештанро бандаи шаҳват дорад. Ва хайроти омма амн бувад ва сукуну маваддат бо якдигар ва адлу афофу лутфу вафо ва амсоли он... Ва мардумон дар ҳар ду ҳол назар бар мулук дошта бошанд ва иқтидо ба сирати эшон кунанд”.[362]

Ба ин маънӣ, дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ ва дигар файласуфони машшоияи шарқӣ фарқияти байни одамон, дақиқтараш, фарқияти табиӣ, ки онҳоро аз нигоҳи сохтори ҷисмонию зеҳнӣ муқаррар намудааст, ҷой дорад. Аз ин ҷо, ба иллати маҳдудияти ақлонию ҷисмониаш фард на ҳамаи вазифаҳо ва ё шуғлҳоро иҷро карда метавонад. Ин, дар навбати худ, тақозо мекунад, ки фард дар имкониятҳо ва заруриятҳои шахсиашро бо назардошти маҳорату малакаи онҳо, дар гурӯҳҳо амалӣ намояд ва фазилати ҳам касбӣ ва ҳам ахлоқии ӯ дар муқоиса бо дигарон дар муҳити умумии иҷтимоӣ санҷида ва баҳогузорӣ карда шаванд. Ба ин маънӣ, файласуфони машшоияи шарқӣ бо

[362] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. С. 237-238.

тасдиқи ихтилофи ақлонӣ-ҷисмонии одамон навъҳои қобилият, пеш аз ҳама, навъҳои тамоюлоти одамонро барои рушди онҳо ва малакаашонро барои маърифати ашё ва падидаҳо баррасӣ менамоянд. Ба ибораи дигар, шаҳрванди мадинаи фозилаи ин мутафаккирон, масалан, дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ, аз таҳаррук ва ҳаққи ширкат дар корҳои иҷтимоӣ бархӯрдоранд ва дар ҷавобгӯйӣ ба ниёзҳое, ки дар иҷрои ҷамъи манофеи онҳо матраҳ аст, ба тавонҳои фардиашон вазифадоранд. Сухан дар бораи муносибатҳои иҷтимоии аъзои он, аз ҷумла, нисбат ба ҳокимони ҷомеа ё давлат меравад. Ин нуктаро мутафаккир дар муносибати ходимон ба ҳоким шарҳ дода, менависад, ки касе, ки ба хидмати онҳо машғул бошад, "сабили ӯ он бувад, ки мулозимати коре намояд, ки ба садри он кор бувад ва мувозибат кунад ва бар вазифае, ки мутакаффили он шуда бошад ва ҷаҳд кунад дар он ки, насабу-л-айни махдум бошад ба ҳар вақт, ки ӯро талаб кунад ва аз мудовамати ҳузур, ки муаддӣ бувад, ба малолат ҳам эҳтироз намояд, чӣ малолат аз касрати издиҳоми мардум бошад. Ва чун заҳмати халқ бар даргоҳи руасо бештар бувад, эшон ба малолат авло бошанд ва бояд ки ба ҳар кор, ки махдуми ӯ содир шавад, ӯро мадҳ гӯяд ва он корро ба ростӣ ситоиш кунад".[363] Дар ин ҷо, тобеияти ходим ба ҳоким ба маънои фармонбардории ғулом ба ғуломдор маънӣ намегирад, балки меъёри рафтору кирдори расмиест, ки дар сатҳи давлатдории он давра қабул шудааст. Аз ҷониби дигар, мутафаккир шарҳ медиҳад, ки дар олам коре нест, ки дутарафа – хайр ва шар набошад ва барои ҳамин ходим бояд ҷанбаҳои одилонаи фаъолияти ҳокимро ҷустуҷӯ карда, саъй намояд, ки дар пояи онҳо ба ситоиши ҳоким пардозад.

Ин нуктаи назарро, ки бештар хусусияти иҷтимоӣ-ахлоқӣ дорад, тақрибан дар осори ҳамаи машшоиёни шарқӣ ёфтан мумкин аст. Масалан, Форобӣ бо муқаррар кардани дараҷаҳо, сатҳҳо, намудҳои касб ва имкониятҳои зеҳнию ҷисмонии одамон таваҷҷуҳ ба бунёди рушди мадинаи фозила намуда, ақидаеро пайгирӣ менамояд, ки ҳамаи одамон дар ҷомеа

[363] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 249.

баробар нестанд, аммо, азбаски онҳо аз рӯйи ҷинсашон баробаранд ва аз ин ҷиҳат гӯё озоданд, нисбат ба онҳо муносибати хоса доштан зарур аст. Дар ҷомеа ба табақа ҷудо шудани одамон, моҳиятан, сохторест, ки гуногунрангии бешакки хислатҳо ва имкониятҳои онҳоро дар бар мегирад ва барои озодию тобеияти онҳо, бартарии як гурӯҳ бар гурӯҳи дигар ва итоати дуюмӣ ба гурӯҳи аввалро замина мегузорад. Форобӣ дар бораи сохтори мадинаи фозилаи ормонии худ андеша намуда, возеҳан фарқи байни онҳоеро гузоштааст, ки бояд ҳукмронӣ намоянд ва онҳое, ки бояд таҳти ҳукмронӣ қарор гиранд. Аз ҷумла, ӯ менависад: “Дар ҳар як қисмати шаҳр як роҳбаре ҳаст, ки болотар аз ӯ дар байни мардуми як ҷамоа роҳбари дигаре нест ва фармонбардоре ҳаст, умуман, бар ҳеҷ кас роҳбарӣ намекунад ва ҳам чунин [шахсе] ҳаст, ки ӯ бар онҳое, ки дар поёнтари ӯ қарор гирифтаанд, роҳбарӣ мекунад ва барои онҳое, ки аз ӯ болотаранд, тобеъ аст. Ин қатори [одамонест], ки дар мадинаи фозила аз ҷиҳатҳои гуногуни фазилаташон аз ҳамдигар бартарӣ доранд”.[364] Аммо, бо ин ҳама, вақте ки файласуф аз чунин сохтор дифоъ мекунад, ӯ ба зарурати доштани роҳнамое истодагарӣ мекунад, ки метавонад онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуда, барои касби саодати ҳақиқӣ ба одамони мадинаи фозила кӯмак расонад. Ин маънои онро надорад, ки онҳое, ки роҳбарӣ мекунанд, бояд беаҳаммият будани роҳбарони дигарро тасдиқ намоянд ва шаъни онҳоро паст зананд. Ҳамаи онҳо дар ташаккули мадинаи фозила аҳаммият доранд, зеро ҳамаи онҳое, ки ҷузъи он ҳастанд, вазифаҳои махсуси худашонро доранд ва бояд барои ба ҳадди камол расонидани он кор кунанд.

Ибни Сино низ монанди Форобӣ ва Афлотуну Арасту моҳияти мадинаи фозила аз мадани ут-табъ будани инсонро тасвир намудааст. Дар асоси ин назария, ҷомеаи инсонӣ дар ибтидо аз фардҳои ҳақиқӣ барпо шудааст, ки онҳо таҳти фишори ниёзҳо дар баровардани ҳоҷатҳои рӯзафзуни ҳаёташон, ки аз иродаи озодашон бармеояд, ба мафҳуми “лузуми ҳамёрӣ” ва хислати иҷтимоии зистан бо афроди дигар, таркиб ва иҷтимоъ кардаанд. Муҳимтарин

[364] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. С. 220.

ва нахустин ҳадафи қонун ва қонунгузор, аз назари Ибни Сино, муқаррар намудани суннатҳои мадина бар асоси аҷзои сегонаи ҳокимон, пешаварон ва посдорон ва низ тартиби раёсати силсилаи маротибӣ аст. Ибни Сино дар ин бора дар қисмати “Илоҳиёт”-и “аш-Шифо” чунин овардааст: “Воҷиб аст, ки аввалин вазифаи возеҳи қонун (яъне қонунгузор – З.Ҳ.) вазъи суннан ва тартиби мадина ба маънои аҷзои сегонаи мадина – ҳокимон, асҳоби фоқиди мақом (пешаварон), посдорон (ал-мудаббир, ас-сунноъ, ал-ҳофиз) аст ва низ дар ҳар табақае аз онҳо низ раис мушаххас кунад, ки ба ин тартиб ҳамвора баъд аз ӯ ҳам, силсилаи маротибе аз руасо то поинтарин инсонҳо тартиб ёфтаанд, ҳифз шавад. Набояд ҳаргиз дар шаҳр фарди бекор ё фоқид ҷойгоҳи муайяне дошта бошад... Бар қонунгузор аст, ки батолат ва бекорагиро таҳрим карда, роҳи баҳрамандӣ аз ҳаззе, ки барои фарди дигар аст, масдуд бошад”.[365] Ба ибораи дигар хислатҳое ҳастанд, ки бояд ба инсон барои онҳо озодӣ дода нашавад.

Дар баҳси эҷод ва таквини мадинаи одила Ибни Сино муътақид аст, ки баробарӣ ва адолати мутлақ дар низоми иҷтимоӣ ҷой надорад, зеро, дар акси ҳол, ин боиси нобудии он мегардад. Дар “Рисāлат ус-сийāса” мутафаккир овардааст: “Дар ҷомеаи яксон, бетабақа ва бидуни ихтилоф, ки ҳамаи аъзои он дар вазъияти баробар бошанд, сарнавиште ҷуз нобудӣ надорад”.[366] Ба маънои дигар, мадинаи одилаи Ибни Сино бар пояи тафовутҳои байни аъзои мардуми он шаҳр асос меёбад. Сабаби пешрафти ҷомеаи ноҳамгуна, ки гуногунии он, ба андешаи мутафаккир, аз мазоҳири заҳмат ва ҳикмату тадбир ва лутфи илоҳӣ аст, чизе ба ҷуз аз саодат ва адолат нахоҳад буд. Ӯ дар идомаи ин қазия менависад, ки василаи расидан ба ин саодатро тақсими кор бар асоси тафовутҳо дар миёни мардуми ҷомеа медонад, ки дар пайи он мафҳуми асосии “таовун” (“ба ҳам ёрирасонӣ, ҳамкорӣ”) дар фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Сино зоҳир мешавад. Он таовунест, ки таҳти парчами қонун тавассути суннатгузор ва қонунгузор сурат мегирад ва қонунгузор

[365] Ибн Сина. Илоҳиёт. С. 447.
[366] Ниг.: Амид Зинҷонӣ. Мабонии андешаи сиёсии ислом. С. 173.

бошад, ҳамон ҳоким ё шоҳи мудаббир аст, ки Ибни Сино ӯро бартарин дар миёни одамон дониста, ба ин сурат, ҳаёти иҷтимоиро дар мадинаи одила бар асоси нобаробарӣ ва низоми иҷтимоӣ-сиёсии силсилаи маротиб баён месозад. Дар ин ҷо, мутафаккир ба тобеияти дараҷаи паст ба боло, фармонбардор бар фармондеҳ ва омма ба ҳоким таъкид намуда, аз ҷониби дигар, зарурати аз озодии мутлақ даст кашидани онҳоро ба хотири дар чаҳорчӯбаи қонунҳо ва низоми иҷтимоӣ ворид шудан нишон додааст.[367]

Нобаробар будани силсилаи маротиби табақаҳои ҷомеаро Насируддини Тӯсӣ низ таъкид намуда, чунин навиштааст: “Ва ҳар ду шахс, ки миёни эшон дар саноате ё илме иштирок бувад, миёни эшон раёсате собит бувад, яъне, яке ки аз дигар дар он саноат комилтар бошад, раис ӯ бувад ва он дигар шахсро тоати ӯ бояд дошт, то мутаваҷҷеҳ бошад ба камол. Ва интиҳои ҳамаи ашхос бо шахсе бувад, ки мутои мутлақ ва муқтадои навъ бошад ба истеҳқоқ. Ё ашхосе, ки дар ҳукми як шахс бошанд, аз ҷиҳати иттифоқи орои эшон дар маслаҳати навъ”.[368]

Ин матлаб дар таълимоти мутафаккирони дигари машшоияи шарқӣ ҳам ҷой дорад ва “ихтиёрӣ” даст кашидан аз озодии мутлақ ҳамчун роҳи камол ва ба саодат расидани инсон дар ҳамкорию ҳамбастагӣ бо аъзои дигари ҷомеа ва инчунин, як навъ озодии маънавӣ маънидод карда мешавад. Ба маънои дигар, дар ташаккул ёфтани шаҳри ормонии машшоиёни шарқӣ таваҷҷуҳи хоса ба он нукта дода мешавад, ки дар ин шаҳр саодату озодӣ барои ҳамаи аъзои он имкон дорад ва симои ҳоким ҳамчун инсоне пешкаш гардидааст, ки дараҷаи олии донишҳоро касб намуда, имкони аз пайи хеш ба сӯйи пешравӣ бурдани боқимондаи одамонро дорад. Масалан, Ибни Сино оид ба ин масъала чунин овардааст: “Дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарини мардум подшоҳону шаҳриёронанд, ки худо ононро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод дорои тасаллут ва қудрат кардааст... Ҳақиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати хуб ва тадбири некӯ

[367] Ибн Сина. Илоҳиёт. С. 447.
[368] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 202.

ва тафаккури зиёд ва таъдибу таъҷил ва ба роҳи рост даровардану аз роҳи нодуруст боздоштан ва билҷумла, ба ҳамаи он чи ки шаҳриёр эҳтиёҷ дорад, муҳтоҷу ниёзманд аст”.[369]

Ҳангоми ташаккулёбии мадинаи фозила ё одила машшоиёни шарқӣ бо таваҷҷуҳи махсус бар он ақидаанд, ки дар он ҷойе, ки хушбахтӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарин ва нишондоди озодӣ барои ҳамаи сокинони он имконпазир аст, барои ҳоким ё роҳбари ормонӣ шудан, фақат файласуф будан шарти зарурӣ ба шумор меравад, зеро ӯ ягона касест, ки ба сатҳи баландтарини донишу маърифат расида метавонад. Онҳо ҳамчун шахсоне муаррифӣ карда мешаванд, ки аллакай тавассути донишҳои назариявӣ ва амалӣ ба саодат расидаанд ва бо ин роҳ ба дараҷаи олие расидаанд, ки онро дар нисбат ба фазилати инсонӣ бояд ба даст овард. Ҳамин тавр, файласуф барои роҳнамоии рафтори худ ба роҳнамо ё қонунгузоре ниёз надорад, балки касе буда метавонад, ки дигаронро роҳнамоӣ мекунад. Ин нақши сиёсии файласуф аст, ки дар фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии машшоиёни шарқӣ, масалан, дар таълимоти Форобӣ нақши муҳим дорад. Ба андешаи Форобӣ, азбаски роҳбар бояд файласуф бошад, ҳидоятшавандаҳо, дар навбати худ, касоне хоҳанд буд, ки табиатан ё аз рӯйи фитраташон ҳамон як қобилияти фаҳмидани чизҳои фаҳмо надоранд. Аз ин нуқтаи назар, онҳо ихтиёрашонро зодона “қурбон” намуда, имкон медиҳанд, ки таҳти роҳбарии дастурҳо ва нишондодҳои пешниҳодкардаи файласуфон қарор гиранд ва ба ҳукмҳои онҳо тобеъ бошанд. Ин тебеияти онҳо ҳангоми иҷрои нақши сиёсии роҳбарон ё ҳокимони файласуф барои идоракунии тамоми ҷомеа, ҷиҳати ташаккул додани ақидаи умумӣ тавассути бовар кунондан, истифода бурда мешавад. Мутафаккир қайд мекунад, ки қонунгузор наметавонад шартҳоеро муайян кунад, ки ба хушбахтии ниҳоӣ оварда мерасонанд ё тавассути ақл хушбахтии ниҳоии инсонро дарк созад. Ҳамаи ин масъаларо танҳо дар ҳолате дақиқ ва равшан муайян месозад, ки ӯ аз фалсафа бархӯрдор бошад. Аз ин рӯ, хулоса мекунад Форобӣ, “касе, ки ҳамчун қонунгузор амал мекунад, бинобар он ки,

[369] Абуалӣ ибни Сино. Тадбири манзил // Осори мунтахаб (Иборат аз даҳ ҷилд). Ҷ. 2. Душанбе, 1980. С. 14.

моҳияти ӯ моҳияти роҳбарӣ, на хидматгузорӣ аст, бояд файласуф бошад. Ба ҳамин монанд, вақте ки файласуф фазилатҳои назариявиро касб менамояд, донишҳои иктисобии вай метавонанд ба қадри имкон дар дигарон низ озодона бозсозӣ гарданд. Бе мавҷудияти фазилати фикрӣ, ӯ наметавонад ҳолатҳо ва шароитҳоеро ошкор созад, ки ба фазли онҳо, зарурати ихтиёрии ақлонӣ ба даст оварда мешаванд... Аз ин рӯ, мафҳумҳои “имом”, “файласуф”, “қонунгузор” яксонанд”.[370]

Озодӣ ва тобеияти сокинон дар шаҳрҳои гуногун мухталифанд, чуноне ки худи шаҳрҳо низ мухталиф мебошанд. Тақрибан, ҳамаи машшоиёни шарқӣ ин шаҳрҳоро чунин қисмат кардаанд: мадинаи фозила, мадинаи ҷоҳила, мадинаи фосиқа ва мадинаи золла. Ҳар яке аз ин шаҳрҳо хусусиятҳое доранд, ки вобаста ба табъу завқ ва малакаю маҳоратҳои одамон ташаккул меёбанд. Масалан, дар баррасии мадинаи ҷоҳила онҳо тавсифи муҳимтарини сокинон ва ҳокимони ин шаҳрро додаанд ва дар байни ин тавсифҳо он чиро ҷудо кардан мумкин аст, ки барои ҳамаи онҳо умумӣ аст: қобилияти ба даст овардани лаззатҳои хоса. Гузашта аз ин, ҳангоми муаррифии хусусиятҳои шаҳрҳои ҷоҳилия, шабоҳати возеҳ бо он шаҳрҳое ҷой дорад, ки Афлотун дар “Ҷумҳурият” таҳлил кардааст. Дар асл, омезиши хусусиятҳои таълимоти афлотуниро бо сохторҳои сиёсие, ки барои ӯ маълум буданд, қайд кардан мумкин аст. Дар байни онҳо намунаи як шаҳри озодихоҳ ё ба истилоҳ мадинаи аҳрор аст, ки дар муқоиса бо демократияи Афлотун ба тарзи дигар фаҳмида мешавад. Масалан, Насируддини Тӯсӣ чунин фармудааст: “Ва раёсати мудуни ҷоҳила бар адади мудун муқаддар бувад ва адади он шаш аст, чунонки гуфтем, мансуб бад-ин шаш чиз: зарурат ё ясор ё лаззат ё каромат ё ғалабат ё ҳуррият. Ва чун раис аз ин манофеъ мутамаккин бувад, гоҳ бувад, ки раёсате аз ин раёсот ба моле, ки базл кунад, бихарад ва хоса раёсати мадинаи аҳрор, ки он ҷо касеро бар касе тарҷеҳе натавонад буд. Пас, раисро ё ба тафаззул раёсат диҳанд, ё дар ивази моле, ё нафъе, ки аз ӯ

[370] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. С. 341.

биситонанд. Ва раиси фозил дар мадинаи аҳрор раёсат натавонад кард ва агар кунад, махлуъ шавад ё мақтул ё музтарибу-р-риёса ба зудӣ”.[371]

Аломатҳои озодӣ ё ҳуррият дар ал-мадинат ул-ҷама‘ийаи Форобӣ боз ҳам возеҳтар баён гардидааст, ки дар он одамони озодихоҳ ҷамъ мешаванд. Хусусияти асосии ин шаҳри дастаҷамъӣ иродаи озод ва қобилияти сокинони он аст, ки ҳар кореро, ки мехоҳанд иҷро мекунанд ва дар он озодии комил ва силсилаи маротиб ва дараҷаҳои одамон ё тобеияти як шахс ба шахси дигар вуҷуд надорад. Ҳокимият қудрат аст, на тобеъ кардани одамон ва аз ин рӯ, дар ин шаҳр қоидаҳои бешумори ахлоқӣ мавҷуданд. Ҳокимон, ҳамон тавре ки бояд дар ягон ҳукумати демократӣ бошад, роҳбароне ҳастанд, ки аз ҷониби одамон таъйин ё интихоб мешаванд, аз ин рӯ, ҳоким ба маънои роҳбари мутлақ вуҷуд надорад ва на ба чунин шакл ҳукмронӣ мешавад. Аз сабаби қобилияти дар амал татбиқ намудани хоҳишҳои худ, сокинони он дар ин ҷомеа зиндагӣ карданро дилхоҳ медонанд. Форобӣ қайд кардааст: “Мадинаи ҷамоийа шаҳрест, ки дар он ҳар як сокинаш комилан ирода дорад, ки ҳар чиро хоҳад, ҳамонро иҷро мекунад. Сокинони он баробаранд. Қонунҳои онҳо комилан ба як шахс бартарӣ намедиҳанд... Сокинони он бо роҳбарони худ, ки онҳоро идора мекунанд, [коре надоранд], зеро худи [сокинонаш] сарварони худро таъйин мекунанд ва онҳое, ки онҳоро идора мекунанд, танҳо бо иродаи тобеонашон ин корро иҷро мекунанд. Роҳбарони онҳо ба иродаи зердастонашон итоат мекунанд ва азбаски, охиринҳо ба фармонҳои онҳо итоат намекунанд, [дар ин шаҳрҳо] воқеан, на ҳоким ва на фармонбардор вуҷуд дорад”.[372]

Афлотун дар мавриди чунин навъи шаҳр ҳушдор медиҳад, ки вақте ки ҳамаи одамон баробар ҳисоб карда мешаванд, эътирофи истеъдодҳои мухталифе, ки дар байни шаҳрвандон вуҷуд доранд, аз байн меравад, ҳамон тавре ки, эътирофи шоистагии ҳар яки онҳо гӯё вуҷуд надорад. Дар натиҷа, ҳоким, ки аз дигар шаҳрвандони ин шаҳр фарқе надорад, шаҳрро бо

[371] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 235-236.
[372] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. С. 156.

авомфиребӣ идора мекунад, яъне ӯ мавҷудияти возеҳи озодиро пазируфта, беэътибор будани ҳокимиятро дар ин навъи ҳукуматдорие, ки Форобӣ тавсиф кардааст, тасдиқ мекунад. Дар мавриди чунин шаҳри ба истилоҳ демократие, ки Насируддини Тӯсӣ ва Форобӣ дар таълимоти худ пешкаш менамоянд, бояд гуфт, ки он назар ба шаҳри демократии Афлотун хусусиятҳои бештар мусбат дорад, аз ҷумла, бо дарназардошти мавҷудияти эҳтимолии гурӯҳҳои фозила дар ин шаҳр. Аммо, фарзияе ба миён меояд, ки тибқи он файласуфи машшоии шарқӣ шояд муносибати бетарафонаи Афлотунро ба чунин шаҳр пай набурдааст ва аз ин сабаб, дар он хусусиятҳои ночиз маънои мусбат пайдо карда метавонанд. Аммо, агар ба озодии комили сокинони ин шаҳри афлотунӣ таваҷҷуҳ намоем, эҳтимоли комил пайдо мешавад, ки дар он ҷо одамоне ҳастанд, ки шабеҳи сокинони мадинаи фозила мебошанд. Аз сабаби ҷой доштани таҳаммулпазирӣ дар чунин шаҳр, имконпазирии рушди давлат ва сокинони он фароҳам меояд. Афлотун дар ин мавзуъ навиштааст: “Аммо озодии ниҳоӣ барои мардуми чунин давлат дар он ифода меёбад, ки мардон ва занони ғуломи харидашуда на камтар аз харидорони худ озоданд. Бале, мо қариб баёни фикрро дар бораи он фаромӯш мекардем, ки дар он давлат чӣ гуна баробарӣ ва озодӣ барои занон нисбат ба мардон ва барои мардон нисбат ба занон вуҷуд дорад”.[373]

Инчунин, таъкид карда мешавад, ки дар шаҳрҳои демократӣ вуҷуд доштани файласуфон кафолат дода намешавад, зеро онҳо аъзои мадинаи фозила буда, ба сифати як сохтори мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ на бо таваҷҷуҳ ба як сокини мушаххас ё ягон гурӯҳи муайян, балки бо дарназардошти маҷмуи сохтори он баҳогузорӣ карда мешаванд. Аз тарафи дигар, дар байни шаҳрҳои ғайрифозилаи Форобӣ маҳз ҳамин мадинаи ҷамоияро ҳамчун мадинаи эҳтимолии бештар фозила таъкид мекунанд. Дар муқоиса бо сокинони ин мадина Форобӣ сокинони мадинаи фосиқаро ҳам, ки барои касб намудани манофеи шахсиашон ҷаҳду ҷадал мекунанд ва ба саодат боварӣ

[373] Платон. Сочинения в четырех томах. Перев. с древнегреч. Т. 3. Ч. 1. - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. С. 414.

дошта, принсипҳоеро монанди шараф ва ҳокимиятдорӣ пайгирӣ менамоянд, бо онҳо баробар медонад, ҳарчанд расидани онҳоро барои ҷоҳил буданашон ба саодат таҳти шубҳа мегузорад.

Барои ҳамин, мадинаи фозила дар фалсафаи мутафаккирони машшоияи шарқӣ намунаи беҳтарин барои муттаҳид кардани одамон дар як ҷомеа буда, он ягона василаи ба даст овардани озодӣ ва саодат ба ҳисоб меравад. Дар робита ба муносибати онҳо бо шаҳрҳои ғайрифозила, ин мутафаккирон муайян мекунанд, ки инсоне, ки ба фазилат соҳиб гаштааст, бояд ба шаҳрҳои фозила майл кунад, ба шарте ки, агар ин шаҳрҳо, воқеан, дар замони ӯ вуҷуд дошта бошанд. Ҳамаи инҳо, ба андешаи Ибни Сино, бо таваҷҷуҳ ба мадинаи ҷамоияи Форобӣ, собит месозад, ки ӯ виҷдони ҷамъии ҷомеа ва орои оммаро дар тазод бо ҳукумати нухбагон ва фозилон дониста, андешаҳои озодихоҳиро ба таври умум, ки хусусияти ба истилоҳи имрӯза демократӣ доранд, дар осораш таъйин накардааст. Ба маънои дигар, Ибни Сино дар осораш нигоҳе, ки бар демократия ва ё ҷомеаи ҳуррия ва мадинаи ҷамоия асос меёбад, надорад ва бо матраҳ кардани ҳукумати подшоҳӣ ва истибдодӣ бо номи “ваҳдонияти раёсат” подшоҳиро беҳтарин низоми ҳукуматдорӣ мешуморад. Ин тарзи ҳукуматдорӣ бар раёсати ҳокимон ва тобеияти комили маръусин (таҳти роҳбарияти раис қароргирифта) асос меёбад.[374] Ибни Сино дар бораи чунин шакли ҳокимиятдории демократӣ чунин навиштааст: “Ҳукумати димукросӣ тасовии ҳамаи афрод дар ҳукм буда ва мазаррот ва мавоҳиб ва ҳукумат ба наҳви мутасовӣ оид ба ҳама мегардад. Раиси чунин ҳукумат тавассути ҳамаи мардум ё руасои дараҷаи дуюм интихоб мешавад”.[375] Он чӣ аз ақоиди Ибни Сино дар бораи озодихоҳӣ ва хусусияти демократии ҳокимиятдорӣ собит мешавад, он аст, ки худи ӯ дар тули умраш таҳти таъсири муҳити истибдодӣ қарор гирифта, ҳарҷу марҷҳои замонааш, ки бар нобудии тамаркузи қудрат дар мамлакатҳои шарқӣ асос ёфта буд, ӯро барои бунёди як диктатураи қолабии подшоҳӣ оварда расонд.

[374] Нафисӣ Маҳмуд. Сирре дар андешаҳои услимин. – Теҳрон, 1368 ҳ. С. 92.
[375] Нафисӣ Маҳмуд. Сирре дар андешаҳои услимин. – Теҳрон, 1368 ҳ. С. 39.

Аз нуқтаи назари Насируддини Тӯсӣ, ки он бештар хусусияти ахлоқӣ дорад, муносибати мардум бо шоҳ ва баръакс, бояд дар доираи муҳаббат ба ҳамдигар сурат гирад. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки байни муҳаббат ва озодӣ чӣ гуна иртиботе вуҷуд дорад? Агар ин баррасии масъаларо ба фалсафаи замони муосир интиқол диҳем, ин робитаро метавон дар ақоиди файласуфи идеалисти немис Ф. Шеллинг мушоҳида намуд. Аз ҷумла, ӯ навиштааст: “Агар мехоҳӣ, ки дар фаъолияти хеш озод бошӣ, ту бояд амал намоӣ... Вақти он расидааст, ки барои қисмати беҳтарини инсоният озодии руҳониро эълом дошта, дигарбора барои гиря намудан, барои аз даст рафтани басирати хеш тоқат кардан лозим нест”. Муҳаббат ба ҳикмат бо муҳаббат ба озодӣ рост меояд. Фалсафа “рамзи иттиҳодияи руҳҳои озод” мебошад”.[376]

Дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ бошад, таъкид мешавад, ки муҳаббати ҳоким ба тобеонаш бояд падарона ва муҳаббати тобеон ба подшоҳ фарзандона ва нисбат ба ҳамдигар бояд бародарона бошад. Моҳияти ин муносибатҳо дар он ифода меёбад, ки ҳоким ҳангоми муомила бо тобеонаш бояд ҳамчун падар ҳамрадифи ҳаллу фасли мушкилот бо зоҳир намудани ҳамдардӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ ва раҳмдилӣ бошад ва тарбия ва дилсӯзии хешро дар ҷустуҷӯйи манфиатҳои умумиҷомеавии беҳтарин, пешгирии мушкилот ва бадӣ дареғ надорад. Аз тарафи дигар, тобеон бояд ҳамчун намунаи писарони оқил дар нисбати ҳамдигар муомилаи хуб, эҳтиромӣ дигарон ва ҳокимро пайравӣ кунанд. Дар айни замон, ҳама бояд вобаста ба шоистагӣ ва арзишҳои кору фаъолияташон дар вобастагӣ аз вақту вазъият рафтор кунанд, то ҳуқуқ ва хизмату заҳматҳои ҳар касро дастгирӣ кунанд. Бо ин роҳ тартибу низом ва суботи ҷомеа таъмин хоҳад шуд. Дар акси ҳол, менависад мутафаккир, “... илло агар зиёдат ва нуқсон роҳ ёбад ва адолат муртафеъ гардад, фасод зоҳир шавад ва раёсати малик раёсати тағаллубӣ гардад ва муҳаббат ба адоват бадал шавад ва мувофиқат мухолифат гардад ва улфат нифор ва таваддуд - нифоқ. Ва ҳар касе хайри худ хоҳад ва агарчи бар зарари

[376] Шеллинг Ф. Философские исследования о сущности свободы. - СПб., 1908. С. 7, 20.

дигарон муштамил бувад, то садақот ботил гардад ва ҳарачу марач, ки зидди низом бувад, падид ояд”.[377]

Дар ин намунаи шаҳр, иброз медоранд мутафаккирони машшоияи шарқӣ, табиати олии инсоният на танҳо дар ченаки инфиродӣ, балки бо дарназардошти татбиқи он дар дохил ва дар якҷоягӣ бо тамоми ҷомеа инкишоф меёбад. Ин шаҳри беҳтарин, яъне як организми сиёсиест, ки на ба ақидаи аксарият асос ёфтааст, балки бар асоси тартиботи умумӣ ва ҳамоҳангии кору фаъолияти сокинони он ба нақша гирифта шудааст. Онҳо моҳияти иҷтимоии шахс ва сифатҳои марбут ба рафтору кирдори ӯро ташреҳ дода, ба таъкиди сифатҳое, ки ба мадинаи фозила хосанд, таваҷҷуҳ мекунанд. Ба ин маънӣ, тавре ки дар боло зикр намудем, фарқияти байни одамон боиси мавҷудияти гурӯҳҳои мухталиф ва фаъолиятҳои гуногуни одамон мешавад, ки ин маънои зарурати ҳокимеро ба вуҷуд меорад, ки онҳоро роҳбарӣ намояд. Дар бораи нақши роҳбар ва инчунин, нақши ҳар як шахс дар мадинаи фозила андеша намуда, Форобӣ ин шаҳрро ба бадани комил ва солими инсон шабоҳат додааст, ки ҳамаи узвҳояш ба хотири ҳифзи ҳаёти мавҷуди зинда ва такмил додани он ба ҳам кӯмак мерасонанд. Дар идомаи ин қазия ӯ қайд мекунад, ки “чӣ тавре ки узвҳои бадан дар байни худашон фарқ намуда, аз рӯйи табиат ва қобилиятҳояшон аз якдигар бартарӣ доранд (масалан, онҳо аз як узви асосӣ - дил иборатанд); ва аз узвҳое, ки ба ин узви асосӣ аз рӯйи дараҷаҳояшон наздик мешаванд, ки ҳар яки онҳо табиатан дорои қобилияти муайян буда, бо ёрии он фаъолияти худро мувофиқи таъйиноти табиии ин узви асосӣ анҷом медиҳанд; ва аз узвҳои дигари дорои қобилиятҳои муайян, ки бо ёрии онҳо мувофиқи ҳадафҳои ин узви асосӣ амал мекунанд; ва узвҳои боқимонда, ки онҳо низ дорои қобилиятҳои муайян буда, аз рӯйи ҳадафҳои он узвҳое амал мекунанд, ки робитаи онҳо бо узви асосӣ миёнаравӣ надорад ва ин узвҳо дар марҳилаҳои дувум меистанд...”.[378] Ҳамин низому тартиб дар шаҳрҳо низ сурат мегиранд, ки дар он баъзе

[377] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 212-213.
[378] Аль-Фараби. Философские трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1970. С. 305-306.

қисматҳо табиатан аз дигарон ва бо ахлоқи худ фарқ мекунанд. Дар таълимоти Форобӣ қайд карда мешавад ки, чӣ тавре ки, дар бадани инсон фаъолиятҳо рух медиҳанд, дар сохтори шаҳр низ фаъолиятҳои хосси он рух медиҳанд: унсурҳои мухталифи он намудҳои гуногуни фаъолиятро ба ичро мерасонанд, ки ҳамаи онҳоро бунёдӣ мешуморанд. Ҳамчун фаъолияти бунёдӣ, онҳо рад ё пахш нашуда, балки ҳатман такмил дода мешаванд. Аз ин сабаб, мадинаи фозила ҳамчун муҳити муносибтарин маҳсуб меёбад, ки дар он фард метавонад барои амалӣ намудани тамоюлоти озодихоҳӣ ва ормонҳои ичтимоии худ талош варзад. Дар маҷмуъ бошад, фаъолиятҳое, ки онҳоро Форобӣ дар шаҳри ормониаш шарҳ медиҳад, аз рӯйи қобилияти ҳар як фард ва барои саодати умум таҳия шудаанд. Ҳамин тариқ, зери таъсири роҳбаладе, ки ҳам қобилияти маърифат ва ҳам қобилияти роҳбариро дорад, шаҳр ба таври олӣ идора карда мешавад. Роҳбалади мазкур ба ин маънӣ ҳокими мадинаи фозила аст ва итоат ба ӯ маънои ғуломвор хизмат расонидан набуда, балки амалӣ намудани муқаррароти сиёсати ӯ барои нафъи умуми ҷомеа хоҳад буд.

Маҳз талош барои саодат ва аз пайи он озодии инсонро машшоиёни шарқӣ бо он тасдиқ мекунанд, ки дар ин ҳадафашон одамон ниёз ба роҳбалад, ба ҳокими одил доранд, зеро одамони зиёд моҳияти озодӣ ва саодатро дарк карда наметавонанд. Барои ҳамин, хусусияти асосии ҳоким донистани камолоти маъқулот буда, аз пайи он қобилияти ӯ барои роҳнамоии дигарон баҳри касби саодат мебошад. Вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки шаҳрро ҳамчун инъикоси сохтори коинот ташаккул диҳад, то барои сокинони шаҳр имконияти санҷидани рафтори онҳо ҳамчун узви ҷомеа дар муқоиса бо олами маъқул муҳайё гардад. Ба ин маънӣ, ҳоким тартибу низоми ормониро таъмин мекунад, то барои шаҳрвандон ҳамчун намунаи мисолӣ дар таҳаққуқи амалҳои онҳо дар ин шаҳр бошад ва хусусиятҳои ҳокими комил, мувофиқи фалсафаи машшоиёни шарқӣ танҳо дар онҳое вуҷуд доранд, ки майлҳои табиии бузург ва аъло дошта, нафси онҳо бо қувваи ақл пайвастшуда мебошад. Насируддини Тӯсӣ тоифаи ҳокимонро ба таври зер тавсиф додааст:

“Ва ин тоифаи афозил ҳукамо бошанд. Ва қавле, ки дар рутбат аз эшон фурӯтар бошанд, аз маърифати ақлии сирф оҷиз монанд. Ва ғояти идроки эшон тасаввуре бувад ба қуввати ваҳм, ки дар авҳоми ҳукамо масали он мавҷуд буда бошад, лекин танзеҳ аз он воҷиб донанд... Ва ҳаким ҳамчунин, гоҳ қиёсоти бурҳонӣ истеъмол кунад ва гоҳ бар иқноиёт қаноат намояд ва гоҳ ба шеъриёт ва мухайялот тамассук кунад, то иршоди ҳар касе ба қадри басирати ӯ карда бошад... Пас, модом ки ба фозили аввал, ки мудаббири мадинаи фузало бошад, иқтидо кунанд, миёни эшон таассуб ва таонуд набувад”.[379]

Ибни Сино бошад, дар фасли даҳуми “Илоҳиёти”-и “аш-Шифо”-и худ қасди аввали инсонро дар барпо кардани суннатҳои шаҳр тафсир дода ва сокинони онҳоро монанди Форобӣ ба се табақа – мудаббирон (роҳбарон, ҳокимон), сунноъ (ҳунармандону косибон) ва муҳофизон тақсим намуда, таъкид мекунад, ки барои ҳар як ҷинси онҳо раисе бояд, ки руасои зердастонашро роҳбарӣ намояд, то ки ҷомеа ба фанои одамон нарасад. Инчунин, сиёсат бояд чунин бошад, ки “дар шаҳр барои ҳар кадоми онҳо манфиате бошад, мақоми ӯ маҳдуд нашавад ва танбалию бекорӣ таҳти маҳрумият қарор гирад ва ба касе роҳ намедиҳад, ки ба ғайр аз ӯ аз ин фурсат, ки барои инсон муҳайё мегардад, истифода барад”.[380]

Ибни Сино дар фасли мазкур ба тафсил дар бораи қишрҳо ва аҳолии мадина ва қонунҳои ҳоким дар он сухан гуфтааст. Ӯ ҳамчунин, дар баҳсҳои илми мантиқи китоби “аш-Шифо” ва асари “ал-Ҳикмат-ул-арузиййа” роҷеъ ба навъҳои сиёсат ва раёсати сиёсӣ, яъне “низомҳои сиёси”-и гуногун ҳарф зада, дидгоҳашро дар бораи ҳар як низоми сиёсӣ-иҷтимоӣ ба сароҳат бозгӯ намудааст. Ибни Сино дар мақоми табақабандии низомҳои сиёсӣ ва ё ба қавли худи ӯ – “асноф-ус-сиёсот”, ки бар суннатҳо, қонунҳо ва одобу русуми муштарак, мавриди пазириши мардумони як ҷомеа ва мадинае асос мегирад, муътақид аст, ки шеваи иштироки одамони як ҷомеа, аз ҷумла вобаста ба

[379] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ.С. 223-224.
[380] Ибн Сина. Илоҳиёт. С. 447.

сатҳи озодӣ, аз чор ҳолат берун нест, ки дар табақабандии фаръитар, ҷамъан бар шаш ҳолат ва ё шаш навъи ҷомеаи сиёсӣ қобили тақсим аст. Онҳо чунинанд: низоми ваҳдонӣ ё истибдодӣ, низоми каромат, раёсати фикрӣ, сиёсати иҷмоӣ, сиёсати ахёр ва сиёсати мулук, ки ин ду шохаро ба таври муштарак “сиёсати суқротӣ” ё, низоми сиёсии суқротӣ номидааст. Истилоҳи “низоми ваҳдонӣ” сохтаи худи Ибни Сино мебошад, ки онро муҳаққиқони афкори ин мутафаккир мутазод бо истилоҳи “димукросӣ” ба хотири қобили фаҳмтар сохтани он, барои хонандагони осораш дар ҷомеаи онзамонӣ пешкаш намудаанд. Таърифи Ибни Сино аз ҷомеаҳои сиёсии ваҳдонӣ чунин аст: “Сиёсати ваҳдонӣ он аст, ки соис (роҳбари мадина) дар умури ҳукумат ба мушорикати дигарон ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ набошад ва тан дарнадиҳад. Ҳадафи сиёсатҳои ваҳдонӣ ба таслими маҳз ва бардагӣ водоштани мардумони мадина аст”.[381] Ба маънои дигар, мутафаккир дар ин навъи шаҳр фармонбардорӣ ва ба ҳайси ғулом будани одамонро дар назди ҳокими сиёсӣ аз шартҳои зарурӣ шуморидааст. Ибни Сино дар ҷойи дигари “Мантиқ”-и “аш-Шифо” ҳангоми баён намудани ҳадафи роҳбари сиёсии ваҳдонӣ мегӯяд, ки ғарази раис ва раҳбари сиёсати ваҳдонӣ дар он ифода меёбад, ки аз роҳи худкомагӣ ва ба таслиму бардагӣ кашидани одамони дигар, шахс соҳиби иззату каромат мегардад ва илова мекунад, ки раёсати ваҳдонӣ гоҳе ба сурати одӣ ва маҳмуд ва гоҳе ба “сурати талфиқӣ ва мураккаб” аст. Аз ин ҷо, раёсати ваҳдонӣ ё ҳукумати худкома мавриди писанди Ибни Сино нест, зеро ҳокиме, ки дар раисии он қарор мегирад ва назарҳои аҳли ҷомеаро бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳисоб нагирифта, яккаҳукмронӣ мекунад ва мардумро ба зери истибдоду бардагӣ мекашад, ҳокими фозил буда наметавонад.[382]

Барои ҳамин, дар назари Ибни Сино монанди машшоиёни шарқии дигар ҳоким бояд шахсе бошад, ки сокинони шаҳрро водор созад, то онҳо ҳаёти ҷоҳилонаро тарк кунанд ва озодона одатҳои хайрро бо тавлиди воситаҳои нигоҳ доштани ин одат ва одатҳои дигари некӯ ба вуҷуд оранд. Маҳз дар

[381] Ибн Сина. Ал-Шифа. Мантиқ. Ҷ. 4. – Теҳрон, 1376. С. 83 (ба забони арабӣ).
[382] Ибн Сина. Ал-Шифа. Мантиқ. Ҷ. 4. С. 63.

таъмини тартиботи шаҳр мутафаккирони машшоияи шарқӣ нақши тарбиявии ҳокимро таъкид мекунанд. Бо истифода аз механизмҳо ва усулҳои исботи фикру андешаҳо, маъмулан, тавассути илму дониш, ҳоким бояд сокинони шаҳрро барои касби донишҳои ҳақиқӣ ҳидоят намояд ва бо ин роҳ онҳоро барои рафтори фозилона дар шаҳр водор намояд. Маҳз дар ҳамин ҷанба, нақши сиёсии файласуф дар нисбати мардуми авом зоҳир мегардад. Насируддини Тӯсӣ оид ба ин масъала навиштааст: “Ва аммо одил ҳокими басавият бошад, ки рафъу ибтоли ин фасодҳо кунад ва халифаи номуси илоҳӣ бувад дар ҳифзи мусовот, пас, хештанро аз хайрот бештар аз дигарон надиҳад ва аз шурур камтар. Ва аз ин ҷо, гуфтаанд: «Ал-хилофату тутаҳҳиру»). Илова бар ин, Тӯсӣ гуфтааст: «Авом мартабаи ҳукумати касеро донанд, ки ба шарафи ҷинсу насаб машҳур бувад ё касеро, ки ба ясор бисёр мустазҳир бошад. Ва аҳли ақлу тамйиз ҳикмату фазилатро аз шароити истеъдоди ин манзалат шиносанд, чӣ ин ду фазилат сабаби раёсату сиёдати ҳақиқӣ бувад ва мураттиби мартабаи ҳар яке дар дараҷаи хеш».[383]

Ҳамин тариқ, ҳокими шаҳр бояд бо гурӯҳҳои мухталифе кор кунад, ки онҳо ҳамчун ҷузъи як кул буда, новобаста аз ҳудуҳои озодиашон - мартабаи баланд ё пасти иҷтимоиашон, шаҳрро ташкил медиҳанд. Ӯ аз рӯйи дараҷа ва шоистагии онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ин гурӯҳҳо касбу кор ва расму одатҳои ихтиёрӣ ва озодонаи худашонро амалӣ созанд, зеро маҳз аз мукаммал будани ҷузъҳо, камолоти куллӣ вобаста аст. Барои ин, таъкид мекунанд машшоиёни шарқӣ, усулҳои татбиқи онҳо - тарбия ва ташаккули хислатҳо вуҷуд дорад. Таълим додан ба он маъно аст, ки фазилатҳои назариявӣ дар байни халқҳо ва шаҳрҳо ҷорӣ гарданд ва ташаккул додани хислатҳо бошад, ин як навъ усули ҷорӣ кардани фазилатҳои ахлоқӣ ва санъатҳою ҳунарҳои амалӣ дар байни мардум аст. Дар иртибот бо ин нукта, Форобӣ чунин навиштааст: “Таълим додан – ин ба одамон ва шаҳрҳо бахшидани фазилатҳои назариявӣ мебошад. Тарбия бошад, василаи ба миллатҳо бахшидани фазилатҳою санъатҳои ахлоқии ба дониш асосёфта

[383] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 109.

мебошад. Омӯзиш танҳо тавассути сухан амалӣ мегардад, агар ҳангоми тарбияи халқҳо ва сокинони шаҳр одате устувор карда шавад ва онҳо амалҳоеро иҷро намоянд, ки аз хусусиятҳои дар асоси дониш ташаккулёфта баромада, барои иҷрои ин амалҳо бармеангезанд ва дар онҳо хоҳиши иҷрояшонро чунон бедор мекунад, ки ин хосиятҳо ва амалҳои марбутаи онҳо нафсҳои одамонро тасхир мекунанд...”.[384] Чунин тарзи кор бо фармонбардорони таҳти салтанати ҳоким қарордоштаро Форобӣ, ба як маънӣ, роҳ ба сӯйи озодии инсон ва касби саодати ӯ ҳисоб мекунад.

Ба ҳар тарзе ки набошад, вақте як ҳукумати фозила таъсис меёбад, ҳамаи онҳое, ки дар тасарруфи он қарор доранд, низ фозил хоҳанд шуд. Ҳукумат таҳти сарпарастии фозилон метавонад аз як ё якчанд ҳоким иборат бошад ва он ба ҳеҷ вақҳ ҳадафи пешбурди шаҳрвандон барои расидан ба саодатро ҳамчун нишонаи озодӣ, халалдор намекунад. Аз ин бармеояд, ки ҳокими мадинаи фозила шахсест, ки метавонад барои худ ва дигарон амали нек ва рад кардани бадиро осон кунад. Барои интиқоли дониш ба табақаҳои гуногуни одамон, ҳоким аз шаклҳои мухталифи баҳсҳо, аз ҷумла, мубоҳисаҳои фалсафӣ истифода хоҳад кард. Он ки чунин гуфтугӯҳо дар ташкили ҷомеа бо дарназардошти ниятҳои сокинон ва ҳукумат нишон медиҳад, ки ақидаҳо барои муттаҳидшавии гурӯҳҳои таркибии он то чӣ андоза муҳим ба ҳисоб мераванд. Ин як унсури бунёдии конституцсияи ҳаёти сиёсӣ барои ташаккул додани дастгоҳи роҳбарии он аст. Аз ин ҷо, ба андешаи Ибни Сино, “... мушоракати аҳли як мамлакат он аст, ки инсон бишиносад, ақсоми сиёсотро ва фаро гирад илми иҷтимоиро ва мадинаи фозиларо, то битавонад такмил диҳад ва тафриқа гузорад, миёни мадинаи фозила ва мадинаи фосиқа ва бидонад иллати тараққии ҳар миллат аз чист ва заволи миллати дигар аз чӣ падид омадааст”.[385]

Ҳамин тариқ, вуҷуд доштани дастгоҳи сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар мадинаи фозилаи машшоиёни шарқӣ тасдиқ кардан мумкин аст. Агар аввал ба

[384] Аль-Фараби, Абу Наср. Социально-этические трактаты. С. 319-320.
[385] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб иборат аз даҳ ҷилд. - Душанбе, 1980. С. 103.

гурӯҳҳои мухталифе, ки ҷомеаро ташкил медиҳанд, назар афканем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки баъзеи онҳо қодиранд худашон озодиашонро идора кунанд, дар ҳоле ки, дигарон барои идора карданашон ба кӯмаки каси дигар ниёз доранд. Ба маънои дигар, онҳо хусусияти фармонравоии иддае ва фармонбардории қисмати дигари одамонро эътироф менамоянд. Бидуни имкони худидоракунӣ, гурӯҳҳое, ки дигаронро таҳти назорат аз болои кору рафторашон қарор медиҳанд, тавассути расонидани хидмат ба ин тоифаи фармонраво худро дастрас мекунанд. Ва чун дар мавриди инсон дар робита бо тартиби мавҷудот ва гурӯҳҳое, ки танҳо дар хидмат қарор гирифтаанд, метавонанд то ба мақоми ҳукумати миёнарав боло раванд (яъне як гурӯҳро идора кунанд ва ба дигари онҳо хидмат расонанд). Насируддини Тӯсӣ таносуби табақаҳои ҷомеа (яке ҳоким, дигаре ходим), аниқтараш, мадинаи фозиларо аз рӯйи қобилият ва ҳадафҳои ҳаёташон ва тафсир дода, қайд кардааст: “... агар эшонро бо табоеи эшон гузоранд, таовуни эшон сурат набандад, чӣ мутағаллиб ҳамаро бандаи худ гардонаду ҳариси ҳамаи мукҳаниёти худро хоҳад ва чун танозуъ дар миён афтад, ба ифнову ифсоди якдигар машғул шаванд. Пас, би-з-зарурати навъе аз тадбир бояд, ки ҳар якеро ба манзалате, ки мустаҳиққи он бошад, қонеъ гардонад ва ба ҳаққи хеш бирасонад ва дасти ҳар яке аз таддӣ ва тасарруф дар ҳуқуқи дигарон кӯтоҳ кунад ва ба шуғле, ки мутакаффили он бувад, аз умури таовун машғул кунад; ва он тадбирро сиёсат хонанд”.[386]

Чуноки маълум мегардад, Насируддини Тӯсӣ монанди Форобӣ тасдиқ мекунад, ки одамон дар як шаҳр муттаҳид шуда ва дар баробари гуногунрангии табақаҳои он тартибу низоми оламро намуна гирифта, ба робитаи метафизика ва сиёсати ҳокимиятдорӣ аҳамият медиҳанд ва онро асосан дар ҳамаи китобҳои оид ба шаҳри ормонӣ бо равишҳои гуногуни таҳқиқотӣ тасвир месозанд. Бинобар ин, ҳардуи ин файласуф баҳс мекунанд, ки ҳоким бояд барои шаҳре бошад, ки дар он таъсири олами руҳонӣ вуҷуд

[386] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 198-199.

дорад. Масалан, Насируддини Тӯсӣ навиштааст: “Ва муҳаббате, ки аз шоибаи инфиолоту кудуроти офот муназзаҳ бувад, муҳаббати махлуқ бувад холиқро ва он муҳаббат ҷуз олами раббониро натавонад буд... Ва то маротиби муҳаббатҳо ба наздики одил мутасаввир набошад, ба шароити адолат қиём натавонад намуд, чӣ он муҳаббат, ки илоҳро воҷиб бувад, ширкат додан ғайрро дар он ширки сирф бошад. Ва таъзими волид дар боби раис ва икроми садиқ дар ҳаққи султон ва дӯстии фарзанд дар боби ашират ва падару модар истеъмол кардани ҷаҳли маҳз ва сахфи мутлақ”.[387]

Аз гуфтаҳои фавқуззикр хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст: аввалан, фаҳмиши консепсияи озодӣ ва тобеияти шахс дар чаҳорчӯбаи ҳокимияти сиёсии тасвирнамудаи машшоиёни шарқӣ дар зери таъсири возеҳи ақидаҳои файласуфони Юнони Қадим ташаккул ёфтааст ва моҳияти озодию тобеият дар иртибот бо саодат ҳамчун ҳадафи озодӣ ва роҳҳои ба даст овардани он тафсир меёбад. Сониян, инсон ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ баҳогузорӣ шуда, дар ҷомеа зарурати амалисозии қобилият ва қудрати фард дар муносибат бо одамони дигар ва роҳбарону ҳокимон оғоз мешавад. Дар ин муносибатҳо, инсон озодии мутлақашро аз даст медиҳад, зеро ӯ ночор тобеи қонуну қоидаҳо ва амру фармонҳои раисҳою ҳокимон қарор мегирад, ки ӯро ба тобеият водор месозанд. Ин тобеият ихтиёрӣ аст ва ба хотири нафъи умумииҷтимоӣ бо дигарон озодӣ хусусияти нисбӣ пайдо мекунад. Чунин тарзи озодӣ ва тобеиятро дар муносибати инсон ба Худо тавсиф додан мумкин аст, ки хусусияти метафизикӣ дорад, аммо дар таълимоти машшоиёни шарқӣ он бо хусусияти индунявию иҷтимоии масъала тавъам маънидод карда мешавад.

[387] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 214.

3.4. Таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ

Таҳлилҳои фаслҳои гузашта нишон доданд, ки ақлгароӣ асоси таълимоти машшоияи шарқиро оид ба озодии инчон ва ҳудудҳои он ташкил медиҳад. Аммо, дар баробари ин, ба мутафаккирони ин мактаби фалсафӣ ва донишмандони дигар, ки фарзанди даврони худ буданд, зарур меомад, ки ба меъёрҳои дигаре, ки он замон ҳукмрон буданд, яъне фиқҳу илоҳиётшиносӣ низ таваҷҷуҳ дошта бошанд, ки онро метавон ҳамчун ҳуқуқи исломӣ муаррфӣ намуд. Ҳуқуқи исломӣ ба маънои куллиаш бо номи “шариат” маъруф аст, ки онро фақеҳони ислом такрибан дар асри Х ба вуҷуд овардаанд. Шариат меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки муносибати пайравони дини исломро бо ҳамдигар, бо дигарон ва бо Худо ба танзим меоварад ва якчанд вижагиҳо дорад: аввалан, асоси онро иродаи илоҳӣ ташкил медиҳад; сониян, он ҳуқуқе нест, ки онро давлат мураттаб сохта бошад, балки ба таври мустақим ва ё бавосита аз мабодии илоҳиётшиносӣ сарчашма гирифтааст, зеро ба ақидаи фақеҳон, ба иллати он ки Худо муназзаҳ аз айбу гуноҳҳост, қонуне низ, ки ӯ ба вуҷуд меорад, ҳатман комил аст; сеюм, вижагии ҳуқуқи исломӣ дар он ифода меёбад, ки он ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсонро дар бар мегирад ва аз ин ҷо, ҳам муносибатҳои шахсӣ ва ҳам иҷтимоӣ, аз ҷумла, дараҷаи озодии инсонро ба танзим медарорад.

Аз таърихи пайдоиш ва рушди ислом маълум аст, ки баъди вафоти пайғомбари он дини нав босуръат интишор ёфта, аз доираи аввали ҷуғрофии хеш фаротар тавсеа ёфт. Зимнан, дар иртибот бо воқеиятҳои нави таърихӣ ва ҳаррӯза одамони ин динро қабулкарда ба мушкилоти муайяни ҳаётиашон бархӯрд менамуданд ва онҳо ҳолатҳое буданд, ки пештар рух надода буданд ва бояд дар чаҳорчӯбаи қоидаҳои умумӣ ва ягона ҳаллу фасл мегардиданд. Чунин қоидаи умумиро мебоист аз рӯйи аҳкоми қуръонӣ баррасӣ менамуданд, аммо баъдтар маълум гашт, ки китоби муқаддас барои ҳаллу фасли ин мушкилот кофӣ нест. Дар байни “панҷсад аҳкоми пароканда (дар

Қуръон – З.Ҳ.) баъзеи онҳо дорои мазмуни умумӣ, баъзеи дигарашон муфассал буда, дар сеюмии онҳо, мазмуни ҳуқуқӣ умуман вуҷуд надошт”.[388] Асҳоб ва ансори паёмбар дар навбати аввал ба расму одатҳо, суннати ӯ руҷуъ менамуданд, ки онҳо дар ҳадисҳое инъикос ёфта буданд, ки дар бораи гуфтор, рафтор ва парҳезкориҳои пайғомбар хабар медоданд ва вобаста аз он ки, таҳти ваҳйи илоҳӣ ва ё ақлонияти муқаррарӣ қарор доштанд, ба ин ё он ҳад пазируфта мешуданд. Ҳамин тавр, сухан дар бораи он мерафт, ки бояд равиш ва муносибати дурустро нисбати мушкилот дар фаҳмиши гуфтор ва ё рафтору кирдори пайғомбар муқаррар кард. Аммо, пас аз ин, зарурати ба чорчӯбаи қонун даровардан ва ба талаботи ҳаёти динӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мутобиқ сохтани онҳо ба миён омад. Фиқҳ дар натиҷаи ин ба илми махсус табдил ёфта, фақеҳони нахустин ба фаъолият шуруъ намудан. Аз ин рӯ, таҳти мафҳуми “фиқҳ” “ҳуқуқи исломӣ” ҳамчун донишҳои диние, ки аз фаҳмиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон иборатанд, дар назар дошта мешавад. Аммо бояд зикр кард, ки байни мафҳумҳои “шариат” ва “фиқҳ” фарқияти ҷиддӣ ҷой дорад: маънои луғавии “шариат” – “тариқ ё роҳе, ки бо он бояд рафт” ва он “аз низоми ҳуқуқӣ хеле бештар буда, маҷмуи арзишҳо ва меъёрҳоест, ки тарзи рафтору кирдори муъминонро муайян намуда, тартиби иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаро монанди сарсухан ба конституцсия дар демократияи ғарбӣ муқаррар месозад”.[389] Пас, шариат ин қонуни илоҳӣ аст, ки аз ҷониби Худо нозил шудааст ва он “руҳи қонун” буда, фиқҳ худи қонун бо ҷузъиёташ мебошад.

Бо мурури замон Қуръон ва суннат аллакай барои ҳаллу фасли тамоми мушкилоти пайравони ин дин кофӣ набуданд ва зарурат пайдо шуд, ки фиқҳро барои ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои дигар бояд мавриди истифода қарор дод. Ба онҳо иҷмоъ – ҳамраъйии фақеҳон ҳамроҳ мешавад. Ҳарчанде ки, дар бораи мазмуни мафҳумҳои асосии фиқҳ ихтилофоти назарҳо вуҷуд дорад,

[388] de Fleurieu M.G. L’Etat musulman entre l’idéal islamique et les contraintes du monde temporel, Paris, L.G.D.J, 2010, p.72

[389] Janel S. «Charia et contrats internationaux », Clé pour le Siècle, Dalloz, 2000, n°234, cité par Marie Claret de Fleurieu, L’Etat musulman entre l’idéal islamique et les contraintes du monde temporel, Paris, L.G.D.J, 2010, p.55

ҳамаи муҳаққиқон бар як ақидаанд, ки Қуръон, суннат ва иҷмоъ, се сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ мебошанд. Барои ҳамин, вақте ки сухан дар бораи ҳокимияти исломӣ меравад, қонунгузории онро бо ин се сарчашма тафсир медиҳанд.

Бо ин ҳама, масъала кушода боқӣ мемонад: дар бораи кадом қонун сухан меравад? Вижагии дигари ҳуқуқи исломӣ дар муназзам гардидани ин ҳуқуқ аз ҷониби мактабҳои фиқҳӣ муаррифӣ мегардад, ки онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоте, дар ки ҷомеа рух дода буданд, нақши бориз доштанд. Дар баробари ин, аз давраи ҳукмронии сулолаи Уммавиён (661-750) ва сипас, сулолаи Аббосиён (750-1258) дар миёни қувваҳои сиёсӣ ва динӣ мушорикат дар роҳбарии ҷамоати исломӣ шуруъ мегардад. М.А. Родионов менависад, ки дар миёни халифаҳои уммавиён танҳо Умар ибни Абд ал-Азиз ва ё мухтасар – Умари II (717— 720) дар байни ҷамоати исломӣ обрӯю нуфуз пайдо карда буд. Ӯ “дар муддати се соли нопурраи ҳокимиятдориаш одамони зиёдро бар он муътақид сохт, ки ҳокимиятдории ӯ дар асоси ҳидояти китоби муқаддас ва суннати пайғомбар сурат мегирад. Қисса мекунанд, ки ӯ аз ҳашамати қасри собиқи халифа даст кашида, хачирсавор буд, дар хайма канори биёбон зиндагӣ мекард, либосҳои дарбеҳшударо мепӯшид ва ба тоату ибодати зиёд машғул буд”.[390] Ҳамин тавр, Уммавиён ва Аббосиён аз даъвати сирф маънавии ислом истифода бурда, қудрати сиёсиашонро қонунӣ эълон намудаанд ва салтанатро бар аҳолии бартаридоштаи маҳаллӣ таъсис доданд. Ин сиёсатро минбаъд халифҳои дигар то ба суқути хилофат идома доданд.

Мафҳуми озодӣ ё ҳуррият аслан бо мафҳуми “ҳуқуқ” (шакли танҳояш - “ҳаққ”) алоқаманд аст. Ба маънои қатъии ин калима, озодӣ маънои «мақому мартабаи шахсе, ки дар зери ҳукмронии мутлақ қарор надорад” мебошад ва аз ин рӯ, имконияти бе маҳдудият амал карданро касб менамояд. Пояи ин гуфтор дар он ифода меёбад, ки дар ислом ҳастӣ ҳамчун инъикоси вуҷуди олӣ буда, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ҷониби дигар, дар ислом инсон шабеҳи Худо офарида шуда, ин шабоҳат барои тамоми одамон фитрӣ ва

[390] Родионов М. А. Ислам классический. — СПб.: «Петертербургское Востоковедение», 2001. С. 66.

доимӣ маҳсуб мешавад. Одамон намояндагони Худо дар рӯйи замин ҳастанд ва ҳамчун таҷаллии Худо ҳақ доранд, ки худашонро роҳбарӣ намоянд. Дар Қуръон омадааст: “Ӯст касе, ки шуморо дар замин ҷонишин қарор дод ва баъзе аз шуморо бар бархе дигар ба дараҷоте бартарӣ дод, то шуморо дар он чӣ ба шумо додааст, биозмояд”.[391] Дар доираи мазмуни динии ин масъала, одамон ҳуқуқҳои муайяне доранд, ки онҳоро Худо ато кардааст ва ҳақ, аз рӯйи таърифи он - татбиқи қудрат аст. Инсон ҳамчун таҷаллии Худое, ки дорои озодӣ ва қобилияти комил аст, то ҳадде ба ин озодӣ ва қобилияту қудрат доро аст. Озодии шахсии инсон бошад, аз итоат ба иродаи илоҳӣ иборат аст ва онро бояд ҳар як шахс дар зоти худ ҷӯё ва пайдо намояд: онро тавассути озодшавӣ аз манбаъҳои берунии маҳдудиятҳо амалӣ кардан мумкин нест. Ин принсипҳои асосианд, ки дар бахшҳои гузаштаи ин рисолаамон баррасӣ ва таҳлил намуда, ба хулосае расидем, ки онҳо афкори исломиро дар бораи озодӣ муайян мекунанд, вале ташаккули онҳо ба дурнамои пешниҳодкардаи фақеҳон, илоҳиётшиносон ва файласуфони шарқӣ вобаста буд.

Фақеҳон озодии инсонро дар доираи шариат ва аз рӯйи итоати фард ба иродаи илоҳӣ ва уҳдадориҳои ӯ дар назди дигарон тафсир медиҳанд. Дар доираи шариат бошад, чуноне ки Л.Р. Сюкияйнен қайд кардааст, “бартарияти вазифаҳоро дар таркиботи динию ахлоқии шариат ба таври васеъ тавсиф додан лозим набуда, онро бечуну чаро ба табиати ҳуқуқии он дар маҷмуъ бо дарназардошти ҳуқуқи исломӣ ба маънои худии он таҳвил додан мумкин нест. Ба маънои дигар, итоат ба шариат на танҳо иҷро кардани вазифаҳои ба зиммааш гузошташудаи инсон (асосан хусусиятҳои динӣ ва ахлоқӣ), балки имконияти озодона амал карданро дар доираи хеле васеи истифода аз ҳуқуқҳои инфиродӣ (асосан дар соҳаи муносибатҳои дунявӣ) дар бар мегирад”.[392] Инсон ҳангоми истифода аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва иҷрои уҳдадориҳояш дар ҷомеа ба озодиҳои муайян доро мешавад, ки онҳоро

[391] Қуръон 6:165.
[392] Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. М.: “ООО-Садра”, 2014. С. 21.

шариат муқаррар кардааст. Баъзе илоҳиётшиносон, аз ҷумла, ашъариён ва донишмандони ибтидои ислом озодии инсонро ҳариб пурра инкор намуда, детерминизми комилро ҷонибдорӣ мекунанд. Дигарон, аз он хумла, муътазилиён, ақлгароёни асри X минбаъд озодии инсонро пазируфта, детерминизми қатъии давраи аввали рушди фалсафаи шарқиро рад мекунанд.

Масъала дар бораи озодии ирода ва детерминизм, чуноне ки дар бахшҳои пешинаи таҳқиқотамон баррасӣ намуда будем, баҳси марказии илоҳиётшиносон ва файласуфон буда ва мавқеи файласуфони шарқӣ дар ин масъала аз онҳо хеле тафовут дошта, дар он таъкид ба зарурати озодии инсон гардидааст. Файласуфони шарқӣ, аз ҷумла, Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон аз асри X то асри XII масоили фалсафаи сиёсӣ-иҷтимоиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таълимотро оид ба озодӣ дар заминаи фалсафаи Юнони қадим (антропосентризм бар зидди теосентризм) дар омезиш бо ақоиди исломӣ, шариат, ҷомеаи исломӣ ва қонунияти ҳукмронии сиёсиро, ки аз Қуръон, суннат, иҷмоъ ва иҷтиҳод бармеояд, таҳия намуданд. Ин масъала, ба як нигоҳ, бар мабонии муҳими он, яъне баҳс дар бораи ҳокимият ва иқтидори идоракунии ҷомеа такя мегирад. Дар ин гуна низом, қудрат наметавонад ҳадафи фардӣ бошад, балки таҳаққуқи арзишҳои инсонгароӣ, аз қабили адолат, назму амнийт ва амсоли онҳо ба ҳисоб меравад. Ба маънои дигар, ҳуқуқи умумии одамони ин ҷомеа аз ҷониби ҳукумат дифоъ карда мешавад ва ин ҳуқуқест, ки онро маҷмуае аз унсур ва мафҳумҳои гуногун ва гоҳ мутазод (монанди қудрат ва озодӣ) донистан мумкин аст, яъне вижагиҳои муҳимтарини ҳуқуқи умумии одамон, фарогир будани он ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, ҳуқуқи умумиро метавон дар мақулаҳои иқтидор, назму тартиби умумӣ, хидматҳо, суду зиён, ҳукми қонунҳо, амнияти умумӣ, масъулият, ҳуқуқҳои озодии фардию гурӯҳӣ ҷамъбаст кардан мумкин аст. Решаи ин усул ва мабодиро метавон дар назарияҳои мутафаккирони машшоияи шарқӣ, аз ҷумла, Абу Наср ал-Форобӣ дарёфт кард.

Афкору рисолаҳои Форобӣ дар бораи низоми сиёсӣ ва умури иҷтимоӣ дар пешбурди ҳуқуқи умумии иҷтимоӣ нақшофарин мебошанд. Мақулаҳо, аз қабили ҳокимият ва иқтидор, машруият ва мақбулият, қонун ва тартибот, адолат, баробарӣ, озодӣ ё тобеият аз умдатарин мавзуъҳои ҳуқуқи иҷтимоии инсон дар фалсафаи Форобӣ мебошанд. Аз саволҳои ҷиддии дар фалсафаи сиёсии ин мутафаккир матраҳшуда, чунин саволро метавон номбар намуд: кӣ ҳуқуқи ҳокимиятдориро дорад, яъне кадом шахс бояд ҳукмронӣ кунад? Дар баробари ин, дар фалсафаи сиёсии Форобӣ дар бораи масъалаи чӣ тавр идора кардани давлат ва ҷомеа низ саволҳои дигари вобаста ба ҳуқуқи шахс ба миён гузошта шудааст.

Дар фалсафаи Форобӣ назарияи ҳуқуқи фитрии инсон ҳамчун як дастури роҳбарикунанда дар соҳаҳои фалсафаи ҳуқуқ, асосҳои қоидаҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад. Дар ин замина, аз як сӯ, бо таваҷҷуҳ ба пояҳои маърифатшиносӣ ва ҳастишиносӣ ва аз ҷониби дигар, бо дар назар гирифтани робитаи ҳуқуқи эътиборӣ бо ҷаҳони таквин назарияпардозӣ карда шуда, Форобӣ бо таъкид бар принсипҳои фалсафаи шаҳрвандӣ ва антропологӣ, бартариҳои асосии инсонро дар ҳаёти шахсӣ ва шаҳрвандӣ, ки ҳамчун инфрасохтори ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд, таҳлил ва шарҳ додааст. Дидгоҳи мутафаккир ба ин масъалаҳо аз равзанаи таҳқиқи зовияҳо ва ҷанбаҳои мухталифи мадинаи фозила сурат мегирад.

Қонун ва ҳуқуқ дар осори фалсафии Форобӣ бо таъбири мухталиф муаррифӣ гардидаанд. Фосилаи консептуалии таъбирҳои ӯ дар заминаи ҳуқуқ ва қисматҳои он зиёд аст. Аз ҷумла, дар асараш “Орои аҳли мадинаи фозила” мутафаккир ҳақро ба маънои “ростӣ ё дурустӣ” ба чор навъ таъриф додааст, ки аз байни онҳо ба дутоашон таваҷҷуҳ мекунем. Дар таърифи аввал овардааст: “Ҳақ амри маъқул ва таҳти андеша қарор гирифтае мебошад, ки ақл дар мувоҷеҳа бо мавҷуди айнӣ, онро мутобиқ бо воқеият таааққул мекунад ва аз ин нигоҳ, байни ҳуқуқ ва сидқ ба маънои мутобиқати зеҳн ва олами воқеӣ робитаи “ин ҳамонӣ” дида шуда, бар мусовиқати ин ду таъкид

мешавад”.[393] Барои муқоиса метавон таъкид намуд, ки Ибни Сино низ дар таърифи ин мафҳум сухан гуфтааст: “Ҳақ ба ин маъно, мулозим бо сидқ аст, бо ин тафсил, ки агар нисбати маъно ба олами воқеиро дар назар бигирем ва маъноро мутобиқи олами воқеӣ биёбем, ба ин мутобиқат сидқ итлоқ мегардад, аммо агар амри ҳақиқӣ ва воқеиро ба он нисбат бидиҳем, ҳақ номида мешавад”.[394]

Дар таърифи чоруми худ, Форобӣ аз ҳақ ба фитрӣ будан ва табиӣ будани он таъкид карда, фитрати солимро василае медонад, ки ҳақ ва ҳукм ба воситаи он қобили таъриф ва шиносоӣ ҳастанд. Дар ҳамин росто, ҳақро мутафаккир амре медонад, ки талаботи зотӣ доштан, табиию зотӣ будан аз фаслҳои фарққунандаи он ба шумор мераванд. Бурҳони худро дар ин таъриф Форобӣ чунин баён мекунад: “Ҳақ низ ҳаммонанди хайру фазилат мақсад ва ғараз дар коре аст. Агар ду нафар толиби ҳақро дар назар бигирем, ки аз мақсади худ огоҳанд, бидуни ин ки ихтилоф дошта бошанд, ба матлуби худ мерасанд ва ин хусусияти ҳақ аст, бар хилофи ғайриҳақ ва ғайрифазилат, ки агар дар пайи расидан ба он гом бардоранд, дучори гумроҳӣ ва саргардонӣ мешаванд ва ба ғарази худ даст пайдо намекунанд ва ба табойину ихтилоф мерасанд, бидуни ин ки, таваҷҷуҳ дошта бошанд аз матлуби худ дур афтодаанд”.[395] Аз он чӣ дар бораи ҳаққи табиӣ гуфта шуд, метавон дар муқоиса бо ҳуқуқи иҷтимоӣ ва ё шартномавӣ мавриди баҳс қарор дод. Ҳаққи табиӣ, ба гуфтаи Форобӣ, аз табиату сиришти инсон бармеояд ва бар хилофи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва қонунӣ, ки машруият ва эътибори онҳо ба тасвиби қонунгузорӣ мутааллиқ аст, ҳеҷ гуна вобастагие ба қавмият, фарҳанг ва суннатҳои халқҳои гуногун надорад. Аз нигоҳи Форобӣ ҳар ду масъала аз мушкилоти соҳаи ҳуқуқ ва қонун буда, унсурҳои асосии мадинаи фозила маънидод мегарданд.

Аз ҷониби дигар, дар таълимоти Форобӣ шариат ба ҳайси зербинои қонуниятҳои ғайришаръӣ шинохта шуда, ҳадафҳои он аз ҳифзи нафс, насл,

---

[393] Ал-Фараби Абу Наср.Ара аҳл ал-мадина ал-фозила. Ҷ. 1.– Бейрут, 1959. С. 31 (ба забони арабӣ).
[394] Ибн Сина. Аш-Шифа. Илоҳиёт. Ҷ. 1. – Қум, 1404 ҳ. С. 48.
[395] Фараби Абу Наср. Фусул ал-мутаназзиъа. Ҷ. 2. – Бейрут, 1971. С. 102 (ба забони арабӣ).

насаб, мол ва амсоли онҳо иборат мебошанд. Ба ғайр аз ин, табиати ҳаёти маданӣ аз нигоҳи ӯ чунин аст, ки ҳар қишри он на фақат дар пайи ба даст овардани манфиатҳои худ, балки ба дунболи он аст, то он чизе, ки дигарон доранд, ба даст оварда, аз они худ кунад, ба маънои дигар, сиришти манфиатталабиро аз онҳо дур кардан мумкин нест ва ин корест, ки гоҳ бар табъи афроди алоҳида ва гоҳ бар табъи тоифаҳои мушаххас аст.[396] Бар ин асос ҳуқуқи ҳокимиятдорӣ ва мусобиқа барои бархӯрдорӣ аз ҳокимият ду сарчашмаи аслӣ дорад, ки ҳардуи онҳо иллати пайвандии ногусастанӣ бо табиатҳои мавҷудоти табиӣ ва муносибати ҳоким бар олами табиат доранд; аввали онҳо, табъу сиришти ҳар як инсон ва дуюми онҳо – табиату сиришти ҳар тоифае аз тоифаҳои мухталиф аст. Аз нуқтаи назари Форобӣ, инсон ҳам аз лиҳози фардӣ ва ҳам аз нигоҳи ҷамъӣ ба гунае офарида шудааст, ки наметавонад аз ин ҳуқуқи бунёдиаш чашм пӯшад, ба шарте ки, агар худи ӯ ба ин фикр биафтад ва ҳуқуқҳои худашро маърифат карда бошад. Бояд таъкид на муд, ки дар ин ҷо озодии табии инсон зоҳир мешавад: “Ин хосиятҳои табиӣ аз ҷониби ягон кас таҳмил карда намешаванд ва касеро барои иҷрои ин амал маҷбур намекунанд, балки баръакс, онҳо табиатан вуҷуд доранд, то [иҷрои] ин амалро осон кунанд. Аммо, агар касе дар хоҳиши худаш озод бошад ва ҳеҷ чиз табиатан ӯро аз берун ба сӯйи муқобил таҳрик намедиҳад, пас, ӯ ба сӯйи ҳадафе ангеза мегирад, ки дар бораи он сухан меравад, ки ба он фитран майл дорад”.[397] Дар ин ҳолат, ҷомеа ва тоифаҳое, ки инсон дар миёни онҳо зиндагӣ мекунад, баъзан монеи хоҳишҳои ӯ мешаванд, ки онҳо мавриди пазироии инсон қарор гирифта наметавонанд.[398]

Форобӣ дар назарияаш дар бораи ҳар як ҳуқуқи тағйирнаёбандаи табиӣ андеша ронда, онҳоро ба асосҳ устувор кардааст, аз ҷумла, ҳуқуқ барои саломатӣ дар пайвастагӣ бо ҳуқуқ ба зистан ё ҳаёт ба сар бурдан, аз як сӯ, ва аз ҷониби дигар, бо ҳуқуқи беҳдошт ва таъмини иҷтимоии гурӯҳ ва амсоли

[396] Ал-Фараби Абу Наср.Ара аҳл ал-мадина ал-фозила. Ҷ. 1. С. 153.
[397] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1973. С. 118-119.
[398] Ҳамон ҷо. С. 126-128.

онҳо. Форобӣ дар ин мавзуъ навиштааст: “Ҳар як кас аз аҳли ин мадина аз ин ҳуқуқҳо баробар баҳраманд аст ва инчунин, ҳаққи бархӯрдорӣ аз рифоҳ (осудагӣ) ва кароматро дорад”.[399]

Форобӣ якчанд омили асосии нисбӣ будани вобастагии ҷомеаҳоро аз қонунҳо ва ҳуқуқи умумитарин ва аз ҳуқуқҳои табиию иҷтимоӣ нишон додааст. Аввалан, муҳити ҳаёт ва шароити зисти одамон, муҳимтарин омили тафовути ғояҳо ва тамоюлоти одамон аст ва ин тафриқа дар тааллуқоте воҷиб шудааст, ки вижагиҳои ахлоқӣ ва тобеияти онҳо ба қонунҳо низ мухталиф бошад; сониян, анвои мадинаҳо ва ҷамъиятҳо, гуногун будани қисмҳои онҳо сабаби ихтилоф дар навъҳои нигоҳҳо ба ҳуқуқи табиӣ аст ва ин амр сабаб мешавад, ки равзанаи нигоҳҳо ба ин мақула мутафовит ва мухталиф мешавад. Аз нигоҳи Форобӣ, мадинаҳо аз навъи “мадинаи зарурия” ё “мадинаи фозила” буда метавонанд. Шаҳрвандони “мадинаи зарурия” дар пайи онанд, ки ба заруриёти аввалия дар зиндагии маданӣ даст пайдо кунанд ва он корест, ки сирф шомили озодона давом ёфтани насли инсон, ҳаётгузаронӣ ва ҳифзи ҳаёт мебошад: “Шаҳри зарурия шаҳрест, ки сокинонаш майл доранд, ки танҳо бо ашёи зарурӣ, яъне ба чизҳое, ки барои вуҷудияти бадан эҳтиёҷ доранд - ғизо, нӯшокӣ, либос, манзил, алоқаи ҷинсӣ ва кӯмак ба ҳамдигар дар расидан ба ин кор маҳдуд бошанд”.[400]

Дар муқобили он, шаҳрвандони мадинаи фозила кӯмаку ҳамкорӣ бо ҳам доранд, то ки ба таври озод ба бартарин фазилатҳо соҳиб гарданд ва он фазилатҳо ба мавҷудияти инсон, барпо кардани зиндагӣ, маишат ва ҳифзи ҳаёти шаҳрвандони ин мадина иртибот доранд. Форобӣ мадинаи фозиларо ба ҷисми комилу солим шабоҳат медиҳад, ки тамоми узвҳои он барои нигоҳ доштани зиндагии мавҷуди зинда ва комил шудани он ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд. Узвҳои бадан, ба қавли ӯ, табиатан ва аз рӯйи қобилияташон аз ҳамдигар бартарӣ доранд ва айнан ҳамин тавр, аъзои иттиҳодияи шаҳрӣ низ табиатан аз ҳамдигар фарқ намуда, аз рӯйи мартабаашон тафовут доранд. Дар

[399] Фараби Аби Наср. Фусул ал-мутаназзиъа. Ҷ. 2. – Бейрут, 1971. С. 71 (ба забони арабӣ).
[400] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1970. С. 323.

шаҳр роҳбар ва одамони дигар вуҷуд доранд, ки ҳар кадоми онҳо мувофиқи мавқеъ ва қобилияти худ иҷрои амалеро тақозо мекунад, ки онро сарвари шаҳр муайян намудааст. Аммо, таъкид мекунад Форобӣ, узвҳои бадан - узвҳои табиӣ мебошанд ва чунонки болотар ҳам қайд гардид ҳарчанд аъзои иттиҳодияи шаҳрӣ табиӣ бошанд ҳам мартаба ва қобилиятҳое, ки мувофиқи он амали онҳо ба нафъи шаҳр иҷро мегардад, табиӣ набуда, сарчашмаи он ирода аст, чунки аъзои иттиҳодияи шаҳрӣ дорои табиатҳоеанд, ки аз ҳамдигар бартарӣ доранд ва тибқи он як касро барои дигаре фоиданок мегардонад.[401]

Агар дар мадинаи ғайрифозила одами озод ва фазилатпарасте пайдо шавад, Форобӣ ӯро даъват мекунад, ки ин шаҳрро тарк намуда, мадинаи фозилаеро ҷустуҷӯ кунад, ки дар он ҷо бо ҳамсафон ва ҳамфикрони худ зиндагӣ карда тавонад. Аммо ӯ бар ин бовар аст, ки ҳеҷ чиз инсонро ҳамчун ҷузъи мадинаи фозила барои дар мадинаи ҷоҳила ихтиёрӣ ва ё ғайриихтиёрӣ зистан халал намерасонад, гарчанде ки ин шахс, дар чунин шаҳр «одами бегона» хоҳад буд. Аз ин рӯ, мардуми фазилатноке, ки дар мадинаи ҷоҳила ба далели набудани мадинаи фозила ҳаёт ба сар мебаранд, маҷбур мешаванд, ки ҳозир ё дар оянда ба мадинаи фозила кӯч банданд. Форобӣ таъкид мекунад, ки чунин шахс бояд аз озодии худ истифода барад ва аз шаҳре, ки ба завқу ҳаваси ӯ мувофиқ нест, бояд ба шаҳри накӯкорон муҳоҷират кунад, агар ҷомеаеро, ки дар он зиндагӣ мекунад, ба як ҷомеаи фозила табдил надиҳад. Бояд қайд кард, ки барои Форобӣ озодӣ на фақат маҳсули тахайюлот ё таҳқиқоти назариявӣ аст, балки ӯ ин мафҳумро аз диди воқеӣ мураттаб кардааст, ки аз ҳаёти онрӯзаи ҷомеа сарчашма гирифта аст. Сафарҳои зиёди мутафаккир дар байни ҷамоатҳои гуногун дар шароити гуногуни иқтисодии онҳо, ба ӯ имкон доданд, ки диди ҳақиқӣ ва воқеии озодиро тафсир кунад.

Чунонки, аз матнҳо боло маълум мегардад, навъи нигоҳи ҷомеаҳо ва ҳокимиятдориҳо ба ҳадафҳою мақсадҳои онҳо дар таърифи фазилатҳо ва

[401] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. С. 306-307.

арзишҳои маданӣ ва ҳуқуқи зотию иктисобӣ, озодию тобеият муассир буда, ҷомеае, ки ҳадафи худро расидан ба лаззатҳо медонад, ҳуқуқи табиӣ ва иҷтимоии худро низ дар ҳамин чорчӯба мебинад. Дар муайян намудани ҳуқуқи шаҳрвандон Форобӣ ба нақши иродаи озодро дар касб намудани мартабаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқи шахсӣ аз бунёдҳои фитрӣ ва табиии одамон дониста, вазъияти ашхос ва табақаҳои иҷтимоиро вобаста ба умури зотӣ тафсир медиҳад. Ӯ, чноки ьаъкид намуда будем, робитаи миёни одамонро робитаи миёни ноқис ва комил медонад, на робитаи озоду баробар ва ба ҳамин далел фардҳои ҷомеа аз озодии баён ва озодии интихоб, дар мавриди он чӣ сарнавишт онҳоро сарфи назар мекунад, бархӯрдор нестанд ва сирфан он чизеро, ки раиси аввал ба василаи ақли фаъол барои саодати ҷомеа дарёфтааст, бояд ба аҳли ин ҷомеа амр кунад, то аз он итоат ба ҷо оваранд. Форобӣ дар тафсири ин нукта овардааст: “Баъзеҳо гумон мекунанд, ки касеро ҳоким номидан мумкин нест, ки ӯ қобилияти маҷбур кардан барои ба ӯ итоат кардан ва эҳтиром карданро надорад, гарчанде ки вай аз ҳунари ҳукуматдорӣ бархӯрдор аст. Бархе дигар, ба ин ақида сарватро зам мекунанд, баъзеи дигар бар он назаранд, ки ба ин қудрат маҷбурсозӣ, таҳқиру тарсониданро низ илова кардан лозим аст. Ягонтои инҳо ба сифатҳои касбии ҳоким тааллуқ надоранд. Онҳо хосиятҳоеанд, ки барои ҳоким муфид буда метавонанд, аммо дар бораи онҳо фикр мекунанд, ки моҳияти ҳокимиятдориро ташкил медиҳанд”.[402]

Дар осори Форобӣ ва баъдтар дар ақоиди Ибни Сино ва мутафаккирони дигари машшоияи шарқӣ муносибати ошкорои онҳо дар бораи шариат ва фиқҳ ва дар пояи онҳо баррасӣ намудани ҳуррият (озодӣ) ва рубубият (фармонбардорӣ)-и инсон ба шакли умум дида намешавад ва онҳо ҳаддалимкон кӯшиш менамуданд, ки ба умури динӣ дахл надошта бошанд. Аммо, чуноне ки Е.А. Фролова қайд мекунад, агар барои дифоъ аз таҳдидҳо ба ҳаёташон зарурат пайдо мешуд, онҳо ба дин ва шариату фиқҳ руҷуъ менамуданд ва барои исботи мувофиқати он ба аҳкоми динӣ ва шариатӣ саъй

[402] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1973. С. 201.

мекарданд. Ба ғайр аз ин, менависад муҳаққиқи мазкур, боз як усули дигар ҳам ҷой дорад, ки он барои файласуфони шарқӣ дар пинҳон доштани ҳадафҳо ва донишҳояшон ва ҳифз намудани ин маълумоту донишҳо аз ҳамлаҳои дин кӯмак мерасонд. Е.А. Фролова навиштааст: “Ин усул аз консепсияи ба ду табақаи маънавӣ тақсим кардани ҷомеа ва мутобиқ бо он – тақсимшавӣ ба дониши асил, вале на барои ҳама дастрас ва донише, ки ба таври сода ифода ёфта, дастраси табақаҳои васеи авом ифода ёфтааст, иборат буд. Табақаи хоса пайрави дониши ботинӣ (эзотерӣ), ҳақиқӣ, вале аз ҳама пинҳон аст. Омма (ё ҷумҳур) бошад, дониши зоҳирӣ (экзотерӣ) мегирад, ки барои фаҳмиши ӯ мутобиқ карда шудааст. Ҳатто на ҳамаи маълумоти диниро бояд барои ҳамаи одамон дастрас кард - он метавонад нодуруст фаҳмида шуда, зарар оварад”.[403]

Чунин равиши таҳқиқоти муносибати иҷтимоии байни одамон, аз як тараф, зоҳиран маҳдуд намудани озодии одамон ва тобеъ будани баъзеи онҳоро тасдиқ намояд, аз ҷониби дигар, ҳамон муносибати махфигароиро дар таносуб бо таҳдидҳои динӣ нигоҳ медорад. Ба ғайр аз ин, синтези дар таълимоти машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла, дар осори Ибни Сино мавҷудбуда на танҳо омезиши суннатҳои ақлонии арастуӣ ва навафлотуниро бо анъанаҳои динӣ дар бар мегирад, балки бо дарки ҳикмати амалии худ кӯшидааст, ки ақидаҳои сиёсӣ ва ирфониро дар бораи дин то андозае ба ҳам созиш медиҳад. Тибқи ин ҳикмат, қонуне, ки пайғомбарон овардаанд, бояд барои танзими ҷомеа хидмат кунад, аз ин рӯ, ақидае, ки бо истидлол ва асоснок намудани шариати илоҳӣ иртибот дорад, воқеан хусусияти сиёсӣ-иҷтимоӣ дорад. Барои ҳамин, байни фаҳмиши ваҳӣ аз ҷониби илоҳиётшиносони зоҳиргаро ва фаҳмиши Ибни Сино тафовути муҳим ва назаррас вуҷуд дорад. Ба эътиқоди илоҳиётшиносон, пайғомбар ваҳйро ба таври ғайрифаъол қабул мекунад, зеро агар дар он фаъолона ширкат мекард, пас, гуфтан мумкин намебуд, ки он ваҳй комилан аз ҷониби Худо нозил шудааст. Аммо, ба эътиқоди Ибни Сино пайғомбар аст, на Худо, ки қонунгузори шариат тавсиф мешавад. Ин

[403] Фролова Е.А. Арабская философия: Прошлое и настоящее. - М.: Языки славянских культур, 2010. С. 119.

сабаб дорад: қонунгузор барои қабули қонунҳои дахлдор бояд меъёрҳо ва хусусиятҳои аз ҷониби умум қабулгардидаро ба назар гирад. Ин боиси тазоди ошкори андешаҳои Ибни Сино ва таълимоти динӣ дар бораи ваҳй мегардад: тибқи таълимоти динӣ, Худо ба пайғомбаронаш тавассути ваҳй шариат ҷорӣ мекунад, ба ақидаи Ибни Сино бошад, қонунҳое, ки тавассути ваҳй нозил мешаванд, аз ҷониби пайғомбарон ба воситаи тафаккур ташаккул дода мешаванд. Дар рисолаи "Азҳавия" дар ин мавзуъомадааст: "Пас, он ки соҳиби шариат аст, бар вай воҷиб бошад, ки ин маониро баёни дуруст бикунад, чунон ки дар он ҳеҷ хато ва ғалат наюфтад ва ба ғояте расонад, ки ҳама кас бар он вуқуф ёбанд ва бидонанд аз барои он ки ҷамоате, ки зираконанд ва рӯзу шаб, сооти умри худ дар он сарф кардаанд, ки фаҳму зеҳни худ софӣ доранд, чун хоҳанд, ки ин маонӣ бидонанд, муҳтоҷанд ба бидонии тамом ва шарҳи комил".[404] Дар ҷойи дигар дар бораи қонуни динӣ (шариат) муҳокима ронда, Ибни Сино қайд мекунад, ки "... ниҳоди шариат бар он аст, ки бо ҷумла халоиқ натавон гуфт. Ва он чи эшон дартавонанд ёфт, чунон ки ҳаст, соҳиби шариат баён кунад. Ва он чи дарнатавонанд ёфт, фарохӯри фаҳми эшон ба тамсилоту ташбеҳот баён кунад".[405] Ба маънои дигар, мутафаккир аз тариқи тақсим кардани одамон ба хос ва ом, мазмуни озодӣ ва тобеияти онҳоро ҳадди ақал аз нигоҳи маънавӣ ё маърифати илмӣ таъкид намудааст.

Дар баробари ин, Ибни Сино боварӣ дорад, ки тафаккури пайғомбарон аз афкори мардумони дигар ҳеҷ тафовуте надорад, ба ҷуз он, ки пайғомбарон закӣ ва тезҳуш буда, дар ҷустуҷӯйи мафҳумҳои миёнаҳол, ки хоси тафаккури одамони одӣ аст, буда наметавонанд. Робита бо ақли фаъол на танҳо ба пайғомбарон хос аст, зеро ҳатто ҳангоме ки, мардуми одӣ дуруст андеша мекунанд, метавон гуфт, ки онҳо ақли худро бо ақли фаъол пайвастаанд. Тамоми идроки зеҳнии шахс ба ҷуз аз дарки фаязони нур чизе беш нест.[406] Дар ин росто Ибни Сино нубувватро аз рӯйи се хислат тавсиф мекунад,

[404] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Иборат аз даҳ ҷилд. Ҷ. 1. - Душанбе, 1980. С. 269.
[405] Ҳамон ҷо. С. 270.
[406] Ибн Сина. Ал-Наҷат (Ал-Ҳикмат ал-илаҳиййа). – ал-Қаҳира, 1938. С. 304-307 (ба забони арабӣ).

ҳарчанд ин хосиятҳо дар навиштаҳои ӯ ба чунин тартиб зикр нашудаанд, аммо, бо ҷамъ намудани мазмуни парокандаи онҳо дар асарҳои гуногуни мутафаккир ин хислатҳоро ба тарзи зер муттаҳид кардан мумкин аст: 1) ваҳй, ки аз тариқи тасаввур дар шакли ҳиссӣ дарк мешавад, масалан, ба мисли зуҳури фаришта Ҷабраил; 2) пайвастагӣ бо ақли фаъол; 3) муъҷизаҳо. Ба гуфтаи Ибни Сино, ҳеҷ яке аз ин хосиятҳо фақат хоси пайғомбарон нест. Ҳар як шахси дорои истеъдоди қавӣ, хусусан ҳадс, ки барои он таълим зарур нест, метавонад бо пайваст шудан ба ақли фаъол ва дарки чизҳои зиёд бо ҳар яке аз ин нишонаҳои қобилиятҳо таваллуд шавад ё онҳоро ба ин ё он дараҷа ба даст орад. Ибни Сино навиштааст: “Тавонад, ки яке аз мардум аз рӯйи зиёдии сафо ва қавӣ будани алоқа бо мабдаъҳои ақлӣ нафсро собит намояд ва бар асари ин ҳадс фурӯзон шавад, яъне дар тамоми ашё қобили илҳоми ақли фаъол бошад. Пас, дар он суратҳои ҳар чизи дар ақли фаъол буда, ба як дафъа ва ё қариб ба як дафъа муртасим гардад, ки он нақш на тақлидӣ, балки ба тартибе бошад, ки шомили ҳадсҳои васат бошад. Тақлидиёт дар умумре, ки бо сабаҳояшон дониста мешаванд, яқинии ақлӣ набошанд. Ин навъе аз нубувват аст, балки баландтарин қувваҳои нубувват аст”.[407]

Хислатҳои болозикрро муҳаққиқи Маркази таҳқиқоти исломӣ дар Донишгоҳи Оксфорд,М.А. ал-Акитӣ таҳлил намуда, қайд кардааст, ки ба ақидаи Ибни Сино пайғомбари тавоно бояд дар ҳар се хислат комил бошад. Ӯ камоли хислати дуюмро ба файласуфи моҳир нисбат медиҳад, ки бо он аз камоли хислати аввал фарқ мекунад. Камоли хислати аввал (мутафаккир ба ҳайси мисол, фолбинонро мисол меорад) ба он оварда мерасонад, ки онҳо дорои дониши ғайб бошад, ки онро дар иртибот бо нафсҳои осмонӣ медонад. Камоли хислати дуюм, ба он оварда мерасонад, ки инсон ба муаллим ниёз пайдо намекунад ва нобиға ва муаллими аълои мардум мегардад. Камол дар хислати сеюм ба он оварда мерасонад, ки шахс, масалан, авлиё (ё чи тавре ки Ибни Сино дар “Ишорот” мегӯяд, ин гуна иҷрокунанда метавонад ҷодугари

[407] Абӯали ибни Сино. Душанбе, 2007. С. 185.

бад бошад) метавонад дар ин олам амалҳои муъҷизанокро анҷом диҳад.[408] Ба маънои дигар, ин як навъ табақабандиест, ки он новобаста аз таъкиди мутафаккир дар баробарии одамон аз нигоҳи дастрасӣ ба донишҳо ва маърифати олам, ҷудо кардани онҳоро дар ҳамон доираи консепсия хос – ом дар назар дорад ва дар фаҳмиши масъалаи озодӣ ва тобеияти одамон муносибати духӯра дорад: аз як тараф, онҳо дар баробари пайғомбарон ҷо гирифта метавонанд ва ба озодии нисбатан пурра соҳиб мешаванд, ба шарте ки, агар аз таъйиди ақли фаъол бархӯрдор ва дониши қавӣ дошта бошанд; аз ҷониби дигар, дар ҳолати баръакси он, шахс ба қатори омма дохил шуда, ба хосагон, хусусан ба пайғомбар тобеияту итоат мекунад.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, қонунҳое, ки аз ҷониби қонунгузор ё пайғомбари илоҳӣ бароварда мешаванд, тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки озодии фаъолиятро фароҳам оварда метавонанд. Маҷмуи қонунҳоеро пешниҳод кардан ғайриимкон аст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо ҳукми дурусти ақли фоилро муайян кунанд, зеро вазъият дар ҳар ҳолат тағйир меёбад ва ин вазъият тағйир додани ҳукмҳои қонуни ақли фоилро тақозо мекунад, ки он барои одамон имкон медиҳад, то аз рӯйи шароити ҷорӣ ин қонунҳоро бозбинӣ намоянд. Ибни Сино бар ин назар аст, ки тартиби мазкур имконпазир буда, он озодии амалро фароҳам месозад.

Ибни Сино дар боби ниҳоии китоби «Метафизика»-и «аш-Шифо» чунин масъалаҳои сиёсиро баррасӣ мекунад: чӣ гуна пайғомбар бояд шаҳрвандонро таҳти фармон ва итоати хеш ворид кунад, чӣ гуна қудрат бояд ба ворисони соҳибихтисос интиқол дода шавад; ҷангҳои одилона ва ноодилона, ҷазои дуруст ва номуносиб ва дигар масъалаҳои амалӣ бо идоракунии ҷамъиятӣ-сиёсии ҷомеа чӣ иртибот дорад ва ғайра. Яке аз мутарҷимони осори Ибни Сино ба забони англисӣ, профессори амрикоӣ Ч. Баттерворс дар бораи ин масъала чунин навиштааст: “Дар ин ҷо низ, бозбинии моҳиронаи ваҳйи Муҳаммад ба тарзе, ки аҳамияти сиёсии онро таъкид мекунад, равшан дида

[408] Al-Akiti, M. (2004). "The Three Properties of Prophethood in Certain Works of Avicenna and al-Gazālī." In Interpreting Avicenna: Science and Philosophy in Medieval Islam, edited by Jon Mcginnis, 189-212. Leiden: Brill.

мешавад. Ба ҳар ҳол, ҳамаи ин мулоҳизаҳо тасаввуроти умумиро дар бораи он ки, пайғомбар дар иттиҳодияҳои сиёсӣ бояд чӣ гуна адолатро барқарор созад, Ибни Сино исрор намудааст, то пайғомбар инчунин бояд қонунҳоро дар бораи расму одатҳо ва хислатҳои ахлоқие, ки ба сӯйи адолат мебаранд, муқаррар кунад. Адолатро ҳамчун мувозинат ё восита муаррифӣ карда, муҳаққиқи мазкур тавзеҳ медиҳад, ки ин тавозун ё восита бар он равона мешавад, ки неруйи ҳавасҳоро аз байн барад, то ки нафс пок шуда, аз бадан озод шавад ва ё нафсҳо дар робита ба нигарониҳои ин дунё баррасӣ гардад”.[409] Адолат бошад, чуноне ки дар бахшҳои пешинаи таҳқиқотамон таъкид карда будем, аз омилҳои ташаккулёбии озодӣ ва ҳадди ақал паст фаровардани тобеият ба маънои ғуломвор хизмат кардан ба касе маънӣ мегирад.

Ба ғайр аз ин, мушоҳида кардан душвор нест, ки дар фаҳмиши масъалаи озодӣ ва тобеият, Ибни Сино онро бо масоили иҷтимоӣ-сиёсӣ ва динӣ-руҳонӣ омезиш медиҳад: аз як тараф, дар таълимоти ӯ ҳукмҳои мустақим дар бораи он ҷой доранд, ки чӣ тавр ҷомеаи одамонро аз рӯйи ҳикмати комили амалӣ идора кардан мумкин аст ва аз ҷониби дигар бошад, муҳокимаҳо дар бораи адолати иҷтимоии одамон ба унвони шикастани неруйи ҳавасҳо ва раҳо кардани нафс аз ҷисм тафсир меёбад. Дар иртибот бо ин, вазифаи муҳимтарини пайғомбар ҳамчун роҳбари ҷомеа дар он ифода меёбад, ки ӯ бояд дар назди халқи худ ё ба таври кулл ба башарият бо як рисолати мазҳабӣ ва иҷтимоӣ зуҳур намуда, инчунин қонунгузорӣ намояд. Аз ҳукмҳои фавқуззикр ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки пайғомбар на танҳо мутафаккир ё ориф, балки шахсияти фаъолест, ки таърихи воқеиро аз рӯйи ягон қолаби муайян озодона ташаккул медиҳад.

Дар ҳаёти иҷтимоӣ одамон маҷбуранд, ки ба хотири узви ҷомеа шуданашон, баъзе озодиҳои фардӣ ё шахсиашонро қурбони манфиати умум гардонанд. Ин муносибати онҳо бо одамони дигар дар доираи қонунҳои нонавиштаи табиӣ ба танзим оварда мешаванд. Ин қонунҳои нонавишта дар

[409] Butterworth, Charles E. 1987. Medieval Islamic Philosophy and the Virtue of Ethics." Arabica 34 (2): 221-250.

раванди рушди муносибатҳои одамон ба тадриҷ барои ташаккул ёфтан ва пазируфтани қонунҳои иҷтимоӣ замина мегузорад. Ибни Сино дар “Рисāла фи исбāти-н-нубувва” қайд кардааст, ки инсон аз ҳайвоноти дигар бо он фарқ мекунад, ки ӯ наметавонад зиндагии пурмаъно дошта бошад, агар як фарди одие, ки аз дигарон ҷудо бошад ва корҳои худро бидуни ёвароне, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои аввалиаш кӯмак мерасонанд, идора кунад. Ба маънои дигар, шахс бояд аз ҷониби намояндаи дигари ҷинсаш ва шахси дигар, одамони дигар дастгирӣ ёбад: “Масалан, як кас ба каси дигар сабзавот медиҳад ва шахси дигар барояш нон мепазад; як кас барои дигаре либос медӯзад, дигар онҳо ба ӯ сӯзан медиҳад. Ҳамин тавр, онҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар хосияти худтаъминкуниро доро мешаванд. Аз ҳамин сабаб, одамон маҷбур шудаанд, ки шаҳру ҷомеаҳо созанд. Ақли онҳое, ки ба қадри кофӣ рушд наёфтааст ва майли бунёд кардани шаҳрҳоро бо қонунҳо надошта, бо зиндагии одии тарзи тӯда ё галавор бе асосҳои қонунӣ ва шартномавӣ қаноат мекунанд, ба коркарди воситаҳои идоракуние шуғл меварзанд, ки ба ҳаёти инсонӣ монанд набуда, ба рушди комил намерасад”.[410] Ба ибораи дигар, барои мавҷудият ва ҳаёт гузаронидани инсон ҳамкории ӯ бо дигарон дар муҳити иҷтимоӣ шарти зарурӣ аст. Ҳамкории инсон танҳо тавассути муомилоти мутақобила ва инчунин, тавассути ҳунарҳои мухталифе, ки шуғли инсон аст, ба даст меояд ва он қонун ва адолатро тақозо мекунад. Қонун ва адолат бошанд, қонунгузор ва маъмури адолатхоҳро тақозо мекунанд.

Ибни Сино вазифаи асосии ба тартиб овардани ҳаёти ҷамъиятиро, ки дар доираи давлат ташкил карда мешавад, шарҳ дода, шаҳрвандонро монанди Афлотун ба се табақа ҷудо мекунад: ҳокимон, косибон ва посбонҳо. Ҳар як гурӯҳро роҳбаре идора мекунад, ки дар навбати худ роҳбари дигареро таъйин мекунад, ки ӯ салоҳияти камтарро бар воҳидҳои идоракунии хурдтар дорад. Ин итоат ва тобеияти табақаи поён ба боло аз рӯйи мартабаашон нишон дода шуда, иотоату тобеият дар доираи ухдадориҳои иҷтимоии афрод ихтиёрӣ,

[410] Ибн Сина. Аш-Шифа. Илоҳиёт. Ҷ. 1. – Ал-Қаҳира, 1960. С. 441 (ба забони арабӣ).

озодона ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрванд кори ба ӯ супурдашударо иҷро мекунад, бинобар ин, дар ҷомеа ё шаҳр касе нест, ки бо меҳнати худ ба давлат нафъ надиҳад. Ба бекорӣ роҳ додан мумкин нест. Ҳоким бояд барои беморону нотавонҳо ва инчунин онҳое, ки фақир ва қобилияти таъмини рӯзгорашонро надоранд, ғамхорӣ зоҳир намояд. Ба қатл расонидани онҳое, ки бе гуноҳи худашон дигар аз уҳдаи иҷрои вазифаи шаҳрвандиашон баромада наметавонанд, шармандагӣ маҳсуб меёбад. Ибни Сино зарурати андоз аз даромади ҳар як фардро барои таъмини некуаҳволии умумӣ ва аз ҷумла, таъмини парасторони бечорагону дардмандон таъкид мекунад. Андозҳо аз ҷаримаҳо ва ғанимати қонунӣ низ иборат буда метавонанд. Ҳоким бояд қиморро манъ кунад, зеро ғолибият бояд натиҷаи меҳнате бошад, ки ба дигарон низ фоида биёварад.

Равшан аст, ки Ибни Сино монанди Форобӣ бо таърифи одии назариявии табиати озодӣ дар доираи ҳуқуқи инсонӣ қаноатманд нест. Барои ӯ дониш дар бораи озодӣ ва ё тобеият бояд дар амалия, дар фаъолияте таҷассум ёбад, ки онро дар илмҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ бо таъкид бар он дарёфт кардан мумкин аст, ки ахлоқи озодиро иродаи инсон муайян мекунад. Ҳардуи ин мутафаккир, инчунин, Насируддини Тӯсӣ низ (чуноне ки дар поёнтар хоҳем дид) дар назарияи мадинаи фозилаашон принсипҳои озодии инсонро муқаррар кардаанд, ки бар асоси он ирода ва адолат маҳаки асосии таълимоти сиёсӣ-иҷтимоии онҳо буда, он дар доираи масъалаҳои ҳуқуқи инсон матраҳ мегардад.

Дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ танзими робитаҳои миёни одамон ва тобеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои фалсафӣ ба ҳисоб меравад, зеро бунёд намудани низоми сиёсӣ тавъам бо сулҳ, амният ва адолат дар ҳамаи соҳаҳои он мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Дар ин асос, яке аз василаҳои фалсафӣ-сиёсии классикӣ дарёфти “беҳтарин ва одилонатарин низоми ҳокимиятдорӣ аст”. Дар иртибот бо ин нукта, мутафаккир қабл аз ҳама, қайд мекунад, ки “чун бунёди офариниши ин олам бар тазоду таротуб аст, халоиқ низ дар ин олам ҳам бар тазод ва ҳам тараттубанд; ва дар ҷониби тазод

адами истеъдод аст ва дар ҷониби тараттуб, камоли истеъдод аст. Ва нуфус дар қабули анвори ишроқи илоҳӣ мутавофит ва мухталифанд... ва чун мардум амри Ӯ – таоло бе тавассут қабул натавонист кард, аз мутавассит чора набувад”.[411] Дар ин ҷо, сухан дар бораи зарурати роҳбари аввали ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ меравад, ки мутафаккир онро бо масъалаи маротиби судури файзи илоҳӣ пайвастааст ва чуноне ки болотар гуфтем, ҳадафҳои фалсафиашро бо пардаи динӣ ба хотири дифои хеш аз таҳриму таъқиботи руҳониёни мутаассиб пӯшондааст. Ин матлаб минбаъд сирф дар доираи фалсафаи иҷтимоии мадинаи фозила баён мегардад.

Насируддини Тӯсӣ дар асараш «Ахлоқи Носирӣ» як қатор масъалаҳои марбут ба роҳҳои ташаккули ҷомеаи башарӣ ва идоракунии муассири онро баррасӣ мекунад. Ӯ аз он шуруъ мекунад, ки ҳикмати илоҳӣ ормонҳо ва даркҳои гуногуни инсониро муқаррар кардааст, то ҳар фард ба корҳои гуногун моил бошад ва дар пояи он хусусияти озодӣ ва тобеияти ӯ муайян мегардад. Азбаски, ёрии байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ аз гуногунии касбу ҳунар вобастагӣ дорад, он ба гуногунии мақсадҳо ва ҳадафҳои одамон асос меёбад, зеро одамон ба ягон шакли иттиҳодияи иҷтимоӣ ниёз доранд. Насируддини Тӯсӣ низ монанди Форобӣ муътақид аст, ки одамон табиатан ба ҳаёти иҷтимоӣ ва «ҳаёти мутамаддин» майл доранд. Дар баробари ин, ӯ таъкид мекунад, ки азбаски ангезаҳо ва ҳадафҳои фаъолияти инсон аз ҳам фарқ доранд ва агар мардум ба ҳоли худ вогузошта шавад, онҳоро тамаъ ва зулм фаро гирифта, дар натиҷа, ҷомеаи инсонӣ аз байн меравад. Ҳокимият, ба қавли Насируддини Тӯсӣ, бояд барои олимон дар асоси адолат имтиёзҳо диҳад. Вай бояд ба поймол шудани ҳуқуқи аъзои ҷомеа ё халалдор шудани вазифаҳои дигарон роҳ надиҳад. Илова бар ин, ҳокимият бояд кафолат диҳад, то ҳар як шахс вазифаеро иҷро кунад, ки табиатан барои ӯ пешбинӣ шудааст. Ба андешаи мутафаккир, “ва шарти дувум дар маъдалат он бувад, ки дар аҳволу афъоли аҳли мадина назар кунад ва мартабаи ҳар яке бар қадри истеҳқоқу истеъдод таъйин кунад. Ва мардумон панҷ синф бошанд: аввал,

[411] Насируддин Тӯсӣ. Равзат ал-таслим ё тасаввурот. – Теҳрон, 1369 ҳ. С. 101 (ба забони форсӣ).

касоне, ки ба табъ хайр бошанд ва хайри эшон мутааддӣ бувад. Ва ин тоифа хулосаи офаринишанд ва дар ҷавҳар мушкилоти раиси аъзам, пас, бояд ки наздиктарин касе, ки ба подшоҳ бувад, ин ҷамоат бошанд. Ва дар таъзиму тавқир ва икрому табҷили эшон ҳеҷ дақиқа муҳмал набояд гузошт ва эшонро руасои боқии халқ бояд шинохт”.[412]

Аз ҷониби дигар, Насируддини Тӯсӣ монанди Ибни Сино муътақид аст, ки дар идоракунии табақаҳои ҷомеа ва умуман ҳокимиятдорӣ, дастурҳои ҳокимон бояд ба қонунгузории нубувват, ки барои ҷомеаи одил муҳим аст, иттико варзанд, ба маънои дигар, ҷомеа, ба ақидаи ӯ, ба паайғомбар ниёз дорад. Аз ҷониби дигар, низоми дурусти ҷомеа мавҷудияти доимии ҳокимеро тақозо мекунад, ки ба ӯ татбиқ намудани қонун мувофиқи ниёзҳои ҳар давру замон дар доираи шариат вогузор шудааст. Набудани қудрати сиёсӣ боиси низоъ ва вайроншавии низоми ҷомеаи инсонӣ мегардад. Ҳокими хуб бояд чаҳор хислатро таҷассум кунад: хирад, ки ҳадафи олӣ аст; камолоти зеҳнӣ, ки ба ҳадаф мерасонад; фасодат ва хаёлот, ки барои раҳнамуни дигарон ба сӯйи камол зарур аст; малакаҳои ҳарбӣ, ки барои бомуваффақият пеш бурдани ҷанг заруранд.[413]

Насируддини Тӯсӣ бо илҳом аз қолаби бостонии ориёии созмони иҷтимоӣ ва бо таъсири ақидаи Гален, ки ҷисми инсонро аз чаҳор унсур иборат медонанд, таснифи зерини қишрҳои мухталифи ҷомеаро пешниҳод мекунад: аҳли қалам ба мисли устодони илм ва дигар бахшҳои дониш, ҳуқуқшиносон, қозиҳо, котибон, муҳосибон, муҳандисон, мунаҷҷимон, табибон ва шоироне, ки онҳоро ба об шабеҳ додаанд; аҳли шамшер, яъне сарбозон, ҷанговарон, ихтиёриён ва марзбонон, ки ба оташ шабеҳ дода шудаанд; аҳли муомилот, масалан, тоҷирони мол, савдогарон, ҳунармандон ва косибон, андозситононе, ки шабеҳи ҳаво дониста шудаанд; деҳқонон, ки ба хок шабоҳат дода шудаанд. Яке аз вазифаҳои асосии ҳоким нигоҳ доштани тавозуни байни ин гурӯҳҳост: “Ва бояд, ки раиятро ба илтизоми қавонини

[412] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 242.
[413] Ҳамон ҷо. С. 244-248.

адолату фазилат таклиф кунад, ки чунонки қавоми бадан ба табиат бувад ва қавоми табиат ба нафс ва қавоми нафс ба ақл, қавоми мудун ба малик бувад ва қавоми малик ба сиёсат ва қавоми сиёсат ба ҳикмат. Ва чун ҳикмат дар мадина мутаориф бошад ва номуси ҳақ муқтадо, низом ҳосил бувад ва таваҷҷуҳ ба камол мавҷуд, аммо агар ҳикмат муфорақат кунад, хазлон ба номус роҳ ёбад. Ва чун хазлон ба номус роҳ ёбад, зинати мулк биравад ва фитна падид ояд ва русуми мурувват мундарис шавад ва неъмат ба нақмат бадал гардад”.[414] Насируддини Тӯсӣ инчунин, бар ин назар аст, ки ҳамчунон ки, ҳукмронии як унсур ба дигарон мувозинатро халалдор карда, боиси пошхӯрии таркиб мегардад, бартарияти як табақаи иҷтимоӣ бар се синфи дигар мувозинатро вайрон карда, боиси марги инсоният мегардад. Ба ин маънӣ, одамон маҷбуранд, ки дар доираи қонунҳои иҷтимоӣ фаъолияташонро созгор намуда, ҳуқуқу озодиашонро низ дар доираи онҳо дифоъ намоянд: дар ҳолати аввал водоранд, ки зери итоати қонунҳо ва ҳокимон ворид шаванд ва дар ҳолати дигар озодии шахсиашонро тавассути ин қонунҳо дифоъ намоянд.

Азбаски шукуфоии ҷомеа ва инсон аз ҳамкорӣ вобаста аст, Худо, ба андешаи мутафаккир, муқаррар кардааст, ки дар ҳадафҳо, хислатҳо ва малакаҳои одамон фарқият вуҷуд дошта бошад. Агар ҳамаи одамон як ҳадаф медоштанд, ҳама фаъолияташонро ба як касб мебахшиданд, дигар аз назарашон берун мемонд. Агар ҳамаи одамон ниёзҳои якхела ва дорои захираҳои маишии якхела мебуданд, ҳеҷ кас аз хидмат ба дигарон даромад ва фоидаро интизор намешуд ва агар онҳо худкифо мебуданд ва тамоми ниёзҳои худро мустақилона қонеъ карда метавонистанд, эҳтиёҷ ба кӯмаки якдигар намемонд.[415]

Бояд қайд кард, ки ин файласуфи тоҷику форс аз баррасиҳои интиқодии худ дар бораи вазъи табиати иҷтимоии инсон ғояеро пешкаш мекунад, ки ба бархе аз муқаддамоти назарияи Гоббс дар бораи муносибатҳои одамон бо

[414] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 244.
[415] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. С. 234-237.

ҳам, итоат ва тобеияти онҳо дар доираи аҳкоми қонун ва сиёсат волотар ҳисоб меёбанд. Оид ба ин масъала дар порчаи зерин омадааст: “Ва чун давоии афъоли мардумон мухталиф асту таваҷҷуҳи ҳаракоти эшон ба ғоёт мутанаввеъ,...таовуни эшон сурат набандад, чӣ мутағаллиб ҳамаро бандаи худ гардонаду ҳариси ҳамаи муқтаниёти худро ҳоҳад ва чун танозуъ дар миён афтад, ба ифнову ифсоди якдигар машғул шаванд. Пас би-з-зарурати навъе аз тадбир бояд, ки ҳар якеро ба манзалате, ки мустаҳиққи он бошад, қонеъ гардонад ва ба ҳаққи хеш бирасонад ва дасти ҳар яке аз таддӣ ва тасарруф дар ҳуқуқи дигарон кӯтоҳ кунад...; ва он тадбирро сиёсат хонанд”.[416]

Насируддин Тӯсӣ боварӣ дорад, ки агар шахс аз уҳдаи иҷрои коре набарояд, ки онро зарур мешуморад ва агар дар лаҳзаи ҳалкунанда қувва ё хоҳишаш барои ин кор нарасад, мо метавонем бигӯем, ки ӯ “озод нест” ва “ғуломи ҳавасҳои худаш аст”. Ӯ муътақид аст, ки нодонӣ ё таассуб одамонро аз анҷом додани корҳое, ки агар дониш медоштанд, бозмедорад ва он бо ифодае баробар аст, ки тибқи он “дониш озодӣ мебахшад”. Саволи оё шахс метавонад, дар байни ду ё зиёда ашёю падидаҳо интихоби оқилона ба ҷо оварад ва дар ин тасмими хеш устувор бошад, дар муқоиса бо ин савол, ки оё дигарон метавонанд, иродаи худро бар ӯ таҳмил кунанд ё не, масъалаи комилан дигар аст. Дар байни ин одамон як навъ робитаи махсус ҷой дорад, масалан, барои баъзеҳо ҳамин шароит онҳоро маҷбур месозад, ки дар ҳамкорӣ ҳамроҳ бошанд ва барои дигарон – маҷбуранд, ки ин фардро дар ин ҳамкорӣ ва пайвастагӣ бо ҷомеаи худ қабул намоянд ва он як навъ душвории муқаррарие аст, ки бояд бартараф карда шавад, ки ба қувваи иродаи аъзои ҷомеа вобаста аст. Ин дараҷаест, ки “озодии ботинии инсон” ва “озодӣ” ба маънои умумии он, аз вуҷуд доштани маҷбурии ҳамкории аъзои ҷомеа сарчашма мегирад ва муайян мекунад, ки шахс то чӣ андоза метавонад дониши худро дар бораи имкониятҳои барои ӯ ва дигарон муфид дошта, истифода барад. Ин нуктаро дар мавриди касоне, ки дар мадинаи фозила

[416] Ҳамон ҷо. С. 198-199.

маҷбуранд, ки ба “амалҳои ҷоҳилона” даст назананд, мушоҳида кардан мумкин аст: Насируддин Тӯсӣ қайд мекунад, ки агар шахс ба коре маҷбур шавад, идома додани ин кор ба ин маъно нест, ки ӯ табиати ахлоқиеро бар хилофи табиати хайр соҳиб мегардад, зеро барои соҳиб шудан ба табиати ахлоқӣ (хоҳ фазилат бошад, хоҳ иллат) одам бояд амалеро озодона, бо хоҳиши худ, бидуни маҷбуркунӣ интихоб ва иҷро намояд. Дар мавриди рафтори инсон бошад, назария агар бо амал пайваста набошад, арзише надорад, зеро файласуфи комил касест, ки масъалаҳои назариявиро дарк мекунад ва онҳоро дар фалсафаи амалӣ таҷассум мекунад, то шаҳри худро ба роҳи беҳтар тағйир диҳад. Тӯсӣ навиштааст: “Ва аммо ҳикмати амалӣ ва он донистани масолеҳи ҳаракати иродӣ ва афъоли синоии навъи инсонӣ бувад бар ваҷҳе, ки муаддӣ бошад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муқтазои расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он ва он ҳам мунқасим шавад ба ду қисм: яке ин чӣ роҷеъ бувад бо ҳар нафсе ба инфирод ва дигар он чӣ роҷеъ бувад бо ҷамоате ба мушоракат. Ва қисми дувум низ ба ду қисм шавад: яке он чӣ роҷеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушоракат бувад дар манзилу хона ва дувум, он чӣ роҷеъ бо ҷамоате, ки миёни эшон мушоракат бувад дар шаҳру вилоят, бал иқлиму мамлакат”. [417]

Ба ақидаи Насируддин Тӯсӣ, созмон додани мадинаи фозила бояд ба хирад мувофиқ бошад ва орзуи ҳар фардро ба сӯйи камолот қонеъ кунад: аз ин ҷо, фарди хирадманд бояд ба унвони қонунгузор ва пешвои шаҳр нақши хоса дошта бошад. Насируддин Тӯсӣ байни ду навъ қонунгузор фарқ мегузорад: номус (қонун)-и илоҳӣ ва қонуни ҳоким. Қонуни аввалӣ қонунеро муқаррар мекунад, ки аз иродаи илоҳӣ илҳом гирифтааст: тағйири ин қонун ба таври доимӣ асос надорад, зеро номуси илоҳӣ барои халқҳои чанд давра кофӣ аст, аз тарафи дигар, барои роҳнамоӣ ва низоми шаҳр ҳама вақт «танзимкунандаи қонун» лозим аст: “Филҷумла, дар ҳар рӯзгоре ва қарне ба соҳибномусе эҳтиёҷ набувад, чӣ як вазъ аҳли адвори бисёрро кифоят бошад, аммо дар ҳар рӯзгоре оламро мудаббире бояд, чӣ агар тадбир мунқатеъ

[417] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 34.

шавад, низом муртафеъ гардад ва бақои навъ бар вақҳи акмал сурат набандад ва мудаббир ба ҳифзи номус қиём намояд”.[418] Дар ин ҷо, таъсири файласуфони юнонӣ, хусусан, Афлотун ва Арасту равшан аст, ки ақоиди онҳо дар бораи шаҳр ва шаҳрдорӣ Насируддин Тӯсиро водор месозад, ки аз як тараф, нақши пайғоммбар ва аз ҷониби дигар, нақши султонҳою ҳокимонро ҷудо кунад.

Аммо, таҳлили ақидаҳои Насируддин Тӯсӣ дар муқоиса бо таҳлили таълимоти Афлотун равиши нав пайдо мекунад ва аз тасаввури афлотунӣ бо ду нуктаи муҳим фарқ мекунад: ба ин сатҳ ворид кардани ду навъи ҳамраъйӣ ва ишораи возеҳ ба мафҳуми қонунияти шариатӣ. Воқеан, қонун дар ҳар ду шакли ҳамраъйӣ ё ҳамбастагӣ, ки файласуфи тоҷику форс муайян кардааст, асоси худро пайдо мекунад. Ҳамчун як ҳамбастагии сунъӣ, он аз талошҳои инсон барои таъмини зинда мондани худ, бахусус бо ташкил додани «тақсимоти одилона» ва ҷилавгирӣ аз он чиз, ки ба ҳамкории аъзои шаҳр монеъ мегардад, бармеояд. Дар нисбати ҳамбастагии табиӣ бошад, он аз раванде ҷараён мегирад, ки тибқи таълимоти Афлотун ин ҳамбастагӣ ба шахс имкон медиҳад, ки принсипҳои асосии шаҳри ормониро кашф кунад, ки метавонанд ӯро ба камолоти инсон, ҳамчун ҳуқуқи ӯ барои озодии мутлақ расонанд. Ба ин тарз, Насируддин Тӯсӣ инсонро барои рафтору кирдори хуб дар мадинаи фозила тарғиб мекунад, зеро амали некӣ маҳз он чизест, ки аз равобити ҳамраъйӣ ба вуҷуд меояд: “Аммо, мадинаи фозила иҷтимоӣ қавме бувад, ки ҳимматҳои эшон бар иқтинои хайроту изолати шурур муқаддар бувад. Ва ҳар ойина миёни эшон иштирок бувад дар ду чиз, яке оро ва дувум афъол... Ва аммо, иттифоқи эшон дар афъол чунон бувад, ки иктисоби камол ҳама бар як вақҳ шиносанд ва афъоле, ки аз эшон содир шавад, мафруғ бувад дар қолаби ҳикмат ва муқаввам ба таҳзибу тасдиди ақлӣ ва муқаддар ба қавонини адолат ва шароити сиёсат, то бо ихтилофи ашхос ва табоюни аҳвол ғояти афъоли ҳама ҷамоат яке бувад ва туруқи сияр мувофиқи якдигар”.[419] Аз

[418] Ҳамон ҷо. С. 200.
[419] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. С. 221..

ин ҷо, амал ва муносибати нек беҳтарин шакли фаъолият аст, зеро он барои барпо кардани беҳтарин иттифоқ, иттиҳод ва ё шартномаи байни одамон имкон дода, муносибатҳои беҳтаринро ба вуҷуд меорад. Аз тарафи дигар, пайгирии манфиат ва фоида дар муносибатҳо ҳамфикриро ба вуҷуд меорад, ки онро Насируддин Тӯсӣ дар мафҳумҳои “иттифоқ” ва “иштирок” ба маънии ҳамкорию ҳамбастагии одамон дар ҷомеа ҷамъбаст мекунад, ки он ба пояи адолат бунёд мегирад. Адолат бошад, чуноне ки тазаккур дода будем, пояи озодии инсон ва ҳуқуқи ӯ барои ҳаёти беҳтар аст.

Чунин навъи ҳамбастагиро дар осори ҳам Форобӣ ва ҳам Ибни Сино низ мушоҳида карда будем, ки барои нишон додани заминаҳои табиии бунёди мадинаи фозила дар асоси қонунҳо нигаронида шудааст. Ин бандубасти фикрӣ-ақлонӣ ба машшоиёни шарқӣ имкон медиҳад, ки маҳз ба воситаи раванди озодонаву ихтиёрии ҳамкории одамон ин матлабро дар амал татбиқ намоянд. Дар ин ҷо, шабоҳатро бо асосҳои фалсафаи шартномаи иҷтимоии файласуфони муосири Ғарб ва махсусан, яке аз нуктаҳои марказии «Шартномаи иҷтимоӣ»-и Ж. Руссо пайдо кардан мумкин аст, ки он таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад.

Аз муҳокимаҳо ва мубоҳисаҳои фавқуззикр ба хулоса мерасем, ки барои мутафаккирони машшоияи шарқӣ озодӣ танҳо маҳсули тахайюлот ва ё мафҳуми сирф назариявӣ нест. Аз ин рӯ, онҳо таълимот дар бораи озодии инсон ва тобеияти ӯро дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, аз ҷумла динӣ ва ҳамчун як диди воқеӣ таҳия кардаанд, ки аз ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дар ҷомеаи онҳо сарчашма мегирад. Афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ дар бораи адолати иҷтимоӣ дар ҳошияи меъёрҳои дунявӣ, динӣ ва нақши ҷомеа дар таъмини манфиатҳои иҷтимоӣ, хусусан, озодии шахсии инсон ва дараҷаи маҳдудияти ҳуқуқҳои ӯ ташаккул ёфтааст. Ин мутафаккирон дар доираи назарияи мадинаи фозилаи худ бунёди ҷомеа ва давлатеро пешкаш мекунанд, ки дар он ҳамкории мутақобили аъзои он ба амал меояд. Ҳокимияти мадинаи фозила, бояд ҳимояи ҳар як шаҳрванди худро барои ҳуқуқи ӯ ба озодиҳои гуногуни иҷтимоӣ таъмин ва кафолат

диҳад ва ҳокимон бояд бидуни истисно нисбат ба тамоми шаҳрвандони худ одилона муносибат намуда, барои ҳамаи шаҳрвандон имкони якхела (одилона)-и озодиҳоро муҳайё созанд.

ХУЛОСАҲО

Баррасиҳо ва таҳлили таълимот оид ба озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ дар доираи баҳсҳои онтологӣ ва гносеологӣ, усулҳои фалсафии таҳқиқоти мавзуҳои вобастаи он, монанди ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар, озодии ирода ва тазоди он бо тобеият ва итоат, озодӣ ва фармонбардории шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс, адолат асоси назарияи озодӣ ва тобеияти шахс, озодӣ ва тобеияти шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ ва динӣ, дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои иҷтимоӣ-динӣ ба натиҷаҳои зерин меоранд:

1. Мафҳуми озодӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ як ҷузъи муҳими талаботи инсон аст, ки онро мутафаккирони намояндаи ин мактаб аз нигоҳи ақлгароӣ ва тибқи меёрҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, динӣ баррасӣ намуда, саволи озод будан ё ба тақдир мувоҷеҳ шудани инсонро ба миён мегузоранд. Метавон таъкид намуд, ки андешаҳо оид ба ин масъала изтироб ва ноумедиҳои инсонро низ ба вуҷуд меоранд, зеро он ба заҳматталабии ақида дар бораи он, ки инсон дар як тахайюлоти бардурӯғи имконияти интихобу ихтиёр зиндагӣ мекунад ва вақте ки, инсон аллакай бори гарони сарнавиштро мекашад ва аз он гурехта наметавонад, гӯё озодии инсон ғайриимкон мегардад. Аз ҷониби дигар, дар диссертатсия бо таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-таърихии ташаккулёбии таълимот оид ба озодӣ ва тобеияти инсон, инчунин, дар асоси таҳқиқоти таърихӣ фарзияе пешниҳод мегардад, ки тибқи он сиёсати иҷтимоӣ-динӣ дар ибтидо ба тадриҷан паст кардани падидаи ғуломдорӣ равона карда шуда буд, ки аслан аз суннати мардуми араб дар даврони бутпарастии онҳо сарчашма мегирифт ва бинобар ин, дар доираи шароити иҷтимоии ҳамон давра ба якборагӣ бекор кардани он имкон надошт.

Дар он даврон шахсеро ғулом меномиданд, ки ҳангоми футуҳоти динӣ дар минтақаи даргириҳо асир афтода, дини арабҳоро қабул накарда бошад, аммо бо мурури замон, ғуломфурӯшон - дӯстдорони пули осон - бозорҳои ғуломро барқарор карданд. Аз ин рӯ, озодии аз ҳама муҳим барои инсон озодии «будан», яъне ҳамзистии мавзун бо табиати аслии худ (фитра) ҳисоб ёфта, мутафаккирони Шарқ, тоҷику форс, аз ҷумла, намояндагони машшоияи шарқӣ онро ҳамчун як навъ озодии ботинӣ ҳисоб мекарданд, ки бо итоат ба иродаи илоҳӣ аз ҷониби инсон ба даст оварда мешавад [3-М, 4-М, 5-М, 10-М, 25-М].

2. Эътиқоди мардуми Машриқзамин танҳо бо маросим ва ибодатҳои шахсӣ маҳдуд нагардида, он ба соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва равонӣ низ ворид мешавад. Ҳолати ботинии шахс ҳолати берунӣ, иҷтимоии ӯро муайян мекунад ва дар ин соҳа ӯ метавонад озодии худро дарк намояд. Ин нуктаи назарро бо назарияи моддагароён дар бораи шароитҳои моддие, ки ҳолати одамро муайян мекунанд, муқобил гузоштан мумкин аст, ки дар он ба инсон барои тағйир додани хеш озодии камтар медиҳад, зеро тағйироти инсон на бар шароити берунӣ, балки ба шароити ботинии ӯ асос мегиранд. Аз ин ҷо, азбаски соҳаи озодӣ дар вазъи ботинии инсон аст, ӯ ихтиёр мекунад, ки ба фитрати аслиаш итоат кунад ва ё аз он дур шавад: агар касе ба фитрати худ мувофиқат кунад, дар аҳволи беҳтар ва агар аз фитрати худ дур шавад, дар шароити номусоид қарор мегирад. Ҳамин тариқ, инсон як мавҷуди озод буда, қодир аст, ки иродаашро ба таври мусбат амалӣ созад, фазилати аслии худро нигоҳ дорад ва ҳолаташро ба тамоюлоти хуб ё бад табдил диҳад [4-М, 5-М, 7-М, 9-М, 27-М].

3. Инсон, аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ, ки дар ин қисмати фалсафаи худ аз таълимоти иҷтимоӣ, аз ҷумла, динӣ истифода кардаанд, қобилияти маърифати илоҳиро дошта, бо сабаби доштани ин сифат дар кори таъмини адолати иҷтимоӣ уҳдадор мебошад. Ин сифат ба инсон барои ин зарур аст, то ки ӯ нақши халифаи илоҳиро дар рӯйи замин иҷро намояд. Аз ин рӯ, агар илму адли инсон кам бошад, ҷаҳолату зулм ба вуҷуд меояд ва ин аст, ки

инсони «беадолат» мавҷудест, ки ба уҳдадории мазкури худ хиёнат карда ва ба ҳокими золим табдил ёфта аст. Ин як муносибатест, ки тибқи он машшоиёни шарқӣ ботадриҷ ба иродаи инсони озод дар ҳаёти дунявӣ нисбат ба иродаи илоҳӣ бартарият додаанд [6-М, 9-М, 12-М, 18-М].

4. Масъалаи озодӣ ва тобеияти инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ ба як принсипи асосии машшоиёни шарқӣ пайвастагӣ дошт, ки тибқи он агар бартарии ягон сабаби беруна то ба сатҳи зарурат нарасад, он барои пайдоиши мавҷудоти дигар кофӣ нахоҳад буд ва агар ҳастии ӯ ба сабаби чизи дигар ниёз пайдо накунад, мавҷудият ва нестии ӯ имконнопазир хоҳад гашт. Аз ин ҷо, дар фалсафаи машшоияи шарқӣ принсипи зарурат дар асоси тасдиқи худи принсипи сабаб ва инкори он ба миён омадааст. Барои муайян намудани робитаи зарурии байни сабаб ва натиҷа мутафаккирони намояндаи машшоияи шарқӣ аз принсипи сабаб дар доираи таълимот оид ба воҷиб-ул-вуҷуд истифода мебаранд. Мувофиқи таълимоти мазкур, зарурат оқибати ногузири “будан” дар ҳамаи сатҳҳо, ҳолатҳо ва ашёи вобастаи он мебошад. Моҳияти сабаби аввал ва ҳар чизе, ки аз он бармеояд, ин будан ё будиш ва зарурат аст [9-М, 10-М, 15-М, 25-М].

5. Машшоиёни шарқӣ дар таҳлили масъалаи озодӣ ва тобеияти инсон амалҳои инсониро ба се навъ ҷудо мекунанд: амалҳои табиӣ ё зотӣ, амалҳои иродӣ ва амалҳои интихобӣ (ихтиёрӣ). Намуди сеюми амалҳо амали интихобӣ, озод буда, аз донишҳои инсон вобаста аст. Тавассути дониш алтернативаҳои гуногун омӯхта шуда, мувофиқи тасмимҳо дар пояи он қувваи иродаву озодии инсонро ба ҳаракат медароранд. Аз ин рӯ, иродаи инсон бояд ба тасмим итоат намояд. Ба маънои дигар, ирода ва қувваи озодии инсон, аз нигоҳи аҳли машшоияи шарқӣ, ба ӯ фитран дода шудаанд, ки баъдан тақвият мёбанд [8-М, 13-М, 14-М, 20-М].

6. Дар муносибат бо муҳити беруна бошад, инсон, тибқи андешаҳои машшоиёни шарқӣ, на ба қазою қадар ва на ба озодии ирода майл дорад. Иродаи ӯ бо содиршавии амалҳо мувофиқи сабабҳои онҳо муайян карда мешавад: ин сабабҳо берунӣ ва моддӣ мебошанд. Амалҳои инсон ҳам бо

иродаи ӯ ва ҳам мувофиқи ҳодисаҳои беруна сурат мегиранд. Илова бар ин, амалҳои инсон на танҳо бо сабабҳои берунӣ, инчунин, бо сабабҳои ботинии инсон алоқаманданд. Намунаи муайян дар сабабҳои берунӣ ва ботинӣ он чизест, ки машшоиёни шарқӣ онро қазою қадар меноманд. Машшоиён назарияи ҷабр ва ихтиёри инсонро дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ бо одамони дигар бештар баррасӣ мекунанд, зеро ҷомеаро ба хотири он таҳқиқ мекунанд, ки инсон дар он ба зиндагии фаъол даъват карда мешавад ва сабаби дигар ин аст, ки ӯ ягона ҳайвонест, ки қобилияти андеша ва дарк кардани арзишҳоро дорад. Аз ин рӯ, инсон бояд, пеш аз ҳама, мавқеи худро дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамҷинсҳо, нисбат ба олами боло, инчунин, дар робита бо ҷаҳони моддӣ дарк намояд [9-М, 11-М, 15-М, 25-М].

7. Дар ақоиди машшоиёни шарқӣ, дар маҷмуъ, озодӣ натиҷаи мантиқии ақл аст ва он танҳо дар партави ақл маънии ҳақиқии худро ошкор мекунад. Ба ибораи дигар, фарди оқил дар чаҳорчӯби мантиқ ва ақл дар бораи озодӣ на ҳамчун имконияти инсон, балки ҳамчун зарурат барои инсон андешаронӣ мекунад. Озодӣ ба маънои пирӯзӣ бар мардум нест, он ҷузъи таркибии моҳият ва зоти инсон аст, ки озодии табиӣ ё озодии ирода ба ҳисоб меравад ва инсонро танҳо он ба сӯйи камолот ҳидоят мекунад, зеро озодӣ аз табиати ӯ реша мегирад. Озодӣ волотарин хислати инсонист, ки аз камолот, тағйирот ва таҳаввулоти олии ӯ дарак медиҳад. Байни озодӣ ва адолат дар амал робитаи дуҷониба вуҷуд дорад, зеро амалӣ шудани озодӣ ба маънои ғайримуқаррарӣ танҳо ба он вобаста аст, адолат бошад, ба озодии фитрӣ ва табиии инсон асос ёфтааст. [6-М, 8-М, 15-М, 16-М, 21-М, 25-М].

8. Дар диссертатсия муқаррар гардид, ки аз назари машшоиёни шарқӣ, инсон як мавҷуди озод аст, ки қобилияти интихоб ва ташаббус карданро дорад. Аз ин мантиқан бармеояд, ки ӯ як мавҷуди масъул аст. Бар хилофи экзистенсиализми Сартр, ки дар он масъулияти инсон дар назди худ тасдиқ мешавад, на дар назди ягон мавҷуд ё қудрати дигар, машшоиёни шарқӣ дар иртибот бо таълимоти юнонию шарқӣ таълим медиҳанд, ки инсон дар ниҳояти кор, барои аъмоли худ дар назди офаридгор низ масъул аст. Ҳарчанд

инсон мавҷуди озод ва барои аъмоли худ масъул аст, озодии ӯ дороии ӯ ба ҳисоб намеравад ва ӯ наметавонад, ки бо он ҳар чӣ бихоҳад, анҷом диҳад, ҳарчанд ҳақ дорад, ки ҳатто сарчашмаи озодии худро инкор кунад. Аз ин рӯ, масъулияти инсон дар аъмоли худ ҳам фитрӣ ва ҳам иктисобӣ аст [9-М, 11-М, 16-М, 23-М, 26-М, 27-М].

9. Масъулияти фардии инсон барои аъмоли худ ё масъулияти инфиродӣ наметавонад бидуни андеша дар бораи он, ки амалҳои инсонро худи ӯ муайян мекунад, арзёбӣ гардад. Бо вуҷуди ин, худмуайянкунии инсон, чуноне ки дар диссертатсия ба исбот расид, аз ҷониби мутафаккирони машшоияи шарқӣ дар шаклҳои гуногун тасвир ва таҳлил гардидааст. Машшоиёни шарқӣ таълимоти худро дар доираи ақлоният ба таври муназзам шарҳ дода, равишҳои гуногунро барои равшан кардани он нукта, ки чаро амалҳои инсон бояд ба таври худмуайянкунӣ сурат гиранд, истифода кардаанд. Онҳо баҳс мекунанд, ки масъулияти ахлоқии инсон бо озодии амал алоқаманд аст: агар инсон шахсан барои коре, ки анҷом медиҳад, ҷавобгар бошад, ӯ фикр мекунад, ки амалҳои худро назорат намуда, худи ӯ маҳз бояд қарор қабул кунад ва баъдан тибқи он амал намояд. Аз ин рӯ, машшоиёни шарқӣ фарзия пешниҳод мекунанд, ки ахлоқи хуб танҳо дар сурате имконпазир аст, ки озодии амали инсон ҳақиқӣ бошад. Адолат, дар маҷмуъ, аз як тараф, ва адолати роҳбари ҷомеа, аз тарафи дигар, як рукни асосии таълимоти мутафаккирони машшоиёни шарқӣ буд ва онҳо боварӣ доштанд, ки доварии онҳо дар бораи аъмоли инсон ба принсипҳо ва арзишҳои объективӣ асос ёфтааст. Дар асоси ин фарзияҳо, онҳо ба ин андеша расидаанд, ки Худо ба ҳеҷ ваҷҳ амали инсонро намеофарад ва ё муайян намекунад, зеро агар барои коре, ки иҷро кардааст, худи инсон масъул бошад ва ба таври одилона сазовори мукофот ё ҷазо гардад, пас, ӯ бояд ташаббускори амалҳои худ ва рафтори худ бошад [4-М, 5-М, 6-М, 7-М, 11-М, 13-М, 15-М, 25-М].

10. Машшоиёни шарқӣ робитаи байни сокинони мадинаҳоро на ҳамчун робитаи озоду баробар, балки робитаи байни ноқис ва комил, пасту баланд

медонанд ва ба ҳамин маънӣ, афроди ҷомеаро аз озодии интихоб ва мустақилият маҳрум месозанд. Озодии онҳо сирфан тобеи раиси шаҳр буда, он чи, ки раиси аввал ба василаи ақли фаъол барои саодати ҷомеа дарёбад ва ба ҷомеа амр кунад, бояд онҳо ба ӯ итоат карда, онро иҷро намоянд [10-М, 11-М, 12-М, 14-М, 16-М, 20-М, 21-М].

Ҳамин тавр, мутафаккирони машшоияи шарқӣ таълимот дар бораи озодии инсон ва тобеияти ӯро бо баррасии масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар, озодӣ ва мушкилоти равонии инсон, озодии ирода, масъулияти инсон ва ғайра таҳлил намуда, мавқеи худро нисбат ба моҳият ва аҳамияти озодии инсон ва қобилияти касбии ӯ муайян сохтаанд. Ин мавқеи онҳо бештар дар назарияҳои воҷиб-ул-вуҷуд ва мадинаи фозила шарҳ дода шуда, ба ҳамин васила ҷанбаи онтологии масъаларо бо ҷанбаи иҷтимоии он пайванд додаанд. Аз ин ҷост, ки фарқияти асосии таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ аз нигоҳи методологӣ дар он зоҳир мегардад, ки яке таваҷҷуҳашро дар ин пайвастагӣ бештар ба ҷанбаи онтологӣ медиҳад (масалан, Ибни Сино) ва дигаре – ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Ҳадафи умумии ҳамаи онҳо бошад, ислоҳоти инсон, ҷомеа, давлат ва наҷоти ҷомеа аз вазъияти фалокатборест, ки дар он қарор дошт ва амалӣ намудани ҳадафи ҳукумате бар пояи адолат ва баробарӣ ва эҷоди як ҷомеаи ахлоқӣ ва некӯкор буд. Ҳамаи инро намояндагони ин мактаби фалсафӣ дар доираи озодие, ки бо масъулият маҳдуд мешавад ва аз ахлоқ то ба сиёсат мегузарад, тафсир додаанд. Машшоиёни шарқӣ нақши ақлро дар андӯхтани илму дониш таъкид намуда, қайд кардаанд, ки он қобилияти баҳогузорӣ ба амалест, ки нек бошад ё бад ва заковати инсон меъёри баҳо додани хислатҳои инсонӣ аст: инсон наметавонад иштиҳо ва ҳавасҳои худро комилан мағлуб кунад, зеро ӯро ҷаҳони ҷисмонӣ иҳота ва идора мекунад. Аз ин рӯ, нафси инсонӣ метавонад, танҳо тавассути раҳоӣ аз пайвандҳои ҷисмонӣ озод гардад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Зимни таҳқиқоти илмии таълимоти озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ мувофиқи ҳадафу вазифаҳои гузошташуда асосҳои назариявии масъала асоснок гардида ва консепсияҳои илмии мавҷуда оид ба он таҳлилу баррасӣ шуда, дар асоси ин чунин тавсияҳо пешниҳод мегарданд:

1. Равиши ақлгароӣ барои амиқтар таҳқиқ намудани масоили вобаста ба озодӣ ва итоату тобеияти инсон мусоидат намуда, яке аз принсипҳои асосии фалсафии таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад, ки машшоиёни шарқӣ маҳз ҳаминро пеш гирифтаанд. Ошкор намудани моҳияти принсипи ақлонӣ-маърифатӣ, имкониятҳои он дар таълимоти файласуфҳои ақлгарои Шарқ, хусусан, дар осори машшоиёни шарқӣ дар замони муосир, дар шароити бунёди давлати дунявӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ин равиши ақлгароии машшоиёни шарқӣ бояд аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа ва илмҳои дигари фалсафӣ ҳамаҷониба тавассути таълифи асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ дар байни ҷомеаи илмӣ ва шаҳрвандони кишвари мо бештар тарғибу ташвиқ карда шавад.

2. Таҳлили таълимоти машшоияи шарқӣ оид ба озодии инсон ва қиёси он бо таълимоти дигари фалсафию динӣ нишон медиҳад, ки назари аксарияти кулли мутафаккирони дигари ин давра доир ба ин мавзуъҳо ба идеяи сарнавишти азалии илоҳӣ такя мекунад. Дар баррасии ин мавзуъ адабиёти ҳадисӣ, ки асосан аз нигоҳи сарнавишти азалӣ таълиф шудааст, назорати инсонро аз болои амалҳои худ инкор менамояд. Ҳамзамон, калом ва мактабҳои дигари исломӣ ба ин масъала мазмуни тақдир ё сарнавиштсозиро таҳмил намуда, онро амри «куллӣ»-и илоҳӣ ном мондаанд, ки, мутаассифона, ба тақдирпарастӣ ва хурофотагароии аксарияти мардуми мусулмон сабабгор гаштааст. Аз ин рӯ, дар баробари тарғиби ақлгароии машшоиёни шарқӣ дар тафсири озодии инсон, инчунин баррасии интиқодии масъалаи ҷабр, қазову

қадар барои илмҳои фалсафӣ дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо як амри зарурӣ ба ҳисоб меравад.

3. Масъулияти ахлоқӣ ба озодии инсон, ихтиёрӣ даст кашидани одамон аз озодии мутлақи худ, аз нигоҳи машшоияи шарқӣ, ҳамчун роҳи камол ва ба саодат расидани онҳо буда, он маҳз ҳамчун ҳамкорию ҳамбастагӣ бо аъзои дигари ҷомеа ва инчунин, ба ҳайси як навъ озодии маънавӣ маънидод карда мешавад. Ин масъулияту озодиро намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ зимни баёни ақидаҳо оид ба ташаккули шаҳри ормонӣ баён карда бошанд ҳам, он аз ҷанбаҳои воқеию амалӣ низ орӣ нест. Бо ҳамин сабаб, истифода аз таълимоти ин мактаби ақлгаро оид ба озодии инсон ва масъулияти ӯ барои тарбияи ахлоқии кулли аъзои ҷомеаи муосири тоҷик метавонад ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам амалӣ касб кунад.

4. Адолат ва озодӣ дар ҷомеа, ки бештар хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ доранд, аз нуқтаи назари файласуфони машшоияи шарқӣ ба масъалаи афзалият ва бартарии як фард бар дигари он алоқаманд мебошанд. Ба ин маъно, инсон бояд меъёрҳои муайяни ҷомеаро риоя кунад, зеро озодӣ наметавонад ҳар он чизеро, ки фард аз рӯйи хоҳишҳо ва ҳавасҳои нафси худ тақозо менамояд, маънидод карда шавад - чунин муносибат адолати иҷтимоиро поймол мекунад. Аз ин рӯ, истифода аз ақидаҳои назариявии машшоиёни шарқӣ дар ин самт метавонад барои коркарди консепия ва барномаҳои зиёди давлатию ҷамъиятӣ дар самти бунёди ҷомеаи адолатпарвар, ки дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи олӣ қарор дода шудааст, аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор гирад.

5. Мактаби машшоияи шарқӣ аз фалсафаи Юнони Қадим на танҳо таълимоти онҳоро оид ба озодии инсон қабул кардааст, балки онро такмил дода, рушд бахшидааст. Минбаъд дастовардҳои зеҳнии ин мутафаккирон илми асримиёнагии кишварҳои Аврупоро бо ғояҳои тоза ва ғании илмию фалсафӣ таъмин намудаанд. Дар баробари ин, намояндагони ин мактаби ақлгарой ба таълимоти зиёди худи Машриқзамин низ такя карда, масъалаҳои

гуногун, хусусан, таълимот оид ба озодии инсонро таҳия намудаанд. Аз ин рӯ, аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд, агар муҳаққиқон минбаъд ба таҳлили муқоисавии таълимоти машшоияи шарқӣ оид ба озодии инсон ва ҳудудҳои он бо таълимоти ҳамсони мактабу равияҳои дигари чи шарқӣ ва чи ғарбӣ машғул мегардиданд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I.I. Сарчашмаҳо

[1] Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. Ҷ.1. - Душанбе, 2005. - 852 с.

[2] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. Ҷ. 1. – Душанбе, 1980. - 477 с.

[3] Абу Алӣ ибни Сино. Осор [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. Ҷ. 2. - Душанбе, 2005. С. 510. - 802 с.

[4] Абу Алӣ ибни Сино. Осор [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. Ҷ. 3. - Душанбе, 2007. С. 264. - 528 с.

[5] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. Ҷ. 4. - Душанбе, 1992. – 320 с.

[6] Абу Али ибн Сина. Избранные произведения [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Т. 1. – Душанбе, 1980. – 364 с.

[7] Абу Али Ибн Сина. Избранное [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе-Ашгабат, 2003. – 190 с.

[8] Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина (Авиценна). Т. 1. – Душанбе, 2005. - 959с.

[9] Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина (Авиценна). Т. 2. - Душанбе, 2005. - 841с.

[10] Абуали ибн Сина (Авиценна). Книга спасения [Текст] / Абу Али ибн Сина (Авиценна) // Сочинения. Т. 3. - Душанбе, 2006. - 682 с.

[11] Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения [Текст] / Абу Али ибн Сина (Авиценна). Т. 4. - Душанбе, 2008. –1002 с.

[12] Абу Райхан Беруни. Избранные произведения [Текст] / А. Беруни. Т. 5. Ч. 1. - Ташкент, 1973. – 643 с.

[13] Абу Хамид Мухаммад аль-Газали. Возрождение религиозных наук [Текст] / А.М. аль-Газали. Т.1. – Махачкала, 2011. – 424 с.

[14] Аверроэс (Ибн Рушд). Опровержение опровержения [Текст] / Аверроэс (Ибн Рушд). - Киев: “УЦИММ-Пресс”, СПб.: “АЛЕТЕЙЯ”, 1999. - 690 с.

[15] Аль-Газали, Абу Хамид. Крушение позиций философов [Текст] / А. аль-Газали. Пер.с араб. – М.: Изд.дом“Ансар”, 2007. – 277 с.

[16] Аз-Зубайди. Мухтасар Сахих аль-Бухари [Текст] / А--Зубайди. В 2 т. - Алматы: ТОО «Кәусар-саяхат», 2013. Т. I. – 609 с.

[17] Аристотель. Сочинения в четырех томах [Текст] / Аристотель. Т. 1. Ред. В. Ф. Асмус. - М., «Мысль», 1976. – 550 с.

[18] Аристотель. Сочинения [Текст] / Аристотель. Т. 4. Пер. с древнегреч.; Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. - 830 с.

[19] Аристотель. Никомаха этика [Текст] / Аристотель // Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч.; Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. С. 54-293.

[20] Аристотель. Риторика. Поэтика [Текст] / Аристотель. Пер. с древнегреч. и прим. О. Цыбенко. - М.: Лабиринт, 2000. - 224 с.

[21] Ибн Араби. Мекканские откровения [Текст] / Ибн Араби // Избранное. Т. 1 / Перев. с араб., ввод. ст. и комм. И. Р. Насырова. - М.: Языки славянской культуры: ООО «Садра», 2013. – 214 с.

[22] Ибн Сина (Авиценна). Указания и напоминания (Раздел по метафизике) [Текст] / Ибн Сина (Авиценна). Ч. 4. Пер. с араб., коммент. и предисл. Т. Ибрагима и Н.Ф. Ефремовой. М.: Ориенталистика, 2019. – 340 с.

[23] Ибн Халдун. Введение // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. [Текст] / Ибн Халдун. Сост. С.Н. Григорян и А.В. Сагадеев. - М.: Изд.-во социально-экономической литературы, 1961. – 634 с.

[24] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ [Текст] / Насируддини Тӯсӣ. Душанбе, 2009. – 388 с.

[25] Платон. Сочинения в четырех томах [Текст] / Платон. Т. 1. Пер. с древнегреч. - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, “Изд-во Олега Абышко”, 2006. – 636 с.

[26] Платон. Сочинения в четырех томах [Текст] / Платон. Т. 2. Пер. с древнегреч. -СПб.: “Изд-во Олега Абышко”, 2007. С. 26. - 626 с.

[27] Платон. Сочинения в четырех томах [Текст] / Платон. Т. 3. Ч. 1. Пер. с древнегреч. – СПб: Изд-во С.-Петерб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. - 752 с.

[28] Плотин. Сочинения. [Текст] / Платон. – СПб.: «Алетейя» при участии Греко-латинского кабинета Ю.А. Шичалина, Москва, 1995. - 673 с.

[29] Аль-Фараби. Историко-философские трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата, 1985. – 622 с.

[30] Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – 430 с.

[31] Аль-Фараби. Социально-этические трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата, – 1973. – 398 с.

[32] Аль-Фараби. Трактат о том, что правильно и что неправильно в приговорах звезд [Текст] // Аль-Фараби. Математические трактаты. - Алма-Ата, 1972. С. 277-303.

[33] Аль-Фараби. Естественно-научные трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата, 1987. – 495 с.

[34] Аш-Шахрастани Мухаммад ибни Абд Ал-Карим. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам [Текст] / Аш-Шахристани // Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: “Наука”, 1984. - 275 с.

[35] Цицерон М.Т. Учение академиков / Пер. Н.А. Федорова. - М.: Индрик, 2004. - 320 с.

I.II.Таҳқиқот ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

[36] Абдильдин, Ж.М. Социальные, этические и эстетические взгляды аль-Фараби [Текст] / Ж.М. Абдильдин, М.С. Бурабаев и др. – Алма-Ата: Наука, 1984. – 128 с.

[37] Андреев, Л. Жан-Поль Сартр. Свободное сознание и XX век [Текст] / Л. Андреев. - М.: Московский рабочий, 1994. - 333 с.;

[38] Ахмедов, С. Философия калама в современном исламе [Текст] / С. Ахмедов. – Душанбе, 2004. – 228 с.

[39] Аҳмадов, С. Сароб (муборизаи ғоявӣ дар исломи муосир) [Матн] / С. Ахмадов. – Душанбе, 1990 (на тадж. яз.). – 162 с.

[40] Асмус, В.Ф. Диалектика необходимости и свободы в философии истории Гегеля [Текст] / В.Ф. Асмус // Вопросы философии. - 1995. - № 1. - С.52-69.

[41] Барулин В. С. Российский человек в XX веке. Потери и обретение себя. Монография [Текст] / В.С. Барулин. - СПб., 2000.

[42] Беляев, Е.А. Мусульманское сектанство (исторические очерки) [Текст] / Е.А. Беляев. - М.: Изд-во Вост. лит-ры, 1957. – 101 с.

[43] Бердяев Н.А. Философия свободного духа [Текст] / Н.А. Бердяев. - М.: Республика, 1994. - 480 с.

[44] Бердяев, Н.А. Судьба человека в современном мире. К пониманию нашей эпохи [Текст] / Н.А. Бердяев. - М.: Республика, 1994. 480 с.

[45] Бердяев, Н.А. О творческой свободе и фабрикации душ [Текст] / Н.А. Бердяев // Даугава (Вильнюс). - 1989. - № 6. - С. 102-105.;

[46] Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. – Сталинабад, 1961. – 334 с.

[47] Боровский М. И. Детерминизм и нравственное поведение личности [Текст] / М. И. Боровский. - Минск, 1974.

[48] Бурабаев, М.С. Проблемы бытия и познания в философии аль-Фараби [Текст] / М.С. Бурабаев, А.М. Кенесарин, Г.К. Курмангалиева. – Алма-Ата, 1988. – 59 с.

[49] Вольф, М.Н. Средневековая арабская философия: му‘тазилитский калам: Учеб. пособ. . [Текст] / М.Н.Вольф. - Новосибирск, НГУ, 2005. – 79 с.

[50] Вебер, М. Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии. В 4 т. Пер. с нем. [Текст] / М. Вебер. - М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2019. Т. 4. – 448 с.

[51] Гаджиев, К.С., Размышления о свободе [Текст] /К.С. Гаджиев/ Вопросы философии. 1993. №2. С.33 - 46.

[52] Гайденко, П.П. Философия свободы Николая Бердяева [Текст] / П.П. Гайденко // Историко-философский ежегодник. - М.: Наука, 1996. - 486 с.

[53] Гафуров, Б.Г., Касымжанов А.Х. Ал-Фараби в истории культуры. [Текст] Б.Г. Гафуров, А.Х. Касымжанов. - М. 1975. – 68 с.

[54] Гайденко П.П. История греческой философии в её связи с наукой. Изд. 3-е. [Текст] / П.П. Гайденко. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012. - 264 с.

[55] Гертых, В., Свобода и моральный закон у Фомы Аквинского [Текст] / В. Гертых // Вопросы философии. 1994. №1. С.87 - 102.

[56] Гобозов, И.А. Свобода: иллюзии и действительность [Текст] / И.А. Гобозов // Философия и общество. - 2014. - № 3. - С. 5-20.

[57] Григорян С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока [Текст] / С.Н. Григорян. – М.: Наука, 1966. - 352 с.

[58] Грюнебаум фон Г.Э. Классический ислам. Очерк истории (600-1258) [Текст] / Г.Э. Грюнебаум. - М.: “Наука”, 1988. – 216 с.

[59] Гудков Л. Негативная идентичность. Статьи 1997–2002 гг. [Текст] / Л. Гудков М., 2014.

[60] Аль-Джанаби М.М. Ислам. Циви лизация, культура, политика [Текст] / М.М. Аль-Джанаби. – М.: ООО «Садра», 2015. – 407 с.

[61] Аль-Джанаби М.М. Философия современной мусульманской реформации [Текст] / М.М. Аль-Джанаби. – М.: ООО «Садра», 2014. – 436 с.

[62] Диноршоев М. Философия Насириддина Туси [Текст] / М. Диноршоев. Душанбе, 1968 - 157 с.

[63] Диноршоев М. Натурфилософия Ибни Сины [Текст] / М. Диноршоев. Душанбе, 1985. - 256 с.

[64] Диноршоев, М. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали и его «Опровержение философов» [Текст] / М. Диноршоев, З. Диноршоева // Газзали, Абу Хамид Мухаммад. Опровержение философов. - Душанбе: Дониш, 2008. - С. 3-110.

[65] Диноршоев М. Рационалистическая тенденция гносеологии Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев // Рационалистическая традиция и современность. - М.: Наука, 1990. - С. 114-132.

[66] Диноршоев, М. Зажегший свет разума и посеявший семена знания [Текст] / М. Диноршоев // Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения / Ответ. ред. и автор вступ. статьи М. Диноршоев. Т.1. - Душанбе: Дониш, 2005. - С. 7-154.

[67] Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. -Душанбе, 2011. – 407с.

[68] Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. - Душанбе, 2017. - 656 с.

[69] Диноршоева З.М. Мухаммад Ал-Газали и его отношение к философии [Текст] / М. Диноршоев. - Душанбе, 2002. – 159 с.

[70] Додихудоев, Х. Философия крестьянского бунта [Текст] / Х. Додихудоев. - Душанбе, 1987. - 432с.

[71] Додихудоев, Х. Ибн Сина и гносеологический материализм. [Текст] / Х. Додихудоев // Известия АН Таджик. ССР. Отдел. общественных наук. - № 2, 1979. - С. 34-47.

[72] Евдокимов, И.В. Кораническая антропология [Текст] / И.В. Евдокимов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – 2016. - № 12-3 (74). - С. 64-69.

[73] Завадовский, Ю.Н. Абу Али ибн Сина: Жизнь и творчество [Текст] / Ю.Н. Завадовский. – Душанбе, 1980. - 302 с.

[74] Зиёев, И. Проблема человека в философии Мухаммада Икбала. [Текст] / И. Зиёев. - Душанбе, 1998. -115 с.

[76] Зиёев, Х.М. Суфийский орден мавлавия [Текст] / Х. Зиёев. - Душанбе, 2007. - 276 с.

[77] Зотов, А.Ф. Метафизика свободы [Текст] / А.Ф. Зотов // Свободная мысль. - 1992. - № 3. - С. 106-114.

[78] Ибн Сина и средневековая философия [Текст]. - Душанбе, 1981. - 168 с.

[77] Ибрагим, Т.К. Религиозная философия ислама: калам [Текст] / Т.К. Ибрагим. - Казань: Казанский ун.-т, 2013. - 212 с.

[78] Ибрагим, Т.К., Н.В. Ефремова. Мусульманская религиозная философия фалсафа: учеб. пособие. [Текст] / Т.К. Ибрагим, Н.В. Ефремова. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2014 – 236 с.

[79] Ибрагим, Т., Ефремова Н.Ф. Ибн Сина. Указания и напоминания (Раздел по метафизике) [Текст] / Т.К. Ибрагим, Н.В. Ефремова. Часть вторая. Пер. с араб., коммент. и предисл. Т. Ибрагима и Н.Ф. Ефремовой. Ориенталистика. 2018. – 463 с.

[80] Игнатенко, А.А. В поисках счастья (Общественно-политические воззрения арабо-исламской философии средневековья) [Текст] / А.А.Игнатенко. - М.: Мысль, 1989. – 255 с.

[81] Идибеков, Н. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. [Текст] / Н. Идибеков. – Душанбе: Дониш, 1987. – 92 с.

[82] Икбал, М.Реконструкция религиозной мысли в исламе [Текст] / М. Икбал. Пер. с англ., предисл. и коммент. М.Т. Степанянц. - М.: Вост. лит., 2002. - 200 с.

[83] Ислам: Энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Наука, 1991. – 315 с.

[84] Ислам: религия, общество, государство [Текст]. - М.: Наука, 1984. - 232с.

[85] Исламская цивилизация в глобализирующемся мире / По материалам конференции [Текст]. – М.: ИМЭМО РАН, 2011. - 269 с.

[86] История арабо-мусульманской философии: Антология [Текст]. Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. – 267 с.

[87] История таджикской философии (с древнейших времен до 15 в.) [Текст]. Т. 1. – Душанбе, 2010. - 504 с.

[88] История таджикской философии [Текст]. Т. 2. – Душанбе, 2012. – 788 с.

[89] История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. Том III. – Душанбе, 2013. – 967 с.

[90] Казакова Т. В. Свобода как условие эффективного самоосуществления человека [Текст] / Т.В. Казакова // Психология и педагогика: методика и проблемы практического применения. 2008. № 1.

[91] Канапацкий, А.Я. Онтологическая истинность бытия и познания в средневековом исламском рационализме [Текст] / А.Я. Канапацкий. - Уфа, 2012. – 321 с.

[92] Капцевич О. А. Характеристики свободы в экзистенциальной психологии [Текст] /О.А. Капцевич // Альманах современной науки и образования. 2011. №3.

[93] Касымжанов, А.Х. Абу Наср аль-Фараби [Текст] / А.Х. Касымжанов. - М.: «Мысль», 1982. - 201 с.

[94] Кедров, Б.М., Есенов Ш.Б., Касымжанов А.Х. Философские воззрения аль-Фараби// [Текст] / Б.М.Кедров, Ш.Б.Есенов, А.Х.Касымжанов, Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – 430 с.

[95] Кирабаев, И.С. Социальная философия мусульманского Востока [Текст] / И.С. Кирабаев. - М.: УДЫ, 1987. – 174 с.

[96] Кныш, А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия [Текст] / А.Д. Кныш // Ишрак. Ежегодник исламской философии. №2. М., 2011. С. 460-501.

[97] Комилов, Р. Социально-утопические учения в истории таджикской философии ХШ-ХУ вв. [Текст] / Р. Комилов. – Душанбе, 1993. – 117 с.

[98] Корбен, А. История исламской философии [Текст] / А. Корбен. Пер. с франц. А.А. Кузнецова. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 360 с.

[99] Косолапов Р. И. С чего начинается личность [Текст] / Р.И. Косолапов. - М., 1983.

[100] Кузьмина Е. И. Диалектическое единство свободы и ответственности [Текст] / Е.И. Кузьмина // Мир образования — образование в Мире. 2015. № 1.

[101] Лапина Т. С. Этика социальной активности личности. Учебное пособие [Текст] / Т.С. Лапина. - М., 1974.

[102] Левицкий, С.А. Трагедия свободы. Сочинения [Текст] / С.А. Левицкий. Т.1. - М.: Канон, 1995. - 512 с.

[103] Леонтьев, Д.А. Психология свободы: к постановке проблемы самодетерминации личности [Текст] / Д.А. Леонтьев // Психологический журнал. 2000. - № 1. - С.15-25. 12.

[104] Лимэн, О. Введение в классическую исламскую философию [Текст] / О. Лимэн / Пер. с англ. Г.М. Северской. М.: Весь мир, 2007. – 280 с.

[105] Лосев, А. Ф. ИАЭ. Поздний эллинизм. [Текст] / А.Ф. Лосев. - М: «АСТ», 2000. - 960 с.

[106] Лютер, М. О рабстве воли [Текст] / М. Лютер. - М.: Наука, 1987. - 430 с.

[107] Марков, А.П. Социальная справедливость как ресурс солидарности народов евразийского пространства [Текст] / А.П. Марков / Большая Евразия: Развитие, безопасность, сотрудничество. Вып. 3. Ч. 2. Ежегодник. - Отв. ред. В.И. Герасимов. - М.: ИНИОН РАН, 2020. - 934с.

[108] Массэ, А. Ислам. Очерк истории [Текст] /А. Массэ. Перев. с франц. 3-е изд. - М.: Наука. Глав. ред. вост. лит-ры, 1982. -191 с.

[109] Маркузе Г. Одномерный человек. Пер. с англ. А. А. Юдина [Текст] /Г. Маркузе. - М., 2009.

[110] Месяц, С.В. Движение [Текст] / С.В. Месяц // Античная философия: Энциклопедический словарь. - М.: Прогресс-Традиция, 2008. С. 295-298.

[111] Мец, А. Мусульманский Ренессанс. [Текст] / А. Мец. Пер. с нем. Д.Е. Бертельса под ред. В.И. Беляева. 2 изд. - М.: Наука, Глав. ред. вост. лит-ры, 1973. - 473 с.

[112] Музаффари, М. Введение в антропологию [Текст] / М. Музаффари. - Душанбе, 1999. - 127с.

[113] Мухаммадходжаев, А. Мировоззрение Фаридуддина Аттора [Текст] / А. Мухаммадходжаев. - Душанбе, 1974. -116 с.

[114] Мухаммедходжаев, А. Мировоззрение Фаридиддина Аттора [Текст] / А. Мухаммедходжаев. - Душанбе: Дониш, 1974. - 118 с.

[115] Мухаммад-Али, М. Введение в антропологию [Текст] / М. Мухаммад-Али. - Душанбе, 1999. – 130 с.

[116] Назариев, Р.З. Социальная философия «Ихван ас-сафа» и Насира Хусрава [Текст] / Р.З. Назариев. - Душанбе, 2011. - 350 с.

[117] Насер, А.Р. Универсализм и исламская концепция права и свобод человека [Текст] / А.Р. Насер. Дисс. к.ю.н. М., 1999. – 187 с.

[118] Новая философская энциклопедия. [Текст]. Т. 2. – М.: Мысль, 2010. - 637 с.

[119] Нофал, Ф.О. Ибрахим ибни Саййар ан-Наззам [Текст] /Ф.О. Нофал. - М.: Языки Славянской культуры и ОО “Садра”, 2015. – 152 с.

[120] Овечкин, Л. Ю. Совместимы ли Ислам и свобода? [Текст] / Л.Ю. Овечкин // Сумма философии. Вып. 7. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2007. С. 185-188.

[121] Олимов, К. Ибн-Сина и суфизм [Текст] / К. Олимов // Известия АН Таджикской ССР, ООН, 1979, № 2. С. 59-66.

[122] Панов, Е.Г. Представление о «свободе» в византийской налоговой системе [Текст] / Е.Г. Панов // Меняющиеся ценности в современном мире: сборник научных трудов / Под ред. А.Н. Чумакова, Т.М. Махаматова. - М.: Инфра-М, 2016. - С.154-159.

[123] Пархоменко Р.Н. Идея свободы как ключевой вектор социального развития на примере историко-философского дискурса России и Германии : дисс. д. филос. н.: 09.00.03 [Текст] / Пархоменко Роман Николаевич. М. – 2016. 361 с.

[124] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / И.П. Петрушевский. – Л.: Изд.-во Ленинградск. ун.-ста., 1966. – 400 с.

[125] Проблема свободы воли и предопределения в раннесредневековой арабской мусульманской мысли: материалы научной конф. [Текст]. С.-Петербург, 6- 9 февраля 2008 г. [сост. И.А.Федорова]. – С.-Петербург, 2008. – 56 с.

[126] Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / С.М. Прозоров. – М.: Восточная литература, 2004. – 472 с.

[127] Рахимов, М. Философия человека Абуали Ибн Сины (Авиценны). [Текст] / М. Рахимов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 339 с.

[128] Рационалистическая традиция и современность. Ближний и Средний Восток [Текст]. - М.: Наука, 1990. - 280 с.

[129] Рациональное и эмоциональное в морали [Текст]. Под ред. А.И.Титаренко, Е.Л. Дубко. - М.: Изд-во МГУ, 1983. -156 с.

[130] Родионов, М.А. Ислам классический [Текст] /М.А. Родионов. - СПб.: «Петертербургское Востоковедение», 2001. - 256 с.

[131] Роузентал, Ф. Торжество знания. Концепция знания в средневековом исламе /[Текст] / Ф.Роузентал. Пер. с англ. С.А. Хомутова. - М.: Наука, Глав. ред. вост. лит-ры, 1978. - 372 с.

[132] Сагадеев, А.В. Калам (Обзор) //Классический ислам: традиционные науки и философия. [Текст] / А.В.Сагадиев. – М., 1988. – С. 47-85.

[133] Садыкова, Н.Н. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля [Текст] / Н.Н. Садыкова. - Душанбе, 2007. - 248 с.

[134] Саидов, Н. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины [Текст] / Н. Саидов. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 251 с.

[135] ас-Салляби, Али Мухаммад. Умар ибн аль-Хаттаб. Второй праведный халиф [Текст] / А.М. Салляби. Пер. с араб. прим., комм. Е. Сорокоумовой. - М.: Умма, 2011. – 496 с.

[136] Самиев, Б.Д. - Социально-философский анализ взглядов таджикских просветителей о структуре социальных отношений конца XIX и начала XX в. [Текст] / Б.Д. Самиев. - Душанбе, 2008. - 267 с.

[137] Свендсен, Л.Ф.Г. Філософія свободи [Текст] / Л.Ф.Г. Свендсен. Переклад з норвезькой С. Волковецькой. - Львів: Видавництво Анетти Антоненко; Київ Ніка-Центр 2016. – 337 с.

[138] Серебряков, С.Б. Трактат Ибн Сины (Авиценны) о любви [Текст] / С.Б. Серебряков. - Тбилиси, 1975. – 206 с.

[139] Слуцкий П. А. Информационная свобода личности. Проблемные аспекты [Текст] / П.А. Слуцкий. - СПб., 2013.

[140] Смирнов, А.В. Великий шейх суфизма (опыт парадигмального анализа философии Ибни Араби). [Текст] / А.В. Смирнов. – М.: Наука, 1993. – 330 с.

[141] Смирнов А.В. Что стоит за термином «средневековая арабская философия» (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) [Текст] / А.В. Смирнов // Средневековая арабская философия: Проблемы и решения. – М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1998. С. 365-384.

[142] Смирнов А.В. О понятии «свобода» в арабо-мусульманской культуре [Текст] / А.В. Смирнов // Историко-философский ежегодник-2003. - М.: Наука, 2004. С. 393-399.

[143] Смирнов А.В. Этика: принцип строгой ответственности // История арабо-мусульманской философии [Текст] / А.В. Смирнов. - М.: Академический Проект, 2013. – 255 с.

[144] Степанянц М.Т. Восточная философия: Вводный курс. Избранные тексты [Текст] / М.Т. Степанянц. – М., 1997. – 503 с.

[145] Степанянц М.Т. Мусульманские концепции в философии и политике [Текст] / М.Т. Степанянц. - М., 1982. – 248 с.

[146] Сулаймонов, С. О восточной философии Ибн Сины [Текст] / С. Сулаймонов // Абу Али Ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Т. 2. - Душанбе: Дониш, 2005. - С. 6-48.

[147] Султонзода, С. Проблема материи и ее атрибутов в философии Ибн Сины [Текст] / С. Султонзода. - Душанбе: Дониш, 2019. - 316 с.

[148] Султонов, С. Ибн Сина в философской традиции Франции [Текст] / С. Султонов. - Душанбе: Ирфон, 2013. Ŕ 189 с.

[149] Султонов, У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино [Текст] / У. Султонов. - Душанбе, 1975. - 169 с.

[150] Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. М.: “ООО-Садра”, 2014. - 210 с.

[151] Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека (учебное пособие) [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. - М., 2015. – 346 с.

[152] Туманян Т.Г. Философия идеальной власти. Политические концепции средневекового ислама [Текст] / Т.Г. Туманян. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2009. –280 с.

[153] Тяпин И. Н. Нравственный императив национальной идеи в эпоху антиморали. Монография [Текст] / - М., 2015.

[154] Фролова, Е.А. Проблема веры и знания в арабской философии [Текст] / Е.Н. Фролова. - М.: «Наука», 1983. – 169 с.

[155] Фролова, Е.А. Рационализм в арабо-мусульманской философии // [Текст] / Е.А.Фролова. Рационалистическая традиция и современность: Ближний и Средний Восток. –М.: Наука, 1990. – С. 3-22.

[156] Фролова, Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность [Текст] / Е.Н. Фролова. – М., 2006. - 199 с.

[157] Фролова, Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее [Текст] / Е.Н. Фролова. – М.: Языки славянских культур, 2010. – 460 с.

[158] Хайруллаев, М.М. Абу Наср аль-Фараби. [Текст] / М.М. Хайруллаев. – М.: Наука, 1982. – 246 с.

[159] Хортон, К.Ч. Человеческая природа и социальный порядок [Текст] / К.Ч. Хортон. Пер. с англ., 2-е изд., испр. - М., 2001.

[160] Фромм, Э. Бегство от свободы; Человек для себя [Текст] / Э. Фромм. - Минск: Попурри, 1998. - 672 с.

[161] Хайруллаев М.М. Мировоззрение Фараби и его значение в истории философии. [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1967. – 335 с.

[162] Хайруллаев М.М. Фараби: эпоха и учение. [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1975. – 350с.

[163] Хайруллаев М.М. Фараби и его философские взгляды. [Текст] / М.М.Хайруллаев. – М.: Полиграф, 2005. – С. 29.

[164] Хайруллаев М.М. Фараби – крупнейший мыслитель средневековья (к 1100-летию со дня рождения Абу Насра Фараби). [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1973. – 101 с.

[165] Чанышев А. Н. Курс лекций по древней философии: Учеб. пособие для филос. фак. и отделений ун-тов [Текст] / А.Н. Чанышев. - М.: Высш, школа, 1981. - 374 с.

[166] Чомаев З.А. Статус военнопленных в религиозно-правовой системе мусульман в период раннего ислама [Текст] / З.А. Чомаев / Исторические науки и археология. Гуманитарные и юридические исследования. №3, 2017. С. 127-132.

[167] Ҷабборов, Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш. [Матн] / Ш.Ҷабборов. – Душанбе, 2005. – 192 с.

[168] Шаймухамбетова Г.Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция (начальный период) [Текст] / Г.Б. Шаймухамбетова. - М.: Наука,1979. – 152 с.

[169] Шамолов А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. [Текст] / А.А.Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 180 с.

[170] Шамолов А.А. Философско-теологические воззрения Газзали. [Текст] / А.А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2002. – 362с.

[171] Шамолов А.А. Проблема счастья в этических концепциях Абу Хамида Газали и Насириддина Туси // [Текст] / А.А.Шамолов. Известия 149 АН Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение. 1993. – №3. – С.37-44.

[172] Шангараев Р.Р. Мусульманская религиозная философия [Текст] / Р.Р. Шангараев. – Казань: ИД «МеДДоК», 2020. - 252 с.

[173] Шеллинг Ф. Философские исследования о сущности свободы [Текст] / Ф. Шеллинг. - СПб., 1908.

[174] Шидфар, Б.Я. Ибн-Сина [Текст] / Б.Я. Шидфар. - М.: Наука, 1981. - 184 с.

[175] Шопенгауэр, А. Свобода воли и нравственность [Текст] / А. Шопенгауэр. - М: Республика, 1992. - 448 с.

[176] Эмпирик С. Сочинения в двух томах. [Текст]. Общ. ред. А. Ф. Лосева. Пер. с древнегреч. Т. 2. - М.: «Мысль», 1976.

[177] Ясперс, К. Цель – свобода. [Текст] / К. Ясперс // Новое время. 1990. № 5. С.34-37, № 6. С.40-43.

[178] Яхин, Ф.Ф. Исламская психология от монотеистической парадигмы к теории личности [Текст] /Ф.Ф. Яхин // Minbar. Islamic Studies. - 2019. Т. 12, № 1. - С. 237-250

I.III.Таҳқиқот ба забонҳои аврупоӣ

[179] Al-Akiti, M. (2004). The Three Properties of Prophethood in Certain Works of Avicenna and al-Gazālī [Text] / M. Al-Akiti // Interpreting Avicenna: Science and Philosophy in Medieval Islam, edited by Jon Mcginnis, 189-212. Leiden: Brill.

[180] Adamson P. Abu Ma‘shar, al-Kindi and the Philosophical Defense of Astrology [Text] / P. Adamson // Recherches de théologie et philosophie médiévales, 69 (2002), 245-70.

[181] Abu Ma’shar al-BalkhÂ. Liber introductorii maioris ad scientiam judicorum astrorum [Text] / A. M Al-Balkha. Ed. by R. Lemay (Naples, 1995-6).

[182] Butterworth, Charles E. (1987). Medieval Islamic Philosophy and the Virtue of Ethics." [Text] / Ch. Butterworth // Arabica 34 (2): 221-250.

[183] Bouamrane C. (1978), Le problème de la liberté humaine dans la penséemusulmane [Text] / C. Bouamrane. Paris, Vrin. – 377 p.

[184] Corbin A. (1960) Avicenna and the Visionary Recital [Text] / A. Corbin. - New York, NY: Pantheon Books. Trask, Willard R. (tr.), - 424 p.

[185] van Ess, J. Frühe Muʿtazilitische Häresiographie: Zwei Werke des Nāshi’ al-Akbar [Text] / J. van Ess. - Beirut: Steiner, 1971b. – 154 p.

[186] Fakhry M. A history of Islamic philosophy [Text] / M. Fakhry // Studies in Oriental Culture, No. 5. - New York and London: Columbia University Press, 1970. - 427 pp.

[187] Fazl ur-Rahman (1966). The Status of Individuals in Islam [Text] / F. Rahman // Islamic Studies, 5:360.

[188] Frank R.M. Several Fundamental Assumptions of the Baṣra School of the Mu‘tazila [Text] / R. M. Frank // Studia Islamica 33, 1971.

[189] Frank R.M. Creation and the Cosmic System: al-Ghazi & Avicenna [Text] / R. M. Frank. - Heidelberg, 1992, - 125 p.

[190] Frank R.M. The autonomy of the human agent in Abd al-Jabbar [Text] / R. M. Frank // Le Muséon, 95 (1982): 323-55.

[191] de Fleurieu M.G. L'Etat musulman entre l'idéal islamique et les contraintes du monde temporal [Text] / M. G. de Fleurieu. - Paris, L.G.D.J, 2010. – 489 p.

[192] Essay on the Secret of Destiny [Text] // Bulletin of the School of Oriental and African Studies. Ed./trans. G. Hourani, 1966, pp. – 25-48.

[193] Endress G. The New and Improved Platonic Theology. Proclus Arabus and Arabic Islamic Philosophy [Text] / G. Endress // Proclus et la Théologie Platonicienne. - Paris: Leuven University Press, 2000:559.

[194] Galston M. (1990). Politics and Excellence. The Political Philosophy of Al-Farabi [Text] / M. Galston. Princeton, NJ: Princeton University Press.

[195] Geiger, W. Civilisation of the Eastern Iranians in Ancient Times: With an Introduction on the Avesta Religion // Translated from germany by Darab Dastur Peshotan Sanjana. Kessinger Publishing, LLC2, 2010. –312 p.

[196] Gutas D. (1988). Avicenna and the Aristotelian Tradition. Introduction to Reading Avicenna's Philosophical Works [Text] / D. Gutas. - Leiden, New York, Copenhagen & Köln: E. J. Brill, pp. 115-130.

[1971] Goodman L.E (2006). Avicenna [Text] / L.E. Goodman. - New York: Cornell University Press. – 260 p.

[198] Gordon, M. Slavery in the Arab world [Text] / M. Gordon. - New York, New Amsterdam Books, 1987. – 265 p.

[199] Groff P.S. Islamic Philosophy [Text] / P.S. Groff. - Edinburgh University Press Ltd, 2007, - 237 p.

[200] Hodgson M. S. (1974) The Venture of Islam. Conscience and History in a World Civilization [Text] / M.S. Hodgson. - Chicago & London: The University of Chicago Press, pp. 192-200.

[201] Holt, P.M. Lambton K.S., Lewis, B. The Cambridge History of Islam [Text] / P. M. Holt, K.S. Lambton, B. Lewis. - Cambridge University Press, 1970. – 755 p.

[202] Janel S. Charia et contrats internationaux. Clé pour le Siècle, Dalloz, 2000, n°234, cité par Marie Claret de Fleurieu, L'Etat musulman entre l'idéal islamique et les contraintes du monde temporal [Text] / S. Janel. - Paris, L.G.D.J, 2010. – 235 p.

[203] Jarullah, Zahdi Hassan (1969). Tarikh-i Mu'tazila [Text] / Z. Jarullah. Transl. by S. Rais Ahmed Jaffari, H.M. Saeed Company, Adab Manzil, Karachi, Jan. 1969. - 378.

[204] Ivry A (1974). Al-Kindi and the Mu'tazilah: a reevaluation [Text] / A. Ivry // Al-Kindi's Metaphysics. Albany. – 114 p.

[205] Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice [Text] / Khadduri M. - Baltimore: John Hopkins Univ Press. - 256 p.

[206] Leaman O. (2006) “Introduction.” The Biographical Encyclopaedia of Islamic Philosophy, 1 [Text] / O. Leaman. - New York, NY: Thoemmes Continuum. 2006. – 342 p.

[207] Mahdi M. Philosophy and political thought: reflections and comparisons [Text] / M. Mahdi // Arabic Sciences and Philosophy, Volume 1, Issue 1, March 1991. - 268 p.

[208] Mayer T. (2008) Theology and Sufism [Text] / Mayer T. // The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology. - Cambridge: Cambridge University Press. – 597 p.

[209] Muhammad Asad (1966). Principles of State and Government in Islam [Text] / M. Asad. - Berkely (California), University of California Press. - 107 p.

[210] Muhammad H. Kamali (1991). Principle of Islamic Jurisprudence [Text] / M.H. Kamali. - Cambridge, The Islamic Texts Society. – 388 p.

[211] Leaman, O. (2008) The Developed Kalām Tradition (part I) [Text] // The Cambridge Companion to Classical Islamic Theology, - Cambridge: Cambridge University Press. – 454 p.

[212] Nasr S.H. (1981) Islamic Life and Thought [Text] / S.H. Nasr. - Allen Unwin, London. – 240 p.

[213] Nasr S.H. (1996) History of Islamic Philosophy[Text] / S.H. Nasr // Oliver Leaman (ed.). - London: Routledge,

[214] Nasr, S. Hossein (1999). Three Muslim Sages [Text] / S.H. Nasr. - Lahore: Suhail Academy. – 192 p.

[215] Nasr S.H., Leaman, O. (2001) History of Islamic philosophy [Text] / S.H. Nasr. Third edition (by the license of Arayah Cultural Ins., Tehran). - Kom, Ansariyan Publication. – 1232 p.

[216] Pink Th. (2004) Free Will. A Very Short Introduction [Text] / Th. Pink. - Oxford University Press. – 144 p.

[217] Rosenthal, Ervin (1958), Political Thought in Medieval Islam [Text] / E. Rosenthal. - Cambridge: Combridge University Press. – 324 p.

[218] Rosenthal, F. The Muslim Concept of Freedom [Text] / E. Rosenthal. E.J. Brill, Leiden, 1960. – 133 p.

[219] Rosenthal F. Ahmad b. at-Tayyib as-Sharakhsi [Text] / E. Rosenthal. - New Haven, 1943. – 135 p.

[220] Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy [Text] / M.M. Sharif. Vol. 1. - Wiesbaden: Otto Harrosowitz, - 787 p.

[221] Taha Jabir al-Alwani. Apostacy in Islam: A Historical and Scriptural Analysis [Text] / T.J. Al-Alwani. - London: IIIT, 2012. – 168 p.

[222] Tariq, M.M. (1985-87) Comparative Study of the Kantian and Islamic Study of the Kantian and Islamic view of Human Freedom. [Thesis], - University of Peshawar-Pakistan. – 344 p.

[223] Walker P. E. (1993) Early Philosophical Shiism. The Ismaili Neoplatonism of Abū Ya‘qūb al-Sijistānī [Text] / P.E. Walker. - New York & Melbourne: Cambridge University Press, 219 p.

[224] Walzer, R. (1962) Greek into Arabic [Text] / R. Walzer. - Oxford, pp. 175-205. – 256 p.

[225] Watt, M. W. (1985) Islamic Philosophy and Theology: An Extended survey [Text] / M.W. Watt. - Edinburgh: Edinburgh University Press. - 177 p.

[226] Watt, M. W. (1948) Free Will and Predestination in Early Islam [Text] / M.W. Watt. - Luzac & Co. London. 1). 43, 45, 72&73.

[227] Wolfson, H.A. The Philosophy:of the Kalam. [Text] / H.A. Wolfson. - Harvard University Press, London, England, 1976. – 404 p.

I.IV. Сарчашмаҳо ва таҳқиқот ба забонҳои форсӣ ва арабӣ

[228] Абд ал-Ваҳҳаб Хилаф. Илм усул ал-фиқҳ. – ал-Қаҳира, 2009 (ба забони арабӣ). 236 с.

[229] Абд ал-Қаҳир Авда. Ал-ташриъ ал-ҷиноӣ ал-исламӣ муқаринан би ал-қанун ал-вазъӣ. Ҷ. 1. – Бейрут, 1983. 818 с.

[230] Абдурраҳман ибн Насир ал-Саъдӣ. Тафсир ал-латиф ал-маннан фи хуласа тафсир ал-Қуръан. Ар-Риаз, 2007. Ҷ. 1. 145 с.

[231] Абу Наср ал-Сирач Ал-Тӯсӣ. Ал-Ламиъ. – ал-Қаҳира, 1960 (ба забони арабӣ). 537 с.

[232] Аби Наср ал-Фараби. Фусус ал-ҳикам. – Бағдод, 1394. (ба забони арабӣ). 265 с.

[233] Азиз уд-дин Насафӣ. Инсони комил. – Теҳрон, 1394 (ба забони форсӣ). 242 с.

[234] Ал-Бағдодӣ Абдулқоҳир. Ал-фарқ байн ал-фирақ ва байан ал-фирқа ал-наҳийа минҳум. Ҷ. 1. – Бейрут 1987 (ба забони арабӣ). 436 с.

[235] Алӣ Асғар Ҳалабӣ. Фалосифаи иронӣ. – Теҳрон, 131 (ба забони форсӣ). 226 с.

[236] Ал-Кинди. Фи ҳудуд ал-ашйа ва русумиҳа // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. 423 с.

[237] Ал-Кинди. Рисала фи ал-ибана ан суҷуд ал-ҷирм ал-ақса // Расаил ал-Кинди ал-фалсафийа. Ҷ. 1. – ал-Қаҳира, 1978. 146 с.

[238] Ал-Кинди. Китаб ал-Кинди ила Муътасим Биллаҳ фи фалсафат ал-ула.- Ал-Қаҳира, 1970. 244 с. (ба забони арабӣ).

[239] Ал-Қазӣ Абд ал-Ҷаббар ал-Муғнӣ. Фи абваб ал-тавҳид ва ал-адл. Ҷ. 8. Ал-Қаҳира, 1965 (ба забони арабӣ). 654 с.

[240] Амид Зинҷонӣ. Мабонии андешаи сиёсии ислом. – Теҳрон, 1393 ҳ. (ба забони форсӣ). 386 с.

[241] Ал-Ғазолӣ. Таҳафут ал-фаласифа. - Ал-Қаҳира, 1969 (ба забони арабӣ). 452 с.

[242] Аҳмад ибн Фарис. Муъҷам мақайис ал-луға. Ҷ. 2. – ал-Қаҳира, 1979 (ба забони арабӣ). 686 с.

[244] Ал-Хаййат ал-Муътазилӣ. Китаб ул-интисар ва радд ала ибн ал-Равандӣ ал-мулҳид. – Бейрут, 1957 (ба забони арабӣ). 324 с.

[245] Ал-Фарабӣ. Ма йанбағи ан йуқадим қабл таъаллум ал-фалсафа Арасту // Мабади фал-фалсафа ал-қадима. Ал-Қаҳира, 1910 (ба забони арабӣ). 220 с.

[246] Ал-Фараби Абу Наср.Ара аҳл ал-мадина ал-фозила. – ал-Қаҳира, 1385 (ба забони арабӣ). 322 с.

[247] Аш-Шайх ал-раис Абу Алӣ ибн Сина. Китаб ал-сийаса. – Димишқ, 2006. 265 с.

[248] Ибн Боҷа.Тадбир ал-мутаваҳҳид. – Бейрут, 2010 (ба забони арабӣ). 94 с.

[249] Ибн ал-Қифтӣ. Ахбар ал-улама би ахбар ал-ҳукама. – Бейрут, 2005. 328 с.

[250] Ибн Рушд. Китаб фасл ал-мақал ва такрир ма байн ал-шаръа ва ал-ҳима мин ал-иттисал. – Бейрут, 1986 (ба забони арабӣ). 109 с.

[251] Ибн Рушд. Талхис ма бад ал-табиъа. – Теҳрон, 1377. 1834 с.

[252] Ибн Сина. Ал-Ишарат ва ал-танбиҳат. Ҷ. 4. – Теҳрон, 1404 (ба забони арабӣ). 180 с.

[253] Ибн Сина. Таълиқат. – Қум, 1379 (ба забони арабӣ). 234 с.

[254] Ибни Сина. Ал-Начот. – Теҳрон, 1364 (ба забони арабӣ). 649 с.

[225] Ибни Сино. Ал-Мубаҳасат. Ҷ. 3. – Қум, 1375 (ба забони арабӣ). 306 с.

[255] Ибни Сино. Панҷ рисола. – Ҳамадон, 1383 (ба забони форсӣ). 108 с.

[256] Ибн Сина. Илоҳиёт мин китаб “Аш-Шифа”. – Қум, 1374 (ба забони арабӣ). 307 с.

[257] Ибн Сина. Аш-Шифа. Ат-Табиъийат. Ҷ. 2. – Қум, 1405 ҳ.қ. (ба забони арабӣ). 225 с.

[258] Исмаъил ибн Умар ибн Касир. Тафсир ал-Қуръан ал-азим. Ҷ. 1. – Бейрут, 1981. 310 с.

[259] Ибн Фав. Муҷаррад мақалат аш-шайх Аби ал-Ҳасан ал-Ашъарӣ. – Бейрут, 1987 (ба забони арабӣ). 324 с.

[260] Ибн Шараф ан-Нурӣ. Рвзат ал-талибин. – Бейрут, 2003. 477 с.

[261] Маҳмуд Шалтут. Ал-Ислам. Ақиад ва шариа. Ал-Қаҳира, 1967 (ба забони арабӣ). 244 с.

[262] Мустафа ал-Сибаъӣ. Иштиракийат ал-ислам. – Димишқ, 2008. 192 с.

[263] Муҳаққиқ Домод, Сайид Мустафо. Дин, фалсафа ва қонун.- Теҳрон, 1378. 354 с.

[264] Муҳаммад ибн Закарийа ар-Рази. Расаил фалсафийа. Ҷ. 1. - Ал-Қаҳира, 1939. 282 с.

[265] Муҳаммад ибн Закарийа Рази. Тибби руҳонӣ (Рисола дар равоншиносии ахлоқ). – Теҳрон, 1381. 312 с.

[266] Муҳаммад Саъидӣ. Меҳр. Омӯзиши каломи исломӣ. – Қум, 1383. 246 с.

[267] Муҳаммад ал-Таҳир ибн Ашур. Мақасид ал-шариъат ал-исламийа. – Бейрут, 2011 (ба забони арабӣ).

[268] Муҳаммад ал-Таҳанавӣ. Кашшаф истилаҳат ал-фунун. Ҷ. 1. – Калкута, 1861 (ба забони арабӣ). 1052 с.

[269] Муҳаммад ал-Таҳанавӣ. Мавсуъа кашшаф истилаҳат ал-фунун ва ал-илм. Ҷ. 1. – Бейрут, 1996. С. 548 (ба забони арабӣ). 432 с.

[270] Насируддини Тӯсӣ. Ҷабр ва ихтиёр. Дастнависи бетаърих.

[271] Насируддин Тӯсӣ. Талхис ал-муҳассил (ба заммимаи Рисала афъал ал-иббад байн ал-ҷабр ва ал-тафвиз). – Бейрут, 1405 ҳ. (ба забони арабӣ). 166 с.

[272] Насируддини Тӯсӣ. Фусул ал-ақаид. Бе ҷои нашр ва таърих.

[273] Насируддин Тӯсӣ. Авсаф ал-ашраф. – Теҳрон, 1373. (ба забони арабӣ). 262 с.

[274] Насируддин Тӯсӣ. Оғоз ва анҷом. – Теҳрон, 1387 ҳ. (ба забони форсӣ). 183 с.

[275] Насируддини Тӯсӣ. Шарҳ ал-ишарат ва танбиҳат. Ҷ. 1. – Қум, 1375. 244 с.

[276] Насируддин Тӯсӣ. Равзат ал-таслим ё тасаввурот. – Теҳрон, 1369 ҳ. (ба забони форсӣ). 311 с.

[277] Нафисӣ Маҳмуд. Сирре дар андешаҳои услимин. – Теҳрон, 1368 ҳ. 217 с.

[278] Рашид ал-Ғанушӣ. Ҳуқуқ ал-муватина ҳуқуқ ғайри ал-мусаллам фи ал-муҷтамаъ. – Димишқ, 1993 (ба забони арабӣ). 312 с.

[279] Раҳмон, А. Аз Қасри Арбоб то майдони Истиқлол [Матн] / Асадулло Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2022. – 5 октябр.

[280] Ризвон Сайид. Сиёсат ва ҷомеаи маданӣ назди Шайх Абу Алӣ Сино. – Бейрут, 1962 (ба забони форсӣ). 212 с.

[281] Самиъ Дағим. Фалсафа ал-қадар фи фикр ал-муътазила. – Бейрут, 1992 (ба забони арабӣ). 232 с.

[282] Садруддини Шерозӣ. Ал-Ҳикмат ал-мутаъолия фи ал-асвор ал-ақлийа ал-арбаъа. Ҷ. 6. – Бейрут, 1990. 496 с. [231] Абдулҳамид Мутавалӣ. Мабадинизам ал-ҳикам фи ал-ислам. Ал-Искандарийа, 1974. 464 с.

[283] Фараби Аби Наср. Фусул ал-мутаназзиъа. – Теҳрон, 1371 (ба забони арабӣ). 524 с.

[284] Фаруқ Аҳмад ал-Дасуқӣ. Ал-Қаза ва ал-қадар фи ал-ислам. – Ар-Рийаз, 1401 ҳ. 322 с.

[285] Фарҳанги форси Муъин. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1388 ҳ. (ба забони форсӣ). 686 с.

[286] Ҳазратқулов М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Ачам. – Душанбе, 2016. – 486 с.

[287] Ҳанн ал-Фахурӣ ва Халил ал-Ҷарр. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Ҷ. 2. – Теҳрон, 1358 (ба забони форсӣ). 509 с.

[288] Ҳусайн Кӯҳсорӣ Исҳоқ. Торихи фалсафаи исломӣ. – Теҳрон, 2003 (ба забони форсӣ). 398 с.

[289] Ҷаъфар Субҳонӣ. Ҷабр ва ихтиёр. – Қум. 1381 ҳ. (ба забони форсӣ). 222 с.

[290] Ҷамил Мунаймана. Мушкилатул-ҳуррийа фи ал-ислом. – Бейрут, 1974 (ба забони арабӣ). 312 с.

[291] Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот ал-нафс. – Теҳрон, 1337 ҳ.ш. (ба забони форсӣ). 186 с.

[292] Ятимов, С. Субъекти сиёсӣ ва амният [Матн] / С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №1 (9). – С.5-26.

IV. Маводи Интернет

[293] Андреев, А. В. Психология свободы личности: анализ научных трудов XX - начала XXI века [Текст] / А. В. Андреев // Молодой ученый. - 2016. - № 24 (128). С. 271-274. https://moluch.ru/archive/128/35497/ (дата обращения: 22.12.2023).

[294] Нигматуллина Л.Г. Общее и особенное в традиционной и исламской экономике. https://tisbi.ru/files/prod/home/nauka/vestnik-tisbi/ 9d0d959bb 2e 93 c71736c730aa2e26bf3.pdf (дата обращения: 12.12.2020).

[295] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. http://prezident.tj/node /19088 (рӯзи мурочиат: 02.02.2019.)

[296] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01.2021.

[297] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳзмон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ. https://prezident.tj/node/26483 (Рӯзи руҷуъ: 07.12.2022).

[298] Шюон Ф. Понять Ислам. Пер. с франц. Ю. Н. Стефанова // Вопросы философии. -1994. - №7-8. https://kph.ffs.npu.edu.ua/!e-book/clasik/data/vopros/71.html (таърихи руҷуъ: 11.11.2018).

[299] William H. Creation and conservation, religious doctrine of. In: Edward Craig (Ed.), Routledge Encyclopedia of Philosophy, London 1998, http://www.rep.routledge.com.libus.csd.muedu/article/KG12SECT3 (таърихи руҷуъ: 12.11.2011).

[300] Ҳайдаров Р.Ҷ. Эмомалӣ Раҳмон бо таҷлили 5500 солагии Саразм – рӯҳи тамаддуни мардуми ориёаслро зинда кард!// https://ifppanrt.tj/tj/2020-02-19-04-44-26/2020-02-18-16-21-39/item/961-emomal-ra-mon-bo-ta-lili-5500-solagii-sarazm-r-i-tamadduni-mardumi-orijoaslro-zinda-kard.html [Рӯзи руҷуъ: 08.11.2020].

IV. Диссертатсияҳо и авторефератҳо

[301] Абубакри М.Г. Андешаҳои ахлоқӣ дар таълимоти фалсафии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ: Аавтореферати дисс... доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси фалсафа. [Матн] / Абубакри М.Г. – Душанбе, 2021. - 29с.

[302] Баратов, Н.Ю. Основные принцыпы этики Фараби и их развитие в трудах персидских мыслителей: Дис...канд. филос.наук. [Текст] / Н.Ю. Баротов. - Ташкент, 1681. – 159с.

[303] Геюшева, З.З. Этические взгляды восточних перипатетиков: Дис... канд.филос.наук. [Текст] / З.З. Гаюшев. - Баку, 1983. 143с.

[304] Давлатов Д.М. Теория государства в социальной философии Ибн Халдуна: Аавтореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] /Д.М. Давлатов. - Душанбе, 2018. -23с.

[305] Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Дис...док. филос.наук [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 304с.

[306] Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Дис...док. филос.наук [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 304с.

[307] Исоев, М. Этическое учение Мискавайха и его роль в развитии этической мысли средневековья: Автореф. Дисс… канд. филос. н. [Текст] / М. Исоев. –Душанбе, 1993. -64с.

[308] Мирбабаев, М. Этика и социальная философия Джалолиддина Давони: Дис...канд.филос.наук. [Текст] / М. Мирбобоев. - Душанбе, 1975. - 154с.

[309] Саидов, Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотелья и Ибн Сины о человеке: Автореферат дисс… док. филос. наук. [Текст] / Н.С. Саидов. - Душанбе, 2009. – 46с.

[310] Хайдарова, С.С. Философские и этические взгляды Абубакра Ар-Рази: Автореферат дисс... канд. филос. наук. [Текст] / С.С. Хайдарова. - Душанбе, 2012. – 23с.

[311] Эйвазов, И. Общественно-политические и этические воззрения Насириддина Туси: Автореферат дис...канд. филос. наук.[Текст] / И. Эйвазов. - Баку, 1969. - 23с.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Монографияҳо:

[1-М]. Зикирзода Х. Социально-политическая философия Ибн Халдуна. – Душанбе, 2018. 169 с.

[2-М] Зикирзода Ҳ. Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ. – Душанбе, 2023. 379 с. (на тадж. яз.)

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[3-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат) дар доираи баҳсҳои онтологӣ дар таърихи фалсафа [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон, 4 (265). - Душанбе, 2021. С. 28-34.

[4-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи ҳақиқат дар фалсафаи Юнони қадим [Матн] /Ҳ. Зикирзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 2. - Душанбе, 2021. С. 61-67.

[5-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи озодии инсон дар доираи фаҳмиши фалсафии он [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 2. - Душанбе, 2022. С. 70-77.

[6-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардорӣ: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқоти онҳо [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 4. - Душанбе, 2021. С. 23-28.

[7-М] Зикирзода Ҳ. Озодии ирода ва тамоюлҳои зидноки он бо итоат [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, № 2. (24). - Душанбе, 2022. С. 63-76.

[8-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи қазо ва қадар дар меҳвари озодӣ ва фармонбардории инсон [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 4. - Душанбе, 2022. С. 256-263.

[9-М] Зикирзода Х. К проблеме свободы в круге онтологических дискуссий исламских мыслителей [Текст] /Х. Зикирзода// Вестник Таджикского национального университета, № 6. Ч.1. – Душанбе, 2023. С 86-92.

[10-М] Зикирзода Ҳ. Заминаҳои ормонии назарияи озодӣ ва фармонбардории шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 10. – Душанбе, 2023. С 178-183.

[11-М] Зикирзода Х. Озодӣ ва фармонбардорӣ дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 9. – Душанбе, 2023. С. 156-164.

[12-М] Зикирзода Ҳ. Адолат – асоси назарияи озодӣ ва фармонбардорӣ (итоат)-и шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 8. – Душанбе, 2023. С 119-128.

[13-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи озодӣ ва фармонбардории инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои исломӣ (дар мисоли таълимоти Абу Насри Форобӣ) [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 1 (24). – Хоруғ, 2023. С. 52-58.

[14-М] Зикирзода Ҳ. Озодӣ ва фармонбардории инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои исломӣ (дар мисоли таълимоти Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ) [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 2 (25). – Хоруғ, 2023. С. 45-51.

[15-М] Зикирзода Х. Проблема свободы и повиновения в учениях таджикских философско-религиозных течений [Текст] /Х. Зикирзода//

Вестник Хорогского государственного университета, № 3 (27) – Хорог, 2023. С 86-93.

[16-М] Зикирзода Ҳ. Доир ба баъзе масъалаҳои озодӣ ва фармонбардорӣ дар таълимоти машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 3 (27). – Хоруғ, 2023. С 77-85.

[17-М] Зикирзода Ҳ. Моҳияти масъалаи фармонбардорӣ ва озодии инсон дар доираи консепсияи ҷабр ва ихтиёр дар таълимоти машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 11. – Душанбе, 2023. С 145-152.

[18-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи адолат ҳамчун пояи консепсияи назарияи озодӣ вафармонбардори (итоат)-и шахс дар таълимоти машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ, № 3 (27). – Хоруғ, 2023. С 77-85.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии дигар чоп шудаанд:

[19-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи нафс дар таълимоти Ибни Боҷа [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-20240), 5500-солагии Саразми бостонӣ ва 700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ». - Душанбе, 2020 (на тадж. яз.) С. 234-238.

[20-М] Зикирзода Х. Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Круглый стол: «Современные тенденции развития философской науки в Таджиикстане и мире». Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе. Т. 2. № 2 (24). – Душанбе, 2022 (на тадж. яз.) С. 63-76.

[21-М]. Зикирзода Ҳ. Фарҳанги озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар

мавзуи «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо». - Душанбе, 2022 (на тадж. яз.) С. 155-160.

[22-М] Зикирзода Ҳ. Баъзе масъалаҳои инсоншиносии Абурайҳони Берунӣ (дар асоси «Осор-ул-боқия») [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Абурайҳон Берунӣ-алломаи Машриқзамин» бахшида ба 1050 солагии Абурайҳон Берунӣ. - Душанбе, 2023 (на тадж. яз.) С.126-131.

[23-М] Зикирзода Ҳ. Масъалаи ҷабр ва ихтиёр ва нақши онҳо дар муайянсозии моҳияти фармонбардорӣ ва озодии инсон аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Абурайҳон Берунӣ-алломаи Машриқзамин» бахшида ба 1050 солаги Абурайҳон Берунӣ. - Душанбе, 2023 (на тадж. яз.) С.126-131.

[24-М] Зикирзода Ҳ. Ҷойгоҳ ва нақши ҷомеаи инсонӣ дар таълимоти Ибни Халдун [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсила: илмҳои фалсафӣ, №1 (1). - Душанбе, 2021 (на тадж. яз.) С. 46-55.

[25-М] Зикирзода Ҳ. Тавзеҳи мафҳуми озодӣ дар доираҳои баҳсҳои онтологии мутафаккирони исломӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, Силсила: илмҳои фалсафӣ, № 2 (2). - Душанбе, 2021 (на тадж. яз.) С. 41-47.

[26-М] Зикирзода Ҳ. Консепсияи назарияи озодӣ: таъсири таълимоти аристотелизм ба машшоиёни шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Круглый стол: «Философия востока и запада на современном этапе: проблемы различия и точки соприкосновения”. Филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе. Душанбе, 2022. С. 47-61

[27-М] Зикирзода Ҳ., Шамолов А.А.. Таъсири таълимоти юнониёни қадим дар ташаккулёбии ақлгароии машшоияи шарқӣ [Матн] /Ҳ. Зикирзода// Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, № 2. (32) - Душанбе, 2023. С. 63-76.